# ЧОРЗАРБИ «БЛОГИСТОН»

## Тоҷикистон дар куҷост ва куҷо меравад?

Акбари Турсон, Абдуллоҳи Раҳнамо,
Зеварбону Рауфӣ, Раҷаби Мирзо






Радиои Озодӣ

Радиои
Озодӣ

Акбари Турсон, Абдуллоҳи Раҳнамо,
Зеварбону Рауфӣ, Раҷаби Мирзо

# ЧОРЗАРБИ «БЛОГИСТОН»

## Тоҷикистон дар куҷост ва куҷо меравад?

Прага 2023

Чорзарби «Блогистон»
Тоҷикистон дар куҷост ва ба куҷо меравад?

Зери назари Салими Аюбзод
Муҳаррир — Каюмарси Ато
Муҳаррири фаннӣ — Зденка Проклова
Нашриёт — Carter Reproplus s.r.o.

Радиои Озодӣ Copyright © 2023
Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст

ISBN 978-1-948784-07-8

# МУНДАРИҶА


Дебоча 11

**АКБАРИ ТУРСОН**

Ҳам шаҳри азиму ҳам кӯҳи баланд 17
«Мо ҳама шерон, вале... шери алам» 26
Мавсими Наврӯз меояд, ҳумоюн фурсатест! 29
«Дар суроғи бародаре, ки дӯст бошад...» 42

**АБДУЛЛОҲИ РАҲНАМО**

Тангное миёни «адолати таърихӣ» ва «адолати иҷтимоӣ» 77
Мо дар куҷо ҳастем ва ба куҷо равонаем? 91
Бояд пажӯҳишгоҳи сулҳи тоҷикон таъсис дода шавад 99
Марзи оштӣ бо Толибон куҷост? 112
Таъсири ҳодисаҳои ахири Афғонистон
ва вокуниши ҷомеаи Тоҷикистон 123
Буҳрони мубориза бо терроризм ва суолҳо
аз сарнавишти минтақа 133
Чаро ин Қазоқистон дигар он Қазоқистон нест? 141
«...ин тор нозук аст» 151
Зани тоҷик: «Паршикаста» ё «зебову доно»? 160

## ЗЕВАРБОНУ РАУФӢ


| | |
|---|---|
| Ман ифротиям?! | 173 |
| Чашмдорӣ ё Зодагони санг набояд шишагӣ бошанд | 179 |
| Хурдсолону ҷавонон ҳам тавони фикр кардан доранд | 186 |
| «Муҳоҷирон қаҳрамонанд» | 190 |
| «Афсона»-и 118 миллиарддоллари ҳукумат | 195 |
| «Дар Тоҷикистон аз занон чӣ мехоҳанд?» | 200 |
| «Маршировка» ва шеваи фосид | 205 |
| Мухолифи ҷасур ва ҳукумати оҷиз | 208 |
| «Ҷасорат» ё «ҳамоқат»? | 210 |
| «Аз ҳукумат чӣ мехоҳам?!» | 215 |
| Чаро дар интихобот номзади сазоворе нест? | 221 |
| Насли ман насли ҷавонони «безабон» аст | 226 |
| Кеши «хаппу дам гард, проблема чӣ лозим»? | 232 |
| Рӯзи ваҳдат ё ҳангомаи қудрат? | 236 |
| Сардарди дурӯғӣ ё дардисари бузург?! | 240 |
| «Ҳеч куҷои дигар наметавонад хона-музейи Айнӣ бишавад» | 245 |
| Ҳама як сӯ, гиряи модар як сӯ | 248 |
| Як раҳбари мардумӣ бояд дорои кадом хислатҳо бошад? | 252 |
| Аз дурӯғҳои сиёсӣ эҳсоси ҳақорат мекунед? | 257 |
| Ростбинӣ ё дурӯягӣ? Акси садои ҷанги Украина дар зеҳни тоҷикон | 260 |
| «Фақри ҳамагир». Чаро тоҷикон аз мутолеа дур шуданд? | 264 |
| Баҳси нав. Фашизм чисту фашист кист? | 268 |
| Чаро президент гуфт, ба ҳифзи истиқлолият омода шавед? | 273 |
| «Сарбозшикор». Чаро ҷавонони тоҷик аз артиш метарсанд? | 277 |
| Магар талаби адолат дар Помир гуноҳ аст? | 282 |
| Мизони таҳқирпазирии мо чӣ қадр аст? | 285 |
| Инҳо ифротгароянд ё Шумо? | 289 |
| Сукут аломати ризост ё эътирози нагуфта? | 293 |

**РАҶАБИ МИРЗО**

«Иҷораи якумра»-и сиёсӣ. Ҳарф задан
аз маҳалгароӣ ҳам иҷозат нест? 299
«Андоза»-и бовар 304
«Боло ва поён»-и COVID-19 309
Як рӯзи озодӣ. То ҳукумат қавӣ набошад,
матбуот наметавонад худро озод ҳис кунад 313
«Фақат сарашба зан!» Таърихи латукӯби
журналистон дар Тоҷикистон 317
Ҳошим Гадо, пул ва фалсафаи зиндагиву коронавирус 324
«Як гул баҳор нест.» ё Чаро мансабдорони
мо ба зудӣ «дигар» мешаванд? 328
«Минтақаи пулисӣ» кардани макони селзада
мушкилро осон мегардонад? 335
«Гапи кӯча».Ончӣ дар Қазоқистону Беларус
мегузарад, сабақҳое дорад? 344
Ваҳдате, ки гуногун фаҳмида мешавад... 349
Айби кист, ки мансабдорон «ситора» мешаванд? 355
Барои «Рӯзи мабодо». Ё агар мардум аз ҳукумат ранҷад... 361
Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон. Абзори
масрафшуда ё талаботи рӯз? 366
Чаҳор «агар» ва як хулосаи руйдодҳои соли 2012 дар Хоруғ 373
Варта. Чаро диктатура ҳам акнун хавфнок мешавад? 380
Эъломияи 24 август. Чаро санади Тоҳири Абдуҷабборро
ҳоло ҳам бояд ҷиддӣ бигиранд? 387
Ҳаводиси Беларус ва интихоботи президентии Тоҷикистон 393

# ДЕБОЧА

Дуруд бар Шумо, ки ҳоло нигоҳатон ин сатрҳоро мебинад ва дар ин калимаҳо нури чашм сарф мекунед! Ин лаҳза сарсухани як китоби вижаро мехонед, ки аз навиштаҳои чаҳор муаллифи гуногун фароҳам шудааст. Бори нахуст «Блогистон»-и Радиои Озодӣ тасмим гирифт, беҳтарин навиштаҳои ин гӯшаи сомонаи худро ба сурати як китоб мунташир намояд.

«Чорзарби «Блогистон». Ин номро интихоб кардем, чун воқеан ин чаҳор муаллиф ҳар кадом сабку нигоҳу оҳангу навои худро доранд. Аммо худ, агар китобро хонед, хоҳед дид, ки бо вуҷуди фарқи синнусол ва шуғлу мақом дарди муштараке ҳар чаҳори онҳоро ба ҳам мепайвандад, ки номаш «ишқи Тоҷикистон, ишқи Ватан» аст ва ҳар чаҳор муаллиф як паём доранд, ки он «ғаму дарди миллат» аст.

Дар ҷустуҷӯйи номи маҷмуа боре ибораи «Чордарди Тоҷикистон» ҳам ба зеҳн омада буд, вале онро канор мондем. Бо вуҷуди суханони пурдардашон ин муаллифон на дард, балки дору ва давои Тоҷикистон ҳастанд. Вазифаи шаҳрвандии муаллифони китоб низ дард ё даво будан набудаву нест, балки гуфтани дардҳост, то гӯши шунаво, дили гарм ва дасти расо ин дардҳоро шифо бахшад.

Ҳамзамон ин муаллифон намояндагони се насли андешмандон, рӯшангарон ва дарднависони Тоҷикистонанд. Академик Акбари Турсон дар солҳои гуногун бо дархости Радиои Озодӣ масъалаҳои душвору ҳассоси ҷомеаи тоҷикро шарҳ дода, ба дардҳои ин ҷомеа малҳаму маъҷун сохтааст.

Дар китоб эссеи ӯро хоҳед хонд, ки баъдан дар заминаи он номае ба Созмони Милали Муттаҳид навишт ва далелҳои иди ҷаҳонӣ эълон шудани Наврӯз ва зарурати зикри номи Тоҷикистонро дар ин ташаббус пеш овард. Навиштаи дигари зарбдори ӯ, ба гумони аксарият, сабаби наҷоти хона-музейи Садриддин Айнӣ дар Душанбе шуд, яъне зарбаи муҳкаме буд, ки пеши роҳи судҷӯйии молиро аз вайрон кардани ин осорхонаи нодири Қаҳрамони Тоҷикистон гирифт.

Эссеи дигараш ба пажуҳиши бемории маҳалгароӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Иттифоқан ин мавзуъест, ки се нависандаи баъдии ин китоб низ ба он таваҷҷуҳ кардаанд ва назари худро роҷеъ ба он баён доштаанд.

Сиёсатшинос, таҳлилгар ва шоири номвар Абдуллоҳи Раҳнамо ин ва дигар мушкилоти ҷомеаи Тоҷикистонро дар тарозуи мафҳум ва меъёрҳои сиёсатшиносии муосир меозмояд ва ояндаву озодию рушди Тоҷикистонро дар тору пуди матои минтақа ва сиёсатҳои ҷуғрофиёӣ ба таҳлил мегирад.

Блогҳои ҷавонтарин муаллифи ин китоб Зеварбону Рауфӣ на танҳо сабки хос ва самимияти нотакрор доранд, балки бо як ҷасорати камназир захмҳоро во мекунанд ва аъсоби бози ҳастии як миллатро, ҳар қадар дардовар ҳам бошад, нохун мезананд.

Рӯзноманигори шинохта ва ҳомии озодии баён дар Тоҷикистон Раҷаби Мирзо дар таҳлилҳои худ табиати фазои сиёсии кишварро гуё аз дарун бозтоб медиҳад ва натиҷагириҳоеро ба миён мегузорад, ки ҳамон мунтазири «гӯши шунаво, дили бедор ва дасти расо»-янд.

Агар як раҳ ба номгӯйи матолиби ин китоб нигоҳ афканед, хоҳед дид, онҳо мавзуъҳое ҳастанд, ки ҳар чаҳор нависандаро ба гунаи ҷолиб ва самимие бо ҳам пайванд медиҳанд. Зери як муқова гирд овардани онҳо суроби чандбӯъдии масъалаҳоро ба вуҷуд медорад, ки бару дарозию баландии ҳар кадом ба хубӣ падидор шаванд. Ин ҳамчунин нишон медиҳад, ки мушкилоти ҳалталаби Тоҷикистонро чаҳор муаллиф ҷудо аз ҳам ва ба тарзи худ дидаву санҷидаанд ва натавонистаанд, аз канори онҳо бетафовут гузаранд.

Ҷамъи андешаҳо боз ҳам ба «ишқи Ватан, ишқи Тоҷикистон» бармегардад. Биноан, зерсарлавҳаи китоб ҳамин шуд, ки Тоҷикистон ҳоло дар куҷои таърихи худ, дар куҷои масири таҳаввулоти минтақаӣ ва ҷаҳонӣ қарор дорад ва бино бар аломатҳои намудор ба кадом самте роҳ пеш гирифтааст, куҷо рафтанист ё дақиқтараш сиёсатсозон пешрафти онро ба кадом тараф савқ доданиянд ва медиҳанд.

Ин китоб ҳушдор аз хатарҳоест, ки Тоҷикистон дар баробари онҳо истодааст ё ба онҳо наздик мешавад ва чӣ гуна метавонад, дар ин шароит роҳи худро идома диҳад. Як кишваре, ки бо сахтиҳои камаршикан ва дар асари набардҳои шадид ва қаҳрамонии фарзандони содиқаш дар оғози садаи 20 аз камтарин қаламравҳои миллияш сохта шуду дар нақшаи ҷаҳон пайдо гашт ва бо шарофати ин дар поёни он қарн ба озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлол расид, метавонад дастхуши раванду омилҳои хатарноки садаи 21 шавад, ё ба коми нотавониҳои сиёсӣ, худхоҳии саромадон ва каҷроҳаи таърихӣ фурӯ равад. Ин шояд муҳимтарин суолест, ки ҳамаи чаҳор муаллифи ин китобро ҳамдард, ҳамандеш ва ҳамсухан мекунад.

Бо орзуҳои неки як саёҳати судманд дар саҳифаҳои ин китоб ба хонандаи арҷманд тандурустӣ ва сарбаландӣ мехоҳем. Умедворем, дар оянда навиштаҳои дигареро аз гушаи «Блогистон»-и Радиои Озодӣ ҳамин гуна дар шакли маҷмуаҳои хондание ба нашр расонем.

Дар паноҳи Худованд бошед.

*Салими Аюбзод,*
*Раҳбари Бахши Тоҷикии*
*Радиои Озодӣ*



## АКБАРИ ТУРСОН

Донишманди номвари тоҷик, файласуф, кайҳоншинос, фарҳангшинос ва рӯшангар, ки осори ноб ва мондагораш дар сатҳи ҷаҳонӣ шуҳратёр аст, соли 1939 зода шудааст. Дар охири солҳои ҳаштодуми қарни бист раёсати Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хатти Академияи илмҳоро дар Тоҷикистон ба уҳда дошт. Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯчид ва то соли 2011 дар аёлати Пенсилвания кору зиндагӣ кард. Баъди бозгашт ба ватан дубора раёсати Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба дӯш гирифт. Соли 2015 бознишаста шуд.

# ҲАМ ШАҲРИ АЗИМУ ҲАМ КӮҲИ БАЛАНД

Дар шарҳи падидаи маҳалгароӣ

### БАХШИ АВВАЛ: МУШОҲИДАҲО

Маҳалгароӣ аз ҷумлаи падидаҳои ҳамагонӣ ва ба ин маънӣ ҷаҳонӣ буда, аз худи тамаддуни инсонӣ ҳам солхӯрдатар аст. Пас, ин майлро унсури менталитети қавми тоҷик ё фақат хоси мардуми баъзе аз ҷойҳои Тоҷикистон донистан нашояд.

Маҳалгароӣ ба зоти хеш як падидаи мураккаб буда, решаҳои рӯҳонию равонӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҷуғрофию зистмуҳитӣ ва ҳатто фалсафӣ (дар сохтори мантиқи тафаккур имтиёз пайдо кардани маъқулаи макон) дорад ва вобаста ба нуфузи омилҳои иқтисодӣ ё сиёсӣ ва ё ҳарду ба шаклу андозаи гуногун ба зуҳур меояд.

Дар давраи шӯравӣ маҳалгароиро аз ҷумлаи ба истилоҳ «боқимондаҳои бою феодалӣ» медонистанд, ки гуё фақат дар шуури «одамони ақибмонда» таҳшин шуда бошад. Ҳол он ки мардумшиносон ё ҷомеашиносон маҳалгароиро ба сифати падидаи махсуси иҷтимоию психологӣ таҳлилу таркиб накарда буданд ва агар хато накунам, падидаи мазкур ҳанӯз ҳам аз ҷиҳати илмӣ ба таври бояду шояд тадқиқ нашудааст.

Дар сатҳи идеологияи давлатӣ маҳалгароиро ба низоми вазифатақсимкуниҳое, ки дар Русияи асрҳои 14-15 ба унвони «местничество» ҷорӣ буд (додани мансаб на фақат аз рӯйи хидмати шоёни шахс, балки бо назардошти аслу насаб ва мақоми иҷтимоии аҷдоди ӯ), шабеҳ ме-

донистанд. Сонитар маҳалгароиро куллан таъбир намуда, онро бо ҳамагуна саъю кӯшиши аз манофеи умумидавлатӣ афзалтар донистани манфиатҳои музофотӣ (масалан, эҳтиёҷоти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ) баробар карданд. Дар зимн худи ин мафҳумҳоро муайяну мушаххас накарда буданд, ки сабаб дошт.

Агар ба ҷараёни муборизаҳои онвақта бо «маҳалгароӣ» (маҳалчишӣ) бо заррабини тадқиқ назар афканем, бармало мебинем, ки мақсади асосии идеологҳои ҳизби ҳукмрон тамоман дигар буд. Азбаски кадрҳои масъули ҳизбию шӯравиро дар Маскав сарчин карда, аз ҳамон ҷо ба ҷумҳуриҳои узв таъин мекарданд, мурод аз муборизаи мазкур фақат баҳонаи сиёсие буд барои сари вақт гирифтани пеши норозигиҳои имконпазир ва ҳамзамон мустаҳкам кардани пояи ҳокимияти коммунистӣ дар «канорҳои миллӣ».

Аз ин ҷиҳат муборизаи шӯравиҳо бо маҳалгароӣ якҷониба буд: на ин ки сабаби падида, балки оқибатҳояшро ҳадафи мубориза қарор дода буданд, ки он ҳам бошад андаруни ташкилоти ҳизбӣ, бидуни рушодгӯйӣ анҷом мепазируфт. Дар натиҷа ҳисси маҳалгароӣ аз шуур ба таҳтушшуур рафта, охир мадда кард ва ҳамин ки пояи назорати сиёсию идеологӣ суст шуд, якбора кафид.

Дар интиҳои бозсозии горбачёвӣ, ки сартосари кишвари Шӯроҳо ба худсӯзӣ табдил ёфт, маҳалгароии тоҷикона ҳам аз қатор намонда сиёсӣ (политизатсия) шуд, ки охираш ҳамон ҷанги бародаркуш аст.

***

Мардум мегӯянд, ки одам ба одам зинда аст. Албатта, дуруст мегӯянд. Лекин нағз медонем, ки ҳар кас бо ҳар одамизода улфат намешавад ва ҳар киро ҳамдаму ҳамроз намедонад. Барои ҳамкорӣ пеш аз ҳама ҳамнақшу ҳаммонанди худро меҷӯяд, ки ҳаммашрабу ҳамназар бошад. Лекин ҳамҷинс худаш кист? Ба наздики тоҷик ҳамҷинс аввал хешу табораш аст, баъд дӯсти наздикаш ё бародархонду додархондаш, рафиқи ҳаммактабаш, ҳамшаҳр ё ҳамдеҳааш.

Аввал бояд гуфт, ки таваҷҷӯҳи хос ба ҳамшаҳру ҳамдеҳу ҳамвилоят худ ба худаш ягон айбе надорад, чунки як кашиши табиист. Одамоне, ки зода ва парвардагони муҳити яксон (аз ҷумла муҳити ҷуғрофию экологӣ) мебошанд, қолаби муштараки пиндору гуфтору рафтори иҷтимоӣ доранд ва аз ин рӯ ба зудӣ забон ёфта, ҳамдигарро мефаҳманд. Тариқи давлатдорӣ бар пояи чунин маҳаку меъёрҳо такя карда наметавонад, зеро сиёсати маҳалгароёна дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо боис ба ихтилофҳои тезутунди иҷтимоӣ мегардад.

Аслан муҳим нест, ки мақомеро куҷоӣ ишғол мекунад; муҳим он аст, ки оё ӯ ба ин мансаби давлатӣ ё мартабаи иҷтимоӣ аз рӯйи дараҷаи саводу кордонӣ ва одоби шахсӣ лоиқ аст ё не. Дар ҷомеаҳои пешрафта аз ин боб меъёру маҳакҳое ҳастанд, ки барои ҳамагон ҳатмист. Дар ҷомеае, ки ҳанӯз ба камоли сиёсию маънавӣ нарасидааст, кор тамоман ранги дигар мегирад. Ин ҷо тоифаи муайяни одамон пешию имтиёз пайдо мекунанд: ҳамшаҳр, ҳамдеҳа ё ҷӯраи қиёматӣ аз ҳисоби ҳаққу манфиати дигарон кори худро буд мекунанд ва ё дар силсилаи маротиби иҷтимоъ ҷоеро ишғол мекунанд, ки ба он пурра сазовор нестанд.

Акнун ба даруни пӯсти ҳамон «бегона»-е дароед, ки ба иллати дигаршаҳрию дигардеҳӣ будан дар ҷомеа мувофиқи қудрату имконаш кору ҷойи сазовор ёфта наметавонад ва бад-ин ҷиҳат худро шаҳрванди дуюмдараҷа ва бесоҳибу бегона эҳсос мекунад. Магар саволи дар ғояти ҳайрату афсӯс ва эътирози иҷтимоӣ дар миён гузоштаи Лоиқ Шералӣ «Тоҷик андар ватани хеш чаро муттаҳам аст?!» ифодаи ҳамин гуна эҳсос нест?

***

Коранда ва паҳнкунандаи тухми маҳалгароӣ ду қишри аҳли савод мебошад: яке зиёиён ба маънии танг ва дигаре маъмурон ба маънии васеъ. Шарҳ додан зиёдатист, ки на ҳамаи зиёиён ва на ҳамаи маъмурон маҳалгароянд; онҳое, ки маҳалгароӣ мекунанд, зотан аз як тоифаанд. Манзурам, як гурӯҳи калони одамони соҳиби маълумоти

олӣ мебошад, ки онҳоро Александр Солженитсин ба ҷумлагӣ «образованшина» номидааст. Нависандаи шаҳири рус онҳоеро дар назар дорад, ки дар даврони Советӣ ҳарому ҳалол маълумоти олӣ гирифта, ҳатто ба унвонҳои илмӣ соҳиб шуда, тамоми зинаҳои силсилаи маротиби идораи давлату ҷомеаи шӯравиро пур карда буданд. Дар замони пасошӯравӣ ҳам дар аксар ҷумҳуриҳои собиқ, аз ҷумла дар Тоҷикистони мо, лаҷоми идораи давлату ҷомеа ба дасти онҳост.

Сабаби маҳалгароии ду қишри мазкури аҳли савод зоҳиран яке набошад ҳам, ботинан ҳамгун бувад. Зиёии маҳалгаро аслан шахси ноком аст, яъне одамест, ки дар касбу кори интихобкардааш комёб набудааст, фаразан дар илм ё санъат аз тарафи ҳампешагонаш ё ҷомеа эътироф нагардида, ҳатто агар мансаби академӣ ё унвони ифтихорӣ дар ҳунар ҳам дошта бошад. Камоли норасидагии маънавии чунин шахсон будааст, ки айби ошро дар мош меҷӯянд, яъне ҳамеша гумонбаранд, ки маҳз дигарон садди роҳаш мебошанд — ё аз рӯйи ҳамшаҳргарӣ ё бадбинии шахсӣ ва ё фитнаи гурӯҳӣ. Дар натиҷа чунин «ҷабрдида» ва «ранҷидагон» ба як навъ дарди рӯҳонию равоние гирифтор мешаванд, ки дар илми равоншиносӣ комплекси норасидагӣ гӯянд.

Маъмури маҳалпараст ҳамон аст, ки вазифа ё мансабашро на аз рӯйи савияи донишу малака ё лаёқати раҳбарӣ, балки тибқи меъёри маҳалчигӣ ё ёру ошнобозӣ гирифтааст. Табиист, ки ӯ низ саъю кӯшиш мекунад, ки дар идорааш одамонро аз рӯйи ҳамон меъёру маҳакҳо гирд оварад. Ин амал заминаи психологӣ ҳам дорад: як меъёри ногуфта ё нонавиштаи чунин усули хоста гирифтани кадрҳои роҳбарикунанда он аст, ки одамони даргоҳ бояд аз худи саркор дида оқилтар ё таҷрибаноктар набошанд, то ки дар ҳузури тобеон эшон, ҳамон тавре ки дилашон мехоҳаду ойини мансабашон ҳам тақозо мекунад, бемалол худнамоӣ ё фармонфармоӣ карда тавонанд.

Ва ҳамин ки дар идора муҳити созгоре иборат аз лаббайкгӯю тамаъкору лагандбардори худӣ ташаккул ёфт, сардори он низ ба як навъ дарди равонӣ гирифтор мешавад. Азбаски равоншиносон ин дардро ҳанӯз ташхису тасниф накардаанд, шояд онро шартан худгарӣ но-

мем, ки дар силсилабандиҳои муназзами ҳазрати Иқбол ҳамрадифи худнигариву худшиканист. Ин дард аз калонгириҳои маъмулӣ оғоз шуда бо васвасаи азимманишӣ анҷом меёбад.

Шиддати бемории худгарӣ бошад, ба дараҷаи ҷоҳу ҷалоли маъмур вобаста аст; дар силсилаи маротиби бюрократӣ курсии мансабаш ҳар қадар баланд бошад, дардаш ҳамон қадар музминтар мешаваду муолиҷааш ҳамон қадар душвортар. Чунончи, дар қуллаи силсилаи мазкур маҳалбозӣ ба бутсозӣ табдил меёбад. Ин падида аломати равшани газак гирифтани як дарди кӯҳнаи равонист, ки аз фард ба ҷомеа таҳмил шуда, каму беш сойири қишрҳойи иҷтимоъро фаро мегирад. Равонпарешии иҷтимоӣ бошад, чунон ки таърих гувоҳ аст, оқибат ҳам забардастонро маънан хароб мекунаду ҳам зердастонро карахту фалаҷ мегардонад.

Ду шоири барҷастаи мо — Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир — ба сони табибони рӯҳонии миллат аломатҳои нахустини ин марази иҷтимоиро ташхис карданд. Чунончи, Лоиқ дар бораи раванди таҳаввули таърихии мардуми тоҷик дар ғояти дарду алам андешида, гуфта буд: «пешрафтанҳош вопас рафтан аст». Бозор, гуё ҳамин нуктаи ҳампешаашро шарҳ медода бошад, ки мегӯяд: «Акнун ба асли хеш бармегардем гуфта рост ба эътиқоди ибтидоӣ баргаштем, ки ғайр аз гиряву мотаму худоихӯрӣ чизеро қабул надорад». Албатта Бозор, чунон ки ҳар шоирро бояд, муболиға мекунад, лекин гуфтааш аз ҳақиқат он қадр ҳам дур нест.

### БАХШИ ДУВУМ: АКНУН ЧӢ БОЯД КАРД?

Ман даъво намекунам, ки моҳияту раванди маҳалгароиро аз ҷиҳати илмӣ ҳаматарафа омӯхтаам ё дар бархӯрд бо ин падида назар ба дигар ҳамватанонам таҷрибаи фаровонтаре дорам. Вале бо истифода аз фурсате, ки дар чаҳорчӯби барномаи бахши тоҷикии Радиои Озодӣ ба миён омад, дар бораи роҳу тарзҳои пешгирӣ намудани зуҳури но-

матлуби маҳалгароӣ дар ҷомеаи тоҷик пайваста фикр кардам. Ҳоло баъзе аз пешниҳодҳоямро меорам.

Ба донисти ман, худвижагии маҳалгароӣ ба унвони падидаи фардию иҷтимоӣ дар он аст, ки вай пиринсипан бартараф нашуданист; фақат доираи зуҳури онро маҳдуд кардан ва ё шиддати эмотсионалиашро муваққатан паст кардан мумкин асту бас.

Ба унвони сабақе аз иқдоми барорнагирифтаи шӯравиҳо мегӯям: чун решакан кардани маҳалгароӣ амри муҳол аст, айни муддаост, ки маҳалгароиро аз қувваи харобкунанда ба нерӯи бунёдкунанда табдил диҳем! Ин амри воҷиб ва ҳам имконпазир аст.

Мушаххасан гӯям, маҳалгароиро ба як навъ олати мусобиқаи шаҳру ноҳияву вилоятҳо мубаддал кардан даркор аст. Бигзор, ҳукумат барои тараққиву такомули ҳамагон, яъне ҷумла сокинони қитъаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, шароиту имкони ҳамгун фароҳам оварад ва бигузор вилоятҳо ба унвони воҳидҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба рақобати солим бипардозанд, яъне дар рӯҳи баробарию бародарӣ барои ободонии шаҳру ноҳияҳояшон, тараққии иқтисод, рушди маорифу маданият ончунон маҳалгароёна саъй кунанд, ки дигаронро ҳавас ояд, на ҳасад!

Албатта, ин чунин маънӣ надорад, ки вилоятҳоро тамоман ба ихтиёри худашон гузоштан лозим аст. Баръакс, дар татбиқу назорати тадбирҳое, ки мегӯям, нақши идораҳои марказии давлат ба маротиб меафзояд. Чунончи, таъмини баланси ниёзҳои маҳаллӣ ва манфиати умумидавлатӣ — вазифаи аввалиндараҷаи ҳукумати марказист. Хусусан дар шароити Тоҷикистони мо, ки пеш вилоятҳояш нобаробар тараққӣ мекарданду акнун хатоҳои пешинаи планкашони шӯравиро бо тарзу тариқи дигар такрор карда истодаанд.

Ба тафсири пешниҳодҳоям гузашта, нахуст ба суоли зерин ҷавоб медиҳам: ҳомилу ҳомии асосии маҳалгароӣ киҳоянд? Ман аминам, ки мардуми одии мо табиатан маҳалгаро набуданду нестанд; худношиносу бегонапараст ҳам нестанд.

Барои ҷумла фарзандони Одам хоку хун аввалин ва охирин муқаддасоти равонист. Барои ҳар як тоҷик ҷое, ки хуни нофаш рехтааст, мабдаъ ва маоди ӯст. Аз ин ҷиҳат маҳалпарастиро аз маҳалгароӣ фарқ

кардан даркор аст, чаро ки аввалӣ ифодаи ишқи зодгоҳ асту бас. Ҳама гуна ишқ, аз ҷумла ишқи зодгоҳ, неруи рӯҳбахш аст, мутаассифона, на ҳамеша қувваи созанда бувад, чунки одатан бо рашк таъвам меояд.

***

Лоиқ Шералӣ «тоҷикему ба ҳам наҷӯшида, тоҷикему на хайрхоҳи худем» гуфта, аз хулқи миллиамон шоирона нолидааст ва зимнан афзуда:

*«Чораи ҳолаш бигӯӣ, кина гирад,*
*Боз нолад аз ғами бечораҳолӣ.»*

Бо вуҷуди ин, ман чанд тадбиреро зикр мекунам, ки заҳри маҳалгароиро аз таҳтуззеҳнамон зудуда натавонанд ҳам, ба гумонам, ақаллан пеши бедодгариҳо ва беадолатиҳои сарзадаро аз маҳалгароӣ гирифта метавонанд.

Бардошти ман аз таҷрибаи таърихиамон ин аст, ки бо марази маҳалгароӣ аз тариқи фақат панду насиҳати ахлоқӣ ё тарғиботу ташвиқоти сиёсӣ мубориза бурдан кори тамоман ношуданист. Тариқи муассиртар ва самараноктар истифодаи қудрати қонун аст. Маҳз дар чаҳорчӯби сахти қонуни давлатӣ ҳудуду дараҷаи бедодгарии маҳалгароёнаро муайян намуда ва барои гунаҳкорон ҷазойи сазоворро муқаррар карда, ба ин тариқ соири хешбинону бегонагурезонро дарси бародарию баробарӣ омӯзондан мумкин аст!

Маҷлиси Олии ҷумҳуриамонро зарур аст, ки дар бораи маҳалгароӣ қонуни махсус қабул намояд. Қонуни мазкур ҳар гуна кӯшиши поймол ё маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандонро аз рӯи баромади ҷуғрофӣ, яъне ҷойи таваллуди худашон, падару модарашон ва ё ҳатто бобою бобокалонашон, бояд ҷинояти маъмурӣ эълон намояд. Ин навъи ҷиноятро аз рӯи мазмуну маромаш бо ҷиноятe баробар кардан лозим аст, ки барои таъқибу таҳқири одам аз рӯи мансубияти нажодӣ, миллӣ ё мазҳабӣ муқаррар шудааст.

Пешниҳод мекунам, ки ҳангоми тибқи ин қонун аз кор холӣ кардани раис, мудир ё умуман ҳар навъ маъмури маҳалгаро ба дафтари корияш чунин тамғаи расмӣ гузошта шавад: «Ба кори роҳбарӣ қатъан муносиб нест».

Азбаски аксари кашмакашҳо аз мансабталошии сабилмонда бармеоянд, Маҷлиси Олии ҷумҳуриро зарур аст, ки ҷараёни ин амру амалро ба зери назорати сахт гирад. Мутаассифона, Қонуни асосии ҷумҳурӣ барои ташкилу риоя кардани балансе се шохаи қудрат - ҳокимияти қонунбарор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти додгустарӣ - заминаи кофии ҳуқуқӣ фароҳам наовардааст. Чунончи, ба раиси ҷумҳурӣ аз ҳад зиёд ҳуқуқ додаст, дар ҳоле ки идораҳои додситонӣ он тараф истанд, ҳатто парлумон барои барқарор кардани назорат аз болои амру амали ҳокимияти иҷроия салоҳияти кофии конститутсионӣ надорад.

Пас, возеҳу равшан аст, ки бароиислоҳу такмили Қонуни асосии ҷумҳурӣ низ зарурати мавқуфнопазир пеш омадааст. Аввалан, дар шароите, ки аҳзоби сиёсӣ ҳанӯз беқувват асту гурӯҳи ҳукуматдор барои бақои ҳудраташ захираву имконияти фаровони маъмурӣ дорад, ба истилоҳ интихоботи умумихалқӣ ба як маъракаи намоишкорона табдил ёфтааст, ки зотан аз боқимондаҳои давраи шӯравист. Сониян, бо назардошти майли маъмурони мо ба маҳалгароӣ сохтори олии давлатиро бар асоси низоми парлумонӣ бунёд афкандан даркор буд.

Модоме ки дар ҷумҳурӣ низоми президентӣ барқарор шудааст, минбаъд барои мустаҳкам кардани бунёди демократии давлату ҷомеа ба Қонуни асосӣ ҷиҳати интихоби раисҷумҳур ислоҳи ҷиддӣ даровардан лозим аст. Бигзор ӯро парлумон интихоб кунад. Гузашта аз ин, барои пешгирӣ кардани ифроту тафрити маҳалгароёна салоҳи кор мебуд, агар сари ҳар панҷ сол (на ҳафт сол!) Маҷлиси Олӣ президентро ба навбат аз ҷумлаи намояндагони вилоятҳои гуногун интихоб мекард (Дар ин раванди ислоҳот бо мурури замон минтақаи собиқи Ғарм ё Раштро ҳам аз нав барқарор кардан шояд).

Мақсади ин тадбир баробарии сиёсии вилоятҳоро воқеан таъмин кардан аст. Бигузор намояндагони қитъаҳои гуногуни ҷумҳуриамон дар Душанбе ба навбат давлатдорӣ карда, зимнан донишу малакаи

сиёсӣ ва лаёқати созмондиҳиашонро ба мардум нишон диҳанд ва ба эҳтироми ҳақиқию ҳамагонӣ сазовор шаванд. Агар собиқ раиси ҷумҳурӣ дар воқеъ арбоби донову кордон бошад, бигузор пас аз 15 сол, яъне вақте ки навбати вилояташ расид, аз нав интихоб шавад.

Дар он сурат ҳам лаъл ба даст меомаду ҳам ёр намеранҷид! Ин тадбир ҳам як шакли зуҳури ҳамон мусобиқаи вилоятҳо буда, бад-ин симат ба рушду камоли сиёсию маънавии ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

*Акбари Турсон*

*Моҳи марти соли 2006*

# «МО ҲАМА ШЕРОН, ВАЛЕ… ШЕРИ АЛАМ»

*Дигарон бар ғосибон зӯроваранд,*
*Мо фақат бар асли худ зӯроварем!*
— ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Дар ҷаҳони мутамаддин як хулосаи фалсафии шоири бузурги рус Александр Пушкин вирди забон шудааст, ки гуфта: «Иззату икроми айёми гузашта хислатест, ки тамаддунро аз ваҳшигарӣ фарқ мекунад»!

Тавассути ин ҳикмати фаромаконӣ ахлоқи волое нурафканӣ мекунад, ки ба вежа дар дилу зеҳни ховарзодагон ба сони рангинкамон бозтоб мешавад. Чаро ки барои эшон суннат оғозу анҷоми рӯзгор бувад!

Чунончи, ба наздики муаллимони ахлоқу одоби Аҷам кӯрнамакӣ сангинтарин гуноҳи ахлоқӣ ва зишттарин хислати одамӣ мебошад. Барои то чӣ андоза дар менталитети тоҷик реша гирифтани ин ҳукми маънавии ниёгонамонро ба некӣ дарк кардан ғамномаи шоири дардошноямон Лоиқи Шералӣ «Фарёди бефарёдрас»-ро кушода манзумаи зеринро хонда бароед, ки дар авҷи зачркӯшиҳои хонаводагиамон дар ғояти ғаму ғуссаи таърихӣ ба унвони як навъ тавбаи миллӣ нигошта буд.

Дар зимн, тарафҳои даргир ин фарзи таърихию қарзи ахлоқиро то кунун расман ба ҷо наоварда, созишномаи 1997-ро андар оташбас дар заминаи ризоияти миллӣ ба як коғази холӣ аз арзиши маънавию аҳамияти иҷтимоӣ табдил доданд!

*Эй ношукрбандагон, нонпешипозада, қавми балозада,*
*Аз ҳам ҷудошуда, бо ҳам наёмада, моем «мо» зада!*

*Моро, ки «мо»-и худ ба қимати нахуд арзон фурӯхтем,*
*Моро намак зада, моро фалак зада, моро худо зада!*

Мо, тоҷикон, сириштан мардуми гузаштагаро ҳастем, вале гузаштагароиҳоямон омиёна бувад, яъне қаҳрамонҳои воқеии гузааштаамонро ба таври бояду шояд намешиносем. Садриддин Айниро гирем. Чун Устод раҳбари нахустини Академияи илмҳо буданд, салоҳи кор медонам, ки пеш аз ҳама ва беш аз ҳама андар мақом ва нуфузи илмию фарҳангии ишон куллан биандешам.

Умдатарин ҳақиқате, ки дар сатҳи академӣ таъйиду таъкид кардан шарт бувад, ин аст: Аллома Айнӣ бунёдгузори воқеии илми тоҷикшиносӣ буданд. Кореро сарбаландона анҷом доданд, ки хоси аллома буда, ба шаъни ӯ рост меояд: ҳам забон (аз таърихи пайдоишаш сар карда то луғати забони зинда), ҳам санъату ҳунар (хосса мусиқӣ), ҳам антропологияи тоҷикон (ба вежа тааммули интиқодии хусусиятҳои менталитети халқ) ва ҳам таърихи қавми тоҷик (андешаи айёми гузашта дар ҳамбастагии бӯъдҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва рӯҳониву равонии он)-ро таҳлилу таркиб карда, дар зимн бузургони қавмашонро (аз Фирдавсию Абӯалии Сино гирифта то Саъдию Бедил) ба ҷаҳониён муаррифӣ намудаанд.

Ҳақиқатан ҳам, ба қавли ховаршиноси маъруф марҳум Иосиф Брагинский, ки худ аз ҷумлаи тоҷикшиносони варзида дар шумор меояд, то оғози фаъолияти илмии Айнӣ этноними «тоҷикон» мафҳуми сирф мардумшинохтӣ (этнографӣ) буду бас. Маҳз устод Айнӣ тавассути кандукови пайвастаи илмию фарҳангиашон этноними «тоҷикон»-ро ба унвони як қавми аъзам ва бостонитарин дар Осиёи Марказӣ ҷиҳати таърихию фарҳангӣ ғанӣ карда, ба антропологияи тоҷикшинохтӣ заминаи мустаҳками илмӣ фароҳам оварданд. Аз ин ҷиҳат Б. Ғ. Ғафуров маҳз Устод Айниро «падари миллат» хондаанд, ки баёни воқеъ бувад. Гарчанде ки бӯъди сиёсии ташаккул ва татаввури халқи тоҷик ба унвони миллат имрӯз маҳз ба шарофати саъю кӯшиши илмию сиёсии худи академик Бобоҷон Ғафуров таъйину тасдиқ шуд.

Ва аммо баъд, оё имрӯз мо буду шуди корномаи таърихии Садриддин Айниро ба унвони «падари миллати тоҷик», фидокориҳои шаҳрвандонаю иқдоми яккатозонаи эшонро дар шоҳроҳи бедории сиёсию мадании халқашон ба некӣ медонем ва чунонки бояду шояд ба қадрашон мерасем?

Идораи шаҳрдории Душанбе хидматҳои беназири Қаҳрамони Тоҷикистонро қадр карданӣ шуда, қарор додаст, ки дар пойтахтамон зиёратгоҳи боҳашаматтари Айниро бино кунад. Бисёр хуб, лекин ҳамзамон қадамгоҳи қудсии Устод: Хона-музеяшонро шикастан ба кӣ ва бар чӣ даркор аст?! Фақат ба сабаби он ки дар аҳди шӯравӣ сохта буданд ва онро ҳамчун ёдгории замони гузашта аз байн бурдан мебояд?!

Кавдано! Баҳс баҳси чойхонаи «Роҳат» нест! Сухан андар Таърихи Миллат меравад, ки онро бозсозӣ кардан мумкин нест, вагарна ба бозсӯзӣ табдил меёбад!!

Кадом як планкаши ҳамадон, вале аз одату суннати тоҷик бехабар, гуфтааст, ки бинои музей «бенамуд» аст! Нисбат ба чӣ? Балки дар қиёси қуттиҳои серқабатае, ки ба унвони манзилгоҳи мардум дар кӯҳистони зилзиласор месозанд?! Ҳаққо, ки ин амру амал хотирнигаҳдорӣ нест, нишони хотирозорию мавриди хотирпарешониҳост! Фоҷиаҳои калонмиқёси пойтахтҳои Туркманистону Узбакистон аз ёд нарафтаанд!..

Андешаномаи мухтасарамро боз аз қавли манзуми Лоиқи ҷигарсӯхта хулоса мекунам, ки яке аз қурбониҳои муҳити ҷангҷӯши пасошӯравиамон буд.

*Ту, худнашнохта, худнозият чист?*
*Сари ҳар бом парчамбозият чист?*
*Даҳон пуркафк андар роҳи миллат,*
*Чу дар сар ақл не, сарбозият чист?!*

*Акбари Турсон*

*Моҳи ноябри соли 2021*

# МАВСИМИ НАВРӮЗ МЕОЯД, ҲУМОЮН ФУРСАТЕСТ!

Андар шаҷарайи таърихӣ, сиришти маданӣ
ва нуфузи ҷаҳонии ҷашни Наврӯзи Аҷам

*«Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ ҷавон шуд,*
*Зиҳӣ зебо, ки ин соат ҷаҳон шуд.»*
— НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Пешаҳдони қадимзамони мо, тоҷикон, Наврӯзро ҳодисайи сирф табиию мавсимӣ тасаввур намекарданд; падидайе, ки як вақтҳо мунаҷҷимон ба сифати оғозгаҳи соли хуршедӣ пазируфта, дар тақвимҳояшон ба қайд гирифта бошанд.

Ба вежа ҷашни Наврӯзро иди анъанавие пиндоштан нашояд, ки бо мурури ҳазорсолаҳо маънӣ ва маслаки муқаддаси азалиашро гум карда, ба як расму таомули одии мардум табдил ёфта бошад! Инро аз мутоилайи асари фарҳангшинохтии ҳаким Умари Хайём «Наврӯзнома» пай бурдан мумкин аст, ки мазмуну маслаки фалсафиаш поёнтар баён хоҳад шуд.

Ҳоли ҳозир фақат ҳамин қадарашро гуфта мегузарам, ки ба наздики ориёни ғарбию ҷанубӣ (эрониёну турониёни таърихӣ) Наврӯз муҷассамайи як падидайи рӯҳонию фарҳангӣ буда, бад-ин сифати хос як суннати фарҳангиеро таҷассум менамояд, ки маънан зиндаю таърихан қавист: ба ҳам васлу қарин кардани макону замонҳои иҷтимоию маданӣ рисолати азалию аслии ӯст.

Ва агар Наврӯзи Аҷамро аз рӯйи рисолати аслӣ ва азалиаш арзёбӣ кунем, онро дар баробари забони модарӣ (ҳозира забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ, аз ин пеш забонҳойи суғдӣ ва паҳлавии ашконӣ) рамзу рози наҷоти таърихии бахши бохтарии ирқи орӣ (аз ҷумла дар Турону Эрони кунунӣ) ҳисоб кардан даркор аст. Гузашта аз ин, аз ҳақиқати таърихӣ дур набуд, агар гуфта шавад, ки ҷашни Наврӯз ва забони адабӣ ба унвони рукнҳойи умдайи хештаншиносии эрониёну туроoriginalниён кафили зиндамонии табори ориёии мо дар ҷараёни давру даҳри оянда низ мебошад.

Аз ин рӯ дар даврони Истиқлоли сиёсӣ расман иди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудани ҷашни Наврӯз дар шоҳроҳи рушду камоли маънавии халқи тоҷик ҳамчун миллати соҳибихтиёр (ба маънии ҳозиразамони истилоҳ) тадбири бамавқеъ ва иқдоми саривақтӣ буд.

Ин тасмими расмии ояндасоз аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошт, зеро дар шоҳроҳи барқарор ва устувор кардани ваҳдати аслҳою наслҳо дар қаринайи тамомияти таърихию мадании суннату анъанаҳои мардумӣ — истимрори маънавие, ки дар вақти ҳукумати режими коммунистӣ коҳида буд. Дар натиҷа уфуқи меҳанпарастии тоҷикона аз ҳисоби одату одоби бостониамон васею ғанӣ шуд ва ҳамроҳи ваҳдати миллии тоҷикон тобишу ҷилои хоси таърихию фарҳангӣ пайдо намуд.

Дар раванди худшиносии миллӣ, ки дар даврони Истиқлол тақвияту густариш ёфт, муҳимтарин ва мубрамтарин тадбир хештаншиносии байнулмилалӣ аст, ки ҳанӯз ба ҳадди бояду шояд роҳандозӣ нашудааст. Дар татбиқу амалӣ намудани ин вазифайи муқаддаси миллӣ пеш аз ҳама аҳли илму дониш, адабу ҳунар ва рӯҳониёни равшанфикри худи ҷумҳурии Тоҷикистонро боястӣ саҳми сазовор гирифтан.

То чӣ андоза муҳимму муфид будани чунин иқдоми байналхалқиро самарайи хуби ҳарбу зарби оҳистаю пайвастайи идорайи намояндагии доимии Тоҷикистон дар СММ баройи эътирофу қадрдонии ҷаҳонии ҷашни Наврӯзи Аҷам бараъло собит кард. Ман, ки дар омодасозии далелу бурҳони илмӣ баройи қабули пешниҳоди мазкур бевосита ширкат варзида будам (аз ҷумла, таҳти унвони «Ҷашни Нав-

рӯз ва идеалҳои СММ» мақолаи куллие ба англисӣ навиштаам) ба нақши созандаи дипломатияи тоҷик бо камоли эътимоди шахсӣ ва ифтихори ватанпарварона ишора мекунам.

Ҳамзамон бо тааҷҷубу таассуф гуфта гузаштан лозим меояд, ки намояндагони баъзе аз давлатҳои минтақаамон бо истифода аз нуфузу эътибори худ ба ҷунбу ҷӯли пасипардагӣ пардохтанд, ки Наврӯзи Аҷамро як навъ «натсионализатсия» карда, пешниҳодро андар ҷаҳонӣ кардани иди хоси мардуми эронитабор ба тариқи инфиродӣ, яъне аз номи шарифи миллати худашон, таҳия намоянд...

Инак, 23-юми феврали соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид пешниҳоди муштараки намояндагиҳои доимии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва дигар кишварҳое, ки меросбари фарҳанги Наврӯз мебошанд, якдилона қабул карда, Иди миллии кишварҳои форсизабонро расман шинохт ва 21-уми мартро Рӯзи Байнулмилалӣ эълон кард. Пас аз як сол (соли 2011) бо ташаббуси сафири доимии Тоҷикистон дар СММ Сироҷиддини Мӯҳриддин бо ҳузури Дабири Кулли СММ Пан Ги Мун, инчунин, иштироки ҳайати расмӣ ва аҳли ҳунари тоҷик таҷлили байналхалқиии иди Наврӯз баргузор гардид.

Дар арафаи ин маъракаи байнулмилалӣ ману профессор Ричард Фрай (маъруфтарин ховаршиноси амрикоӣ, раҳматӣ худро «тоҷику эрондӯст» гуфта муаррифӣ мекард) тасмим гирифта будем, ки дар ҳошияи ҷашни мазкур дар қароргоҳи расмии СММ дар Ню-Йорк як гурӯҳ донишмандони фарҳангшиносро дар атрофи Мизи Гирд ҷамъ оварда, дар борайи мақоми таърихию мадании Наврӯзи Аҷам ба унвони рамзи растохези табиат ва илҳомгаҳи рушди тамаддун дар заминаи таҳлили илмию тааммули фалсафии одобу ойинҳои иди солинавии ориён гуфтугӯ ва баҳс кунем.

Эссейи фалсафию фарҳангшинохтие, ки имрӯз дар сомонаи радиойи «Озодӣ» интишор меёбад, матни суханронии ман аз минбари ҳамон ҷамъомади илмии байнулмилалӣ дар Ню-Йорк аст.

***

Вақте ки муосирони садаи бисту якум, ба вежа хориҷиён, рисолаи Умари Хайём «Наврӯзнома»-ро мехонанд, яқинан ҳайрон мешаванд, ки чаро муаллиф дар борайи чизҳо ва воқеаҳое ҳикоя мекунад, ки бо мавзӯйи асосии китоб («кашфи ҳақиқати Наврӯз«) алоқа надоранд.

Хайём дар баробари зикри таърихи пайдоиши Наврӯз андар ангуштарӣ ва он чӣ воҷиб ояд дар борайи ӯ, тиру камон, шамшер, зар ва қалам, аломати дафина ва манфиати шароб, хосиятҳойи рӯйи некӯ, асп ва ҳунари ӯ, инчунин номҳойи форсии аспон ва монанди инҳо муфассал сухан меронад. Ва ҳол он ки «Наврӯзнома» мисли «Аҷоиб-ул-махлуқот» китоби оммафаҳм нест; вай навиштайи ҳакимест, ки дар таърихи риёзиёт ва ҳайатшиносӣ мақоми хос дошту дар фалсафа худро шогирди Шайхурраис Абӯалии Сино мехонд!

Гап фақат болойи услуби хоси муаллиф ва ё сабки рисоланависиҳойи пешинзамон нест (масалан, омехтани таърих бо таворих, аз ҳам фарқ накардани воқеа ва афсона ё дида ва шунида); асл дар вежагиҳойи дарёфти худи падидайи Наврӯз аст, ки ба наздики пешаҳдони бостониамон на фақат рангу бӯйи нотакрор дошт, балки аз рамзу рози даҳр ҳам саршор буд. Аз ин ҷост, ки Хайём фақат сабаби ниҳодани Наврӯзро шарҳ надода ва ё танҳо таъриху ойини ҷашнгирии онро дар дарбори маликони Аҷам нақл накарда, тандисайи фарҳангшинохтии Идро тарҳрезӣ намудаст.

Вежагии эҷодии ӯст, ки тандисайи худсохтаашро бо сангрезаҳойи гуногунранге кошинкорӣ намудааст, ки маҳсули илми ҳайатшиносӣ ва саноати танҷим (астрология), асотир (мифологияи ориёӣ) ва кимиё (химия), таълимоти ахлоқшинохтӣ (этика) ва зебошинохтӣ (эстетика) мебошанд. Яқин бувад, ки ин сангрезаҳойи маънавӣ сириштан аз ҳам фарқ мекунанд, вале онҳо дар қолаби сохтори културологии Хайём ба ваҳдати ботинӣ расида, Наврӯзро ҳамчун як падидайи яклахти табиию маданӣ таҷассум мекунанд. Маънии фалсафии ин падидайи том наздик ба ҳамон аст, ки дар забони килки Абулмаонӣ (Бедил) омада:

*«Дар ин ваҳдатободи касратбаҳор*
*Зи ҳар ҷузв айни гул аст ошкор.»*

Мутахассисони фарҳангшинос пайдоиши иди Наврӯзро одатан дар заминаи гумони бадеие андар мурдани табиат дар зимистон ва аз нав зинда шудани он дар баҳор маънидод мекунанд, ки дар замони қадим ба забони шеъру устура баён мешуд. Ҳаммонанди ин пиндор дар муҳити маънавии ориён низ пайдо шуда буд, вале ҳусну тароватти хосе дошт.

Дар қадимтарин марҳилаи таърих худшиносии одамизод дар ҷумла қитъаҳои рубъи маскун аз парастиши отифонаи табиат оғозид, ки аз ду қисм иборат буд: ғаму ғусса хӯрдан аз пажмурда шудани рустаниҳо дар тирамоҳу зимистон ва шодию хурсандӣ кардан дар баҳор ба муносибати аз нав рӯйидани гиёҳҳову шукуфтани дарахтон.

Дар Эрону Турони бостонӣ қисми дувуми ин маросим шаклан рангинтару мазмунан ғанитар шуд. Чунин тағйири назар ба рӯҳи ахлоқи некбинонаи зартуштӣ мувофиқ буд. Ва чун дар кайҳони маънавии зардуштия ҳаёт бар мамот, кавн бар фасод бартарӣ дошт, зойишро ситоиш мекарданду маргро накӯҳиш.

Аз ин мавқеи назар як мушоҳидаи Ҳеродот ҷолиб аст: таърихнигори юнонзамин бо тааҷҷуб хабар дода, ки эрониёну турониён зодрӯзашонро ҷашн мегирифтаанд. Ва зимнан расми армуғоновари ю тӯҳфадоданҳои онҳоро бо ҳавас зикр кардааст. Аҷаб нест, ки бар асари ҳамин одобу суннати қадими эронию туронӣ фарҳангиёни юнонзамин ҳам минбаъд зодрӯзи бузургонашонро ҷашн мегирифтагӣ шудаанд.

Дар чаҳорчӯби суннати мавлудпарастии эронию туронӣ ё, васеътар гирем, тавлидгароии ориёӣ Наврӯз оғози як силсила воқеаҳои кайҳоншумулро таҷассум мекунад, ки ҳар яке дар маҷрои мурури замон гардишгоҳ ё нуқтаи атф аст. Аз байни ин воқеаҳо муҳимтаринаш «таваллуди» чаҳор пояи кавну макон — Одам, Хуршед, Замин ва Осмон мебошад, ки айнан дар аввалрӯзи замони кайҳонӣ офарида шудаанд.

***

Ба таъриху таъбири фарҳангшинохтии худи ҷашни Наврӯз рух оварда нахуст бархе худвежагиҳойи муҳимми иди бостониамонро шарҳу тафсир дода гузаштан даркор аст, ки ба қиёс дар сартосари ҷаҳон беназиранд.

Наврӯз қадимтарин дар таърихи ҷаҳон ҷашни соли нав аст; решайи маънавиашро бояд андаруни ҳазорсолаҳо ҷуст. Боис ба тааҷҷуб нест, ки ҳатто Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём барин ситорагони осмони ҳафтуми илмҳойи дақиқ ҳангоми маънидод кардани пайдоиши ин ҷашни бостонӣ ба забони устура ва ривояти динӣ ҳарф задаанд. Бино ба ақидайи суннатие, ки Хайём дар «Наврӯзнома» баён намудааст, дар қадимулайём «Кайумарс (Каюмарс) ин рӯзро оғози таърих кард». (Дар асотири эронию туронӣ номи Кайумарс ҳамчун сараҷдоди одамизод ва ҳам нахустин шоҳ дар рӯйи замин зикр мешавад, ки ӯро «эзади таборак ва таоло» таъйин карда.)

Як замони дигар аберайи Кайумарс Ҷамшед «чун он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн ойин овард ва пас аз он подшоҳону дигар мардумон бад-ӯ иқтидо карданд».

Ба таърихи воқеӣ рӯ оварда даставвал андар дине як-ду ҳарф гуфтан даркор аст, ки дар замини маънавиаш Наврӯз таҳрезӣ гардидаст. Бино ба дарёфти таърихшиносон, миёни динҳойи ваҳдоние, ки аз тариқи ваҳй талқин шудаанд, зартуштия бостонитарин кеши дунёст. Вай ба унвони низоми динӣ гоҳе ба камоли рӯҳонӣ расид, ки ба ибтидойи «Замони меҳварӣ» (солҳойи 800—200, пеш аз оғози солшумории насронӣ) рост меояд.

Худи ҳамон замон зартуштия қудрату имкони маънавӣ доштааст, ки бо фарҳангҳойи даврайи бедории ақлонии одамизод (юнонӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва сомӣ) ба муколамайи ҳамсанг пардозад. Дар рафти тамосҳойи маънавии ҳамонвақта ақидайи ахлоқию кайҳоншинохтии эрониёну турониён ба ташаккулу такомули шуури монотеистӣ мусоидат кардааст. Чунончӣ, асари ғояҳойи зардуштӣ дар се шохайи суннати рӯҳонии аҳли сомӣ — яҳудия, насроният ва ислом бармалост.

Пас, агар дар миқёси таърихи умумиҷаҳонӣ биандешем, онгоҳ дармеёбем, ки фарҳангу одоби аҷдоди тоҷику форс ва сойири ақвоми эро-

нитабор (курдҳо, осетинҳо, балуҷҳо, паштунҳо ва дигарон) дар рушду камоли маънавии мардуми Шарқу Ғарб саҳми шойиста гирифтааст.

Ба пайдоиши иди Наврӯз аз айнаки тамаддуншиносӣ нигариста, метавон пиндошт, ки ин падида дар ҳошияи як дигаргунии куллии таърихӣ мавсум ба Инқилоби неолитӣ ба вуқуъ пайвастааст. Яке аз тағйироти умдае, ки дар натиҷаи ин табаддулоти иқтисодию иҷтимоӣ ба амал омад, гузариш аз тақвими қамарӣ (солшуморӣ аз рӯйи даврзании Моҳ) ба тақвими шамсӣ (солшуморӣ аз рӯйи ҳаракати Офтоб) буд. Ин воқеаро фақат аз иваз шудани тариқҳои солшуморӣ иборат донистан нашояд; як тағйироти усулӣ ва қатъӣ рух дода буд, ки дар раванди он худи бунёди ҷаҳоншининохтии одамӣ дигар шуд.

Боройи ба аҳамияти таърихии ин дигаргунӣ сарфаҳм рафтан кунҷи назар ва дастгоҳи пажӯҳишро тағйир додан мебояд: ба масъала аз мавқеи назари таърихи фарҳанг не, балки назарияи фарҳанг нигаристан даркор аст.

Наврӯз бар пояи суннати фарҳангие такя мекунад, ки бароящ худбинии гузаро ва ҳамроҳи нодида гирифтан, иқрор накардан ё инкор намудани арзишҳойи маънавии дигар халқҳо тамоман бегона бувад. Ин як ҳақиқати баҳснопазири таърихист, ки дигарон ҳам эътироф кардаанд. Чунончӣ, падари илми таърихнигорӣ Ҳеродот ҳамин ҷиҳати ибратангези одобу ойинҳойи аҷдоди моро таъриф карда, зимнан, гуфтааст: «Эрониёну туроиён назар ба дигар халқҳойи дунё ба қабули урфу одатҳойи бегонагон майли бештар доранд».

Дар воқеъ ҳам, маҳз ба шарофати ҳамин хислати некӯст, ки мардуми ориётабору эронизабон дар ҷараёни таърихи чандинасраашон бо халқу кишварҳойи дуру наздик — Бобилу Миср, Ҳиндустону Юнон, Арабистону Туркистон — дар тамоси фарҳангӣ ва таъсири дуҷонибайи маънавӣ буданд.

Мавқеи ҷуғрофии Эрону Турон ҳам ба густариши алоқаҳойи сиёсию тиҷорӣ ва фарҳангии сокинонашон бо хориҷиён мусоидат кардааст. Зиндагӣ дар чорраҳайи серодами Шарқу Ғарб, аз ҷумла қад-қади Ҷодайи Абрешим, дар вусъати ҷаҳоншиносӣ ва рушди шуури ахлоқии авлоди ориён омили муҳимме буд.

Дар шарҳи ин мушоҳидайи таърихӣ муносибати аҷдоди дуру наздикамонро ба мардуми бегона, хусусан онҳое, ки дину фарҳангашон фарқ мекард, мисол овардан айни муддост. Агар ба саргаҳи одоби муомилайи бобокалонамон бо дигарон назар афканем, дармеёбем, ки дар бунёди одоби хоси эшон дастури маънавие ҳаст ба зоҳир нонавишта, вале ба ботин зода ва парвардайи ахлоқи ғанӣ.

Онро метавон муносибати хайрхоҳона ва пурсаброна ба гуфтору рафтору пиндори мардуми ғайр, ба суннатҳо ва одатҳойи дигаргуна унвон кард. Нақши ин дастури инсондӯстона дар достони паҳлавизабони «Менуйи хирад» ҳувайдост, ки зода ва парвардайи даврайи пеш аз зуҳури ислом (садайи шашӯми мелодӣ) мебошад. Он ҷо «ба ҳар кас некӣ хостан»-ро «меҳтарин кори нек» донистаанд.

Ин дастур хоҳиши хушку холӣ набуд. Гуфтан кофист, ки ягон арбоби барҷастайи илму фарҳанги Аҷам дар ҳаққи забону маданияти қавму мардуми ғайр бадгӯйӣ накарда, урфу одатҳойи ягон халқро нах назада, аз рӯйи хусумати миллию мазҳабӣ ва ё кини таърихӣ ба иззати нафси мардуми ягон марзу буми бегона нарасидааст. Баройи ба ин хулоса бовар кардан як навиштаҳойи Абӯрайҳони Берунӣ «Осор-ул-боқия» ва «Мо-ли-л Ҳинд»-ро варақ зада баромадан кофӣ аст. Аллома Берунӣ, ки ҷиҳати сахтгирӣ машҳур аст (инро аз оҳанги баҳсҳойи ӯ бо Абӯалии Сино пай бурдан осон аст), дар ин китобҳо урфу одат ва ақидаҳойи халқҳойи мухталифро бо эҳтирому эҳтиёти тамом нақлу нақд кардааст.

Дар ҳилоли чунин тариқи одаму оламшиносӣ хусусан шаҷарайи таърихию фарҳангии ҷашни Наврӯз ойинайи ибрат мебошад. Наврӯз иди пирӯзӣ бар халқе ва ё соати наҷот аз хатаре нест; хусусан рӯзи қасос аз душмани сохта ё бофта набувад, ки аз маросими хусуматомезона сӯзонидан ё калтаккӯбӣ кардани хӯсааш ва ё лаънат хондан ба аҷдоду авлодаш иборат бошад. Хусусияти таваҷҷӯҳангези Наврӯз ин аст, ки ҷашн ба ягон воқеайи сирф қавмӣ, миллӣ ё маҳаллӣ бахшида нашудааст.

Суннати асили халқу кишвар ҷашнро ба воқеаҳойи бузурги кайҳонию ҳамосие мепайвандад, ки ба сарнавишти ҳамайи фарзандони

Одам нисбат доранд. Офаридани Офтоб ва замину осмон, ба ҳаракат овардани фалакҳо ва сохтани сараҷдоди Одам аз ҷумлайи ҳамон воқеаҳойи куллианд, ки Абурайҳони Берунӣ бори нахуст рӯйхат карда як ба як шарҳу тафсир дода буд.

Умдаи хулосаи ӯ чунин аст: «Наврӯзи нахустин аввалрӯзест аз замона ва бад-он фалак оғоз гашт».

Наврӯз дар радифи ҷашнҳойи халқӣ ҳамагонитарин дар ҷаҳон аст. Аз назари илми ситорашиносӣ ҳамагонӣ будани иди Наврӯз тамоман равшан бувад: эътидоли баҳорӣ (баробар шудани шабу рӯз), ки Наврӯзи моро ҳусни оғоз бахшида, дар ҳамагуна солшумориҳойи шамсӣ — аз тақвими Майа гирифта то таърихи Ҷалолӣ — мазкур аст. Ин рӯйдоди астрономиро аҷдоди тоҷику эронӣ кашф накардааст (Онро бори нахуст ситорашиноси Юнони Қадим Ҳиппарх илман шарҳ дода буду ҳайатшиноси араб Собит ибни Қурра ҳаматарафа омӯхта).

Сари сол ҳисоб кардани эътидоли баҳорӣ ҳам пешниҳоди ягон фарди ориёӣ набуд. (Инаш хидмати сомиёни аҳди бостон аст.) Лекин маҳз хуросониён буданд, ки эътидоли баҳориро дар таркиби суннати маънавиашон рӯҳонида ба вай ҷомайи зарбофти фалсафию динӣ пӯшониданд. Албатта, Наврӯз як навъ холи модарзод ҳам дорад, яъне фарҳанге, ки ӯро зодааст, дар чеҳрайи маънавии ин ҷашни бостонӣ нақши равшан боқӣ гузошта. Манзурам фақат номи ид (Наврӯз) нест. Наврӯз ба сони Ҷоми Ҷам одобу ойини мардуми муқиминишину зироатпарварро инъикос мекунад. Дар айни замон, бо вуҷуди ин ки вай яке аз меҳварҳойи муҳимми хештаншиносии ориёӣ бувад, ба куллияти хеш қавмгаро нест, андаруни суннати фарҳангии нажоди ҷудогона маҳдуд намондааст. Гарчанде ки дарахти сершоху барги Наврӯз дар хоки ориёзамин рӯйидаст, худи ҷашн фақат баройи мардуми эронитабор таъйин нашуда. Одоби иди сириштан осмонгаройи мо бар замини эътиқоде бунёд афкандааст, ки бо забони ҳол мегӯяд: Наврӯзро вакили мутлақи Худованди Некӣ баройи ҷумла мардуми некдил, аз ҷумла, ба қавли Хайём, «подшоҳони некаҳд», ойин овардааст.

Дар воқеъ, сабаби умдайи ҳамагонӣ будани иди Наврӯз, боз аз қавли Хайём гӯям, аз он бармеояд, ки ҷашнро «аз баҳри бузургдошти Оф-

тоб» таъсис дода буданд. Ва ойинаш ин буда ки «ҷаҳониён (таваҷҷӯҳ кунед: маҳз ҷаҳониён, на ин ки як худи ориён ё эрониён!) чашм бар вай доранд ва андар вай ба ҷалолу таъзим гиранд».

Ба иборати дигар, Наврӯз ҷашни зодрӯзи Офтоб мебошад, чаро ки бо хости Яздони Гаргар ӯро дар силсилайи маротиби ҳастӣ волотарин мақом насиб шуда: «Эзади таоло Офтобро аз нур биёфарид ва осмонҳо ва заминҳоро бад-ӯ парвариш дод». Аз ин ҷост, ки ашрофи ақлияи даврайи Эҳёи Аҷам (хосса Абӯрайҳони Берунӣ ва Умари Хайём) Хуршеди осмониро бо Меҳри рӯҳонӣ баробар карданд, ки дар аҳди ориён Эзиди фурӯғу рӯшноӣ ва паймоншиносиву дод ба шумор мерафту дар аҳди Зартушт ба дастёру коргузори Аҳура Маздо табдил ёфт. Хулосайи калом, Наврӯз дар воқеъ ҳамагонитарин ҷашни соли нав аст ва аз ин ҷиҳат ягон иди дигар ба ӯ лофи баробарӣ зада наметавонад!

***

Камоли ифтихору сарфарозиҳойи мост, ки акнун Наврӯз мувофиқан ба миқёси азаливу муносибан ба мартабайи аслиаш ба арсайи ҷаҳони мутамаддин баромада ба ҷодайи ҷаҳонисозӣ ворид шуд. Аз ин рӯ, айни муддаост, ки камоли матлуби ҷашни бостониамонро дар қиёси арзишҳойи маънавии ҳамагонӣ дида бароем.

Наврӯз дар байни ориёни шарқӣ зуҳур карда, дар заминайи суннати рӯҳонии онон бунёд ёфта бошад ҳам, аз рӯйи сиришту рисолаташ иди як халқ, гурӯҳе аз ақвоми одамӣ ва ё ҳатто қитъае аз рубъи маскун набуд. Наврӯз ҳамчун ҷашни зодрӯзи Хуршеди оламоро, мисли худи сарчашмааш Офтоб, ки баройи ҳамагону ҳамаҷо ҳамрӯза нуру гармо меафканад, сарвати ҷумла фарзандони Одам аст! Дар ин росто фаромӯш намекунем, ки бунёдгузори Наврӯз Кайумарс саравлоди одамизод муаррифӣ шудааст ва низ муассиси ҷашн Ҷамшедро подшоҳи «ҳафт кишвар» мехонданд, ки тамоми арзҳойи ҷуғрофиро фаро мегирифт.

Архетипҳойи фарҳангии ҷашни Наврӯз аз хайрандешию некбинии кайҳоншумул саршоранд. Бесабаб нест, ки муосирони Абурайҳони

Берунӣ Наврӯзро «Рӯзи умед» мехондаанд. Худи Берунӣ Наврӯзро «пешонии соли нав» ном додааст, ки фақат ба хотири тарзабонӣ набуд; маънии маҷозии «пешонӣ» бахт ва иқбол аст. Аз ин ҷиҳат як хабари таърихнависy ҷуғрофидони Юнони Қадим Страбон низ ҷолиб бувад, ки гуфта: дар Эронзамин дар рӯзи эътидоли баҳорӣ ақди никоҳ мебанданд.

Умеди наврӯзӣ дар ғояти беғайратию бепарвойӣ ба умеди неъмати осмонрез ё ганҷи бодовард нишастан нест; хосса аломати ризо ба қазо набувад. Ҳикмати халқӣ мефармояд: «Дунё ба умед аст». Вале ҳикмати дигар низ ҳаст, ки огоҳ мекунад: «Ба умеди худо нашаву буттаро дор»! Ин ҳазли идона нест, баҳрайи таҷрибайи рӯзгор аст, ки дар дигар мақоли тоҷикӣ «ҳаракат аз ту (Одам), баракат аз ман» (Худо) таҷассум ёфтааст.

Дар зимни ин аз ду унсури муҳимми ойини ҷашн ёдовар шудан бамаврид бувад, ки низ ба фаъолияти хоси иҷтимоию фарҳангӣ даъват мекунад. Бино ба ақидайи урфӣ, дар рӯзҳойи ид фариштагони некӯкор аз осмон ба замин мефароянд. Ва аммо қосидони фалакӣ ба хонаҳое ташриф намеоваранд, ки (1) онҳоро рӯбучин накардаанд ва ё (2) миёни аҳли хонавода сулҳу салоҳ нест.

Ба таъмими ин ду ойини наврӯзӣ пардохта метавон гуфт, ки онҳо ба шуури иҷтимоию фарҳангии асри мо роҳ ёфта, аҳамияти хоси гуманистӣ пайдо карда метавонанд. Чунончӣ, ҳудуди хонаро то ҳаҷми дунё васеъ намуда, зарурати рӯбучини идонаро бо даъвати экологияи муосир қиёс кардан шояд, ки ифлос накардани муҳити зистро тақозо менамояд. Гузашта аз ин, дар контексти аркони ахлоқии одобу ойини Наврӯз (парастиши покӣ, махсусан парвариши муносибати нафратомезона ба дурӯғу дурӯягӣ) худи мафҳуми экологияро дар илми ҳозиразамон такмил додан мумкин аст. Аз ҳисоби масъалаҳойи ҳифзи муҳити маънавӣ васеъ ва ғанӣ кардани мавзӯйи экологияро дар назар дорам, ки ҳоли ҳозир танҳо тарзу тариқи ҳифз кардани муҳити зистро баррасӣ мекунаду бас.

Дар шароити кунунии густариши раванди ҷаҳонисозӣ аҳамияти экологияи тамаддун аз экологияи табиат бештар набошад ҳам, камтар

нест. Хусусан ки ҳар ду ба ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд: ифлос ва вайрон шудани табиат дар басе мавридҳо натиҷаи касифию харобии фарҳанг аст. Аз ин рӯ, айбу аҷаб нест, ки ҳифзи худвежагии фарҳангҳои миллӣ аз тариқи пешгирӣ кардани нуфузи маданияти оммавӣ ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз табдил ёфтааст.

Дар санадҳои умдаи Созмони Милали Муттаҳид — аз Эъломияҳои ҳазораи Ассамблеяи Генералӣ гирифта, то тавсияномаҳои сершумори ЮНЕСКО — даъват ба муколама дар ҳама сатҳу савияҳои муносибати байнулмилалӣ бо талқину таъкиди зарурати расидан ба ҳусни тафоҳуми фарҳангӣ, вусъат додани таълиму тарбияи таҳаммули динӣ ва пешгирӣ кардани бегонаситезӣ ва қавмпарастию миллатгароии ифротӣ ҳамроҳ меояд.

Комилан табиию куллан рамзист, ки ақидаи гуфтугӯи тамаддунҳоро маҳз Эрон пешниҳод кард, ки дар баробари дигар халқу кишварҳои форсизабон меросбари таърихии ҷашни Наврӯз аст. Эрон қисми таркибӣ ва ҷудойинопазири ҳамон Ориёзамини бостонист, ки дар муҳити маънавиаш гуманизми комилан нав ташаккул ёфт. Маҳз Саъдии Шерозӣ буд, ки дар камоли инсондӯстӣ фарзандони Одамро аъзои як пайкари маънавӣ дониста, ваҳдати азалӣ ва абадии башариятро андар замону макон талқин ва таъкид кардаст:

*«Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.»*

Дар шарҳи маънию маслаки хоси ин манзумаи фалсафӣ, ки ба камоли матлуби Созмони Милали Муттаҳид ҳамсангу ҳамоҳанг аст, аз маъқулае ёд мекунам, ки ба ҳама шинос бошад ҳам, дар Аҷам ба мазмуне корбаст шудааст, ки ба дигар фарҳангу тамаддунҳо хос нест.

Манзури назарам мафҳуми башарият мебошад. Ба наздики уқалою удабойи бедормағзи даврайи Эҳёи Аҷам, ки худаш як баҳори пуррангу пурнаими таърихи ориёнзамин буду оғозаш Наврӯзи гулхези ховарон, башарият на фақат аҳли замона, яъне муосирон, балки ин-

чунин аҳли адам, яъне аҷдоди гузашта ва авлоди ояндаро низ баробар фаро мегирад.

Ба забони фалсафӣ гӯям, дар таркиби ҷаҳоншинохтии бостонии эронию туронӣ маъқулайи «замони иҷтимойӣ» маънию маслаки нодире пайдо карда буд, ки то замони мо ҳифз шудааст: вақт ба сони рӯди кӯҳсор якҷониба ҷорист, вале ҳар як лаҳзааш буду шуди ҳофизайи таърихиро мисли Ҷоми Ҷам инъикос мекунад. Бинобар ин ҳар як насли тоҷику эронӣ Рӯдакию Фирдавсӣ, Бӯалию Берунӣ, Румию Ҷомӣ, Саъдию Ҳофиз, Иқболу Айниро ҳамчун муосиру мусоҳиби зинда мепазирад. Хусусан ки забони муштараки мову он бузургон порсӣ-дарӣ-тоҷикӣ, бо вуҷуди он ҳама баҳрае, ки аз дигар забонҳо, ба хусус арабӣ, бардоштааст, ба куллияти хеш тағйир наёфта ва ба аҳли саводи Эрону Тоҷикистону Афғонистон куллан мафҳум мебошад.

Моя ва маслаки қадимтарин ҷашни мардуми ориёнитаборро метавон дар чорчӯби мафҳуми куллии пайванд баён кард: Наврӯз хешу табор, як наслро бо насли дигар, наслҳоро бо аслҳойи ҳастии иҷтимойӣ, гузаштаро бо ҳозира, ҳозираро бо оянда ва дар ниҳояти силсилайи робитаҳо ва нисбатҳо Олами Сағир (Инсон)-ро бо Инсони Кабир (Коинот) мепайвандад. Пайвандгоҳи ин ҳама васлҳо монанди ҳамон замини барӯманди афсонавист, ки такягоҳу такондеҳи Антей ном қаҳрамони як устурайи машҳури юнонӣ буд: ҳар боре, ки ӯ дар ҷанги тан ба тан бемадор мешуд, ба замин (тимсоли модараш) даст расонда қуввату қудрати нав мегирифт.

Наврӯз ҳам баройи ҳар фард ва ҳар халқи некиродаю боғайрат рӯзи андӯхтани қуввату қудрати тозайи рӯҳонию равонист. Шоири донишманди мо Анварии Абевардӣ, вақте ки дар оғози баҳори Аҷам аз нашъунамойи табиат болида «боз ин чӣ ҷавонист заминрову замонро» гӯён хитоб мекард, яқинан маҳз аз бӯъди иҷтимоии ҳамин нерӯйи эҳёии Наврӯз ба ваҷд омада буд...

*Акбари Турсон*

*Моҳи марти соли 2022*

# «ДАР СУРОҒИ БАРОДАРЕ, КИ ДӮСТ БОШАД...»

*«Афсӯс бар мо! Афсӯс бар мо!.. Мо, мардум, ҳама вақт дар фикри хиёнат намудан ба бародарони худ буда, ҳуқуқи якдигарро ғасб ва тасарруф мекунем. Кори мо тақаллуб ва дурӯғу фиреб аст... Оҳ, агар аз паси имрӯз бувад фардое!»*

— МИРЗОСИРОҶИ ҲАКИМ, ТАҶАДДУДХОҲИ ТОҶИК, БУХОРО, СОЛИ 1910

**БАХШИ АВВАЛ: ҲАМЛА БА АЙНӢ**

Бархилофи ҳақиқати таърихӣ ё муболиғаи таърихнигорӣ набуд, агар гуфта шавад, ки дар аввалҳои садаи бист дар сартосари қаламрави Хуросони Бузург як тоҷики бедормағзу равшанравон мезист, ки арзи гузаштадониву тӯли фарҳангшиносиаш ба жарфои ҳисси ватанпарастии асилаш тавъам буд. Вай аз шарикдарсон, ҳамкасбон, ҳамкорон ва мудаққиқони ҳамзабону муҳаққиқони ҳамзамонаш аз рӯйи вусъати хештаншиносии иҷтимоӣ ва махсусан умқи масъулиятшинохтии таърихӣ куллан фарқ мекард. Исми шарифи он ягонаи айём Садриддини Айнӣ мебошад, ки эшонро акнун ба унвони «Устод Айнӣ» хурду калон мешиносанд.

*«Ба парда то ба чандин рози тоҷик?*
*Биё, биншин, шунав овози тоҷик.*
*Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ*
*Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик!»*

Муроҷиатномаи манзум маҳсули қалами сеҳркирдор, вале соданавису ҳамагирест, ки дар як давраи сарнавиштсози таърихи сахту сангинамон ба гунаи фотиҳаи муборакбодӣ ба муносибати нашри нахустин шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» навишта шудааст. Ин порчаи шеърии меҳрангезу садоқатомӯзро бад-ин сурати рангину бад-он сирати амиқ ба унвони рӯзу рамзи ташаккули худшиносии фардию иҷтимоии тоҷик ва таҷассуми хештаншиносонии тоҷикон ба гунаи миллат пазируфтан мебояд, ки баёни воқеъ бувад.

Устод Садриддин Айнӣ рамзу рози як марҳилаи бузурги таърихи навинамонро таҷассум менамояд: замонаеро, ки ҳам аз рӯйи миқёсу аҳамияти воқеаҳои тақдирсозаш ва ҳам аз ҷиҳати фоҷианокии рангу раванди рӯйдодҳояш беназир будӣ!

Мунтақидони навбаромад Айниро ба он айбдор кардаанд, ки устод ба натиҷаи марзбандиҳои болшевикона розӣ шуда (ҳатто Самарқанду Бухороро Ҳофизвор ба як холи ҳиндуи русҳо бахшида будааст: маҷозан нею воқеан!) Ва аз ин рӯ минбаъд ягон бор ба чунин марзбандиҳои таърихан нодуруст ва ахлоқан ғаддоронаи Маскав эътироз накардааст; бе он ки низоми болшевикиро донад, аз он дифоъ намуда, ба хидматаш пардохтааст; алифбо ва забони форсигӯёни Осиёи Марказиро дигар карда, аз манофеи мардуми худ ҳимоят нанамуда, дар подош аз тарафи Сталин раиси Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин гаштааст ва ғайра ва ҳоказо.

Ин олимтарошҳо агар ба навъҳои эътироз ва фарҳанги он таваҷҷуҳ мекарданд, ба камияш дармеёфтанд, ки далели дар Самарқанд зистану аз он дил накандану ҳамеша пайванд будани Айнӣ бо ин шаҳр худ аломати эътирози ғайримустақим ва маҷозӣ ба натиҷаҳои ҳамон «табартақсим»-и сарзамини тоҷикон буд.

Гузашта аз ин, домулло Айнӣ бар хилофи бадгумонии мунтақидони беинсофаш ба эътирози мустақими илмӣ низ пардохта буд. Муҳимтарин санади таърихие, ки инро равшан тасдиқу таъйид мекунад, «Намунаи адабиёти тоҷик» аст, ки бо супоришу дастгирии моддию маънавии Ҳукумати ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон дар

ҳайати Узбекистон (мушаххасан Абдуқодир Муҳиддинов) сарбаландона анҷом додааст.

«Намуна» ду ҳадафи бармалои идеологию сиёсӣ ва маданӣ дошт: аввалан, собит кардани бостонитарин қавми минтақа будани тоҷикон ва сониян, вуҷуд доштани забони адабии тоҷик. Ҳамзамон домулло таъйиду таъкид карда ки забони тоҷикӣ усулан ҳамон забонест, ки муаррихони забонҳои эронӣ «форсии нав» унвон мекунанд. Ва ҳамин иқдоми таърихию фарҳангии Устод Айнӣ буд, ки рангу раванди баҳсҳои баъдинаро дар бораи хостгоҳ ва мақому мартабаи забони адабии форсӣ муайян кард.

Дар баробари ин эшон ба як хулосаи куллии таърихӣ омад, ки принсипи зиддитоҷикии марзбандии болшевиконаи Осиёи Миёнаро усулан барбод медиҳад: «Ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо (Варорӯду Хуросон — А.Т.) маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда; сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург ба номи тоҷик... дар ин ҷоҳост!»

Эшон бо ишора ба қавӣ будани истимрори суннатҳои маданиии тоҷикон низ афзуда, ки онҳо бар хилофи сахтиҳои таърихиашон то кунун «забон, урф, одат ва адабиёти худро батамом ва камол нигоҳ доштаанд». Ҳадафи мушаххаси ин хулосаи куллӣ тарғибот ва талқиноти туркгароёни вақт дар боби дар муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии туркони маҳаллӣ ҳаллу фасл шуда рафтани тоҷикон буд...

#### БАҲСИ «АВВАЛ ХЕШ, БАЪД ДАРВЕШ»

Аз ин рӯ, интиқоде, ки солҳои соҳибистиқлол шудани куҳандиёри навободамон дар муҳити худи Эрон ва пасон миёни эрониёни берунмарзӣ (муҳоҷирони ғарбнишин) мисли раъду барқ дар рӯзи равшан ногаҳон садо дод, моро ба гирдоби тааҷҷубу таассуфу тааррuз андохт! Манзурам мақолаҳои зиддитоҷикиест, ки аввал дар маҷаллаи эронии «Бухоро» ва дубора дар маҷаллаи форсизабони «Эроншиносӣ» (Амрико) дарҷ шуд.

Мутаассифона, ба иллати бепарвоии тоҷиконаи ҳамгинони ман дар Академияи миллии илмҳо ва Иттиҳоди нависандагон он ҳамлаҳо сари вақт аз ҷиҳати илмию адабӣ рад карда нашуд. Ва ҳол он ки навиштаҳои бародарони «ӯгай»-и мо фақат ғаддорона ва ҷоҳилона набуд; муаллифони ҳангоматалаби эронӣ зишттарин навъи танқидро интихоб кардаанд, ки дар муҳити илмӣ барҳақ интиқоди разилона хонанд: ба ҷойи таҳлили корномаи адабӣ ё илмии Устод Айнӣ, хосса ақидаҳои мушаххаси эшон дар забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва ё таърихшиносӣ, ба шахсияти ҳалолу поки ӯ дарафтода, ба сари он фарҳангии бузурги тоҷик гуноҳҳои сиёсиеро бор кардаанд, ки аз воқеияти таърихӣ фарсаххо дуранд!

Банда ҳоло банд ба банд танқидҳои сабукборонаи ин муаллифонро баррасӣ мекунам ва дар охири матлаб як пешниҳод дар миён мегузораму умедворам, он мавриди ҳимоят қарор мегирад.

Сардабирони маҷаллаҳои «Бухоро» (Алии Даҳбошӣ) ва «Эронишиносӣ» (Ҷалоли Матинӣ)-ро шахсан мешиносам, лекин одоби тоҷиконаро риоя намуда аз баёни таассуроти фардиам дар бораи шахсияти онҳо худдорӣ мекунам...

Дар оғози довариномааш Матинӣ менависад: «Ман тахассусе дар забони тоҷикӣ ва таърихи Тоҷикистон надорам!» Иқрори комилан дуруст! Ман вазифаи доварӣро ба ӯҳда гирифтани д-р Матиниро шунида, аввал хурсанд шудам. Ба ҳар ҳол ҷанобашон бо даъвати расмии ман ҳамроҳи марҳум Эҳсони Ёршотир ба Тоҷикистон омада, бо тоҷикон аз наздик шинос шуда буд. Лекин довариномаашро хонда, ҳуш аз сарам парид!

Ҷойи ҳайрат ва таассуф аст, ки ин шахс бо вуҷуди иқрораш, ки дар забони тоҷикӣ ва таърихи Тоҷикистон тахассусе надорад, ба худ ҳаққи маънавӣ медиҳад, ки даҳонашонро пур карда, корномайи устод Айниро арзёбӣ кунад; хусусан ки ин гуфтаашон нишони хоксорӣ не, балки ноз ва аломати ғурурест, ки намедонам чӣ гуфта нақд кунам.

Дигар иғвономайи Масъуди Ҳусайнипур ва Озитои Ҳамадонӣ «Аввал хеш, дувум дарвеш: нигоҳе дигар ба Садриддин Айнӣ» рисолаи илмӣ ва ҳатто эссеи адабӣ ҳам нест, ки онро ба ҷид таҳлилу таъбир

кунӣ; як мақолаи шогирдона, вале иқдоми пуриддаои сиёсимаобест, ки ҳатто ба иншои шӯравишиносони собиқи Ғарб ки ба шӯравиҳо (аз ҷумла тоҷикон) ҳусни таваҷҷӯҳ надошта бошанд ҳам, аз тӯҳмату дурӯғ худдорӣ мекарданд, лофи баробарӣ зада наметавонад!

Матинӣ аҳли саводи тоҷикро худкомона ба ду синфи мутазод: гурӯҳе, ки Айниро «хойин» ва иддае, ки вайро «қаҳрамони миллӣ» медонанд, ҷудо намуда, доварӣ кардан хостааст, ки «ҳақ бо кадом даста аст». Ҳамзамон довари сохтаном иқрор намудааст, ки «дар забони тоҷикӣ ва таърихи Тоҷикистон тахассусе надорам». Ин тавр ки бошад, ҷаноби олӣ, ҳаққи маънавӣ ҳам надоред, ки доварӣ кунед! Ин тақозои алифбоист дар нақди адабӣ ва андешаи илмӣ! Хусусан ки дар забони тоҷикӣ ҳам салоҳият надоштаед!

Ба ҳамин муносибат аввал ба як далели номатлуб ишора карда мегузарам. Ин вақтҳо дар доираи шӯравишиносони собиқ ва шогирдону пайравони онҳо «тоҷикшиносии сиёсӣ» ба як мавзӯи мубрам табдил ёфта истодааст — на ин ки аз ҷиҳати мазмун, балки ҷиҳати он ки ҳарифони ҳолдону ҳозирҷавоб надорад! Агар медоштем, ба ҳамлаи ҷоҳилона ва бадхоҳонаи айнишиносони навбаромади хориҷӣ кайҳо ҷавоби сазовор медодем.

Пас, аҷаб нест дар ҳамон доираҳо дарк кардаанд, ки мавзӯи тоҷику тоҷикшиносӣ мисли пеш соҳиб надорад; ба ҳар ҳол касе ба навиштаҳои онҳо эрод гирифта ҷанҷоли байналхалқӣ намебардорад! Агар ҳатто тоҷикшиноси сохтаном саводи кофии таърихӣ ва одоби илмӣ надошта бошаду ба унвони «кашфиёт» ё «бозёфт» ҳарза мегуфта бошад! Ку, ҳамон минтақашиносони «ҳақгӯ» дар ҳамон сатҳи илмию ба ҳамон оҳанге, ки «тоҷикшиносӣ» мекунанд, ба узбекшиносӣ ё қазоқшиносӣ пардохта ва ҷуръат карда хусусияти миллатсозиҳои болшевикиро дар мисоли таърихи навини Узбекистон ва Қазоқистон шарҳу тафсири сиёсӣ дода тавонанд?!

Ба гумонам, ҳамон Ҳусайнипур коршинос ё коромӯзи яке аз марказҳои аврупоии минтақашиносӣ дар Берлин аст. Чанде пеш аз ҳамон ҷо Бӯтакӯз Қосимбекова ном «тоҷикношинос» овоз баровардa, ба

шаҳрвандони ғофили Олмон ва сонитар Русия талқин карданӣ шуд, ки мафҳуми «тоҷикон» сохта ва бофтайи академик Ғафуров асту бас!

### «ОСОН МАГИР, ОСОН МАГӮ!»

Яқинан фалсафаи сиёсии конструктивизм аст, ки барои «пажӯҳиш»-ҳои Ҳусайнипур ва Қосимбекова раҳнамои методологӣ мебошад! Бо вуҷуди ин ба матни наққодони номбурда аз айнаки меъёри илмӣ нигоҳ мекунам. Ва мебинам, ки онҳо як иборои маҷозии Айнӣ «Аввал хеш, дувум дарвеш»-ро (зарбулмасале, ки Устод ба унвони сарлавҳаи яке аз мақолаҳои забоншинохтиашон кор фармудааст) ба сифати ҳамон «гиреҳ»-и гуфтаи Барт пазируфтаанд. Фақат ҳамин қадараш ҳаст, ки қаламбадастони ҳаваскор қавли Устодро таҳтуллафзӣ тафсир намуда («пеш аз ҳама манфиати худӣ, баъд — навбати дигарон»!), чунон ки конструктивистонро бояд, контексти таърихиашро сарфи назар кардаанд; донистан нахостаанд, ки он вақт Айнӣ чӣ қадар тангмайдон буду аз замона чӣ нигарониҳое дошт? Ва эшон ҳамчун шахсияти хештандор нигарониҳояшро ба чи тариқи ба назараш камзарар бартараф кардан мехосту ҳамон замон ва минбаъд бо чӣ муқоваматҳои идеологии хатарнок рӯбарӯ шудааст.

Матинӣ ва шарикони ҳаммашрабаш Айниро гунаҳкор кардаанд, ки бо ташаббус, маслиҳат ва ё ҳеч набуд, бо мусоидати хомӯшонаи эшон шӯравиҳо алифбои арабию форсиро дигар карданд! Ва ҳол он ки Айниро ба ягон ташкилот ё кумисюни алифбосозӣ ҳатто ба унвони мушовир ҳамроҳ накарда буданд! Чунончӣ, Устод ба Лоиҳаҳои лотинӣ кардани алиффбо, ки ба қалами Фитрат ва Семенов таҳия шуда буд, муносибате надоштанд! Аз ин рӯ ҳам дар мақолаҳояш дар ин мавзӯъ тазаккури «аз рӯйи шунид» дида мешавад. Ҳоло бигӯед, ки «аз рӯйи шунид», то куҷо далели илмӣ буда метавонад?

Дигар як тазаккури Айниро ҳам мулоҳиза фармоед. Дар оғози ҳамон мақолае, ки мавриди таҳлили интиқодии мунаққидони ғаразманди бесалоҳият қарор гирифтааст, Устод киноёмезона гуфтааст:

«Имрӯзҳо дар бораи чӣ будани забони тоҷикӣ мунозира ва гуфтугузор меравад. Азбаски бештарини ин мунозираҳо дар матбуоти русӣ ва бо забони русӣ гузориш ёфта истодааст, мо, нависандагони тоҷик, ки забони худро базӯр медонем — чӣ ҷои забони русӣ! — аз рӯҳи ин мунозираҳо ва аз чӣ иборат будани фикри ҳар кадом мунозиракунандагон бехабарем».

Пас, дар чунин вазъият устод Айнӣ чигуна метавонист ба рангу раванди баҳсҳои онвақта нуфузи муассир кунанд?! Осон магир, осон магӯ!

Рост, Айнӣ баъди қабули Лоиҳаи Фитрат таҳти унвони «Алифбои нав, дунёи нав» шарҳи илмию оммавӣ навишта буданд. Вале иқдоми эшон на хушомад ба давлат буду на хиёнат ба миллат! Наққодони ҳадафманд мақолаи Айниро зеҳн монда нахонданд ва муҳимтар аз ин, этоси таърихию иҷтимоии муаллифро нек дарк накарданд.

Як ҷиҳати хоссатан муҳимми ташаккули ҳувияти миллии тоҷикӣ ин буд: номвожайи қадими «тоҷик» фақат дар кӯҳистон монда буд. Дар Бухоро бошад, онро ҳатто Аҳмади Дониш корбаст намекард. Чӣ расад ба Файзуллохӯҷа, ки дар арафаи марзбандиҳои миллӣ аз минбари масҷидҳои шаҳр зери шиори «ин ҷо тоҷик гуфтанӣ халқ худаш нест!» туркгарой мекард.

Бино бар ин дар водиҳои тоҷикнишин исми асили форсизабонони таҳҷойиро аз нав эҳё намуда, дар ҳудуди консептуалии ин мафҳуми қадимзамон (ба қавли Айнӣ, таърихи номвожайи «Тоҷик» аз қарни ҳаштуми мелодӣ оғоз меёбад) ягонагии қавмии тамоми тоҷикони минтақаро барқарор кардан мебоист. Ин кори мураккаби таърихию маданӣ ва рӯҳонию равониро ҳам Устод Айнӣ ба зиммаи худашон гирифтаанд.

Он иқдоми илмию амалӣ тарафи муҳими байнулмилалӣ ҳам дошт, ки худшиносонӣ унвон мекунам. Чунонки гуфта омад, солҳои бист дар беруни Осиёи Миёна, ҳатто миёни донишмандони эроншинос, аз вуҷуди таърихии «тоҷик» ном халқи форсизабон дараке набуд. (Е. Э. Бертелс сахттар гуфта: «намедонистанд ва донистан ҳам намехостанд»!)

Мероси мадании тоҷикон бошад, андаруни мафҳуми «адабиёти форсӣ», «илми арабӣ» ва «тамаддуни исломӣ» ҳаллу фасл шуда рафта буд.

### РӮДАКӢ. АЙНӢ. СТАЛИН

Дар эътирофи ҷойгоҳи тоҷикон дар таърихи адабиёти форсӣ Устод Рӯдакӣ ҳамчун сардафтари ин адабиёти ҷаҳоншумул нақши марказӣ бозида метавонист. Вале маъхазҳои таърихӣ фақат гувоҳӣ доданд, ки зодгоҳи ӯ дар гирду атрофи Самарқанд будааст. Агар ин маълумот собит мешуд, дар ҳозира вазъи ҷуғрофию фарҳангӣ масъалаи аслу насаби Рӯдакӣ мавриди қилу қоли таърихдуздони найрангбоз қарор гирифта метавонист.

Рангу раванди чунин ҳаромкорию ҳаромхӯриҳои таърихиро аз рӯйи баҳсу мунозираҳои ғайриилмӣ перомуни аслу насаби Абӯалӣ ибни Синои бухоризода муайян кардан осон аст, ки ҳангоми ҷашни ҳазорсолагии Аллома ба вуқӯъ пайваст. Охир, кор то иваз кардани зодгоҳи таърихии нобиғаи тоҷик расид! Аз ин ҷиҳат хушбахтии мост, ки устод Айнӣ ҳама корашонро партофта, аз пайи ҷустуҷӯйи қабри Рӯдакӣ шуданд ва онро ёфта ва ба воситаи антропологи рус Герасимов чеҳраи он ҳазратро дар заминаи устухонҳои боқимонда барқарор кунонданд.

Дар хотимаи ин андеша ба унвони маъқул донистан ва таъйид кардани рафтору кирдори иҷтимоии Устод Айнӣ як хулосаи куллии худамро афзудан мехоҳам, ки аз ҳидояти ҳикмати таърих ва фалсафаи фарҳанг бармеояд. Албатта, аз рӯйи суннати мадании Эрону Турони бостонӣ асолату рисолати аҳли соҳибхирад дар пешгоҳи набарди ҳамешагии Хайру Шар будан аст. Аммо мувофиқи тақозои худи ҳамон суннат фозилонро боястӣ даставвал мувофиқ ва мутобиқ ба мантиқи ақлу адл амал кардан; силоҳашон ҳам комилан дигар будааст: на гурзи якзахм, балки муколамаи гуногунҷиҳатае, ки ҳадафаш ҳусни тафоҳум бошад, яъне расидан ба ҳукми илмию фалсафие бо-

шад, ки аз файзи ахлоқи воло мунаввар ва аз таҷрибаи рӯзгори воқеӣ баҳравар гардида.

Чунонки дар таърихи илму ҳикмат аз аҳди Закариёи Розӣ ин ҷониб мазкур аст, ки бархӯрди ақлу адл, набарди ҳамешагӣ будаасту ҳадди аксар тавъам аҳли фазлро боястӣ тиббӣ рӯҳониро касб кардан, на ин ки ба ҷарроҳии иҷтимоӣ пардохтан. Ва дар ин ҷодаи Худофармуда барои фозилон сӯзангарӣ фарзи айн будааст, на оҳангарӣ! Дар воқеъ, кореро, ки сӯзани хурду хӯрдабин сарфакорона ба ҷо меоварад, найзаи сарфароз, ки барои сарбурӣ сохтаанд, анҷом дода метавонад?!

Матинӣ бе такя ба ягон факту далел мегӯяд, ки Айнӣ таҳти ҳимояи зимнии Сталин қарор дошт, чаро ки «Сталин ҳам дар поёни умри Айнӣ бо баркашидани вай ба мақоми раёсати Фарҳангистони улуми Тоҷикистон аз ӯ ба навҳи шоистае қадрдонӣ кардааст»!

Ва ҳол он ки дар даврони Сталин ҳам Президенти академияи илмҳоро худи академикҳо интихоб мекарданд! Сонӣ навбати ҳукумат мерасид: вай қарори олимонро расман тасдиқ мекард. Дар мавриди Тоҷикистон ёдоварӣ кардан даркор аст, ки устод Айниро ба вазифаи Президенти Академияи навбунёд (1951) Бобоҷон Ғафуров пешниҳод кард, ки худаш аз рӯйи ихтисоси «таърих» академик интихоб шуда буд!

Дар зимни ин бояд таъкиди вижа кард, ки Устод Айнӣ сазовортарин номзад ба вазифаи президенти академияи илмҳо буд.

«Садриддин Айнӣ амалан мудофеи сиёсати Сталин аст, бе он ки аз вай ном бибарад» — қотеъона хулоса мекунад Матинӣ ва мепурсад: «Оё Айнӣ фақат аз бими ҷон ин гуна мавзӯъотро мавриди таъйид қарор медодааст? Оё метавонистааст бо сиёсати Сталин мухолифат кунад ва зинда бимонад?»

Ин саволро аввал ба худи пурсанда додан мебояд: оё д-р Матинӣ ҳангоми дар Эрон буданашон метавонистанд бо назариёти инқилоби исломӣ мухолифат кунанд ва пасон зинда бимонанд? Ва аз он ки эшон ба Амрико муҳоҷират карданро афзалтар донистаанд, метавон натиҷа гирифт, ки ҷавоби суол манфист! Як дӯсти рӯзноманигорам нақл кард, ки ҳангоми сафараш ба Душанбе Матинӣ аз вазъи мардум

дар Эрон шикояти зиёд мекард. Ин хабарнигор аз ӯ пурсидааст, пас чаро мардум эътироз намекунанд? Посухи Матинӣ ин буда, ки зери мили силоҳ чӣ гуна метавон эътироз кард?

Аҷаб аст ин ҳама фикру зикре, ки берун аз матни замони воқеан хатарноки Айнӣ баён (на андеша!) шудааст! Дар суннати ахлоқии тоҷикон, агар шахсе аз хатари марговар эҳтиётан ё тасодуфан наҷот ёбад ё ёфта бошад, «Худо худаш ӯро дар паноҳаш нигаҳ дошт», «Худо раҳмашро хӯрд»-гуфта, хурсандӣ мекарданд. Аз афти кор, бархе бародарони эронии мо дар арзи муҳоҷирати дуру дарозашон на фақат ақидаҳои сиёсиашон, балки чеҳраи маънавиашонро ҳам дигар кардаанд, ки аз зинда мондани устоди муаззами мо, тоҷикон, хурсанд нашуда, баръакс ғамгин гардидаанд — айни ҳамон ҳасудони эшон ки солҳои панҷоҳи асри гузашта дар оғозгаҳи таъқиби нави сталинӣ (дар ғояти тааҷҷубу таассуфу тааррuз аз худ ва аз дигарон мепурсиданд: «Чаро Айнӣ ҳанӯз ҳам зинда аст, дар ҳоле ки ҳамсафу ҳаммаслаконашро кайҳо несту нобуд кардаанд?!» Аз ин рӯ дармекӯшиданд ҳамин ки фурсату имкони «мусоид» пайдо шуд, ба Устод неши заҳролуд зананд! Зимнан, на фақат душманон, балки шахсони дӯсттарош, аз он ҷумла шогирдон!

### ТАЛАБИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ ЧӢ БУД?

Чунончи, дар як номаи Устод Айнӣ ба Лоҳутӣ омада, ки дар айни авҷи террори сталинӣ ҳамшаҳрӣ ва шогирдашон Абдусаломи Деҳотӣ ба дафтари кории раиси вақти Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон Шанбезода рафта, аз номи шоирону носирони ҷавон талаб кардааст, ки ҳар чӣ зудтар маҷлиси Раёсатро даъват карда, дар он «Айниро фош кардан даркор аст»!

Матинӣ мисли тоҷиктабороне фикр меронад, ки онҳоро шоири тоҷик Бозор Собир барҳақ «араби хонагӣ» унвон кардааст! Дар Тоҷикистон аз ин «зоти шариф» бисёр буду бисёр аст. Дар охирзамони шӯравӣ сафи онҳо аз ҳисоби тамомкардагони факултаи шарқшино-

сии Донишгоҳи Душанбе ва мадрасаҳои Афғонистону Покистон афзуд, вале онҳо дар ҳайати аҳли саводи тоҷик ақаллияти ночизеро ташкил медиҳанд ва аз ин рӯ назари хоси онҳоро набоястӣ ба «афкори умум»-и интеллигентсияи тоҷик баробар донист!

Пеш аз ҷанг, ба қавли худи устод, як даста «нависандагони ҷавон ба пеши Шанбезода омада, таклиф кардаанд, ки маҷлиси расмӣ даъват карда, Айниро фош кардан даркор аст. Шанбезода ҷавоб додааст, ки агар билети ҳизбии маро зи дастам гиранд ҳам, бе ягон ҳуҷҷати расмие, ки исбот шуда бошад, ба дасти ман нарасад, ин корро нахоҳам кард»! Айнӣ дар ин бора бо як оҳанги танзу тааҷҷуб навиштаанд: «Хайрият, ки ман ба Союзи Нависандагони Тоҷикистон узв набудаам, вагарна маро кайҳо аз союз мебароварданд. Чунончӣ, баъзе касоне, ки дар Бухоро буданд ва умуман аъзои Союзи Нависандагон набуданд, дар Союзи Нависандагони Тоҷикистон мисли душмани халқ аз Союз бароварда, дар матбуот эълон карданд»! Баъди таҳлил карда баромадани «Дело»-и Айнӣ баъзе ҷиҳатҳои равонию равонкофтии масъала бароям андак равшан шуд.

Бино ба маводи мукотибаи саромадони «адабиёти советии тоҷик» Айнӣ ва Лоҳутӣ, Абдусаломи Деҳотӣ, ки Айнӣ бар ӯ ҳаққи устодӣ доштаанд, дар маъракаи «душманифшокуниҳо» фаъолона ширкат доштааст. Айнӣ аз Деҳотӣ коҳида, ба Лоҳутӣ навиштаанд, ки «ба вай чӣ ном доданро худам ҳам намедонам. Агар дӯсти ман гӯям, бояд дӯсти нодонам гӯям, ки аз душмани доно бадтар аст»!

Дар он замони фоҷиабаста сартосари кишвари шӯроҳо як муҳити тамоман номусоиди рӯҳонию равонӣ ба амал омада буд: барои наҷот ёфтан аз хатари марговари террори давлатӣ ҳатто писар ҷони падарашро ва баръакс, падар ҷони писари ҳамтанашро мефурӯхт. Чӣ расад ба муносибати устоду шогирд.

Ин падидаи психологию ахлоқӣ зода ё парвардаи хоси қарни бист набуд; вай радифи ҳамешагии рӯзгори инсони хокӣ будааст! Ҷиҳатҳои мусбату манфии феълу атвори одамизодагон одатан дар шароити сахту сангин, хусусан вазъи хатарнок ба андозаи назаррас зоҳир мешавад.

Дар чунин вазъи муташаннич саъю кӯшиши табиии одамӣ барои зиндамонӣ, ки онро дар илм инстинкт ё ғаризаи худнигаҳдорӣ гӯянд, дигарсиёҳкунӣ (дигарфурӯшӣ!) ба дастгоҳи хештандорӣ ё худнаҷотдиҳӣ табдил ёфта метавонад. Чунончӣ, бино ба шаҳодати Айнӣ, дар Бухорои охири асри нуздаҳ баъзе аз мулло ва муллобачаҳо «фалонӣ ҷадид аст»-гӯён бад-ин тариқ «ҷадид» набудани худро исбот карданӣ мешуданд. Дар шароити ҳукумати «диктатураи пролетариат», хабаркашӣ ё, ба истилоҳи ҳамонвақта гӯем, компроматҷӯйӣ андар тариқи зиндагӣ ё кору бори дигарон (ҳамсоягон, ҳамкорон ва ҳатто хешу табор ва дӯстон — аксаран ба гунаи тӯҳмати ноҳақ!) расм шуда будааст.

Ин ҳоли ногувори рӯҳонию равонии он замони муташанничро шоири куҳансоли мо Муҳаммадҷони Раҳимӣ дар мисоли муносибатҳои ду узви намоёни Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон ба ман шарҳ дода буданд. Онҳо на фақат ҳамсолу ҳамкасб буданд, балки бо ҳам рафоқат доштаанд. (Ман номи он дуро намегӯям; ҳардуяшонро шахсан мешинохтам ва ҳурмат мекардам. Мақсади ин навиштор ҳам дигар аст: психологияи сиёсии пурхатартарин ва нозуктарин марҳалаи таҳкими сохти шӯравӣ)

Дар авҷи васвасаи душманҷӯйиҳо (солҳои 1937-38) яке, оне, ки русидону донишманд ҳам буд, дар бораи дигаре ба НКВД пинҳонӣ маълумоти тӯҳматомез (донос) фиристодааст.

Он корманди идораи давлатӣ ҳам нархи пиёзу сабзиро напурсида аст (барои ин вай на фурсат дошт ва на имкону ҳавсала, аввал мебоист плани давлатии саркӯб кардани «душманони халқ»-ро ба иҷро расонидан!) Пас аз бозпурсии чандмоҳа «ҷинояташ»-ро исбот карда натавониста, маҷбур шудааст, ки айбдоршавандаро озод кунад! (Дар кори мураттаби идораи бехатарӣ ҳамингуна «инҳироф»-ҳои нодир низ мешудааст: бо истифода аз як ҳикмати мардумии рус гӯям, «и на старуху бывает проруху!»)

Вале аз назари илму амали равоншиносӣ ҷузъиёти қолиби воқеа ин нест; қолибтаринаш ҷавоби маълумотнависи худбин ба суоли ҷабрдида аст, ки аз вокуниши хоинонаи дӯсташ бағоят ҳайрон шуда пурсидааст:

— Ҳой, фалонӣ, чаро ту дидаю દониста ба ман тӯҳмат задӣ?!
— Агар онро наменавиштам, худамро ҳабс мекарданд!!!
Ин посух ба таҳлилу таъбири равоншиносӣ не, балки таҷассуси равонкофтӣ (психоанализ) ниёз дорад!

## «ЯКДИГАРРО ЗАДЕМ, ЯКДИГАРРО КУШТЕМ...»

Хулосаи калом мо, тоҷиконро набоястӣ ва нашоястӣ, мисли баъзе ҳамсоягонамон дар минтақа, ки аз ҳокимияти коммунистӣ назар ба мо бештар нафъ дидаанду акнун дар ғояти намакношиносӣ замони шӯравиро наҳ мезананд, ба он марҳилаи воқеан мураккаб, вале куллан дурахшони таърихамон ношукрӣ кардан.

Аз ин ҷиҳат «Ҳукумати шӯрой ба мо чӣ дод?» ном мақолаи машҳури Садриддин Айнӣ ҷолиб бувад, ки пас аз ду соли Инқилоби Октябр навишта шудааст. Устод дар мақолаашон тадбирҳои андешидаи ҳокимияти навро аз рӯи зарбулмасали «гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум» қадр кардаанд. Дар навиштаи мазкур нависандаи ватанпарвар дар зимни изҳори қаноатмандӣ аз тағйироти куллӣ дар зиндагии суннатии тоҷикони Туркистони Рус ҳамқавмони ғафлатзадаашонро даъват карда буданд, ки аз фурсати мусоиди иҷтимоию сиёсӣ ҳаматарафа фоида бурда «то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем». Хусусан ки ҳокимияти шӯравӣ «ҷаҳлу нодонӣ будани асли мараз»-и моро нек фаҳмида «аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод».

Садриддини Айнӣ дар баробари маҳви бесаводӣ дурандешона дархоста, ки «ба ислоҳи ахлоқ ва барҳам додани одоти разиламон бикӯшем». То чӣ андоза разил будани баъзе хулқу одатҳоямонро шарҳ дода, устоди дилсӯзу масъулиятшинос ба факту лаҳзаҳои нанговари таърихамон рӯ овардааст. Чунончӣ, дар ғояти дарду алам гуфта, ки дар гузашта мо «аввал шаҳр-шаҳр, қаря-қаря ва фирқа-фирқа шуда, якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, оқибат ба зери бандагии давлати

мустабидаи рус уфтодем. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, барои маҳв кардани якдигар ба пулисҳо, ба жандармаҳо, ба хуфияҳои давлати мустабидаи рус ёрӣ додем...».

Ҳам сабаб ва ҳам оқибати бадбахтиҳое, ки дар тӯли қарнҳо бар сари халқи азияткашидаи мо фурӯ рехтанд, бар асари мустақими он буд, ки мардум аз маҷрои умумии тараққӣ ва такомули таърихӣ берун монда буд. Ин омили таъйинкунанда махсусан дар оғози садаи XX нақши сарнавиштсозе аз худ гузошт. Ақибмондагии куллии иқтисодию норасидагии иҷтимоӣ, ҷудоии ҷуғрофию ҷудоиҷӯиҳои сиёсӣ, хешношиносии миллию хештандориҳои мазҳабӣ, ниҳоят, худфиканий равонию худшиканиҳои рӯҳонӣ дар маҷмӯъ ба беғайратию бефаъолиятӣ ва ҳатто беҳавсалагию бераҳбатии табақаҳои мухталифи ҷомеаи тоҷик, хусусан аҳли зиё, боис гардиданд. Ин ҳама омилҳои манфӣ рафта-рафта ба ахлоқу одоби иҷтимоӣ нуфуз карда, саранҷом дар психологияи инфиродӣ ва иҷтимоии қавми тоҷик бозтоб ёфтанд.

Ҳар чӣ ҳам буду набуд, даврони Шӯравӣ як қисми ҷудоинопазири таърихи навини мост ва онро бад-он сурату сирате, ки воқеан дошт, боястӣ дар ҳадди тафоҳуми таърихӣ пазируфтан ва арҷ гузоштан. Чунон ки мутақаддимини оқилу одил (дар навбати аввал Арасту, ки ӯро Шайхуррайис Абӯалӣ ибни Сино ба унвони «Муаллими Аввал» эътирофу эҳтиром мекард), гузаштаро ҳатто худоён ҳам тағйир дода наметавонанд!

Шояд низ афзудан: на фақат худои бутпарастон, хусусан худоёни юнонӣе, ки дар хилватгоҳе мавсум ба кӯҳи Олимп зиста ва шабу рӯз бо айшу ишрат саргарм шуда, парвое аз аҳволи заминиён надоштанд ва фақат ҳангоми ба қаҳру ғазаб омадан дар баҳру уқёнус тӯфон офарида ва ё заминро ба ларза оварда, аз вуҷуди худашон дарак медоданд. Зимнан дигар кардани гузашта аз дасти худоёни абарқудрати динҳойи яккахудойӣ низ намеояд, ки ба қавли Носири Хусрав метавонанд «дар як тарфатулайн замину осмон офаридан»!

Гузашта аз ин, ҷунбиши ҳар як зарраи «олами кавну фасод» таҳти назари ҳамабину назорати ҳамешагии Онҳо будааст! Шоирони шаккоки аҷамӣ — аз Умари Хайём гирифта то Лоиқ Шералӣ — ин талқи-

ноти қадимиро борҳо мавриди тааммули озодфикрона қарор додаанд. Аммо баъд... Андар сарнавишти бандагони Худои таоло аз рӯйи мантиқи афкору одоби рафтори бандагони ба замин рондашудаи Аллоҳи Акбар ҳукм кардаанд! Ва он гуфтаҳои манзуми як навъ озу нозест аз ақлу хираде, ки фақат ба Инсон ба унвони Ашрофи Коинот ато шудааст! Чунончӣ шоири миллиамон Лоиқ Шералӣ саволе ба миён гузошта, ки онро идомаи «Мунозира бо Худо» ном андешаномаи Носири Хусрав аз силсилаи «Фалакиёт» (шикоят аз Фалак ба маънии қазову қадар) пиндоштан комилан равост, ки гунаи фалсафии:

*«Ту худ девона кардӣ оқилонро,*
*Пасон девонагонро куштанат чист?!»*

Дар воқеъ ин суоли беҷавоб аз ҷумлаи пурсуковҳои фалсафии хайёмигуна бувад, на ин ки аз анвои муаммои илоҳиётномаи орифона; ҳадафи аслии андешаи шоири муосир низ дигар аст: ҳаёти абадию қудсии осмонӣ не, балки ҷомеаи бесомоне дар мадди назари ӯст, ки дар ҳамон олами кавну фасод аз номи Худои Раҳмону Раҳим ба коми ақаллияти нобакоре барқарор шудааст — як гуруҳи худхоҳу судҷӯе, ки ба кори худу бархудаш ҳамеша ҳушёр асту бас! Ва ҳамзамон ба эҳтиёҷоти рӯзмарраи шаҳрвандонаш мисли худоёни бутпарастон бепарвост!

Агар аз ҳамин кунҷи назар мантиқу мароми саволи Лоиқро баррасӣ кунем, равшан мебинем, ки вай рангу раванди бармалои иҷтимоию ахлоқӣ дорад. Ва бад-ин ин маънӣ инфиродию ҷовидонист: то одаму олам ҳасту хиради якрави адолатҷӯ ҳаст, зарурати чунин саволгузориҳои тасаввурӣ (бигузор якҷонибаву беҷавоб бошад!) дар таърихи ақлонии инсоният давра ба давра пеш омада, хиради беқарори Инсонро ба сӯйи дигаргунсозии тариқи таҳмилии рӯзгузаронии индунёӣ илҳому такон мебахшад! Аз ин маънӣ барои диндори муфаккир хештаншиносӣ калиди худошиносию дунёпаймойиҳост!

Чун мавзӯи андешаи фалсафию маънавии ман арзёбии культурологии корномаи иҷтимоию мадании Устод Айнӣ аст, андешаамро аз

тааммули муҳимтарин бахши фаъолияти иҷтимоию фарҳангии эшон сар мекунам, ки аз эҳёи миллат ва таҷдиди рӯҳи миллӣ иборат буд; бедории таърихию миллие, ки яке аз идеалҳои волои ҷадидгароиҳои тоҷикона дар ҳисоб меояд. Аз ин рӯст, ки аллома Бобоҷон Ғафуров нақши таърихии Садриддини Айниро барҳақ ба унвони «Падари миллати тоҷик» қадр кардааст.

Аммо дар роҳи амалӣ кардани ин камоли матлуб аввал бесаводиро миёни фуқарои пешин барҳам додан лозим буд, ки бе иштироки фаъолонаи давлату ҷомеъ имкон надошт. Аз ин мавқеи назар барои тезондани раванди кори созандаи таърихӣ ду омили халалрасон вуҷуд дошт, ки суръати татбиқи нақшаҳои дигаргунсозии ҷомеаи суннатиро суст мекард: якум, низоми суннатии маориф ва дувум алифбои мураккаби арабӣ, ки вобаста бо тарзу тариқи схоластию консервативи таълими онвақта барои хушсавод шудан меҳнати камаш бистсоларо тақозо дошт!

Ду тадбири муассирро пешниҳод карда буданд: сода намудани алифбо ва забон (осонфаҳм кардани он аз тариқи хотима додан ба истифодаи луғатҳои арабии касдону касмадон, монанди ҷамъбандиҳои шикастаи арабӣ ва ибораҳои дабдабаноки форсӣ). Аз ин рӯ ҳам Айнӣ бо пешниҳоди онвақта дар бобати ба унвони забони адабии тоҷик қабул кардани забони форсии эрониён розӣ нашуда, ба он тарзи сухан гуфтани тоҷиконро муқобил гузошта буд. (Манбаъи илҳоми Айнӣ хулосаи Вамберӣ андар вежагиҳои забони тоҷикон буд, ки давоми мустақими сабки хуросонии Фирдавсист.) Зимнан, Ҳофизи Шерозӣ донистани «тарзи сухан гуфтани дарӣ»-ро яке аз шартҳои лаззати эстетикӣ бурдани хонандааш ҳисоб мекард, ки шояд аз тоҷик будани аҷдодаш далолат кунад.

Иҷрои нияту мақсади муҳаққиқонаи Айнӣ кори саҳлу осон набуд; дар оғози солҳои бисти асри гузашта аз хоби гарон хезонидани мардуми ғафлатзада худаш як амру амали аз ҷиҳати иҷтимоӣ инқилобӣ ва аз лиҳози фардӣ қаҳрамоние буд беназир. Аз як сӯй фуқарои осебзада бар асари асорати 150-солаи ҷисмонию маънавии манғитҳо ва аз сӯйи дигар уламои хушкфикру тақлидкор, ки ҳайати онҳоро домулло

Айнӣ танҳо аз муллоёни худфурӯш иборат медонист. (Сонитар Устод ин ақидаашро ислоҳ кард.)

### «МАН АЗ ОСИЁ МЕОЯМУ ТУ МЕГӮЙӢ: ДӮЛ ХОЛӢ»

Агар аз рӯйи меъёру маҳакҳои маъмули таърихию фарҳангӣ қазоват кунем, бароямон равшан мегардад, ки бунёдгузори воқеии илми тоҷикшиносӣ ду алломаи охирзамони Шӯравӣ: Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров буданд. Айнӣ тоҷикшиносиро аз ҷиҳати адабию таърихӣ оғоз намуда, аз рӯйи суннати ҷадидгаройӣ ба танвири афкори мардум пардохт ва бо истифода аз сабақҳои таърихии ҷаҳониёни пешрафта аҳамияти бузурги маорифу илму донишро дар рушди иҷтимоӣ пайваста талқину таъкид мекард. Домулло барои ба хориҷа сафар карда, тариқи зиндагӣ ва омили тараққии ҷомеаи бегонагонро бевосита омӯхтан имкони модӣ ва баъдан тавони ҷисмонӣ надошт, лекин навиштаҳои дигаронро аз ин бобат бо диққати тамом мутолеа мекард. Аз онҳо барои халқе, ки таърихан қафомонда буду воқеан ғуломвор мезист, сабақҳои муҳиму муфид бардошта.

Яке аз ин гуна сарчашмаҳо «Туҳафи аҳли Бухоро» ном сафарномаи ҳамшаҳрии Айнӣ Мирзосироҷи Ҳаким буд. Мирзосироҷи Ҳакими Бухороӣ яке аз он мутафаккирони худогоҳ ва тадбирҷӯйи тоҷик буд, ки ӯро аз ин бахши нангини таърихамон ору нанг меомад. Ӯ баъд аз сафараш ба Аврупо унсурҳои номатлуби менталитети тоҷикро ҳадафи худинтиқодии миллӣ қарор дода, дар ғояти ҳасрат нигоштааст: «Афсӯс бар мо! Афсӯс бар мо!.. Мо мардум ҳама вақт дар фикри хиёнат намудан ба бародарони худ буда, ҳуқуқи якдигарро ғасб ва тасарруф мекунем. Кори мо тақаллуб ва дурӯғгӯиву фиреб аст... Оҳ, агар аз паси имрӯз бувад фардое!»

Ва агар фардои саодатманде, ки фаро расиданашро гузаштагони донишманду ватандӯстамон дар оғози садаи бист орзую ҳавас мекарданд, пас аз як аср ҳам нарасида бошад, масъала сари ҳамон ошу мош аст: албатта, минбаъд дахолату далолати ҳамсоягони дуру наз-

дикамон сарнавиштсоз буд, лекин асл ин ҷост, ки кирми дарахт аз худи дарахт аст.

Ҳақиқатан ҳам, дар айни замоне ки мардуми пешрафта ба қаъри зарра роҳ ёфта, қуввату қудрати бемисли атомро ром карда тавонистанд ва низ ба сайри фалакиёт баромаданд, мо ба ҷойи аз дастовардҳои тамаддуни мутараққӣ баҳра бардошта, шоҳроҳи рушду камоли миллиро ҷустан дар интиҳои садаи бисти мелодӣ бар асари ҳамон ҷаҳлу ҷаҳолат, боз аз қавли Айнӣ гӯям, «шамшери зангзадае, ки аз ниёгони худ ба мерос доштем, бар сари ҳамдигар зада шикастем»!

Бозор Собир дар руҷӯъҳои ҷолиби таърихиаш «қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест, саргузашти мардуми печидафарёди ман аст»-гӯён дар таъбири шоиронаи саргузашти печидафарёди мо таъбири аҷаб муассир ёфтааст: «мурда-мурда зиндагӣ карду намурд». Ана ин аст қаҳрамонии таърихии асил!

Ин нуктаҳо ба таҳлилу таркиби алоҳида ниёз доранд, бинобар ба тақвими се тахмини Матинӣ мегузарам, ки ягонтояш асосе надорад: устод Айнӣ (1) таълимоти марксистиро намедонист; (2) дар дониши адабиётшинохтӣ ба Бертелс лофи баробарӣ зада наметавонист; (3) шахсияте буд тамаллуққор ва ҳатто дурӯя. Худи Матинӣ зери байрақи сурх истода, гиристани Айниро аломати тақаллуб ё ҳатто дурӯягӣ таъбир мекунад ва зимнан менависад: Айнӣ «инқилобро «мавҳабате (ато) азим мешуморад ва бе он ки чизе аз он бидонад, ба сурудани ашъори инқилобӣ «ба шарафи инқилоби Уктобр», «Марши ҳуррият» ва «Инқилоб» мепардозад ва ба коммунистҳо мепайвандад (?) ва аз тарафи коммунистҳои Бухоро барои навиштани паймонномаҳо роҳии Тошканд мешавад. Дар дарвозаи Бухоро аз тарафи болшевикҳо (!) ва дар ҳоле ки дар зери парчами сурх истода будааст, ончунон мавриди истиқбол қарор мегирад, ки аз шиддати шодӣ ба гиря меафтад.»

Ин ҷо Матинӣ ду воқеаро, ки дар макону замонҳои гуногун, бо иштироки тоифаҳо ва дар шароити мухталиф содир шудааст, қасдан аз тариқи монтаж ба ҳам пайваста мисли муаллифони асарҳои детективии аҳди постмодернизм сужаи ба худаш даркориро сохтааст! Ва чун дар зимн сабаби асосии рух додани воқеаҳои мазкура-

ро нақл намекунад (чаро ки намедонад! Ё намехоҳад, чун ба тарҳи ӯ рост намеоянд), хонандаи ғофил яқинан гумон мекунад, ки Айнӣ он вақт узви Ҳизби болшевикӣ будааст! Лекин худи Матинӣ ба ин бовар надорад.

Муроди мунтақид аз даъвои ба «коммунистҳо пайвастан»-и Айнӣ ҳамчун шахси дурӯя қаламдод кардани ӯ ҳасту бас, ки аз сухани хотимавиаш мустақим бармеояд: «Дар ҳоле ки ба назари банда вай (Айнӣ) дар он ҳангом на аз мароми болшевикӣ чизе медониста ва на бо афкори Ленин — раҳбари инқилоб ошноӣ доштааст» (?!).

Ин «факт»-и биографӣ худаш аз кучост, ки мо намедонем?! Шояд ба забони гӯёи зарбулмасали тоҷикӣ ҷавоб дод: «Ман аз осиё меояму ту мегӯйӣ: дӯл холӣ!»

Сабаби ин ҳама сохтакориҳои хусуматангез чист? Ман онҳоро натиҷаи муносибати бадандешона мехонам! Дақиқтар мебуд, агар душманона менавиштам ва агар инро нагуфтам, ба хотири риояи ҳамон ойини бародарие нагуфтам, ки мунаққидони ҳавобаланд дар ғояти беодобӣ сарфи назар кардаанд — охир, аз бадандешиҳои оғоюн ҷо-ҷо бӯйи бади таассуб ба машом мерасад! Боз нисбат ба бародаре, ки аз рӯйи меъёри ахлоқии тоҷики шерозӣ — Саъдӣ — бо ӯ дӯст будан аз шартҳои муҳимми хешию ҳамтаборист!

Мутаассифона, таассуби мунаққидони Айнӣ ба сони тарошаи ногаҳон аз бом афтода нест, ки онро ба ҷид напазирем. Аллома Абурайҳони Берунӣ зуҳуроти таассубро дар раванди тадқиқоти илмию тааммули фарҳангӣ қатъиян маҳкум кардааст, ки бесабаб нест. Ба қавли ӯ, таассуб «чашмҳои биноро кӯр мекунаду гӯшҳои шунаворо кар месозад ва шахсро муътақид ба умуре менамояд, ки хираду дониш онро гувоҳӣ надиҳад» (Осор-ул-боқия, Д., 1990, с. 92)

#### «ХАЛҚИ МАН ОЛАМ ДИГАР ШУД...»

Агар дар сатҳи ҷаҳонӣ қазоват кунем, муболиға нахоҳад буд, агар гуфта шавад, ки он вақт тоҷиконро умуман намешинохтанд (ҳатто дар

илми ховаршиносии Аврупо, ба қавли Е. Э. Бертелс, «тоҷиконро намедонистанд ва донистан ҳам намехостанд»!) ё ки агар шиносанд ҳам, ҳастии таърихии онҳоро ба унвони як қавми худруставу аз ҷиҳати тамаддун ба форсҳо баробар эътироф намекарданд. Ба қувват гирифтани чунин нодидагириҳои таърихӣ, хусусан идеологияи пантуркистӣ сабаб буд, ки аввал дар Туркия ҳукумати маънавӣ дошту сонӣ тавассути туркони русиягӣ (тоторҳо) то Осиёи Марказӣ доман густард.

Мақсади умдаи ҳамлаи туркгароёни онвақта ҳувияти қавмию фарҳангии тоҷиконро барбод додан буд: аввал ин ки қавми тоҷик халқе будааст фаръӣ: аслан аз турконе таркиб ёфта будааст, ки бо таъсири мадраса ва эрониёни муҳоҷир забонашонро гум кардаанд. Дигар ин ки забони форсӣ, ки тоҷикон худро ҳомилу ҳомии он метарошанд, ҳеҷ гоҳ забони мардуми бумӣ набудааст; забони дарбору қишрҳои истеъморгари даврони феодалӣ буда! (Забони хонагии мардуми бумӣ бошад, чунон ки пантуркисти гузарои тоҷикзабон Беҳбудӣ исбот кардан мехост, туркӣ будааст!)

Ин тарғиботи идеологӣ ба рӯҳи ақидаи онвақтаи забоншинохтӣ рост меомад, ки забони форсиро дар Осиёи Миёна забони муҳоҷир мехонд: гӯё вай ба Пароруд (Варорӯд, Варозрӯд, Фарорӯд) пасопаси аскарони арабҳои мусулмон, хосса маволӣ (эрониёни асире, ки онҳоро арабҳо ҳангоми ҳамлаашон ба Мовароуннаҳр озод карда, ба сафи артишашон ҳамроҳ карда буданд) омада мондааст! (Мутаассифона, ин ақидаи ботил ба шоҳасари Бобоҷон Ғафуров низ роҳ ёфтааст, ки аз нуфузи мушовирони маскавии эшон буд.)

Худи оммаи тоҷикон чӣ?! Бо истифода аз як иборaи Нодири Нодирпур гӯям, ҳамқавмони мо онвақтҳо дар ҳоли «азхудгусастагӣ» қарор доштанд: худро «мусулмон» гуфта муаррифӣ карданашон танҳо ба хотири бузургдошти эътиқоди диниашон набуд; чунон ки Устод Айнӣ кушоду равшан гуфтааст, он замон мардуми тоҷик бар асари ҷаҳолати таърихӣ ва талқинҳои пантуркистӣ ҳатто номи қавмашро фаромӯш карда буд!

Аз ин рӯ чӣ ҷойи шикваю шикоят аст, ки солҳои бисту сӣ бисёр баҳсҳои сарнавиштсози таърихию фарҳангӣ бидуни иштироки фаъ-

олонаи худи тоҷикон, пеш аз ҳама аҳли зиё, гузашт. Чунки аҳли зиёи тоҷикон ҳанӯз ҳам ҳамон Аҳмади порина аст, ки буд. Турсунзода дар охирҳои умр ба ҳамқавмон муроҷиат намуда, бо як навъ оҳанги маъюсона гуфта:

*«Халқи ман, олам дигар шуд,*
*Ту ҳамон астӣ, ҳамон!»*

Рост, он вақт миёни аҳли савод интеллигенсия ба маънии комили истилоҳ, яъне аз ҷиҳати сатҳу сифати дониш ҳамрикоби ҷаҳони мутараққӣ будану аз рӯйи дараҷаи масъулиятшиносии иҷтимоию ахлоқӣ дар камоли хештаншиносиҳои ҷаҳоншумул ташаккул наёфта буд ва ҳанӯз ҳам ташаккул наёфтааст!

Солҳои бист, вақте ки масъалаи тағйири алифбо пеш омад (гузаштан аз хатти арабӣ ба алифбойи лотинӣ) як тоҷики босавод эътирози худро ба ин иқдом ба тариқи зерин баён карда буд: Мероси хаттии мо бузург аст, ҳамаи китобҳоямонро баргардон карда наметавонем! (Магар акнун мероси илмию адабии 70-солаи давраи шӯравиро ба ҳуруфи арабию форсӣ баргардон кардан осон аст?! Осон нест, вале имконпазир аст. Гап фақат болои ин аст, ки оё барои саросар бозгардон кардани тамоми осори адабӣ ва илмии даврони шӯравӣ ягон зарурати таърихию фарҳангӣ худаш буда бошад?!)

**ТАҒЙИРИ ХАТ**

Вале баргардем ба эроди Матинӣ, ки зимнан мепурсад: «Оё Айнӣ низ, ки дар он ҳангом соҳибқалами тавоно буда, наметавониста чунин мақолае бинависад ва мухолифаташро бо тағйири хат эълом кунад ва зинда бимонад?» Не, наметавонист! Чаро ки тағйири алифбо тасмими сирф сиёсию идеологӣ буд, ки худи давлат ба амал мебаровард! «Боло» ба донистани фикри «поён», аз ҷумла Айнӣ ягон ниёзе надошт!

Бино бар ин масъалагузорӣ ба гунаи «метавонист-наметавонист» ҷуз риторикаи сиёсӣ чизи дигаре нест! Дар омади гап аз як қоидаи нонавиштаи ахлоқӣ ёдовар мешавам. Ҳангоми аз назари интиқодӣ арзёбӣ кардани корномаи шахсиятҳои гузашта ду шартро риоя кардан даркор аст: (1) пеш аз он ки гуфтор ё кирдори касе тақвиму тақдир карда шавад, аввал бояд муқаррар кард, ки вай дар чӣ замоне ва чӣ гуна шароите мушаххас сурат гирифта ва ангезаю заминаи он дар воқеъ чӣ буда? (2) Моделли рафтори шахсиятро дар он шароити мушаххас боястӣ аз тариқи ҳузури хаёлии пажӯҳанда дар вазъияти мазкур барсохтан, яъне ки ба саволи «агар ман ба ҷойи он кас мебудам, чӣ мекардам?» ҷавоб ҷустан.

Аз ин ҷиҳат ман ба ҷаноби Матинӣ саволи ҳамгун доданиам, чунки рафторашон ҳангоми дар Эрони инқилобӣ буданашон ба марому мазмуни тақозои додситонаашон аз Айнӣ ба ҳеч ваҷҳ рост намеояд!

Дар воқеъ, Матинӣ ҳамчун яке аз эроншиносони намоён, ки ба дигарон ҷасорати муқоваматро ба идеология ва сиёсати ҳоким таълим додан хоста. Албатта, ин корест муҳиму муфид, вале ин ҷо саволе пеш меояд: чаро худаш пас аз Инқилоби Исломӣ дар Эрон ба ҷойи дар ватан истода ақидаҳояшро ошкоро гуфтану дар ҷараёни баҳсу мунозара бо дастандаркорони ҳокимияти нав мавқеи шаҳрвандиашро ҳимоя кардан ба Амрико рафта, паноҳандаи сиёсӣ шуд? Охир, дар он ҳангом (1979) эшон мансабдори соҳибном будаву (Сарвари Донишгоҳи Машҳад) олими соҳибқалам! Магар наметавонист, мақолаҳо бинависад ва мухолифаташро ба низоми нави сиёсию мазҳабӣ ошкоро баён кунад? Модом, ки ин корро накард, аз ягон чизе ҷиддитару муассиртар (ҳаёт ё мамот?!) андеша дошт?!..

Ана боз як намунаи кашфиёти сиёсии «Тоҷикистоншинос»-и навбаромад Матинӣ: «Тақрибан бо итминон метавон гуфт, ки то сол и 1924, ки Ленин зинда буд, мавзӯи «забони тоҷикӣ» ба ҷойи истилоҳи «забони форсӣ» матраҳ набудааст» (?!) .

Яъне ки чӣ?! Ленин назар ба Сталин таърихи тоҷику эрониро беҳтар медонистааст?! Магар ҳамон Ленин набуд, ки тоҷиконро аз ҷумлаи мардуми таҳҷоии Осиёи Миёна ҳисоб намекард?! Дар Қонуни Асосии

Ҷумҳурии Мухтори Бухоро, ки дар айёми зинда будани Ленин ташкил шуд, низ ному нишоне аз тоҷикон набуд! Агар тоҷикро аз ному нишони расмӣ маҳрум карда бошанд, мавзӯи бо «забони тоҷикӣ» иваз кардани форсӣ чӣ гуна матраҳ мешудааст?! Ақлу фаросати сиёсатшинохтии мани файласуф ба асли мантиқи ин ҳукми филологӣ расида наметавонад! Балки Матинӣ дар Амрико ягон далели нави хаттӣ ба даст оварда, ки мо ҳамагон аз он ғофилем, гарчанде ки калиди бойгонии Устод дар дасти мост?!

### «ДУНЁИ ҶАДИД» ВА «КОРИ ФАРҲАНГӢ» ЧИСТ?

Дурони бебасар аз тариқи хурдагириҳойи нораво ва носазо ба рӯзгори дурахшони Садриддини Айнӣ, ки ҳамроҳ бо фаъолияти пурсамари миллатшиносию миллатшиносонӣ ҷараён дошт, беадабона дахолату далолат намуда, симойи маънавии ӯро таҳриф (сиёҳ!) карданӣ шудаанд, вале тири заҳрогинашон ҳамоно хок хӯрдааст! Ноқидони бадхоҳ дар хотимаи мақолае, ки саропо аз хусуматгариҳои моҳиятан сиёсӣ, таърихан бебунёд ва ахлоқан нопок иборат аст, бародарнамои ба назар «хоксорона», вале ба ботин писхандомезона афзудаанд: «Ин навишта дар муқобили мақолоти дигар тавонои баробарӣ дар ситоиши аллома Айниро надорад, вале шояд ишорае ба пажӯҳишгарони дунёи ҷадид (!) бошад, ки дар кори фарҳангӣ (?) як нигоҳи мунтақидона ба паси ҳиҷоби ситоиши ҳамагонӣ (!) ва беқайду шарт ҳаром нест»...

Яъне ки муаллифони гумном, вале ҳангомаҷӯ, хостаанд, ки худашонро ба сафи айнишиносон ворид намуда, навиштаашонро ҳамчун «бозёфти» муҳаққиқони беғаразі ҷӯяндаю ёбанда вонамуд кунанд.

Аммо баъд... танқидномаи Ҳусайнипур ва Ҳамадонӣ (мақолайи пуриддаои Матинӣ низ!), аввалан, ба ҳеч ваҷҳ «кори фарҳангӣ» нест, ғайбатномайи сиёсӣ мебошаду бас. Сарчашмаи ғайбат бошад, бадгумонию бадандешист — айнан афкору аъмоли рӯҳонию равониест, ки Каломи Маҷид баробар маҳкум кардааст! Пас, мусаллам бувад, ки му-

аллифони номҷӯй Қуръонро ҳам нахондаанд! Вагарна медонистанд, ки Каломи Шариф ғайбатро тамоман ҳаром гардонидааст!

Дар воқеъ, Қуръон шахсияти инсон, аз ҷумла ному нанги шахсияти мурдаро муътабар дониста, дар ҳаққи ӯ беэҳтиромӣ карданро (хусусан ба гунайи тӯҳмати ошкор!) ҳамчун гуноҳи кабира сахт маҳкум мекунад. Ва зимнан Қуръон ғайбати одамро кори зишту манфур дониста, онро ба хӯрдани гӯшти мурдайи бародари ҳамтан монанд кардааст!

Иқрор мекунам: барои рад кардани матни даъвогарони навбаромад чандин табақ коғази сафедро сиёҳ кунам ҳам гапам тамом намешавад! Ҳар як мафҳум ё иборае, ки аз онҳо даъвойи худфурӯшонайи муаллифони мағрур таркиб ёфтааст, айнан ба ҳамон «нигоҳи мунтақидона» ниёз дорад! Ман ба чунин кори холӣ аз арзиши илмӣ на фурсат дораму на хоҳиш! Аз ин рӯ, фақат бо як-ду мулоҳизайи мушаххас ва куллӣ иктифо меварзам!

Дар воқеъ, муроди муаллифон аз «дунёи ҷадид» чӣ буда бошад? Замоне ки ман таърих мехондам, Амрикоро «дунёи ҷадид» мегуфтанд. Банда беш аз 17 сол дар муҳити академии ҳамон «дунёи ҷадид» сару кор доштам, вале аз забони ягон донишманди амрикойӣ (хосса тоҷикшиносон Ричард Фрай ва Ҷон Перрӣ, ҳатто аз ҷониби туркшиноси маъруф Олворс, ки яке аз классикони шӯравишиносии нешдори даврони «ҷанги сард»-и абарқудратҳо дар шумор меояду муносибатҳойи рақобатомези турку тоҷикро мавриди таҳлили сиёсатшинохтӣ қарор дода буд), ҳамонанди мулоҳизагунаҳойи «бародарона»-и Ҳусайнипур ва Матиниро нашунида будам!

Зимнан, мунтақидони охирзамон «ҳиҷоби ситоиши ҳамагонӣ»-ро ба кадом маънии хос кор фармуда бошанд?! Он «ситоиши ҳамагонӣ» ҳаққонӣ буд ё дурӯғин? Ва агар дурӯғин буда бошад (чунон ки инро муаллифони ғаразманд дар зимни нақли танзомези қавлҳои Саиди Нафисӣ, Асғаралии Ҳикмат ва Саиди Сирҷонӣ вонамуд кардanӣ шудаанд), онро киҳо сохта ё бофта бароварда буданд? Балки ин кори тарғибгарони идеологияи коммунистимаоби шӯравӣ буд, ки бо имойи бурути худи Сталин ҷомайи амал пазируфта?! Охир, бино ба тахмини ботили Матинӣ, маҳз Сталин ҳомии пасипардагии Айнӣ будааст! Аз

рӯйи робитаи мантиқии «ҳиҷоб» ва «ситоиш» дар қаринайи матни Ҳусайнӣ ва Ҳамадонӣ ҳадс мезанам, ки онҳо гуфтанианд: дастандаркорони сталинӣ Айниро андаруни «пардайи оҳанин»-и Черчилл қадҳ карда, «ба зӯрию зорӣ» парварда ва ӯро ба сифати мубаллиғи ҳалқабардӯши идеология ва сиёсати Шӯравӣ истифода бурдаанд!

Овози дуҳули адабгуфторҳойи беадабро аз дур шунидан ҳам беҳтар набошад!

*«Дурӯя бузургон кашида рада*
*Ба тавқу ба занҷири заринзада!»*

Чун домани сухан то арзёбии куллии навиштаҳои Ҳусайнипур ва Матинӣ расид, махсус гуфта гузаштан даркор аст, ки дар матнҳои ноқидони бадхоҳ пеш аз ҳама якчанд ғалатҳои мушаххас ва тахмину таъмимҳои бебунёд ба назар мерасад, ки ба иллати ноогоҳии нависандагон аз таърихи сиёсию идеологии Осиёи Марказӣ ва надонистани хусусиятҳои фарҳанги классикии Хуросон ва афзун ба ин пешдовариҳои таҳтуззеҳнии олимшавандагони эронӣ дар заминаи минтақашиносии сиёсӣ сар задааст. Интиқоди омиёнаи онҳо ҷуз иқдоми худнамоӣ чизе дигар нест!

Аммо сарчашмайи ҳарфҳои заҳрогини яке аз пирони эроншиносии муосир Ҷалоли Матинӣ чӣ буда бошад? Инро ман намедонам, чаро ки сухан аз муаммое меравад, ки гиреҳи онро мантиқ, таҳлили фарҳангшинохтӣ ва ё таъаммули таърихӣ кушода наметавонад. Магар ин ки равонковии фройдигуна чизе бикр гуфта тавонад...

#### АЙНИРО КӢ БА БЕМОРИСТОНИ КОГОН БУРД?

Матинӣ бо як имову ишорати хос менависад: «Агар Лоҳутӣ вайро ба бемористони русҳо набурда буд, шояд зинда намемонд»! Ин таъбири худкомонаи фоҷиаест, ки панҷ сол пеш (1917) аз омадани Лоҳутӣ ба СССР (1922) рух додааст! Хонандагоне, ки мисли Матинӣ аз асли

ҳол бехабаранд, навиштаи ӯро мутолиа намуда, ба яқин гумон хоҳанд кард, ки маҳз Лоҳутӣ Айнии захмиро аз зиндони Амир озод карда, ба Когон бурда бошад!

Ҳатто фикр ҳам нахоҳанд кард, чӣ тавр шуда як муҳоҷири хориҷӣ ба ин қадар обрӯю ваколатҳо соҳиб шудааст? Охир, гапи вайро (аз тариқи хоҳиш ё таҳдид?!) ҳатто амири бедодгари манғит гирифта бандии сиёсиаш Айниро аз зиндонаш озод карда будааст!

Нақши Лоҳутӣ дар рӯзгори Айнӣ ва умуман дар ташаккулу тараққии адабиёти советии тоҷик бузург аст. Маҳз Лоҳутӣ буд, ки Айниро аз хатари террори давлатӣ наҷот додааст! Ин воқеияти таърихӣ дар ҳолномаи расмии Айнӣ ё Лоҳутӣ дарҷ нашуда, вале айнишиносонро боястӣ онро донистан. Соли 1937, вақте ки оташи куштору ба зиндон андохтану бардарға карданҳо «кишвари Шӯроҳо»-ро сартосар фаро гирифт, ханҷари хунолуди таъқибу таҳқир ба сари хами Айнӣ ҳам омад. Дар ин вазъияти ҷисман басе хатарноку маънан ҳам фосид, вақте касе ба доди касе намерасиду агар хоҳад ҳам расида наметавонист, устод Айнӣ салоҳи кор донист, ки рост ба Лоҳутӣ муроҷиат намуда, аз ӯ дастгирии бародаронаро дархост кунад. Чаро ки коммунисти эронӣ ҳамчун узви садорати Иттиҳодияи нависандагони СССР дар Маскав ба обрӯю эътибори калони расмӣ ноил шуда буд.

Лоҳутӣ қарзи дӯстгониро ҳамдилона ва сарбаландона адо намуд. Лоҳутӣ номаи тӯлонии Айниро тавассути хонумаш Бону ба русӣ тарҷума карда, ба идораҳои болойӣ (аз Иттиҳодияи нависандагони шӯравӣ гирифта то Шӯройи вазирони СССР) бурда дод ва ҳамзамон худ ба тарғиби эҷодиёти нависандаи тоҷик пардохт. Ин ҳама иқдоми неки Лоҳутӣ натиҷаи нек дод. Дар сарсухани президенти АФ Тоҷикистон ба нашри дубораи мукотиботи Айнӣ ва Лоҳутӣ чунин омада: «Лоҳутӣ устодро аз шиканҷа ва гумномии тӯлонӣ наҷот дод. Номи неки ӯро ҳифз кард. Агар дахолати ҷасуронаи Лоҳутӣ намешуд, кӣ медонад тақдири Айнӣ чӣ мешуд. Ин хидмати ӯро тоҷикон ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.» (Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, Душанбе, 2003, с. 6)

Академияи фанҳои Тоҷикистон дар даврони шӯравӣ (1978) матни мукотиботи Айнӣ ва Лоҳутиро чоп карда буд, аммо вай бо сабабҳои маълуми идеологию сиёсӣ муҳимтарин номаҳойи солҳойи 1937-38-умро дарбар намегирифт. Интишори онҳо фақат дар охирҳойи солҳойи 80-ум муяссар гардид. Миёни ҳуҷҷатҳойи интишорёфта ҷолибтаринаш номаи дилхароши Айнӣ ба Лоҳутӣ мебошад: устод онро 6-уми ноябри соли 1937, дар авҷи душманковию душмансозиҳо дар Узбакистону Тоҷикистон нигошта, дар поёнаш «Айнии бадбахт» гуфта имзо гузоштааст.

Номаи устод Айнӣ аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст: таърихӣ, идеологӣ, сиёсӣ, ахлоқию равоншинохтӣ ва ҳатто равонкофтӣ (Онро дар рисолае таҳлил хоҳам кард, ки ҳоли ҳозир таҳти унвони «Масъалаҳойи муҳиму мубрами Айнишиносӣ» барои Институти забон ва адабиёт менависам). Лоҳутӣ дар баробари Айнӣ асосгузори адабиёти шӯравии Тоҷикистон ҳисоб мешуд, ки баёни воқеъ аст. Ба хотири ҳурматдошти ҳамин хидматҳойи адабию иҷтимойии Лоҳутӣ буд, ки дар даврайи Шӯравӣ (1) дар пойтахти Тоҷикистон хонаи шахсии эшонро ба музейи давлатӣ табдил доданд, (2) дар яке аз тирезаҳои бинойи кӯҳнаи китобхонаи миллӣ (мавсум ба Фирдавсӣ) нимтанаи шоири шаҳирро гузоштаанд ва (3) ба нашриёти «Адиб» фармуда буданд, ки куллиёти ашъорашонро нашр намояд. (То ҳоли ҳозир ду ҷилди аввали «Куллиёт»-и Лоҳутӣ нашр шудааст.)

Бо вуҷуди ин ҳама факту далелҳо вазоратҳойи маориф ва фарҳанги ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бар асари бегонаҳаросиҳои муҳити сиёсию психологии онвақта обрӯю эътибори иҷтимоию фарҳангии пешинаи Лоҳутиро дар ҷомеаи тоҷик барқарор накарданд. Раёсатҳои Иттиҳодияи нависандагон ва Академияи илмҳо низ, чунон ки мебоист, дахолату далолат накард, чӣ расад ба аъзойи хонаводаи бегонатабори шоири ғариб…

Шукри Истиқлоли давлатӣ, ки ба ҷойи бинои назарногири Китобхонаи пешин як иморати боҳашаматро ба сурати китоби кушода

сохта ва бо воситаҳойи технологии ҳозирамон таъмин намуда дар маркази Душанбе рост карданд, ки ба пойтахти давлати миллиамон боз як унсури муҳиму ҳусноро афзуд! Фақат ҳаминаш боиси таассуфу тааррuз аст, ки ному нишони Лоҳутиро дар ин бинои зебо сарфи назар карданд. Аз афташ, ҳамчун осори давраи советӣ, ки ин вақтҳо қариб дар ҳама нуқтаҳои фазои собиқ СССР таҳти нуфузи идеологияи нигилистӣ қарор дорад!

Аммо моро набояд ва нашояд дар ҳаққи Лоҳутӣ кӯрнамакӣ кардан! Хидмате, ки он шоири инқилобии эронӣ барои рушди маданияти ҷумҳурии кӯҳзоди мо карда буд, беназир аст! (Яке аз онҳо — қиссаи дар шароите, ки борони сахт мебориду замини қишлоқи Душанберо лойи касногузар фаро гирифта буд, ба маркази ҷумҳурияти навтаъсис овардани мошини чопи китобро — устод Айнӣ дар ҳошияи тақризаш ба маҷмӯаи ашъори мунтахаби Лоҳутӣ «Шеърҳойи тоҷикистонӣ» бо камоли меҳру сипоси бародарона қисса кардааст.)

### РАҲОЙ АЗ ОБХОНАЙИ АМИР ОЛИМХОН

Дар матни он чизе, ки алоҳида гуфта гузаштаниам, ман ба дигар хидмати Лоҳутӣ таваҷҷӯҳ карданиам, ки дар воқеъ ҳам хидмати бузург буд. Сухан дар бораи наҷот додани устод Айнӣ аз таъқиби сиёсии солҳойи сиюм меравад, ки бо ширкати фаъолона ва самарабахши Лоҳутӣ анҷом ёфтааст. Дар ин бора Матинӣ ҳам навиштааст, аммо таърихи воқеаро тамоман ғалат дар қалам оварда.

Қиссайи аз обхонайи охирин амири манғит Олимхон чӣ тавр раҳойӣ ёфта дар бемористони русҳо воқеъ дар Бухоройи Нав (Когон) муолиҷа шуданашонро домулло Айнӣ дар «Тарҷумаи ҳоли худам» муфассал ҳикоя кардаанд. «Соатҳойи чори бегоҳӣ буд, як туркмане, ки панҷ сол боз дар он ҷо маҳбус будааст, аз сӯрохии зерисақфии роҳрави пешбастаи обхона ба Регистон нигоҳ мекард, якбора ба оҳанги шодӣ фарёд бароварда гуфт:

— Солдатҳо омаданд ва моро халос мекунанд!

Бисёр дер накашид. Аз пеши дари ҳабсхона овози поҳои мӯзадор баланд шуд ва қуфли дар музтарибона шиқир-шиқир мекард. Дар кушода шуд, як солдати рус, ки дар даст милтиқ дошт, сари худро аз дар дарун карда аввал бо забони русӣ ва баъд аз он бо забони узбекии русӣ омехта:

— Буроетон, шуморо револютсияи Россия озод кард! — гуфт... Солдатон маҳбусонро аз арк фуроварда ҳамаро ба ихтиёри худ сар доданд ва аз он миён мо маҷрӯҳонро ба фойтунҳо ва аспҳо савор карда, ба Когон, ба беморхонаи шаҳрӣ бурданд».(С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 1, с. 86)

Ба қавли Айнӣ, пеш аз ин воқеаи таърихӣ боз як воқеаи хотирмон ба амал омада будааст: «Дар беруни дарвозаи Қаволаи шаҳри Бухоро солдатҳои бисёре саф кашида меистоданд. Дар он ҷо митинг шуд. Солдатон яке паси дигаре баромада гап зада ваъда медоданд, ки интиқоми моро аз амир гиранд. Байрақи сурх ҷилва мекард. Ман дар зери байрақ, дар ҳолате ки солдате аз таки бағалам медошт, рост истода будам. Ман, ки бо хӯрдани 75 чӯби амир гиря кардан он тараф истад, «воҳ» нагуфта мардонавор истода будам, дар ин ҷо аз гиря худдорӣ карда натавонистам — ин гиряи шодӣ буд, ки дар адабиёт хонда будам, аммо имрӯз дар ҳоли худ ва ба чашми худ медидам...» (С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 1, с. 85—86)

Ин ҳақиқати ҳолро қалами каҷи Матинӣ ба шаклу мазмуни зерин бозгӯ кардааст: «Ӯ инқилобро «мавҳабат (ато)-е азим мешуморад ва бе он ки чизе аз он бидонад (пас аз 60 соли вафоти нобиға Матинӣ аз куҷо медониста бошад, ки Айнӣ чиро медонисту чиро намедонист!), ба сурудани ашъори инқилобӣ «ба шарафи инқилоби Уктабр», «Марши ҳуррият» ва «Инқилоб» мепардозад ва ба коммунистҳо мепайвандад (!) ва аз тарафи коммунистҳои Бухоро барои навиштани паймонномаҳо роҳии Тошканд мешавад. Дар дарвозаи Бухоро аз тарафи болшевикҳо ва дар ҳоле ки дар зери парчами сурх истода будааст, ончунон мавриди истиқбол қарор мегирад, ки аз шиддати шодӣ ба гиря меафтад. Дар ҳоле ки ба назари банда вай дар он ҳангом на аз мароми болшевикӣ чизе медониста ва на бо афкори Ленин — раҳбари инқилоб ошноӣ доштааст».

Аз қавли Абулмаонӣ Абдулқодири Бедил хулоса мекунам:

*«Беш аз ин равшан намегардад, ки ин бедонишон,*
*Аз нафас бар шамъи фитрат домане афшондаанд...»*

Дар воқеъ, агар мунтақидон ба ҷойи бофта баровардани эпизодҳои таърихӣ ва ё таъбири сунъии воқеаҳои гузашта шамъи фитратро ба даст гирифта, осори худи устод Айниро бо таваҷҷуҳи шахсӣ ва масъулиятшинохтии муҳаққиқона мутоила карда мебаромаданд, ҳам лаъл ба даст меомаду ҳам ёр намеранҷид! Лекин маънии лаъли маҷозӣ барои Матинию сойири худаш барин маъракагирон ва барои мо, хонандагони навиштаҳои илман беасосу ахлоқан нобоби ҳасудони бародарнамо, яксон нест! Чаро ки бархӯрди мову онҳо бо факту далелҳойи воқеӣ, ба вежа дастчин намудани маводи таърихӣ ва тариқи маънидод кардани иттилооти илмӣ дар қолаби дастурҳои мухталифи таҳтузеҳнӣ анҷом меёбад!..

Таассуру таammулампро андар нақши устод Айнӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик ва дурнамои он бо сухани манзуми шоири таърихандеши тоҷик Бозор Собир хулоса мекунам, ки дар ситоиши мақоми фарҳангии устод Айнӣ аҷаб суханони амиқу дақиқро кор фармудааст:

*Ҳамчу пири тоҷикон бо ҳайати пиронааш,*
*Дар мадори Тоҷикистони ҷавон истодааст.*
*Вақт агар вақте кунад аз рӯйи ӯ қатъи назар,*
*Пешпоӣ мехӯрад дар санги пойи ҳайкалаш.*

### МАРЗБАНДӢ: МУШОВИРИ ИЛМИИ СТАЛИН КӢ БУД?

Марзбандиҳои шӯравигунаи Осиёи Миёна дар дилу ҷони тоҷикон ба сони ҷароҳати хуншорест, ки ҳанӯз ҳам докапеч нашудааст. Чунки ба мисли корди кунде буд, ки аз миёни ҷисму ҷони зиндаи қавми тоҷик гузашта, танашро аз сараш ҷудо кард! Фоҷеаи таърихӣ ин ҷост,

ки миёни даллолу иҷрогарони ин ҷинояти сахти таърихию сиёсӣ худи тоҷикон буданд! Роҳбаладӣ онҳо ҳамон Сталини худдонам буд, ки ба ҳайати кумисюни тақсимбандии сарзамини Турони бостонӣ ё Варорӯд (Варорӯд) ҳатто ягон муаррих ё мардумшиноси маскавӣ ё ленинградиро ҳам ҷалб накарда буд. Пас, мушовири илмии Сталин кӣ буд?!

Муаммо ин ҷост, ки Сталин мисли худдонамҳои баъдӣ (хусусан Хрушев ва Горбачев) ҷоҳил набуд. Албатта, мисли Ленин дар Донишгоҳи олии маъруф таҳсил накарда буд, аммо пайваста ба худомӯзӣ шуғл меварзид. Соле чанд ман дар суроғи он будам, ки ӯ осори кадом шарқшиносро хонда бошад. Се сол пеш ёфтам: осори туркшиноси олмонинажод академик В. В. Радловро!

Аз бозе, ки Русия ба фазойи геополитикии Осиёи Марказӣ ба зӯрӣ ворид гардид, ба мардуми таҳҷойии минтақа эътимоди сиёсӣ надошт. Решайи дарахти ин нобоварӣ аз сарчашмаи идеологӣ об мехӯрд. Дар замони ҳукумати тезорӣ, омили динӣ, дар давраи Шӯравӣ идеологияи коммунизи, ки рангу раванди атеистӣ дошт.

Дар даврони ҳукумати подшоҳии рус нобоварии сиёсӣ аз рақобати ду дини сомӣ — ислом ва насрония (ба гунайи православӣ) сар зад. Сабабаш ин буд, ки то ба минтақа омадани русҳо тамоми низоми маорифу маданият ва маърифати динию фарҳангии шаҳрҳои бузург, ба вежа Самарқанду Бухоро, дар дасти тоҷикон буд. Аз ин рӯст, ки баъди аз тарафи Русияи тезорӣ забт карда шудани Осиёйи Миёна як шарқшиноси номдори Русия (академики олмонитабори Русия В. В. Радлоф) дар борайи рақобатҳойи динӣ кушоду равшан сухан гуфта, зимнан ба мустамликадорони нав тавсия дода буд, ки дар идорайи минбаъдайи заминҳои ба тозагӣ забтшуда ба аҳли саводи форсизабон ки ҳомилу ҳомии тамаддуни исломӣ маҳсуб мешуд, балки ба халқиятҳойи туркинажод такя кардан салоҳи кор аст.

Ба қавли ӯ, туркон мардуми боғайрату қавиирода ҳастанд ва аз ин ҳам муҳимтараш, эътиқоди мусулмониашон ба ҳадде, ки бояду шояд, қавӣ нест. Ва бинобар ин халқиятҳойи мазкурро ва тавассути онҳо дигаронро идора кардан осонтар аст; ғайр аз ин (афзудаи худам — А. Т.) онҳо дар идоракунии заминҳой истилошуда таҷриба доранд.

Ман аминам, ки ҳангоми марзбандиҳои миллию ҷуғрофии Осиёи Миёна Сталин айнан ҳамин тавсияи идеологию сиёсии академик Радловро азхуд карда, аз номи худаш ба амал баровардааст...

Аз ин рӯ, дар замони ҳукумати коммунистӣ, ки атеизми ҷанговарро идеологияи ҳукмрон қарор дода буд, шаҳрҳои умдаи тамаддуни тоҷикию исломӣ Бухоро ва Самарқандро ба Тоҷикистон ҳамроҳ накарда, ба ихтиёри Узбакистон доданд.

Чун сухан аз қадру баҳои сазовори хадамоти миллии устод Садриддини Айнӣ меравад, ба сарам фикре расид, ки зотан аз они худам нест, вале дар мавриде ки мегӯям, айни муддаост. Низомии Арӯзии Самарқандӣ зарурати ба ҷо овардани иззату икроми Арасту ва Абӯалӣ ибни Синоро талқину таъкид намуда, зимнан фармуда: «Ҳар кӣ бар ин ду бузург эътироз кард, хешро аз зумрайи аҳли хирад берун овард ва дар силки аҳли ҷунун тартиб дод!»

Ба ойинаи ибрати ин навъи қадрдонии бузургони гузашта нигариста, моро низ зарур бувад, ки дар баробари Абӯалӣ ибни Сино сойири бузургони нобиғасиришти шарифу муътабарамонро расман муқаддасоти миллӣ эълон намоем ва ҳифзи ному номус ва шаъну шарафи эшонро барои давлати миллӣ фарзи таърихӣ ва барои ҷомеа қарзи шаҳрвандӣ донем. Ҳадафи муроди маданию иҷтимоии тадбири мазкури давлатӣ ин аст: мабодо ҳар касу нокас, ба хусус ҳар ҷоҳили шӯҳратпарасту ҳар тақлидкори ҳасадзадагӣ, ба масал, «Ман ва Айнӣ»-гӯён ба эшон эроди худфурӯшона ва аблаҳфиребона нагирад!

Бигузор, Айниситезони ҳангоматалаби дарунмарзӣ ва берунмарзӣ диниста бошанд: Ӯ барои ҷумла тоҷикони хештаншиносу таърихан шукргузор фақат яке аз қаҳрамонҳои давлат нест; Аллома Садриддин Айнӣ яке аз муқаддасоти шойистаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳаст. Ман аминам, ки ин ҳақиқати таърихии мусалламро наслҳои оянда низ бе чуну чаро хоҳанд пазируфт! Бигузор, Айниситезони ҳангоматалаби дарунмарзӣ ва берунмарзӣ дониста бошанд: фарҳангиёни асил (яъне ватанпарвари таърихогоҳ) устод Айниро ба унвони муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд!

Қадимиён ду хидматро аз ҳам фарқ мекарданд: барои «Вақт» ва барои «Абад». Аз ин ҷиҳат мазмуну маънии мафҳуми «муқаддасоти миллӣ» аз мафҳуми «қаҳрамони ҷумҳурият» дида, васеътару ғанитар аст: дар семантикаи «муқаддасоти миллӣ» ҷойи бӯъди сиёсиро бӯъди рӯҳонӣ мегирад. Рӯҳ бошад, мабдаи ҷовидонист! «Устоди устодон» Айнӣ дар мақолае, ки соли 1951 бо дархости маҷаллаи маскавии «Новое время» навишт, зимнан гуфта буд, ки як умр андар як мавзӯи умда нигоштааст: саргузашт ва тақдири тоҷикон. Ва эҷодиёти бадеияшро дар мисоли романи «Ғуломон» шарҳ дода, афзудааст: бо як ҳисоб ин қисса «таърихи ҳаёти худи манро ҳам дарбар мегирад». Пас, айнишиносӣ бояд аз се бӯъди мутоила иборат бошад: осори бадеӣ, таҳқиқоти илмӣ ва зиндагиномаи худи Устод Айнӣ. Бад-ин маънӣ Айнишиносӣ ба як ҳисоб фасле аз китоби тоҷикшиносист!

*Акбари Турсон*

*Моҳи апрели 2023*



## АБДУЛЛОҲИ РАҲНАМО

Сиёсатшинос ва коршиноси масоили дину давлат. Як муддат сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии Тоҷикистон буд. Соли 2020 мудири шуъбаи робитаҳои хориҷии Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон таъин шуд. Бо вуҷуди он ки гуфт, ба шоирӣ рӯй овардааст, дар мавриди он чи дар Тоҷикистону кишварҳои дуру наздик мегузарад, бефарқ нест. Баъзе аз таҳлилҳояш дар гӯшаи Блогистони Радиои Озодӣ нашр шудаанд. Соли 1971 дар Ҳисор зода шуда, риштаи забон ва адабиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Улуми сиёсиро дар Эрон хонда, баъд аз имзои Созишномаи сулҳ ёвари муовини сарвазири Тоҷикистон буд.

# ТАНГНОЕ МИЁНИ «АДОЛАТИ ТАЪРИХӢ» ВА «АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ»

Нигоҳе ба роҳи душвори давлатшавии кишварҳои пасошӯравӣ дар ҳошияи интихоботи Беларус

Интихоботи президентии Беларус, ки чанд рӯз пеш ҷамъбаст шуд, дар муҳити фикрию сиёсӣ ва шабакаҳои иҷтимоии тоҷикӣ пӯшишу вокуниши васеъ дошт. Дар баробари табрики расмии Роҳбари давлат ва истиқболи бахше аз шахсияту доираҳои ҷамъиятӣ аз пирӯзии А.Лукашенко дар он, дар фазои иттилоотии тоҷикӣ дидгоҳҳои дигаре низ дида шуданд, ки аз маҳкумияти пирӯзии навбатии ӯ то ситоиши эътирозҳои хиёбонӣ ва қаҳрамонсозии номзади мухолифинро дар бар мегирифтанд.

Баъзе аз корбарон дар ин мавзӯъ ҳатто шеърҳо суруданду баъзеи дигар ин фурсатро барои ҷустани шабоҳатҳои ду низоми давлатӣ ва танқиди ҳукумати Тоҷикистон истифода намуданд. Бо саҳифагардони баъзе аз ин мавод, зарур донистам, ки чанд мулоҳизаи шахсии худро дар бораи ин интихоботи дар ҳақиқат мураккаб ва сабақомӯз ба миён гузорам. Аммо мавзӯи меҳварии баҳс баррасии роҳи душвору фоҷеавии давлатшавии кишварҳои пасошӯравӣ аст, ки дар интихоботи Беларус бори дигар рӯшану мубрам гашт. Умедворам, ки ин мавзӯи ниҳоят ҷиддӣ дар сатҳи худи мавзӯъ ҷиддӣ хонда ва ҷиддӣ гирифта шавад.

1.

Аз назари низоми арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсие, ки банда ҳамчун инсон ба онҳо эътиқод дорам, ба ҳукуматҳои сахтгири саркӯбгар умуман ҳусни таваҷҷуҳ надорам. Хусусан, дидани саҳнаҳои «саркӯби дифоъӣ»-и эътирозҳо дар шаҳрҳои Беларус, ки ду рӯзи охир мегузаранд, барои банда ҳамчун инсон ва зиёӣ бисёр сахту ногувор аст. Бале, ҳамчун инсон, ҳамчун соҳиби эҳсосоти инсонӣ. Вазъияти чунин кишвари осуда бояд ба ин ҷой кашида намешуд...

Аммо дар канори эҳсосот ҳар яки мо ҳамчунин ақл, ихтисос, мутолиа, маълумот ва таҷриба низ дорем, ки ҳангоми арзёбии масъала ё падидае бояд ҳатман аз он низ кор бигирем. Ин аст, ки дар авҷи ҷароҳатёфтагии эҳсосоти инсонӣ, мо бояд қудрату хунсардии онро дошта бошем, ки ҳар падида, аз ҷумла интихоботи Беларус ва таҳаввулоти атрофи онро аз диди тахассусию таҷрибӣ ва нигоҳи прагматикии сиёсӣ арзёбӣ намоем. Ва бандаҳои поин талош ё нигоҳест аз ин дидгоҳ.

2.

Хулосаи банда аз таҳлили таърихи муосири кишварҳои истиқлолёфтаи баъдишӯравӣ ин аст, ки онҳо барои давлат шудан як марҳила ба низомҳои қавии сахтгири мутамаркиз ниёз доранд. Низоми идории давлатмеҳваре, ки бо қудратмандӣ ва назорату ҳидояти қатъии самти рушди ҳамаи соҳаҳо, давлатро ҳамчун низоми воҳиди ҳуқуқию сиёсӣ(1), ҳамчун механизми ягонаи иқтисодӣ(2), ҳамчун зерсохтори ягонаи иртиботӣ(3), ҳамчун маҷмуаи мавзуни арзишию равонӣ, яъне ҳисси шаҳрвандият ва миллати сиёсӣ (4), ҳамчун фазои ягонаи амниятӣ(5) ва ҳамчун воқеияти собити низоми байналхалқӣ(6) то охир ташаккул диҳад. Гузаштану комёбии чунин раванди мураккабу ногузири давлатшавӣ дар ҳолати мавҷудияти низомҳои заиф ва ихтилофҳои дарунии ҷомеа бисёр мушкил мебошад. Ин ки мухолифини дохилӣ ё берунияшон ин низомҳоро режимҳои «авторитарӣ»

ё «диктаторӣ» ном мебаранд, аҳаммият ва рисолати таърихии онҳоро тағйир намедиҳад. Хусусан дар ҳоле ки агар бахше аз ин бардошт дуруст бошад, бахши асосии он корбурди политтехнологияю геополитикӣ дорад.

Аз ин рӯ, бо он осебпазирии бисёромилие, ки ҳамчун давлат ва миллат ба мерос гирифтаанд, мавҷудияти низомҳои сахтгири мутамарказ, ки имрӯз дар Русия, Беларус ва Осиёи Марказӣ мушоҳида мешаванд, як марҳилаи таърихан ва ҳаётан муҳим ва ногузири рушд ва давлатшавии ин кишварҳост. Мутаассифона, ин хулосаи зоҳиран ногувор як хулосаи таърихӣ ва таҷрибӣ аст, на арзёбии сиёсӣ ва эҳсосӣ.

3.

Новобаста аз муҳиммияти хостаю арзишу ормонҳо, мутаассифона, ҳолати шикanandагии низоми давлатӣ(1), навъи пасоистеъмории фарҳанги сиёсӣ(2), вазъи мураккаби иҷтимоӣ(3) ва низ, муҳити пуртазодди геополитикӣ ва минтақавӣ(4) дар атрофи ин кишварҳо иҷозат намедиҳанд, ки ин онҳо дар ин марҳилаи рушди худ бе мушкилот ба кишварҳои демократӣ табдил шаванд. Бо узрхоҳӣ аз бовармандони воқеии арзишҳои демократӣ, бояд ин ҳақиқати талхро эътироф намуд, ки талоши татбиқи бошитобу воридотии демократия ва либерализм барои ин кишварҳо ҳамчун давлат ҳатто марговар аст. То имрӯз хеҷ таҷрибаи демократисозии шитобзада дар кишварҳои дорои чунин сарнавишт комёб набудааст ва нахоҳад буд. Ва то замоне ки ин ҷомеаҳо ё ақаллан элитаи фикрию сиёсии онҳо худ ба сатҳи андешаи демократӣ нарасанд, чунин хоҳад буд. Русияи қудратмандро демократияи бармаҳал қариб ҳамчун давлат аз байн мебурд ва агар чанд соли дигар демократияи елтсинӣ идома меёфт, дар қадами аввал давлат пурра ба дасти олами ҷиноӣ мегузашт ва дар қадами дуюм зери таъсири маҷмуаи омилҳои дохиливу хориҷӣ фурӯпошии Русия ҳамчун давлати воҳид пурра имконпазир мебуд.

Давлатҳои воҳиде чун Гурҷистон, Украина ва Молдова дар масири «демократишавӣ» бахшҳои бузурге аз ҳудуди худро аз даст доданд,

зеро онҳо ҳанӯз давлат ношуда суботи дохилӣ ва тавозуни геополитикиро шикастанд. Ва ҳамон рӯёрӯии геополитикие, ки дар ниҳоят боиси порашавии ин кишварҳо шуд, атрофи ҳар кишвари дигари пасошӯравӣ дар ҳамон сатҳ, балки дар сатҳи қавитар аз пеш боқист ва бинобар ин, имрӯз орзуи «демократӣ» шудан, ки аксаран бозигарии самтгирии беруниро низ дар пай хоҳад дошт, барои онҳо низ метавонад ба баҳои бохтани давлат ё бахше аз кишвар ё бахше аз истиқлол тамом шавад. Озарбойҷон ҳам солҳои аввали истиқлол «роҳи демократия»-ро гирифту дар он лаҳзаи заифшудагӣ натавонист тамомияти ҳудудии онвақтаи худро саривақт барқарор намояд ва ҳалли ин масъала ҳанӯз ҳам ба самтгирии геополитикии ин кишвар гиреҳ хӯрдааст.

Бинобар ин, он ислоҳталабони шитобзадае, ки демократияи Гурҷистону ислоҳталабии М.Саакашвиллиро чун намуна ташвиқу пайравӣ мекунанд, ба ибораи дигар, порашавии Гурҷистонро низ чун ретсепт ё пайомад қабул кардаанд, зеро мутаассифона, дар шароити имрӯзаи таърихию минтақавӣ ин эҳтимол баробар ба яқин аст. Ё имрӯз дар таблиғот ба мардум «демократӣ» шудани Украинаро талқин карда, чор пора шудани онро ёдрас накардан низ авомфиребӣ мебуд. Зеро чунин таҳаввулот на дар ваккум ва на зери контроли комили мо, балки маҳз дар матни воқеияти сарди геополитикӣ ва зери таъсири шадиди омилу манфиатҳои фаротар аз тавони мо мегузаранд, ки рӯи натиҷа таъсири ҳалкунанда хоҳанд дошт.

Қирғизистони ҳамсоя, ки дар ҳамин набарди дигарон бармаҳал ба самти «демократишавӣ» кашида шуд, то имрӯз ҳамчун давлат ба худ намеояд ва ҳоло дар роҳи давлатшавӣ мушкилоти азиме дар пеш хоҳад дошт, ки баҳси он пеши коршиносон рӯшан аст. Ҳатто ин кишвар низ пас аз озмудани чанд «инқилоб» акнун маҷбур аст, ки «демократия»-ро кам-кам «танзим» карда, низоми қавии сахтгири марказиро эҳё кунад, ки бархӯрди роҳбарияти феълии он бо президенти пешин оғози ҳамин бозгаштро ба хубӣ нишон дод. Ва пешбинӣ мешавад, ки акнун дар он «ҷазираи демократия» ҳар сол «инқилоб» кардан муҳол хоҳад буд.

Хулоса, демократия ва маҷмуи арзишҳои он ки ҳамчун механизми идоракунии ҷомеа ва ҳамчун фарҳанги шаклгирифтаи дохилӣ метавонад як наҷоти миллӣ бошад, барои ин кишварҳо дар ҳамин марҳилаи рушдашон ҳамчун лоиҳаи воридотӣ ва таваллуди бармаҳал дар воқеъ омили бесуботӣ ва марги давлатист.

4.

Таҷрибаи муосири Русия ва Узбекистон ки барои мо ошнотар аст, дар масъалаи авлавиятбандии бунёди инизоми сахтгири марказӣ(1) ва татбиқи ислоҳоти либералӣ(2) ба ду хулосаи хеле ҷиддӣ ишора доранд. Русия бо он нишондиҳандаҳои заифдавлатии пасошӯравӣ ҳаракати худро аз демократияи либералӣ оғоз карда, то остонаи нобудии давлатӣ рафт ва ногузир ба низоми мутамаркизи фарогиру назоратгару давлатмеҳвар баргашт. Низоми имрӯзаи Русия низоми матлубе нест, аммо он наҷоти ин давлатро ҳамчун давлат таъмин намудааст. Зимнан, Озарбойҷон ҳам, ки аз «демократия» оғоз карда буд, дар остонаи фурӯпошии бештари худ, ки метавонист аз Нахҷувон низ маҳрум монад, роҳбари собиқи Кумитаи давлатии амнияти СССР Ҳайдар Алиевро ба қудрат оварда, дубора ба низоми мутамаркиз баргашта, наҷоти давлатии худро таъмин кард.

Аммо баръакси ин ду намуна, Узбекистони ҳамсоя ҳаракати худро аз низоми сахтгири мутамаркиз оғоз карда, дар он марҳила худро ҳамчун давлат сохт. Маҳз дар ин марҳила он ба давлате табдил шуд, ки низоми воҳиди ҳуқуқию сиёсӣ, механизми ягонаи иқтисодӣ, зерсохтори воҳиди иртиботӣ, маҷмуаи ҳамоҳанги арзишӣ (миллат), фазои ягонаи амниятӣ ва ҷойгоҳи собити байнулмилалии худо то охир ташаккул дод. Ба меъёри илми сиёсат, Узбекистон дар ин марҳила ба давлати побарҷой (состоявшееся государство) табдил шуд. Бо вуҷуди бешубҳа баҳснок будани сиёсатҳои роҳбари пешини ин кишвар И. Каримов, бояд қайд кард, ки хидмати таърихӣ ва миллии ӯ барои давлат ва миллати худаш маҳз ҳамин буд. Ва имрӯз, ки президенти нави ин кишвар бо ифтихору боварӣ ислоҳоти демократӣ ва либе-

ралӣ мегузаронад, тамоми ин ҳаракат рӯи низоми устувори давлатӣ ва давлати шаклгирифтае истодааст, ки маҳз дар давраи давлатдории қавии мутамаркази И.Каримов бунёд шудааст. Аз назари таърихи давлатдорӣ, муҳим ин аст, ки дар баҳои он ҳама маҳрумиятҳои арзишӣ хона сохта шудааст ва акнун соҳиби нави он метавонад баъзе ҷиҳозро ҷобаҷо кунаду баъзе гӯшаҳоро таъмир. Бинобар ин, бе «диктатура»-и каримовӣ «реформаторӣ»-и мирзиёевӣ дар ин шакл ҳаргиз имкон надошт. Яъне, давлатҳои пасошӯравӣ барои давлат шудан ногузиранд, ки ин марҳиларо гузаранд.

5.

Аз ин назар, президенти имрӯзаи Беларус А. Лукашенко ҳамчун роҳбари марҳилаи давлатшавии ин кишвар барои ин давлат хидмати беназири миллӣ ва таърихӣ кардааст. Ӯ бо низоми сахтгиру мутамаркази худ давлатро ҳамчун низоми сиёсӣ сохта, тамоми аркону атрибутҳои дохиливу хориҷии онро то ҳадди ниҳоии ташаккул расонидааст. Ин ки имрӯзҳо баъзе корбарони мо ӯро беибо «диктатор»-у «ҷинояткор» меноманд, ҳадди ақалл, арзёбии эҳсосию таъсирпазирии расонаӣ ва комилан ғайрикасбист. Бинобар ин, агар ӯ тӯфони атрофи ин интихоботро дар рӯзҳои наздик ба оромӣ ҷамъбаст намояд, мантиқан дар давраи нави президентии худ рӯи механизми рафтан ва интиқоли қудрат фикри ҷиддӣ хоҳад кард.

Аммо ҳатто агар дар ин мавҷхези эътирозҳои ҳимоятшудаву ҳидоятшуда аз қудрат барканор шавад, боз ҳам ӯ рисолати таърихию миллии худро дар нисбати давлату миллаташ анҷом додааст. Ҳар касе, ки пас аз ӯ ояд, рӯи он низоме хоҳад нишаст, ки маҳз А.Лукашенко аз нобудию фурӯпошии сохторӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва ҳудудӣ наҷот додааст; соҳиби он давлате хоҳад шуд, ки маҳз Лукашенко онро аз марҳилаи таҳдидҳо гузаронидаву давлат кардааст. Албатта, агар «нерӯи нав» бо вуҷуди шиорҳои баландаш, вазъи иқтисодию иҷтимоии ин кишвар ва ин мардумро бисёр бадтар аз имрӯза накунад, дар солҳои наздик ҳаргиз беҳтар аз ин нахоҳад кард. Чуноне, ки дар

Украина ва ҷойҳои дигар. Албатта, агар дар ин кишвар, мисли Озарбойҷон, Узбекистон ё ҳатто Арманистон гузариши нарм ва солим сурат гирад, ҳам таҷриба ва ниҳоди давлатдорӣ ҳифз мешавад ва ҳам рисолати миллию таърихии Лукашенко комилу мондагор мегардад.

6.

Агар ба он сӯи масъала низ нигарем, омили дигаре, ки ин равандро мураккаб ва осебпазиртар месозад, маъмулан дар фаҳми умумӣ фарқ нагузоштан миёни демократия ҳамчун низоми арзишҳо(1) ва демократия ҳамчун абзору сиёсати қудратҳо(2) мебошад. Бо истифода аз ин ҳолат, аксари баъзе қудратҳои ғарбӣ барои фишор рӯи низомҳои барояшон номуносиб ё тағйири роҳбарони саркаш маҳз «демократия» ва «ҳуқуқи башар»-ро ҳамчун абзор ба кор мегиранд. Бояд шакке надошт, ки вақте чунин тасмиму чунин лоиҳа барои «демократикунонӣ»-и кишвари хосе пеш гирифта шавад, дар раванди татбиқи он мақсад аз таблиғу талқини «демократия» ҳаргиз демократӣ кардани он кишварҳо ва эҳсоси хайрхоҳонаи озоду хушбахт сохтани мардумонашон нест, балки ба воситаи тӯфони демократияхоҳӣ иваз кардани қудрати сиёсӣ ба нафъи манфиатҳои геополитикии худ аст. Масалан, чанд президенти Қирғизистон то имрӯз бо шиори «демократия» барканор карда шудаанд, аммо инсофан ҳеҷ кадомашон аз А. Акаев арзишмеҳвару демократтар набаромаданд.

Вагарна, агар меъёр ва мақсади умумӣ демократикунонии кишварҳо бошад, муҳимтарин шарикони стратегии худи Ғарб дар Шарқ нодемократитарин кишварҳои ҷаҳонанд, ки он ҷо амирону маликону шоҳони мутлақу меросию абадӣ ҳоким буда, на ҳизб, на интихобот, на интиқоли қудрат, на ҳуқуқ ва на озодӣ вуҷуд надоранд. Аммо чун мавқеи ин кишварҳо манфиати ин қудратҳоро таъмин мекунанд, демократӣ набудани онҳо бисёр одӣ қабул мешавад. Дар ҳоле ки кишварҳое чун Русия, Беларус, Қазоқистон ё Тоҷикистон ки аз сӯи Ғарб пайваста барои «нақзи демократия» танқид мешаванд, барои зиндагии як инсон дар муқоиса бо ин кишварҳо садҳо баробар озод-

тару демократитаранд. Ҳамин тавр, болои кишварҳои пасошӯравӣ, ки ташаккули дохилӣ ва тақсимоти геополитикияшон ҳанӯз ниҳоӣ нашудааст, аз чор сӯ навъе набарди лоиҳаҳои манфиатӣ идома дорад, ки ҳамагӣ номҳои фиребандаи демократию ҳамгароию ислоҳоту рушд доранд ва маблағгузории бузург мешаванд.

Аз тарафи дигар, лоиҳаи «демократисозӣ», ки дар як марҳила қудрати давлатиро заиф, афкори умумиро пароканда ва назорати амниятиро суст мекунад, фурсату заминаи ҳар гуна дахолати беруниро низ фароҳам месозад. Он гоҳ вобаста ба вазъияту фарҳанги ҷомеа, қудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ барномаи худро бо дасти «демократҳо», «ислоҳхоҳон» ё «исломгароён» ва ғайра татбиқ менамоянд. Бузургтарин таҳдиди ин раванд дар он аст, ки кишварҳо аз фурсати таърихии давлат шудан маҳрум мешаванд ва ҳамчун давлати ноқиси нотамом даҳсолаҳо дар вазъи буҳронӣ мемонанд. Ҳолате, ки дар ниҳоят ба манфиати муштараки қудратҳои бузург аст. Масалан, агар Украина имкон меёфту ба маънои томи он давлат мешуд, он ҳоло қудрате ҳамвазни Франсия, Германия ё Британия мебуд: бо шабакаи мукаммали силоҳи ҳастаӣ, артишу нерӯи ҳавоии муқтадир, иқтидори азими иқтисодию саноатӣ, аз ҷумла саноати ҳарбӣ ва худмеҳварии сиёсӣ. Аммо аввал силоҳи ҳастаияш гирифта шуд, сипас иқтисодаш ғорат шуд, сипас минтақаҳои саноатияш тарака шуд, акнун ҳудудаш пора шуд ва истиқлолияташ низ нима гашт. Дар натиҷа, он ба давлати заифи фақири вобастаи парокандагии «демократӣ» табдил шуд. Сарнавиште, ки метавонад ҳар кишвари дигари пасошӯравӣ, аз ҷумла Беларусро низ интизор бошад.

7.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар раванди шикастани давлатшавии чунин кишварҳо бештар аз се воқеияти талхи ин марҳилаи рушд истифода мешавад. Аввал, моҳияти ғайрилибералии низомҳои сиёсӣ, ки бештар дар шакли маҳдудсозиҳо ва фасоди густарда ифода меёбад. Дувум, мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, ки барои давлатҳои

ин марҳилаи рушд амалан ҳалнопазир аст. Сеюм, хастагии равонӣ аз якрангии тӯлонии низомҳо ё роҳбарон ки дар сатҳи қишри фаъоли ҷомеа ба таври табиӣ шакл мегирад. Он на арзёбии иҷтимоӣ ё ақлонии вазъият, балки маҳз ҳолати равонии инсон мебошад, ки гоҳо ҳатто дар сатҳи оила низ пеш меояд.

Дар ин вазъият, агар кишвар ҳадафи геополитикӣ қарор гирад, нақши гурӯҳҳои абзорӣ барои ташкили «инқилобҳо» асосан аз барҷста ва тезутунд кардани ҳамин се мушкилаи мавҷуда ва дар ин замина ба таҳаррук овардани бахше аз ҷомеа дар баробари низоми сиёсӣ иборат мешавад. Аксари тадқиқот нишон медиҳад, ки ин ҳаркатҳо бо иштироки ҳамагӣ 2-5 дарсади аҳолӣ сурат мегиранд, ки дар технологияи сиёсӣ барои талқини равонӣ «халқ» номида мешаванд. Масалан, тибқи гузориши ситоди мухолифини Беларус дар оммавитарин рӯзҳои гирдиҳамоиҳои онҳо то 62 ҳазор нафар иштирок доштаанд, ки албатта манбаъҳои давлатӣ онро 10 то 15 ҳазор нафар гуфтаанд. Яъне, дар умум, тамоми иштирокчиёни фаъоли эътирозҳои феълии Беларус дар тамоми шаҳрҳои он ҳудуди 1%-и аҳолии даҳмиллионии ин кишварро, ки ҳудуди 100 ҳазор нафар мешавад, ташкил кардаанд. Аммо омилҳое чун бозтоби касбию фаъоли иттилоотӣ, истифодаи технология муосири сиёсӣ, ба воҳима дучор шудани низоми сиёсӣ ва ё бетарафии аксарияти аҳолӣ метавонад саҳнаи козиби «қиёми миллӣ» ё «инқилоби мардумӣ»-ро ба вуҷуд орад.

(Мушкили дарки берунии чунин буҳрону муборизаҳо ҳамеша дар он аст, ки тамоми иштирокдорони он аз номи «халқ» баромад мекунанд ва дар фазои иттилоотӣ амалан чандин «халқ» ба вуҷуд меояд, ки ҳеҷ яке худи халқ нест. Масалан, дар ҳамин буҳрони Беларус ибораҳое чун «эътирози халқ бар зидди низом», «саркӯб шудани халқ аз тарафи низом», «бедор шудани халқ аз хоби ғафлат» ва ғайра, ки зиёд садо медиҳанд, бештар адабиёти политтехнологӣ буда, як сухани зеҳнӣ ва расонаист. Масалан, агар Лукашенко аз «варианти эронӣ» истифода кунад, дар як рӯз метавонад дар баробари ин «халқ» боз «халқ»-и дигареро дар миқёсҳои хеле бузургтар ба майдон резад.

Албатта, он пайомади нек нахоҳад дошт, аммо сухан аз шарҳи истифодаи вожаи «халқ» меравад.)

Ва тавре зикр шуд, дар аксари ҳолатҳо чунин эътирозҳо бештар на тасаввури дақиқи эътирозгарон дар бораи нишондиҳандаҳои марҳилаи баъдӣ, балки бештар хастагии равонии бахше аз ҷомеаро ифода мекунанд. Ҳусни таваҷҷуҳ ба бону С.Тихоновская, ки шояд 1% аз таҷриба, зарфият ва мудирияту давлатдории Лукашенкоро надошт, низ на таваҷҷуҳ ба барномаву тавоноии ӯ, балки изҳори ташнагии равонии як қишри ҷомеа ба тағйирот буд. Аммо эътирозгарон дар авҷи ин хастагию ташнагӣ ҳатто тасаввур намекунанд, ки бинобар омилҳои пештар зикршуда, аксари ин кишварҳо пас аз барканории хушунатомези низомҳои суботмеҳвар ба марҳилаи тӯлонии бесуботӣ, ноамнӣ ва осебпазирии иҷтимоие ворид мешаванд, ки то суботу рифоҳи баъдӣ умри як насли дигарро барбод медиҳад. Илова бар таҷрибаҳои ҳудуди ИДМ, таҷрибаҳои кишварҳои арабие чун Миср, Либия, Ироқ, Сурия ва ғайра ин ҳолатро рӯшан нишон додааст.

8.

Барои бо муваффақият сипарӣ шудани ин марҳилаи мушкилу ногузири таърихӣ рафтори масъулиятшиносонаи худи низомҳои мутамаркази давлатӣ низ нақши ҷиддӣ дорад. Боз ҳам таҳлили таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки чунин низомҳо бояд пеш аз ҳама ба чанд иштибоҳи марговар роҳ надиҳанд:

*— бо эҳсоси бениёзии мутлақи худ аз оммаи мардум фосила нагиранд, ки ин ҳолат боиси бегонашавии физикӣ ва сипас бегонашавии арзишии ҷомеа аз низоми сиёсӣ мегардад. Дар ин самт дастгоҳи идеологии низом бояд тавонад, ки нақш, рисолат, хидматҳо, дастовардҳо ва дурнамои низом ва давлатро ба боварии умумӣ табдил карда, арзишҳои онро ҳамагонӣ намояд, то низоми сиёсӣ бо арзишҳои худ танҳо намонад;*

*— ҳамзамон бо танзими ҷиддии вазъият, маҳдудиятҳо ва фасодро ба ҳадди таҳаммулнопазир набурда, бо дасти худ потенсиали эътирозӣ ё «маводи инқилобӣ»-ро барои дигарон парвариш надиҳанд;*

*— низоми амниятӣ ва хусусан низоми амнияти фикрӣ ва иттилоотии онҳо чӣ аз назари технологӣ ва чӣ аз диди касбию методологию мазмунӣ бояд аз сатҳи замон ва аз иқтидори рақибони иттилоотияшон қафо намонад, зеро имрӯз шикасти иттилоотӣ метавонад оғози шикасти сиёсию физикии низомҳо гардад;*

*— иҷро шудани рисолати таърихии худро саривақт дарк намуда, дар татбиқи механизми интиқоли қудрат таъхири зиёд накунанд ва онро пеш аз марҳилаи инфиҷори психологии ҷомеа анҷом диҳанд. Масалан, интиқоли мавзунтари қудрат дар Озарбойҷон бар раванди рушди давлатдории он таъсири сахт манфӣ нагузоштааст, аммо Қазоқистону Беларус дар ин масъала андаке таъхир доранд;*

*— дар тағйиру бознигарии сиёсати хориҷии худ шитобкорӣ накарда, тавозуни минтақавиро дағалона нашикаста, шубҳаи абарқудратҳоро дар бораи дурнамои самтгирии геополитикии кишвар ба сатҳи хатарнок боло набаранд.*

Ҳамин тавр, дар сурати риояти ин усулу марзҳо, давлат раванди давлати мондагор шуданро тай карда, ба таври мавзун аз марҳилаи эҳёву барқарорӣ ба марҳилаи ислоҳот ва рушд мегузарад. Аммо дар сурати барканории «инқилобӣ»-и низоми сиёсӣ таҷрибаи андӯхтаи давлатдорӣ шикаста, бисёре аз равандҳо аз сифр оғоз шуда, раванди давлатшавии чунин кишварҳо осеби шадид мебинад.

9.

Таҳаввулоти атрофи интихоботи Беларус инро низ дигарбора нишон дод, ки мутаассифона, мафҳумҳои баланде чун «кишварҳои дӯст» ва «шарикони стратегӣ» барои давлатҳои ин марҳилаи рушд кафолат ва такягоҳи чандон боэътимоде нестанд. Ба ибораи дигар, ҳеҷ давлати абарқудрат шарики стратегии хеҷ давлати дигаре наме-

бошад. Шарикии стратегии онҳо то лаҳзаест, ки Шумо ҳамчун давлат ё ҳамчун роҳбар дар доираи манфиатҳои он таъриф ёбед. Аммо баробари камтарин калавиш дар самтгирӣ ё нишон додани истиқлоли назар, бисёр чизҳо тағйир меёбад. Чуноне, ки ҳоло А.Лукашенкои мустақилу ботаҷриба ба устухоне дар гулӯи абарқудратҳои ду тарафи худ табдил шудааст. Ҳатто дар матни табрикномаҳои баъзе аз ин қудратҳо дақиқан таъкид шудааст, ки ӯро то кадом марзҳо ва бо кадом шартҳо эътироф мекунад.

Аз ин рӯ, кишварҳои дигар низ бояд дар сиёсатгузории худ фиреби ин мафҳумҳои баланди сиёсию дипломатиро нахӯранд, зеро дар ин лаҳзаи ҳассос ва дар ин раванди мураккаби таърихӣ танҳо шарики стратегии пойдори ин давлатҳо мардуми худашон мебошад. Ва агар ин низомҳо бо касе дӯст ва шарики стратегӣ будан хоҳанд, пас бо мардуми худ бояд дар чунин пайванди стратегӣ қарор дошта бошанд. Зеро агар низомҳои сиёсӣ аз мардум бегона шаванд, дар баробари «дӯстони байнулмилалӣ» ва «шарикони стратегӣ» хеле осебпазир мегарданд ва онҳо имкон меёбанд, ки «халқ»-ро дастгирӣ карда, тарҳи манфиатии худро дар ин кишварҳо ба осонӣ амалӣ намоянд.

10.

Ва ниҳоят, дар камони рушди чунин кишварҳои пасоистеъморӣ шояд масъалаи асосӣ маҳз ҳамин бошад, ки оё такмили марҳилаи давлатшавӣ ва гузори ором ба марҳилаи рушд ва демократия муяссар мегардад ё дар натиҷаи иштибоҳу даҳолату «инқилоб»-ҳо ин раванд нотамом монда, ба буҳрони тӯлонӣ табдил мешавад. Масалан, шикасти ин раванд дар Гурҷистон ва Украина акнун шояд даҳсолаҳои буҳрони давлатро дар пай дошта бошад.

Ба иборати дигар, муаммои асосии ин марҳила дарёфти пайванду таносуб байни «адолати таърихӣ» ва «адолати иҷтимоист». «Адолати таърихӣ» дар ин баҳс ба он маъност, ки ин миллатҳо ҳаққи давлат доштан ва ин кишварҳо ҳаққи давлат шуданро доранд ва маҳз таъмини ин ҳуқуқи онҳо тантанаи адолати таърихӣ хоҳад буд. Зеро ба-

рои онҳо соҳибдавлатӣ на танҳо як ормони деринаи таърихӣ, балки акнун як имкони нодири таърихӣ низ мебошад. Чуноне, ки ин дарду андеша барои тоҷикон наздику ошност, назди дигарон низ ҳамин қадар муҳим аст. Аз ин рӯ, дар ин марҳила вазифаи аввалиндараҷаи чунин кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, маҳз таъмини адолати таърихӣ, яъне ҳифз ва соҳибӣ кардани давлату давлатдорӣ ва давлати пойдор кардани он мебошад.

Аммо «адолати иҷтимоӣ» ба он маъност, ки мардум ба низоми шаффофтари сиёсӣ, озодиҳо ва дастрасӣ ба зиндагии шоиста низ ҳуқуқ ва эҳтиёҷ доранд. Хусусан қишрҳои оммии мардум дар бораи ҳадафи аввал, яъне адолати таърихӣ камтар андешида, асосан рӯи адолати иҷтимоӣ, ки барои зиндагии онҳо моҳияти нақдӣ дорад, таваҷҷуҳ ва ҳассосият нишон медиҳанд. Бинобар ин, дар ҳамин марҳилаи рушд кишварҳои пасошӯравӣ бо муаммои таносуби «адолати таърихӣ» ва «адолати иҷтимоӣ» рӯбарӯ мешаванд. Моҳияти ин муаммо дар он аст, ки бе ташаккулу ҳифзи давлат ҳеҷ тарҳу барномаву ормон амалӣ намешавад, аммо бе таъмини адолати иҷтимоӣ низ таъмини таҳаммули дарозмуддати ҷомеа дар раванди давлатсозӣ бисёр мушкил аст. Дар айни замон, дар шароити печидаи дохиливу хориҷӣ шитоб дар татбиқи «адолати иҷтмоӣ» бисёре аз фурсатҳои давлатшавиро осебпазир месозад. Бинобар ин, аз назари давлатдорӣ бе ягон шубҳа дар чунин марҳилаҳо барқарории «адолати таърихӣ» бар таъмини «адолати иҷтимоӣ» авлавияти мартабаӣ меёбад.

(Агар фақат бо мақсади такмили фикр, ҳамин масъаларо дар интихоботи президентии ахири Афғонистони ҳамсоя пайгирӣ намоем, дақиқан мебинем, ки нерӯҳои асосии сиёсии ин кишвар пас аз даҳсолаҳои ҷангу баҳсҳои шадиди ормониву арзишӣ болои лоиҳаҳои динию дунявию исломию демократӣ, дар ниҳоят ба масъалаи аҳаммияту авлавияти ниҳоди давлат ва суботи ҷомеа баргашта, ин бор барномаҳоли интихоботии худро маҳз дар ҳамин поя сохтанд: Ашраф Ғанӣ -тими «Давлатсоз», Абдулло Абдулло — тими «Субот ва ҳамгароӣ». Яъне мафҳумҳои арзишии демократия, ислом, халқӣ, парчамӣ, озодӣ ва ғайра дар барномаҳои интихоботии ин кишвари зоҳиран

исломитарину демократитарину озодтарину гуногунандештарин ба сатҳи дувумии эътиборӣ рафтанд ва болотарин ва муҳимтарин ваъдаи номзадҳо ба мардум на исломy на демократия, балки давлат ва субот буд. Яъне, сабақи ин бозгашту бозандешии мафҳумӣ дар Афғонистон ин аст, ки бе институтсионализатсия шудани давлат ва бе ниҳодина шудани субот татбиқи ҳеҷ тарҳу арзишу ормону идеология имконпазир нест.)

Ҳамин тавр, дар ин марҳилаи таърихии рушд сарнавишти давлатшавии кишварҳои ҳамсарнавишти пасошӯравӣ ва соҳибдавлат мондани миллатҳои онҳо ба он вобаста хоҳад буд, ки то куҷо тавозуну авлавиятбандии мақомии (на ҳатман замонии) ин ду «адолат», яъне адолати таърихӣ (=фурсату зарурати давлат шудан) ва адолати иҷтимоӣ (=зарурати табиии демократӣ шудан)-ро таъмин намуда, аз ин марҳилаи эҳё ва барқарорӣ ба марҳилаи рушди устувор ва демократияи пойдор гузашта метавонанд. Гузори ногузире, ки омилу таҳдидҳои бешумори дохиливу хориҷӣ бар халали он нишастаанд ва фақат роҳбарону низомҳои ботадбир метавонанд бо сиёсатҳои санҷида ва ҳифзи ҳамбастагии давлат ва мардум комёбии онро таъмин намоянд.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*
*Моҳи августи соли 2020*

# МО ДАР КУҶО ҲАСТЕМ ВА БА КУҶО РАВОНАЕМ?

Нигоҳе ниҳодгароёна ба дастовардҳои се даҳаи истиқлоли давлатии Тоҷикистон

Солгарди истиқлоли ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва ба ин муносибат дӯстони зиёде атрофи моҳияту аҳамияти истиқлол, қиёси он бо даврони то ва дастовардҳои кишвар дар ин марҳила изҳори назар фармуданд. Дар ин муҳокимаҳо баъзе аз муаллифон ба ин падида нигоҳи рифоҳӣ намуда, муқоисаи вазъи иҷтимоиро асл қарор додаанд ва баъзеи дигар, нигоҳи арзишӣ карда, вазъи ҳуқуқу озодиҳоро мизони қиёс гирифтаанд. Баъзе аз дӯстон маҳз тафаккури озодаро асли истиқлол шумо防идаанд ва баъзеи дигар дар шароити вобастагиҳои ҷаҳонӣ истиқлоли давлатро падидаи нисбӣ гумоnidаанд. Дар умум, ба истисноi дидгоҳҳои тахрибию нафратомез, ҳамаи назарҳои зикршуда ҳам ҳуқуқи будан ва ҳам арзиши мутолиа шуданро доранд.

Дар айни замон, мехостам чунин масъалаи муҳим аз диди дигар, яъне аз нигоҳи давлатмеҳвар ва ниҳодгаро низ баррасӣ гашта, моҳияту аҳаммияти ин ҷанбаи мавзӯъ низ дуруст дарк шавад. Бале, инсон, тафаккур, озодӣ ва зиндагии шоистаи он арзишҳои муқаддасе ҳастанд, ки бидуни онҳо на сиёсату на давлатдорӣ арзише надоранд. Аммо, дар айни замон, агар давлат ҳамчун ниҳоди устувори сиёсию идорӣ ва ҳамчун фазои суботи ниҳодинашуда ташаккули ниҳоӣ нагирад, татбиқи он арзишҳои муқаддас амалан номумкин мегардад.

Ин аст, ки дар раванди бунёди давлатдорию эҷоди мардумсолорӣ, масъалаи ниҳодина шудан (институтсионализатсия)-и давлат ва су-

бот авлавияти эътиборӣ (на замонӣ) пайдо карда, таваҷҷуҳи аслиро ба худ ҷалб менамояд. Албатта, ин низ муҳим аст, ки дар чунин раванди мураккаб ҳукумат ва субот ба худии худ ҳадафи ниҳоӣ нестанд, балки муҳимтарин шароити расидан ба он ҳадафҳои ниҳоӣ, яъне озодӣ, мардумсолорӣ ва зиндагии шоиста мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, коргирӣ аз равиши давлатмеҳвар ва ниҳодгароёна (институтсионалистӣ) дар арзёбии дастовардҳои истиқлоли давлатӣ имконият медиҳад, ки мо қудрати нигоҳи калон ва абзори баррасии дурусти дастовардҳои худро дар ҳар марҳилаи рушд дошта бошем.

Агар чунин тафакури баланди сиёсӣ ва нигоҳи калони ватандорона ҳосил нашавад, шаҳрванд метавонад бо одитарин мисолу қиёсҳо арзиши истиқлолро зери суол барад ва масъала гузорад, ки то истиқлол маош баландтару муҳоҷират камтар буд, табобат ройгону идора шаффофтар буд, пас он ҳолат басе беҳтар буд. Аммо агар дар сатҳи дигаре нигарем, дар ҳақиқат, дар се даҳаи истиқлол ва раванди давлатсозӣ чӣ арзиш ва дастовардҳои усулие дорем, ки қобили ифтихор, ҷонибдорӣ ва фидокорию қурбонӣ бошанд? Ва чаро бояд як шаҳрванди огоҳ ва хусусан як зиёӣ, онро дарк ва ҳимоят кунад ва дигаронро низ ба дарку ҳимояти он ҳидоят намояд? Ва ниҳоят чаро худи банда бо ин ҳама исору истодагӣ аз сиёсату дастовр адҳои имрӯз ҳимоят менамоям?

Дар равиши давлатмеҳвар ва ниҳодгароёна, фаҳмиши таҳлилию таҷрибии мо ин аст, ки дар ҳудуди се даҳсолаи охир дар Тоҷикистон амалан мактаби сиёсӣ ва давлатдории муосири миллии тоҷикон шакл гирифт. Ин мактаб зина ба зина такомул ёфта, то имрӯз асосҳои назарӣ(1), уфуқҳои ормонӣ(2), низоми арзишӣ(3), чорчӯбҳои ҳуқуқӣ(4), анъанаҳои меъёрӣ(5), ҳадафҳои стратегӣ(6) ва авлавиятҳои рушди минбаъдаи он(7) қариб пурра ташаккул ёфтаанд.

Муҳимтарин арзишҳои ин мактаби сиёсию давлатдорӣ пойбандӣ ба рӯҳияи истиқлолияти миллӣ(1), тафаккури мустақили давлатӣ(2), ифтихори таърихию тамаддунӣ(3), моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёди давлат(4), дунявияти низоми сиёсӣ(5), низоми мутамаркизу устувори идориву сиёсӣ(6), гароиши иҷтимоии сиёсати давлатӣ(7), та-

тбиқи сиёсати давлатии илммеҳвару маорифпарвар(8), таъмини ҳамзистии фикрӣ ва ваҳдати миллӣ(9), эҳё ва ҳифзи фарҳангу арзишҳои миллӣ(10), посдорию тақвияти забони миллӣ(11), тарбияти рӯҳияи ватандӯстонаи аҳолӣ(12), кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон(13), таъмини зиндагии шарофатмандонаи мардум(14), ҳифзи манфиатҳои миллӣ(15), мавқеи байналхалқии прогрессивӣ(16), пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ ва сулҳомез(17) ва ғайра мебошад, ки дастёбӣ ба баъзе аз онҳо то имрӯз муяссар гашта, ҳаракати ҳадафманди давлат барои расидан ба баъзеи дигар идома дорад.

Шояд имрӯз рафтору гуфтори на ҳамаи масъулону хидматчиёни давлатӣ ин сатҳи назариявӣ ва ин мактаби сиёсиро ифода карда тавонад ва бештар аз ин, шояд ҳатто баъзе аз онҳо дар бораи ин мактабу арзишҳо тасаввури рӯшане надошта бошанд. Аммо дар ин масъала меъёри арзёбӣ на сатҳу дидгоҳи фарди ҷудогона, балки бунёдҳои консептуалӣ, чорчӯбҳои арзишӣ ва самтҳои рушди низоми давлатдорист, ки то имрӯз тадвину пазируфта шуда, фаъолияти ғоявӣ ва функсионалии давлат ба татбиқи он равона гаштааст.

Ва муҳимтар аз инҳо, ин маҷмуаи васеи усулҳо(1), арзишҳо(2), бинишҳо(3), меъёрҳо(4), озмудаҳо(5), сабақҳо(6), манфиатҳо(7) ва ҳадафҳо(8) дар раванди пуршӯру пуртазодди давлатсозӣ соишу омезиши мавзун ёфта, дар заминаи онҳо амалия, таҷриба, анъана ва мактаби махсуси сиёсии давлатдорӣ шакл гирифтааст. Дар канори саҳми меҳварии роҳбарияти давлат, дар ин раванди таърихӣ тамоми мардуми кишвар, хоса аҳли андешаву зиё ва қишри идориву хидматгузорӣ саҳми амалии худро гузоштааст.

Бале, дар ин марҳилаи муҳим мо ба ҳалли на ҳамаи масъалаю вазифаҳо муваффақ гаштем, аммо аҳаммияти мактабу таҷрибаи зикршуда то ҷоест, ки агар дастовардҳои даҳсолаҳои истиқлолиятро ҷамъбаст намоем, шояд яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо ҳамчун давлат ва миллат маҳз ҳамин ташаккули мактаби давлатдории муосири миллӣ бошад. Арзёбии боз ҳам амиқтар нишон медиҳад, ки мавҷудияти чунин мактаб акнун на танҳо сармояи миллӣ, балки устуворӣ ва идомаи он кафили бақои давлатӣ ва ҳастии миллии мо низ мебошад.

Ин аст, ки ҳифз, идома ва такмили ин мактаби давлатдорӣ рисолати муҳимтарини зиёиён ва сиёсатмадорони давлатмеҳвари тоҷик хоҳад буд.

Ба ибораи дигар, дар ин давра дар ниҳоят таҷрибаи амалии давлатдорӣ ҳосил гашта, мактаби амалгароёнаи давлатдорӣ шакл гирифта, масъалаҳои асосии давлатдории миллӣ ҳалли худро пайдо намуданд. Агар ин дастовардҳои амалии давлатдориро ба таври боз ҳам мушаххастар арзёбӣ намоем, дар ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ, аз ҷумла давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт(1), ягонагии ҳудудии кишвар ҳифз карда шуд(2), аркон ва сохтори давлатдорӣ барқарор гаштанд(3), модели давлатдории миллии мусоир шакл гирифт(4), сулҳу ваҳдати миллӣ таъмин карда шуд(5), раванди эҳёи миллӣ самту суръат ёфт(6), буҳрони шадиди иқтисодӣ бартараф гашт(7) ва мақоми устувори байналхалқии Тоҷикистон таъмин карда шуд(8).

Бо баршумории ин дастовардҳои усулӣ, акнун бояд ба ин саволи меҳварии рӯз посух гуфт, ки пас ҳоло дар куҷо қарор дорем? Яъне, ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлат дар кадом марҳилаи таърихӣ ва дар кадом зинаи рушди худ қарор дорад? Посух ин аст, ки бо ҳалли худро ёфтани масъалаҳои усулии давлатсозӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлат як марҳилаи муҳим ва зарурии рушди давлатдории худ, яъне марҳилаи эҳё ва барқарории давлатдории миллиро ҷамъбаст намуда, ҳамчун воҳиди мустақилли сиёсӣ, ҳамчун воқеияти таърихӣ ва ҳамчун унсури устувори низоми байнулмилалӣ ба таври инкорнашаванда ва бебозгашт шакл гирифт.

Тоҷикон истиқлолияти сиёсӣ ва давлатдории миллии худро соҳибӣ карданд ва бори дигар ҳамчун миллат дар зинаи давлатдоронаи рушд қарор гирифтанд. Тавре гуфта шуд, ин дастовард на танҳо як комёбии сиёсӣ, балки тантанаи ормонҳои ҳазорсолаи миллӣ ва пирӯзии адолати барҳаққи таърихӣ буд. Дар ин марҳила раванди давлатсозии муосири тоҷикон ба нуктаи кулминатсионии худ расида, самти ҳаракат ва дурнамои он муайян ва ҳамвор гашт.

Бо такмили ин марҳила, акнун Тоҷикистон бояд ҳамчун давлат ба зинаи нави таърихи такомулии худ, яъне ба марҳилаи рушди уствор ворид гардад, ки он хусусиятҳо ва вазифаҳои комилан хоси худро дорад. Дар шароите, ки дар марҳилаи ҷамъбастшуда масъалаҳои асосии давлатсозӣ ҳалли худро ёфтаанд, дар рӯзномаи марҳилаи нав, илова бар мавзӯи ҳифзу тақвияти дастовардҳо, пеш аз ҳама масъалаҳои марҳилаи рушди устувор, аз ҷумла татбиқи муассири стратегияҳои миллии рушди миёнамуддат ва дарозмуддати кишвар(1), модернизатсияи сифатии низоми идоракунии давлатӣ(2), ниҳодинасозӣ тафаккури давлатӣ(3), ташаккули ҳадафманди ватандории муосири шаҳрвандӣ(4), таҳкими ҷойгоҳ ва рушди зарфияти нерӯи инсонӣ(5), татбиқи марҳилаи навини ҳадафҳои ситартегӣ(6), таъмини саноатисозии босуръати кишвар(7), гузор ба модели саноатию кишоварзии рушд(8), суръатбахшии ислоҳоти амиқи иқтисодӣ(9), такмилу модернизатсияи низоми миллии илм(10), маориф(11), тандурустӣ(12) ва ҳифзи иҷтимоӣ(13), кафолати зиндагии шоистаи аҳолӣ(14), танзими шоисати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ(15), такмили равиши татбиқи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ(16), тақвияти шоистасолорӣ ва шаффофияти низоми кадрӣ(17), либерализатсияи низоми андоз ва рушди бахши хусусӣ(18), фароҳамсозии фазои амну озоду устувори сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ(19), коркарду татбиқи шеваҳои муассири мубориза бо фасод(20)... ва даҳҳо масъалаҳои дорои хусусияти иноватсионӣ қарор мегиранд. Масъалаҳое, ки то имрӯз низ дар рӯзномаи рушд қарор доштанд, аммо бинобар хусусиятҳои марҳилаи зикршудаи таърихӣ, нерӯ ва зарфияти давлатӣ бештар ба ҳалли масъалаҳои эҳё ва барқароривy устувории давлатдорӣ равона шуда буд.

Яъне, дар марҳилаи нави рушди худ Тоҷикистон бо ҳадафу вазифаҳое рӯбарӯ мебошад, ки ҳалли муваффақонаи онҳо на танҳо вазъияти иқтисодиву иҷтимоии кишварро ба куллӣ тағйир медиҳад, балки сифати зиндагии шаҳрвандонро низ дигар карда, ҷойгоҳи байнулмилалии кишварро аз рӯи тамоми шохисҳои иқтисодию сиёсӣ ба зинаи комилан нав боло мебарад. Табиист, ки дар маркази таваҷҷуҳи чу-

нин рушд бояд маҳз омили инсонӣ, бо маҷмуаи мутавозини ниёзҳои модӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии худ қарор гирад. Ба баёни дигар, агар дар марҳилаи буҳрону барқарорӣ шаҳрванд барои устувории давлат маҳрумиятҳоро таҳаммул кард, дар марҳилаи рушду пойдорӣ давлат бояд ниёзи шаҳрвандро дар авлавият қаро диҳад.

Аз ин рӯ, тавре борҳо зикр шуда буд, насли навини сиёсатмадорони тоҷик на танҳо масъулияти таъмини пайванди ду насли сиёсии замон, балки масъулияти таъмини пайванди ду фасли таърихии давлатдории моро низ ба дӯш хоҳанд дошт. Зеро на танҳо рисолати миллию таърихӣ, балки формулаи комёбии мо маҳз аз таъмини пайванд ва тавозуни аслҳои ҳаётие чун ҳифзи дастовардҳои усулии марҳилаи эҳё ва барқарории давлатдории миллӣ(1) ва ҳалли масъалаҳои бунёдии марҳилаи рушди устувори кишвар(2) иборат мебошад. Дар чунин раванди ҳассос, ки дар он сарнавишти давлату миллат рақам мехӯрад, на консерватизми муҳофизакорона ва на модернизми босуръат ба танҳоӣ коромад ва судманд нахоҳанд буд. Пас, идомаи муваффақи роҳи рушди давлатдории мо дар гарави «чор таъмин», яъне таъмини устувории ояндаи низоми сиёсӣ(1), таъмини мудовимати солими наслҳои сиёсӣ(2), таъмини идомаи солими мактаби давлатдории миллӣ(3) ва таъмини рушди устувори кишвар(4) аст. Маҳз чунин раванду пайванди боэътимод сатҳи чолишҳо ва таҳдидҳои сохтории дохилӣ ва хориҷӣ ба низоми сиёсиро коҳиш дода, барои таъмини ояндаи қобили пешбинии раванди сиёсӣ ва рушди устувори кишвар дар марҳилаи навин заминаи пойдор фароҳам месозад.

!!!Ин чанд банди боло хулосаи назариявӣ ва таҷрибии дастовардҳои тамоми се даҳсолаи рушди давлатдории мо буда, бояд ҳамчун муҳимтарин дастоварди миллию таърихии мо дар ин марҳила ба таври дуруст дарк, арзёбӣ ва қадрдонӣ шавад. Маҳз ҳамин гуна нигоҳи ҷомеи миллӣ, таърихӣ ва давлатмеҳвар метавонад моро ба дарки аҳаммияти чунин дастоварди азим қодир гардонад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки мутаассифона, имрӯз на танҳо дар сатҳи оммаю дар доираҳои мухолифандеш, балки дар миёни намояндагони қишри фикрию зиёии кишвар ва ҳатто дар баъзе доираҳои коргузории дав-

латӣ низ чунин дарки васеи давлатдоронаи вазъият ва арзёбии миллию таърихии дастовардҳои истиқлолият вуҷуд надорад.

То ҷое, ки баъзе аз онҳо нисбату муносибати худро бо давлат ва низоми идорию сиёсӣ на дар омили разишию давлатдорию ватандорӣ, балки дар омилҳои басе ҷузъиву фардию субъективӣ мебинанд. Бо вуҷуди ин, чунин муносибату чунин ҳолат ҳаргиз арзиши ин дастовардҳои бузурги миллию таърихии давлатдориро коҳиш намедиҳад.

Аммо, дар ишора ба ишораҳои мунаққидони чунин дидгоҳи давлатмеҳвар бояд таъкид шавад, ки барои ҳимоят аз ин арзишҳои бунёдӣ ва меҳварӣ таалluқу тамаллуқ ба ҷониби ҳукумат ё доштани мансабу кори идорӣ дар низом ҳаргиз шарт нест. Зеро ин мафҳумҳо басе фаротар аз чунин ҳолатҳои фардию иҷтимоии инсонанд ва новобаста аз «хуб» ё «бад» будани ҳукумат ҳамчун арзиш мемонанд.

Ҳамчунин, агар дар ин раванд ҷойе аз шахс ё сиёсате ҷонибдорӣ шавад, он на ҳамчун шахс ё мавқеъ, балки маҳз ҳамчун бахше ё рамзе аз ҳамин арзишҳои бунёдии давлатдорӣ ва давлатсозӣ арзёбӣ мегардад. Бо ин мантиқ, ҷонибдории устувори мо аз низоми сиёсӣ ва роҳбарияти феълии кишвар маҳз ҳамчун ҷонибдорӣ аз раванди таърихии давлатсозӣ, дастовардҳои зикршудаи ин марҳила ва аз маҷмуаи арзишҳои бунёдии давлатдорӣ мебошад. Ва бо ҳамин мантиқ, мухолифати мо бо мавқеи баъзе мухолифандешон низ на маҳзи мухолифат бо шахс ё гурӯҳи эшон, балки мухолифат бо таҳдидофарии онҳо бар ҳамин маҷмуи арзишҳо ва дастовардҳои бунёдии давлатдорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, паёми марказии ин биниши давлатмеҳвар ва ин таҳлили ниҳодгаро бисёр возеҳ ва рӯшан аст: бо касби истиқлоли сиёсӣ мо соҳиби давлати миллӣ гаштем(1), ки он бузургтарин дастоварди таърихи муосири мост(2), ҳадафҳои олии давлати мо маҳз эҳёи миллӣ(3), мардумсолорӣ(3) ва зиндагии шоистаи шаҳрвандон(4) аст, ки бо ҳама душвориҳо сӯи он дар ҳаракат мебошем(5). Дар ин масир мо ҳамчун давлат мушкилоти зиёд дорем(6) ва аз вуҷуди онҳо огоҳем(7) ва барои рафъи онҳо дар талошем(8), аммо аз назари раванд ва лаҳзаи таърихӣ(9) авлавияти аввали имрӯзи мо ташаккули ниҳоии ниҳоди давлат(10) ва ниҳодина шудани суботу амният(11) аст, то дар ин за-

мина татбиқи он арзишҳои олии мо имконпазир гарданд(12). Бо ин мақсад, мо дар сатҳи усулӣ модели дурусти арзишӣ ва масири дурусти ҳаракатро интихоб кардаем(13) ва ба самти татбиқу такмили он дар талош ҳастем(14) ва бояд дарёбем, ки дар шароити печидаи таърихӣ ва сиёсие, ки имрӯз қарор дорем(15), масъалаҳои усулие чун давлат, миллат, ваҳдат, субот, амният, низоми устувори сиёсӣ ва ҳамбастагии миллӣ(16) бартар аз ҳамаи тарҳу ормону ҳизбу ақидаю манфиатҳо(17) ва болотар аз ҳамаи мушкилоту эътирозу ихтилофҳост(18). Бинобар ин, имрӯз танҳо ҳифзи давлати устувор(19) ва суботи пойдор(20) имкон медиҳад, ки мо бақои давлатӣ ва миллии худро таъмин намуда(21), заминаи татбиқи арзишҳои олии миллӣ ва инсонии худро фароҳам созем(22). Дар ин масири таърихӣ мо то имрӯз марҳилаи эҳё ва барқарории давлатдории миллиро муваффақона сипарӣ карда(23), ба марҳилаи рушди устувори давлатдорӣ қадам ниҳодем(24), ки он марҳилаи сифатан нави давлатдорӣ бо моҳияти инсонмеҳвар ва мамҷӯи вазифаю хусусиятҳои худ мебошад. Аз назари арзёбии раванди таърихии рушди давлатдории миллӣ, имрӯз, дар соли 30-юми истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо дар ҳамин марҳилаи давлатдорӣ ва дар ҳамин нуктаи рушди он қарор дорем.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

*Моҳи сентябри соли 2020*

# БОЯД ПАЖӮҲИШГОҲИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ТАЪСИС ДОДА ШАВАД

Заруратҳои ҷамъбасти назариявии сулҳ
ва таҳкими амалии ваҳдат дар тоҷикистон

Ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ дар соли 1997 яке аз муҳимтарин ҳодисаҳои таърихи муосири Тоҷикистон ва оғози марҳилаи сифатан нави рушди миллат ва кишвар буд. Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки ҳамчун ҷашне ба ин муносибат муқаррар гашт, на танҳо рӯзи ёдоварии он сана, балки рӯзи бузургдошти худи ваҳдати миллӣ ҳамчун як арзиши бунёдии ҷомеа мебошад. Он ҳам ҷашн ва ҳам андешаву ҳӯшдору ҳӯшёрист. Яъне, ваҳдати миллӣ на танҳо боиси қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, балки боиси наҷоти давлату миллати мо гардид.

Чун истилоҳоти «наҷоти давлат»-у «наҷоти миллат» имрӯз аз такрори мукаррар гоҳо чун ҳарфҳои умумии таблиғотӣ менамоянд, бо зикри як омори одӣ метавон то чӣ ҳад воқеӣ будани онҳоро ёдрас ва рӯшан кард: Соли 1991 аҳолии Тоҷикистон ҳудуди 5,2 миллион нафарро ташкил мекард. Бо оғози ҷанги дохилӣ ҳудуди 1 миллион нафар ба хориҷа (Афғонистон ва кишварҳои ИДМ) гуреза шуданд, ки он наздик ба 20% аҳолист. Ҳудуди як миллиони дигар беҷошудагони дохилӣ буданд, ки он низ наздики 20 дарсади дигар аст. Яъне бо оғози ҷанг беш аз 40% аз аҳолӣ гурезаву беҷову пароканда шуда буд. Шумораи қурбониёни ҷанг то 180 ҳазор нафар расид, ки он ҳам 3-3,5% аз аҳолист! Ҳамин тавр, агар сулҳ барқарор намешуд, хатари дар парокандагӣ нобуд шудан ва дар ҷанг қир гаштани аксари аҳолӣ,

яъне хатари нобудии физикию биологии миллат низ имкон дошт. Ин дигар идеология нест, балки омори як воқеият аст.

Дар бораи аҳаммияти ин санад дар сарнавишти тоҷикон ёдоварии як арзёбии ҷасуронаи Президенти кишвар муносиб мебуд, зеро акнун на танҳо сиёсатмадорон, балки муҳаққиқон низ барои чунин қиёс ҷуръат намекунанд: «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ аз аҳамияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистанд. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд. Агар дар ватани мо бо шарофати Созишнома сулҳу салоҳ пойдор намегардид, хатари аз даст додани истиқлолият ба мо таҳдид мекард.»

Ин аст, ки рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ҳақиқат ҷашни наҷоти давлату миллат, ҷашни ғалабаи хиради сулҳ бар ҳаҳолати ҷанг аст. Ҷашне фаротар аз як санаи таърихӣ, ҷашне, ки рӯҳия ва хостаҳои ониву ҷории сиёсии мо онро бояд тира накунад.

### ЗАРУРАТИ ТАҒЙИРИ МУНОСИБАТИ АМАЛӢ БО ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон як таҷрибаи арзишманди амалӣ буда, мавҷудияти «модели тоҷикии сулҳ» ҳамчун равише бо хусусиятҳои хосаи худ дар доираҳои гуногуни илмию сиёсӣ пазируфта шудааст. Ин таҷриба аз ҷумла, дар барномаи Донишгоҳи сулҳи СММ дар Коста-Рика ҳамчун курси сулҳофарӣ барои дипломатҳо ва дар Донишгоҳи Давлатии Москва ҳамчун курси махсус барои магистрҳо таълим дода мешавад. Пажӯҳишгоҳи сулҳу амнияти САҲА дар шаҳри Ҳамбурги Олмон низ ин таҷрибаро дар доираи як барномаи чандсолаи илмӣ мавриди тадқиқ қарор додааст. Дабири кулли собиқи СММ Кофи Аннан таъкид намуда буд, ки «тоҷикон барои тамоми ҷаҳониён намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро эҳдо намуданд». Яъне дар будани таҷрибаи нодир ва модели тоҷикӣ шубҳае нест.

Аммо дар самти омӯзишу гиромидошти ин таҷриба дар худи Тоҷикистон ва хусусан, дар масъалаи арзиш ва ниҳодина кардани он бояд давлат ва ҷомеа баъзе корҳои ҷиддитаре анҷом диҳанд:

1.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон бояд ҷамъбасти илмию назариявӣ гардад. Ин таҷриба ҳануз аз назари илмӣ таҳқиқу таҳлилу ҷамъбасти лозима нагашта, ба илм, ба таҳлил, ба методология ва ба мактабу дониши қобили таълим ва интиқол табдил дода нашудааст. Корҳои фаровоне, ки дар ин самт анҷом шудаанд, асосан аз навиштани таърихи хронологияи раванди сулҳ, нашри ҳуҷҷату ёддоштҳо аз он ва тавсифҳои сиёсию идеологии он таърихи таҷриба иборат мебошанд.

Пас, ҳанӯз, ки бахше аз ширкатдорони раванди музокирот ва баъзе аз аъзои Комиссияи оштии миллӣ дар қайди ҳаётанд, зарур аст, ки бо ҷалби онҳо раванди комили сулҳи тоҷикон аз тарафи олимону муҳаққиқони босалоҳият таҳлил ва тадвин шавад. Яъне, илова бар навиштани рӯзу солу моҳу ҷой воқеаҳо, бояд бо истифода аз методҳои илмию байнисоҳавӣ таҳлилу арзёбии таърихӣ, равонӣ, фалсафӣ ва сиёсии ин таҷриба анҷом дода шавад. Зеро, барои дарку нашру бақои як таҷриба бисёр муҳим аст, ки он ҷамъбасти назариявӣ ёбад, ба илм ва ба низоми мафҳумию методӣ табдил шавад ва ба ин восита ба наслҳои дигар интиқол гардад.

2.

Бояд пажӯҳишгоҳи махсуси сулҳи тоҷикон таъсис гардад. Басе зарур аст, ки бо ҳадафи омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва устувор намудани ваҳдати миллӣ, дар шаҳри Душанбе бо сармоягузории ҷиддии давлатӣ дар сатҳи як институти бузурги миллӣ марказ ва ё пажӯҳишгоҳи сулҳи тоҷикон таъсис дода шавад. Ин ниҳод илова бар омӯхтан, ҷамъбасти илмию методологӣ ва ба назарияи илмӣ табдил додани таҷрибаи сулҳи тоҷикон, бояд ба омӯзи-

ши васеи заминаву омилҳо ва раванду пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи имрӯз, хатару чолишҳо ва омилу роҳҳои таҳкими ваҳдати миллӣ, нашру таблиғу таълими таҷрибаи тоҷикон дар сатҳи миллӣ ва байнулмилалӣ ва ғайра машғул бошад. Шояд ҳоло баъзе марказу гӯшаҳои хурде бо чунин ному ҳадаф мавҷуданд, аммо ин ҷо сухан аз таъсиси як пажӯҳишгоҳи тому тавонманди давлатӣ меравад.

3.

Зарурати гирдоварии бойгонии ягона ва таъсиси осорхонаи сулҳи тоҷикон. Бо мақсади барои наслҳои оянда ва барои олимону муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ пурра дастрас гаштани таҷриба, санадҳо ва ҳуҷҷатҳои раванди сулҳ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, зарур аст, ки бойгонии ягонаи раванди сулҳи тоҷикон ташкил шавад. Зеро, ҳоло қисми асосии санаду ҳуҷҷатҳои музокирот, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва раванди сулҳсозӣ дар ихтиёри марказҳо, ниҳодҳо ва шахсони алоҳида ва иштирокчиёни ҷудогонаи ин раванд қарор дошта, эҳтимоли аз байн рафтани ин хазинаи барои таърихи миллат муҳим мавҷуд аст.

Ҳифзи тамоми ҳуҷҷатҳои ин раванд дар оянда арзиши ҷиддии илмӣ, миллӣ ва таърихӣ пайдо мекунад. Ҳамчунин, хуб мебуд, ки дар канори пажӯҳишгоҳ ва бойгонӣ осорхонаи сулҳи тоҷикон низ ташкил шавад.

Барои анҷоми ин корҳо, яъне таъсиси пажӯҳишгоҳ, бойгонӣ ва осорхонаи сулҳи тоҷикон, муносиб аст, агар давлат бинои меҳмонхонаи «Вахш»-ро, ки солҳои 1997-2000 дар он Комиссияи оштии миллӣ фаъолият дошт, харидорӣ намуда, пас аз тармими комил, ниҳодҳои зикршударо дар он ҷой намояд. Майдони зебои назди он низ метавонад ба ин муносибат чун майдони сулҳ ё оштии миллӣ номгузорӣ шавад. Дар ин ҳолат ин бинои таърихӣ метавонад ба як рамз ва як маркази ваҳдат, огоҳӣ ва ҳувияти мо табдил гардад ва насли ҷавон аз он чун аз ҳарами сулҳу ваҳдат боздид намоянд ва дар ин рӯҳия

тарбият ёбанд. Масъалаи сулҳ ва ваҳдат арзиши онро дорад, ки рӯи он сармоягузориҳои калони давлатӣ сурат гирад.

4.

Зарурати муаррифии минтақавӣ ва байнулмилалии таҷрибаи сулҳи тоҷикон. Таҷрибаи сулҳ метавонист яке аз муҳимтарин унсурҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва яке аз брендҳои асосии чеҳрасозии минтақавӣ ва байнулмилалӣ барои кишвар бошад. Аммо то имрӯз ин имконият ба таври зарурӣ истифода нашудааст. Чун Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ташаккул ва муаррифии симои мусбат ва муосири кишварро яке аз вазифаҳои муҳимми дипломатияи тоҷик медонад, маҳз таҷрибаи сулҳ метавонист яке аз муаррификунандаҳои мусбати симои Тоҷикистон дар арсаи байнулмилалӣ бошад.

Ин таҷриба, ки то имрӯз ҳамчун маълумот ва ҳамчун таърих нашр шудааст, акнун бояд маҳз ҳамчун мактаб, методология ва роҳи муассири ҳалли низоъҳо дар сатҳи беруна низ таблиғу муаррифии шоиста шавад. Он метавонад бо нашри муаррифиномаҳо бо забонҳои гуногун, таҳияи филму наворҳои касбӣ, ташкили чорабиниҳои байнулмилалии таҳлиливу сиёсӣ, баргузории намоишгоҳу ҷашнвораву мусобиқаҳо, ташкили давраҳои омӯзишӣ барои дипломатҳои хориҷӣ ва ғайра ба таври доимӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардад.

Хусусан, дар раванди печидатар шудани низоъҳо дар ҷаҳони имрӯз, таҷрибаи сулҳи тоҷикон арзиши муаррифии боз ҳам васеътар пайдо намудааст. Дар ин самт Тоҷикистон чун кишвраи соҳиби таҷрибаи амалии сулҳ метавонад барои дар шаҳри Душанбе таъсис шудани филиали Донишгоҳи сулҳи СММ ташаббус пеш гузорад.

#### БАЪЗЕ РУЙКАРДҲОИ БУНЁДӢ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Дар айни замон, илова бар корҳои амалӣ дар самти ниҳодина ва пойдор кардани таҷрибаи сулҳ, имрӯз барои таҳкими ваҳдати миллӣ

бояд ба баъзе рӯйкардҳои назарию бунёдӣ низ таваҷҷуҳ шавад. Чун бештари ин заруратҳоро дар навиштаҳои пешин шарҳ намудаем, ин ҷо бо зикри баъзе аз ҷанбаҳое, ки камтар мариди таваҷҷуҳ қарор мегиранд, кифоят мешавад:

1. Зарурати гузаштан аз ватандӯстии китобию иттилоотӣ ба ватандории ҳиссию вуҷудӣ

Яке аз рӯйкардҳои муҳим дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва заифсозии падидаи ваҳдатшикани маҳалгароӣ рушди ҳамдигаршиносии аҳолии кишвар аз тариқи рушди саёҳату омезиши дохилии мардум аст. Зеро воқеият ин аст, ки мо аз китобу рӯзнома ва расонаю шабакаҳо дар бораи минтақаҳои гуногун ва ҷойҳои таърихию табиии Тоҷикистон механему мегӯему мешунавем, аммо аксари аҳолӣ ин ҷойҳоро ҳаргиз надидааст. Аз ин рӯ, бисёр зарур аст, ки бо мақсади шинохти воқеитаре аз кишвар ва мардуми худ, аз ватандории китобию иттилоотию тасаввурӣ ба ватандории ҳиссию амаливу вуҷудӣ гузарем.

Ба таври мисол, тибқи натиҷаҳои пажӯҳише, ки чанд сол пеш анҷом дода будем, ба истисної баъзе хидматчиёни давлатӣ, ки ба минтақаҳо сафарҳои корӣ доранд, беш аз 99% аз мардуми оддии вилояти Суғд ҳаргиз Бадахшонро ва ё водии Раштро надидаанд. Ва низ то 95% аз сокинони одии Бадахшон водии Зарафшон ва вилояти Суғдро надидаанд. Аксари мутлақи мардуми минтақаҳои Ҳисору Хатлон низ Рашту Сангвору Бадахшонро надидаанд. Агар дақиқ гирем, аксари кулли мардуми кишвар ҷойҳои зебову нодири Тоҷикистон, чун қуллаи Исмоили Сомонӣ, Искандаркӯл, Ҳафткӯл, Саразм, дараи Камаров, Сарихосор, Дарвозу Ванҷи Боло, Сарезу Булункӯл, Чилучорчашма, чашмаи Бибифотимаи Заҳро, Қаратоғу Ширкент ва ҳатто Ромити Болоро надидаанд. Ин ҳолат фосилаҳои инсонию девораҳои равониро дар муҳити аҳолии кишвар ба таври устувор нигоҳ медорад.

Барои ислоҳи ин вазъият ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ин тариқ гзоштани чанд қадами ҷиддӣ муфид мебуд:

*Аввал, бо таблиғу талошҳои арзишсозӣ, дар зеҳни мардум фарҳанги кишваршиносӣ ва саёҳати дохилӣ парвариш дода шаванд, то ҳар хонавода шавқманди он бошад, ки аз тамоми гӯшаву канори кишвар дидан намояд.*

*Дуюм, бо татбиқи як барномаи ҷиддии рушди саёҳии дохилӣ, дар ин мавзеъҳо шароит ва зерсохтори шоиставу дастрасу зарурӣ фароҳам гарданд.*

*Сеюм, бояд аз тариқи мақомоти маҳаллӣ, расонаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ барномаҳои таблиғию оммавии боздиди мардум аз ин ҷойҳо ташкил шавад ва ё табодули гурӯҳҳо ва меҳмонон байни минтақаҳо сурат гирад.*

Албатта, рушди сайёҳии дохилӣ дар аввал аз диди иқтисодӣ пурхарҷу камдаромад аст, аммо давлат бояд рӯи он ҳамчун як барномаи калони милатсозию ваҳдатсозӣ сармоягузории ҷиддӣ намояд. Зеро рушди саёҳии дохилӣ фақат як мавзӯи тафреҳию саёҳатӣ нест, балки он дар ташаккули ҳисси устувори ватандорӣ ва дар таҳкими ваҳдати миллӣ низ таъсири ҷиддӣ хоҳад гузошт. Вақте мардум ин паҳно, ин зебой ва ин рангинии Ватанро бо чашми худ мебинанд, он гоҳ ҳисси ватандорӣ ва ватандӯстии онҳо ба сатҳи комилан дигаре боло меравад. Вақте мардуми минтақаҳои кишвар бо ҳамдигар ва бо урфу одату меҳрубонии ҳамдигар ошно мешаванд, пайвандҳои мардумӣ дар сатҳи кишвар бисёр амиқтар мегарданд. Он гоҳ ватаншиносии иттилоотии китобию расонаию телевизонӣ ба ватандории амалию ҳиссию вуҷудию айнӣ табдил мешавад. Пас имрӯз рушди саёҳатгарии дохилӣ ва ташаккули ватаншиносии ҳиссию амалии мардум ҳам аҳаммияти фарҳангӣ ва ҳам иқтисодию иҷтимоӣ, ҳам аҳаммияти миллӣ ва ҳам аҳаммияти бузурги сиёсию давлатӣ дорад.

Он ваҳдати миллиро аз сатҳи назарию сиёсию идеологӣ ба умқи ҷомеа фароварда, ба сатҳи табиӣ ва инсонӣ мебарад. Он метавонад мифу тасаввурҳои ғайривоқеии мардуми минтақаҳои кишвар дар бораи ҳамдигарро аз байн бурда, деворҳои равониро аз миён бардорад. Ин сатҳи дигари ваҳдат, балки эҳсоси муштараки ватандорист.

2. Зарурати аз фаҳмиши созишномавӣ раҳо намудани ваҳдати миллӣ

Баррасии маҷмуаи дидгоҳҳо нишон медиҳанд, ки дар фазои фикриву иттилоотии мо мафҳуми ваҳдати миллӣ ҳануз дар доираи Созишномаи соли 1997, яъне тавофуқи тарафҳои ҷанги шаҳрвандӣ фаҳмида мешавад. Бо ин фаҳмиш, будан ё набудани сулҳу ваҳдат низ дар идома доштан ё надоштани ҳамон сиғаи муносибатҳои сиёсию идорӣ байни «ду ҷониб» шарҳ мегардад. Албатта, дар солҳои аввали баъдиҷангӣ ваҳдати миллӣ асосан ба ҳамин маъно буд, аммо ҳоло ин маънии ваҳдат дигар воқеияти ҷомеаи Тоҷикистонро ифода карда наметавонад.

Зарурати таҳаввул дар фаҳмиши ваҳдати миллӣ ҳоло дар он аст, ки аввлан, дар ин марҳила худи таркиби аҳолии кишвар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтааст. Насле, ки ҳоло 40-сола аст, соли 1997 ҳамагӣ 16-сола, яъне хонандагони синфҳои 9-10-уми мактаби миёна ва насли 30-солаи имрӯз он замон ҳамагӣ 6-сола ё кӯдаки кӯдакистон буданд. 25 солаҳо ҳамагӣ 1-сола ва 20-солаҳо ҳанӯз умуман ба дунё наомада буданд. Яъне, ин бахши аҳолӣ, ки ҳоло беш аз 70% аз шаҳрвандони Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, на дар ягон тарафи ҷанги шаҳрвандӣ ва на дар ягон ҷониби Созишномаи соли 1997 ҳузур ва нисбат надоштанд. Аз наслҳои калонтар ҳам на ҳамагӣ шомили он раванд буданд. Пас, агар имрӯз ваҳдати миллӣ ба маънои тавофуқ ва муносибати ду ҷониби Созишномаи сулҳи соли 1997 бошад, он дигар аксарияти кулли аҳолии кишварро фаро намегирад ва ба як мафҳуми таърихиву ҳошиявӣ табдил меёбад. Дар ҳоле ки мо маҳз ба ваҳдати фарогир ниёз дорем.

Илова бар ин, дар ин 24 сол дар ҷомеаи Тоҷикистон даҳҳо ҳизбу ҳаракату ташкилотҳои сиёсӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайридавлатию ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ ва арзишӣ, доираҳои нави мухолифу дигарандеш, иттиҳодияҳои нави касбию соҳавӣ, шахсиятҳои нави соҳибназару таъсиргузор ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки дар замони имзои Созишномаи сулҳи соли 1997 умуман вуҷуд надоштанд. Ин ҷо низ агар ваҳдати миллӣ ба маънои созиш-

номаӣ бошад, ин қишру доираҳои имрӯз фаъолу муассири ҷомеаро дар бар намегирад.

Аз ин рӯ, андешаи солим ва муфид ин мебуд, ки имрӯз ваҳдати миллӣ аз фаҳмиши қарордодӣ раҳо шуда, маҳз ба маънои фарогири умумимиллӣ фаҳмида шавад. Он бояд, пеш аз ҳама дар асоси нишондиҳандаҳое чун дар атрофи мафҳумҳои асосии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, арзишӣ, давлатӣ ва дар тарофи худи ниҳоди давлат муттаҳид будани аксарияти кулли мардум, ҳамзистии осоиштаи намояндагони тамоми халқу миллатҳо ва дину эътиқодҳо, ҳамзистии минтақаҳо ва маҳалҳои кишвар, ҳамсӯии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар чорчӯби усулҳои асосии сиёсӣ, низоми давлатдорӣ ва арзишҳои давлатдории миллӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва заминаи он фароҳам будани ризоияти иҷтимоии аксарияти аҳолӣ аз сиёсатҳои давлатӣ, ба сатҳи як арзишу тафаккури умумимиллӣ ва як фарҳанги фарогири ҷомеа таҳаввул ёфтани мафҳуми ваҳдат ва ғайра арзёбӣ ва андозагирӣ шавад. Зербинои арзишию ҳуқуқии чунин ваҳдати миллии фарогирро акнун на созишномаи муайян, балки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишу меъёрҳои пазируфтаи умумимиллӣ ва манфиатҳои миллӣ ташкил диҳанд.

Наслҳои нави мо бояд аз насле, ки сулҳу ваҳдатро барқарор намуд, ҳамеша сипосгузору миннатдор бошад ва корномаи бузурги онро ҳамчун бахши муҳимме аз таърихи миллат пос дорад. Аммо онҳо набояд беохир гаравгони он тақсимот монда, худро яке аз ҷонибҳои ҷанг ё сулҳ ё созишномаи он насл тасаввур кунад, балки ба мафҳуми ваҳдати миллӣ дар матни воқеияти имрӯзи ҷомеа андешад. Дар сатҳи расмии идеологӣ низ чунин таҳаввули мафҳум ва фаҳмиш аз ҳар назар ҷавобгӯи таҳкими ваҳдат ва манфиатҳои миллист.

### 3. Зарурати роҳ надодан ба ихтилофҳои мазҳабӣ ва ҳифзу таҳкими низоми дунявии давлатдорӣ

Дар шароите, ки ҷомеаи мо аз чанд самт бо таҳдидҳои фикрию мазҳабию идеологӣ рӯбарӯст, яке аз масъалаҳои ҳаётии ҳифзу таҳки-

ми ваҳдати миллӣ роҳ надодан ба ихтилофи мазҳабӣ ва ҳифзи низоми дунявии давлатдорӣ мебошад. Дар чунин шароит, хусусан варианти тоҷикии ин низоми давлатдорӣ, ки дар он дунявият маънои эътиқодӣ надошта, пеш аз ҳама як силсила меъёрҳои ҳуқуқӣ барои аз таъсири дин озод нигоҳ доштани майдони фаъолияти сиёсӣ ва идоракунии давлатиро дар бар мегирад, метавонад яке аз заминаҳои ҳифз ва таъмини суботу амният ва Ваҳдати миллӣ бошад. Моҳияти чунин андешаро метавон дар нуктаҳои зерин пай бурд:

Аввал, дар ҷаҳони имрӯз аксари ҷомеаҳо ҳолати чанддинӣ ва чандмазҳабӣ дошта, «низоми динӣ» дар онҳо ҳатман дар асоси фаҳмиши яке аз мазҳабҳо ё равияҳо хоҳад буд. Ҳатто он давлатҳое, ки имрӯз «исломӣ» ном доранд, дар асл дар асоси ин ё он мазҳаби мушаххас бунёд шудаанд. Бинобар ин, дар низомҳои идеологияю динӣ «мазҳаби ғолиб», ки ба ҳокимияти сиёсӣ табдил мешавад, мазҳаби тобеъро дар фазои берун аз машруияти идеологӣ ва ҳуқуқӣ қарор медиҳад ва «мазҳаби мағлуб» моҳиятан ба мухолифи «ҳукумат» табдил мешавад. Ҳамин тавр, дар шароити ҷомеаи чандмазҳабӣ чунин модели идорӣ моҳияти ваҳдатшикан мегирад. Баръакси ин, модели дунявӣ иҷозат намедиҳад, ки яке аз мазҳабҳо ба «ҳукумат» табдил шавад ё яке аз фаҳмишҳои динӣ дар фазои сиёсӣ ғолиб ояд ва фаҳмишҳои дигарро саркуб кунад ё ба ҳошия ронад.

Дуюм, баъзе ҳодисаву низоъҳои ҷаҳони ислом нишон медиҳанд, ки вақте ҳизбу мазҳабу равияҳои динӣ дар фазои сиёсӣ муқобили ҳам дар ҷанги қудрату манфиат қарор мегиранд, пояҳои суботу ваҳдати ҷомеа барҳам мехӯранд. Зеро, онҳо дар баробари ҳамдигар бо фатвоҳои инкорӣ мусаллаҳ буда, аксаран ба ғайр аз ҳазфи рақибон ба варианти дигар розӣ намешаванд. Қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ низ аз чунин ихтилофҳо манфиат ҷуста, аз гурӯҳҳои сиёсии дингаро ҳамчун як воситаи расидан ба мақсадҳои худ ба таври васеъ истифода мекунанд. Ҳамин тавр, низои динӣ ба ихтилофи дохилӣ ҷанбаи ҳалнашавандаи минтақавию байнулмилалӣ низ мебахшад.

Сеюм, Тоҷикистон дар мисоли робитаи неки пайравони мактабҳои ҳанафӣ ва исмоилӣ таҷрибаи устувори ҳамзистии динии аҳолиро

дорад. Бинобар ин, динию идеологӣ шудани фазои сиёсӣ ва иттилоотӣ, пеш омадани низоъҳои мазҳабӣ ва ворид шудани ақидаҳои ифротии динӣ ба муҳити ҷамъиятии кишвар, аз ҷумла ба ин таҷрибаи нодири ҳамзистӣ зарбаи сахт мезанад. Табиист, ки чунин ҳолат ба ваҳдату суботу амният ва ҳатто ягонагии Тоҷикистон таҳдиди ҷиддӣ меофарад. Моҳҳои охир баҳсу набардҳои мазҳабию фирқавӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва фазои иттилоотии тоҷикӣ низ авҷ гирифтаанд, ки густариши он метавонад ин таҷрибаи арзишманди Тоҷикистонро халалдор намояд.

Дар чунин вазъият, бартарии низоми дунявии давлатдорӣ ҳамчун механизми ҳуқуқию сиёсии танзими ин масъалаҳо намудор мешавад, зеро дар шакли солим ва ғайриидеологии низоми дунявӣ фазои сиёсии давлатӣ аз таъсири бевоситаи дин озод монда, дар айни замон, ҳуқуқу озодиҳои динию шаҳрвандии аҳолӣ таъмин мегарданд. Пас, дар шароити ҳассоси дохилию таърихӣ ва дар муҳити печидаи минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳифзи тарзи дунявии давлатдорӣ дар Тоҷикистон яке аз муҳимтарин омилҳои таъмини ваҳдат, амният ва истиқлолияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

4. Таҳкими адолати иҷтимоӣ ва болобарии саводи аҳолӣ чун пояҳои ваҳдати миллӣ

Дар ниҳоят, устуворию пойдории ваҳдати миллӣ ба ду омили муҳимми дигар низ вобаста мебошад:

1. Адолати иҷтимоӣ. Адолати иҷтимоӣ ҳамчун як арзиши бунёдӣ, пеш аз ҳама ҳолатҳое чун баробарии шаҳрвандон назди қонун, таъмини ҳуқуқу озодиҳои бунёдӣ, эҳсоси амнияти шахсию ҷамъӣ, доштани шароит ва зиндагии шоиста ва ғайраро дар бар мегирад. Он муҳимтарин омили шаклдиҳандаи муносибатҳои амалии ҷомеа, аз ҷумла муносибати шаҳрванд бо низоми сиёсӣ ва давлат мебошад. Илова бар ин, тибқи таҳлилҳои равоншиносии ҷамъиятӣ, худи эҳсоси будани адолати иҷтимоӣ, яъне ҳолати равонии ҷомеа низ ҳамчун омили мустақил дар ин самт таъсири ҷиддӣ дорад.

Дар сурати коҳиш ёфтани адолати иҷтимоӣ ё набудани эҳсоси он дар ҷомеа, эътимоду ҳамбастагии мардум бо давлат заиф гашта, ҳолати бегонашавии тадриҷӣ аз низоми сиёсӣ ба вуҷуд меояд; қишрбандӣ ва ташаннуҷи иҷтимоӣ шакл гирифта, арзишҳои бунёдии нигоҳдорандаи ваҳдати ҷомеа кор намекунанд ва таъсиргузории сиёсату идеологияи расмӣ низ заиф мегардад. Пас, барои нигаҳдории ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳ ба таъмини адолати иҷтимоӣ як масъалаи ҳаётист.

Таҷрибаи аксари ҷомеаҳо нишон медиҳад, ки шояд бештари шаҳрвандон ба ин ё он навъи мушкилот ё маҳдудияти сиёсӣ таваҷҷуҳе накунанд, аммо дар сурати таъмин набудани адолати иҷтимоӣ, онро дар зиндагии худ бевосита эҳсос намуда, вокуниш нишон медиҳанд. Бинобар ин, илова бар кори амалӣ дар ин самт, бисёр муҳим аст, ки дар шароити ҳуҷумҳои иттилоотии ваҳдатшикан дастгоҳи идеологию таблиғотии давлат бо муосиртарин равишу воситаҳо эҳсоси адолати иҷтимоиро низ дар ҷомеа боло нигоҳ дорад.

2. Сатҳи саводи аҳолӣ. Дар замони муосир сатҳи саводи аҳолӣ на танҳо як масъалаи илмию фарҳангӣ, балки як мавзӯи муҳимми иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ низ мебошад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷомеаҳои огоҳу босавод метавонанд рӯҳи замон ва моҳияти фурсатҳо ва таҳдидҳоро дуруст дарк карда, рушду бақои худро ҳифз намоянд. Аз ин назар, ҳоло соҳаи маориф яке аз пояҳои амнияти миллии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон, пастравии сатҳи саводи аҳолӣ таҳдиде ба амният ва ваҳдати миллӣ мебошад. Гармии бозори равнаду гуфтумонҳои хашину ифротие, ки ҳоло дар фазои иттилоотии мо мушоҳида мешаванд, ҳушдор медиҳад, ки барои ҳифзи суботу ваҳдат мо бояд ба мазумну сифати саводи наслҳои нави ҷомеа таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоем. Бояд ин савол ҳамчун бонги изтироб садо диҳад, ки чи гуна ҷавонеро, ки низоми таълимии кишвар бо заҳматҳои зиёд даҳҳо сол тарбият мекунад, метавон дар чанд дақиқа инҳирофи сиёсӣ ё ақидатӣ доду ба ину он самт кашид?

Хулоса, маҳз ҷомеаи огоҳ ва дорои зиракии сиёсӣ метавонад мафҳумҳои баланде чун истиқлолият, худшиносӣ, манфиатҳои мил-

лӣ ва ваҳдатро дарк намуда, онҳоро ҳамчун омили бақои худ ҳифз намояд. Ҷомеаи бесводу ноогоҳ метавонад ба осонӣ қурбонии фитнаҳои сиёсӣ, домҳои фикрӣ ва рахнаҳои идеологию иттилоотии дохиливу берунӣ гашта, заминаи низоъ, парокандагӣ ва нобудии худро фароҳам созад.

Бо умеди ваҳдати миллии фарогир, устувор ва огоҳона.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*
*Моҳи июни соли 2021*

# МАРЗИ ОШТӢ БО ТОЛИБОН КУҶОСТ?

Паёмҳо ва сабақҳо аз бозгашти Толибон
барои Тоҷикону Тоҷикистон

**ВУРУД**

Ҳафтае пеш аз таслими Кобул маводеро бо номи «Рисолати касбӣ ва рисолати миллии зиёиён дар шароити ҳассоси навин» ба нашр расондам, ки он мавқеъ ва муносибати муаллиф ба ин таҳаввулотро рӯшан баён мекард. Ин бор мехостам чанд нуктаро дар бораи моҳияти ҳодисаҳои ахир, сабақҳои мушаххаси он барои тоҷикону Тоҷикистон, паёми он ба мувофиқину мухолифини сиёсӣ ва чигунагии мавқеи боядии давлати мо нисбат ба толибон ба таври мухтасар дар миён гузорам.

Гарчӣ китоби «Афғонистон ва Осиёи Марказӣ»-ро бо ин ҷумла оғоз карда будам, ки ҳар касе дар бораи буҳрони Афғонистон доварӣ ва пешгӯӣ кунад, ҳайсияти илмии худро зери хатар мегузорад, зеро печидагии ин гиреҳ фаротар аз тасаввурҳост, аммо бино бар рисолату зарурат ин ёддоштро ҳамчун назари як муаллиф пешкаш менамоям. Бо камоли эҳтиром ба назари дӯстони дигар.

**1. ПИРӮЗИИ ТОЛИБОН МУТЛАҚ НЕСТ: АРЗЁБИИ ВАЗЪИЯТ**

Вуруди толибон ҳатто ба Кобул ҳанӯз ба маънои пирӯзии комили онҳо нест. Ба ибораи дигар, «идораи Кобул» шикастаст, аммо толибон

ҳанӯз ҳамаи нерӯҳо ва иродаҳои сиёсиро тебеи худ накардаанд ва ҳукумати расмӣ ва воқеӣ нашудаанд. Худи худдории онҳо аз эълони ҳукумат ва идомаи музокироти бисёр ҷиддии роҳбаронашон бо доираҳои сиёсию қавмии Афғонистон ва «ҷомеаи ҷаҳонӣ» нишонгари он аст, ки эълони барқосои аморати толибонӣ номумкин гаштааст. Зеро дар сурати ғасби мутлақи қудрат буҳрони машруият монеи ҳама гуна комёбиҳои дохилию хориҷии онҳо хоҳад буд.

Ман ҳамчун зиёӣ ҳаргиз андешаи толибонӣ дар масъалаҳои қавмию идеологиро эътироф карда наметавонам, аммо Тоҷикистон ҳамчун давлат метавонад ҳукумати Афғонистонро, ки бо иштироки толибон ташкил шавад, бо шартҳои мушаххас эътироф намояд.

Аз ин рӯ, ҳоло толибон бар сари дуроҳӣ қарор доранд: ё бо эълони аморати инҳисории худ марҳилаи нави ҷанги шаҳрвандӣ ва муқовимати ҷиддиро оғоз мегузоранд ва ё бо ташкили ҳукумати мушорикатӣ ва ҷалби иштироки аксар нерӯҳои сиёсию қавмӣ, хусусан тоҷикон, марҳилаи аввали ҳукуматдории худро ба шакли эътилофӣ оғоз мекунанд. Яъне, ё ҳукумати муштарак мешавад ва ё ҷойҳо дар ҷабҳаҳои ҷанг иваз мешаванд.

Ҳамин тавр, эҳтимоли барқарории фаврии ҳукумати инҳисории толибон ва ба ин восита поён ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва эълони хатми буҳрони Афғонистон як тасаввури ғайривоқеист. Ҳоло ҳатто худи толибони «ғолиб» низ дигар чунин тасаввур надоранд. Аз ин рӯ, ҳамчун шикасту ҳазфи ниҳоии тоҷикон дар Афғонистон ё поёни буҳрон арзёбӣ намудани вазъияти пешомада дуруст намебуд. Зеро дар сиёсат раванд муҳимтар аз ҳодиса аст ва бояд бар моҳияти раванд андешид.

#### 2. АГАР ҚУДРАТҲО БА ТАВОФУҚ РАСАНД

Буҳрони Афғонистон дар канори омилҳои амиқи дохилӣ омилҳои ҷиддии берунии минтақаӣ ва байнулмилалӣ дорад. Аз ин рӯ, танзими он низ ба тавофуқи минтақаӣ ва байнулмилалӣ бисёр вобаста аст. Худи таҳаввули охир низ натиҷаи як мувофиқаи калони минтақаӣ

ва байнулмилалист, ки дар пайи ройзаниҳои чандмоҳаи қудратҳои минтақаӣ ва ҷаҳонӣ ҳосил шудааст. Шояд охири нақша андаке бо шитоб анҷом шуд, аммо мувофиқаи усулӣ ҳамин буд ва ин сукуту ройзаниҳои чандрӯзаи охир низ ба хотири то охир амалӣ шудани он тарҳ аст.

Зарофати ин ҳолат дар он аст, ки агар дар тавофуқи усулии бозигарони таъсиргузори берунӣ манфиати яке аз онҳо таъмин нашавад, он метавонад ин ё он нерӯи дохилиро ба осонӣ ба «муқовимат» бархезонад. Ин ҳолат барои толибон ва ҳомиёни онҳо таҳдиде азим хоҳад буд. Бинобар ин талоши расидан ба ҳолати «ҳамашумулӣ» идома дорад ва танҳо дар ин сурат заминаи воқеии ҳалли низоъ фароҳам меояд. Агар мувофиқаи берунӣ ба даст наояд, ҳалли низоъ низ таъмин намешавад.

#### 3. ДУРНАМОИ МУҚОВИМАТ ВА МУШОРИКАТ

Дар вазъияте, ки толибон бо ҳамоҳангии васеи «ҷомеаи ҷаҳонӣ» ба ин ҷойгоҳ расидаанд, ояндаи муқовимати низомӣ рӯшан нест. Албатта, истодагарӣ дар баробари таҳдидҳо арзиши баланди номусӣ ва қаҳрамонист, аммо ҳоло вазъи дохилию хориҷӣ дигар аст ва бо шиору эҳсосот қурбонӣ кардани амири ҷавон ва ба куштан додани мардумон низ дареғ мебуд.

Хоса бо назардошти ин ки шикасти ин муқовимат метавонад дарҳои мушорикатро баста, ситами қавмиро машруияти тоза дода, дурнамои ҳамзистиро бисёр тиратар созад. Ташкили муқовимат дар атрофии муовинони Ғанӣ низ замина ва дурнамои ҷиддӣ надорад.

Аз ин рӯ, ҳоло дар канори муқовимат ҷиддӣ гирифтани ҳалли сиёсӣ бо формулаи «мубодилаи машруият бо мушорикат» хеле муҳим аст. Дар ин раванд нақши шахсияте чун Абдулло Абдулло метавонад барои тоҷикони Афғонистон муҳим бошад, зеро ӯ бо мондан дар Кобул ва идомаи тамосу музокирот бо роҳбарони толибон ва намояндагони «ҷомеаи ҷаҳонӣ» боис ба пешгирии бисёре аз ҳаводиси фоҷеавӣ гашт.

То ҷое, ки ҳатто як силсила шахсиятҳои сиёсию низомии Афғонистон чун президенти собиқ Ҳомид Карзай, раиси маҷлиси болои Муслимёр ва ғайра дар ин рӯзҳо маҳз дар хонаи Абдулло Абдулло ҳамчун «макони амн» ба сар мебаранд.

Хоса масъалаҳои афви умуми кормандони давлатӣ ва низомӣ, боз мондани расонаҳо, таъмини иштироки нерӯҳои миллӣ ва сиёсӣ дар қудрати оянда, худдорӣ аз ҳуҷум ба Панҷшер, таъмини амнияти моливу ҷонии сокинони Кобул ва ғ. аз шартҳои асосии тими ӯ дар назди толибон аст, ки барои танзими вазъият аҳаммияти ҳаётӣ доранд. Ҳоло муҳим нест, ки хабарнигоре ё ранҷидае ӯро хоин ё муомилагар номад, балки муҳим ин аст, ки ӯ бо коргирӣ аз прагматизми том битавонад хатари бузургро аз болои қавму мардумаш баргардонад.

Бинобар ин, дар канори варианти муқовимат бо меҳварияти Аҳмад Масъуд, ки бисёр муҳим аст, варианти мушорикат бо меҳварияти Абдулло Абдулло низ аҳаммияти ҳаётӣ мегирад, ки ҳадафу натиҷаи ҳар ду як аст.

#### 4. САБАҚЕ БАРОИ ТОҶИКОНИ АФҒОНИСТОН

Муҳимтарин сабақи таҳаввулоти нав барои тоҷикони Афғонистон ин аст, ки онҳо бояд дар ниҳоят ба сатҳи иттиҳоди миллӣ ва андешаи давлатдорӣ бирасанд. Зеро дар даҳсолаҳои охир нерӯи асосии роҳбарони тоҷикони Афғонистон сарфи ихтилоф ва мубориза бо ҳамдигар шуда, дар натиҷа ба як иттиҳоди фарогири миллӣ даст наёфтанд. Мутаассифона, онҳо пас аз фоҷеаи Масъуду Раббониву Фаҳим низ сабақи иттиҳод наомӯхтанд ва дар интихоботу таҳаввулоти солҳои охир низ бар парокандагии худ пирӯз нашуданд. То ҷое, ки ихтилофандозӣ миёни лидерони тоҷикон ҳамчун бузургтарин бозию бурди интихоботҳои ин кшвар истифода мешуд.

Аксари роҳбарон тоҷикон қавмиятро ҳамчун корти муборизаҳои сиёсии худ истифода намуда, дар амал барои иттиҳоду пирӯзӣ ва рушду рӯшании қавмашон хидматҳои шоёне анҷом надоданд. Худ

дар дохилу хориҷ соҳиби сарвату дороиҳои бузург гашта, дар ниҳоят мардумро дар гирдоби фоҷеа раҳо карданд. Фазои маҷозӣ гувоҳ аст, ки дар Тоҷикистон низ ҳаводорони роҳбарони мағруру эҳсосии тоҷикони Афғонистон нисбат ба ҳаводорони намонядагони мантиқиву воқеъбини онҳо хеле бештаранд.

### 5. УҲДАДОРИИ МАЪНАВИИ ТОҶИКИСТОН МЕАФЗОЯД

Дар вазъияти пешомада, ки дурнамои иштироки таъйинкунандаи тоҷикон дар қудрати сиёсии Афғонистон хеле коҳиш ёфта, ҷойгоҳи забону фарҳангу арзишҳои тоҷикӣ танг мегардад, мафҳумҳои фарҳангию ормоние чун «Хуросони Бузург», «кишвари ҳамзабон», «иттиҳоди кишварҳои ҳамзабон» ва ғайра низ муддате ба ҳошия мераванд.

Дар фазои иттилоотии ин кишвар якбора ба ҳошияи борик рафтани забони дариро дар ҳамин се рӯзи аввали тағйирот низ пурра эҳсос кардан мумкин аст. Дар идома, арзишҳои сиёсию идеологию мазҳабии ду ҳамсоя низ тафовути амиқ пайдо карда, ҳатто дар сурати идомаи ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, фазои умумиятҳои арзишӣ камрангтар мешавад.

Дар чунин ҳолат, аҳаммияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллии тоҷикон ва ҳамчун умеди ягона ва охирини тоҷикони ҷаҳон боз ҳам ҷиддитар мегардад. Зеро дар сарзаминҳои дигари сукунати тоҷикон шонсҳои иштироки сиёсӣ ва ҳифзу рушди миллии онҳо боз ҳам ночизтар мебошад.

Ин аст, ки ҳифзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва воҳиди сиёсии ифодакунандаи расмии арзишҳо ва ормонҳои тоҷикони ҷаҳон барои тамоми тоҷикон аҳаммияти ҳаётӣ пайдо мекунад. Дар айни замон, ин вазъият ва ҷойгоҳ ба дӯши Тоҷикистон, ҳамчун танҳо давлати миллии тоҷикон уҳдадориҳои муайяни сиёсӣ ва арзишиеро низ мегузорад.

Бо сипарӣ шудани марҳилаи барқарории давлатдорӣ, дар марҳилаи навин дарку татбиқи хирадмандонаи ин уҳдадориҳо ва аз мафҳумҳои

маънавӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқдомҳои сиёсӣ табдил шудани онҳо бояд яке аз вазифаҳои асосии давлатдории миллии мо бошад.

### 6. САБАҚҲОЕ БАРОИ ТОҶИКИСТОН

Таҳаввулоти охири Афғонистон барои давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон низ сабақу паёмҳои муҳимме дорад, ки мухтасари онон чунин аст:

6.1. Барои дастгоҳи сиёсатгузории хориҷӣ: Дар ин самт сабақу паёми асосӣ ин аст, ки сиёсати давлатии мо дар самти Афғонистон бояд ба сатҳи нави сифатӣ ва моҳиятӣ бароварда шавад. Зеро бо вуҷуди тӯлонитарин сарҳаду бештарин умумияту манфиатҳо, кишвари мо дар муқоиса бо ҳамсояҳои минтақавӣ дар ин самт амалу сиёсати посухгӯи вазъият нишон надодааст. Гарчи дар риояти ҳусни ҳамҷаворӣ ва асли некуҳамсоягӣ Тоҷикистон аз беҳтарин ҳамсояҳои Афғонистон аст, аммо бояд дар ин самт баъзе қадамҳое гузошта шаванд, ки нақши моро дар ин раванд фаъолтар гардонанд ва манфиатҳои моро беҳтар таҷассум намоянд. Аз ҷумла:

*— ташаккул ва таҳияи шакли консептуалии сиёсати ягонаи давлатӣ дар ин самт (шомили бахшҳои пӯшида ва бахшҳои дастрас) барои истифодаи хидматӣ, сиёсӣ ва таблиғотӣ дар раванди татбиқ;*

*— ҳамчун аксари кишварҳои минтақа, фаъол намудани ниҳоди (вазифаи) намояндаи махсуси Тоҷикистон дар умури Афғонистон ки дорои салоҳиятҳои махсуси касбӣ ва иҷроӣ дар ҳамоҳангсозӣ, иштирок дар чорабинию музокироти ин самт, шарҳу ҳимояи мавқеъ ва манфиатҳои кишвар дар ин раванд бошад (Гарчӣ ин вазифа расман муайян гашта буд, аммо он дар раванди минтақавӣ амалан мушоҳида нашуд);*

*— коркард ва муайян кардани дидгоҳи консептуалии мо дар масъалаи тоҷикони Афғонистон ки он маҷмӯаи бинишу барномаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, фарҳангӣ, арзишӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, таблиғотӣ ва ғайраро дар*

*бар гирифта, тибқи хираду зарурати сиёсӣ метавонад ба таври пӯшида ё боз амалӣ гардад;*

*— ташкили марказҳои ҷудогона ва ё ҳамоҳангсозии фаъолияти марказу коршиносони мавҷуда дар самти афғонистоншиносӣ бо мақсади ба даст овардани таҳлили худӣ ва истиқлоли таҳлилӣ дар ин самт, то манбаи огоҳии коршиноси ватании мо интернету расона набошад.*

Албатта, масъалаи такмили сиёсат дар ин самт мавзӯи тахассусиест, ки ҷойи дигар ба таври муфассал баррасӣ мегардад.

6.2. Барои бахши сиёсӣ-идеологӣ: Паёми ин ҳодисаҳо ба бахши сиёсию идеологии низоми мо зарурати афзудани таваҷҷуҳ ба масъалаи таҳкими пайванди низоми сиёсӣ бо оммаи мардум мебошад, ки он аз тариқи татбиқи дурусту шаффофи сиёсати давлатӣ дар тамоми бахшҳои ҷомеа ва кишвар таъмин мегардад. Зеро ҳодисаҳои Афғонистон нишон доданд, ки маҳз бегонашавии аҳолӣ аз низоми сиёсӣ метавонад заминаи бетафовутии мардум ба сиёсат, роҳбарият, ҳукумат ва давлатро ба миён орад. Истиқболи мардуми баъзе минтақаҳои ин кишвар аз толибон на танҳо тарсу ночории онон, балки авҷи хастагии онон аз фасоду бесалоҳиятиро низ нишон дод.

6.3. Барои бахши сиёсӣ-қудратӣ паёми ин вазъияти Афғонистон чунин буд, ки бояд ҳам сохтор, ҳам таҷҳизот ва ҳам рӯҳияи ниҳодҳои қудратӣ ва нерӯҳои низомӣ дар сатҳи баланд бошанд. Ин ҳодисаҳо нишон доданд, ки дар баробари таҷҳиз шудан, вазъияти рӯҳию идеологии ниҳодҳои қудратӣ ва боварии онҳо ба ҳадафи олӣ ва арзиши рисолати худ низ нақши ҳалкунанда дорад.

6.4. Барои ҳамаи мо: Паёми ин гардишу ҳаводис барои ҳамаи мо ин аст, ки дар ин гирдобҳои сиёсию геополитикӣ эътимоду боварӣ ба ҳеч шарики минтақавию байнулмилалӣ кафолати мутлақи манфиату амнияти мо буда наметавонад. То ҷое, ки кишварҳое, ки моро аз толиб метарсонданд, дар кӯтоҳтарин муддат худ дӯсту шарику ҳомии толиб

шуданд... Бинобар ин, дар айни идомаи ҳамкориҳо бо ҳамаи шариконии минтақавию байнулмилалӣ, бояд барои ҳамеша дар ёд гирем, ки такягоҳи асосии мо фақат худи мо, паноҳгоҳи амни мо фақат ватани мо, нерӯи ҳимоятгари манфиатҳои мо танҳо давлати мо ва шарики стратегии воқеии мо маҳз ҳамин халқи мост. Бақия асосан сиёсату дипломатия аст, ки ба вазъияту манфиати он шарикони сиёсӣ бисёр вобастагӣ дорад.

#### 7. ПАЁМ БАРОИ ҶОМЕАИ ДОХИЛӢ ВА АҲЛИ ЗИЁ

Паёми ин ҳодисаҳо ба мардум ва аҳли илму фарҳангу зиёи моро ахиран дар маводе ҷудогона шарҳ намуда будам. Хулосаи он чунин буд, ки агар ин ғафлату бетафовутии аҳли зиёи тоҷик нисбат ба таҳдиди андеша ва гурӯҳҳои ифротгарой барои ҷомеа идома ёбад ва агар ин қишри масъул ба муборизаи яктан бар зидди ин таҳдидҳо барнахезад, фардо бо таҳдиди воқеии чунин нерӯҳо рӯбарӯ хоҳад буд.

Имрӯз дар расона ва фардо дар хиёбон. Зеро толибони тоҷик, ки ҳоло бахше аз он сӯи марзу бахше аз даричаи шабакаҳои иҷтимоӣ паёми таҳдид медиҳанд, аз толибони ҳамсоя камтар нестанд. Ин падида, ки моҳияти аслии он ҷаҳлу хурофот аст, новобаста аз номаш дар ҳама ҷо моҳияти яксон дорад.

Пас, ҳар як зиёии тоҷик бояд имрӯз саҳнаи фарори ҷамъии фаъолони ҷамъиятӣ ва аҳли зиёи Афғонистон дар фурудгоҳи Кобулро, ки ҷаҳонро ба даҳшат овард, пеши рӯй овараду бори дигар дар бораи рисолати миллӣ, арзишҳо ва дурнамои худ биандешад. Зеро агар тафаккури ифротӣ ғолиб ояду суботу амният, давлати миллӣ ва низоми дунявии кишвар осеб бинад, саҳнае чун фурудгоҳи Кобул занону фаъолону зиёиёни тоҷикро низ интизор хоҳад буд. Ин бахши паёми ҳаводиси Афғонистон бисёр рӯшану қатъист.

## 8. ПАЁМ БАРОИ МУХОЛИФИНИ СИЁСӢ

Паёми дигари вазъияти нави Афғонистон ин аст, ки ҳар нерӯи сиёсие, ки мехоҳад вориди муборизаи сиёсӣ шавад ва вазъро ислоҳ кунад, бояд, пеш аз ҳама худро аз ду чиз дур дорад: вобастагии хориҷӣ ва истифодаи зӯроварӣ.

Зеро пирӯзии нерӯе, ки ҳамчун даст ва абзори кишвари дигар ба қудрат мерасад, дар асл на пирӯзии як нерӯи сиёсии миллӣ, балки пирӯзии манфиатҳои ҳамон давлати пуштибону дахолатгар аз болои манфиатҳои миллии давлати худист. Он на фатҳ асту на инқилоб, балки шаклест аз дахолату таҷовуз.

Ва низ нерӯе, ки дар муборизаи сиёсӣ аз хушунату зӯроварӣ кор мегирад, он барои мардуми худ даҳшатест, ки агар пирӯз ҳам гардад, пирӯзии он пирӯзии ҷаҳлу даҳшат аст. Зеро оппозитсияи сиёсӣ набояд барои ҷомеаи худ аз шабакаву расона ҳамвора паёми ғазабу таҳдиду таҳқир ва қасосу дору дурра фиристад, балки он бояд ба мардуми худ навиди ислоҳу ободиву рӯзи беҳтар бирасонад. Хиҷолат аст, ки агар бо омадани нерӯи сиёсие мардум чун аз балову вабо гурезанд ва ҳатто омода бошад, ки худро ба чархи ҳавопаймо биовезаду бимирад, то бо онҳо рӯбарӯ нашавад.

Дар умум, ислоҳталабу мухолифи сиёсӣ будан моҳиятан маҳкум нест, аммо нерӯе, ки ин ҳаворо дар сар дорад, бояд ҳатман вобастагии хориҷию коргирии хушунатро инкор кунад, то нерӯи худии ватанӣ ва оппозитсияи солими сиёсӣ бошад. Агар як нерӯи мухолиф ин ду шартро ба ҷой наорад, он на оппозитсия сиёсӣ, балки таҳдиди миллӣ ва даҳшати сиёсӣ мешавад. Он толибони тоҷикӣ мешавад.

## 9. МАВҚЕИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН ЧИ БОШАД?

Албатта, давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъули бевоситаи сиёсӣ ва иҷроии ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллию давлатӣ дар муносибат бо ин вазъият ва ҳукумати баромада аз он аз эҳтиёт ва

воқеъбинии том кор мегирад. Ройзаниҳо бо шарикони байнулмилалӣ дар ин маврид дар сатҳи олӣ идома доранд. Барои ташаккули мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо ҳукумати эҳтимолии толибон, таваҷҷуҳ ба ин ду омил муҳим аст:

Аввалан, Консепсия сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии моро «бар асоси манфиатҳои миллӣ» ва «орӣ аз идеология» муайян намудааст. Аз ин рӯ, агар дар ин 20 сол равиши фаъолияти толибон тағйир ёфта, асли некӯҳамсоягиро амалан эътироф ва риоят намояд ва ҳукумати онҳо аз сӯи худ амният ва дахлнопазирии марзҳои моро кафолат диҳад, давлати Тоҷикистон (ҳамчун давлат) метавонад онҳоро на ҳамчун падидаи сирфан идеологӣ, балки ҳамчун як воқеияти сиёсӣ ва физикии кишвари ҳамсоя арзёбӣ намояд. Дар ин сурат, агар музокироту раванди ҷории сиёсии Афғонистон расман бо ҳукуматёбӣ ва ё мушорикати сиёсии толибон дар ҳукумати Афғонистон анҷом ёбад, барои давлати мо ҳукумати Афғонистон ҳамон хоҳад буд. Зеро чигунагии ташаккулу таркиби он ҳукумат кори дохилии худи он кишвар аст.

Сонияан, агар кишварҳои таъсиргузори ин раванд, хусусан шарикони минтақавию стратегии Тоҷикистон ба мисли кишварҳои меҳварии узви ИДМ, СПАД ва СҲШ ҳукумат бо иштироки толибонро расман эътироф намоянд ва бо он ҳамкорӣ кунанд, Тоҷикистон низ метавонад дар ҳамоҳангӣ бо шарикони худ чунин мавқеъ бигирад. Зеро қудрату зарфияти феълии мо барои яккатозӣ дар ин масъалаи ҳассос, ки моҳияти калони геополитикию амниятии минтақавӣ ва байналмилалӣ низ дорад, ҳанӯз кифоят намекунад.

Дар масъалаи барқарории робита бо ҳукумати навин тасмимгирӣ бо назардошти ин ду ҷанба ҳамон тасмим дар пояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон хоҳад буд. Манфиатҳои дигари миллии худро танҳо дар раванди муошират ва ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба ҳимоя ва табиқ кардан мумкин аст.

Албатта, чун шарти сеюм метавон гуфт, ки раванди робитаву ҳамкории амалии давлатҳо бо ҳукумати толибон ё толибоншумул мантиқану қонунан бояд механизми дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ

ва СММ аз рӯйхати гурӯҳҳои террористӣ баровардани онҳоро дар бар гирад. Аммо аз назари воқеъбинӣ, дар сурати мувофиқаи сиёсии байнулмилалӣ шояд ин муқаррароти ҳуқуқӣ дар муддати кӯтоҳ анҷом шавад.

### 10. ХУЛОСАИ МУҲИМ Ё МАРЗИ ОШТӢ БО ТОЛИБОН КУҶОСТ?

Ҳамон гуна, ки дар гузаштаи тира ва таассуби фикрии толибон шубҳае нест, дар воқеияти онҳо низ шакке намондааст. Дигар ин гурӯҳ бо он низоми минтақавию байнулмилалие, ки пушти он истодааст, «тӯдаи пойлучҳои слансипӯши мототсиклсавор» нест, балки бахши муҳимтарини қудрати сиёсии ҳоким бар Афғонистони имрӯз аст. Яъне, акнун толибон як воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии тамоми минтақаи мост.

Бо назардошти ин воқеияти инкорнопазир, мавқеи арзишӣ ва касбии банда дар ин маврид чунин аст: Ман ҳамчун як тоҷик ва зиёӣ ҳаргиз андешаи толибониро дар масъалаҳои қавмӣ ва идеологӣ эътироф карда наметавонам, зеро эътирофи як тафаккури иртиҷоӣ ва хушунати ошкор ба маънои инкори тамоми арзишҳо ва марги маънавии як зиёӣ хоҳад буд...

Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлат метавонад бо ҳукумати нави Афғонистон бо ҳузури муайянкунандаи толибон (бо шартҳои зикршуда) робита барқарор намояд, зеро нодида гирифтани як воқеияти сатҳи минтақавию байнулмилалӣ барои ҳастии давлатии мо таҳдидҳои бузург хоҳад дошт. Табиист, ки бо тафовут аз зиёиву эҷодкор, ки бештар диди эҳсосию арзишмеҳвар дорад, давлат маҳз ҳамчун давлат амал хоҳад кард: бар асли амалгароӣ ва бар меҳвари манфиатҳои миллӣ.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

*Моҳи августи соли 2021*

# ТАЪСИРИ ҲОДИСАҲОИ АХИРИ АФҒОНИСТОН ВА ВОКУНИШИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

Таҳаввулоти ахири Афғонистон, яъне ба қудрат расидани гурӯҳи ифротгарои «Толибон» ва пасларзаҳои он, бар муҳити умумии минтақа ва вазъияту сиёсати ҳар кишвари ҷудогонаи он таъсири амиқи худро гузоштааст, ки ҷанбаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, инсонӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сатҳи сиёсати давлатӣ ва ҳам дар сатҳи афкори умумӣ нисбати ин ҳодисаҳо вокуниши ҷиддию васеъ доштааст, ки нишонгари таҳаввулоти амиқ дар ҳар ду сатҳ ва самт мебошад. Навиштаи ҳозир арзёбии арзишии вокуниши ҷомеаи Тоҷикистон нисбат ба таҳаввулоти кишвари ҳамсоя буда, умедворам, маҳз дар ҳамин сатҳу дар ҳамин чорчӯб мутолиа, дарк ва пазируфта шавад.

Пас, таъсири ҳодисаҳои ахири Афғонистон ва вокуниши ҷомеаи Тоҷикистон ба он чӣ гуна будааст?

**ЯКУМ**

Баррасии маҷмӯи эҳсосу назару дидгоҳу сиёсатҳо нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ва ҷомеаи он нисбат ба ҳодисаҳои ахири Афғонистон пеш аз ҳама ҳамчун миллат вокуниш нишон додааст: вокуниши миллӣ ва арзишӣ. Албатта, мо ҳамчун давлат дар бораи таҳаввулоти ин

кишвари ҳамсоя ҳамеша назари худро доштем, аммо ҳолати ҳамчун миллат вокуниш нишон додан дар муносибати мо бо ҷаҳони хориҷ камтар мушоҳида мешавад.

Ҳамчун узви гурӯҳи кории таҳияи Консепсияи ҷории сиёсати хориҷии Тоҷикистон ёд дорам, ки он низ асосан ҳамчун консепсияи сиёсати хориҷии як давлат таҳия шудааст.

Аммо «ҳамчун миллат вокуниш кардан» ба он маъност, ки ин бор мо дар як нигоҳи фаромарзию фаросиёсӣ ба тоҷикони Афғонистон маҳз ҳамчун ба бахше аз табору миллати худ нигариста, барои ҳимояти онҳо садои мардумӣ ва расмӣ баланд кардем. Ин бор мо таҳаввулоти Афғонистонро маҳз тафсири миллӣ дода, таҳдид ба тоҷикони Афғонистонро таҳдид ба худ, таҳдид ба забону фарҳангу арзишҳои худ ва умуман, таҳдид ба ҳавзаи фарҳангӣ ва ҳастии миллии худ пазируфтем.

Албатта, «ҳамчун миллат вокуниш кардан» ҳатман маънои мутлақан мусбат ё манфӣ надорад, зеро вариантҳои ҳамчун давлат, ҳамчун миллат ё ҳамчун давлати миллӣ вокуниш ва сиёсатгузорӣ кардан ҳар яке бартариву рискҳои худро дорад, ки он мавзӯи ҷиддитари дигар аст.

Давлатҳое, ки дар ин буҳрон манфиатҳои арзишӣ надоранд ва сирфан ҳамчун давлат бархӯрд карда метавонистанд, ба фаъолиятҳои дигаре машғуланд, ки он низ ҷанбаҳои мусбату манфии худро дорад. Аммо як чиз яқин аст, ки дар ин ҳодисаҳо вокуниши ҷамъиятӣ ва расмии мо бештар ҳамчун миллат, ҳамчун фарҳанг, ҳамчун тамаддун ва ҳамчун ҷомеа ва низоми арзишбунёд буд. Ин низ ҳолати истисноӣ ва бисёр нодир дар вокунишҳои ҷомеа ва давлати мост.

Ҳамин тавр, мо ҳарфи худро гуфта, бо пазируфтани тамоми ифтихору рискҳои он мавқеи миллию арзишии худро ба таври рӯшану расмӣ эълон кардем. Дар қадамҳои баъдӣ мудирияту самтдиҳии давлатӣ, муаррифию пайгирӣ ва татбиқи амалгароёнаи ин мавқеи устувор барои давлату миллати мо аҳаммияти сарнавиштсоз хоҳад дошт.

Тағйири ниҳоят муҳиме, ки дар пайи ҳодисаҳои ахири Афғонистон дар муҳити фикрию ҷамъиятии Тоҷикистон мушоҳида шуд, таҳаввул ёфтани нигоҳи тоҷикистониён ба тоҷикони Афғонистон ва дар ниҳоят, ҳамчун тоҷик ва бо ҳамин ном эътироф намудани онҳост. Моҳияти масъала дар он аст, ки дар натиҷаи солҳои ҷудоӣ ва низ таблиғоти даврони Шӯравӣ, ҳамаи аҳолии он сӯи Омӯ барои мардуми Тоҷикистон ҳамчун «афғон» ё «авғон» муаррифӣ шуда буданд ва бо гузашти чанд насл аксари ҷомеа онҳоро маҳз чунин пазируфта буд.

Ҳар боре, ки ба минтақаҳои марзӣ сафар медоштем, мардуми маҳаллӣ дар бораи ҳаммиллатону ҳамтаборони он сӯи об, ки шояд ҳамагӣ 50 ё 100 метр дуртар мезистанд, ҳамчун дар бораи «афғонҳо» сухан гуфта, нишон медоданд, ки «ана бинед, афғонҳо рафта истодаанд, афғонҳо кишт карда истодаанд.» Дар ҳоле ки баъзе аз онон хешу табори инон низ буданд...

Албатта, ин мафҳум гоҳо ба маънои «шаҳрвандони Афғонистон» низ меомад, аммо дар умум, тасаввури ҷомеа дар бораи онҳо маҳз ҳамчун «афғонҳо» шакл гирифта буд. Ҳатто ба тоҷикони Афғонистоние, ки солҳо дар кишвари мо муҳоҷиру сокинанд, то ҳанӯз дар ҷомеа ҳамчун бо «афғонҳо» муносибат мешуд (ё мешавад). Ин тасаввур на танҳо миёни мардуми одӣ, балки хусусан дар зеҳни қишрҳои зиёӣ, идорӣ ва сиёсии мо сахт ҷой гирифта буд. Албатта огоҳони ин масъалаҳо ҳамеша огоҳ буданд, аммо аз таҷрибаи гузашта метавон гуфт, ки гоҳо қабулондани ин ҳиссу ин ҳақиқат, ки онҳо низ тоҷиканд, ҳатто дар муҳитҳои сиёсию фарҳангии Тоҷикистон чандон сода набуд.

Аммо дар пайи таҳаввулоти ахири Афғонистон дар ниҳоят мо ба тоҷикони он сӯи Омӯ ҳамчун тоҷик нигаристем ва инак онҳоро бе ҳеҷ муқаддима «тоҷик» номидем. Шояд ин таҳаввул дар зеҳнҳо дар тӯли чанд соли ахир эҷод шуда бошад, аммо ин воқеият ҳоло бори аввал ба таври ҷамъӣ ва ҳатто дар сатҳи расмӣ садо дод. Хусусан, эъломи мавқеи ҷасуронаи Президенти кишвар дар бораи ҷойгоҳу дарсади тоҷикон ва зарурати таъмини ҳуқуқи онҳо дар Афғонистон ба баҳси

«тоҷик» ё «афғон» будани онҳо дар муҳити фикрӣ ва иттилоотии Тоҷикистон нукта гузошт. Шикаста шудани ин марзи равонӣ бешубҳа таҳаввули муҳимме дар муносибатҳои байнитоҷикӣ дар минтақа ва сарнавишти таърихии тоҷикон мебошад.

**СЕЮМ**

Таҳаввулоти ахири Афғонистон ҳамчунин боиси эҳёи баҳсҳои миллӣ ва такон ёфтани рӯҳияи миллӣ дар даруни ҷомеаи Тоҷикистон шуд. Он эҳсосоти арзишиву номусии миллиро фаъол карда, мавзӯи ҳамбастагии миллӣ ва сарнавишти ҳамтаборони хориҷиро бори дигар доғ ва ҳамагонӣ сохтааст. Албатта, чанде пештар дар атрофи низои марзӣ бо Қирғизистон ҳолати барангехтагии эҳсосоти умумӣ ва басеҷи рӯҳию номусии ҷомеа пеш омада буд, аммо масъалаи Афғонистон, фоҷеаи тоҷикони он кишвар ва хоса мавзӯи Панҷшер ин бор сатҳи боз ҳам амиқтари ин ҳолатро ба миён овард.

Дар тасвири манзара метавон гуфт, ки ду моҳи охир дар аксари маҳфилу нишастҳои расмию мардумӣ ин мавзуъ дар меҳвари таваҷҷуҳ буда, қишрҳову сатҳҳои гуногуни аҳолӣ эҳсосу назару муносибати худро нисбат ба он ба миён мегузоранд. Вақте дар Кохи Борбад роҳбари давлати мо бо овозхон Фаҳими Фано рӯи ин мавзуъ гуфтугӯе дошт, ин манзара боварнакарданӣ буд, ки тамоми толори бузург ашк мерехт. Чун бонувони сафи пеш барои дидани саҳнаи гуфтугӯ ба самти рост рӯй карданд, медидам, ки ашкҳои ҷорӣ тушу сурмаҳои раисаҳои муҳтарамро то рӯю гардан шоронда буд. Дар он лаҳза эҳсос мешуд, ки дарду фоҷеаи ҳамтаборони он сӯи Омӯ ва буғзи Панҷшер дар гулӯи ҳамагон амиқ нишастааст ва аз авҷи ин дарду эҳсос ашкҳошон беихтиёр тӯфон мекард…

Расонаҳои иттилоотию шабакаҳои иҷтимоӣ низ саршори ин мавзӯъ гашта, дар ду моҳи охир дар атрофи он ҳаҷми бузургу бесобиқаи гуфтору навору назару иттилооту эҳсосот фурӯ рехта шуд. Сафҳагардониҳо нишон медиҳанд, ки дар рӯзҳои ҳамлаи толибон ба Панҷшер

ҳатто ба даъватҳои нимашабии «Кӣ барои Панҷшер бедор аст?» дар ҳамон умқи шаб дар шабакаҳои тоҷикӣ ҳазорон нафар вокуниш менамуданд, ки нишон аз пайгириву бедориву ҳамдардии намояндагони доираву тоифаҳои гуногуни аҳолист...

Дар канори маҷлисҳои расмиву муҳитҳои илмиву маҳфилҳои адабию фарҳангӣ, дар нақлиёту ошхонаву сартарошхона ва меҳмонию маросими мардумӣ низ ин мавзуъ бедор аст ва рӯзе нест, ки чандин нафар аз ин боб пурсон нашаванд ё назар нагӯянд. Ахиран ба ёдбуди азизе ба як рустои дурдасти Файзобод рафтем ва баробари ба хона ворид шудани мо гуё нишасти матбуотие оғоз шуд, ки мардуми одӣ аз ҳамдигар пешӣ гирифта бо эҳсосоти баланд дар боби Афғонистону Панҷшеру Аҳмаду тоҷикон мепурсиданд. Ва аз авҷи эҳсосот ва такрори саволҳо бардошти ман ин буд, ки онҳо мехостанд далеле ёбанд ва худро бовар диҳанд ва ё фарёд кашанд, ки «не, Панҷшер суқут накардааст!...»

Дар ин миён истисноҳое низ буданд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо дар шакли мухолифат бо ҳамосаву муқовимати тоҷикон, балки дар шакли тамоюлу таваҷҷуҳи ошкор ба афкору сиёсату моҳияти «Толибон» низ зуҳур ёфтанд.

Хулоса, ин мавзуъ ва ин эҳсос то ба умқи ҷомеа, то ҳар қишру доира ва то ҳар маҳаллу маҳфилу хонаву сару сина фаромадаву расидааст. Албатта, ин ҷо баҳси то куҷо дуруст будани тасаввур ва иттилооти умумии ҷомеаи мо аз воқеияту ҷузъиёти ин мавзуъ дар миён нест, зеро мардуми мо аз он иттилоъ, дарк ва ҳатто ривояти тоҷикии худро дорад, ки дидгоҳ ва эҳсосоти мо маҳз зери таъсири мусбату манфии он шакл мегирад. Бештар аз ин, ин ҷо сухан дар бораи дарки касбиву мантиқӣ ва ҳатто таҳлили ақлонии мавзуъ намеравад, балки сухан маҳз аз таваҷҷуҳ, ҳамдилӣ ва эҳсосоти баланди милливу номусӣ меравад, ки он арзиш ва мантиқи равонии хосаи худро дорад. Ва асри иттилоотӣ фазоро инчунин умумӣ ва муҳитро ончунон фаромарзӣ сохта, ки дигар марзҳои сиёсию фосилаҳои физикӣ наметавонанд монеи умуият ёфтани иттилоот, эҳсосот ва андешаҳо гарданд.

Таҳаввулоти ахири Афғонистон ва пеш омадани таҳдиди ҷиддӣ болои вазъияту сарнавишти ҳамтаборон боиси муттаҳид гаштани аксари ҷомеа дар атрофи як эҳсос ва як масъала гашт. Дар ҷомеае, ки маъмулан рӯи бештари масъалаҳо нигоҳҳо гуногунанд, дар ин мавзуъ манзараи васеи ҳамназарӣ ва ҳолати нодири ҳамдилӣ мушоҳида шуд, ки қишрҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва фикрию синнии аҳолиро дар бар мегирифт.

Ин ҳамназарӣ дар намунаи муҳити адабӣ, ки ҳоло барои банда ошнотар аст, ба ҳадде боло буд, ки он ба таври фаврӣ табиӣ ба мавзӯи умумии осори аксари адибон табдил шуда, дар ин ду моҳ садҳо шеъру достону ҳикояту ёддошт эҷод шуданд ва якбора ду маҷмуаи калони ашъори шоирони тоҷик бо номҳои «Ҳамосаи Панҷшер» ва «Нома ба Панҷшер» нашр ва муаррифӣ шуданд.

Умуман, қабули эҳсосӣ ва тафсири бадеии ҳодисаҳои ахири Афғонистон ва сарнавишти ҳамтаборон ба адабиёти муосири тоҷик такони махсус дода, шеъри ҳамосӣ ва адабиёти муқовиматро дар адабиёти мо бори дигар рӯзмарра ва фаъол намуд. На танҳо адабиёти тоҷик, балки ҷомеа ва хусусан, насли ҷавони кишвар дар симои Аҳмади Масъуд қаҳрамони нави худро пайдо кард, ки он дар меҳварӣ осори васеи адабӣ ва муҳаббати густардаи мардумӣ қарор гирифт.

Ҳатто дар муҳити муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, фазои тоҷикони муқими Аврупою Амрико ва майдонҳои қаҳрамонии варзишгарони мо дар дохилу хориҷ симои Аҳмади Масъуд ба як улгуи ҷасорату худгузаштагию пайравӣ табдил гашт. Гарчӣ ҷомеа дар бораи ӯ маълумоти зиёде надошт, як дурахши рӯшани ҷасорат кофӣ буд, ки ӯ ба маҳбубу қаҳрамони қишрҳои васеи мардуми Тоҷикистон табдил шавад. То ҷое, ки эҳсоси муҳаббати баъзе бонувони ҷавон нисбат ба ӯ, ба эътирофи худашон, то марзи ишқи пок расид...

Албатта, дар ин миён истисноҳое низ буданд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо дар шакли мухолифат бо ҳамосаву муқовимати тоҷикон, балки дар шакли тамоюлу таваҷҷуҳи ошкор ба афкору сиё-

сату моҳияти «Толибон» низ зуҳур ёфтанд. Баъзе аз фаъолони сиёсӣ ва шабакавӣ аз хориҷи кишвар талош низ намуданд, ки «Толибон»-ро ҳамчун ислом ва амали онҳоро ҳамчун шариат муаррифӣ намоянд, ки зуҳури чунин тафаккур дар муҳити тоҷикӣ барои ҷомеаи миллӣ ҳушдоре ҷиддист.

Баъзе аз ифротгароёни мо низ аз қудратёбии «Толибон» хушҳолу фаъол шуда, садои худро баландтару паёмҳои худро тундтар карданд. Аммо ин ҳолатҳои ҳошиявӣ ҳаргиз муайянкунандаи муҳити миллӣ ва рӯҳияи умумӣ нестанд ва ҷомеаи Тоҷикистон дар атрофи мавзӯи радди «Толибон» ва ҳамдилӣ бо ҳамтаборон дар Афғонистон ҳамназарӣ ва ваҳдати бесобиқа нишон додааст.

### ПАНҶУМ

Масъалаи напазируфтани ҳукуматдории мутлақи «Толибон» ва истодагию ҳамдилӣ бо ҳамтаборон дар Афғонистон ҳамчунин аз ҷумлаи масъалаҳое шуд, ки дар он ҷомеа ва ҳукумати Тоҷикистон мавқеъ ва назари ягона гирифтанд. Аз ин назар, он як нуктаи ҳамсӯӣ ва пайванди давлат ва мардум табдил гашта, фосилаи равонӣ миёни ҳукумат ва ҷомеаро, ки дар баъзе масъалаҳои арзишӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида мешавад, хеле коҳиш дод.

Албатта, дар масъалаҳои мушаххасе чун навъу ҳаҷми кумакҳо ба ҳамтаборон ва муносибат бо паноҳандагон аз кишвари хамсоя амалкарди ҳукумат боиси нақдҳои ҷиддии расонаӣ қарор гирифт, аммо ба таври умумӣ, аксари мутлақи ҷомеа мавқеи ҳукумат ва хоса мавқеъгирии рӯшани роҳбари давлат дар ин масъаларо ба таври қатъӣ дастгирӣ карданд.

Аз ин назар, ин мавзуъ ва ин ҳолат боиси болотар рафтани маҳбубияти роҳбари давлат дар миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ гашта, дар умум, иттиҳоди сиёсии ҷомеаи моро боз ҳам тақвият бахшид. Албатта, бо сабаби дар мо роиҷ набудани баргузории назарсанҷиҳои фаврӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ овардани рақами мушаххас имконпазир

нест, аммо боло рафтани маҳбабияти шахсияти роҳбари давлат дар ин масъалаи мушаххас ва дастгирии бисёр васеъ мавқеи ӯ дар ҷомеа ба таҳқиқи мушоҳидавӣ низ баръало эҳсос мешавад.

Аз назари технологияи сиёсӣ, дар қадамҳои баъдӣ корбурди давлатӣ, истифодаи дуруст, ниҳодинасозӣ ва ҳидояти созандаи ин ҳолати ҳамбастагии баланди ҳукумат ва мардум, ки дар атрофи масъалаи мазкур шакл гирифтааст, яке аз вазифаҳои ниҳодҳои фикрӣ ва идеологии ҳукумат мебошад.

#### ШАШУМ

Ҳодисаҳои ахири Афғонистон боиси таҳаввули ҷиддии мазмунӣ ва сифатӣ ва дар ниҳоят, боиси шаклгирӣ ва эъломи мавқеи мушаххасу махсуси ҳукумат ва роҳбарияти Тоҷикистон дар ин масъала шуд. Тоҷикистон ва роҳбарияти олии он нисбат ба масъалаи Афғонистон ҳамеша мавқеъ ва сиёсати бунёдии худро доштаанд, ки банда низ дар чандин китобу мақолаву нишасту маърӯза онро борҳо дар дохилу хориҷ таҳлилу муаррифӣ намудаам. Аммо сиёсати давлатии мо дар ин самт нисбат ба мавқеи ҷории шаклгирифтаи мо дар ин масъала бо баъзе хусусиятҳои худ сифатан фарқ менамуд. Аз ҷумла, дар ин самт:

Мо асосан ба масъалаҳои усулие чун риояти ҳусни ҳамҷаворӣ, барқарории сулҳу субот, роҳи ҳалли низомӣ надоштани ин буҳрон, якпорчагии кишвари ҳамсоя, зарурати беҳбуди зиндагии мардуми азияткашидаи он ва ғ. таъкид мекардем.

Мо ҳамчунин рӯйи масъалаҳои мушаххасе чун таъмини амният (амнияти марзҳо, мубориза бо терроризм, эҷоди камарбанди амниятӣ, пешгирии қочоқи маводи мухаддир...) ва бозсозии иқтисодии Афғонистон (татбиқи тарҳҳои зерсохторӣ ва иқтисодӣ) бештар тамаркуз доштем.

Мо талош доштем, ки аз мавқеъгирии рӯшан нисбат ба равандҳои дохилисиёсии Афғонистон, сохтору таркиби ҳукумати он, баҳсҳои

доғи қавмии ин кишвар ва ғайра асосан дар канор бошем ё изҳороти расмӣ содир накунем.

Аз ин рӯ, гарчӣ мавқеи мо муайян ва усулӣ буд, аммо нақши амалии мо дар ин раванд хеле фаъол набуд ва нигоҳи мо дар баъзе масъалаҳои мушаххас, аз ҷумла муносибат бо тоҷикони Афғонистон ва мудорои мо бо фишорҳои қавмӣ болои онҳо пайваста нақд мешуд. Илова бар ин, бар хилофи таҷрибаи аксари кишварҳои ҳамсояву манфиатдор, мо ҳатто намояндаи махсуси доимию фаъол дар умури Афғонистон надоштем ва дар равандҳои муҳимми сиёсии атрофи ин масъала иштироки бевосита ва фаъол намегирифтем.

Мавқеи имрӯзаи Тоҷикистонро низ метавон навъе идомаи мантиқии ҳамон мавқеи усулии солҳои охир донист, аммо он илова бар масъалаҳои усулӣ, баъзе нуктаҳои комилан мушаххасеро дар бар мегирад, ки дар ин шаклу сифат бори аввал мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла:

— *таъкиди қатъӣ ва изҳороти расмии сатҳи олии Тоҷикистон бар зарурати ташкили ҳукумати ҳамашумул дар Афғонистон;*

— *таъкиди Тоҷикистон бар муайян намудани сохтори давлати Афғонистон аз роҳи раъйдиҳӣ ва дарназардошти мавқеъи тамоми сокинони он;*

— *таъкиди расмии Тоҷикистон бар рақам ё дарсади мушаххаси тоҷикон дар Афғонистон ки дар сатҳи олӣ эълон гашт;*

— *таъкиду изҳори расмии Тоҷикистон бар зарурати таъмини мақоми сазовор ва муносиби тоҷикон дар ҳукумати ояндаи Афғонистон ва ғ.*

Ҳамин тавр, ҳоло мо шоҳиди мавқеи сифатан нав ва амалан хеле рӯшантар ва сареҳтари Тоҷикистон дар масъалаи Афғонистон мебошем, ки бахши асосии он дар ҳафтаҳои охир дар дидгоҳҳои роҳбари давлат ба таври мушаххас садо доданд. Мавқеи имрӯзаи Тоҷикистон аз мавқеи пешина бо қотеияти худ ва бо гузоштани шартҳои муайян барои эътирофи ҳукумати ояндаи Афғонистон низ фарқ мекунад, ки ин лаҳну ҳолат низ дар сиёсати хориҷии мо дар ин самт таҳаввули ҷиддист.

Дар ду моҳи охир дар мулоқоти дуҷониба ва нишастҳои байнулмилалӣ дар Душанбе, дар нишасти солонаи Маҷмаи умумии Созмони Милал ва дар мулоқот бо роҳбарони кишварҳо ва созмонҳои Аврупой аз тарафи Роҳбари давлати Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ таъкид ва пайгирӣ шудани ин мавқеъ бори дигар қатъӣ будани онро нишон медиҳад. Худи ҳамин дипломатияи фаъоли Тоҷикистон дар масъалаи Афғонистон ки ду моҳи охир бо меҳварияти худи Роҳбари аввали давлат мушоҳида мешавад, сатҳу равиши сифатан нове дар сиёсати хориҷии мост.

Дар кулл, метавон гуфт, ки дар пайи таҳавулоти ахири Афғонистон илова бар мавқеи усулию анъанавӣ, мавқеи мушаххасу ҷорию «оперативӣ»-и Тоҷикистон низ шакл гирифтааст. Он аз ҳар назар ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ буда, фасли наверо дар сиёсати хориҷӣ ва ҷойгоҳи минтақавию байнулмилалии Тоҷикистон боз намудааст. Аммо баррасии моҳият, аҳамият ва дурнамои ин мавқеи роҳбарияти Тоҷикистон мавзӯи ҷиддии ҷудогонаест, дар бахши дувуми ин навишта ба таври муфассал ироа мегардад.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*
*Моҳи октябри соли 2021*

# БУҲРОНИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА СУОЛҲО АЗ САРНАВИШТИ МИНТАҚА

*« ...агар омадани ҳукумати «Толибон» дар Афғонистон «дастовардҳои 20 соли охир»-ро аз байн бурда бошад, дар Тоҷикистон бологирии тафаккури ифротгароӣ дар ҷомеа метавонад дастовардҳои 100 соли охирро зери хатар гузорад.»*

Таҳаввулоте, ки моҳи августи соли ҷорӣ дар Афғонистон рух дод, бо маҷмуаи паёмадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, арзишӣ ва амниятии худ оғози шаклгирии вазъияти нави сиёсӣ ва геополитикӣ дар минтақа гашт. Рӯи кор омадани гурӯҳи ифротгарои «Толибон» танҳо ғалабаи як гурӯҳи сиёсӣ дар Афғонистон набуда, ҷобаҷоии як силсила манфиатҳо ва тағйири тавозуни қудрату таъсиргузориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ дар минтақаро ифода мекунад. Ҳамин тавр, мо дар муҳити Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ бо манзараи нави сиёсӣ ва геополитикие рӯбарӯ ҳастем, ки аз вазъияти то 15-уми августи соли 2021 ба таври ҷиддӣ фарқ дорад.

Вазъияти навин, пеш аз ҳама, дар атрофи мафҳуми «терроризм» ва сатҳу шаклу ҳудуди муносибат ё мубориза бо ин падида саволҳои ҷиддиеро ба миён гузошт. Ба ин восита, на танҳо дар фаҳми умумию иттилоотӣ ва иродаи сиёсӣ, балки дар ҳуқуқи байнулмилалӣ ва равишҳои амалии ин самт низ саволу муаммоҳои бузурге эҷод шудаанд.

Гарчи гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ ҳамеша аз сӯи қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ дастгирӣ ва истифодаи абзорӣ мешуданд, аммо то имрӯз ҳадди ақалл дар сатҳи дастгоҳи мафҳумӣ, иродаю чорчӯбҳои сиёсӣ, муносибати арзишӣ ва ҳуқуқи байнулмилалӣ меъёру муво-

фиқатҳои усулие вуҷуд доштанд, ки муносибати кишварҳо ва созмонҳо бо ифротгарӣ ва терроризмро мушаххас ва танзим менамуданд. Хусусан, дар сатҳи ташкилоти минтақавию байнулмилалӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишвараҳо ҳаҷми бузурги санадҳои ҷиддӣ ба имзо расида буданд, ки дар назди кишварҳо ҳудуду ӯҳдадориҳои ҷиддиеро дар муносибат ва мубориза бо ин падидаҳо мегузоштанд.

Дар рӯйхатҳои муштараки созмонҳои байнулмилалӣ, аз ҷумла СММ, СҲШ, СПАД ва ғ. номи мушаххаси созмонҳои ифротгарою террористӣ сабт шуда буданд, ки ҳама гуна ҳамкорӣ бо онҳоро номумкин месохт. Хоса, пас аз оғози амалиёти васеи «Эътилофи зиддитеррористӣ» дар Афғонистон дар соли 2001 ва муштаракан шикаст додани ДОИШ дар Ховари Миёна дар соли 2015, иродаи сиёсии расмии ҷаҳонӣ дар инкори терроризм ва мубориза бо он ифода меёфт. Дар ин низоми ҳуқуқию иродаи сиёсӣ гурӯҳи «Толибон» низ бе ҳеҷ шакке гурӯҳи террористӣ эълону эътироф шуда, дар садри рӯйхатҳои байнулмилалӣ, минтақавӣ ва кишварии гурӯҳҳои террористӣ қарор дошт, ки он ҳамагуна ҳамкорӣ бо чунин гурӯҳҳоро манъ мекунад. Номи роҳбарони он низ аксаран дар чунин рӯйхатҳо буданд ва ҳастанд.

Оё бо гурӯҳи террористӣ ҳамкорӣ кардани давлатҳо дигар ҳукми «ҳамкорӣ бо терроризм»-ро надорад?

Бо оғози ҳамкориҳои расмию ошкори давлатҳо бо гурӯҳи манъшудаи «Толибон», ки ҳанӯз хеле пештар аз 15-уми август оғоз гашта буд, рахнаёбии дастгоҳи мафҳумӣ ва низоми ҳуқуқии мубориза бо терроризм оғоз гашта, бо эътирофи ғайрирасмии онҳо ва вусъати ҳамкориҳои васеъ бо онҳо пас аз 15-уми август, иродаи сиёсии ҷаҳонӣ дар ин самт низ шикаст хӯрд.

Акнун дар рӯзномаи «мубориза бо терроризм» ин саволҳои усулӣ ва амалӣ истодаанд, ки:

*— «гурӯҳи террористӣ» чист ва аз рӯи кадом аломатҳо онро террористӣ донистан мумкин аст?*

*— ҳудуди мубориза бо терроризм то куҷост ва дар кадом ҳолат бояд бо он мубориза ва дар кадом ҳолат бояд бо он ҳамкорӣ намуд?*

*— оё агар як гурӯҳи террористӣ дар кишваре ғалаба кунад, дигар он гурӯҳи террористӣ нест?*

*— оё бо гурӯҳи террористӣ ҳамкорӣ кардани давлатҳо дигар ҳукми «ҳамкорӣ бо терроризм»-ро надорад?*

*— оё қарордодҳои байналхалқии мубориза бо терроризм ва рӯйхатҳои муштараки байнулмилалӣ ва минтақавии гурӯҳҳои террористӣ дигар эътибор надоранд?*

*— оё ташкилоти минтақавие чун СҲШ, СПАД ва ғайра, ки мубориза бо терроризм ва гурӯҳҳои террористиро вазифаи меҳварии худ медонистанд, пас аз ҳамкории наздики аъзои аршадашон бо гурӯҳи ошкоро террористӣ бо буҳрони шадиди дарунӣ рӯбарӯ нестанд?*

*— оё шарикони стратегие, ки дар паи манфиатҳои худ бо гурӯҳи расман террористӣ ҳамкориҳои васеи амалӣ ба роҳ мондаанд, дар идома низ «шарикони боэътимод дар мубориза бо терроризм» ба ҳисоб меравад?*

*— оё акнун меъёру қонунгузориҳои байнулмилалӣ дар бахшҳои дигар, масалан мубориза бо маводи мухаддир, одамрабоӣ, пулшӯӣ ва ғ. қурб доранд ва ё бо ҳамин мантиқи пас аз 15-уми август, агар дар кишваре «мафиёи маводи мухаддир» ғалаба кунад, он низ расмияту эътироф меёбад?*

*— оё ҷаҳон ва сиёсат ва геополитика аз аввал чунин буду мо бо навпоии худ ба тааҳуду бозиҳои он самимона бовар доштем?...*

Албатта, ҳамаи ин саволҳо ҷавоби худро доштанд ва дар матни ҳуқуқи байнулмилалӣ ҳанӯз ҳам ҷавоби худро доранд. Аммо рафтори кишварҳои минтақаву ҷаҳон пас аз 15-уми август ин ҷавобҳоро бештар ба саволҳо табдил кард.

Таҳаввули мафҳумию тафсирии вазъият дар ин самт ба ҳаддест, ки ҳатто қурбу аҳамияти маҷмуаи бузурги коркардҳои илмию зеҳнию коршиносии ҳазорон муҳаққиқу муаллифу таҳлилгару марказҳои таҳлилӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон низ якбора зери саволи бузург рафтааст, ки оё ин ҳама кору таҳқиқу мавод зарур будааст ва дуруст будааст ва натиҷае доштааст? Чӣ гуна пас аз ин ҳама зеҳнсозию муҳит-

созию арзишофарии зиддитеррористӣ, ҷаҳони сиёсӣ ва фазои байнулмилалӣ якбора дар баробари вазъияти нав таслим шуд ва амалан тамоми боварҳо, меъёрҳо ва арзишҳоро бар пои «воқеият» рехт?

Оё метавон тасаввур кард, ки имрӯз баъзе ҳамсоя ва хусусан, баъзе шарикони стратегии мо танҳо барои риояти ин ҳуқуқу меъёрҳои байнулмилалӣ дар ин самт, яъне ҳамкорӣ накардан бо гурӯҳи террористӣ аз мо амиқан ранҷидаанд?

Вале ҷанбаи амалии ин таҳаввули зеҳнӣ боз ҳам ҷиддитар буда, коркарди муносибат бо вазъияти навинро бисёр мушкил гардонидаст. Дар фазои нави фурӯрехтагии меъёрӣ интихоби мавқеъ на танҳо барои коршиносон, балки барои худи кишварҳо низ бисёр мушкил шудааст. Масалан, то имрӯз дар амалияи байнулмилалӣ мафҳуми «кишвари ҳамкор бо терроризм» роиҷ буд, ки тибқи он масалан, ИМА баъзе кишварҳо, аз ҷумла Эрон ва Сурияро ба чунин рӯйхат даровардa, нисбати онҳо таҳримҳои шадиди сиёсию иқтисодӣ муқаррар карда буд. Агар ин меъёр ҳанӯз барҷой бошад, имрӯз аксари ҳамсояҳо ва шарикони моро метавон бе ягон шубҳа ба ҳамон рӯйхати «кишварҳои ҳамкор бо терроризм» ворид намуд, ки бояд мавриди таҳримҳо қарор гиранд? Оё мулоқоти расмии мақомоти олии расмии як кишвар бо роҳбарони гурӯҳи террористӣ ва ё сафари расмии протоколии ҳайати расмии гурӯҳи террористӣ ба як кишвар дигар «ҳамкорӣ бо терроризм» ҳисоб намешавад? Бо ин тавзеҳ, ки ин ҷо сухан на танҳо дар бораи ахлоқи сиёсӣ ё арзишҳои сиёсӣ ва тамаддунӣ, балки дар бораи ҳамкории ҳамаҷониба бо гурӯҳе меравад, ки то ҳамин лаҳза ҳам дар рӯйхати СММ, ҳам дар рӯйхатҳои созмонҳои минтақавӣ ва ҳам дар қарордодҳову қонунгузориҳои худи ин кишварҳо расман ҳамчун гурӯҳи террористӣ эътироф шудааст ва ҳанӯз, ҳадди ақал аз ин рӯйхатҳо расман хориҷ карда нашудааст.

Масалан, оё метавон аз болои ин кишварҳо ҳамчун кишварҳои «ҳамкор бо терроризм» ба «додгоҳи байнулмилалӣ» (мафҳуми дигари дар ҳоли таҳаввул ва фурӯпошӣ) шикоят намуд?

Таҷрибаи мавқеъгирии Тоҷикистон нисбат ба буҳрони ахири Афғонистон нишон дод, ки имрӯз ҳатто бовар кардан ва амал намудан ба

меъёрҳои расман пазируфташудаи ҳуқуқи байнулмилалӣ дар ин самт то ҷое хатарнок низ гаштааст. Оё метавон тасаввур кард, ки имрӯз баъзе ҳамсоя ва хусусан, баъзе шарикони стратегии мо танҳо барои риояти ин ҳуқуқу меъёрҳои байнулмилалӣ дар ин самт, яъне ҳамкорӣ накардан бо гурӯҳи террористӣ аз мо амиқан ранҷидаанд? Ба таври ошкортар, оё метавон тасаввур кард, ки ҳамин кишварҳое, ки бо мо даҳҳо қарордод дар боби мубориза бо терроризм ва аз ҷумла мубориза бо гурӯҳи «Толибон» доранд ва моро ба ин кор таъкиду ташвиқ мекарданд, ҳоло барои эътироф накардани терроризм ва ҳамкорӣ накардан бо гурӯҳи мушаххаси расман ва амалан террористӣ аз мо бисёр нороҳат буда, моро ҳамчун халалдоркунандаи нақшаҳои манфиатии худ ба ҳар тариқ зери фишор қарор медиҳанд? Оё метавон тасаввур кард, ки дар се-чор моҳи охир Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба хотири вафодор мондан ба меъёрҳои пазируфтаи байнулмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва танҳо ба хотири эътироф накардани гурӯҳи террористӣ қариб дар инзивои байнулмилалӣ қарор мегирифт?

Ҳамин тавр, вазъияти пешомада муаммоҳои зиёдеро ба миён овард, ки дар онҳо саволҳо нисбат ба ҷавобҳо хеле бештаранд. Дар умум, ин вазъият ҳам низоми меъёрию ҳуқуқии байнулмилалӣ дар мубориза бо терроризм ва ҳам фазои арзишӣ ва иродаи сиёсии ҷаҳонӣ дар ин самтро бо буҳрон ва чолиши бузург рӯбарӯ кардааст. Вазъияти нав ниқоби зебои тазвирро, ки бо номҳои ҳуқуқи байнулмилалӣ, мубориза бо терроризм, ҳуқуқи башар ва ғайра истифода мешуд, аз чеҳраи манфиатҳо ва воқеиятҳо бардошт. Акнун кишварҳои муборизакунанда бо терроризм барои ҳамкорӣ бо гурӯҳи расман террористӣ дар мусобиқа буда, ҳар яке ба шеваи хоси худ худро бо ин «воқеият» мепайвандад ва «тамос барқарор мекунад»...

Табиист, дар чунин ҳолати печидаю номушаххас ҳифзу идомаи як сиёсат ва мавқеи устувор барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бисёр мушкил ва гарон хоҳад буд. Зеро аксари кишварҳои минтақа бар хилофи ӯҳдадориҳои қарордодии худ, манфиатҳои махсуси худро дар авлавият қарор дода, бо таҳдиди террористӣ муомилаи манфиатӣ намуданд. Қудратҳои бузургтар Афғонистон ва минтақаро ба коми

гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ партофта, амалан ба амнияти минтақа ва кишварҳои он, аз ҷумла ба амнияту манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хиёнат намуданд...

Бо омӯзиши умқу миқёси ин таҳаввулот, пешбинӣ мешавад, ки ҳолатҳое чун буҳрони мафҳумӣ, бемеъёрии ҳуқуқӣ ва халалёфтагии тавозуни манфиатҳо дар минтақа ҳадди ақалл то панҷсолаи дигар идома ёфта, вазъияти сиёсӣ ва амниятии минтақа ҳамоно шикананда ва осебпазир боқӣ мемонад. Ин аст, ки кишварҳои минтақа бояд барои озмоишу тааммулу тадбирҳои бунёдии миёнамуддат ва дарозмуддат омода бошанд.

Дар сурати давом ёфтани ин вазъият ва истиқрори ҳокимияти «Толибон» дар Афғонистон, ин «воқеият» ба як омил ва улгуи доимии таъсиргузор бар вазъияти сиёсӣ, амниятӣ, иттилоотӣ ва идеологии минтақа табдил мешавад. Он шабаҳи ифротгароиро дар тамоми Осиёи Марказию Ҷанубӣ тақвият дода, ба дидгоҳҳо ва доираҳои ифротӣ дар кишварҳои атроф рӯҳу боварии бисёр ҷиддӣ мебахшад. Таъсири он барои минтақаи мо, албатта, бо миқёсу иқтидори хеле маҳдудтар, чизе шабеҳ ба таъсири инқилоби исломии Эрон (1979) бар фаъолшавии муҳити дингароии сиёсӣ ва доираҳои мазҳабӣ дар Ховари Миёна хоҳад буд. Ин таъсир дар умум аҳолии минтақаро ба маънои мусбати он исломитару диндортар намекунад, балки имони иттилоотиро густариш дода, боварҳои диниро сиёситар ва бархурдҳои динию иҷтимоиро хашинтар месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин таъсир беш аз ҳар кишвари дигар осебпазир буда, дар ин раванд маҷмуаи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ ва дар маҷмуъ, арзишҳо ва шеваи муосири зиндагӣ бо таҳдиди ҷиддӣ рӯбарӯ мегарданд. Ин хатар фаротар аз «эҳтимоли ҳамлаи гурӯҳҳои террористӣ ба марзҳо» буда, метавонад ифротишавии босуръати тафаккури қишрҳои муайяни аҳолӣ дар дохил ва ҳатто бартариёбии ин тафаккур дар сатҳи умумии ҷомеаро дар бар гирад. Хоса дар шароити муосиру муассир набудани дастгоҳи идеологии давлатӣ таъсири ин таҳдид боз бештар хоҳад буд. Ба ибораи бисёр рӯшантар, агар омадани ҳукумати «Толибон» дар

Афғонистон «дастовардҳои 20 соли охир»-ро аз байн бурда бошад, дар Тоҷикистон бологирии тафаккури ифротгароӣ дар ҷомеа метавонад дастовардҳои 100 соли охирро зери хатар гузорад. Умуман, бартариёбии тафаккури ифротгароӣ на танҳо маҷмуаи арзишҳо ва манфиатҳо, балки худи ҳастии миллии тоҷикон ва давлатдории миллии тоҷиконро бо таҳдиди ҷиддӣ рӯбарӯ менамояд...

(Дар нисбати Тоҷикистон ду омили дигар низ хатари зикршуда ба арзишҳои миллӣ ва давлатдории миллию дунявиро дучанд месозад:

— аввалан, агар ифротгароии динии муосири Ховари Миёна бо миллигароии арабӣ ва ё ифротгароии толибӣ бо насионализми ифротии паштунӣ омезишу ҳамсӯии наздик дошта бошад, аксари далелҳо нишон медиҳанд, ки ифротгароии динии тоҷикӣ асосан бар асоси таъсирпазирии идеологии берунӣ ва худбохтагии миллӣ ташаккул ёфтааст;

— дувум, пас аз гузор аз марҳилаи душвору тӯлонии фақри амиқу хушунати фарогир ва наёфтани корбурди иҷтимоӣ, ки хоси даврони низоъҳост, қишри зиёии боқимондаи мо низ асосан дилсарду ҳошиявию сиёсатгурез буда, чуноне, ки аз фазои фикрию иттилоотӣ пайдост, ҳисси зиндаю фаъоли масъулияти сиёсӣ, амниятӣ, миллӣ ва давлатдорӣ зоҳир намекунанд. Чунин қишри зиёӣ бо ин нишондиҳандаҳо дар рӯбарӯи буҳронҳо нақши сипари фикрии миллиро надошта, худ метавонад ба осонӣ қурбонии мошинаи пуриқтидору пурдаҳшати ифротгароӣ шавад.)

Хулоса, вазъияти навин кишварҳои минтақаро, ки солҳои охир тамоми имкону талошашон барои пешгирии «инқилобҳои ранга» равона шуда буд, акнун бо хатари мудҳиштари «инқилоби сиёҳ» рӯбарӯ намудааст. Рӯзи сиёҳе, ки ҳатто метавонад зери тамошои шариконии стратегӣ ва «воқеият»-ро эътироф намудани онҳо сурат гирад. Чуноне, ки дар он сӯи Ому...

Ин ҳолат аз ҳукуматҳои огоҳ тақозо дорад, ки бе таъхири бештар маҳз пояҳои дохилии машруияти худро қавӣ сохта, муносибати ху-

дро бо маҷмуаи масъалаҳо ва мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва арзишии ҷомеа ба таври ҷиддӣ тағйир дода, бо коҳиши фосила бо мардум, пойдории идеологӣ, равонӣ ва иҷтимоии низоми сиёсии худро дар дохил таъмин намоянд. Вазъияти навин бознигарӣ ва такмили прагматикии сиёсати хориҷиро низ тақозо мекунад, ки он мавзӯи ҳассоси ҷудогона аст. Ва табиист, ки чунин кор дар самти сиёсати дохиливу хориҷӣ ҳам ба нигоҳи нави воқеъбинона ва ҳам ба тими кории огоҳу босалоҳияту воқеънигар ниёз дорад.

Албатта, дар дурнамои миёнамӯҳлат аз батни ин буҳрони мафҳумию амалии муносибат бо амният ва терроризм дар минатқа, маҷмуаи фаҳму меъёрҳои нави муайянкунандаи вазъият ва қоидаҳои нави рафтор ва муносибат шакл мегиранд, ки дар он низ низоъ, терроризм ва андешаҳои ифротӣ инкор хоҳанд шуд. Бинобар ин, бо назардошти осепбазирию таъсирпазирияшон, вазифаи асосии кишварҳои минтақа дар ин марҳилаи ҳассос эмин мондан аз густариши беназмӣ ба ҳудуди худ ва солим берун омадан аз ин гузаргоҳи буҳронист.

Ва пурсиши марказии ин раванд ҳамин хоҳад буд, ки «ҷаҳон», «ҷомеаи байнулмилалӣ» ё доираҳои таъсиргузори он чӣ чизро интихоб мекунанд: меъёру арзишу тамаддуну ҳуқуқҳоро ё манфиату «воқеият» ва эътирофу ҳамзистӣ бо ғалабаи амалии «Толибон» ва толибонҳоро? Ҳоло бошад ҳам илм, ҳам ҳуқуқ, ҳам сиёсат, ҳам арзишҳо, ҳам идеология ва ҳам худи башар дар андешаи раҳоӣ аз ин бумбаст ва дар буҳрону интизорӣ дармондааст. Дар ин номуайянии умумӣ сарнавишти арзишҳо, таҷрибаҳо, ҷомеаҳо ва низомҳои сиёсии пасошӯравии минтақа низ вориди марҳилаи нави саволҳову чолишу норӯшаниҳо гаштааст...

*Абдуллоҳи Раҳнамо*
*Моҳи декабри соли 2021*

# ЧАРО ИН ҚАЗОҚИСТОН ДИГАР ОН ҚАЗОҚИСТОН НЕСТ?

10 тезис дар боби пайомадҳои амиқи дохилӣ ва минтақавии ҳодисаҳои Қазоқистон

Дар бораи сабабу омилҳо ва раванду рӯзшумории ҳодисаҳои Қазоқистон бисёр гуфтаву навишта шудааст, ки такрори он шоиста намебуд. Аз ин рӯ, маводи зерин назаре ба пайомадҳои дохилӣ ва берунии ин буҳрон буда, нишондиҳандаҳои асосии марҳилаи пас аз буҳрониро барои ин кишвар ва ин минтақа арзёбӣ мекунад. Бо таъкид ба ин ки Қазоқистони нав ва минтақаи навин чӣ гуна хоҳад буд ва сабақҳои он барои дигарон чист?

***

Тағйироти муҳимтарине, ки пас аз буҳрони ахир ва маҷмуаи пайомадҳои он барои Қазоқистон пеш омад ё меояд, то ҳадди муайяне осеб дидани истиқлоли давлатӣ ва сиёсии ин кишвар аст, ки дар оянда ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷиро фаро мегирад. Зеро новобаста аз омилу ҳолатҳо ва далелу заруратҳо, худи маълум гаштани осебпазирӣ, зери суол рафтани худкифоии амниятӣ, ба нерӯҳои даъватӣ вобаста гаштани «ба эътидол овардани вазъият» ва пайванди пойдории ҳукумат ба омили берунӣ ва ғ. пайомадҳои муҳимме дар самтгириҳои хориҷии сиёсию амниятию иқтисодии ин кишвар хоҳанд дошт.

Хоса дар шароити инак набудани роҳбарияти мустақилу бонуфузи сатҳи милливу минтақавӣ ин ҳолат боз ҳам амиқтар мегардад, зеро бо вуҷуди зуҳури хеле қудратманду ҷасуронаи ахираш, президент Қосимҷомарт Тоқаев на ба шахсияту на ба салоҳият ва на ба вазну на ба миқёс дар сатҳу нақши Назарбоев буда наметавонад.

Албатта, ин тағйири вазъу вазн барои мавҷудияти давлатдории Қазоқистон ҳоло то сатҳи ҳаётӣ хатарнок нест, аммо дар ояндаи наздик дар муқоиса ба даврони то буҳрон, қобили мушоҳида ва эҳсос хоҳад буд.

***

Дар пайи ин буҳрон ҷойгоҳи амалии Қазоқистон дар сиёсати минтақавӣ ва байнулмилалӣ низ зарбаи ҷиддӣ дида, на танҳо озодиҳои тасмимгирӣ, балки таъсиру нуфузи баланди ин кишвар бар низоми сиёсию иқтисодию амниятии минтақавӣ низ хеле камранг мегардад. Аввалан он аз мақоми як «қудрати минтақавӣ» поин омада, сониян сиёсати «дарҳои боз», ки доктринаи марказии сиёсати хориҷии Қазоқистон аст, акнун ногузир то ҷое «баста» шуда, самтгириҳои сиёсӣ ва геополитикии ин кишвар то ҷое «такмил» мeёбанд.

Эътирозгарон муҷассамаи Нурсултон Назарбоев, раиси ҷумҳури пешин ва «Элбасӣ» ё пешвои Қазоқистонро чаппа карданд. 5-уми январи 2021

Қазоқистон ки бо такя ба зарфиятҳои азими сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳудудии худ ва бо доштани роҳбари муътадили бонуфузу пуртаҷриба дар муносибатҳои хориҷии худ таодули робитаҳо байни тамоми қутбҳову самтҳоро беҳтар аз ҳар кишвари дигари минтақа нигоҳ дошта, хусусан бо Русия, Чин, Ғарб ва Шарқ муносибатҳои ҳамзамон хуб пеш мебурд, инак ба ҳифзи амалии ин тавозун ё баланс чун пешина қодир нахоҳад буд. Дар марҳилаи нав куллиёти рафтори хориҷии он бо Русия ва шарикони пасошӯравии он ҳамоҳангтар шуда, муносибаташ бо кишвару созмонҳои ғарбӣ то ҷое коҳиши сифатию миқдорӣ хоҳад ёфт.

Дар сатҳи минтақа низ ҳам ҷойгоҳи маънавию психологӣ ва ҳам сатҳи таъсиргузории амалии ин кишвар ҳамчун «лидери минтақавӣ» ва «пайвандгари минтақа» амалан камранг гашта, шояд ба ҷойи он нақши Узбекистон ва роҳбарияти он дар минтақа фаъолтар шавад. Умуман, вазъияти нави ин кишвар акнун имкони идомаи татбиқи озодонаи «сиёсати бисёрсамтӣ» ва «дарҳои боз»-ро чун пештар намедиҳад.

Аз назари сиёсию маънавӣ низ, бо рух додани бӯҳрон ба обрӯю эътибор ё имиҷи Қазоқистон ҳамчун давлати бузург, қавӣ, босубот, амн, мустақил, фаъол, соҳибташаббус, «қалби АвруОсиё», «пайвандгари Шарқу Ғарб», «саҳнаи муколимаи адёну эътиқодҳо», «татбиққунандаи модели муваффақи мудирият» ва низ, ҳамчун ҷомеаи нарм, бофарҳанг, таҳаммулпазир, воҳид, «кишвари ҳамзистиҳо» ва ғ., ки дар тӯли даҳсолаҳо шакл гирифта буд, ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи байнулмилалӣ зарбаи ҷиддӣ ворид гашт. Инак дар солҳои наздик бо ин сифатҳои баланду эҳтиромбарангез ёдоварӣ кардани ин кишвар ё барқарории ин имиҷи бисёр мусбати он чандон осон нахоҳад буд.

***

Пас аз ин ҳодисаҳо ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии Қазоқистон ҳатту рӯҳияи миллигароӣ ба тадриҷ паст шуда, хусусан «савтҳои туркӣ» дар он то муддати зиёде камранг хоҳанд шуд. Он зарфияту истиқлоле, ки Назарбоев барои пешбурди назария ва амалияи таъсиси давлати миллии қазоқҳо ва низ иҷрои нақши калидӣ дар ҳаракати ҳамгароии кишварҳои туркзабони ҷаҳон дошт ва он истиқлоле, ки дар замони ӯ барои фаъолият дар самти татбиқи нақшаҳои «Турони бузург»-у «Шӯрои давлатҳои туркзабон» мавҷуд буд, акнун дар он сатҳ идома ёфта наметавонанд.

Шароити нав татбиқи унсурҳои дигари миллигароии қазоқию ҳамгароии туркӣ, аз ҷумла ҳатмияти корбурди забони қазоқӣ, тангсозии ҷойгоҳи унсурҳои русӣ, гузариш ба алифбои лотинӣ ва ғайраро низ дар ин кишвар кунд хоҳад кард. Умуман, акнун бинобар омилҳои

дохиливу хориҷӣ нақши Қазоқистон дар ҳаракати ҷаҳонии туркгарой коҳиш ёфта, худи ин ҳаракати тавсеаталаб низ латмаи бисёр ҷиддӣ дид. Ин таҳаввул на танҳо маънои фарҳангию тамаддунӣ, балки пайомадҳои дуру ҷиддии сиёсию геополитикӣ низ дорад. Аз ин рӯ, аз диди хунсардонаи тавозунҳои тамаддунию геополитикӣ, дар натиҷа дар ин вазъият қарор гирифтани як ҳалқаи занҷири туркгароии байнулмилалӣ барои манфиатҳои Русия ва баъзе кишварҳои ғайритурки минтақа таҳаввули манфӣ шуморида намешавад.

***

Омили дигаре, ки инак баояндаи Қазоқистон ҳамчун «кишвари ба суръат рушдкунанда» таъсири бисёр манфӣ мегузорад, коҳиши эътимоди умумии минтақавӣ ва байнулмилалӣ ба вазъияту дурнамои рушду суботи ин кишвар хоҳад буд. Дар натиҷаи ин эҳсос, кишвар бо пайомадҳои манфие чун коҳиши ҷиддии сармоягузории хориҷӣ, фирори тадриҷии сармояҳо, хусусан, сармояҳои ғарбӣ, фирори истеъдоду мағзҳо дар аксари соҳаҳо, аз ҷумла соҳибкорӣ, саноату технология, маориф, ҷомеаи шаҳрвандӣ, коҳиши туризми хориҷӣ ва ғайра рӯбарӯ мегардад, ки ин ҳолатҳо дар умум, боиси рукуд ё таназзули ин соҳаҳо мешаванд.

Ин дар ҳолест, ки Қазоқистон дар масъалаҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, рушди сайёҳӣ, омодасозӣ ва ҳифзи кадрҳои муосир, модернизатсияи низоми идорӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, бонкӣ, коммуникатсионӣ ва ғайра дар фазои ИДМ дорои нишондиҳандаҳои беҳтарин буд.

Илова бар ин, озодии сиёсати иқтисодии хориҷии Қазоқистон низ эҳтимол то ҷое халал ёфта, болои самтгирии содироти умдаи нафту газу металҳои рангаву арзишманди он фишорҳои нав пеш меояд. Ин ҳолат ҳам истиқлоли тасмимгирии иқтисодӣ ва сиёсии ин кишварро зери таъсири муайян мегузорад.

***

Дар натиҷаи ин бӯҳрон ва сабақҳои баргирифта аз он, вазъияти сиёсӣ ва сиёсати дохилии Қазоқистон ба таври эҳсосшаванда тағйир ёфта, пеш аз ҳама, сатҳи озодиҳои умумӣ, аз ҷумла озодиҳои сиёсӣ, динию эътиқодӣ, шаҳрвандӣ, озодии андеша, баён, ҳамоиш, расонаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра дар ин кишвар нисбат ба ҳолати тобӯҳронӣ поинтар хоҳад рафт. Дар шароити нави «мубориза бо терроризм» ҳам зарурати барқарории дубораи назми устувор(1), ҳам зарурати ҳифзи манфиатҳои калони миллӣ(2), ҳам зарурати пешгирии таҳдидҳои воқеӣ(3), ҳам фишору ишоратҳои берунӣ(4) ва ҳам захми равоние, ки низоми ҳоким аз ин бӯҳрон бардоштааст(5), маҳз танзими ногузир ва қатъии ин самтҳо аз сӯи ҳукуматро талаб мекунанд.

Бо вуҷуди нақдҳои сирфан сиёсии мухолифонаш, ба истиснои Қирғизистони тоҷабборовӣ, Қазоқистон аз рӯи ин нишондиҳандаҳо озодтарин ва либералитарин кишвари Осиёи Марказӣ ва яке аз пештозҳо дар фазои пасошӯравӣ буд, ки инак чунин нахоҳад буд. Ҳоло ин кишвар ногузир вориди як давраи пасобӯҳронии боздоштҳо, муҳокимаҳо, ҳукмҳо, поккориҳо, бастанҳо, мамнӯъиятҳо, маҳдудиятҳо, ёдбудҳо, тафсирҳо, тафтишҳо, ошкорсозиҳо, таблиғотҳо ва ташвиқотҳои шадиде хоҳад шуд, ки дар маҷмӯъ муддате тӯл кашида, ба воқеияти нав шакл, мазмун ва машруият мебахшанд. Супоришҳои расмӣ дар бораи бозсозии куллии сохторҳои қудратӣ ва эълонҳои расмӣ дар бораи кушта шудани даҳҳо кас ва боздошти беш аз 10 000 нафар дар рӯзҳои охир оғози чунин марҳиларо рақам мезанад...

Ин ҷо низ зарбаи ҷиддии чунин бӯҳрону нооромиҳо ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти як ҷомеаи осуда ба таври рӯшан дида мешаванд, ки ҷойи андешаи амиқ аст.

***

Ҳодисаҳои мазкур нишон доданд, ки дар шароити гузариши таърихию арзишии кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ, сиёсати нарму либералӣ нисбат ба ифротгароии динӣ на танҳо натиҷаи

дилхоҳ намеорад, балки метавонад барои худи давлату миллат таҳдиди ҷиддӣ офарад. Тавре рӯшан аст, шароити бисёр озодонаи рушди равияҳои ғайрианъанавии динӣ, аз ҷумла салафия, ихвонигарӣ, ҷамоати таблиғу даъват, равияҳои идеологии ташайюъ ва ғайра дар Қазоқистон боис гаштаанд, ки дар солҳои охир дар ин кишвар ҳалқаву шабакаҳои васеи ошкору ниҳони ифротгароии динӣ шакл гирад.

Хоса дар радаҳои болои давлатию қудратӣ ва ҳатто аз миёни аъзои оилаи президенти Қазоқистон ва шахсони наздик ба ӯ пайравону «сарпарастон»-и худро пайдо кардани баъзе аз ин равияҳои ифротии динӣ боис гашт, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дар пешгирии густариши ошкори онҳо иқдоми ҷиддие карда натавонанд. Ин мақомот нисбат ба маблағгузориҳои азиме, ки аз сӯи баъзе кишварҳои идеологии Ховари Миёна ба ҳалқаҳои динии Қазоқистон мешуд, на танҳо саҳлангорӣ карданд, балки бо амалҳои коррупсионӣ худашон дар судҷӯйӣ аз он шарик гаштанд. Хусусан, дар шароити ночиз будани таъсири «исломи анъанавӣ», ки дар ин маврид чун дар Тоҷикистону Узбекистон нақши пешигирикунанда медошт, доираҳои васеи ҷавонони шаҳру деҳаҳои Қазоқистон ба ин равияҳои тунду ғайрианъанавӣ боз ҳам бештар гароиш ёфтанд.

Бале, дар ин масъала шояд бахше аз суханони роҳбарияти Қазоқистон дар бораи «гурӯҳҳои терористӣ», «20 000 террорист«ва «бандаҳои дар хориҷа хуб омӯзишдида» ва ғ. хондани эътирозгарон баҳснок бошад. Аммо, аз ин фурсати муносиб суистифода намуда, бо амиру ҷамоату панҷгонаву ҳафтгонаҳои худ аз хандакҳо берун омадани ҳастаҳои нуҳуфтаи ифротгароёни динӣ, бо сабки ошноии доишӣ аз сӯи онҳо анҷом шудани амалҳои мусаллаҳу даҳшатноку хушунатомез, ҳаракати касбию ҳамоҳангшуда дар ишғоли идораву мақомоти давлатӣ, фурудгоҳҳо, марказҳои алоқа ва қисмҳои ҳарбӣ ва талошҳои ба даст гирифтани идоракунии оммаи худҷӯши эътирозӣ аз тарафи онҳоро ҳама мушоҳида намуданд.

Намоиши қудрати барқосои ифротгароёни динӣ дар тӯли ин буҳрон боис мешавад, ки акнун ҳам Қазоқистон ва ҳам кишварҳои дигари минтақа сиёсат ва муносибати худро бо ин омил басе ҷиддитар

намоянд. Дар натиҷаи ин сабақ, пешбинӣ мешавад, ки муносибати нарми мақомоти Қазоқистон, аз ҷумла бо равияҳои салафия ва ҷамоати таблиғ ва баъзе ташкилоту бунёдҳои динии хориҷӣ дар дохили кишвар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, бархӯрди нописандонаи онҳо нисбат ба «хатари ифротгароӣ» ва муносибати хушбинонаи онҳо бо гурӯҳи ифротии «Толибон» дар Афғонистон низ ҳатман бознигарӣ мешавад. Онҳо дар ниҳоят хоҳанд дарёфт, ки яке аз омилҳои рӯҳиягириву далерии бепешинаи унсурҳои фиротгароӣ дар ҳаводиси охир низ таъсирпазирии онҳо аз пирӯзии «Толибон» будааст.

***

Дар умум, акнун ҳукумати нави Қазоқистон талоши ҷиддӣ мекунад, ки дар кӯтоҳмуддат бо баргузории ислоҳот ва додани баъзе имтиёзҳои иҷтимоӣ ба минтақаҳо ва қишру соҳаҳои осебпазири ҷомеа вазъияти иҷтимоӣ ва ташаннуҷи сиёсиро нармтар намуда, барои эҷоди чеҳраи мусбати низоми нави сиёсӣ талош кунад. Ин кишвар барои татбиқи чунин барномаҳои фаробуҷавӣ захираву имкониятҳои хеле бузург дорад ва таъсиси бунёди бисёрмиллиардии «Барои халқи Қазоқистон» аз аввалин иқдомҳои ҳукумати нав дар ин самт аст.

Аммо бо вуҷуди тағйири ҳукумат ва татбиқи чораҳои зикршуда, дар дарозмуддат вазъияти иҷтимоии Қазоқистон ва хоса қишрҳои эътирозгар нисбат ба даврони Н.Назарбоев ба таври бунёдӣ ва доимӣ беҳтар намешавад. Балки омилҳое чун маҳдудиятҳои нави сиёсию иқтисодӣ, тағйири элитаҳо, тақсими нави сарватҳо ва нуфузҳо, фирори бузурги сармояҳо, фирори мағзҳо, афзоиши қимматҳо ва умуман, кундтар шудани рушди кишвар боиси печидатар гаштани вазъияти иҷтимоии аҳолии он мегардад. Фишори иловагии маъмурӣ ва молиявӣ болои бизнеси калон ва талоши бо роҳи маъмурӣ аз анв тақсим кардани сарватҳои ҷомеа, ки акнун бо қарорҳои ҳукуматӣ оғоз гаштааст, раванди фирори сармоя аз Қазоқистон ва заифшавии иқтисоду соҳибкориро метезонад.

Умуман, ҷомеаи Қазоқистон ва хоса қишрҳои осебпазири он ба наздикӣ хоҳанд дарёфт, ки бо ин «қиём» на танҳо дар самти озодиҳои сиёсию ҳуқуқӣ, балки дар самти шароиту имтиёзҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ низ шансу имкониятҳои бузургеро аз даст додаанд. Ин як ҳақиқати талх, вале бисёр воқеӣ хоҳад буд. Аммо дар чунин сурат низ, бо таваҷҷуҳ ба фарҷоми хунину фоҷеавии эътирозҳои ахир ва сабақҳои дардноки он, то сипарӣ шудани як марҳилаи дигари психологӣ, акнун эътирозҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ замина, шакл ва истиқболи васеи мардумӣ намеёбанд.

***

Дар шароити набудани Қазоқистони назарбоевӣ, вазъияти сиёсӣ ва бофту тавозуни геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ тағйири амиқ меёбад. Он ҳамчун минтақаи ягона хеле заифтар шуда, дар баробари тарҳҳои калони нуфӯз ё ҳамгароӣ аз шимолу ҷанубу шарқу ғарб хеле осебпазир гашта, дар ҳифзи мустақилонаи мавқеъ ва манфиатҳои худ бо мушкилоти нав рӯбарӯ мешавад.

Масалан, маҳз истодагии нарму устувори Қазоқистон, яъне истодагии Н.Назарбоев, дар баробари шакли аввалаи лоиҳаи «Иттиҳоди АвруОсиё», ки моҳияти як иттиҳоди сиёсиро дошт, боис гашт, ки муҳандисони он ногузир тарҳро феълан ба «иттиҳоди иқтисодӣ» табдил намуда, аз ташкили сохторҳои идорию сиёсии фародавлатӣ дар чорчӯби он худдорӣ намоянд. Аммо дар шароити нав Осиёи Марказӣ дар баробари чунин иқдомҳо осебпазиртар шуда, дар чунин лоиҳаҳои калон фурӯ бурдани ин минтақа нисбатан осонтар мегардад.

***

Иштироки нерӯҳои низомии Созмони Паймони Амнияти Дастҷамъӣ (СПАД) дар ҳалли бӯҳрони Қазоқистон низ раванди наверо дар минтақа оғоз мениҳад.

Аввалан, гарчӣ вуруди онҳо дар асоси дархости расмӣ ва дурусти худи роҳбарияти қонунии Қазоқистон сурат гирифтааст, аммо бинобар набудани собиқаи ин кор, ин амал дар мавзуъҳое чун нақши ин ташкилоти низомӣ дар минтақа, имкони иштироки он дар ҳалли буҳронҳои дохилии кишварҳои узв, таърифи мафҳумҳои «ҳуҷуми хориҷӣ» ва «хатари террористӣ» ва ғайра суолҳои ҷиддиеро эҷод мекунад. Зеро ду сол пештар дар мавриди интизориҳои Беларус ва соле пеш дар мавриди дархости Арманистон нисбат ба дарёфти чунин дастгирӣ кишварҳои узв мулоҳизакории бештар нишон дода буданд, ки албатта, он низ мантиқи худро дошт.

Дувум, ин иштирок ё «рисолати сулҳофарӣ» таҷрибаи нахустини корбурди нерӯҳои ин созмон дар ҳалли низоъҳои дохилӣ дар кишварҳои узвро ба миён меорад, ки то имрӯз ба ин мақсад ва дар ин вусъат амалӣ нашуда буд. Ин таҷриба ва корбурд буҳрони таъйинотии СПАД-ро, ки солҳои охир аз он зиёд гуфта мешуд, то ҷое бартараф месозад.

Сеюм, ҳолати нави корбурди нерӯҳои мусаллаҳи СПАД дар ҳимояи давлати Қазоқистон эътимоди нафси кишварҳои узви ин созмон дар пешбурди сиёсатҳои дохилии худро афзоиш дода, ба роҳбарони ин кишварҳо паёми рӯшан медиҳад, ки дар «рӯзи мушкил» метавонанд ба ин омили пуриқтидор такя намоянд. Ин ҳолат устувории низомҳо ва амнияти минтақавиро сифатан дигар мекунад.

Чорум, нақши нави нерӯҳои дастаҷамъии СПАД бар меҳварияти Русия, ҳам барои иштирокчиёни равандҳои сиёсии дохилӣ дар кишварҳои узви созмон ва ҳам барои кишварҳои хориҷии ҳомии тағйирот ва «қиём»-у «инқилоб»-ҳо дар ҳавзаи СПАД паёми ҷиддиеро мерасонад, ки онҳо онро минбаъд ҳатман ба назар хоҳанд гирифт ва ё дар ниҳояти кор, бо он рӯбарӯ хоҳанд шуд. Албатта, таҷриба нишон медиҳад, ки қудратҳои бузург дар сурати тақозои манфиаташон дари «инқилоб»-ҳои ҳамоҳангшударо ҳамчунон боз нигоҳ хоҳанд дошт...

Панҷум, албатта, дар шароити оғози таблиғоти шадиду манфии берунӣ алайҳи нақшу ҳузури нерӯҳои СПАД дар Қазоқистон ва тало-

шҳои аз сӯи мухолифонаш ҳамчун «ишғоли хориҷӣ» шарҳ намудани он, комёбии рисолати онҳо на танҳо ба тарзи амали худи нерӯҳо, балки ба тарзи қабули онҳо дар ҷомеаи Қазоқистон низ вобаста хоҳад буд. Бинобар ин кишварҳои узви СПАД дар ин буҳрон бо зарурати мубоpизаи на камтар муҳим дар ҷабҳаи иттилоотӣ низ рӯбарӯ мебошанд.

Умуман, дар сурати комёбӣ ва хотимаи сазовору саривақтии рисолати нерӯҳои СПАД дар Қазоқистон, эътибору нуфузи ин ташкилоти сиёсию низомӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байнулмилалӣ низ якбора меафзояд.

***

Нақшу хидматҳои Н.Назарбоев дар таърихи давлатдории муосири қазоқҳо ниҳоят муҳим буда, ҳеҷ «инқилоб» ё таблиғоти сиёҳи сиёсию иттилоотӣ наметавонад, ин воқеиятро инкор намояд. Бо вуҷуди камбудҳои мушаххаси даврони фаъолияташ, ӯ дар маҷмуъ, барои халқу давлаташ хидмати азими таърихӣ анҷом дода, дар ҳақиқат бунёдгузори давлатдории навини қазоқҳо мебошад.

Вале бар хилофи тасаввурҳои ормонии мо, таърих ҳамеша ба ҳақиқат устувор нест ва инак чунин таҷрибаи барои ин кишвар ва барои ин шароит муфиду беназир, ки ба фарҷоми барӯмандонаи худ наздик шуда буд, низ бо чунин беандешагӣ шикаста шуд. Бо дасти худи мардум, бо ғафлату хиёнати худи масъулон, бо суистифодаи нерӯҳои фурсатталаб, бо таҳрику ҳимояти доираҳои берунӣ...

Акнун дигар Қазоқистони назарбоевӣ нест. Албатта, Қазоқистон ҳаст ва хоҳад буд, аммо он Қазоқистони дар сатҳи пешина қавию мустақиллу муътадилу босуботу боэътибори рушдкунандаи назарбоевӣ акнун аз даст рафт. Бинобар ҳамаи ин омилҳо, Қазоқистони «нав» чизе басе дигар ва бо ҷойгоҳу сарнавиште басе дигартар хоҳад буд...

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

*Моҳи январи соли 2022*

# «...ИН ТОР НОЗУК АСТ»

Чӣ гуна занон адабиёти ҷаҳонгири моро офариданд?
(Ёддоште адабӣ бо шарҳи байте аз Ҳофизи Шерозӣ дар одоби гиромидошти зан ва маъшуқа ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии занон)

Агар ба адабиёти оламгири форсию тоҷикӣ, ки рӯҳи миллӣ ва ифтихори тамаддунии мост, аз диди ҷойгоҳи зан нигарем, аввал чунин менамояд, ки аксари матни онро мардон навиштаанду дар садри сабку мактабу давраву ҳалқаҳои он маҳз мардон нишастаанд. Вале чун ба дохили ин водии ҳайрат пой гузорем, он гоҳ шигифтзада хоҳем шуд, ки ин адабиёти ба зоҳир мардсолор то чӣ андоза занмеҳвар аст!

Адабиёти бузурге, ки бо номи зан оғоз шудаву бо ишқи зан парвоз ёфтаву бо васфи зан давом ёфтаву бо лутфи зан ҷовидон гашта. Чӣ дар сатҳи адабиёти мардумиву шифоҳӣ ва чӣ дар сатҳи адабиёти касбию китобӣ; аз худи Одамушшуаро то имрӯзиёнаш:

*Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,*
*Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!*
*Дар васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,*
*Рӯзе, ки туро набинам он рӯз мабод!*
*(Рӯдакӣ)*

Ва бе ҳеҷ шакке метавон гуфт, ки маҳз зан ва симои зан ва тасвири зан ва ишқи зан бузургтарин мавзуъ ва рӯшантарин образи ин ада-

биёт будааст. Ин вуҷуди афсунгар гоҳе ба номи ҷону ҷонон, гоҳе ба номи дилу дилбар, гоҳо ба номи ёру нигор, гоҳе бо номи моҳу офтоб, гоҳо ба номи сарву гул, гоҳе ба номи шамъу маъшуқ, гоҳе ба номи ҳиндуву турку тоҷик дар саҳифаҳои фарохи ин водӣ ба ҷилва даромадаву ҳамчун мавзӯи ҷовидонӣ ва султони ин қаламрав тамоми тӯлу паҳнои онро дар ихтиёр гирифтааст. Ва бузургони моро, ба қавли некӯи Рӯдакӣ, дар ишқи худ «бадомӯз» доштааст:

*Ба вақти субҳи қиёмат, ки сар зи хок барорам,*
*Ба гуфтугӯи ту хезам, ба ҷустуҷӯи ту бошам.*
*(Саъдӣ)*

***

*Гар хоб кунам шабҳо в-ар хона равам танҳо,*
*Дар хоб туро бинам, дар хона туро ёбам.*
*(Ҷомӣ)*

Ин аст, ки шоирони мо дар тавстфи ӯ, балки дар тавсифи ҳар тори мӯю ҳар ишорати абрӯи ӯ ё дар тасвири лаъли лабу даври ғаб-ғабу пистаи даҳону зираи дандони ӯ ва дар баёни соқи симину нози ширину банди миёну сарви равони ӯ дарё-дарё байту рубоиву ғазалу қасидаву достон сурудаанд. Нависандагони мо низ боб-бобу ҷилд-ҷилд достону саргузаштҳои ишқӣ навиштанд, ки ҳамагӣ даври номи зану ишқи зану тасвири зан чарх мезананд. Ва ҳамин гуна, зан, ҳусн, ишқ ин адабиётро адабиёт кардааст:

*Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,*
*Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад!*

То ҷое, ки дар фалсафаву таълими ин адабиёт арзиши меҳварии ҷаҳони ҳастӣ, нерӯи танзимгари низоми олам ва омили бақои он маҳз ишқ будааст:

*Даври гардунҳо зи мавҷи ишқ дон,*
*Гар набудӣ ишқ, кай будӣ ҷаҳон?*
*(Мавлонои Балхӣ)*

Ва то ҷое, ки дар тасвиру тасаввури ин адабиёт арзиши меҳварии ҳаёт ишқ будаву авҷи қаҳрамонии як инсон ошиқӣ, мафҳуми мардонагию ашрофият дар ишқ хулоса гаштаву олитарин корномаи як мард вафодорӣ дар роҳи ишқ ва ё қурбонӣ гаштан дар кӯйи маъшуқ ба шумор мерафтааст. Ва он ҳам марге бисёр зебо ва мутантан ва пурифтихор ва ҷоннисор:

*Гар биёӣ диҳамат ҷон, гар наёӣ кушадам ғам,*
*Ман, ки мемирам аз ин ғам, чӣ биёӣ, чӣ наёӣ.*
*(Саъдӣ)*

Ҳатто дар давраҳое, ки «фақеҳи замон»-у «муфтии шаҳр» тасвири маъшуқи ҳақиқиву баёни ишқи зиндаро накӯҳиш мекард, адабиёти бузурги мо боз ҳам ин мавзӯи ҷовидонаро идома доду бо ҳазорон розу пардаву ишораву киноя ишқро ҳамчунон сурудааст. То ҷое, ки ишқ ба маъшуқи абад низ бо ҳамон қолабу таъбиру тасвирҳои ишқи бутону моҳрӯён омехтаву бо забону истилоҳоти он баён шудааст. ҳамон хатту холу чашму абрӯ, ҳамон сарву қадду зулфу гесу:

*Дар намозам хами абрӯи ту бар ёд омад,*
*Ҳолате рафт, ки меҳроб ба фарёд омад...*
*Дилфиребони наботӣ ҳама зевар бастанд,*
*Дилбари мост, ки бо ҳусни худодод омад.*
*(Ҳофиз)*

Ва ё сухан сахт пӯшидаву печидаву мармуз сохтанд, «то ки ҳамсоя надонад, ки ту дар хонаи моӣ«:

*Бад-он маънӣ, ки ориф зулф гӯяд,*
*Назар дар печу тоби ҳеҷ мӯ нест.*
*Баёни орифонро истилоҳест,*
*Ки ҷуз ориф касеро гуфтугӯ нест...*
*(«Гулшани роз»-и Шабистарӣ)*

Ва ҳамон гуна, ки ҳусни гул боиси зебоии садои булбул гаштаву ишқи гул ҳунари булбулро офаридааст, маҳз вуҷуду ҷойгоҳи зан ва ишқи поку бепоён бар ӯ ин адабиёти бузурги форсии тоҷикиро ба миён овардааст:

*Булбул аз завқи гул омӯхт сухан, варна набуд,*
*Ин ҳама савту ғазал таъбия бар минқараш.*
*(Ҳофиз)*

Ҳамон гуна, ки агар Лайлие набудӣ, Маҷнуне низ намебуд ва агар Ширине набудӣ, Фарҳоде низ намебуд ва агар Манижае намебуд, ишқи Бежане намебуд, ҳамин гуна Вису Ромину Вомиқу Узрову Тоҳиру Зуҳро... Яъне агар маъшуқе набуд, ошиқе низ намебуд... Ва ҳамин гуна пайвастагиву вобастагии унсуриву абадии ин ду маънӣ:

*Ишқ менозад ба ҳусну ҳусн менозад ба ишқ,*
*Оре, оре, ин ду маънӣ ошиқи ҳамдигаранд!*
*(Ҳилолӣ)*

Аз ин нигоҳ, фоҷеаи ширин ва саҳнаи марказии адабиёти мо ҳамин фурӯ рехтани ҳастии ошиқ бар пойи маъшуқ, хокистар шудани парвона даври шамъ ва ё фидокории мард барои зан аст. Ин аст, ки на танҳо мавзӯи асосӣ, балки соҳибу муаллифи асосии ин адабиёт низ маҳз зан мебошад. Ин фарши зебо ба пойи ин маликаи якто густурда шудааст... Ба ин маъно, ин шоҳкори ҷаҳонии моро, ки бо он ифтихор дорем, МАҲЗ ЗАН ОФАРИДААСТ!

Ба эътирофи Саъдӣ:

*Ҳама гузаштаи ман олимони дин буданд,*
*Маро муаллими ишқи ту шоирӣ омӯхт.*

Ва дар идомаи он суннати некӯ, адабиёти навину навтарини мо низ таровише аз ишқи зан, шефтагие бар ҷойгоҳи зан ва таслимие пеши мақоми зан будааст ва ҳаст: аз «зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо»-и Устод Турсунзода то «дару девори ҷаҳон худ дару девори зан аст»-и Устод Лоиқ ва «модар фаришта буд»-и Озар. Ва ин мавзӯъ ҳамоно ҳамчун мавзӯи аввалу олии ин адабиёти боқӣ мемонад ва боз ҳам беҳтарин тасвиру таъбирҳоро меофарад:

*Ин кӯҳи лолагардан,*
*Монанди дилбари ман,*
*Аз мавҷи лола хуни гарми занона дорад.*
*Ин дарраи чаканпӯш, сурхида то баногӯш,*
*Шарми занона дорад...*
*(Бозор Собир)*

**ИШҚ КОРИ НОЗУКОНИ ХОМ НЕСТ!**

Миёни ошиқони шоиру шоирони ошиқи адабиёти мо Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ аз ононест, ки на танҳо мавзӯи ишқро то авҷи бемунтаҳо бурдааст, балки худ барангехтаи ишқ буда, дар оини ишқу вафо камоли риндиву ҷавонмардиро бахшандагиро дарёфтааст:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро!*

Ва ин ишқ дар тасвиру таҷрибаи ӯ ба ҳадде зебову поку шариф аст, ки тӯли садсолаҳо ҳамчун сармашқи ошиқону покбозони ҷаҳон боқӣ мондааст. Ва шояд дар тамоми таърихи суханварӣ ё аз рӯзе, ки сари зулфи аруси суханро бо шонаи қалам ороиш медоданд ва онро бо

ҳунарҳои нафиса зевар мебастанд, касе дар тасвири ишқ ва тамҷиди маъшуқ ва ифшои маънии он ба ҷойгоҳи Ҳофиз нарасидааст:

*Кас чу Ҳофиз накушод аз рухи андеша ниқоб,*
*То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд.*

Ва дар девони ӯ, ки як девон ишқ аст, ғазале дар одоби ишқварзӣ омадааст, ки шарҳи кӯтоҳи ду байти аввали он барои гиромидошти занону дилбарону модарону хоҳарон ва таълими мардону ошиқон дар муносибат бо онон бисёр муносиб мебуд. ғазал чунин оғоз ёфтааст:

Субҳидам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:

*«Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт!»*
*Гул бихандид, ки «Аз рост наранҷем, вале*
*Ҳеч ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт»...*

Ба ин маънӣ, ки соати шукуфтани гул, мурғи саҳар, яъне булбул ба ӯ хитоб кард, ки «ноз кам кун», зеро ту яктову танҳо нестӣ ва дар ин боғ ба мисли ту гулҳои зиёде шукуфтаанд. Гул аз шунидани ин сухан аввал бихандиду сипас гуфт, ки «бале, мо аз ҳақиқат намеранҷем, аммо ҳаргиз ошиқ ба маъшуқ сухани сахт намегӯяд». Зоҳири ин байтҳо ҳамин аст...

Аммо дар нигоҳе жарфтар Ҳофизи дақиқназар дар ин ду байт ба василаи гуфтугӯи гулу булбул ба яке аз меъёрҳои баланди ишқ таъкид варзида, барои ошиқону раҳравон дарси бузург мегузорад, ки он сабақи ахлоқу мардонагиву ҷавонмардӣ дар кори ишқ аст. Сабақе, ки хоса барои ҷавонони имрӯзи мо дар муносибат бо занону духтарон шуниданиву омӯхтанист. Ин маънии баландро ҳамроҳ бо шарҳи манзара ва мазмуни гуфтугӯи «гулу булбул» метавон дар нуктаҳои зерин дарёфт:

Булбул, ки даъвои ишқи гул дошт ва сари шохи гулбун дар нола буд, аз тӯл ёфтани лаҳзаи шукуфтану рӯнамоии гул ба танг омаду нисбат ба гул сухани дуруштро раво дид. Ин ҳолат тасвире аз бесабриву са-

буксории ошиқи хому даъвогари ишқ аст, ки на қудрати сабр дораду на тоби нози маъшуқ. Ва танҳо дар пайи он аст, ки гул ҳарчӣ зудтар бишукуфаду ӯ ба висол бирасад. ҳоле ки имрӯз низ дар водии ишқу зиндагӣ аз ҷавонони хоми булҳавасу шитобзада мушоҳида дорем. Бехабар аз он ки дар ин роҳ: Эй басе дур, ки ба нуки мижаат бояд суфт!

Аммо гули тозаву навхоста чуноне, ки табиати ӯст, бо ишваю ноз ва бо қиссаи дароз парда аз рухи зебо боз мекунад ва бо табассуму ғамзаву хумор мешукуфад. Ин манзара тасвире аз маъшуқаи ҷавони навхостаи бландназарест, ки бо як ишорату як сухани маъшуқ аз ҷойгоҳи нози худ фурӯ намеояд ва барои расидан ба висолаш сабру таҳаммулу интизориҳои зиёд мебояд. Чизе, ки имрӯз ҳам шарафу зебоии маъшуқ дар он аст ва бояд чунин бимонад.

*Карашма теғу мижа ханҷару нигоҳ алмос,*
*Шаҳодат ар талабӣ, дашти Карбало ин ҷост!*
*(Зебуннисо)*

Булбули булҳавас ё ошиқи носабур, тоби ин манзараи нозу ниёзро наёварда, ба маъшуқ бонги дурушт мезанад, ки аввалан, ноз кам кун ва зудтар чеҳра бикушо ва висол муяссар соз, сониян боз ҳам қиёси носазое мезанад, ки бидон ки дар олами ҳусн ту танҳо нестӣ ва дар ин боғ гулҳое чун ту бисёр буданду ҳастанд ва марои интихобу ихтиёр фарох аст! Ба забони имрӯз, ошиқ ба маъшуқ таън мебандад, ки агар ноз мекунӣ ва тӯл медиҳӣ, дар ин шаҳр ҳазорон зебои дигар низ ҳаст. Бале, ин суханест, ки аз мардони мағруру ошиқони носабур ва аз муддаиёни хасу ҷавонони булҳавас то имрӯз низ бисёр шунида мешавад, ки «сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре!»

Ва бузургии сабки Ҳофиз дар он аст, ки ин манзараи фоҷеавиро дар худи байти оғозини ғазал чун барқи ногаҳонӣ ба тасвир мекашад. Мисли он сурудаи мушобеҳе, ки:

*Саҳар булбул ҳикоят бо сабо кард,*
*Ки ишқи рӯи гул бар мо чиҳо кард?!*

Аммо дар байти дувум Ҳофиз ин муамморо кушода, он ҳадафи аслӣ ё сабақи мактаби ишқро, ки дар назар аст, ба миён мегузорад. Дар он аввалан, вокуниши бузургворонаи маъшуқ дар баробари ошиқи густоху носабур бисёр олист, ки «гул бихандид, ки аз рост наранҷем!» Яъне, маъшуқа ба ҷойи қаҳру гиряву ранҷиш(!), ки нишони заъфу бечорагист, бо камоли оромиш ва бо хандаи бисёр зебо, ки баёнгари қудрату шахсияти ӯст, ба ин густохии муддаъӣ ҷавоб дод, ки бале, дар ин боғ гулҳои дигаре низ ҳастанд ва ин сухан рост аст ва мо аз сухани рост намеранҷем. Маъшуқе қавӣ, бузургвор ва устувор:

*Ин ки мегӯянд он хуштар зи ҳусн,*
*Ёри мо ин дораду он низ ҳам.*
*(Ҳофиз)*

Аммо дар камоли ин қудрату оромиш ӯ ногоҳ суханро бо як «вале»-и гардишӣ ба нуктаи авҷ мекашад, ки «ҳеҷ ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт!» Яъне, эй ҷавони хоми булҳавас, бале, ту ҳақиқатро гуфтӣ, аммо ҳақиқати басе болотару бузургтар аз ин ҳаст, ки агар ту ошиқи ростин мебудӣ ва ё оини мардонагӣ мешинохтӣ ва агар аз роҳу расми ошиқӣ огоҳ мебудӣ, ҳаргиз ба маъшуқ сухани талх намегуфтӣ! Зеро як ошиқи ҳақиқӣ ҳаргиз дар роҳи ишқ чунин бесабриву густохӣ намеварзад ва нисбат ба маъшуқ сухани талх намегӯяд ва як мард нисбат ба як зан ҳаргиз чунин таҳқирро раво намедорад!

*Кам кун сухан, ки хотири дилдор нозук аст,*
*Бори гуҳар намекашад, ин тор нозук аст!*
*Пас нолаи булбуливу даъвои ошиқии ту аз бех козибу ҳеҷ аст!*

Ба ин восита маъшуқ аз баландии камолу каромат ба ошиқ ёдрас мекунад, ки ту ошиқ нестӣ, балки ҷавонмард низ нестӣ, ки чунин кардаву чунин гуфта метавонӣ. Пас сазовори ошиқӣ низ нестӣ! Ё ба ин восита устоди сухан ва мураббии ишқ Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ба пайравону раҳравони ишқ таълим медиҳад, ки як ошиқ ва як мард

ҳаргиз наметавонад нисбати маъшуқ ва нисбати зан сухани носазо бигӯяд. Ин ҷо ибораи «ҳеҷ ошиқ» маънӣ ва ҳукмро мутлақ мекунад, ба он маъно, ки ҳеҷ ошиқи ҳақиқӣ чунин карда наметавонад ва агар чунин бикунад, пас ошиқ нест. Ё ҳеҷ марди ҳақиқӣ нисбати зан чунин карда наметавонад ва агар чунин кардааст, пас марди ҳақиқӣ нест.

Паёму сабақи асосии байт ва ғазал низ маҳз ҳамин аст! Ва муҳимтар аз ин, устоди ишқу ҷавонмардӣ — Ҳофизи бузургвор ба ин восита ошиқи носуфтаву густохро маҳкум мекунад ва ҳусни дигаре аз маъшуқро ба ҷилва медарорад ва дарси дигаре ба раҳравон мегузорад...

Ин аст бардошти бузургони мо аз ишқ, аз зан, аз одоби муошырату муносибат бо ҷинси латиф! Ва ин аст дарси бузурге аз одоби ошиқӣ, аз ахлоқӣ риндиву ҷавонмардӣ, аз мактаби инсонсози ишқ. Дарсе, ки мардону ҷавонони имрӯз низ бояд дар гӯш дошта бошанд, то дар мактаби ишқу адаб зиндаву бузург гарданд. Чуноне, ки шоҳсутуни ин мактаб Мавлонои Румӣ фармудааст:

*Ишқ кори нозукони нарм нест,*
*Ишқ кори паҳлавон аст, эй писар!*

*Абдуллоҳи Раҳнамо*
*Моҳи марти соли 2022*

# ЗАНИ ТОҶИК: «ПАРШИКАСТА» Ё «ЗЕБОВУ ДОНО»?

Оё дар ҳақиқат зани тоҷик «паршикаста»-ву «муштипар» аст? Оё ҳанӯз «Фариштамоҳи зебову доно» низ дорем? Чӣ гуна маърифати зани тоҷик бар зулму ҷаҳолат пирӯз гашт? Муаммои «макри зан» ба чӣ маъност ва кӣ сазовори ҳамсарӣ бо зани тоҷик аст? Чаро агар ҷавонони тоҷик бесавод монанд, аз зан маҳрум мешаванд?

Агар адабиёти расмию хаттии моро шоирону нависандагон офарида бошанд, адабиёти шифоҳӣ аз муҳити худи мардум ва аз матни зиндагии воқеии халқ берун омадааст. Аз ин рӯ, агар дар адабиёти хаттиву расмӣ қаҳрамону чеҳраҳо то ҷое суфтаву умумиву идеалӣ шуда бошанд, дар адабиёти мардумӣ онҳо ҳолати табии худро бештар нигоҳ доштаанд. Илова бар ин, агар адабиёти расмию хаттӣ ва раванди қаҳрамонофариниҳои он гоҳе зери таъсири меъёру таълимот ва андешаву мулоҳизаҳои урфию динию сиёсию идеологӣ қарор гирад, адабиёти мардумӣ дар аксар маврид аз чунин таъсирҳо озод монда, асолати худро ҳифз мекунад.

Ин аст, ки адабиёти мардумӣ ба худи мардум, зиндагӣ, арзишҳо, тасаввур ва орзуву омоли онҳо наздиктар мебошад. Ва ин аст, ки баррасии симо ва ҷойгоҳи зан дар андеша ва фарҳанги тоҷиконро бояд аввал аз фарҳангу адабиёти мардумии тоҷик оғоз кард…

Албатта, дар осори насриву назмии мардумии тоҷикон тасвирҳои манфии занон низ ҷой доранд, ки гоҳе дар симои кампири золу аҷузаи ҷоду, гоҳо дар симои зани маккору ҳиллагар ва гоҳе дар сурати

зани оҷизаву муштипар зуҳур мекунанд. Аммо тамоми тасвиру тасаввур аз зан дар фарҳангу адабиёти мардумии мо ин нест, балки дар он симоҳои бисёр намодину баланду рӯшане аз занон низ омадааст, ки ҳатто боварнакарданист.

Маҳз бозхонии ин қаҳрамону чеҳраву образҳо метавонад моро ба шинохти симои ҳақиқии зани тоҷик дар фарҳанги мардумии мо бирасонад. Ба ибораи дигар, маҳз ҷомеашиносии дурусти адабиёти мардумӣ метавонад дарунмояи андешаи мардумро беҳтар рӯшан намояд.

***

Чун домани ин мавзуъ фарох аст, баррасии онро аз ёдоварии як ё ду чеҳари рамзӣ аз як китоби миллию мардумии худ, яъне «Афсонаҳои халқи тоҷик» оғоз мекунем. Китобе, ки барои ҳар яки мо басе азизу ошност ва ҳар қаҳрамони он тамоми умр бо мост.

Аз диди назарияи устурашиносӣ ва ҳикмати масал, ҳар қиссаву афсонаву ривоят арзиш ё паёмеро ифода мекунад, ки онро бояд дарёфт. Ҷомеашиносии муосири жанри афсона низ таъкид дорад, ки образу қаҳрамонони ҳар афсона метавонанд падидаву намунаҳое аз ҳаёти воқеии инсонҳоро ифода намоянд. Пас, агар аз ин назар, ҳатто ба афсонаи соддатарину машҳуртарини тоҷикӣ — «Бузаки ҷингилапо» нигарем, метавон гуфт, ки дар меҳвари он симои як модари зебову меҳрубону ғамхор ва дар айни замон масъулу ҷонфидо истодааст. Модари зебопарасту ҷингиламӯе, ки «дар гӯшакаш гул» дорад, аммо дар лаҳзаи таҳдид чун шери жаён омодааст, барои фарзандонаш бо ҳамаи мушкилу хатарҳо ҷасурона рӯбарӯ шавад...

Ва аз диди ҳикмати масал, сагу шағолу хирсу гурги даранда, ки модар дар набарди худ бо онҳо рӯбарӯ мешавад, ҳамон инсонҳои бад ё мушкилоти азиму бераҳмонаест, ки сари роҳи модари танҳо қарор доранд. Ва хушбахтона, ин модар бар тамоми ин мушкилот пирӯз меояд ва фарзандони азизашро наҷот медиҳад...

Албатта, гоҳе масалҳои Криловро чунин баррасӣ менамоему дар қаҳрамонони онҳо паёму арзишҳоеро ҷӯё мешавем. Аз ин назар афсо-

наву масалҳои мардумии мо низ саршор аз паёму арзишҳои баланду омӯзандаанд...

***

Аммо агар ба баррасии чеҳраву қаҳрамонҳои инсонию занонаи ин китоб гузарем, хоҳем дид, ки зани тоҷик дар онҳо танҳо маъшуқи дилбар ва ё оҷизу мушти пар нест. Балки, бар хилофи пиндорҳои мавҷудаи мардсолорона, хоҳем дид, ки як силсила қиссаву афсонаҳои халқи тоҷик маҳз аз сарнавишту корномаи занону духтарони доно, ҷасур, ҳунарманд, пок, босавод, бовафо, бохирад ва некӯ ривоят мекунад. Хоса қиссаҳое чун «Духтари доно», «Духтари ҷасур», «Подшоҳ ва духтари оҳангар», «Водареғ», «Тоҳир ва Зуҳро», «Баҳодур ва Зарина», «Фарҳоду Ширин», «Робияи чилгазамӯй», «Меҳрбону», «Духтари чӯпон ва подшоҳ» ва ғайра, ки дар асл достони зиндагӣ ва муборизаву қаҳрамониву кордонии чунин занону духтаронанд. Занону духтароне бо болотарин сифатҳои малакиву башарӣ...

Аз ин миён, шояд ошнотарину рӯшантарин симои зани тоҷик дар ин китоб дар қиссаи машҳури «Фариштамоҳи зебову доно» тасвир шуда бошад. Қиссаву сатҳу ҷойгоҳи ин духти париваш пеши ҳамагон рӯшан аст, аммо Фариштамоҳ чанд сифате дорад, ки симои як бонуи тоҷик ва тасаввури мардумии мо аз як зани шоиставу боистаро бисёр барҷаста ифода мекунад:

*Аввалан, ӯ ҳусну ҷамоли бемисол дорад.*
*Дувум, соҳиби ҷасорату матонати хос аст.*
*Севум, соҳиби қудрату ҳокими мамлакат аст.*
*Ва чорум, соҳиби саводу маърифат.*

Чун занони соҳиби ду сифати аввал дар осори адабии мо кам нестанд, зарур аст, ки рӯи ду сифати охири Фариштамоҳ таваҷҷуҳ шавад. Яъне духтаре дар авҷи қудрат ва камоли маърифат.

Худи шоҳ ё маликаи ҳукмфармои мамлакат будани зани тоҷик дар ин асари мардумӣ тамоми тасаввуру боварҳо дар бораи заифу мазлуму беҳуқуқ пиндоштани зан ё «мушти пар» будани ӯро мешиканад. Аммо саводу маърифати баланди Фариштамоҳ масъалаи басе хосатар аз ҳукумату қудрати ӯст. Нуктаи муҳимми ин қисса дар он аст, ки барои расидан ба висоли Фариштамоҳи зеборӯй ё барои сазовори ҳамсарии ӯ гаштан, шарти асосӣ маҳз саводу дониш ва ақлу мантиқи расои ҷавонони довталаб мебошад. Яъне, Фариштамоҳ на ҷавони аз ҳама зеботару қавитару далертар ё на ҷавони аз ҳама сарватмандтар, балки ҷавони аз ҳама босаводу бофарҳангро барои ҳамсарии худ интихоб мекунад. Ҷавонеро, ки соҳиби ақлу илму маърифат бошад, ба саволҳои мантиқию ақлонии ӯ ҷавоб гӯяд...

Ин аст интихоби зани тоҷик...

Ин ҳолати хеле ҷолиб аст, ки мард барои сазовори ҳамсарии ин зани тоҷик шудан бояд, пеш аз ҳама савод омӯзад, ақли расо дошта бошад, дар «маркази тестӣ»-и ӯ номнавис кунад, аз имтиҳони илмию маърифатии ӯ гузарад. Танҳо дар ин ҳолат метавонад ҳамсари Фариштамоҳи оқилу доно шавад. Ин аст сатҳи зани тоҷик, ҷойгоҳи зани тоҷик, ҷойгоҳи бонуи оқилаи тоҷик!

Дар ҳоле ки имрӯз мо аз падидаҳои асафборе чун никоҳи маҷбуриву хушунати оилавӣ суҳбат мекунем, фарҳанги мардумии мо ба мавзӯи интихоби ҳамсар аз сӯи духтарон чунин назари баланд дорад. Ҳамин шарти нодир, яъне танҳо дар натиҷаи ақлу саводу фарҳангу маърифати баланд сазовори ҳамсарии духтарони тоҷик шудан дар қиссаҳои дигари ин асари миллӣ низ борҳо такрор шудааст. Ва ин таъкиду такрор на танҳо ба як ормони занони тоҷик, балки ба мавҷудияти як суннат ва анъанаи хосаи интихоби ҳамсар миёни занони хушнасабу ашрофии мо низ ишорат дорад.

Масалан, дар қиссаи мардумии «Подшоҳ ва духтари оҳангар» низ ҳар марди довталабе, ки ба саволҳои духтари донишманд — Маликаподшоҳ посух дода тавонад, ҳамсари ӯ мешавад ва агар натавонад, ғуломи ӯ гашта, дар дарбор хидмат мекунад. Дар ин қиссаи пуршукӯҳу пурҳикмат низ бояд ба чанд нуктаи ибратомӯз таваҷҷуҳ шавад:

ЯКУМ, ин ҷо низ шарти ҳамсарӣ бо бонуи донишманди тоҷик — Маликаподшоҳ танҳо ақлу донишу ҷасорати ҷавонони довталаб аст, ки пештар зикр шуд.

ДУЮМ, дар ин қисса сухан аз садҳо ҷавоне меравад, ки аз имтиҳони Маликаподшоҳ нагузаштаву дар баробари ақлу дониши ӯ оҷиз мондаву ғуломии даргоҳи ӯро пазируфтаанд. Ин саҳнаи бисёр ҷолиб аст, ки садҳо марди камсаводро ғуломи як зани босаводу бомаърифат қарор медиҳад. Ва дар хидмати ин бону…

СЕЮМ, тибқи мазмуни достон, миёни ғуломони дарбори ин духтари оқилу донои тоҷик, аз ҷумла шоҳону шоҳзодагони мамлакатҳои гуногун низ ҳастанд, ки аз имтиҳони ӯ нагузаштаву бандагии ӯро пазируфтаанд. Яъне овозаву арзиши ҳусну маърифати ӯ ба сатҳи минтақавию байнулмилалӣ баромадааст, ки ҳатто шоҳони кишварҳо ғуломи донишу тадбири ӯ шуданд. Инак туро дипломатияи ҳусн!

ЧОРУМ, вақте ҳеч марде пайдо нашуд, ки ба саволҳои маликаи оқил ҷавоб ёбад, боз ҳам як духтари оҳангар, ки бо либоси мардона ба имтиҳон расида буд, ҷавоби тамоми саволҳои ӯро дод. Яъне, ҳеч марде ба сатҳи маърифати ин зан нарасид ва боз ҳам танҳо зан тавонист дар сатҳи зан бошад…

Аз диди устурашиносӣ, аз диди таъйиноти афсона ҳамчун жанри бадеӣ, ин нуктаҳо бисёр муҳим ва рамзӣ ҳастанд.

Ё достони «Духтари ҷасур» аз ҳамин китоб, ки он низ достони ҷасорату матонати як шоҳдухтари тоҷик аст, ки бо камоли ҷуръату ғайрат ҳамаи монеаҳоро гузашта, барои давои чашми падараш аз пушти ҳафт кӯҳ ва аз зери болини деви сиёҳ доруи чашм меорад ва падарро наҷот медиҳад. Духтаре нури чашми падар:

Басе духтар, ки соҳибтоҷ гардад,
Ба пешаш сад писар муҳтоҷ гардад!

***

Ва чун сухан аз маърифати зани тоҷик аст, шоиста аст, ки ба мазмуну моҳияти шартҳову саволҳои озмунии ин занон дар ин достонҳои

мардумӣ низ таваҷҷуҳ шавад. Ба таври фишурда метавон гуфт, ки духтарони донишманди тоҷик дар ин қиссаҳо аз хостгорону талабгорони худ бештар масъалаҳои илмӣ, саволҳои фалсафӣ, ҳикматҳои ҳаётӣ, муаммоҳои мантиқӣ ва мавзуъҳои ахлоқию арзишӣ мепурсидаанд, ки ин воқеият хеле ҷолибу ҳайратангез аст.

Дар маҷмуъ, сатҳи ин саволу ҷавобҳои ин бонувон аз сатҳи умумии сужаи худи афсонаҳо бисёр болотар рафта, ба сатҳи мунозираҳои печидаи илмию фалсафию мантиқӣ мегузаранд. Ин нукта низ ба сатҳи баланди андеша, ҷаҳонбинӣ ва маърифати занони тоҷик дар достонҳои мардумӣ ишорат дорад.

***

Аммо агар аз афсонаҳои мардумӣ фаротар равем, дар насри ривоятии мо низ симои зани тоҷик бо тамоми латофату назокат ва бо тамоми азамату ҷасорати худ тасвир ёфтааст. Ин ҷо ҳам муҳим аст, ки мо онро дуруст хонем, дуруст бозхонӣ кунем, дуруст шиносем, дуруст муаррифӣ созем, дуруст истифода намоем... Осори арзишманде чун «Самаки айёр», «Ҳазору як шаб», «Ҷомеъу-л-ҳикоёт», «Бахтиёрнома», «Тӯтинома» ва ғайра саршор аз тасвиру корномаҳои чунин занонанд...

Ба таври мисол, агар аз асари бисёр машҳури «Ҳазору як шаб» гӯем, он дар асл достонест, ки дар меҳвари он симои як зани оқилу хирадманду соҳибмаърифати тоҷик қарор дорад. Сужаи умумии достон ин аст, ки шоҳи золиме ҳар шаб духтареро ба ҳузур мепазируфт ва чунин қонуне гузошта буд, ки он духтар пас аз як шаби хидмат ба шоҳ бояд кушта мешуд. Ба гунае, ки бомдодон сарашон бо теғи ҷаллод бурида мешуд. Ин худ саҳнаи даҳшатбори зулм, хоса зулм нисбати зан ва ҳуқуқи инсонии он буд.

Аммо чун навбат ба духтари оқилу донишманде бо номи Шаҳризод расид, тамоми қиссаву достон дигар шуд. Ӯ аз нахустин шаб барои шоҳи золим он қадар қиссаву ривояту ҳикояту саргузаштҳои ҷолибу пурҳикмате нақл кард, ки ҳар шаб то бомдод тӯл меёфт ва подшоҳ

мафтуни он масалу қиссаҳо шуда, фармон медод, ки ин канизро накушанд, то шаби дигар идомаи ин қиссаи ширину ҷолиброро бароящ бигӯяд. Ҳамин тавр, қиссаҳои ӯ ҳазору як шаб тӯл ёфтанд ва шоҳ низ мафтуни онҳо гашту натавонист, ки ин духтари оқилаи тоҷикро ба қатл расонад.

Аз ин достон барои мавзӯи мо, ки ҷойгоҳу маърифтаи зани тоҷик аст, чанд нуктаву ҳикмат муҳимм мебошад:

ЯКУМ, мафҳуми «ҳазору як шаб» дар забони мо метавонад ба ду маъно ояд. Аввал, яъне адади «1001» ё як ҳазору як шаб, ки аз назари тӯли замонӣ ҷамъи он ҳудуди 3 солро ташкил мекунад! Пас, агар рақами 1001-ро ба ин маъно гирем, ин зани тоҷик ба подшоҳ ҳудуди се сол то саҳар қиссаву достонҳои ривоиву таърихию тахайюлӣ гуфтааст.

Аммо дар матнҳои бадеии тоҷикӣ мафҳуми «ҳазору як» маъмулан ба маънои ададӣ нест, балки ба маънои ҳудудӣ ё беҳудудист. Ҳазору як, яъне, бисёр зиёд ва бешумор ва беохир: мисли ибораҳои «ҳазору як ҳилла», «ҳазору як мушкил», «ҳазору як намуд» ва ғ. Ва дар достони «Ҳазору як шаб» низ мафҳуми «1001» маҳз ба ҳамин маънои беинтиҳоист...

ДУвум, пас як зане, ки ба андозаи ҳазору як шаб ё то беинтиҳо таъриху ривоят гӯяд, ба тӯли ҳазору як шаб қиссаву афсонаву ҳикоят донад, ба дарозои ҳазору як шаб шеъру масалу ҳикмату достон хонад, бегумон як дарё, як қомус, як донишгоҳ, як энсиклопедияи зинда ё як китобхонаи азим аст...

СЕЮМ, аммо нуктаи муҳимтарини достони «Ҳазору як шаб» пирӯзии тадбиру донишу маърифату як зан бар қудрату ҷаҳолат аст, пирузии ақлу саводу маърифати зани тоҷик бар ҷаҳлу зулми шоҳи золим аст. Умуман, ин достон достони пирӯзии хирад бар ҷаҳолат аст!

Паёми Шаҳризода ба тамоми занони тоҷик ин аст, ки танҳо савод, танҳо маърифат, танҳо фарҳангу зарфияти баланд метавонад Шуморо наҷот диҳад, аз банди ҳама гуна беҳуқуқии иҷтимоию муҳитӣ раҳо созад, ба он ҷойгоҳи шоистаи худ бозгардонад...

***

Ва дар ниҳоят, яке аз боварҳо ё гумонаҳои машҳур дар бораи занон ки дар фарҳангу насри ривоии тоҷик решаи пешина дорад, қазияи «макри зан» аст: чунин пиндори устувор, ки зан вуҷуди бисёр маккор ва ҳиллагар ва фиребанда мебошад ва аз он бояд эҳтиёт буд. Дар ин боб миёни мардум масалҳое чун «Макри зан — ҷуволи арзан» низ машҳуранд, ки то ҳанӯз ҳар гоҳ истифода мешаванд. Ё байте чун:

*Дарахти макри зан сад реша дорад,*
*Фалак аз макри зан андеша дорад ва г.*

Бештар аз ин, дар насри ривоию китобии мо чанд асаре бо номҳои «Макру-н-нисо», «Ҳиялу-н-нисо» ё дар жанри «макри зан» низ дастрасанд... Масалан, китоби «Синдбоднома», ки бо номи «Макру-н-нисо» низ маъруф аст, силсилаи достонҳои «макри зан»-ро дар бар мегирад...

Аммо бозхонии дурусти чунин осор нишон медиҳад, ки асли қазияи «макри зан» дар насри ривоятии тоҷик нисбат ба фаҳмиши имрӯзаву омиёнаи ин масъала тафовути зиёд дорад. Дар ин бобат бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ шавад:

АВВАЛАН, калимаи арабии «макр» дар асл на ба маънои манфии «макру ҳилла» ё домҳои шайтонӣ, балки ба маънои тадбир ва роҳи ҳал меояд. Макр кардан ба маънои тадбир ҷустан ва бо истифода аз нерӯи ақл пайдо кардани ҳалли мушкил мебошад. Муҳимтарин далели маҳз ба ин маъно омадани калимаи «макр» ба ин сифат, яъне маккор ё макркунанда васф шудани худи Худованд аст. Ба ин маънӣ дар сураи «Оли Имрон» ояти рӯшане омадааст, ки «Валлоҳу хайрул мокирин», яъне Худованд беҳтарини маккорон аст, ба ин маъно, ки Ӯ беҳтарини чорасозону тадбиргарон мебошад. Пас макр ҳамеша ба маънои манфии ҳиллагариву фиребу шайтонӣ нест...

Аз ин рӯ, макри зан ва «макру-н-нисо» низ ба маънои ҳиллаву фиребу шайтанати зан набуда, тадбиргарии зан, ақли қавии ӯ ва маҳорати ӯ дар ёфтани роҳи ҳалли мушкилоту муаммоҳоро ифода мекунад. Ва зиндагӣ низ нишон додааст, ки занон дар баъзе мавридҳо

ҳисси бартар ва ҳуши тезтар ва ақли зарифтар доранд. Мардон шефтаи ҳуқуқу қудрати худ шуда, гоҳо ақлу тадбироро дар мадди аввал намегузоранд. Аммо барои занон макру ақлу тадбир силоҳу воситаи аввал аст...

ДУвум, дар достонҳои «макри зан», ки дар адабиёти миллии худ дорем, ин мафҳум ҳамеша ба маънои манфӣ корбурд нашудааст. Масалан, агар дар «Синбоднома» макри зан асосан ба маънои манфию таҳқирии он корбурд ёфта бошад, дар достони ривоии «Самаки айёр» макри зан бештар ба маънои донишу тадбири занон аст. Дар «Ҳазору як шаб», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Тӯтинома» ва ғайра низ достонҳои «макри зан» аксар чун достони тадбиру зиракиву чораҷӯиҳои занон ва бо истифода аз нерӯи ақл дарёфт намудани роҳи ҳал аз сӯи онҳост.

Дар ин мавзӯъ шоиста мебуд, ки ба нақшу пойгоҳу ҷойгоҳи зан дар румони мардумии «Самаки айёр» ба таври ҷудогона ишора шавад. Зеро, аввалан, худи «Самаки айёр» достони ишқиву ҳамосиест, ки қаҳрамонони асосии он чун Хуршедшоҳу Фаррухрӯз маҳз дар роҳи зан ин ҳама корнамоӣ нишон додаанд. Сониян, ин шоҳкори беназири адабиву ҳунарии мардуми мо дар асл қомусе аз корномаву қаҳрамониҳои занон низ ҳаст. Ва чун бо тафовут аз «Калила ва Димна», «Юсуф ва Зулайхо», «Синдбоднома» ва ғайра достони «Самаки айёр» асари комилан тоҷикӣ буда, аз сӯи муаллифони форсу тоҷик чун Фаромарз ибни Худодод таълиф шудааст, занони қаҳрамони ин достонро занони тоҷик донистан аз ҳар назар дуруст аст.

Ва ҷои тааҷҷуб аст, ки дар ин достони қаҳрамонӣ, ки ба асрҳои миёна (ҳудудан асри XIII) тааллуқ дорад, зани тоҷик ҳаргиз маккору ҳиллагар ё оҷизаву паршикаста нест, балки ӯ дар саҳнаҳои ин асар ҳамчун малика, шоҳдухт, роҳбар, мушовири доно, сарлашкар, ҷанговар, айёр, сарватманд, тадбиргар, ёри бовафо, рафиқи сафар, далер, паҳлавон, соҳиби касбу ҳунар ва ғайра зоҳир мешавад.

Қаҳрамононе чун Рӯзафзун, Обондухт, Сурхвард, Сомона, Рӯҳафзо ва ғайра ҳар яке занони тавонманду намуна мебошанд, ки тасаввури хонандаро дар боби симои суннатии зани тоҷик комилан дигар мекунад. Хоса симои занони ҷанговару қаҳрамон ва занони «айёр», ки

дар саросари китоб фаъоланд, манзарае аз қудрату матонату тавоноии ҷисмиву ақлии занони тоҷикро пеши назар эҳё менамоянд.

Дар шарҳи ин қазия бояд гуфт, ки аксар муҳаққиқону муфассирони достонҳои насри ривоии мо сабаби фарқияти азими ин ду достон, яъне сабаби назари манфию таҳқирии «Синдбоднома» («Макру-н-нисо«) ва назари мусбату ҳамосии «Самаки айёр» ба нақшу ҷойгоҳи занро дар решаи ҳиндӣ доштани аввалӣ ва достони асили эронӣ будани дувумӣ донистаанд. Ба ин маъно, метавон гуфт, ки назарҳои манфию таҳқирӣ ба занон хоси фарҳанги ориёиву тоҷикӣ набуда, дар тӯли омезишҳои таърихиву фарҳангӣ бештар аз адабиёту фарҳангҳои ҳиндиву туркию арабӣ ба фарҳанги мо кӯчидааст.

Ин аст, ки бардоштҳои манфии омиёна аз мафҳуми «макри зан» ба асли ин мавзӯъ ва моҳияти ин мафҳум дар фарҳанги асили мардумии мо мутобиқат надоранд. Балки, бар хилофи ин пиндор, фарҳанги мардумӣ ва адабиёти ривоии тоҷик саршор аз симои занони зебову ҳушманду тавоно ва саршор аз эътирофи ақлу заковату қудрату чорагарии зани тоҷик аст. Симоҳои намодину мондагоре, ки ҳар яке метавонад намунаи барҷастае барои муаррифии нигоҳи асили тоҷикӣ ба зан ва муаррифии зарфият ва симои воқеии занони тоҷик бошад.

*Абдуллоҳи Раҳнамо*

*Моҳи марти соли 2023*



## ЗЕВАРБОНУ РАУФӢ

Моҳи марти соли 1996 ба дунё омада, овони тифлӣ ва давраи ибтидоии таҳсилоташро дар Эрон сипарӣ кардааст. Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон таҳсилро дар Душанбе идома дод. Бахши рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо баҳои аъло хатм намудааст. Аз соли 2019 муқими Фаронса аст. Дар Донишгоҳи улуми сиёсии ин кишвар мехонад. Муаллифи китоби достонҳои «Аз Одаму Ҳавво» аст, ки соли 2023 дар Фаронса ба табъ расид. Забони модарияш порсист. Забонҳои инглисӣ, фаронсавӣ, русӣ, туркӣ ва арабиро медонад. Аз соли 2012 навиштаҳояш дар расонаҳои Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Аз соли 2019 дар гӯшаи Блогистони Радиои Озодӣ матолиби иншо кардааш ба нашр мерасанд.

# МАН ИФРОТИЯМ?!

Дуруд, ман Зеварбону ҳастам. Як ҷавони ифротӣ. Мехоҳам каме дар бораи ончи дар сарам мегузарад ба шумо бигӯям. То мабодо агар Шумо ҳам гумроҳ бошед ба фикриислоҳ шавед.

Ман ҷавони гумроҳам, зеро ба ин меандешам, ки Қонуни асосии кишварам бояд ба ману ҳамватанони ман озодӣ бахшад. На, манзурам ин нест, ки озодӣ гуфта ҳар коре диламон хост бикунем, ҳаргиз, мехоҳам ҳадди ақал битавонем он чиро, ки намехоҳем бикунем, иҷоза дошта бошем, накунем. Намехоҳам моро касе ба анҷоми коре, ки намехоҳем, маҷбур кунад.

Ман ҷавони гумроҳам! Зеро фикр мекунам, ки ҳадди ақал ҳаштод дарсади қувваи кории кишварам бояд дар меҳанаш бо ҷои кори хуб таъмин бошад.

Ман ҷавони ифротӣ ҳастам, зеро медонам, ки дар ҳар кишвари ҳуқуқбунёд ва озоде ҲУКУМАТ БОЯД ХИДМАТГОРИ МАРДУМАШ БОШАД!

Бале, бовар кун!

Хидматгори ту, эй модари меҳрубоне, ки дастҳои наҳифи дирӯзат имрӯз пинабаста, азбаски меҳнат мекунӣ, то фарзандонат ҳадди ақал шиками гурусна намонанд.

Хидматгори ҳамин ту, эй зани тоҷик! Туе, ки имрӯз по ба пои мардон мардикор шудаӣ. Ту, ки ҳам дар шаҳри ғурбат ва ҳам дар меҳанат тан ба зиллату хорӣ медиҳӣ, бе ин ки аз ҳуқуқи худат огоҳ бошӣ!

Ҳукумат ва тамоми шохаҳои марбут ба он хидматгори туст, эй муҳоҷири меҳнатӣ, ки хишт мечинӣ, кошӣ мечаспонӣ, бетон мерезӣ

ва ҳеч нашуд кӯчаҳои шаҳри ғурбатро мерӯбӣ то нони ҳалол ёбӣ ва оқибат... Чи басо пеш меояд, ки дар роҳи бозгашт ба хона дар сандуқи чӯбии дарбаста ба Ватан мерасӣ.

Ҳукумат хидматгори ману туст! Эй ҷавони тоҷик, ки ҳамарӯза аз маҷлисҳои корӣ гирифта то маҷлисҳои ҳукуматӣ ба сӯҳбатҳои раисҷумҳур дастаҷамъона қарсак мезанем. Боз агар мабодо аз фарти бемадорӣ қарсакҳоямон ба гӯши масъулони кар нарасад, фармон ҳам медиҳанд, ки ин чи вазъи қарсакзанист. Як қарсаки осмонкаф бизанед!

Хоҳару бародари азизам, ман гумроҳам, чун фикр мекунам, ки ману ту барои он зода нашудаем, ки байни ҳамдигар мусобиқаи қарсакзанӣ бигзаронем ё зери пои ину он гул бипошем.

Ман намехоҳам, соатҳои дароз зери гармову сармо вақти арзишманди худро, ки метавонем барои чизҳои беҳтару фоидаовартаре сарф кунем, барои тамриноте, ки оқибаташ аз исҳоли сода гирифта то марг рафта расидааст, ҳаром кунем. Ҳамаи ин танҳо ба он хотир ки ин ё он ид бояд ёд бигирем чигуна пеши «Пешво» бирақсем!

Намехоҳам, ки дар ҳавои сард вақте раисону кабирон барои наворбурӣ ё боздиди ҷое меоянд, бо либоси тунук соатҳо мунтазир биистед.

Эй миллати ман! Ман ҷавони гумроҳам!

Чун намехоҳам ту худатро пеши ҳеч кас, МЕФАҲМӢ? ҲЕЧ КАС! хор кунӣ.

Мехоҳам ҳукумате, ки хидматгори туст вазифаашро бе миннатгузорӣ ба сарат иҷро кунад. Шукронаи онро кунад, ки ТУ ин қудратро ба онҳо додаӣ ва ҳар вақт хостӣ метавонӣ онро пас бигирӣ!

Ман мехоҳам кӯчаҳои зери пои туро мумфарш кунанд, то ба ҳар нуқтае аз Ватанамон ки хостӣ бемалол ва МАҶҶОНӢ биравӣ, на ин ки барои роҳе, ки муваззафанд бисозанд аз ту пул ситонанд! Мефаҳмӣ?

Бо ин ки масоҳати Тоҷикистони мо он қадар бузург нест, ҳанӯз ҳам, дар асри 21, барои рафтан ба минтақаҳои ба истилоҳ дурдаст роҳи дуруст надорем. Танҳо шоҳроҳе, ки шимолу ҷануби кишварро ба ҳам мепайвандад пулакист.

Ҳамватани хуби ман, охир ту ба мани гумроҳ бигӯ, ТО ЧАНД СОЛИ ДИГАР? То чанд соли дигар мо мисли гадоҳо аз ину он кишвар грантҳои хайриявию қарзҳои ҳангуфт мегирем ва он пулҳо дар куҷо ба бод меравconfigуanд?

Бибиям як мақоли хубро ҳамеша мегӯянд: «Кор кори кордон, вой бар ҳоли нодон!» Гирам, ки роҳи дурусти ҷудо кардани «ҳаққи худатон» ва «байтулмол»-ро, ки ҳаққи ҳалоли мардум аст, намедонед, чаро ба касе, ки медонаду мефаҳмад ва боре аз кӯчаи инсоф гузашта-аст, ин корро вогузор намекунед!?

Мо санг ба сина мезанем, ки миллати куҳанбунёдем, миллати фарҳехтагону донишмандонем. Ҳамаи инҳо ҳақиқати таърихӣ, қабул. Аммо қурбонат шавам, ЧАШМ КУШОВУ БУБИН, чанд нафар аз вазиронамон дар соҳае, ки тахассусашон аст, кор мекунанд? Чандтояшон метавонанд ба чашмҳои ману ту нигоҳ кунанд ва чор-панҷ ҷумларо ба тоҷикӣ, бигзор бо лаҳҷаи маҳалли худ, аммо бидуни истифодаи калимаҳои бегона аз қабили «внутри» ва «публично», ки чандин ҳаммаъноии порсияш вуҷуд дорад, бигӯянд?

Ҳоло пайдо мешаванд он мардуми азизе, ки аҳли «сироталмустақим» ҳастанд ва ба мани «гумроҳ» фаҳмонданӣ мешаванд, ки муҳим ҳарфи ин мардон нест, муҳим амалашон. Пас, ту ба ман бигӯ амалҳояшонро, ки барои ману миллатам як сари сӯзан фоидаовар буда?

Мегӯйӣ ҷои тааҷҷуб надорад, хелеҳо бо тахассуси дигар дар соҳаи комилан мутафовит кор мекунанд. Ҳамон тавр ки дигар одамони одӣ метавонанд дар соҳаи худашон неву дар дигар шоха фаъолият кунанд, сиёсатмадорон низ метавонанд ин тавр амал кунанд! Азизи ман, агар ҳамчунин фикре дар сарат доштию дорӣ, бояд бигӯям, ки ҒАЛАТ КАРДӢ!

Бале, одамони одӣ ҳақ доранд, то замоне ки ба зиндагӣ ва озодии дигарон халал намерасонанд, бо зиндагияшон ҳар коре кунанд. Ҳар кас дар дараҷаи аввал ҷавобгӯи зиндагии худаш аст, аммо сиёсатмадор, раисҷумҳур ва ё ҳатто раисе, ки таъин мешавад, ҷавобгарии тақдири мардумро ба дӯш мегирад. Пас, ӯ ҲАҚ НАДОРАД мутахас-

сиси соҳаи худ набошад! Аммо ба «ҷурм»-и хешовандӣ ё дӯстӣ бо раисҷумҳур ё хонаводаи раисҷумҳур ё дӯстӣ бо дӯстону наздикони раисҷумҳур вазифаи калон бигирад, вале аз ноогоҳию корношоямияш кишвари моро ба ганд кашад.

Ҳамватанам, намехоҳам, ки ту пеши пойи хидматгоронат фарши сурх андозӣ!

Мехоҳам бидонӣ, ки ин раисони имрӯзӣ ва ҲАТТО раисони фардоию рӯзи дигар ВАЗИФААШОНро анҷом медиҳанд. Қарор нест ту барои анҷоми ҳар як коре, ки мутобиқи вазифаашон БОЯД бароят бикунанд, ин қадар миёнатро хам бикунӣ!

Ман ҷавони ифротиям, зеро мехоҳам дар кишварам интихоботи озод дошта бошем. Мехоҳам Э.Раҳмон раисҷумҳури феълӣ, ки 27 сол аст ба сандалии раисҷумҳурӣ такя дода аз «маснадаш» фарояд. Мехоҳам ҳар касе ҳам баъди Раҳмон меояд, ҳамин панҷсола навбати хидматашро адо кунад ва ҷойро барои дигарон холӣ кунад, на ин ки панҷ чанголашро бо сандалӣ он қадр фурӯ кунад, ки дигар раҳо кардани он барояш ғайриимкон намояд.

Ман ҷавони гумроҳам! Чун намехоҳам раисҷумҳури феълиро «Пешвои миллат»-у ғайраву ҳоказо номам. Медонед чаро?

Пешвои миллат касест, ки ғами тамоми миллатро бихӯрад. Миллати тоҷик танҳо чанд миллион нафари дар Тоҷикистон буда нест. Миллати тоҷик маҳдудаи чунон фарохеро дар бар мегирад, ки онҷоҳо хелеҳо ҳатто кӣ будани Раҳмонро намедонанд. Чӣ расад ба ин ки Пешво будани онро қабул дошта бошанд. Агар бигӯем, ки хуб Раҳмон ба дигар тоҷикон коре надорад. Ӯ барои ҳамин чанд миллион нафар тоҷики Тоҷикистон «Пешвои миллат» аст. Пас, инҷо суоле пайдо мешавад. Ӯ барои дигар ақаллиятҳо, ки мисли ману шумо шаҳрванди комилҳуқуқи Тоҷикистонанд, кист? Онҳо ки миллияти дигар доранд!

Пас, вақте мо Раҳмонро «Пешвои миллат» мегӯем, ӯро мансуби як ҳисса аз ҷомеа дониста аз ҳиссаи дигар ҷудо мекунем; ҳамин тавр не? Чаро аз нодонию ноогоҳӣ барои як унвон шуда байни шаҳрвандони кишвар ҷудоию нифоқ ангехтан? Магар мо ҷомеаи мутамаддин нестем? Пас чаро набояд бо ҳамин як симати раисҷумҳурӣ, ки боис ба

пайванди бештари миллатҳое аст, ки дар маҳдудаи феълии Тоҷикистон зиндагӣ доранд, иктифо накунем?

Гуфтам, ман ҷавони ифротиям. Чун орзу дорам на танҳо шермардони меҳанам, балки гурдофаридҳои миллатам барои ҳар каф хоки Ватанам омода бошанд сина сипар кунанд. Ва ба ҳеч кас чи «душманон»-и берунӣ ва чи «дӯстон»-и дохилӣ иҷоза надиҳанд, ки Меҳанамонро пора-пора кунанду ба ину он «ҳамсоя» «ҳадя диҳанд».

Он қадар гуфтанӣ зиёд дорам, Ҳамватани азизам, аммо барои ин дафъа як чизаки дигарро мегӯяму пасон сокит мешавам. То ту ХУДАТ ФИКР КУНӢ ва БУБИНӢ чи қадар ман ифротию роҳгумзадаам. То манро бишносӣ ва агар мабодо ҷое бо ман барин одаме вохӯрдӣ аз ӯ бипарҳезӣ!

Ман барои худам ҳисоб кардам, ту барои худат ҳисоб кун, агар дар Душанбе зиндагӣ намекунӣ, аз дӯст ё хешовандонат бипурс. Агар онҳо ҳам онҷо зиндагӣ намекунанд як заҳмат бикаш ва дар ин таътилот саре ба Душанбе бизан. Ҳар чи набошад пойтахтамон аст. Пояндаву ободу шукуфо бод!

Лекин ҳисоб кун! Боз фаромӯш накунӣ! Чанд боғ дар Душанбе ҳаст?

Онҳое, ки дидаанд, медонанад. Онҳое, ки медонанад ба онҳое, ки намедонанд расонанд, то онҳо ҳам бидонанд.

Чунон боғҳои зебо дорад Душанбе, чунон боғҳои сарсабз. Гӯӣ пораҳои биҳиштро ба Тоҷикистон кӯчонда бошанд. Бовар кунед! Ифротӣ ҳам, ки бошам, ин як мавридро рост мегӯям. Охир агар аз худи биҳишт ба замин наоварда бошанд, барои сохташон маблағҳои осмонӣ сарф намешуд, ҳамин тавр не?

*Ба ҳар чи муқаддасот ҳаст қасам!*
*Ман роҳгумзадаам азизони дилам!*

Чун орзу дорам он рӯзе биёяд, ки дар Ватанамон корхонаҳои истеҳсолӣ бисозем. Корхонаҳое, ки барои наворбурияш раиси ҷумҳур заҳмат кашида ба навоҳии дигар наравад. Ҳамин тавр орому бедабдаба ба кор оғоз кунад, аммо бардавом бошад. Барои як моҳу ду-се рӯз

не, солҳои тӯлонӣ фаъолият дошта бошад, то миллатам нони ҳалоли меҳнатияшро дар Меҳанаш пайдо кунад.

Орзу дорам, ки барои кӯдакони Тоҷикистонам мактабҳои бокайфияте бисозанд, на онҳое, ки барои намоиш дар ним сол сохта мешаванду ҳанӯз дар моҳҳои аввали таҳсил оҳакҳояш мерезанд ва лӯлаҳояш наштӣ медиҳанд. Мехоҳам кӯдакону ҷавонони мо бидонанд, ки ҲАҚ ДОРАНД ба имконияту зарфиятҳои илмии ҷаҳонӣ дастрасии озод дошта бошанд.

ОРЕ, МАН ИФРОТИЯМ, ЧУН МЕХОҲАМ ДАР ВАТАНАМ ОЗОДОНА ЗИНДАГӢ КУНАМ!

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи июли 2019*

# ЧАШМДОРӢ Ё ЗОДАГОНИ САНГ НАБОЯД ШИШАГӢ БОШАНД

Вақте бардоштҳоямро аз мушоҳидаҳои худ менавиштам, тасаввур ҳам намекардам, ки ба ин қадар вокуниш рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Дар ягон дини ҷаҳон суол мамнӯъ нест ва ман ҳам он чӣ дар дилам ҷамъ шуда, бо дӯстон дар миён мегузорам, то бубинам, ки айб дар тарзи фикри ман аст ё одамҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки бо ман ҳамфикранд, аммо аз сари носозгории рӯзгор сукут кардаанд.

Ростӣ, ҳанӯз ба хулосае наомадаам. Чун хелеҳо мегӯянд, ки воқеан вазъ чунин аст, вале ба гуфти шоир чӣ илоҷ «шод бояд зистан, ношод бояд зистан», инчунин иддае ҳастанд, ки комилан мухолифанд. Онҳо аз субот мегӯянд, аз озодияшон ва аз ин ки сад дар сад бо ҷои кор таъминанд, дар биҳишт зиндагӣ мекунанд ва умуман ҳеч мушкиле надоранд. Баъзе инсонҳои шариф низ дилсӯзона мегӯянд, шояд аз роҳат мегардӣ? Ё ҳушдорам медиҳанд: роҳе, ки меравӣ ба бунбаст мебарад! Мегӯянд сиёсат касиф асту ҳастанд одамҳое, ки бешак, талош мекунанд ба ҳар роҳе маро бишкананду осебе ба ман расонанд.

Ба ҳамаи шумо, азизон, гуфтаниям: навиштаҳои ҳар яке аз шумо бароям арзишманд аст. Ҳамаатон ба таври худ ҳақ ҳастед. Бузургтарҳое, ки аз «шикастанҳо» гуфтед, бешак огоҳтар аз ман мебошед. Воқеан шикастани одамҳо кори душворе нест, аммо оё мешавад боре аз худамон бипурсем: то ба кай қарор аст моро «бишкананд»? То ба кай иҷоза медиҳем таҳдидҳо, туҳматҳо моро хурд кунанд? Мо дар дили сангҳо бузург шудаем, пас, чаро аз мо одамони шишагӣ сохта-

анд? Чаро бояд бишканему фарши пеши пои дигарон бошем? Наход мо ҳақ надошта бошем озодона фикрамонро бигӯем? Бидуни бим доштан аз он ки имрӯз ё пагоҳ дари хонаамонро мекӯбанд ё ба ҷои корамон меоянд ва ба мо «роҳи ростро» нишон хоҳанд дод!? Агар гарданшахӣ кунем, ҳатман «воситае» пайдо хоҳанд кард, то садоямон дигар баланд нашавад. То аз гунгҳо ҳам гунгтар шавем. Инро алҳақ, ки хуб баладанд. Ҳоло зиёд аз ин ҷанбаҳои масъала гуфтанӣ нестам.

Ин матлабро аслан барои чизи дигаре менависам. Мехоҳам бештар рӯи ин маврид тамаркуз кунем. Рӯи таваққуъотамон. Шояд касе бипурсад; таваққуъ, яъне чӣ? Азизам, таваққуъ, яъне умед, интизор, тақозо, чашмдошт, хост, муддао. Ба назар мерасад таваққуъ асосан ду навъ мешавад, мусбат ва манфӣ.

Замоне ки афроди ношинос дар бораи ман ибрози назар мекунанд, навиштаҳои маро ба ину он одами таҷрибадор ё сиёсатмадор рабт медиҳанд, намедонам бояд ба ҳоли онҳо гиря кунам ё бихандам!? Таваққуоти нобарҷояшон ва беэътимодияшон ба тавоноии дигарон ранҷам медиҳад. Мехоҳам аз пушти номҳои дурӯғин берун оянд, яке ду дақиқа рӯ ба рӯям биншинанд, то бипурсамашон, ҳей бародари ман, ё, эй хоҳари гул, ту бо кадом рӯ миллати маро таҳқир мекунӣ? Ҳатто талош накун, ки пешдовариятро тавҷеҳ намоӣ! Он гоҳ, ки забон боз мекунӣ ва тамоми гуфтаҳои ҳамватанҳо ва ҳатто бегонаҳоро ба ду гурӯҳ «пешвоиюн» ва «наҳзатиюн» тақсим мекунӣ, ту ба миллати ман тавҳин кардаӣ! Фарқе намекунад, ки кистӣ! Фаромӯш накун, миллати тоҷик фақат ду фарзанд надорад! Миллати ман ду гурӯҳ; хубҳои Раҳмонӣ ё бадҳои Кабирӣ, ё бадҳои Раҳмонӣ ва хубҳои Кабирӣ нест! Мо ҳанӯз он қадар хору зор нестем, ки натавонем аз ҳуқуқамон дифоъ кунем, ба он дараҷа аз зиллат нарасидаем, ки бароямон дигарон бинвисанд. Насли ҷавон тавони онро дорад ва бояд аз гуфтаниҳояш бигӯяд. Ниёзе нест, ки зуд тахайюли қавиятонро истифода кунеду душманҳои афсонавӣ, хоҷаҳои абарқудрат барои ину он бисозед. Мавлоно як ҳикояти хуб дорад. Баққолу тӯтист номаш. Агар хондаед бисёр хуб, агар не, ҳатман каме аз вақти арзишмандатонро сарфи мутолеаи он кунед. Чун шумо мисли ҳамон тӯтӣ доред

рафтор мекунед. Қурбонатон, шумо магар барои изҳори назар аз касе пул мегиред, ки иддао доред ман аз касе ё ҷое барои баёни фикр пул бигирам? Ин кӯдакиҳоро бигзоред! Бидонед, ҳеч як аз шаҳрвандони Меҳани мо хостори ҷанг нест. Аз ваҳшати чунин рӯзҳо Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад. Агар ҳукумати имрӯзӣ бо ҷанг сари қудрат омада ин ба он маъно нест, ки бо иваз шудани он ҳатман бояд ҷанге сурат бигирад. Бовар кунед агар, 100 дар сад набошад, ақаллан 80—90% мардум орзуи онро доранд, ки вазъи кишвар беҳтар шавад. Афроди корношоям, ки ҳатто беш аз андоза ҳукумат кардаанд, курсиҳоро холӣ кунанд. То кай мехоҳед ҷавонҳои миллатамро, мардуми меҳанамро бесаводу тарсу ҷилва диҳед? Чандсад нафар дар беҳтарин донишгоҳҳои дунё таҳсил кардаанд, медонед? Онҳо чаро дар Ватан нестанд, дарк мекунед? Дурӯғ гуфтан бас аст. Дигар на худро фиреб диҳед, на дигаронро! Бешак ҳар яки онҳо, ки ба умедҳои калон ба донишгоҳҳо дохил шуда таҳсил карданд, орзуи обод кардани ин Ватанро дар дил доштанду доранд. Бас аст дигар, навбати шумо сар омад, роҳро барои мутахассисони лоиқ боз кунед! Онҳо баръакси шумо, ки бадтарин таваққуъотро аз миллат доред, беҳтарин таваққуъотро барои миллату меҳанашон доранд. Фарқи таваққуъи хубро аз бад намедонӣ? Айбе надорад, бароят хоҳам гуфт.

Вақте мо ба дунё меоем волидону наздикони мо интизорие доранд, ки мо солиму солеҳ ба воя расем. Калонтар, ки мешавем таваққуъ доранд хирадманду бофаросат шавем. Дар кул ин чашмдориҳо бо бузургтар шудани мо бузургу бузургтар мешаванд. Ин дар бораи кӯдакон низ сидқ мекунад, шояд вақте хурдем, намефаҳмем, вале бо гузашти вақт дарк мекунем он хоҳишҳои кӯдакона, амсоли рафтан ба боғи ҷонварон, харидани фулон либоси зебо ё ширинии дӯстдоштаамон таваққуъоти кӯдаконае ҳастанд, ки аз волидонамон доштем. Лекин нуктаи муҳим ин аст, ки ба ғайр аз чашмдошти атрофиён, ҳар одами зинда БОЯД АЗ ХУДАШ НИЗ ТАВАҚҚУЪОТЕ ДОШТА БОШАД.

Ҳанӯз манзурам бароят рӯшан нест? Ишколе надорад, бо мисол мегӯям.

Масалан, як кӯдак ба дунё омад. Чун битавонам шаффофтар бигӯям, биё, аз саргузашти худам бигӯям. Яъне тасаввур кун, ки ин кӯдак манам. Рӯз аз рӯз бузург мешавам ва оҳиста-оҳиста дарк мекунам, ки атрофиёнам аз ман чӣ интизорӣ доранд. Пас аз фаҳмидани хоҳиши онҳо ман мекӯшам, ки ба он чӣ мехоҳанд, наздик шавам. Ҳамин тавре, ки онҳо талош мекунанд кӯчактарин хоҳишҳои мани кӯдакро иҷро кунанд. Сипас, ман калонтар мешавам. Ба мактаб меравам. Инҷо дигар он лаҳзае шурӯъ мешавад, ки таваққуъоти ман нисбат ба худам оғоз мешаванд. Ман мехоҳам, дарсҳоро аз ҳама бештару беҳтару тезтар биомӯзам. То чӣ андоза муваффақ шудан дар ин росто ҳарфи ҷудост, ҳамин хостан барои расидан ба он муҳимтарин марҳила аст. Соати варзиш мешавад, фулон ҳамдарс аз ман тезтар медавад ва ҷои аввалро мегирад. Ман бо худам меандешам, хуш ба ҳолаш, ман ҳам метавониста бошам мисли ӯ хуб бидавам? Дар дарси баъдӣ ман бояд аввал шавам. Ҳамин фикр ва талош барои дастёбӣ ба он таваққуъ аст. Солҳо сипарӣ мешаванд ва мани ҳоло навҷавон ба ин фикр мекунам, ки ба зудӣ мактаб тамом хоҳад шуд. Ман дар ин солҳо чӣ кардам? Умри ман сарфи чӣ шуд? Ба тоблӯи рӯи девори мактаб нигоҳ мекунам. Акси шогирдони беҳтарини мактаб онҷо насб шуда. Аз худам мепурсам, чаро номи ман байни ин афрод набояд бошад? Ман тавоноии намуна шуданро надорам? Ҳиссе дар ман мегӯяд талош кун, шояд ба он расидӣ? Ин чашмдории ман аз худам аст. Бо дӯсте ошно мешавам. Ӯ чӣ қадар зебо ба забони русӣ ҳарф мезанад. Охир мактаби русӣ мехонад, шояд таъсири онҷост? Садое дар дарунам мегӯяд, иштибоҳ кардӣ! Ту ҳам бирав китобҳоро варақгардон кун, шикаставу пур хато бихон. Вале бикӯш имрӯз ҳатман беҳтар аз дирӯз бошӣ! Он вақт хоҳем дид, таъсир аз куҷост. Воқеан ҳам, агар ду сол пеш «хорошо»-и русӣ ба гӯшам «хари шоҳ» менамуд, акнун ман онро хуб мешинохтам.

Бояд ба донишгоҳ биандешам. Пас аз якуним-ду сол мактаб тамом хоҳад шуд. Аз худам мепурсам, ба фиркат беҳтарин донишгоҳҳои дунё кадомҳоянд? Бедиранг пеши чашмам донишгоҳҳои «Оксфорд», «Сорбон», «Ҳарвард», «Кембриҷ»-у «Стэнфорд» намудор мешаванд. Оё ман метавонам ба яке аз ин донишгоҳҳо дохил шавам? Намедонам!

Лекин барои ворид шудан ба ин донишгоҳҳо бояд забони англисиро донист, на? Ман, ки англисиро намедонам. Дубора садои ошно мегӯяд. Ту ҳанӯз намурдаӣ, на? Пас то вақте зиндаӣ фурсат дорӣ! Забони англисиро биомӯз. Мегӯям, агар мушкил бошад? Посух медиҳад, бешак осон нест, аммо магар хеле намехоҳӣ? Мехоҳам! Пас ба пеш. Ва ман меравам бидуни он ки ба муваффақ нашудан биандешам. То охирин рӯзи хатми мактаб ва ба даст гирифтани корномаам ҳамчун шогирде намуна, англисӣ мехонам. Пеши волидонам меоям. Аз он чӣ дар сарам мечархад, ба онҳо мегӯям. Ту интизор дорӣ мо иҷоза диҳем ягона духтарамон таку танҳо дар шаҳри ғурбат донишҷӯ шавад? Рост мегӯянд, на? Духтар ба дунё омадан чунин «мушкилот»-е ҳам дорад. Боке нест. Ҳанӯз ҳамаи дарҳо баста нестанд. Ба ҳар ҳол ҳар куҷое бихонам, мехоҳам дар Ватанам кор кунам.

Аз худам мепурсам, аслан мехоҳӣ чикора шавӣ? Мехоҳам ба одамон кумак кунам!

Садои дарунам механдад: ин касб нест, чизе аниқтар интихоб кун!

— Охир намедонам, шояд маро сода мепиндорӣ, лек танҳо хоҳишам ҳамин аст. Ба марг фикр кардӣ? Ман кардаам! Намедонам кай ва чӣ тавр меояд. Вале мехоҳам вақте омад, ба рӯям лабханд занад. Намехоҳам аз зиндагие, ки кардаам, пушаймон бошам. Ман дӯст дорам бо мардум бошам. Дар иҷтимоъ худро озод эҳсос мекунам. Танҳоӣ бад нест, аммо барои танҳо будан пас аз зиндагӣ фурсати зиёде ҳаст.

— Аҷиб. Хуб ҳоло ман бояд чӣ кор кунам? Ба ҷои ту шуғл пайдо кунам?

— На! Фақат кумак кун байни он чӣ пешниҳод мекунам, интихоб кунем.

— Бошад!

— Духтур — кумак кардан ба бемор ё наҷот додани ҷони касе, арзиши онро дорад, ки умрамро ба пояш гузорам.

— Дуруст, вале агар касе аз саҳлангории ту ҷонашро аз даст диҳад? Ту метавонӣ худатро бибахшӣ?

— На! Рост мегӯӣ, пас беҳтараш ҳуқуқшинос мешавам! Дифоъ кардан аз ҳуқуқи инсонҳо арзишашро дорад, на?

— Хуб, лек агар натвонӣ аз шахси бегуноҳе ҳимоя кунӣ ва онро барои ҷурмҳои содир накардааш ба зиндон андозанд, ту худатро мебахшӣ?

— На! Пас, чӣ кор кунам? Наход коре дар дунё набошад, ки бидуни азоби виҷдон бишавад анҷомаш дод?

— Ҳаст!

— Кадом?

— Аммо бояд бидонӣ, ки он аз худи ту вобастааст. Агар ҳамеша рӯи рост бошӣ, мисли алъон танҳо фикрат кумак ба мардум бошад. Ман касберо бароят мегӯям, ки метавонӣ бо анҷомаш ҳам ба мардум хидмат кунӣ, ҳам виҷдони осуда дошта бошӣ!

— Ин қадар тӯлаш надеҳ дигар, бигӯ, кадом?

— Журналист.

— Чӣ? Бо рӯзноманигорӣ чи метавонам анҷом диҳам? Маро масхара дорӣ?

— На! Дар ин роҳ ба ту зиёд санг хоҳанд зад. Аслан метавонанд туро ба бадтарин шаклҳои мумкин таҳқир кунанд, тӯҳмат зананд. Лек агар ту аз ҳақиқат бинвисӣ, агар аз хостаи дили мардум бигӯӣ, агар сипари бало бошӣ, мардум осуда хоҳанд зист. Он чӣ ту мекунӣ, шояд ҳаргиз ба чашми ҳеч кас наояд, барои ҳамин интизор надошта бош, ки касе ба ту «раҳмат» хоҳад гуфт. Ту ҳозирӣ зиндагиятро сарфи ин кор кунӣ?

— Охир чаро бояд маро таҳқир кунанд? Ман, ки намехоҳам, ба касе бадие карда бошам!

— Зиндагӣ ҳамин аст. Ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад. Барои ҳамин ҳамеша афроде хоҳанд буд, ки бо ҳарфҳои ту мухолифанд. Ихтилофро ҳама балад нестанд муаддабона иброз кунанд. Пас ту бояд барои бадтарин ҳолатҳо ҳам омода бошӣ! Ту ончиро виҷдонат дуруст мешуморад, бигӯ! Боқияшро бигзор дасти мардум. Онҳо худашон бояд хулоса бароранд бо чизе, ки ту мегӯӣ чи кунанд!

— Тавони ман мерасад? Оё ҳамаашро тоб хоҳам овард?

— Намедонам, ба ин худат бояд посух диҳӣ!

Аз ковиши афкорам даст бармедорам, то онҳо мисли дарёи баъд аз туғён ба оромтарин ҳолати мумкин баргарданд ва дар он лаҳза аз он қаърҳо, ки ҳоло намоён мешаванд, посухамро пайдо кунам.

— Бошад! Ман омодаам!

— Пас роҳат сафед бод!

— Сипосгузорам аз ту!

Аз волидонам мепурсам, беҳтарин мактаби рӯзноманигорӣ дар Душанбе куҷост?

— Дар донишгоҳи миллист. Барои чӣ мепурсӣ?

— Ман дар онҷо таҳсил хоҳам кард.

Модарам мегӯянд: ками дигар фикр кун, шояд касби дигаре интихоб мекунӣ?

Падарам мегӯянд: бовар дорӣ, ки аз уҳдааш мебароӣ?

— Бале! Ман интихобамро кардаам.

Худоро шукр, ман он мактабро тамом кардаму аз ҳамаи он бузургвороне, ки ба ман дарс гуфтанд, самимона сипосгузорам.

Ман ҳақ дорам аз худ таваққуъ дошта бошам! Ҳамватани ман, ту низ бояд аз худат таваққуъ дошта бошӣ! Ту ҳақ дорӣ! Таваққуъ доштан маънои хиёнату душманиро надорад!

Марди тоҷик агар мегӯяд: мехоҳам дар Ватанам кор кунам, аз азоби ғурбату мардикорӣ хастаам, душман нест! Таваққуъ дорад! Ҳаққаш аст. Зани тоҷик агар мехоҳад дар хонааш обу барқ доимӣ бошад, хоин нест! Ҳаққашро талаб дорад! Ҷавони таҳсилкардаи тоҷик ҳақ дорад таваққуъ дошта бошад дар Меҳанаш обрӯву ҷои кору мансаб барои мутахассисон бошад! На онҳое, ки дуруст номашонро навишта наметавонанду бо хотири хешовандӣ бо ин ё он раис вазифа мегиранд!

Бифаҳм, азизи дилам, таваққуъи он ки дар беҳтарин ҷо таҳсил кунӣ, дар шароити беҳтаре зиндагӣ кунӣ, кори хубе дошта бошӣ, ҳаққи туст! Ин фикрҳо аз ту душман намесозанд, инҳо хиёнат нест! Ба хусус вақте барои доштани ин беҳтаринҳо талош мекунӣ! Беҳтаринҳои ту одамони дигар ва Ватани азизро низ беҳтар хоҳанд кард. Зодагони санг набояд шишагӣ бошанд.

Ман аз таваққуоти худам гуфтам, шумо ҳам бигӯед, чӣ таваққуъ доред?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи июли 2019*

# ХУРДСОЛОНУ ҶАВОНОН ҲАМ ТАВОНИ ФИКР КАРДАН ДОРАНД

Дуруд ба ҳар яке аз шумо — кӯдакону навҷавонони Меҳанам!

Онҳое, ки имсол аввалин соли таҳсилашонро оғоз мекунанд, ҳатман ҳолу ҳавои дигаре доранд.

Иддае ҳам ҳастанд, ки имсол мактабро ба поён мерасонанд. Бе шак ниҳонхонаи дили онҳо ҳам саршори як ҳисси хос аст.

Хелеҳо ҳам ҳоло-ҳолоҳо меҳмонҳои пушти нимкатҳо ҳастанд.

Ҳоло, ки бароятон менависам, хотираҳои солҳои мактабхониям яке пас аз дигарӣ пеши чашмам намудор мешаванд. Ҳамдарсҳоям, омӯзгоронам ва ҳатто дару девору роҳравҳои мактабам.

Вақте бузург шудед, метавонед борҳо барои зинда кардани хотирот ба мактабатон сар бизанед, аммо бешак он замон ҳисси ошнои гузаштаро нахоҳед дошт. Ҳатто агар ҳеч чиз дар онҷо тағйир наёфта бошад. Мактаб дигар шуморо мисли узве аз пайкараш намепазирад. Он вақт шумо танҳо як раҳгузар хоҳед буд. Каме ғамангез аст, на?

Имрӯз аз хушиҳо бояд гуфт. Ҳатман ҳам муаллимон ва ҳам волидонатон дар оғози соли таҳсил бароятон маслиҳат ва насиҳатҳои зиёде хоҳанд кард. Пас, ба худам чунин иҷозаро намедиҳам, зеро дар он ҷойгоҳе нестам ва бешак, беҳтар аз онҳо бароятон чизе гуфта наметавонам. Ба ҷояш бароятон орзу мекунам. Аз он чӣ дилам бароятон мехоҳад, мегӯям. Дилам мехоҳад, ҳар яки шумо битавонед бе ҳарос ва дақиқ фикратонро баён кунед. Зеро, дареғ, аксарияти насли ман, насли ҷавонони «безабон» аст. Насли бетарафҳо ва бетафовутҳо...

Орзу дорам, ки ҳар яке аз шумо битавонед бо алифбои ниёконатон бинвиседу бихонед. Аксар намояндаҳои насли мо дар ҳар ҷумла камаш се-чаҳор калимаи русӣ илова мекунанд, чун забони модарияшонро хуб намедонанд. Бадтар аз ин, иддае ҳастанд, ки аслан русӣ ҳарф заданро ба тоҷикӣ тарҷеҳ медиҳанд. Бо забони модарияшон ҳарф заданро ор медонанду ин гуноҳашонро зери баҳонаи «забони модариямро хуб балад нестам, бо русӣ беҳтар фикрамро баён мекунам» пинҳон мекунанд. Ҳамин аст узри бадтар аз гуноҳ! Миллати забонгумкарда миллати ҳувиятбохта мешавад!

Кош шумо битавонед бо забони бузургоне чун Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Бедил, Синову Розӣ ва садҳо тани дигар шахсиятҳои ҷаҳонӣ бузург шавед. То ифтихорҳои миллати ман ҳамеша бо «замони гузашта» баён нашавад. Дигар зеби калом на «доштем-доштем», балки «дорем-дорем» бошад.

Умед дорам, ки насли тилоии миллатам мешавед. Насли тилоӣ, аммо на мисли ин нодидагоне, ки аз пули падарони тоза ба даврон расидаашон бо мағзҳои холӣ ва назарҳои паст бо молу мулки аз роҳи ғорати мардум ба дастовардаашон бешармона ҳар сӯ фахрфурӯшӣ мекунанд. Мехоҳам насли инсонҳои озоду огоҳе бошед бо мақсадҳои бузург!

Вақте мактабхон будам, рӯзе омӯзгорам вазифа доданд, ки иншое дар бораи «кӣ шудан мехоҳам?» бинвисему онро дар синф барои ҳамдарсҳоямон бихонем. Мо беш аз сӣ нафар будем. Танҳо 10-11 нафар дархости муаллимамонро иҷро карданд. Омӯзгорамон ранҷида пурсиданд, чаро донишомӯзон вазифаро иҷро накарданд?

Яке аз ҳамсинфонам, Лутфулло, аз нимкати охир посух дод:

— Малима ай ин навис-навис мора чӣ фоида? «Па лубому» мактаб бут шава, мерем Расияҷон!

Посухи ӯро шунида Манижа ном дигар ҳамсинфам шердил шуд ва гуфт:

— Э муаллимаҷон, ман ҳами нуҳиро тамом кунам, басай, шу мекнм, мерам!

Шояд ҳамон рӯз буд, ки фаҳмидам умқи фоҷеа чӣ қадар аст. Насли ман қурбонии низому фазоест, ки бояд тағйир ёбад. Кош шумо мисли мо набошед!

Оморҳои гуногун пешниҳод мешаванд, ки солона сафи муҳоҷирони кориро аз як то ду миллион ва ҳатто беш аз он нишон медиҳад. Гоҳо ба ин натиҷа мерасам, ки зоҳиран насли мову аз мо бузургтарҳо насли «зӯри бозу»-янд. Бо қудрати бозуяшон барои ғарибаҳо хидматгорӣ карданду мекунанд. Кош дар мактаб хуб хонда буданд. Кош аз ҳар ҳазор нафар як нафарашон зӯри зеҳнашро метавонист ба намоиш гузорад. Агар чунин мешуд, ҳоло ҳадди ақал 1000 ва ҳатто 2000 донишманди тоҷик доштем, ки дар кишвари «шарики стратегӣ» ва муҳоҷирони кории мо ҷойгоҳи тоҷикро дигаргуна нишон медоданд. Дар амал собит мекарданд, ки мо меросбари Хоразмиву Беруниву Синову дигар бузургонем. Ва дилам мехоҳад, шумо талош кунеду асбоби хушномии тоҷикро дар саросари дунё фароҳам оваред.

Як иштибоҳи бузурги дигари бисёре аз ҳамнаслҳоямро бароятон мегӯям. Шояд шумо бикӯшед, ки аз он бипарҳезед. Мо мактабро ба бозӣ гирифтем. Муаллимонро масхара кардему қадри заҳматҳояшонро надонистем. Кош, шумо таҳсили мактабиятонро, ки зербинои аслии сохтмони вуҷудатонро ташкил медиҳад ва дар оянда тамоми таҷриба ва андухтаҳо ва ҳатто хислату хосияти шумо болои ҳамин зербино сохта мешавад, ҷиддӣ бигиреду онро то ҳадди имкон мустаҳкам бисозед. Наслҳои моро ба ҷурми «камсаводӣ» ва «бесаводӣ» забонбурида карданд. Шумо тавре биомӯзед, ки касе натавонад чунин «лақаб»-е рӯятон бигзораду иҷозаи фикр кардан, назар додан ва ҳарф заданро аз шумо бигирад.

Дилам мехоҳад, барои омӯзондани забони русӣ ба шумо аз ким — кадом қишлоқи Русия муаллим наоваранд. Дар ҳоле ки муаллими тоҷикро маошаш аз ин моҳ то моҳи дигар намерасад. Мо пас аз ҷанги шаҳрвандие, ки наздики сӣ соли пеш буда, ба худ наомадаем. Аммо Ҷопон пас аз асобати бомби атомӣ чунон худашро сохта, ки ҳеч кас ба худаш иҷоза намедиҳад фанновариҳои илмию техникии онҳоро нодида бигирад. Магар онҳо чӣ карданд? Ба ғайр аз он ки соҳаи ма-

орифро истеҳкоми вижа бахшиданд. Муаллимонашонро муътабар карданд ва аз заҳматҳои онон қадрдонӣ намуданд. Пас, ба ман бигӯед, чаро дар Меҳани мо бояд вазире, кабире, ҳатто ҷонишинаке аз он муаллими иззатманд, ки ӯро дарс додааст, моҳонаи баландтаре дошта бошад?

Насли моро ба баҳонаҳои гуногун дар қолабе иҷборан гузоштанд. Иҷозаи фаротар рафтан, гуфтан ё амалеро иҷро кардан, берун аз марзҳои ин чаҳорчӯубаро ба мо надоданд. Гуфтанд: ҳаминест, ки ҳаст. Бояд шукрона кунеду ҳатто фикру орзуи бештар аз инро надошта бошед.

Хоҳиши раисҷумҳур, раиси шаҳр, сарвазир ё вазир шудан барои насли шумо бояд ҳамон андоза табиӣ бошад, ки орзуи пизишк ё муаллим шудан ҳаст. Ҳеч чиз ғайри имкон нест, танҳо бояд хост!

Дар ин рӯз аз ШУМО волидони азизу устодони муҳтарам як дархости кӯчак дорам. Бигзоред, кӯдакони Меҳанамон озода бошанд. Базри ғуломию тарсеро, ки дар ниҳоди наслҳои бузургтар ҷо кардаанд, дар вуҷуди кӯчаку беолоиши онҳо накоред!

Ҷашни 28 солагии «Истиқлолият» дар роҳ аст. Иҷоза диҳед ҳадди ақал пас аз 28 сол миллати ман ба ИСТИҚЛОЛ-и ҳақиқӣ ва маънавию ботинӣ бирасад ва онро на дар шиору лавҳа, балки дар рагҳои ҷону дилаш бубинад.

Андешаҳоятонро баён кунед, аммо онҳоро ба иҷбор бори наслҳои баъдӣ накунед! Бовар кунед, ҳам кӯдакон ҳам навҷавонону ҷавонони Ватанам қудрати фикр кардан доранд. Бигзоред, онҳо дар ҳамон синне, ки ҳастанд, назарашонро (ҳатто агар хато ҳам бошад, ҳатто агар мухолифи гуфтаву андешаи шумо бошад) баён кунанд. Аз СУКУТ бояд ТАРСИД! Зеро намешавад МАҚСАДи онро фаҳмид! САДО, ҳамеша ГӮЁСТ!

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи августи соли 2019*

# «МУҲОҶИРОН ҚАҲРАМОНАНД»

Дуруд, эй ҳаммеҳан!

Имрӯз мехоҳам ба пурсише посух диҳӣ! То ба ҳол аз худат пурсидай, ки муҳоҷир кист? Мегӯӣ: «афсӯс, мардуми ман солҳост, ки бо ин вожа ошноянд». Аммо чӣ касе медонад, пушти ин як вожа чӣ дунёи бузургест? Дунёи пуропур аз садоқат! Дунёе моломол аз ишқ! Дунёи лабрези азхудгузаштагӣ! Дунёе саршор аз фоҷеа...

Намедонам, шумо муҳоҷирро чӣ гуна мебинед. Ман муҳоҷирро аз наздик мешиносам. Ҳамеша зиндагии муҳоҷирона доштаам. Ҳамин ҳоло ҳам дар муҳоҷиратам. Аммо ҳоло намехоҳам, аз муҳоҷирату худу хонаводаамон гӯям.

Синфи панҷ мехондам. Бо дӯстонам дар майдончаи рӯ ба рӯи хона бозӣ мекардем. Ногаҳон касе аз ҷамъ ба осмон ишора карда гуфт:

Самалёт (ҳавопаймо) парид!

Ман низ мисли ҳамроҳонам нохудогоҳ ба осмон нигоҳ кардам. То бифаҳмам «самалёт»-аш чист. Дидам ҳавопаймое дар осмони нилӣ бо суръат ҳаракат мекунад ва аз пояш хати сафеде боқӣ мегузорад. Дӯстам дасти хоҳаракашро гирифта, як ҷо замзама карданд:

*«Самалёти ҳавоӣ*
*Дадама кай миёрӣ?»*

Лаҳзаи аҷибе буд, ҳиссе дар дилам пайдо шуд, ки он вақт намефаҳмидам чист. Ҳайратзада пурсидам:

— Падаратон куҷост?

Дигаре аз ҷамъи кӯдакон гуфт:

— Қати дадаи ма да Расия кор мекна!

Албатта, он вақт намефаҳмидам муҳоҷир падари заҳматкашест, ки шабҳо баъди соатҳои дароз кори сангин ба хона занг мезанад, то чанд дақиқае худашро канори наздикону пайвандонаш эҳсос кунад. Падаре, ки барои беҳтар кардани зиндагии фарзандонаш, зиндагии худашро қурбон мекунад ва заҳри ғурбат мечашад, то фарзандони ӯ битавонанд бихӯранд, бипӯшанд, таҳсил кунанд ва фардои онҳо мисли имрӯзи падарашон набошад. Ин воқеияти талхро баъдтар, вақте бо зиндагии даҳҳо ҳамсолам ва ҳамсояҳоямон дар Душанбе ошно шудам, дарк намудам. Дар муддати як солу ними зиндагӣ дар Русия ва суҳбат бо муҳоҷирон ин мушкилоту азият ва садоқату азхудгузаштагиро мушоҳида кардам.

Аммо як хотираи дигар. Соли охири таҳсил дар мактаб буд. Яке аз дӯстонам як ҳафтаи тамом ба дарс наомад. Нигаронаш шуда, ба хонаашон рафтам. Азодор буд. Тобути тағояшро аз Русия овардаанд. Баъд аз марги падараш тағояш хонаводаи онҳоро саробонӣ мекардааст. Ҳоло, ки тағояш низ аз дунё гузашт, ду оила аз ноновари хеш маҳрум шуданд. Он рӯз фаҳмидам, муҳоҷир фақат падаре заҳматкаш нест, муҳоҷир гоҳо тағоест, ки аз баландии сохтмоне, ки дар он кор мекунад, меафтаду ҷон медиҳад. Марде, ки барои хонасозӣ рафту вақти омаданаш қасри орзуҳои хоҳару се хоҳарзодааш, зан ва чаҳор фарзандашро бо худ ба хок бурд.

Донишҷӯ, ки шудам ҳамдарсам барои навиштани кори курсияш роёнаашро ба донишгоҳ овард, то бо ҳам баъзе матнҳои русиро тарҷума кунем. Баъд аз анҷоми кор ҳамроҳ аксҳои замони мактабияшро тамошо кардем. Дар миёни аксҳо акси даҳ-дувоздаҳ ҷавон таваҷҷуҳамро ҷалб кард, ки канори суфрае (агар бишавад он тикка порчаро дастархон гуфт) нишастаанд. Чанд дона қанду ширинии хушку (печен) нон рӯи суфра буд. Суфраи ҳақире пешашон, аммо чеҳраи ҷавонон он қадар шод менамуд, ангор ҷашн мегиранд.

Аз дӯстам пурсидам, ин акс аз куҷост. Гиряаш гирифту бо буғзе дар гулӯ гуфт, ки бародари бузургтараш бо ҳамкоронаш Иди Рамазонро

ҷашн мегиранд. Он рӯз фаҳмидам, ки бародараш муҳоҷир аст. Бародаре, ки бори зиндагиро рӯи шонаҳояш мекашад. Бародаре, ки донишгоҳро раҳо кард, чун хонаводааш бесаробон монда буд. Ӯ марди хона асту бояд зиндагии ду хоҳару модарашро таъмин кунад. Бародаре, ки дар ғурбат заҳмат мекашад, идро сари муҳаққартарин дастархон мегузаронад, аммо мекӯшад, то хоҳаронаш ҳеч гоҳ аз ҳеч кас худашонро кам набинанд. Агар ӯ натавониста таҳсилашро идома диҳад, ҳадди ақал хоҳаронаш битавонанд донишҷӯ шаванд. Бихонанду зиндагияшон таъмин бошад. Бародаре, ки аз худгузаштагияш номаҳдуд аст, то хоҳарону модараш ҳадди ақал набудани падарро камтар эҳсос кунанд. Муҳоҷир ҳамон бародарест, ки баъди сари падар нонвари хона шуда.

Он чӣ ман мегӯям, қатрае аз дарёст. Шумо худатон чашм боз кунед, то муҳоҷирро бубинед. Дар хонаводаи шумо муҳоҷир нест? Байни хешовандони шумо муҳоҷир нест? Дар ҳамсоягии шумо муҳоҷире нест? Байни ошноёнатон муҳоҷире нест?

Магар касе аз рӯи дилхушӣ муҳоҷир мешавад? Ишқу муҳаббат ҳам мисли Худост. Онро намешавад, дид то андозагирияш кард. Ҳеч гоҳ инсоне ҳақ надорад ҳукм кунад, ки чи касе ин марзу бум, ин Ватанро дӯст дорад ва кӣ онро дӯст надорад. Ҳоли ғарибро танҳо ғариб мефаҳмад! Вақте аз меҳанат дурӣ, ангор буғзе ҳамеша дар гулӯят аст. Меҳан, ки фақат як порча замини безабон нест! Меҳан сарзамини хотироти беҳтарини одам аст. Ҳамон кӯчаи бачагӣ, ки дар он ҳама чизу ҳама кас ошност. Ва дар нигоҳи кӯдакият фаротар аз он маҳаллаи соддаатон чизе нест. Муҳоҷир он ғарибест, ки бӯи тунду талхи хотиротро бо ашкҳояш мешӯяд, лек ин бӯй ба соддагӣ намеравад. Ангор аз мағзи устухони одам таровида бошад. Одам вақте аз он чӣ воқеан дӯсташ медорад, дур бошад, мефаҳмад, ки он дӯстдошта чӣ қадар барояш арзишманд аст.

*«Беватан нест ғарибе, ки кунад ёди ватан*
*Дар ватанбудаи бе ёди ватан беватан аст.»*

Имрӯз ба назар мерасад, ки замзамаҳое алайҳи муҳоҷирон дар минбарҳову долонҳои ҳукумат пинҳону ошкоро садо медиҳанд. Ғайримустақим ба кишварҳои муҳоҷирпазир аз гулӯи раиси маҷлис паём медиҳанд, ки party барояшон вазъи муҳоҷирҳо хеле муҳим нест, набояд аз он фишанге барои фишор бисозанд. Паёми пардапӯш медиҳанд, ки мо шиносномаҳои муҳоҷиронро ботил месозем то дигар мушкилашон дахле ба Тоҷикистон надошта бошад. Ҳатто иддае ба худ иҷоза медиҳанд муҳоҷирро «хоин» ном баранд. Ин идда аслан медонанд, муҳоҷир кист? Барои чи ҳаммеҳанони ман муҳоҷир мешаванд? Ба куҷо нигоҳ мекунед, ки намебинед? Ё дидан намехоҳед?

Магар фаромӯш кардаем, ки меҳани мо бо заҳамоти кӣ обод шуд? Ин тоза бадавронрасидаҳо ба ҷуз таъмини эҳтиёҷи худу авлоди худ, сохтани қасру кушк, хариди мошинҳои гаронарзиш ва интиқоли маблағҳои ба роҳҳои ғайриқонунӣ ба даст овардаашон ба ҳисобҳои офшорӣ кори дигаре накардаанд. Онҳо ба миллатсозӣ ҳеч рабте надоранд. Агар маблағҳои хайрия ва садақаи созмонҳои байнулмилалию кишварҳои хориҷиро сарфи назар кунем, магар ободии кишвар ва таъмини масрафи рӯзгори мардум аз ҳисоби ҳамин маблағҳое нест, ки муҳоҷирон бо арақи ҷабин ба даст меоваранд? Ин суботи нисфии Тоҷикистон имрӯз бидуни шак натиҷаи заҳамоти ҳамин «хоинон» аст!

Магар масали «гурусна ба шер задааст»-ро нашунидаед? Ё мехоҳед мардум гурусна бошаду ба сари ин як зумра тоза бадавлатрасидаҳо бирезанд? Ҳукумати кишвар, тамоми мансабдорон, аз хурдтарин симат то худи раисҷумҳур, бояд фаромӯш накунанд, онҳое, ки ҳоло талош доред «хоин» ҷилва диҳед, василаи бозиҳои сиёсиятон қарор доданиед, дар асл ҳамонҳое ҳастанд, ки бештар аз шумо дилашон барои миллату меҳанашон месӯзад. Ободии ҳар як хонаводаи тоҷик ободии Тоҷикистон аст.

Эй шумое, ки зиндагии пурзарқу барқатон чашмҳоятонро бар машаққатҳои мардум кӯр карда, ба хотир овардед, ҳеч одаме аз зиндагии хуб фирор нахоҳад кард. Агар имрӯз Тоҷикистонро тарк мекунанд ба он маънӣ нест, ки Тоҷикистон бад аст ё онҳо ватанашонро дӯст

надоранд. Иллати аслӣ ин ҷост, ки шумо, як идда беурзаи мансабдор натавонистаед, вазифаатонро дуруст анҷом диҳед, то мардум дар рифоҳ зиндагӣ кунанд.

Ва маҷбур набошанд барои пайдо кардани нони ҳалоли хешу хонаводаашон ба кишвари ғурбат кӯч бибанданд. Ҳоло вуҷудатонро ваҳшат фаро гирифта, ки ин даста — даста куч бастани мардум дер ё зуд корношоямии шуморо фош хоҳад кард?! Барои ҳамин аст, ки талош дореd ба ҷои бӯ кардани гиребонҳои худ онҳоеро, ки аз ноилоҷӣ рафтаанд, бадном кунед? Бидонед, ки кӯр хондаед! Муҳоҷирони миллати ман қаҳрамонони имрӯзи он ҳастанд.

Дар моддаи 24-и Қонуни асосӣ омада: «Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад!»

Ҳуқуқи мардумро поймол накунед. Агар шумо — ҳукуматдорон корношоям намебудед, ҳатман мекӯшидед, ки зиндагии мардумро роҳаттар кунед, ҷои кор фароҳам оваред, ё ҳадди ақал аз ҳуқуқи шаҳрвандонатон дар хориҷ аз кишвар ҳимоят мекардед. То онҳо маҷбур набошанд ба хотири он ки беш аз ин зулм набинанд шаҳрванди кишвари дигар шаванд, то ҳадди ақал дар ҷое, ки кор мекунанд, ба онҳо мисли шаҳрванди ҳамонҷо муносибат шавад.

На мисли «Равшану Ҷамшуд». Ба ҷои он ки гуноҳро сари мардум бор кунед, муҳоҷиронро василаи бозиҳои сиёсиятон қарор диҳед, худатонро ислоҳ намоед, дар тағйири вазъи рӯзгори мардум, эҷоди ҷойҳои кор ва риояи мардумсолорӣ бикӯшед, вагарна пушаймонӣ суде нахоҳад дошт.

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи ноябри соли 2019*

# «АФСОНА»-И 118 МИЛЛИАРДДОЛЛАРИИ ҲУКУМАТ

Пушти роёна (компютер) нишаста будаму ба ин фикр мекардам, ки чӣ кор кунам. Китоберо, ки чанд рӯзи пеш шурӯъ ба мутолиааш кардам бихонам, ё китоби достонҳои худамро такмил ва барои чоп омода кунам. Байни ин интихоби душвор монда будам, ки садои суҳбати падар ва бародарам диққатамро ҷалб кард.

— Хабареро, ки оҷонси иттилоотии «Авесто» чоп кард, хондед? Пурсиданд, бародари бузургам бо ҳайрати тамом.

— Не, нахондаам, чӣ навиштаанд?

— Тибқи барномаи Рушди миллӣ, ки ҳукумат қабул карда, қасд доранд, беш аз 118 миллиард доллар сармоя вориди Тоҷикистон кунанд.

— Шояд 118 миллиард нею 18 миллиард бошад?

— Ҳатто агар 18 миллиард ҳам бошад, барои як сол ин маблағи калонест. Ҳаҷми кулли буҷаи давлатӣ барои соли 2019 наздик ба 2,5 миллиард доллар таъйин шудааст. Сарчашмаи ин пулҳо куҷост? Ё боз пинҳонӣ аз мардум қисме аз заминҳои Тоҷикистонро фурӯхтаниянд?

Биёед, писарам, каме хушбин бошем. Агар ин маблағ воқеан дуруст аст, он барои рушду тавсиаи кишвар метавонад хеле муфид бошад.

Аз инҳо баъид аст, аммо ростӣ, агар метавонистанд 118 миллиард доллар ба Тоҷикистон ҷалб кунанд, чӣ мешуд!? Тамоми роҳҳо мумфарш мешуданд. Макотибу дармонгоҳҳо бо лавозими замонавӣ муҷаҳҳаз мешуданд. Чанд корхонаи саноатӣ метавонист, ба фаъолият оғоз кунад. Шояд фикре ба ҳоли нафақаи мардум мекардаанду он зиёд

карда мешуд. Не, ҳар чӣ фикр мекунам, камтар боварам меояд. Яъне онҳо воқеан дар 25-27 сол ҳамчунин коре накардаанд, ҳоло меоянд, амалӣ мекунанд? «Бузак, бузак, намур, ки баҳор меояд» гӯед.

Намедонам дигар идомаи суҳбати бародару падарам чӣ шуд. То ҳамин ҷое ҳам, ки шунидам кофӣ буд, то даст ба кор шавам ва аз ин қазияи 118 миллиарддолларӣ сар дароварам. Аввал аз «Авесто» хабарро ҷустам. Маълумам шуд, ки бародарам кулли хабарро на, фақат сарлавҳаи онро дидаанд.

Асли матлаб ин аст, ки Тоҷикистон тибқи барномаи Рушди миллӣ воқеан мехоҳад, 118 миллиард доллар сармоя ба Тоҷикистон ворид кунад. Инҷо ба қавле ҳеч «хатои техникие» нашудааст. Фақат ин маблағ тибқи нақша барои 15 сол (2015-2030) дар назар гирифта шудааст.

Бо худам меандешидам: «ҳанӯз ҳам хеле бад нест». Ҳатто дар 15 сол бошад ҳам, агар битавонанд воқеан аз ин маблағ ба дурустӣ истифода баранд, Тоҷикистони ман дар роҳи табдил шудан ба кишваре обод ва мутараққӣ метавонад қадаме бузург бардорад. Ҳаммеҳанонам метавонанд, билохира дар рифоҳ зиндагӣ кунанд ва барои пешрафти худу кишварамон бикӯшанд. Ба ин чизҳо, ки фикр мекардам, ҷолиб шуд, бидонам ҳукумат мехоҳад, аз куҷо ин маблағро ба даст орад. Ба сайти Вазорати молия сар задам. Шумо то ба ҳол ин сайтро дидаед? Тавсия медиҳам, боре ба ин сайт сар бизанед. Баъд идомаи матлабро бихонед, то нагӯед, ки ҳамеша танқид мекунам.

Сайти як вазорати кишвар чӣ тавр метавонад, бахше бо забони давлатӣ надошта бошад? Меҳани ман Тоҷикистон ном дорад, на Русия. Кормандони ин вазорат набояд бо ин рафтори бепарвоёнаашон ба забони давлатӣ тавҳин кунанд ва бояд ҳар чӣ зудтар бахши тоҷикии онро фаъол намоянд. Ин ки барои фиреби мардум намоишкорона гӯшаи сайт Tj ва En гузоштаед, гуё ин сайт бахшҳое бо забони тоҷикӣ ва англисӣ дорад, танҳо хокпошӣ ба чашми мардум аст. Агар чанд иттилоъро бо забони тоҷикӣ дар сайте, ки тамоми қисматҳояш бо забони русӣ навишта ва номгузорӣ шуда, ҷой додаед, ин маънои онро надорад, ки дар сайт бахши тоҷикӣ ҳаст.

Ҳоло асри санг нест. Дар асре, ки зиндагӣ дорем, сайти ҳар вазорат симои он аст. Мардум бо боздиди он метавонанд, ба кору фаъолияти вазорат баҳо диҳанд. Аз боздиди сатҳии сайти Вазорати молия ду бардошт ҳосилам шуд:

Вазорате, ки бо пул сару кор дорад, маблағе сарф накарда, ки барои худаш як сайти дурусту ҳисобӣ бисозад.

Як корманди фаҳмида ва як зарра боҷуръат дар ин вазорат пайдо нашуда, ки бигӯяд ин тавр кор пеш намеравад. Бояд ислоҳ шуд.

Он қадар дилам монд, ки ҳатто нахостам, дигар он чиро, ки ба хотираш ба ин сайт ворид шудам, ҷустуҷӯ кунам. Аз сайт хориҷ шудаму аз гугл «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро пайдо кардам.

Маълумоте наздик ба сад саҳифа аст. Пас, фақат чакидаи он қисматеро, ки ба 118 миллиард доллар рабт дорад, бароятон меорам.

«Дар назар аст, ки шарикони рушд маблағгузориҳоро аз ҳисоби воситаҳои грантӣ, ки ба ҳадафҳои нави рушди устувор ҷавобгӯ мебошанд, зиёд менамоянд. Ҳаҷми дурнамои воситаҳо барои 15 соли минбаъда аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории Стратегия беш аз 118,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ба бахши хусусӣ 54,7 млрд. доллари ИМА (46,3 фоиз), маблағҳои буҷетӣ 56,1 млрд. доллари ИМА (47,5 фоиз) ва саҳми шарикони рушд 7,3 млрд. доллари ИМА (6,2 фоиз) рост меояд.»

56,1 млрд.$ яъне (47,5 фоиз)-и ин маблағро худи буҷа ташкил медода. Ин ба он маъност, ки ҳамасола ба як андозаи муайян маблағи буҷа рушд хоҳад кард? Ҳақиқат ё фиреб будани ин масъаларо замон ба ҳамаамон нишон хоҳад дод. Пас, сабр мекунем.

7,3 млрд. $ (6,2 фоиз) саҳми шарикони рушд буда, яъне ҳукумат ҳанӯз дастнигар аст. Ва интизор дорад, ки чунин маблағеро аз шарикони рушд ба даст орад. Инро ҳам ҳаволаи замон мекунему баъд аз амалӣ шудан ё нашудани он сари ин масъала бозмегардем.

Шояд дар асл ин омори фиребо барномарезӣ барои тарҳи буҷаи кулли кишвар аст ё орзуҳои осмонии чанд мансабдор? Агар чунин аст, чаро шакли матраҳ карданаш ин гуна аҷибу ғариб аст ва ё махсус

норавшан ва бо ҷумалоти тумтароқу печида баён кардаанд? Шояд иқтисоддони баинсофе онро содатар шарҳ медиҳаду ин сардаргумиро бартараф мекунад.

Ба ҳар сурат он чӣ таваҷҷуҳи маро ҷалб кард, 54,7 млрд. доллари бахши хусусӣ буд, ки (46,3 фоизи) маблағи умумиро ташкил медиҳад. Ҷумалоти зер он чизест, ки дар Стратегияи миллии рушд овардаанд:

«Дар фарқият бо СМР-2015 нақши муҳимро вобаста ба маблағгузории Стратегияи мазкур сармоягузориҳои хусусӣ, чӣ дар шакли мустақими хориҷӣ ва чӣ сармоягузориҳои дохилӣ мебозанд. Барои ин самтҳои фаъолияти дар стратегия муайяншуда беҳтар намудани муҳити фаъолияти сармоягузорони хориҷию дохилӣ, ки ҳамчун самара ба имкониятҳои иловагии буҷет таъсир мерасонад, дар назар дошта шудааст.»

Аз забони ин санад чизе намегӯям. Чунон печидаву дур аз табиати забони ноби тоҷикон аст, ки шояд хеле аз нуктаҳоро аслан намешавад фаҳмид. Сухан кӯтоҳ, агар дар оғоз ман бо умед дунболи асли ин қазия мегаштам, пас аз огоҳӣ ёфтан аз он ноумед шудам. Медонед чаро?

Чун лофҳо зиёд ва ҳақиқатҳоеро, ки мисли офтоб намоёну рӯшан ҳастанд, мехоҳанд пинҳон намоянд. Аз кадом «беҳтар намудани муҳити фаъолият» сухан меравад?

Ҳамасола даҳҳо корхона ва ҳазорон соҳибкор фаъолияти худро бас мекунанд. Зери бори молиёти гуногун ва камаршикан ва фасоду санҷишҳои пайдарпайи мақомот ҳазорон соҳибкор ба дод омадаву ё аз бозори кор берун рафтаанд ва ё тарки ватан кардаанд. Муҳити солими тиҷорат дар кишвар вуҷуд надорад. Тамоми бахшҳои даромадзо дар инҳисори як гурӯҳи наздик ба роҳбари ҳукумат аст. Имтиёзҳои пай дар пай барои онҳо фазои рақобатпазириро куллан аз байн бурдааст.

Раисҷумҳур ба ҳисоби миёна ҳар ҳафта навори сурхи ифтитоҳи як-ду корхонаро мебурад. Аммо... Бештари ин корхонаҳо дар муддати кӯтоҳ баста ё варшикаста мешаванд. Худи ин магар нишона аз солим набудани муҳити фаъолият ва салб шудани эътимоди сармоягузорон барои рушди тиҷораташон дар кишвари мо нест?

Ҳатто ҳамон ширкатҳое, ки имтиёзи фаровон барояшон дода мешавад, ҳар аз чанд гоҳе ба мушкил рӯ ба рӯ шуданашонро эълом мекунанд. Аз ҷумла, ҳамин ширкати «Фароз», ки агар бигӯем, ниме аз иқтисоди Тоҷикистон аст, иштибоҳ намекунем. Онҳо аз истихроҷи тилло, ангишту сурма гирифта то бимаи тиббию тартиби ҳуҷҷати ронандагӣ ва маконҳои истироҳатие мисли «Сафед-дара» ва «Кӯли Душанбе»-ро дар ихтиёр доранд.

Магар ҳамин чанд вақти пеш, дар моҳи сентябр, аз варшикаста шудани «Фароз»-и қудратманд, бонуфуз ва муҳимтар аз ҳама дорои имтиёзҳои бешумор аз сӯи ҳукумат хабарҳое дар расонаҳо пахш нагашт?

Дуруст, ки баъд маълум шуд танҳо ба хотири ҷалби сармоягузорони хориҷӣ бахши «сӯзишворӣ»-ро бастаанд. То як тавре номи худашонро, ки чанд сол аст ҳамчун «монополист» шинохта шудааст, тамиз гардонанд.

Агар аз масъалаи «Фароз» ҳам бигзарем, як суол мемонад. То ба кай қарор аст, сари мардум бо ҳарфҳои норӯшану печида ва арқоми беасос шира бимоланд? Ҷалби сармоягузорон дар шароити феълии кишвар ва самар додани он ба нафъи кишвар ва рушди иқтисоди он то куҷо ҳақиқат дошта метавонад?

Ин қазияро танҳо дар як ҷумла метавон ташреҳ кард: «Ҳукумат ин бор талош дорад бари гӯши мардум афсонае ба дарозои 15 сол ва бузургии 118 миллиард доллар бихонад!»

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи декабри соли 2019*

# «ДАР ТОҶИКИСТОН АЗ ЗАНОН ЧӢ МЕХОҲАНД?»

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Шояд таваҷҷуҳи туро низ матолибе, ки дар бораи Нилуфар Раҷабова мунташир мешаванд, ҷалб карда бошанд. Ин бонуи тоҷик барои тарзи либоспӯшӣ ба Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бурда шуд. Чун аз амали ғайриқонунии кормандони милиса бо расонаҳо суҳбат кард, ба ҷойи милисаҳо ӯро ҷазо доданд ва аз тарафи додгоҳ ба иттиҳоми «майдаавбошӣ» ҷарима шуд. Ман зиёд рӯи ин масъала тамаркуз карданӣ нестам. Аммо маҳз иттифоқоте, ки бо ин бону рух дод, боис шуд андешаҳоеро, ки чандин вақт дар зеҳнам чарх мехӯрданд, рӯи коғаз биёварам.

Имрӯз мехоҳам аз занон бигӯям. Шояд шумо ҳам аҳамият додаед, ки занону духтарон дар кишвари мо хеле мутафовитанд ва новобаста ба ин ки чӣ бовар, ақоид, дидгоҳ ва хостаҳое доранд, ҳамеша зери заррабини танқид қарор мегиранд. Гӯӣ ҷомеае мо ҳамзамон ба ҷонибҳои мухталиф кашида мешавад ва дар натиҷаи ин вазъ пора шудани иҷтимоиро имконпазир менамояд, ки он воқеан нигаронкунанда аст.

Вақте наздик ба 99% аҳолии як кишварро мусалмонон ташкил медиҳанд, пайравӣ кардан аз талаботи он дин тавассути иддае аз он иҷтимоъ бояд амре табиӣ талаққӣ гардад. Таассуфовар аст, ки дар кишвари мо акси он амалӣ мешавад. Агар дар оғоз ҳукумат зид буданашро бо ҳиҷоб, ки тибқи Қонуни асосии Тоҷикистон ва қонунҳои байнулмилалӣ «нақзи озодии ақидаву бовар» мебошад, бо баҳонаи

«мубориза бо фарҳанги бегона» рад менамуд, ҳоло бисёре аз кормандони он ошкоро дар бораи ин мухолифат суҳбат мекунанд.

То ба имрӯз чандин навор ба нашр расиданд, ки дар онҳо аз занони ҳиҷобпӯш таҳқиромез хоста мешуд, агар ҳиҷоб пӯшиданиянд, ба кишварҳои исломӣ бираванд. Ҳамзамон бо ин, бархе ба бонувоне, ки домани кӯтоҳ ва либосҳои ба ном «аврупоӣ» ба тан мекунанд, мегӯянд, ки бираванд ба кишварҳои ғарбӣ. Яъне, дар кишвари мо бонувоне, ки пайрави ақоиди суннатӣ ҳастанд ва ҳамчунин онҳое, ки аз ақоиди суннатӣ пайравӣ намекунанд, набояд иқомат дошта бошанд?

Дарди мо, афсӯс, яке дуто нест. Бо пешрафти сареъ ва сайри фанновариҳои интернетӣ хеле аз маҳдудиятҳои иттилоотӣ бардошта шудаанд ва ҳар нафар метавонад аз макони зисташ истода, аз сабки зиндагӣ ва ҳаёти рӯзмарраи ҳар кишвари дигари олам огаҳӣ ёбад. Пас, хоҳ нохоҳ дар заминаҳои гуногун ҷомеа ба таассуб аз кишварҳои дигар дода мешавад. Яке аз ин равандҳо ба истилоҳ пӯшидани «либосҳои аврупоист». Инҷо фақат як суол медиҳам, оё мардони тоҷик ҳамарӯза либоси миллӣ мепушанд? Маълум аст, ки на! Вале ҳастанд мардоне, ки инро аз занон талаб мекунанд. Шояд гоҳо фаромӯш мекунем ҳар чизе иҷборию таҳмилӣ бошад нохостанӣ ва рафта-рафта нафратангез мешавад.

Як рӯз бо иддае аз дӯстонам сари ин масъала баҳс кардем.

— Ман воқеан либоси миллиамонро дӯст дорам, аммо ҳозир нестам ҳамеша онро ба бар кунам, — мегуфт дугонаам.

— Чаро? Бибию бибикалонот як умр ҳамон либосро пӯшиданд чизе нашуд-ку, ту чӣ шоху думи зиёдӣ дорӣ? — эътироз мекард дӯстам.

— Ту дар фасли зимистон либоси миллӣ бипӯш, агар аз сармо намурдӣ баъд бигӯ, ки духтари тоҷик бояд фақат либоси миллӣ пӯшад! — асабонӣ шуда ҷавоб мегардонд дугонаам.

— Охир либосҳои нимбараҳна зеби духтари тоҷик нест, — исрор мекард рӯи фикраш дӯстам.

— Ман ҳам дар бораи либосҳои нимбараҳна ҳарф назадам. Чаро либосҳои «замонавӣ», ки дар доираи одоб ҳастанд, напӯшем? — таъкид мекард дугонаам.

Ман ҳадс мезанам ҳадди ақал як бор дар умратон шумо ҳам шоҳиди чунин баҳсҳое будаед. Воқеан дар ҷомеаи мардсолори кишвар занон аз ҳар лиҳоз метавонанд зери тозиёнаи танқиди мардон қарор гиранд. Вақте аз тозиёна ҳарф мезанам ташбеҳро дар назар надорам.

Дар ҳақиқат занон дар кишвари мо бо зӯроварӣ на танҳо дар хонаводаву иҷтимоъ, инчунин бо таҳқиру тавҳин, хушунату шиканҷа низ рӯ ба рӯ мешаванд, ки мутаассифона ин поймолкунии арзишҳои як шахсият то ба мақомоти ҳукуматӣ низ расидааст. Метавон даҳҳо мисол дар ин бора зад, аммо қазияи Истад Қурбонова, як зани солхӯрда аз ноҳияи Айнӣ, ки тавассути кормандони милиса шиканҷа шуд, шояд намунаи бориз ва таассуфовари поймол гаштани ҳуқуқ ва қадри як зан дар Тоҷикистон бошад.

Вақте дар кишварам нафаре, фарқе намекунад чӣ зан, чӣ мард, зери таҳқиру шиканҷа аз тарафи мақомоти «ҳифзи ҳуқуқ» қарор мегирад, аз худ мепурсам: дар кишваре қонунмадору ҳуқуқбунёду демократӣ ба амал омадани чунин ҳолатҳо метавонад нишонаи чӣ бошад? Дар кишваре, ки аз ҳуқуқи инсон ба тарзи бояд ҳимоя намешавад ҳуқуқи занон ки қисми ҳаётии ҷомеаро ташкил медиҳанд, то куҷо риоя мегардад?

Занон дар ҳар сурат (чӣ бо дидгоҳи суннатӣ ва чӣ муосир) ба пайравӣ аз фарҳанги бегона муттаҳам мешаванд. Аслан он хати таъодул ё он миёнгини заррин куҷост? Як бонуи тоҷик чи тавр бояд онро пайдо намояд, то аз нигоҳҳо ва ҳарфҳои муғризонаи атрофиён эмин бимонад? Фарҳанг чист, ки бегонаву худӣ дошта бошад?

Мафҳуми фарҳанг ин роҳи муштараки зиндагӣ, андеша ва куниши инсон дар як ҷомеа аст. Фарҳанг шомили ҳунар, адабиёт, илм, офаринишҳо, фалсафа ва дин аст. Вожаи фарҳанг дар паҳлавии сосонӣ ба сурати «фарра ҳанг» омадааст, ки ду ҷузъ «фарра» ба маънои пеш ва фаро, «ҳанг» ба маънои кашидан ва рондан, сохта шудааст. Дар натиҷа фарҳанг ба маънои пеш кашидан, фаро бурдан аст. Яъне онҷӣ сабаби пешрафт мегардад.

Ҳоло, ҳаммеҳани азизам, ту бигӯ, либоси як зан то куҷо метавонад дар пеш рафтан ё нарафтани як ҷомеа таъсиргузор бошад?

Дар Тоҷикистон занон ҳамвора барои исботи баробарҳуқуқияшон ва арзишманд будани шахсияташон дар баробари хостаҳо, меъёрҳо ва пешдовариҳои мардон қарор мегиранд. Онҳо мекӯшанд дар доираи тавон ва имкониятҳои хеш дар ҷомеа таъсиргузор бошанд. Масалан, яке рассомӣ мекунад, дигаре сарояндагӣ, севвумӣ бонуи зебой мешаваду чаҳорумӣ тарроҳи либос, касе ороишгар мешаваду дигарӣ тоҷир ва ғайраву ҳоказо... Аммо ҳамоно фаъолияти зани тоҷик мақбули мардон намешавад, чаро?

Ҷомеа чӣ талаботе аз зани тоҷик дорад ва ӯ бояд чӣ гуна бошад?

Вақте ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳо сар мезанӣ доғтарин масъалаҳо ва пурбаҳстарин матолиб марбут ба занон, ҳуқуқи онҳо ва озидиҳояшон аст. Нуктаи зарифаш инҷост, ки аз занҳо дида бештар мардон дар ин баҳсҳо иштирок доранд. Хуб, шояд касе бигӯяд дар ҷомеаи мардсолори кишвари мо ин як амри табиист. Лек бояд бигӯям нисбат ба чунин баҳсҳо аслан эҳсоси хубе надорам. Зеро чунин ба назар мерасад, гӯӣ барои мардуми мо зоҳири занон муҳимтарин нақшро ифо менамояд. Ва тамоми авомили дигар, ки шахсияти як бонуи тоҷик, як бонуи тоҷикистониро месозад, сужаҳои дувумдараҷа ба ҳисоб меравbooked.

Ман мехоҳам доираи афкори зани тоҷик чизҳои фаротаре аз «чӣ бипӯшам», ва «чӣ гуна ороиш кунам» бошад. Мехоҳам бонувони меҳанам андешманд бошанд ва суолҳои муҳимтарини зиндагияшон «чӣ бихонам?», «чӣ биёмӯзам?», «чӣ чизе биёфарам?» ва амсоли ину фаротар аз инҳо гардад. Орзу дорам занон дар кишварам аз ҳолати инфиъол берун оянд.

Мехоҳам мардони кишварам барои занон садд эҷод накунанд. Қабл аз ин ки нисбат ба бонувони сарзаминам пешдоварие бикунанд, ҳарфи қабеҳе бизананд, ё амали нохушояндеро содир намоянд, ба ин биандешанд, ки модар, хоҳар, ҳамсар ва духтарони онҳо низ метавонанд бо чунин вазъияте рӯ ба рӯ шаванд. Масалан вақте маълум мешавад, ки он корманди мақомоти интизомӣ, ки ба рӯсарии бонуе эрод мегирад, дар хонаи худаш ҳамсар, модар, хоҳар ё духтараш ҳиҷоб доранд, агар онҳо ба чунин ҳолате рӯ ба рӯ шаванд ин корманд чӣ хоҳад кард?

Дар чунин ҳолате ин тарзи рафтори як корманди ҳукумат то чӣ андоза қонунӣ, ё дар доираи одобу ахлоқи инсонист? Чаро дар ҷомеаи мо фазои меъёрҳои дугона ва «як бому ду ҳавои» роиҷ шудааст?

Мо, ки иддао дорем кишварамон демократист. Пас, то куҷо меъёрҳои як кишвари демократӣ дар меҳани мо риоя мегарданд? Шояд касе бипурсад, аслан ин демократия-демократияе, ки мегӯянд чисту чӣ гуна низомест?

Демократия ё мардумсолорӣ як равиши ҳукуматист барои «мудирияти камхато» бар «мардуми ҳақмадор», ки дар он фард ё гурӯҳе хос ҳукумат намекунанд, балки мардум таъйинкунандагони асосӣ мебошанд.

Аз аслитарин равандҳои мавҷуд дар демократияҳои мумтоз ин «рақобатҳои интихоботии одилона», «озодии баён», «озодии андешаи сиёсӣ» ва «матбуоти озод» гуфта шудаанд. Ман мехоҳам матлаби дигарро ҳам илова кунам: Демократия замонет, ки ҳар фарди ҷомеа новобаста аз синну сол, ҷинсият ва сатҳи дороии моддию маънавияш ҳаққи «интихоби озод» дошта бошад. Интихоби озод дар ҳар заминаи ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоияш. Барои мисол зани тоҷик ҳақ дошта бошад дар доираи афкор ва хостҳои қалбии худаш интихоб намояд, он пӯшишеро, ки тарҷеҳ медиҳад ба бар кунад. Ва интихоби ӯ аз тарафи на ҳукумат ва на иҷтимоъ бо қазовати муғризона рӯ ба рӯ нагардад.

Мақоли «меваи мамнуъ — ширин» ҳазорсолаҳост башариятро ҳамроҳӣ мекунад. Кай мо ба дарки ин матлаб мерасем, ки ҳар қадар рӯи озодиҳои мардум фишор оварда шавад, ҳамон қадар мардум ба он самт ҷазб мегарданд. Таъкид рӯи манъи чизе боис мешавад он дар зеҳни иҷтимоъ хостанитар гардад. Ва вой дод аз лаҳзае, ки барои расидан ба хостаҳояшон бихоҳанд ҳама монеаҳоро убур намоянд. Вақте ки кор аз кор бигзарад, сари ақл омадан ё наомадан фарқе нахоҳад дошт.

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи декабри соли 2019*

# «МАРШИРОВКА» ВА ШЕВАИ ФОСИД

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Ту ҳам бо ин калима хуб ошноӣ, на? «Маршировка»-ро мегӯям. Ба хусус, агар «фарзанди замони истиқлол» бошӣ, ҳатман борҳо таҷриба кардаӣ. Намедонам, изҳороти муовини вазири фарҳангро чӣ тавр қабул кардед, аммо он маро дубора ба андешидан дар ин мавзуъ ва ба ёд овардани хотироти начандон қадимие андохт.

«Бовар кунед ҷавонон бо майли худ меоянд. Мехоҳанд! Ҳеч яке аз онҳо аз иштирок дар ин маросим изҳори норизоятӣ накардаанд. Хурсандиовар буд, ки ҳатто дар ҳамон чорабиниҳо ҷавонон ба якдигар ошиқ мешаванд. Дар шаҳри Душанбе ду ҷавон ба ман миннатдорӣ карданд, ки ҳангоми ширкат дар «маршировка» бо якдигар шинос ва ошиқ шуда, оила барпо кардаанд», — гуфт муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон Обидҷон Назарзода дар нишасти хабарии 6-уми феврал.

Вақте дар мактаб мехондам, бори аввал бо «маршировка» «ошно» шудам. Номамро бе он ки бихоҳам, дар рӯйхати «маршировка»-чиён навиштаанд. Ба муаллимаамон гуфтам:

— Муаллимаҷон, чаро номи маро навиштед? Ман хоҳиши иштирок дар чунин ҷамъомадҳоро надорам. Боз мегӯед онҷо рақсидан лозим, ки ман намедонам. Дар онҷо ҳеч фоидаам нахоҳад расид. Шояд номи ягон хоҳишмандро менависед?

Посухи омӯзгор ин гуна буд:

— Намешавад. Аз ҳар синф даҳ нафарро номнавис кардан лозим. Агар туро нанависам, Ситорaро нанависам, Таҳминаро нанависам, пас, киро нависам? «Хулиган»-ҳоро номнавис карда, дар онҷо ба ху-

дам дардисар кунам? Маро ҳам фаҳмед, агар номи даҳ нафарро пешниҳод накунам, аз директор ба ман гап мерасад. Шуморо номнавис кардам, чун гапшунав ҳастеду онҷо бароям мушкил намесозед.

Дигар чизе нагуфтам. Танаффус, ки шуд, рост ба утоқи кории мудири мактаб рафтам. Баъд аз салом гуфтам:

— Муаллима, намешавад, ки аз синфи мо нӯҳ нафар номнавис шаванд? Ман намехоҳам ба «маршировка» равам. Худатон хабар доред, ки ман баъд аз мактаб дарсҳои иловагӣ дорам.

— Касоне, ки «маршировка» мераванд, метавонанд саҳар ба мактаб наоянд, муҳим баъд аз зуҳр дар «маршировка» ҳузур дошта бошанд.

— Масалан, фарз кардем, соати дарсҳои иловагиямро иваз карда тавонам... Лек агар ба мактаб наоям, ки аз дарсҳои мактабӣ ақиб мемонам?

Директорамон ки дигар аз дасти ман сардаргум менамуданд, посух доданд:

— Бачам, чӣ коре мекунӣ, худат медонӣ! Ба ман аз вазорат гуфтанд, ки 150 касро ҷалб кунед. Барои ман фарқ надорад, ки кӣ меравад, муҳим ба ман аз вазорат гап нарасад. Ту ин мушкилро бо роҳбари синфат ҳал кун!

Ҳамон ҷо буд, ки фаҳмидам шеваи фосид чист? Яъне, вақте инсонҳо маҷбуранд мувофиқи талаботи «болонишинон»-и хеш ғайри иродаи худ амал кунанд.

Бо ҳақиқатҳои аз ин талх дар замони донишҷӯӣ аз наздик ошно шудаму таҷрибаашон кардам. Мепурсӣ чи тавр?

Масалан, агар дар мактаб омӯзгорат рӯирост вазъиятро мефаҳмонд ва ту аз рӯи одамгарӣ ҳама корҳоро як тараф мегузоштӣ, то гапе ба ӯ нарасад. Дар донишгоҳ ба хостаат ё вазъиятат ҳатто гӯш ҳам намекарданд. Мегуфтанд, номатро навиштаем ва халос. Агар анҷом надиҳӣ, аз донишгоҳ хориҷ ё аз «стипендия» маҳрум мешавӣ. Шояд иддае ба ин бовар бошанд, ки вақте метавонӣ «балегӯяк» бошиву барои рақсидан дар майдон ба дарсҳои донишгоҳӣ ҳозир нашавӣ ва дар ҷавоб холҳои имтиёзие, ки ҳеч заҳмати фикрӣ бароят накa-

шидаӣ, бигирӣ чаро бо иштирок накардан дар «маршировка» аз ин «имтиёз»-ҳо бебаҳра бимонӣ?

Агар бипурсӣ ҳоло чаро ин ҳамаро бароят гуфтам, мегӯям:

— Чун хеле мутаассифам, ҳаммеҳанам! Мутаассифам, ки мо наметавонем дар меҳанамон тибқи иродаи худамон амал кунем. Мутаассифам, ки «гап расидан аз боло» даҳанҳову дасту пойҳои ҳамаамонро бастааст. Мутаассифам, ки «муовинон» даҳани мардум шудаанд ва аз номи мову шумо ҳарф мезананд. Ба ҷоямон «бале!»-ҳое мегӯянд, ки дар дили мо «на!» ҳастанд. Лек мо боз сукут мекунем. Мабодо аз боло гапе расад! Ман мутаассифам, ки дар меҳани мо роҳҳои осон кардани «маршировка»-ро меҷӯянд. Чаро намефаҳманд, ки «маршировка» бояд аз тамоми мактабу донишгоҳҳое, ки ба ҳунар рабт надоранд, бардошта шавад?

Мегӯед «маршировка» вақти дарс аст, донишомӯзон аз дарсу машқ дур мемонанд. Мегӯянд роҳи ҳалле пайдо мекунем, ки «маршировка» дар вақти дарс набошад.

Мегӯед ҷавонон гушнаву ташна дар сармову гармо чандин соат тамрин мекунанд, аз беҳолӣ беҳуш мегарданд, бемор мешаванд. Мегӯянд «як пирожки киро куштаст? Ташкилотчиён чаро ба пирожки таъмин накардед иштирокчиёнро?»

Мегӯед соатҳои пурарзиши зиндагиро дар маршировкаҳо барбод додан намехоҳем, мегӯянд «маршировка» зиндагиҳоятонро сару сомон медиҳад ва ба «бахт» мерасонад.

Офарин ба мо, ки то ин ҳад сукут кардаем, ки бепарвоёна рӯи шонаҳоямон савор шаванд!

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи феврали соли 2020*

# МУХОЛИФИ ҶАСУР ВА ҲУКУМАТИ ОҶИЗ

Дуруд ҳаммеҳан!

Шояд ту ҳам таваҷҷуҳ карда бошӣ, ки пас аз қатли Борис Немтсов дар 27-уми феврали соли 2015 ва ба хок супурда шудани ӯ, ҳар сол расонаҳо дар ба ёдбуди ин шахсияти сиёсӣ, ки бештар ҳамчун як мухолиф мешинохтанд, матлабҳои гуногун нашр мекунанд.

Албатта, расонаҳо ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи зиёде дода ва дар фазои маҷозӣ он қадар дар бораи қатли ӯ ва фаъолиятҳои сиёсиаш навиштаанд, ки эҳсос мекунам ниёзе ба такроргӯии ман набошад.

Ҳатман ҳоло мепурсӣ, ба чӣ хотир ҳарфро дар ин бора оғоз кардам?

Ин рӯзҳо мавзӯи муносибати ҳукумат ва мухолифат ҳарчи бештар зеҳнамро ба худ машғул доштааст. Агар ёдат бошад дақиқан панҷ сол пеш иттифоқи ба ин монанд дар Туркия бо яке аз мухолифони тоҷик Умаралӣ Қувватов рух дод. Гуфта мешавад, Борис Немтсовро вақте шомгоҳ дар канори пули бузурги рӯди Маскав бо зарбаи панҷ тир ба қатл расонданд. Қувватовро бо аъзои хонаводааш дар як меҳмонӣ заҳролуд мекунанд ва вақте онҳо дар ҳолати ногувори ҷисмонӣ аз «меҳмонӣ» берун меоянд, қотил ба сари ӯ тир мезанад.

Туро намедонам, аммо ин ду иттифоқ маро ба андешидан водор мекунад. Вақте дар ҷустуҷӯи пурсишҳоям ба китобҳои таъриху сиёсат саре задам, хеле аз сиёсатшиносону таърихдонон бар ин бовар буданд:

«Он гоҳ, ки шахсиятҳои нотавону заиф, аммо бо уқдаҳои бузург ба даврон мерасанд, ҳамвора талош мекунанд барои бузург ҷилва додани шахсияташон ва исботи тавоно буданашон дар баробари мухолифонашон аввалин иқдоми чорасозе, ки пайдо мекунанд, тавассул

ба зӯргӯӣ ва қатлу куштор хоҳад буд. Чун ин як вижагии хоси худкомаҳои уқдаист. Худкомаҳо дар аксари мавридҳо талош мекунанд, уқдаҳои худро бо тавассул ба ҷиноят ва ҷинояткорон ҷуброн кунанд».

Ҳаммеҳанам, мо одамҳо дар тӯли зиндагиямон бо марг борҳо рӯ ба рӯ мешавем. Марги аъзои хонаводаамон, дӯстону ошноёнамон. Аммо маргҳои табиӣ одатан бо гузашти замон, роҳаттар аз зеҳнамон зудуда мешаванд ва ҳатто агар ба пурра пок нашаванд ҳам, дардаш то ҳадде таскин ва хотирааш камранг хоҳад шуд.

Лек вақте инсон бо марге рӯбарӯ мешавад, ки тавассути омилҳои ғайритабиӣ ва ба зӯри фард ё афроди муайяне сурат гирифта, ҳатто агар бихоҳем ҳам хотираи он аз зеҳнамон ҳаргиз зудуда намешавад.

Агар дар бораи марги чеҳраҳои матраҳе ба мисли Борис Немтсов ё Умаралӣ Қувватов бигӯем, дар китобҳои таъриху сиёсат навиштаанд, ки одатан асрори қатли онҳо ва чеҳраи қотилон зуд бармало намешавад. Ҳамин ҳоло дар бораи ин ду куштор чандин фарзияи зиддиҳам садо медиҳанд ва шояд иҷрокунандагонро боздошту муҷозот кардаанд, аммо фармоишгарон паси парда мондаанд. Худи мақомот низ мегӯянд, чун қазия рӯшан нест, таҳқиқи он идома дорад.

Вале агар ҳатто агар рӯшание ҳам шавад ва сари наххое пайдо гарданд ҳам, гумон аст ҳақиқати воқеа ба зудиҳо ошкор гардад. Аммо гузари замон ва хотироти таърихӣ исбот кардаанд, ки лаккаи нанги ин тавр ҳодисаҳо барои ҳамеша бар пешонии ҳукуматҳои худкома ё афроди қудратманд хоҳад монд. Инсон бо нуқсу камолаш инсон аст. Яъне мутлақан хуб ё комилан бад намешавад. Ҳеч инсоне орӣ аз гунаҳ буда наметавонад. Ҳақиқати мутлақе нест. Пас табиист, ки ҳамеша мухолифати назарҳо дар миёни мардум вуҷуд доштаву дорад. Аммо мо одамҳо ҳастем, ки интихоб мекунем заиф бошему якдигаркушӣ кунем, ё тавонотар аз он бошему ба ҳарфи якдигар гӯш диҳем.

Чунин андешаҳо имрӯз ба зеҳнам меоянд. Шояд дурустанд ва шояд нодуруст. Ту, ҳаммеҳан, чӣ мегуӣ?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи феврали соли 2020*

# «ҶАСОРАТ» Ё «ҲАМОҚАТ»?

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Ин суолест, ки имрӯз маро водор ба ковишҳои дарунӣ карда: ҷасорат ё ҳамоқат?

Шояд бипурсӣ, ки аслан далели пайдо шудани чунин суоле дар хиёлам чист?

Ин суол, ки бароям ба таври аҷибе мушобеҳи суоли «будан ё набудан?»-и Шекспир садо медиҳад, ба он хотир дар зеҳнам ба вуҷуд омада, ки шахси бароям хеле азиз гуфт: «Мумкин аст навиштаҳоят машҳурат кунанд, мумкин имрӯз иддае туро ҷасур хонанд, иддае хоин, аммо бояд бидонӣ, оқибат ҳеч кадом аз онҳо дар канорат нахоҳанд монд. Ту танҳо мемонӣ! Бо ин корҳо фақат ба худату наздиконат ба хонаводаат зарар мерасонӣ. Чун хосияти сиёсат ҳамин аст. Фарҳанг аст, ки метавонад номи одамро ҷовид гардонад. Метавонӣ ин роҳро интихоб кунӣ. Лек зан дар роҳи сиёсат, агар хеле истеъдод дошта бошад, мешавад ё Ойниҳол Бобоназарова ё Гулрухсор.»

Ӯ ба ин ҳарфҳо имони комил дорад. Чун аз он қабил одамҳоест, ки то ҳар калимаи мегуфтаашро борҳо дар тарозуи ақлу эҳсос барнакашад, чизе намегӯяд. Ва ҳамин ҳарфҳо боис шуд, ки ба андеша фурӯ равам у ин суол дар зеҳнам зода шавад. Охир ин аввалин бор аст, ки мешунавам чизҳои ҳамтирознашавандаро бо ҳам дар як тарозу бар кашанд. Бо ин ки ба ин ду бонуи арҷманду шоистаи ҳаммеҳанам эҳтироми иродати зиёд дорам, медонам ҳеч гоҳ дар масири онҳову ҳампояшон қадам гузошта наметавонам. Зеро дидгоҳҳои мо мутафовит аст. Роҳҳое, ки мепаймоем, аз ҳам фарқ мекунанд. Ва дарку

таҷрибаамон аз зиндагӣ бо ҳамдигар қобили муқоиса нест. Пас, бадеҳист, ки имкон надорад рӯзе ба қуллаҳое бирасам, ки ин бонувони гиромӣ, сазовор рӯяшон истодаанд.

Чизи диққатҷалбкунандаи дигар бароям ташреҳоте буд, ки аз сиёсату фарҳанг кард.Пас ба дунболи баъзе хотирот ба дунёи кӯдакию навҷавонӣ баргаштам. Ёдам омад аввалин бор дар бораи Маргарет Тетчер ё «бонуи оҳанӣ» дар 14-15-солагиям шунидаму баъд аз он дар пайи хондани саргузашти ӯ ва тағйироти пояие, ки дар Ингилистон ба вуҷуд овард, шудам. «Заифа»-е, ки метавонист ҳампойи мардон истиқомат нишон диҳад ва ҳарфашро ба курсӣ биншонад. Аммо бо ҳамон нигоҳи кӯдакона ҳам мефаҳмидам, ки фазои кишвари мо ҳанӯз барои амалӣ шудани чунин орзуҳое омода нест. Яъне, орзуи сиёсатмадор шудан дар ҳамон 14-15-солагӣ дар вуҷуди ман мурд.

Ман ҳунарро интихоб кардам. Ҳамаи шохаҳои ҳунарро дӯст доштам, аммо адабиётро зояндаи ҳунарҳои дигар, ё дурусттар аст бигӯям, манбаи илҳоми шохаҳои дигари ҳунар медонистам. Пас, дилам хост нависанда шавам. Бо заноне аз қабили Маргарет Мичел, ки танҳо бо як асар дар адабиёти ҷаҳон мондагор шуд, бо Джейн Остин аввалин нависандаи зани адабиёти Ингилис, бо хоҳарони Бронте, бо Мэри Шеллӣ, бо Урионо Фелочӣ, Изобел Оланде, Вирҷиниё Вулф, Агата Кристӣ, Ҷуон Роулинг ва чанде дигар ошно шудам. Заноне, ки метавонистанд қаҳрамонони мондагор офаранд, дунёи тозае халқ кунанд, нигариши навине ба вуҷуд оваранд.

Пас аз ошноӣ бо осору зиндагии чунин заноне ба хубӣ дарк мекардам, ки зан ба ғайр аз илоҳаи илҳом будан, метавонад офаринанда низ бошад. Фаҳмидам, ки агар ҳарф сари офаринандагист, ин ҳунарро зан аз лаҳзаи ба дунё омадан дар вуҷуди худ дорад.

Ман ба Маргарет Мичели хурдҷусса, ки барои шурӯи фаъолияти рӯзноманигорияш дар идораи нашрия маҷбур шуданд пояҳои мизи кориро бибуранд, то ба қади ӯ мувофиқ ояд, офарин мехондам. Ба Джейн Остин ки дар даврае таърихсоз роҳро барои занони нависанда дар адабиёти инглис боз кард, ҳавасам меомад. Ба ҷасорати Урионо Фелочӣ, дар мусоҳибаҳояш бо саллохону ошиқони таърих, аз дидораш

бо махуфтарин диктотурҳои ҷаҳон ва он ки чи тавр онҳоро дар доми суолҳояш гирифтор мекард, то маҷбур мешуданд ниқобҳояшонро бардоранд, дуруд мефиристодам. Дар як калом ҳар як аз ин занон маро ба гунае шефтаи худу ҳунарашон мекарданд.

Ин шуд, ки ман роҳи рӯзноманигорӣ ва адабиётро ҳамзамон интихоб кардам. Ҳоло шумо, азизон, шоҳиди аввалин қадамҳоям дар роҳи рӯзноманигорӣ ҳастед, на сиёсат! Хеле умедворам, ки ба зудӣ шоҳиди нахустин қадамҳоям ба дунёи адабиёт низ хоҳед шуд.

Аммо мехоҳам як чизро бароятон рӯшан кунам.

Ин ки рӯзноманигорон новобаста ба таҳдидҳо, туҳматҳо, фишорҳо, ҳарфҳои пасту баланд, ки аз мақомот, кормандони амният ва низ шахсҳои номаълум дар шабакаҳои иҷтимоӣ мешунаванд, аммо ба фаъолияти касбияшон беғаразона идома медиҳанд, чӣ маъно дорад? Ин ки журналистон аз тарафи «афроди номаълум» латукӯб мешаванд, ба баҳонаи масхара ва амдан ба зиндонҳо фиристода мешаванд, танҳо ба далели иҷрои содиқонаи вазифаи касбияшон хоину ҷинояткору ифротӣ хонда мешаванд, то куҷо нишонаҳои як ҳокимияти солим буда метавонад? Оё айби рӯзноманигорон аст, ки наметавонанд нисбат ба тақдири Меҳанашон бетараф бошанд? Ин кор ҷасорат аст ё ҳамоқат?

Ман коре ба сиёсатмадорон надорам. Ин суолҳои ману навиштаҳоям барои шумост, ҳаммеҳанонам. Шумо бигӯед, чаро вақте расонаҳо аз вуҷуди бемории коронавирус бонги изтироб мезаданд, онҳо хоину иғвоангез номида шуданд. Баъзеҳо фиғон баровардaнд, ки ин расонаҳо сӯзонда шаванд, кормандонашон боздошт, ҳатто ба дор кашида ё аз кишвар ронда шаванд.

Чаро вақте рӯзноманигоре аз COVID-19 гуфт, ӯро латукӯб карданд? Ҳоло вақте ҳукумат вуҷуди куруноро тасдиқ карда, замоне ки Тоҷикистон байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бештарин талафотро дорад, касе набояд чизе бигӯяд? Яъне инсофан фикр мекунӣ сукут кори дуруст аст?

Мардуми ноҳияи Хуросон магар чӣ гуноҳ доранд? Ин як гурӯҳ ҳаммеҳанони мо, ки дар як он, ҳамаи дороияшонро офат бо худ бурду

нобуд сохт, хато карданд, ки аз ҳукумат дархости кумак намуданд? Иштибоҳ буд, ки бепарвоии ҳукумати маҳаллиро дида, хостанд аз ҳукумати марказӣ кумак талабанд? Магар гуноҳи мардум ҳамин аст, ки бо охирин умедашон ба самти ҳукумати марказӣ имдодталабона даст дароз мекунанду чӯби як идда авбоши амниятиро мехӯранд?

Бояд ба ин тӯда гуфт, ки қаламу андешаи рӯзноманигор болҳои парвози ӯ ҳастанд. Чаро ба худ иҷоза медиҳед боли онҳоро бишканед ва пуррӯёна таваққуъ ҳам доред, ки дар баробари ин ҷиноятатон сукут бикунанд? Чаро журналистоне, ки таҷрибаи корияшон чандин даҳсоларо дар бар мегираду дар ин миёна садоқаташонро ба ин меҳану ин мардум борҳо исбот кардаанд, бояд аз тарафи як идда одамҳои номаълум таҳқиру тавҳин шаванд? Ин гурӯҳи номаълум кӣ ҳастанд, ки ба худ иҷоза медиҳанд рӯи ҳар касу ҳар рӯзноманигоре дилашон хост муҳри хоин, ифротӣ ё иғвоангез бизананд? Чаро, агар шумо ҳукумат ҳастед, онҳоро барои чунин тухмат ва даъват ба зӯроварӣ ҷазо намедиҳед?

Масалан чаро вақте Шаҳлои Гулхоҷа, Хиромон Бақозода, Афсона Акобиршоева ё ҳар рӯзноманигори зани дигар мусоҳибае бигирад, мақолае бинависад, назарсанҷие бигузаронад, дар кул вазифаи касбияшро содиқона иҷро кунад, ин иддаи номаълум дар фазои маҷозӣ ба онҳо ҳамлавар мешаванд?

Оё ин идда гумон мекунанд, ки рӯзноманигорони пурталош ва ё раҳбарони расонаҳое амсоли «Озодӣ» ва «Asia-plus» камтар аз онҳо ошиқи ин марзу буму мардумаш ҳастанд? Агар чунин гумони беасосе доранд, бояд бигӯям, он рӯзноманигорҳоеро, ки талош доред бадном созеду дар чашми мардум бад ҷилва диҳед, на танҳо аз шумо, балки бештар аз ҳар курсинишини ин кишвар, ошиқи Тоҷикистон ҳастанд ва мардумашонро бештар дӯст доранд. Ҳар чи менависанд танҳо ба хотири муҳаббати бепоёнашон ба меҳан, миллат ва касбашон аст. Онҳо медонанд бидуниислоҳи камбудиҳо рушд имконпазир нест. Пас, содиқона камбудиҳои мавҷударо нишон медиҳанд, то курсинишиноне, ки муваззафанд ин мушкилотро ҳал кунанд, даст ба кор шаванд.

Ҳол ин ҷо рӯи суханам ба он азизест, ки дар аввали матлаб ёдаш кардам. (Албатта ба ҳар каси дигаре ҳам, ки чунин назар дорад.)

Ман дард мекашам! Чаро намефаҳмӣ? Агар чизе мегӯям аз дард аст. Шояд ҳақ бошӣ. Шояд барои шахси ман беҳтар мебуд, ки сукут кунам, мисли ҳазорҳо нафари дигар. Шояд беҳтар буд, агар каме худхоҳ мебудам. Аз пайи хуб кардани зиндагии худам, аз пайи сохтаниояндаам мешудам. Шояд беҳтар мебуд нисбат ба тақдири Меҳану ҳаммеҳанон бепарвоӣ мекардам. Шояд ба нафъам буд ба зиндагии содаи як зани оддии тоҷик иктифо менамудам. Сарамро ба кору бори хонаву тарбияи фарзандон банд мекардам. Аммо ин эҳсос чизе нест, ки битавонам идорааш кунам. Ман худамро дар қиболи ин сарзамину мардумаш мадюну муваззаф медонам, мефаҳмӣ?

Бале, ман фақат як занам. Як заифа! Бехонумонам, чун хонаи ман кулли Тоҷикистон аст. Ин хона солҳост, ки дару панҷараҳояш бастасту бо пардаҳои захим ҳамаи равзанаҳо пӯшида шудаанд. Ман зани заифе ҳастам, ки тоқати ҳавои масмумшуда аз фишору сензураро надорад. Магар вазифаи як зан назофати хонааш нест? Ман мехоҳам ин пардаҳоро биканам, то нур вориди хона шавад. Мехоҳам дару панҷараҳоро боз кунам, то ҳавои тоза ба хона дарояд. Мехоҳам оинаҳоро аз ғубори тарсу ҷоплусӣ пок кунам то ҳамеша ҳақиқатро нишон диҳанд. Мехоҳам лавозими гарду ғуборгирифтаро бишӯям. Мехоҳам хонаро бирӯбам. Меҳани ман ба хонатаконӣ ниёз дорад! Мефаҳмӣ? Иҷоза бидеҳ вазифаи занонаамро иҷро кунам.

Бифаҳм, азизи дил, коре, ки як рӯзноманигори масъулиятшинос анҷом медиҳад, на ҳамоқат аст, на ҷасорат, балки шарофат аст! Шарофати анҷоми кори рӯзноманигорро на ҳар кас дорад. Ман фақат иҷозаи доштани чунин шарофатеро мехостаму мехоҳам. Оё иштибоҳ кардаам?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи майи соли 2020*

# «АЗ ҲУКУМАТ ЧӢ МЕХОҲАМ?!»

Пешопеш маъзарат мехоҳам аз азизони сиёсатшиносе, ки ин навиштаи шогирдона ва ғайриҳирфаӣ шояд ба завқашон писанд наояд. Он чи пеши рӯи шумост танҳо фикр ва диди як ҷавон нисбати ин мавзӯъст.

Давлат маҳдудаест, ки ин ё он иҷтимоъ дар он зиндагӣ мекунанд ва соҳиби он ҳудуд ба ҳисоб меравнд. Дар инҷо ба ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра зиёд ворид намешавем. Танҳо мекӯшем дар мисоли муайян ва барои ҳамаи мо то ҳадде ошно изҳори назар бикунем.

Тоҷикистон давлатест, ки маҳдудаи ҷуғрофиёии ҳозирааш тибқи маълумоти Википедия 141.400 километри мураббаъро ташкил медиҳад ва бо Чин, Афғонистон, Узбакистон ва Қирғизистон ҳамсоя аст. Дар Тоҷикистон тоҷикон бузургтарин гурӯҳи иҷтимоъ буда, инчунин ақаллиятҳое ба мисли қирғиз, узбек, рус ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Ҳамин маҳдудае, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар он зиндагӣ мекунанд ва ҳукумати интихобшуда онро идора мекунад, давлат ҳисобида мешавад.

Ҳукумат низомест, ки давлат ва ҷомеаи дар он бударо идора мекунад. Метавон гуфт, он абзорест, ки ба василаи он сиёсати давлатии мо таъин ва амалӣ мешавад. Навъи ҳукумат бошад аз рӯи фаъолияти се шохаи асосии он яъне, қонунбарор, иҷроия ва судӣ муайян мегардад. То чи андоза коромад будани ин шохаҳо таъинкунандаи сатҳи зиндагии осоиштаи мардум аст. Қонунҳои қабулшаванда барои беҳтар намудани зиндагии мардум аст ё махсуси афрод ва гурӯҳи хос? Ҳукми

судҳо дар кишвар то чӣ андоза мунсифона ва дуруст аст? Ҳокимияти иҷроия фармонбардори кист? Қонун ё шахси муайян?

Биёед бар мабнои авзои кишвар хулоса мебарорем. Зеро дар илми сиёсат олимон аз рӯи нишондодҳои гуногун ҳукуматҳоро табақабандӣ кардаанд, ки барои шарҳи ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ бо кутоҳтарин ташреҳ ҳам замони зиёде лозим мешавад. Ҳукумати феълии кишвар ба кадом навъи илмии он дохил мешавад? Шуморо намедонам, аммо вақте ман хостам ҳукуматро ба гурӯҳи муайяне ворид кунам, натавонистам байни чанд мавриди зер, ки дар китобҳои сиёсатшиносӣ мутолеа кардаам, беҳтаринашро баргузинам.

Ҳукумати худкома, ки тавассути як нафар идора мешавад ва тасмимоташ ҳеч маҳдудияти қонуние надоранд. Худкомагон ба хидматгор ниёз доранд, дар ҳоле ки ситамгарон ба бардаҳо барои пешбурди корҳояшон ниёз хоҳанд дошт.

Ҳукумати мутлақ тавассути як воҳид идора мешавад. Ин воҳид метавонад як фард бошад, ҳамон тавре ки дар ҳукуматҳои худкома аст, ё ин ки як гурӯҳи муайян.

Ҳукумати диктотурӣ тавассути як фард идора мешавад ва тамоми қудрат дар саросари кишварро дар даст дорад. Ин истилоҳ мумкин аст ба низоме итлоқ шавад, ки диктаторҳо дар он ба қудрат мерасанд ва ба василаи зӯр онро дар дасти худ нигоҳ медоранд. Ҳамчунин мумкин аст ба вазъияте гуфта шавад, ки дар он фарди диктатор ба сурати қонунӣ ба сари кор биёяд, аммо бо дасткорӣ дар қонуни асосӣ тадриҷан тамоми қудратро аз они худ кунад.

Непотизм ё хешовандсолорӣ низомест, ки тавассути хешовандони фард ё гурӯҳи ҳоким идора мешавад. Дар чунин низоме тамоми манофеъ ва мансабҳо ба хешовандони афроди дар қудрат буда вогузор мешавад. Сарфи назар аз ин ки эшон шоистаи чунин симате ҳастанд ё на. Дар ин низоми ҳукуматӣ хешовандон ва ақрабои онҳое, ки дар садри қудрат ҳастанд, аҳамияти бисёре доранд ва аз ҳар гуна имконоте бархурдор мешаванд.

Кокистукросӣ ё ношоистасолорӣ, ҳукумате аст, ки тавассути аҳмақҳо идора мешавад. Низоми ҳукумате, ки дар он бадтарин ё кам-

салоҳияттарин шаҳрвандон дар садри корҳо қарор мегиранд. Бино ба табиати навъи башар, ки дар занҷираи меросӣ дучори нуқсу айб мешавад, ингуна баён шудааст, ки ҳар ҳукумате, ки то кунун по ба арсаи вуҷуд гузоштааст, мумкин аст мисолҳое аз ин низоми ҳукуматиро дар худ дошта бошад.

Клептукросӣ ё duzdsolorӣ, низомест, ки тавассути duzdон идора мешаваду дар ин низоми ҳукуматӣ мақомоти расмӣ ва тамоми табақоти ҳоким дар кул ба дунболи пайгирии манофеи хеш ва афзоиши сарват ва қудрати сиёсии худ ҳастанду тамоми ин корҳоро аз ҳисоб ва ҳазинаи мардум анҷом медиҳанд.

Фобиякросӣ ё тарссолорӣ ҳукуматест, ки бар асоси тарс ва нафрат идора мешавад. Дар ин ҳукумат асли тамоми созмондиҳиҳо ва усул бар пояи эҷоди тарс дар байни мардум аст, то битавон онҳоро мутеъ ва сокит нигоҳ дошт. Ин вежагӣ як абзори мавриди таваҷҷуҳ аст, ки ба назар мерасад тамоми шаклҳои ҳукуматҳо дар тӯли асрҳо аз он баҳра ҷустаанд. Дареғ, ин абзорро як хосияти роиҷ дар миёни инсонҳо коромад кардааст. Шак доштан нисбат ба ҳама боиси парҳезе огоҳона байни мардум мегардад. Ба илова, тарс доштан аз ҳоким ҷуръати эътироз ва муқобиларо бо ӯ аз мардум мегирад ва онҳоро ба шаҳрвандоне табдил мекунад, ки бе чуну чаро аз хостаҳои ҳокимашон пайравӣ ва фармонбардорӣ мекунанд. Ҳатто мардумро ба гурӯҳҳои кӯчаки ҳаросзада ва ҷоҳил тақсим мекунанд ва тарси ҳама чизро дар дилашон мекоранд, то тавони ҳаргуна иқдом аз эшон гирифта шавад. Инсонҳое, ки босавод ва мутталеъ бошанд камтар дар маърази тарсу нафрат қарор мегиранд. Барои ҳамин ҳам кӯшиш бар он мешавад, ки мардумро дар ҷаҳлу бесаводӣ нигоҳ доранд, то тарс боис шавад аҳмақонатарин хостаҳоро низ амалӣ созанд.

Ҳукумати кунунии кишвари мо бори аввал пас аз ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои 1991, бо роҳбарии Э. Раҳмон раисҷумҳури феълии кишвар рӯи кор омад. Дар бораи ду давраи аввали фаъолияти ҳукумати феълӣ чизе гуфтанӣ нестам. Чун дар тамоми кишварҳои баъд аз ҷанг ҳокимият аз мушкилот орӣ нест, аммо дар он шароит қабеҳтарин иштибоҳҳо низ аз тарафи мардум бахшуда мешавад, зеро ҳама ниёз

рӯҳӣ ба осоиш ва бозгашти амният доранд. Лек солҳо пайи ҳам сипарӣ мегардад ва дар сентябри имсол дақиқан 28 сол мешавад, ки ҳукумати феълӣ дар қудрат аст. Пас, бешак пайдо шудани афроде, ки аз каму костиҳои мавҷуд дар кишвар бигӯянд, амри табиъист. Зеро аз он замон то ба ҳол чанд насл иваз шуда. Онҳое, ки ҳамон солҳо ба дунё омаданд, акнун ҷавонҳои 28-30 солаанд. Яъне инсони болиғе, ки дарки шинохти дуруст аз ғалат ва рост аз дурӯғро дорад.

Биёед, ҳукумати феълии моро ба инсон ташбеҳ диҳем. Бигирем, ки кӯдак то панҷсолагӣ ақли дуруст надорад. Ӯ он қадар ҷаҳони атрофашро дарк намекунад. Вале ба ҳар ҳол кунҷков аст, ки бубинад ва биёмӯзад. То даҳсолагӣ кӯдак донишҳои аввалияи зарурӣ аз қабили хондан, навиштан, суол додан ва посух ҷустан ба пурсишҳояшро меомӯзад.

Понздаҳсолагӣ синнест, ки дар он навҷавон дар ҷустуҷӯи роҳи зиндагист. Замоне ки бо мушкилоти зиндагӣ тоза рӯ ба рӯ мешавад, бояд дарк кунад дигар вақти он расида, ки кам-кам бидуни дахолати модару падару бародари бузургтараш мушкилоташро ҳал ва роҳи зиндагияшро муайян созад. Дар бистсолагӣ ҷавон бояд ба ин бовар бирасад, ки дигар гуноҳҳои мекардаашро наметавонад ва набояд зери баҳонаҳое аз қабили нопухтагӣ, беақлӣ ва шӯри ҷавонӣ пинҳон кунад.

Ҳар иштибоҳе, ки аз ин ба баъд муртакиб мешавад сад дар сад хатои худаш аст, пас, барои ҳар яки он бояд ҷавоб гӯяд. Муҳимтар аз ҳама ин дигар синну солест, ки ба фикри ба даст овардани даромади худ бояд шуд. Дигар «кумакпулӣ» талабидан аз ину он бояд боиси шарм бошад. Дар 25-солагӣ инсон бояд шахсияти комилан мустақил ва ба камолрасида гардад. Чӣ аз лиҳози модӣ ва чӣ маънавӣ, инчунин асоситарин пояҳои шахсияташ гузошта шуда бошанд, то дар идомаи зиндагӣ танҳо бо кӯлбори таҷриба дар атрофи ин сутунҳо бинои вуҷудашро бисозад.

Акнун мерасем ба суолҳои асосӣ: Тайи ин 28 сол бар пояи ин муқоиса ҳукумати Тоҷикистон ба кадом нуқта расида? Оё мо истиқлоли молӣ дорем? Аз назари илмӣ ба кадом муваффақиятҳо даст ёфтем? Оё метавон гуфт, ки зиндагии мо ба рифоҳ ва фаровонӣ расидааст,

ё на? Суолҳои зиёде дар сарам мечарханд, бешак, дар сари шумо низ ҳоло дар ҳоли гардишанд. Пайдо кардани посух ба ин пурсишро вогузор мекунам ба худатон, то нагӯед, ки фикри шахсиямро таҳмил карданиям.

Фақат чанд вазифаи асосиеро номбар мекунам, ки бар ин назарам на танҳо ҳукумати кишвари мо, балки ҳукумати тамоми кишварҳои олам муваззафанд онро иҷро кунанд.

Ҳифзи назм ва амнияти ҷомеа. Дар инҷо мешавад аз фишорҳо рӯи афроди ҷомеа ёд кард. Яъне дар ҷомеаи озод ва дар кишвари демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд набояд ҳеч шаҳрванде аз тарафи дигар шаҳрванд ё гурӯҳи махсусе аз иҷтимоъ барои дидгоҳи сиёсӣ, мавқеи иҷтимоӣ ё боварҳои динияш таҳти фишор ё тамасхур қарор гирад. Ҳар шаҳрванди Тоҷикистон ҳақ дорад пайрави ҳар дине, ки мехоҳад ва ҳар дидгоҳи сиёсие, ки дуруст мешуморад, бошад. Дар сурате ки ба озодии дигар шаҳрвандони кишвар халале ворид накунад. Ҳукумат бояд барои амният ва зиндагии осуда ва босуботи ҳамаи шаҳрвандон бикӯшад.

Баровардани ниёзҳои илмӣ ва маънавии мардум. Ин бад-он маъно аст, ки шаҳрвандони кишвар, дар ҳар гурӯҳи синние дастрасии пурра ва озод барои омӯзиш дар тамоми мақтаъҳои илмиро дошта бошанд. Дурдасттарин деҳоти кишвар бо мактаб ва муаллимҳои мутахассис таъмин гарданд. Дар тамоми шаҳру деҳоти кишвар китобхонаҳои муҷаҳҳаз вуҷуд дошта бошанд. Марказҳои фарҳангие фаъолият кунанд, ки бо наврасону ҷавонони хоҳишманд тамринҳои театрӣ, синамоӣ баргузор намоянд ё дарсҳои мусиқӣ, чи классик, чӣ навин баргузор созанд. Набояд сатҳи фарҳангии наслҳои оянда вазъи ифтизоҳии кунуниро дошта бошад.

Мутаносиб ва мутаодил сохтани ҳамаи фаъолиятҳои иқтисодӣ ва моддии афроди ҷомеа. Фикр мекунам ин бидуни ташреҳ ҳам маълум аст. Ба ҳар ҳол ишора мекунам, ки ҳукумат бояд шаҳрвандонашро бо ҷои кор ва музди муносиб таъмин намояд. Коҳиши сафи муҳоҷирони меҳнатӣ, боз шудани ҷойҳои нави корӣ ва додани имконият барои роҳандозӣ кардани тиҷорат ва соҳибкорӣ, бидуни тарси ғасб шудани

он аз тарафи афроди наздик ба хонаводаи раисҷумҳур ва мансабдорони қудратӣ метавонад аз асоситарин қадамҳо барои расидан ба пешрафтҳои назаррас дар кишвар бошад.

Дифои шоиста аз ҷомеа дар баробари душманони берунии он. Албатта, аз назари сиёсӣ душман номидани қирғизҳо хатост. Аммо бо таваҷҷуҳ ба ҳаводиси ахир метавон аз воқеаҳои Ворух ёд кард. Яъне, дар Ворух набояд шаҳрванди Тоҷикистон кушта шавад. Ё бо ҳамсояаш задухурд карда захмӣ шавад. Агар дар маҳдудаҳои марзӣ гурӯҳҳои махсуси низомӣ ҳузур дошта бошанд, вуҷуди онҳо дар он манотиқ боиси тарс додани ҳамсоя барои таҷовуз ба хоки кишвар мешаванд ва шаҳрвандони кишвар дар амният бо хаёли роҳат зиндагӣ мекунанду бовар хоҳанд дошт, ки дар кӯчактарин мавориди ҳуҷуми бегонагон ҳукумат ва низомиёни аз онҳо ҳимоят хоҳанд кард.

Дар охир бояд зикр кард, ки яке дигар аз асоситарин вазоифи ҳукумат ин барои шаҳрвандонаш фазои озодро муҳайё кардан аст. Бояд озодии баён ва ҳуқуқи аввалияи тамоми шаҳрвандонашро муҳтарам шуморад ва онҳоро нақз накунад. Фаъолияти рӯзноманигорон ки рӯз аз рӯз дар кишвар сахт мегардад ва кӯчактарин ишора ба мушкилот боиси ворид шудани номи афрод ба «рӯйхати сиёҳ» мешавад, бояд хотима ёбад. Ҳукумат се шоха дорад. Аммо шохаи номаръии он рӯзноманигоронанд. Вақте худро дар оина менигаред гиребони каҷатонро рост намегӯяд, ё кафши касифатонро тамиз нишон намедиҳад. Инчунин вазифаи оина нест, ки гиребони шуморо рост кунад, ё чирки кафшатонро тоза созад!

Рӯзноманигор ҳамон оина аст, фақат нишон медиҳад, ислоҳ кардан ё накардан дасти худи шумост!

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи июли соли 2020*

# ЧАРО ДАР ИНТИХОБОТ НОМЗАДИ САЗОВОРЕ НЕСТ?

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Хеле вақт аст, ки бо ҳам суҳбат накардаем. Имрӯз мехоҳам, дар бораи интихобот ҳарф бизанем. Шояд ту бо ҳарфҳои ман мувофиқ бошӣ, шояд ҳам баръакс — мухолиф. Шояд баъзеяшонро қабул дошта бошӣ ва баъзеяшонро рад бикунӣ. Ман ҳам интизор надорам ҳамешаву дар ҳама ҳолат афкору назару натиҷагириҳои монанд дошта бошем. Дар ҳар сурат, дилам хост, он чиро, ки аз зеҳнам мегузарад, бо ту дар миён бигзорам.

Агар ҳоло хориҷ аз кишвар намебудам, шояд имсол ман ҳам метавонистам мисли хеле аз ҷавонони дигари меҳанамон ки ба синни қонунии овоздиҳӣ расидаанд, дар интихобот иштирок кунам ва ба номзаде, ки лоиқаш мешуморам, раъй диҳам. Вале оё номзади сазоворе дар интихоботи имсола иштирок дорад?

Гумон намекунам. Шояд бипурсӣ, барои чӣ? Чун аз байни панҷ номзад дар интихобот аксари аҳолӣ танҳо як нафарро мешиносанд ва он ҳам раисҷумҳури феълии кишвар аст. Чаҳор номзади дигар, бо инки ба ном иштирокчии интихобот ҳастанд, барои шиносондани худ ва барномаи худ дар амал ҳеч талоши муассире накардаанд.

Албатта, ин костии онҳо замоне чашмрастар гашта, ки тайи чанд моҳи ахир тамоми расонаҳои давлатӣ дасти кам рӯзе як бор номи Эмомалӣ Раҳмонро ёдрас мешаванд. Дар фазои маҷозӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳо ва аксҳои таблиғии ӯ дар гардишанд ва сухан кӯтоҳ

барои таъсиррасонӣ ба афкори умум тамоми воситаҳои мумкинро истифода мебаранд.

Пас, табиист, ки номзадҳои дигар бо барномаҳои заифи омодакардаашон ва таблиғоти суст ва назарногири то ба ҳол ичро намудаашон камтарин шонсе дар баробари ҳарифи хеш надоранд. Ҳоло, ки ин интихобот танҳо як номзади ба истилоҳ «омода» дорад, биёед, вақтро талаф накунему мустақим биравем суроғи ӯ.

Эмомалӣ Раҳмон мутаваллиди соли 1952 ва аз соли 1994 раисҷумҳури Тоҷикистон аст. Наздик ба 28 сол аз умри 68-солааш дар раъси идораи давлат қарор дорад. Шояд оқилона мебуд, агар бо хоҳиши худ аз иштирок дар интихоботи имсола даст мекашид, аммо ба назар мерасад ӯ ба роҳатӣ аз курсии раисҷумҳурӣ рафтанӣ нест.

Аҷиб аст, бо ин ки аз 22-юми майи соли 2016 синни номзад ба курсии раисҷумҳурӣ ба 30 сол коҳиш ёфта, дар байни номзадони имсола ҷавонтаринашон 60 сол дорад.

Инчунин намешавад зуҳури Фаромуз Иргашовро, ки кӯшиш дошт ба таври худпешбарӣ ба интихобот роҳ пайдо кунад, нодида гирифт. Зеро ягона иттифоқи ғайримунтазираи мусбати интихоботи имсола ҳамин ҷуръат ва талоши ӯ аст, ки мутаассифона номуваффақ, аммо умедбахш буд. Шояд талоши имсолаи ӯ фоли некест, ки дар интихоботҳои баъдӣ сафи ҷавонон дар ин қабил маъракаҳои муҳими сиёсӣ афзоиш хоҳад ёфт. Албатта, агар зимомдорон барои ҷавонон ҳамвора садд насозанд.

Ман дар кул мухолифи он ҳастам, ки инсонҳои зиёд солхӯрда раисҷумҳури Тоҷикистон шаванд. Махсусан, ҳоло, ки барои пешрафт ва такомули кишвар ниёзи мубраме ба нерӯи нав, идеяи нав, роҳкорҳои нав ва роҳбарони нав ҳаст.

Натиҷаи чанд соли охири фаъолияти ҷаноби Раҳмон низ худ таъиде бар ин назар аст. Зарфиятҳои ҳеч инсоне бениҳоят нест. Пас, табиист, ки раисҷумҳури феълӣ низ тӯли ин 26 сол дигар ба сарҳади зарфиятҳояш расида ва чизи бештаре дар ростои рушди кишвар анҷом дода наметавонад. Баръакс, шароити ҳар чи бештар зарар расондан

ба Тоҷикистонро имконпазир мекунад. Медонам, ҳоло бо чашмҳои кушоду ҳайроншуда мепурсӣ, чӣ тавр?

Сафи хешовандони раисҷумҳур рӯз ба рӯз рӯ ба афзоиш аст. Ин ки фарзандон, домодон ва дигар хешовандону дӯстони наздики хонаводаи раисҷумҳур дар мансабҳои баланди давлатӣ фаъолият мекунанд, ба ҳеч кас пӯшида нест. Ин вазъ худ ба худ шароити эҷоди қабзаи қудрат ё инҳисори густурдаеро ба вуҷуд овардааст.

Ҳамчунин, заминаи фасод дар кулли сохторҳои мавҷуд дар кишвар фароҳам аст ва он барои худи Эмомалӣ Раҳмон ҳам пӯшида нест. Зеро борҳо дар маҷлисҳои ҳукуматӣ ба раисону рутбадорон таҳдид карда, ки аз амалҳои ҳар яки онҳо бохабар аст. Ишораи ӯ ба хонаву мошину дигар дороиҳои зердастонашро чандин бор шунидаем. Воқеан, агар бо миёнгини маоши давлатӣ ҳисоб кунем, аксари онон на тӯли 5-10 сол, ки то охири умр ҳам соҳиби чунин сарвате намешуданд. Пас, суоле пеш меояд, ки чиро раисҷумҳур бо огоҳӣ аз фасоди густурда дар ҳукумат ба фикри чораҳои қатъӣ ва муборизаи шадиде бар зидди фасодкорӣ намешавад?

Шак надорам, касе дар ин миён хоҳад гуфт: «Ҷаноб як худаш чӣ хел ба ҳама кор «успет» кунад? Айб, айби одамони гирду атрофаш аст, агар не, ҷаноб худаш марди Худоай. Атрофиёнаш ҳама корро «ҷазир» мекунанд.» Ҳоло мехоҳам, ин нуктаро бароят хотиррасон кунам, ҳаммеҳани азиз. Агар таваҷҷуҳ карда бошӣ, ҳар гоҳ касе ба мансабе таъин мешавад, ё аз мансабе сабукдӯш мегардад, дар расонаҳо мегӯянд бо қарори президенти кишвар...

Пас, суол, чиро раисҷумҳур афродеро, ки лаёқати иҷрои вазифаро надоранд, ба мансабе таъин мекунад? Ҷои дуре намеравем, Бег Сабур, раиси Хадамоти алоқаи кишвар боризтарин намунаест аз афроде, ки ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон ба мансаб таъин кардааст. Ва аҷибтар аз ҳама ба ҷои он ки ба беҳтарин наҳв аз интернет баҳра бигирад ва дар пайдо кардани кӯчактарин ихтилоли мавҷуд дар фазои сайберии кишвар пешдаст бошад, Бег Сабур эътироф карда, ки аз интернет истифода намебарад. Фоҷеа аст, не?

Набуди ҷойи кор, маоши муносиб ва фазои озод барои рушди фардӣ дар кишвар боис шуда, ки қувваи корие болиғ ба як миллион шаҳрванд, ки аксарашон ҷавононанд, ба хориҷ аз кишвар муҳоҷират кунанд. Фикр намекунӣ 26 сол, ҳоло, биё шаш соли аввал, ки ба тармими харобиҳои ҷанг сарфшударо ҳисоб накунем, оё 20 сол замони кофие барои ҳукумат набуд? То битавонанд дасти кам барои 50% аз он муҳоҷирон ҷои кории муносиб фароҳам оваранд?

Ин вазъ боис шуда Тоҷикистон дар байни кишварҳои ҳамсояаш ва ба хусус Русия як кишвари заиф ва вобаста ба назар расад. Ва чи шармовар ва мусибатбор, ки кишваре 29-30 соле аз ба даст оварадани истиқлолаш сипарӣ шавад, аммо ҳанӯз ба маънои воқеӣ мустақил нашуда бошад?!

Як нуктаи нигаронкунандаи дигар, ки хеле муҳим аст, обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байнулмилалист. Ба назар мерасад, раисҷумҳури феълии кишвар тӯли ҳукумати 26-солаи хеш тавониста ба андозаи кофӣ мухолифони амиқан норозие эҷод кунад, ки табиист бо шеваҳои гуногун норозигии хешро ба намоиш мегузоранд ва гирдиҳамоиҳои солҳои охир дар Лаҳистон, Олмон, Фаронса ва дигар кишварҳо ҳукумати Тоҷикистонро ҳамчун ҳукумате хонаводагӣ ва диктатурӣ дар тамоми Аврупо муаррифӣ карда.

Ҳамчунин хабарҳое перомуни боздоштҳои ғайриқонунӣ ва одамрабоии мақомоти Тоҷикистон ки мухолифонашро ба зӯр ба кишвар баргардонда онҳо ва бастагонашонро зери шиканҷа қарор медиҳад, дар расонаҳои кишварҳои Аврупо ва Амрико нашр шудаанд. Амалҳое аз ин қабил, ки бо ҳар гуна гуманизм ва ҳуқуқи инсон дар таноқуз аст, боис ба поин рафтани ҳар чи бештари эътибори кишвар дар миқёси ҷаҳонӣ мегардад, ки воқеан мояи нороҳатӣ ва нигаронист.

Ҳаммеҳани азиз! Росташро бихоҳӣ ҳанӯз нуктаҳои зиёдеро метавонам бароят мисол оварам. Аммо бо ҳамин панҷто ҳарфҳоямро тамом мекунам, то беш аз ин вақтатро нагирам. Ҳамон тавре, ки дар боло ҳам гуфтам, шояд ту бо андешаҳои ман комилан мухолиф бошӣ, лек хостам бидонӣ, ба назарам дар интихоботи имсола ва шояд интихоботҳои оянда интихобе сурат намепазирад.

Ҳамчун ҳусни мақтаъ як сухани Лукиан, нависандаи Юнони бостонро меорам, ки ду ҳазор сол пеш гуфтааст: «Вақте рақибе нест, пирӯз омадан осон аст.» Дар ҷойи дигар ин мутафаккир мегӯяд: «Бузургтарин ғалаба ин пирӯзӣ бар худ аст.»

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи сентябри соли 2020*

# НАСЛИ МАН НАСЛИ ҶАВОНОНИ «БЕЗАБОН» АСТ

*«Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*чунки шири модар аст,*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест,*
*нест, чунки меҳри модар аст.»*

— МУЪМИН ҚАНОАТ

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Хеле вақт буд, ки мехостам, дар бораи забон бинависам, аммо ҳар бор иттифоқе меуфтод ва навиштанро ба дафъаи дигар мегузоштам. Намедонам, ба кадом сабаб иди забони тоҷикро, ки дар асл рӯзи 22-юми июл таҷлил мешуд, ба 5-уми октябр, ки баробар бо зодрӯзи президент Эмомалӣ Раҳмон аст, иваз намуданд. Ҳоло далел ҳар чӣ буд, биё, имрӯз на дар мавриди ид, балки каме дар бораи худи забон бо ҳам ҳарф бизанем.

Забон аз пояҳои аввали худшиносии ҳар шахс аст, аммо дар кишвари мо солҳои сол аст, ки дар атрофи ин мавзуъ баҳсҳои бенатиҷа идома меёбанд. Бештар ба ин баҳсҳо афроди миёнасол ҳамроҳ мешаванд. Ҳузури ҷавонон дар онҳо камтар дида мешавад. Чиро? Сарчашмаи ин ҳол чист? Ноогоҳӣ? Камсаводӣ? Бетаваҷҷуҳӣ? Фикр намекунам.

Бешак, ҷавононе ҳастанд, ки хоҳиш ва тавони иштирок дар хеле аз баҳсҳоро доранд. Лек «дурандешона» сукут мекунанд, чун «ба сиёсат набояд дахолат кард». Дар кишвари мо ҳар мавзӯе метавонад «сиёсӣ» арзёбӣ шавад.

Насли ман насли ҷавонони «безабон» аст. Насли онҳое, ки наметавонанд ду ҷумларо ба забони модарияшон озодона, бе ҳарос бигӯянд. Насли бетарафҳо, бетафовутҳо... чаро?

Баҳсҳо гирди забон ҳамчунон идома доранд ва хоҳанд дошт. Зеро ба назар мерасад, наслҳои пешина (аз мо бузургтарҳо) хеле чизҳоро байни ҳам тақсим карда натавонистаанд. Барои ҳамин ҳар дафъа баҳси забон бӯйи таънаҳову кинаҳои шахсӣ мегираду бенатиҷа мемонад. Эҳсос мешавад, ки ин баҳс ҳамеша ду тараф дорад. Ҳомиёни «тоҷикӣ» (бо таърихи камтар аз сад сол) ва «порсӣ» ( бо собиқаи беш аз ҳазору анд сол). Кадом тараф ҳақ аст?

Навиштаро «сиёсӣ» намекунам. Зудтар сари асли матлаб меравам. Ин мулоҳизоти як ҷавон аст. Эй «забоншиносон», «сиёсатмадорон», «таърихдонҳо» ва ҳамаи онҳое, ки ба ин масъала дахл мекунед. Беҳтар нест айнакҳои «олимӣ» ва «бузургтарошӣ»-ро аз чашмҳоятон бигиред?! Қариб ҳар сол тағйир ва иловаҳо ба имлои забони «тоҷикӣ» ворид мешавад. Шояд «забоншиносон» низ фурсат намекунанд, ки ҳамаи он тағйиру иловаҳоро биомӯзанд, чӣ расад ба мо мардуми одӣ. Кӯшишҳои «худӣ» кардани алифбои бегона пурхарҷтар аз баргаштан ба алифбои ниёкон нест?

Вақте ҳарф сари бозгашт ба алифбои ниёкон меравад, иддаеро тарс фаро мегирад. Чиро? Шояд дилашон ба буҷаи кишвар месӯзад? Шояд тарси аз даст додани мансаб доранд? Зеро омӯзиши алифбои худиро осон намедонанду ҳамин алифбои бегонаро ҳам ба зӯр ёд гирифтаанд? Шояд ҳам мақсади асосиашон «бесавод» нигоҳ доштани мардум аст? Чун тӯдаро роҳаттар мешавад идора кард.

Рӯз аз рӯз дар кишвар пайванди мардум бо забони модарӣ сусттар мешаваду барои пешгирӣ коре шоиста анҷом намегирад. Чаро? Хеле аз ҷавонон ба ин бовaранд, ки омӯзиши забони модарӣ «фоида» надорад. Бештари онҳо «шикаставу баста» русиро забони муошират мегузинанд.

То замоне ки миёни мардум ибораи «забони тоҷикӣ то айрапорта...» вуҷуд дорад ва дар пойтахт «русӣ» ҳарф задан муд аст, насли мо дар ҳар ҷумлааш ками кам се-чор калимаи русӣ илова мекунад. Ё ид-

дае ҳамранги ҷамоат шуда, ба атрофиён тақлид мекунанд. Аз мо гузашт, аммо кӯдакони тоҷик ҳоло ба кӯдакистон не, ба «садик» меравand.

Фаъолияти чандинсолаи мактаби туркӣ ҳам, ки кори худашро кардааст. Бо чандин тан аз хатмкардаҳои ин мактаб, ки дар вақташ хеле машҳур буд, дӯсту ошноям. Онҳо худашон ҳам дарк намекунанд то чӣ андоза таҳти таъсир қарор гирифтаанд. Омӯхтани ҳеч забоне бад нест. Бошад ки фарзандони тоҷик се-чор забон донанд. Чӣ русӣ, чӣ англисӣ, чӣ ҳамон туркӣ ё ҳар забони дигар. Аммо танҳо ба шарте ки ҳеч кадом аз ин забонҳо ҷойгузини забони модарияшон нашавад! Таърих нишон медиҳад, ки «таъсирҳои фарҳангӣ» аз «таъсирҳои сиёсӣ» қавитар ва умри дарозтар доранд.

Кош, забони афкору ҳастии онҳо, забони рӯҳашон ҳамоне бошад, ки ниёконашон ҳазорсолаҳо бо он, чӣ дар илм, чӣ дар адабиёт қалам суфтаанд ва шоҳкорҳо офаридаанд. Касоне, ки бо забони бегона фикр мекунанд, ҳаргиз ба умқи маъниҳо нахоҳанд рафт, чӣ монад ба баёни он маъниҳо.

Мо бояд ба алифбои худ баргардем, чунки танҳо он замон ибораи «тоҷикӣ то айрапорта...» худ ба худ аз байн меравад. Охир, бо забони ману Шумо чандсад миллион инсон ҳарф мезанад. Доираи илмӣ дар кишвар низ, бешубҳа, фаротар мешавад, олимони «хасакӣ» наметавонанд ба он роҳ ёбанд, чун навиштаи онҳоро на фақат сад — дусад каси наздикашон, балки ҳазорҳо олими дигар мехонанд ва ба он посухи сазовор медиҳанд. Чунин баҳсҳо боис мешавад, ки ба таври худкор сатҳи пешрафтҳои илмиямон афзоиш ёбад.

Фарҳанги мо яке аз ғанитаринҳост, аммо барои рушду ривоҷи он ба афроде ниёз дорем, ки бо забони модарии худ фикр карда тавонанд. Сиёсатбозҳо меоянду мераванд. Миллат мемонад. Вале ман метарсам, агар вазъ ҳамин тавр пеш равад, дер нахоҳад буд рӯзе, ки «тоҷикони нав» асолати моро ба анбори таърих хоҳанд фиристод.

Вақте дар донишгоҳ таҳсил мекардам, устодон вазифа медоданд, ки дар ин ё он жанри публитсистӣ матлабе омода кунем ва он навиштаро дар синф мехондему бо ҳамдарсон таҳлил мекардем. Яъне, то куҷо навишта ба меъёрҳои жанр ҷавобгӯст, то куҷо усулҳои рӯзноманигорӣ

дар навишта риоя шуда ва куллан ҳар чи каму кост ё нуктае бартару сазовори таҳсин медидем, мегуфтем. Ростӣ, бо ин вожаи «оммафаҳм» ҳам дар яке аз ҳамин дарсҳои донишгоҳӣ ошно шудам.

Ёдам намеояд кадом навиштаамро дар минбар мехондам, аммо хуб ёдам аст, баъд аз он ки хондамаш ҳамдарсонам ба таҳлил шурӯъ карданд. Яке паси дигар мехестанд ва мегуфтанд, ки ҳама чиз хуб аст, аммо «забони матлаб оммафаҳм нест». Пурсидам: «Яъне шумо навиштаамро нафаҳмидед?» Посух медоданд «Мо мефаҳмем, аммо мардуми одии кӯчаву бозор намефаҳманд. Калимаҳои адабиро зиёд истифода набаред, журналист бояд оммафаҳм нависад.»

Ин гуфтаҳо маро ба андеша фурӯ мебурд. Дигар вақте ба кӯчаву бозор мерафтам, ба суҳбати роҳгузарон гӯш медодам, то монанди он нависам. Дар соли севуму чаҳоруми донишҷӯӣ хуб медонистам, барои навиштани матлаби «хубу оммафаҳм» бояд дар навишта калимаҳои русӣ ҳамроҳ карду барои зинда сохтани матн, калимаҳои лаҳҷаиро истифода намуд.

Дигар матлабҳоямро тибқи меъёрҳое, ки тоза аз худ карда будам, менавиштам. Вақти таҳлил ҳам акнун касе ба забони навиштаҳоям эрод намегирифт. Фақат худам будам, ки ҳар аз гоҳе ба фикр фурӯ рафта, ғусса мехӯрдам, ки забони оммафаҳми сарзаминам барои ман дилнишину форам нест. Нороҳат мешудам, ки бо он эҳсоси бегонагӣ мекунам. Аммо ба худ мегуфтам: Ман рӯзноманигорам, вазифаам аст набзи ҳастиям бо набзи мардум яке бошад, то битавонам он чиро бигӯям, ки онҳо мехоҳанд, бишнаванд.

Маро аз ин гуна афкор китобе наҷот дод. Як рӯз достони «Оҳ, мо улоқҳо» аз Азиз Несинро хондам. Ҳаҷв ва зарофати он махсус аст. Достон дар чанд ҷумла он аст, ки улоқҳо (харон) ҳам замоне забони худро доштанду мисли одамон ҳарф мезаданд. Аммо бо гузашти рӯзгор, оҳиста — оҳиста забонашонро аз даст дода, тамоми эҳсосу афкорашонро бо ар-ар кардан, яъне ду садои ҳиҷоии кашидаи и-а, и-а, и-а баён мекарданд. Далелаш ҳам он буда, ки як «улоқи насли қадим» танҳо дар саҳро мечариду ба забони харон суруд мехонд. Сипас бӯйи ошное ба машомаш расид. Ин бӯйи гург буд. Аммо хар ба ин гумон

ки гурге вуҷуд надорад ва ӯ худашро беҳуда метарсонад, чариданро идома медиҳад. Ҳар лаҳза бӯй шадидтар мешаваду нишонаҳои ҳузури гург афзоиш меёбад. Вале хар то дақиқаи охир ба вуҷуди гург бовар намекунад то ин ки гург ба ӯ ҳамла мекунаду ӯро медарад. Ва ин садои ҷонкоҳи ар-ари хар ба ҳукми меъёр медароянд. Пас, бо гузашти замон, ҳамаи харҳо забонашонро гум карда ар-ар карданд.

Ин достон маҷбурам кард, ба масъалаи забон дар кишварамон аз зовияи наве нигоҳ кунам. Бигзор, манзурамро бо мисоле рӯшан созам. Кӯдакеро тасаввур кун, ки нав гап заданро меомӯзад. Ин кӯдак хеле аз калимаҳоро намедонад. Барояш сохтани ҷумла ва баёни дақиқи фикраш мушкил аст. Имкон дорад ҳатто талаффузи баъзе калимаҳо барояш душвор бошад. Ҳоло ба назаратон барои ояндаи ин кӯдак кадом беҳтар аст?

Ин ки ба ӯ иҷоза дод калимаҳоро иштибоҳ талаффуз кунад, калимаҳои тоза ёд нагирад ва аслан ҳар тавре дилаш хост ҷумла бисозад? Ё ин ки талаффузи дурустро нишонаш дод? Калимаҳои тоза ба ӯ омӯхт? Ва баёни афкорашро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст ба ӯ ёд дод? Вуҷуди мушкилро иқрор ва дар пайи ислоҳаш шудан беҳтар аст ё инкор кардану бадтар кардани вазъият коре дуруст у оқилона аст?

Агар мани рӯзноманигор барои навиштани матлабҳоям ба ҷои забони шевои ниёконам аз забони «оммафаҳм» кор бигирам, он матлаб чӣ фоидае барои рушди забони хонанда хоҳад дошт? Агар омӯзгоре ба ҷои истифодаи забони фасеҳи модарӣ аз забони «оммафаҳм» барои омӯзиши донишомӯзон истифода бибарад, кай ва чи гуна кӯдакону ҷавонони ин сарзамин забонашонро ёд хоҳанд гирифт?

Шӯрбахтона, миллати мо дар тӯли таърих борҳо қурбони тохтутозу ғорати аҷнабиён шудааст. Аммо ҳамин забон буд, ки сабаби тӯли умр ва иқтидори дубора ёфтани он мешуд. Ангор, чӣ мешуд агар Рӯдакӣ ҳам амсоли ҳамасрони хеш, ки ба забони арабӣ месуруданд, аз навиштани шеърҳояш ба забони порсӣ худдорӣ мекард.

Ё агар дар ҳассостарин давраи таърихӣ, вақте миллат ба мурури замон азамату шукӯҳи худро ба фаромӯшӣ месупурд, Фирдавсии бузург кохи баланде, эмин аз боду борону газанд барои сухан, барои асотир,

барои фарҳангу забони арҷманди порсии тоҷикон намесохт, чӣ бар сари мо меомад? Магар надидаӣ, чӣ мардумоне забону фарҳанг ва дар пайи онҳо ҳувияти худро аз даст додаву нобуд шуданд?

Ҳаммеҳани азизам, насле аз фарзандони баруманд ҳамвора дар лаҳзаҳои тақдирсози таърихи куҳани ин мардум зуҳур кардаанд то миллатамон самандарвор аз хокистари хеш бархезад ва ҷони тозае ба пайкари хаставу ранҷураш дамида гардад. Имрӯз миллати мо дубора муҳтоҷи наслест, ки ба ҷисми хастааш тавоноӣ бахшад. Ҳар яки мо бояд забони ниёконамонро, забони модариямонро пос бидорем. Падарон, модарон, омӯзгорони шариф, биёед, ба насли нав қабл аз омӯхтани забонҳои хориҷӣ забони модарияшонро дуруст биомӯзонем. Рӯҳи тоҷиконаро, андешаи тоҷиконаро ва забони тоҷиконаро аз кӯдакони тоҷик дареғ надорем.

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи октябри соли 2020*

# КЕШИ «ХАППУ ДАМ ГАРД, ПРОБЛЕМА ЧӢ ЛОЗИМ»?

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ навори суҳбати як ҳаммеҳанамонро дидам, ки аз мушкили зиёд «ба танг омадааст». Дар навори ҳудудан 15-дақиқаӣ, хеле аз мушкилоти мардумро ба монанди бекорӣ, маоши кам, маҳалгароӣ, ҷаримаҳои ҳангуфт ва камтаваҷҷуҳии мақомотро барои пайдо кардани роҳиҳалҳои самаровар дар ин росто баён кардааст.

Ин ҷумлаҳои ҳаммеҳанамон «Наход дар ҳудуди Тоҷикистон мардум як даҳон ҳарф зада натавонанд?», «Касе, ки ҳуқуқи худро медонад, бояд ҳаққашро талаб кунад» ва шарҳҳои зиёд зери ин навор маро ба ёди кеши «хап кун!» андохт.

Солҳост, дар сарзамини мо ин кеш мисли алафи ҳарзае, печаки худрӯе, ки кофист як танаи беҷонашро дасти кам бигирӣ то дар муддати кӯтоҳе тамоми сатҳи хонаву даратро зери бозувонаш бипӯшонад, реша давонида.

Тухми онро кӣ ва кай дар сарзамини мо пошидааст? Дар аввал фикр мекардам, шояд ин ҳамон тарси баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ бошад, ки дар вуҷуди аҳолӣ ҳануз фурӯкаш нашудааст. Бо гузашти замон ҳар чи бештар ба гузаштаи таърихии дасти кам сад соли ахир нигоҳ мекардам, медидам ин кеш мешавад гуфт ба гунае дар DNA (ДНК)-и мардуми тоҷик ҷо гирифтааст.

Ниёкони мо дар баробари зулми амирони манғит ба кеши «хап кун» гаравиданду падарбузургҳоямон дар баробари истибдоди Русияи подшоҳӣ ва падаронамон зери бори фишори Шӯравӣ, баъд аз ҷанги дохилӣ ҳам, ки вазъ чӣ гуна буд, рӯшантар аз он аст, ки чизе бихоҳам илова кунам.

Тамоми ин солҳо, ки беш аз сад сол аст кеши «хап кун» густариш меёфту ҳанӯз ҳам, ки ҳанӯз дар ҳоли тавсеа аст. Вале бархилофи дигар динҳо, ки барои растагорӣ ва осоиши ҷисму рӯҳи инсонҳо падид омадаанд, кеши «хап кун» ба мардуми мо чизе ба ҷуз ҳақорату таҳқир наовард.

Ҳар чи тоҷик дар тӯли таърих сукут кард, ҳамон қадр бештар дар пастиву хорӣ фурӯ рафт. Тоҷик хаташро аз даст дод, қадимитарину овозадортарин шаҳрҳояшро аз даст дод, даштҳову заминҳои хуррамашро аз даст дод ва рӯйхати ин аз дастрафтаҳоро мешавад навишту навишт. Лекин чӣ фоидае хоҳад дошт? Ҳасрати гузаштае, ки чизеро тағйир нахоҳад дод. Шояд бипурсӣ, пас, мақсад аз ёдоварии ҳодисаҳои ҳузнангези гузашта дар чӣ буд?

Гуфтам, зеро мехоҳам ба хотир дошта бошем, то замоне ки мисли сангпуштон дар зери ба истилоҳ «бом»-и «тарс», «сабр», «дурандешӣ», «зиракии сиёсӣ» ва садҳо баҳонаҳои дигар пинҳон шавем, туъмаи шикорчиён хоҳем гашт. Оё надидаед, чӣ гуна уқобҳову каркасҳо сангпуштонро ба баландтарин нуқтаи мумкин мебаранду аз онҷо туъмаашонро раҳо мекунанд. Локи амне, ки гумон мерафт муҳофизи бемислест, тикаву пора мешавад. Мурғи шикорчӣ шикорашро фурӯ мебарад ва ба зиндагияш идома медиҳад, то замоне ки дубора гурусна шавад.

Азизи дилам, ин ҳарфҳоро танҳо ба он далел мегӯям, ки дер нашавад. Пеш аз он ки ҳама олудаи ин кеш шаванд, бояд бияндешем. Чаро кӯдаке, ки аз мушкилоти мактабаш ҳарф мезанад, бояд аз волидону омӯзгоронаш посухи «хап кун!» бишнавад? Танҳо ба ин далел, ки мабодо барояш дарди сар нашавад.

Чаро донишҷӯе, ки аз ришвахорӣ, зургӯӣ ё ҳар мушкили дигаре, ки дар донишкадааш вуҷуд дорад, сухан ба миён орад, самташ ҳам-

ла мекунанд, ки «хап кун»? Ё чаро вақте корманде аз каму костиҳои фаъолияти идорааш ҳарфе бизанад, зуд ангуштҳои ишора ба самти лабҳо мераванд, ки бигӯянд «хап кун!»?

Ба ҷои ҳалли он мушкилот ҳама ба гардани он касе, ки даҳан боз карда мечаспанд, то «гунаҳкор»-ро ба ҷазои амалаш бирасонанд. Чаро, агар шаҳрванде садо баланд кунад, мушкилоти маҳаллаи зисташ, ноҳияаш ё ҳар гӯшаи дигари сарзаминашро бо аҳолӣ дар миён бигзорад, сару каллаи зургӯёни мақомотӣ зуд пайдо мешавад, ки бигӯянд «хап кун!»?

Чаро вақте рӯзноманигор расолати касбияшро иҷро мекунад, бояд таҳти фишор қарор бигирад ва иҷборӣ ба ин кеш бипайвандад?

Шак надорам, ҳадди ақал яке ду бор дар умрат шунидаӣ: «Хаппу дам гард, чӣ лозим барои худат «проблема» кардан?» Ва барои аксарият ин ҷумла кофист, то ба кеши хап кун «имон» биёваранду ба он бипайванданд. Лек ин формулаи содаро фаромуш мекунем, ки ҳар қадар дар баробари беадолатӣ, зулм ва истибдод сукут кард, ҳамон андоза шиддати он афзоиш хоҳад ёфт.

Исботи ин назарро Марина Абрамович дар санҷиш ё озмоиши «ритми сифр» рӯшан собит кардааст. Хулосаи кӯтоҳи санҷиш он аст, ки ин бону ба муддати шаш соат дар як намоишгоҳ бе хурдтарин ҳаракат ё вокунише меистад ва боздидкунандагон метавонанд бо истифода аз 72 васила, ки рӯи мизе қарор дода шуда, ҳар коре бихоҳанд бо ин бону бикунанд.

Байни он васоил ҳатто тапончаву тир ва корд буд. Ҳар чи қадар замони бештаре мегузарад, ҳамон қадар мазлумии ин зан боздидкунандагонро ваҳшиву золим мекард. Намехоҳам бигӯям, чи балоҳое ба сари ӯ оварданд, чун худатон метавонед аз интернет навору аксҳои ин озмоишро дастрас кунед.

Он чӣ ҳоло мехоҳам бидонед, ин аст, ки вақте замони санҷиш ба охир расид ва бону Марина дубора ба ҳаракат кардан шуруъ кард, ҳамаи боздидкунандагон по ба фирор гузоштанд. Ӯ ҳанӯз ҳеч аксуламале ба он ҳама бадие, ки дар ҳаққаш карданд, нишон надода буд,

вале ҳамин ҳаракатҳои сода, ки зинда буданашро, одам буданашро исбот мекарданд, ҳозиринро ба тарс андохт.

Ҳаммеҳани азизам, дилам мехоҳад рӯзе бирасад, ҳамаи онҳое, ки ба кеши «хап кун» гаравидаанд, сарҳояшонро аз локҳо бурун кунанд. Эй кош, рӯзе бирасад, ки ҳар шаҳрванди кишварамон битавонад озодона фикру назарашро нисбат ба ҳар мавзӯе, ки зарур медонад, бигӯяд.

Бе тарси он ки рӯяш фишор хоҳанд овард, барояш дардисаре хоҳанд сохт. Ё сели туҳмату буҳтонро ба сараш хоҳанд рехт. Кош, рӯзе бирасад, ки бифаҳмем ин ватан мутааллиқ ба шахсе ё гурӯҳе нест. Тоҷикистон Меҳани ҳар яки мост! Пас, ҳама ҳақ дорем, дар раванди ҳаёти ӯ ва ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунанд, саҳмгузор бошем.

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи ноябри соли 2020*

# РӮЗИ ВАҲДАТ Ё ҲАНГОМАИ ҚУДРАТ?

Дуруд ҳаммеҳани азизам!

Мехоҳам бидонам ту низ ба ин масъала таваҷҷуҳ кардаӣ, ки сафи иду ҷашнҳо дар кишвар рӯз аз рӯз тӯлонитару тӯлонитар мешавад? Ва ҷашнҳое мисли иди сабзиву картошка, каламу шалғаму намедонам кадом сабзиҷоти дигар, ки бештар боис ба тамасхуру шӯхии мардум мешаванд то шодию фараҳ, муҷиби беарзишу дарунхолӣ гаштани калимаҳои иду ҷашн шудааст!?

Шояд ҳоло бо худат бигӯӣ, аслан чаро чунин мавзӯи пеши по уфтодаву камаҳмият диққатамро ба худаш ҷалб карда? Мувофиқ нестам, ки ин масъалае беарзиш ё камарзиш бошад!

Махсусан идҳое ҳастанд, ки порае аз таърихи миллатанд ва набояд ба хотири мудирияти иштибоҳи имрӯзии кишвар, ки ба ҳар чизу ҳар мавзӯи пуче рӯзеро ихтисос медиҳанду ид эълом мекунанд, нодида гирифта шаванд ё моҳияти аслияшон таҳриф карда шавад.

Масалан, яке аз идҳои муҳим, ки бахше инкорнашаванда аз таърихи кишварамон пас аз солҳои 90 мебошад, рӯзи ваҳдати миллӣ аст.

Рӯзи 27 июни соли 1997 пас аз 8 давра гуфтушунид байни тарафҳои даргир дар ҷанги дохилии Тоҷикистон, яъне ҳукумати вақт бо намояндагии раисҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон (он ҳангом Раҳмонов) ва иттиҳоди мухолифон бо намояндагии Сайид Абдуллоҳи Нурӣ санади ниҳоии «Созишномаи умумии сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» дар Маскав ба имзо расид.

Акнун бо гузашти 24 сол, рӯзи «ваҳдати миллӣ» он моҳияти нахустини худро надорад чун ҳукумат ва мубаллиғони он мекӯшанд ба он

бештар мазмуне намодин аз сулҳу оромиш ва иттиҳоди миллат бидиҳанд, дар ҳоле ки ин рӯз як иттифоқи таърихӣ ва дорои заминаҳои сиёсӣ аст! Худи мафҳуми «ваҳдати миллӣ» дар илми сиёсатшиносӣ баҳамойии ҳукумат ва аҳзоби мухолиф дар шароити бӯҳроние амсоли ҷанг, мушкилоти иқтисодӣ ё барои ҷилавгирӣ аз фурӯпошии кишварро гӯянд. Бо ин ҳисоб агар ба амалкарди имрӯзии ҳукумат бингарем, бо вазъияте бисёр масхара ва хандаовар рӯ ба рӯ мешавем. Талоши ҳукумат барои маҳв кардани ҳар гуна ҳузури мухолифон ва нақши онҳо дар сулҳу ваҳдати миллӣ, мисли пинҳон кардани офтоб бо бари доман дар як рӯзи гарми тобистонист.

Дигар пас аз гузашти ду даҳа аз рухдодҳои солҳои 90-ум ҳукумат дар пайи таҳрифи таърих аст. Таърихе, ки ҳанӯз шоҳидони он зиндаанд, вале шояд ҳоло барои амнияти худу азизонашон сукуту хомӯширо бартар медонанд.

Хеле дилам мехост битавонам ту, ҳаммеҳани азизамро бо чунин иди муҳим табрик кунам. Самимона дастатро бифишорам ва аз ин ки ҳамватанонам ҳамеша омодаанд дар лаҳзаҳои ҳассос ихтилофҳояшонро, манфиатҳои фардӣ ва гурӯҳияшонро канор бигзоранд ва барои ояндаи накӯи кишварам бо ҳам ваҳдат кунанд, ибрози хурсандӣ намоям, аммо...

Дар Тоҷикистоне яккаҳизбӣ, ки ҳар гуна ҳизб ё гурӯҳу ҳаракати мухолиф дар он саркӯб мешавад. Озодии баён ва фаъолияти расонаҳои мустақил бо баҳонаҳои мухталиф маҳдуд ва манъ карда мешавад. Ҳеч кас ҳам наметавонад тазмин кунад, ки тақдири расонаҳои андаке, ки дар кишвар мондаанд, мисли «Рӯзи нав», «Нерӯи сухан», «Одаму олам», «Пайкон», «Нигоҳ» ва «Озодагон» нахоҳад шуд. Вақте ҳар шахси дигарандеш таъқиб ва таҳти фишор гирифта мешавад, чӣ тавр метавон аз ваҳдати миллӣ гуфт?

Вақте ба хотири фаъолияти рӯзноманигорӣ Далер Шарифов зиндонӣ мешавад ва ё барои ибрози назар чандин ҷавони фаъоли тоҷик дар шаҳрҳои мухталифи Русия нопадид мешаванду чанд рӯз баъд сар аз боздоштгоҳҳои Тоҷикистон дар меоваранд, вақте дар ҷомеа ихти-

лофоти табақотӣ рӯз аз рӯз дар ҳоли афзудан аст, оё мешавад сухан аз ваҳдати миллӣ гуфт?

Агар фаъолияти баъзе аз ҳизбу ҳаракатҳо ба мисли «Ҳизби наҳзати исломӣ» ё «Гурӯҳи 24» ба баҳонаи террористӣ, экстеримистӣ ё сабабҳои дигар манъ шудаанд, чаро ҳар ҳизби дигаре, ки рӯ ба рӯи ҳизби ҳоким қарор мегирад ё имкони ба даст овардани маҳбубият байни мардумро дорад, бо роҳу равишҳои гуногун аз саҳнаи сиёсии кишвар ронда мешавад? Ин ки Зайд Саидов пас аз талошҳояш барои ташкили ҳизбе нав дар кишвар ба 29 соли зиндон маҳкум шуд. Ё пас аз истеъфои мармузи Раҳматтуло Зоиров аз раёсати ҳизби сотсиал демократи Тоҷикистон,ояндаи минбаъдаи ин ҳизб, ки чанд соли охир ҳамчун ягона ҳизби мухолиф ҳисобида мешуд, билотаклиф мондааст, нишонаҳои аз озодӣ, ваҳдат ва ҳуқуқмеҳвар будани мамлакат аст?

Оё ба назари ту ваҳдат корест якнафара? Иттиҳоди як нафар бо худи худаш ва ё зердастону ҳамақидаҳояш? Ин ки ҳар бор дар гирдиҳамойиҳои ҷашни ваҳдати миллӣ раисҷумҳури кишвар рӯи калимаҳои таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу субот ва осоиштагӣ таъкид мекунад, метавонад як бозӣ бошад? Оё самимияте дар оҳанги ин суханҳоро ҳеч эҳсос кардаӣ? Фақат шиори холӣ нест?

Воқеан барои ман ҷои суол аст. Ту чӣ фикр мекунӣ? Барои ту суолбарангез нест? Ин ки қисми зиёде аз мухолифони сиёсии кишвар дар зиндон ба сар мебаранд. Ё хонаводаҳои бегуноҳи онҳо ба хотири дидгоҳи сиёсии узве аз хонаводаашон таҳти фишори мақомоти қудратӣ ва амниятӣ қарор мегиранд. Фақат кофист ҷустуҷӯи кӯчак дар расонаҳои интернетӣ дошта бошӣ, то рӯйхате баланду боло аз хонаводаҳои зери фишор ва афроди зиндонӣ ба даст оварӣ.

Ба назарат ноодилона нест ва хилофи ваҳдат нест, ки кӯчактарин ибрози назар, агар бидуни мадҳу сано хондан ба раиси ҳукумати вақт сурат пазирад, боиси эҷоди дарди сарҳои фаровон барои шахси назардиҳанда мешавад? Барои ту аҷиб нест, ки чаро дар кишвари мо ҳомиёни ҳуқуқ танҳо ба хотири иҷрои вазифаашон зиндонӣ мешаванд? Ҳанӯз ҳам Бузургмеҳр Ёров, Нуриддин Маҳкамов ва чанд тани дигар пушти милаҳои зиндон ҳастанд. Қазияи зиндонӣ шудани Шуҳрат

Қудратов низ аз ёдҳо фамромўш нашудааст. Тақдири Иззат Амон ки яке аз ҳомиёни ҳуқуқи шинохта байни муҳоҷирони корӣ дар Русия аст, низ то ба ҳол норўшану оқибате мушаххасе наёфта. Барои кишвар ё ҳукумате, ки дам аз қонунмандӣ ва ҳуқуқи инсон ҳамчун поёҳои ваҳдату сулҳ мезанад чунин иттифоқоте маъмулӣ ва табиӣ ҳастанд?

Ин ки ҳар касе, албатта, манзурам ин ҳама ба ном тарафдорони ҳукумат, ба худаш ин иҷозаву ҳақро медиҳад, ки дигарандешеро хоин, душман, ватанфурўш ё ҳар чизи дигаре муаррифӣ кунаду ин амалаш ҳеч пайгарди қонуние надошта бошад, бароят қобили қабул аст?

Оё ман иштибоҳ мекунам, ки ҳеч таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу осоиштагиеро дар чунин вазъияте намебинам? Ман имрўз ба чизҳое аз ин қабил фикр мекунам. Ту ба чӣ меандешӣ?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи июни соли 2021*

# САРДАРДИ ДУРӮҒӢ Ё ДАРДИСАРИ БУЗУРГ?!

Омӯзгор вориди синф шуд ва рӯйи тахта бо ҳарфҳои калон навишт: «MINIMUM WAGE». Яъне мо, донишҷӯён, пеш аз ин ки устод биншинад ва роёнаашро рӯшан кунаду коғазу қаламҳояшро паҳн намояд, ба баҳси тозаамон дар бораи «ДАСТМУЗДИ ҲАДДИАҚАЛ» танҳо чанд дақиқа фурсати омода шудан дорем.

Хушбахтона, чанде пеш дар ин бора ҷустуҷӯҳое анҷом дода будам ва дилам пур буд, ки агар профессор Ҳилл маро ҳам барои гурӯҳи баҳс интихоб кунад, ҳарфу далелҳои устуворе дар зеҳн дорам.

Пас, дар пайи он шудам, ки пеш аз оғози гуфтугӯ суханронии кӯтоҳу гирое омода кунам. Лек то саволҳо рӯи тахтаи электронӣ пайдо шуданд, гумон кардам, шамоли сарде вориди синф шуд ва тамоми сару поямро ба ларза даровард. Чун пурсишҳое доштем, мисли:

— Камтарин дастмузди ҳадди ақал барои соати корӣ дар кишвари Шумо чӣ қадар аст?

— Коргаре, ки дастмузди ҳаддиақал дорад, чӣ мизон маблағро метавонад солона пасандоз кунад?

Омӯзгор чаҳор донишҷӯро номбар кард. Ритои амрикоӣ, Posколи фаронсавӣ, Сорои инглисӣ ва Ҷостини канадаӣ. Дар кул бештарин дарсади гурӯҳи моро донишҷӯёни хориҷӣ аз гӯшаҳои гуногуни олам ташкил медиҳанд.

Гуфтугӯ шуруъ шуда буд ва донишҷӯён ҳар як чизе мегуфтанд. Дар ин миёна ҳар аз гоҳе донишҷӯе ё худи устод суолҳоеро матраҳ ме-

карданд, то назари суханваронро бишнаванд. Лек ман ҳар чӣ талош мекардам, зеҳну хаёламро ҷазби дарсу синф кунам, афкорам маро ба ҷои дигаре мебурд. Дуруст шабеҳи оҳанрубое, ки ҷисме оҳаниро ба самти худаш мекашад, Тоҷикистон мағзу ҳуши маро ҳар дам ба сӯи худаш мекашид.

Ҷастин мегуфт, ки дар Канада ё дақиқтар дар зодгоҳаш Квебек музди ҳаддиақал барои як соат кор 13.50 доллар ё ҳамон 11.61 евро ташкил медиҳад. Рито ба ҳайрати тамом мегуфт; пас, дар Ню Ҷерсӣ музди ҳаддиақал камтар аз Квебек буда, зеро дар онҷо 13 доллар ё 10.32 евро аст. Ҳамчунин бо ташдиде ишора мекард, ки дар бақияи устонҳо (штатҳо) ин нишонгин фарқ мекунанд ва барои мисол дар Калифорния ин миёнгин 14 доллар ё 12 евро аст.

Поскол ба назар мерасид, намехост, аз дигарон кам биёварад, пас аз зикри ин ки маоши ҳаддиақал дар Фаронса 10.48 евро аст, илова кард, ки дар сурати ниёз фалону фулон кумакҳои молӣ низ барои шаҳрвандон дар назар гирифта шудаанд. Соро мисли кӯдаке, ки ҳис карда ҷое фиребаш додаанд, вале намехоҳад ба рӯи худаш биёварад, гуфт: дар Инглистон камтарин музди кор дар як соат 4.30 фунт стерлинг ё 5.10 евро аст. Аммо ин музд барои ашхосест, ки аслан собиқаи корӣ надоранд ё байни 16—18 сол син доранд. Вагарна ин нишонгин барои ашхоси болои 20 сол 8.36 фунт стерлинг ё 9.90 евро аст.

Ин арқом ба гӯшам медаромаданд, аммо наметавонистам ҳеч вокуниш дошта бошам. Он лаҳза ба чизе ҷуз Тоҷикистон фикр карданам номумкин буд. Пас ба назди профессор Ҳилл рафта, аз ӯ иҷоза гирифтам, то синфро тарк кунам. Вақте ҳам далелашро пурсид, ночор гуфтам, ки сарамро дарди шадид гирифтаву мехоҳам назди парастори донишгоҳ биравам. Ӯ ҳам розӣ шуду ман аз синф берун омадам.

Ба китобхона рафтаму рӯ ба рӯи нахустин роёнаи холие, ки пайдо кардам, нишастам. Дар интернет, тибқи охирин маълумоти нашршуда, баландтарин музди моҳона дар Тоҷикистон барои кормандони бонк ва суғурта ба қайд гирифта шуда, ки 3397 сомонӣ мебошад. Ин маблағ ба 302 доллар ё 261.68 евро баробар аст. Яъне музди рӯзонаи як корманд бо баландтарин музди кор мешавад чизе ҳудуди 9.74 доллар

ё 8.44 евро. Соати корӣ тақрибан 7—8 соат дар рӯз аст. Ҳоло агар он маблағро ба соатҳо тақсим кунем як соати корӣ ҳудуди 1 евро ва чанд сент мешавад.

Дунболи посухи дигар пурсишҳоям мегаштам, ки ёди пайғоми бузургворе уфтодам. Муҳтавои нома ин буд, ки оё ҳаводиси Меҳан барои идома додани ҳамсуҳбатиям бо ҳаммеҳанон дигар ангезае намедиҳад? Ёди чанд нафари дигар низ уфтодам, ки мегуфтанд чиро аз ин масъала наменависӣ? Чиро дар бораи фалонӣ чизе нагуфтӣ? Чиро ин? Чиро он? Чироҳои фаровоне дар як дам шабеҳи сақфи гилие, ки дар зилзилае шадид фурӯ мерезад, бар сарам хароб шуданд.

Ва воқеан ман чӣ дорам, ки бароят бигӯям? Чӣ дар зеҳни кӯчак мечархад ба ҷуз афкори мушавваш, чӣ дар дили ман мезияд ба ҷуз орзуҳои бузург ва аз чӣ мехоҳад бинависад қалами борики ман ҷуз Тоҷикистону одамони босафояш!?

Ман агар чизе навиштаам ё менависам танҳо аз ту ва барои туст, ҳаммеҳанам. Ҳоло шояд бипурсӣ чиро ин дафъа номаи бедуруд ё ин хотиреномаи талхро бароят навиштам? Ё шояд касе ҳам «тибқи одати амниятӣ» бигӯяд, ман фақат аз камбудиҳо мегӯям ва ҳоло ҳам барқасдона кишварҳои пешрафтаро мисол задаам. Хуб, ту бигӯ, чиро аз онҳо мисол назанам?

То кай қарор аст Тоҷикистони ману туро бо кишварҳои ҷангзада бо кишварҳои зери хатти фақр ё кишварҳое бо низоми диктатурии мутлақ муқоиса кунанд? Ва моро маҷбур ба он созанд, ки шукронаи беҳтар будани ҳоламон нисбат бо онҳоро кунем?

Ҳол он ки нархи маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум мисли орду равғану ғайра бо нарх дар Аврупо баробар аст. То кай падари тоҷикистонӣ дар бозорҳо ароба бикашад? То кай модари тоҷикистонӣ ба суолҳои фарзандаш ё хоҳишҳои соддаву кӯдаконааш мисли хӯрдани як дона ширинӣ бигӯяд, ин дафъа пул надорам, бошад, дафъаи дигар бароят мехарам ва расидани он дафъаи баъдӣ рӯзест, ки танҳо Худо медонад, кай хоҳад расид.

То ба кай бародари тоҷикистонӣ ба муҳоҷират биравад, то ба ин роҳ битавонад андаке аз ниёзҳои хонаводаро таъмин намояд? Чиро

ҳаммеҳани ману ту аз ноилоҷӣ дохили қуттии оҳанӣ (вагон) зиндагӣ кунад? Намедонам онҳое, ки рӯи курсиҳои нарми порлумону вазорату идораҳо ва ҳукумат нишастаанд, чӣ гуна метавонанд ба ин ҳама ранҷу парешонии мардум бетараф бошанд? Чӣ қадр сукути ману ту амиқ шуда, ки ин ҳама ҷасорат пайдо кардаанд!? Ба ростӣ, оё вақте субҳҳо савори мошинҳои пурсуръати худ мешаванд, ба суръати болоравии нархҳои бозор фикр мекунанд?

Ё дар утоқи кории худ ба мушкилоте амсоли камбуди ҷои кор ё хешу таборбозиҳои худашон меандешанд? Оё замони наҳор хӯрданашон дар он қаҳвахонаву ресторонҳои муҷалал ёде аз он кӯдак мекунанд, ки чандест бо гӯшт хӯрок нахӯрда, зеро падару модараш тавоноии харидани онро надоранд? Шомгоҳ, ки ба қасрҳову хонаҳои барҳавояшон бармегарданд, чашмҳояшон аз он баландӣ дар кӯчаҳои рӯ ба торикии шаҳр он навраси хурдафурӯшро намебинад, ки то дервақт кор мекунад? Шаб, ки ба тахтҳои гармашон медароянд, ҳеч ба гӯшаи хаёлашон мерасад, ки онҷо, дар берун ва дар дили торикии шаҳр хонаводаҳое ҳастанд, ки бесарпаноҳанд?

Ҳаммеҳани азизам, бовар кун, ки ҳеч кадоми инҳое, ки номбар кардам худашон интихоб накардаанд, чунин зиндагии пурмашаққате дошта бошанд. Аммо аз шахси раисҷумҳур гирифта то ҳар як вазиру кабиру муовину ғайраву ҳоказоҳо дар муқобили ин миллат мувazzафанд. Боису бонии афзоиши фақр дар кишвар амалкарди нодурусти ҳукумат асту бас.

Медонӣ ошно, ҳукумат шабеҳи соат аст. Ҳатто агар давлат дорои тамоми мӯҳраву печҳои лозим барои омода кардани як соати хуб бошад, то замоне ки соатсоз ноуҳдабаро бошад, соат ба кор намедарояд. Ё он қадр печу мӯҳраҳо иштибоҳ ҷогузорӣ хоҳанд шуд, ки он соат ҳеч гоҳ замони дурустро нишон нахоҳад дод. Хулоса, агар ман ҷое сукут кардам, ту аз ман дилгир нашав, азизи дил. Охир он чи мебинам ин аст.

Вабо дар сарзамин бедод мекунанд, одамон яке пас аз дигарӣ доранд гирифтори вабо мешаванд, аммо ҳанӯз аввалӣ шукронаи онро мекунад, ки имрӯз вабо нагирифтаву ҳоло то фардо Худо бузург аст. Ва дигарӣ, одамони давру бараш аз вабо мемиранд, лек ӯ ҳанӯз шоду

шукргузори он аст, ки дастикам навбати худи ӯ имрӯз набуда. Ҳоло худат инсоф бидеҳ ва бигӯ, бо ин ҳол, ман аз кадом дарду аз кадом муоличҷа бароят бигӯям?!

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи октябри соли 2021*

# «ҲЕЧ КУҶОИ ДИГАР НАМЕТАВОНАД ХОНА-МУЗЕЙИ АЙНӢ БИШАВАД»

Ҳамеша мухотаби ман одамоне будаанд, ки бароям бениҳоят азизанд. Лек ин бор мухотабам фақат туӣ! Ҳарфи диламро дигар танҳо ту мефаҳмӣ. Дуруд эй Девор!

Деворҷон, шояд худат намедонӣ ва ҳатто ҳис ҳам намекунӣ, ки чӣ қадр арзишманд ҳастӣ! Оё медонӣ, ки аввалин саҳифаи таърихи башар худи туӣ!?

Инсон аз ҳамон замон ки фаҳмид ба амният ниёзманд аст, туро кашф кард. Ту ҳам чӣ содиқона аз ғор то қаср ҳампои одамӣ омадӣ. Ту гоҳе барои инсон дафтари наққошӣ будӣ, гоҳе дафтари хотирот, гоҳе паноҳгоҳе аз хатарҳо ва гоҳе хатти марзе, ки даруни он метавон орамид.

Бибахш агар бо ҳарфҳоям каме гиҷат карда бошам. Бигзор бароят манзурамро равшан кунам. Як идда ҳастанд, ки ё намехоҳанд бифаҳманд ё амдан (барқасдона) худашонро ба нофаҳмӣ задаанд ва яке пас аз дигарӣ деворҳоро хароб мекунанд. Албатта, на ҳама бо ин вазъ розӣ ҳастанд, аммо дар ҳар ҳол гурӯҳе муддате садо баланд мекунанд, посухе намегиранд ва деворҳо ҳамчунон яке баъд аз дигарӣ фурӯ мерезанд.

Дақиқан ҳоло ҳам чанд азизе, дасташон дард накунад, шуниданд, ки «имкон дорад» хона-музейи Садриддин Айнӣ, сардафтари адабиёти нави тоҷик, хароб гардад ё ба ҷои дигаре «кӯчонида шавад», аз раиси шаҳр гирифта то раисҷумҳур, ба ҳар як аз дастандаркорони

ин вазъ, муроҷиатномаву дархост навиштанд. Ҳанӯз ҳам менависанд! Вале хуб, ки чӣ? Магар ин кори навест?

Яъне қабл аз ин борҳо имтиҳон накарда будем? Чӣ ҳанҷараҳо хаста шуданд аз бас гуфтанд «Душанберо ба ганд накашед!», «биноҳои таърихиро ҳифз кунед!»... ва садҳо ҷумлаи дигар.

Ҳеч кадомаш ҳам ба гӯши касе нарасид, ё шояд ҳам расид, лек барои онҳо аҳамият надошт, ки мардум чӣ мегӯянд ё чӣ мехоҳанд. Муҳим он аст, ки ончи онҳо мехоҳанд анҷом пазирад, ҳамин!

Пас, Деворҷон, маро бибахш, ки ба худам заҳмат намедиҳам барои касоне бинависам, ки аз ту низ картаранд. Ё дасти кам андозаи ту... Хуб, бигзарем!

Медонам Деворҷон, ту бисёр сабурӣ. Пас ин як дафъа биёву санги сабури ман бош! Бигзор бо ту каме дарди дил кунам. Мо пеши худамон мегӯем; башар мавҷуди оқилтарини рӯи замин аст, аммо ту, ки медонӣ одамон то чӣ андоза метавонанд аҳмақ бошанд ва чӣ қадр ҳамоқат ба бор оваранд. Масалан, ҳамоқати Искандар, вақте ба нобудии Тахти Ҷамшед тасмим гирифт ва онро ба оташ кашид.

Бори нахуст, замоне аз Тахти Ҷамшед дидан кардам, ки 10-11 сол бештар надоштам. Шояд он деворҳо, он сангҳои бо зарофат тарошида шуда ва он пиллаконҳои фарсуда барои як даста курсинишини бетафовут ҳеч аҳамияте надошта бошад. Лек барои ман он вайрона азамату шукуҳе дошт, ки ҳеч гоҳ қабл аз он дар ҷое вонахӯрда будам.

Оре, Деворҷон, бо ту ҳам ҳамонҷо ошно шудам. Вақте аз канори Дарвозаи милал мегузаштам ва он сангҳои бузургу рӯи ҳам бо диққати тамом чидашударо ламс менамудам, ту будӣ, ки бо забони бесадой бо ман аз гузаштаи таърихии миллатам ҳарф мезадӣ. Ҳарчанд Искандар кӯшида буд, барои ману одамони қаблу баъди ман аз он ҷоҳу ҷалоли таърихӣ нишоне намонад, боз ҳам ту по барҷо мондӣ, Деворҷон!

Деворҷон, боре дар китобе, ки аз зиндагии Ҳитлер ҳикоят мекард, хондам ӯ ҳам вақте Порисро тасхир кард, ба сараш зада буд онро харобазор кунад. Чун бар ин бовар буда, ки Берлин бояд зеботарин пойтахт дар Аврупо бошад. Вале бо ҳарфҳои «Ман Берлине месозам, ки сад Порис дар баробари он таъзим кунад» аз ин нақша мегузарад.

Деворҷон, ин мисолҳо аз аввалинҳое буданд, ки ба зеҳнам расиданд, вагарна ҳоло ҳам мисолҳои зинда кам нестанд. Магар «Толибон» дар кишвари ҳамсоямон камтар аз ғосибони аҷнабӣ, чун Чингизу Искандар, ба деворҳои таърихию фарҳангии мардуми Афғонистон зарар нарасондаанд?

Худамон чӣ Деворҷон? Дар Тоҷикистон шояд касоне ҳастанд, ки фикр мекунанд, бо нобуд кардани хотираҳо ва ёдбудҳои қаҳрамонон мешавад ба қаҳрамонии худ афзуд ё аз қаҳрамонии онон кост. Онҳо дарк намекунанд, ки хона-музейи устод Айнӣ онҷо побарҷост, чун ҳар ваҷабаш пур аз Устод Айнист.

Он макон ки акнун дар иҳотаи осмонхарошҳо қарор гирифта, шояд дар нигоҳи як идда «шаҳрсозу шаҳрдор» бо фазо ҳамхонӣ надошта бошад. Лекин, агар чашми идроку хирад мебуд, ҳатман ҳар одами оқил мефаҳмид, хона-музейи Айниро намешавад ҷойи дигаре бурд.

Ба ҷои дигар кӯчондан бо ҳамон тахриб кардан, нобуд кардан ва кӯшише нобихрадона барои пок кардани ёдгоре аз Садриддин Айнӣ, қаҳрамони миллат ва асосгузори адабиёти нави тоҷик баробар аст. Ҳеч куҷои дигар дар ҳудуди Тоҷикистон хонаи шахсии Айнӣ нест, пас, ҳеч куҷои дигар наметавонад хона-музейи Айнӣ бишавад.

Ин ҳама дар замини зилзилахез осмонхарош месозанд, ки рӯзе бар сари мардум хароб шавад? Оҳ, чӣ мегӯям боз. КУ ГӮШИ ШУНАВО?!

Деворҷон, қисса кӯтоҳ, саратро ба дард наоварам. Гуфтаниям, ки ту зиндатар аз хелеҳо ҳофизи хотираҳову таърихи мо — одамонӣ. Сад ҳайф, ки аксари мо — одамҳо сокиту мурдатар аз деворем! АФСӮС АЗ ИН ДЕВОРҲО! АФСӮС АЗ ИН ДЕВОРҲО...

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи ноябри соли 2021*

# ҲАМА ЯК СӮ, ГИРЯИ МОДАР ЯК СӮ

Дуруд ҳаммеҳани азизам!

Аз марги Гулбиддин Зиёбеков чаҳор рӯз гузашт. Ҳоло дигар ин ҷавонро на танҳо дӯстону пайвандонаш, балки тамоми ҳамшаҳриёнаш, тамоми Бадахшон ва тамоми ҷумҳурӣ мешиносанд.

Намедонам, Шумо бо Гулбиддин Зиёбеков чӣ гуна ошно шудед. Вале ман 25-уми ноябр рӯзи фишурдае доштам, баъди дарси донишгоҳу чанд кори хурду бузург, ки бояд то поёни рӯз анҷомашон медодам, ба хона баргаштам.

Бо исрори модарам, ки намехостанд, гурусна бихобам, яке ду луқма шом хӯрдам ва хобидам. Рӯзи 26-уми октябр чун қарор доштам, ки барои имтиҳони рӯзи душанбе ба дӯстам кумак кунам, одатамро, ки ҳар субҳ нигоҳе ба сомонаҳои хабарӣ буд, иҷро накардам. Дақиқ ёдам нест, соат чанд буд, ин муҳим ҳам нест. Муҳим паёме буд, ки яке аз дӯстонам бароям фиристод. Ин як видеои кӯтоҳ буд. Онро пахш кардам ва баданамро ларзаи сарде фаро гирифт, дар сурате ки гардиши шадиди хун суратамро сурхи сурх карда буд.

Зане бо дард навҳа мехонд. Навҳа ба забоне буд, ки ман ба хубӣ намедонистамаш, аммо барои фаҳмидани азамати дарде, ки дар он навҳа ҷой дошт, маро ниёзе ба донистани забон набуд. Буғс гулӯямро фишор дод ва ман наметавонистам худамро нигоҳ дорам. Ҳарчанд ҳанӯз намедонистам он вуҷуди зери матои сурх ҷасади фарзандест, ки ин модар солҳо ба умеду ҳавас бузург кардааст.

Аммо боз ҳам садои дардноки модар он қадар сӯзе дошт, ки намешуд ба он тоб овард. Ангор, садои додхоҳии ин модар ҳама чиро,

ки қабл аз ин дар зеҳн доштам, пок кард. Дигар на метавонистам ба суолҳои дӯстам фикр кунам, на ба имтиҳони рӯзи душанбе андешам. Танҳо чизе, ки метавонистам дар борааш фикр кунам ва мехостам далелашро бидонам, кӣ будани ин зан, чӣ будани моҷаро ва сабаби ҷамъ омадани издиҳом дар навор буд.

Дар ҷустуҷӯҳо фаҳмидам, он чи дохили он матои сурх буда ҷасади Гулбиддин Зиёбеков аст. Он зане ҳам, ки мӯя мекарда, модари ӯст. Издиҳом бошад, шаҳрвандоне, ки ба нишони эътироз дар назди бинои ҳукумати вилояти Бадахшон ҷамъ омадаанд. Ҳоло хабару иттилоот яке баъд аз дигаре дар навори шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳо пайдо мешуданд. Тақрибан ҳама ҳештагҳое мисли (#prayforPamir, #westandforPamir) ва ҳештагҳои дигареро бо забони давлатӣ ва русӣ паҳн мекарданд.

Мехостам ба маҳзи ин ки аз ҳодиса бохабар шудам, чизе бинависам. Аслан ҳис мекунам он дӯстам, низ чун медонист наметавонам ба мусибати ҳаммеҳанонам бетараф бошам, он наворро бароям фиристод. Аммо намехостам он чӣ менависам, таровида аз эҳсосот бошад.

Пас, хостам қабл аз навиштани чизе ба суолоте, ки дар зеҳнам пайдо шуданд, посух ёбам ва баъд ба навиштан шуруъ кунам. «Ҷинояткор ё ҷавонмард?» яке аз суолҳое буд, ки зеҳнамро машғул медошт. Дар 48 соати ахир ҳар иттилое, ки дар бораи қазияи марги ин ҳаммеҳанамон ва тазоҳуроти мардум буд, хондам, дидам. Лек ҳанӯз ҳам натавонистам ба хеле аз суолҳоям ҷавоб бигирам. Пас ба ин натиҷа расидам, ки онҳоро бо ту, ҳаммеҳани азизам, дар миён бигзорам. Шояд бо ҳам битавонем, посухе бароядшон пайдо кунем.

Чаро Гулбиддин Зиёбеков кушта шуд? Ҳатто агар ӯ мусаллаҳ буда бошад, чаро ӯро бо роҳи захмӣ кардани пой ё дасташ (ки дар сурати изтирорӣ дар кишварҳои қонунмеҳвар ва мутамаддин истифода мебаранд) боздошт накарданд?

Чаро як идда намояндаи ҳукумат ба худашон иҷоза медиҳанд, нафареро ҷинояткор хитоб кунанд? (ҳол он ки дар Қонуни асосии кишвар омадааст, то замоне ки гумонбар дар додгоҳ ба маҳкама каши-

да шуда бо дар назардошти қонун ва ҳукми додрас ҷиноятгор дониста нашавад, бегуноҳ мебошад)

Чаро ба дархости мардум барои тазоҳуроти қонунӣ ҷавоби рад дода шуд? (Магар ғайр аз ин аст, ки норозӣ будан бо касе, чизе, иттифоқе, ҳаққи қонунии ҳар шаҳрванд аст ва ӯ иҷоза дорад, бо шаклҳои қонуние мисли муроҷиат ба мақомоти дахлдор, гирдиҳамоӣ, роҳпаймоӣ ва роҳҳое аз ин қабл мухолифаташро баён кунад.)

Оё тир парондан ба самти шаҳрвандони осоишта, ки танҳо барои арзи норизоияти худ ҷамъ омадаанд, корест қонунӣ?

Чаро ҳеҷ як аз мақомоти ҳукумат аз хурдтаринашон гирифта, то он баландпояҳо, ба он модари ҷигаркабоб арзи таслият накарданд?

Куҷост адолату қонунмеҳварӣ, вақте як модар дар он сармои зимистонии Бадахшон ду рӯз канори ҷасади фарзандаш биистад ва як нафар аз мақомот, чӣ маҳаллӣ ва чӣ марказӣ, ба худашон заҳмат надиҳанд то назди ин модар оянд. Бигӯянд ба кадом ҷурм фарзанди ӯ, асои рӯзҳои пирии ӯ, лахти ҷигаре, ки танҳо Худо медонад, бо кадом заҳмату машаққатҳо бузургаш карда, ҷон бохт?

Магар ғайр аз ин аст, ки ҳамаи Тоҷикистон, Бадахшон аст ва ҳамаи Бадахшон Тоҷикистон!?

Пас, қарзи шаҳрвандии ҳамаамон ин нест, ки имрӯз дар канори бародарону хоҳаронамон биистем? Куҷои тақозо кардани адолат ва амалӣ кардани қонун, пайдо кардани ҷинояткорони воқеӣ, амали ғайриқонунист?

Чаро он қадр аз талаб кардани ҳаққамон чашмпӯшӣ кардем? Натиҷаи он сукути мост ки акнун ба маҳзи ин ки касе аз адолату додхоҳӣ ҳарф бизанад, зуд ба даҳонаш мезананд, ки гуё «тафриқаандозӣ мекунад, ҷангу ноороми мехоҳад». Сукут кардан дар баробари мусибати як модар магар нишони иттифоқ аст? Аз ин ки шона ба шона канори ҳам биистем оё кишвар ноором мешавад?

Аз кай куштани фарзанди як модар ва тир парондан ба самти одамоне, ки бародарвор дар канори ҷасади ҳаммеҳанашон барои эътироз ҷамъ омаданд, «сулҳ» шудааст?

Азизи дил, суолҳо фаровонанд, лек як чиз бештар аз ҳама азобам медиҳад. Ҳар вақт аз мушкилоти системаи ҳукумат мегӯям ё менависам, ошноён менависанд охир айби фалонист, мушкил аз ину он аст. Хулоса, ҳама баданд, лек ҷаноби олӣ хуб аст, чун аз хатои зердастонаш хабар надорад. Ҳоло ту бигӯ баъд аз ин ҳама сарусадо дар расонаҳо ман чӣ тавр бовар кунам, ки ӯ аз ин воқеа бехабар аст? Чаро дасти кам акнун раисҷумҳури кишвар ҳеч аксуламале нишон намедиҳад? Магар ӯ кафили ҷону молу амнияти мардум нест?

Ёдат ҳаст, чанде пеш барои рӯнамоӣ аз муҷассамаи модар ба Хуҷанд рафта буд? Ва барои як муҷассама ашк рехт. Шунидаам, ки қарор аст дар Кӯлобу Бохтар низ муҷассамаи модар бигзоранд. Ҳоло куҷо шуд он ҳама ҳамҳама ва ҳарфҳои болохонадор дар бораи қадру эҳтироми модар?

Ҳукуматдорӣ бо адл барпост ва сиёсати хирадмандона бар пояи дод аст. Вақте шаҳрвандон ба додхоҳӣ омадаанд ва дар сафи пеш модарест, ки ҷасади фарзанди ҷавонмаргашро овардаву мӯя мекашад, бо ҳамдардӣ ва инсонгароёна посух надодан магар гуноҳ нест? Ба ҳамватане, ки барои додхоҳӣ омада, бо зӯр ва беш аз ин бо силоҳ посух додан ниҳояти бедодӣ нест?

Ман мутмаинам ҳатман роҳе барои бурунрафт аз бuҳрони имрӯзи Бадахшон пайдо мешавад, гунаҳкорон ба сазои аъмолашон мерасанд ва оромиш ба ин гӯшаи Тоҷикистони азиз бармегардад. Вале ба доди мардум нарасиданҳо, вақте модаре бо ҷасади фарзандаш ва садҳо тан шаҳрванди дигар дар пушти дарҳои ҳукумат меистоданд ба ҷои додофаринӣ бо зӯргӯӣ, тирпаронию бедод ҷавоб додани мақомот фаромӯш нахоҳад шуд. Чун самимияту садоқатро зери суол мебарад. Ё ман иштибоҳ мекунам?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи ноябри соли 2021*

# ЯК РАҲБАРИ МАРДУМӢ БОЯД ДОРОИ КАДОМ ХИСЛАТҲО БОШАД?

Дуруд ҳаммеҳани азизам!

Ҳатман хабари аз вазифа рафтани Ангела Меркел, садри аъзами Олмонро дида, ё шунидаӣ. Ҳатто агар надида бошӣ, ишколе надорад, чун он чӣ мехоҳам, бо ту дар миён бигзорам, сирфан дар бораи худоҳофизии як сиёсатмадор нест. Он чӣ маро водор карда, то дубора бо ту сари суҳбатро боз кунам, нақшест, ки як сиёсатмадор тавониста на танҳо дар кишвари худ, балки дар арсаи байнулмилал ифо кунад.

«Бузургтарин сармояи як сиёсатмадор эътимоди мардумаш аст. Аз мардуми Олмон ба хотири эътимоде, ки дар тӯли ин муддат ба ман доштанд, сипосгузорам!» Ин ҷумлаест, ки Ангела Меркел дар суҳбати охиринаш гуфт ва он ҳамчунон дар гӯши ман пажвок мекунад.

Ин сиёсатмадор, ки тайи 16 соли охир раёсати кишварро ба уҳда дошт, аввалин садри аъзами зан дар таърихи Олмон аст. Дар муддати раҳбарияш Олмон бо буҳронҳои фаровоне, ба мисли

*буҳрони молии соли 2008,*
*буҳрони Фукушима ва гузаштан аз энержии атомӣ,*
*буҳрони евро,*
*буҳрони паноҳҷӯён дар соли 2015,*
*буҳрони Брекзит,*
*буҳронҳои иқлимӣ ва ниҳоятан*
*буҳрони коронавирус мувоҷеҳ шудааст.*

Ӯ чӣ тавр тавониста, дар чунин замонҳои буҳронӣ мудирияти кишварро ба дӯш бикашад ва бовари мардумро аз даст надиҳад?

Аслан чӣ касе метавонист, ҳадс бизанад, зане, ки дар соли 2000-ум ҳамчун «роҳи ҳалле муваққатӣ» барои раҳбарии Ҳизби демократ-масеҳии Олмон интихоб шуд, танҳо пас аз гузашти панҷ сол битавонад дар курсии садри аъзами Олмон такя бизанад ва зимоми идораи кишварро ба даст бигирад!?

Зане, ки тавонист, дар ҷомеаи сиёсии то он замон «мардона»-и Олмон ворид шавад ва онро ба гунае мутаҳаввил гардонад, ки ҳоло ин кишвар ҷузви даҳгонаи пешрафтатарин кишварҳои дунёст. Ӯ дар сохтани Олмоне саҳм дорад, ки яке аз беҳтарин иқтисодҳои дунёро дорост. Акнун, ки аз мансабаш канор меравад, Олмонеро ба мардумаш месупорад, ки дар рутбаи севуми феҳрасти кишварҳои бартари соли 2021 ҷойгир аст.

Фикр мекунам, агар ҳар касе дар бораи зиндагӣ ва корномаи ин сиёсатмадор ҷустуҷӯ бикунад, хеле зуд метавонад далели ин ҳама муҳаббат, эҳтиром ва эътимоди мардуми Олмонро нисбат ба ӯ пайдо кунад.

#### ФАРҚИ МЕРКЕЛ АЗ САРОНИ БАЪЗЕ АЗ КИШВАРҲОИ ОСИЁӢ

Меркел бар хилофи сарони хеле аз кишварҳои осиёӣ барои худаш қасру кӯшк насохтааст. Бино ба гузориши бисёре аз расонаҳо, ӯ дар хонаи сеҳуҷрагие дар Берлин зиндагӣ мекунад ва тақрибан ҳар шарҳрванди Олмон аз нишонии хонааш огоҳ аст. Ва Ангела Меркел новобаста аз симаташ, мисли ҳар шаҳрванди одии дигар, барои харид ба фурӯшгоҳ мерафт. Ӯ бидуни нақша ва омодагиҳои пешакӣ байни мардум мерафт ва бо онҳо ҳамсуҳбат мешуд.

Ҳамчунин, натанҳо дар замони ҷашну ид ба ёдаш мерасид, ки ба мардум табрик бигӯяд, балки дар замони вуқӯи сониҳа, ё мусибате ҳатман ба мардум таслият арз мекард ва ба қавле дар ҳар ҳолат ҳавои мардумашро дошт.

Дар арсаи сиёсӣ шахсоне, ки битавонанд роҳат ва бо оромиши қалбӣ аз маснади қудрат канора бигиранд, ангуштшумор ҳастанд. Бо назардошти он ки Меркел дар суҳбати охираш роҳат мегуфт, аз ин ба баъд метавонад фурсати бештаре барои истироҳат ва мутолиа дошта бошад, метавон гуфт, ӯ низ аз зумраи ҳамин гурӯҳи ангуштшумор аст.

Дар 14-15 солагӣ ба сиёсат ва шинохти сиёсатмадорҳои муваффақ ва нақши занон дар сиёсати ҷаҳон алоқа пайдо кардам. Ёдам ҳаст, ки чӣ тавр маҷзуби китоби «The Iron Lady» (Бонуи оҳанин) шуда будам, ки дар бораи зиндагӣ ва корномаи Маргарет Тэтчер аст. Ӯ ҳам аз камшумор занон дар олами сиёсат аст, ки 11 сол мансаби нахуствазирии Англияро бар уҳда дошт. Он замон пас аз итмоми он китоб ба ин фикр мекардам, ки лобуд чун ҷомеаи аврупоӣ мутафовит аст, Маргарет Тэтчер муваффақ ба касби чунин ҷойгоҳ ва лақабе шудааст. То ин ки китоби «Ҳақиқати ман»-и Индира Гандиро мутолиа кардам.

Ҳар чӣ бештар бо ин ришта ошно мешудам, боварам ба ин ки занон низ метавонанд корномаи муваффақе дар арсаи сиёсӣ касб кунанд, бештару бештар мешуд. Албатта, он чӣ бароям аҳамияти хос дошт, тағйироти муваффақиятомез ва пешрафте буд, ки ин ё он сиёсатмадор метавонист дар кишвараш рақам бизанад, на мард ё зан буданаш.

Лек дурӯғ мешавад, агар бигӯям соли 2013, вақте Ойниҳол Бобоназарова номзад барои интихоботи раисҷумҳурии Тоҷикистон шуд, ҳаяҷонзада ва кунҷков набудам. Он рӯзҳо ҳис мекардам, шояд қарор аст дар Тоҷикистон чунин иттифоқи таърихие рух бидиҳад ва зане бар курсии раёсати ҷумҳурӣ биншинад. Аммо шуд он чизе, ки ҳама шоҳидаш будем. Ҳатто барои сабти расмӣ шудани ин шанси таърихӣ имкон надоданд ва шамими баҳори тағйирот, қабл аз пароканда шудан, дар ҳаво маҳв шуд.

### МАРДУМӢ, ОДӢ Ё ҒАЙРИМАРДУМӢ?

Солҳост, расонаҳои ҳукуматӣ ва дастгоҳҳои таблиғотии ҳукумат президенти кишварро ҳамчун роҳбари мардумӣ муаррифӣ меку-

нанд. Ту чӣ фикр мекунӣ, ҳаммеҳанам, як раҳбари мардумӣ бояд дорои кадом хислатҳо бошад? Оё раҳбари мардумӣ касест, ки барои мардумаш дастнорас аст ва танҳо он қисм аз мардум ҳаққи ҳамсуҳбат шудан бо ӯро доранд, ки аз қабл маълум шуда бошад пеши ӯ аз мушкилот ҳарф нахоҳанд зад? Аслан фарқи раҳбари мардумӣ, одӣ ё ғайримардумӣ дар чист?

Ҳаммеҳанам, ҳамсуҳбати дерин, то замоне ба ин пурсишҳо меандешӣ, иҷоза бидеҳ, чанд хотираи кӯтоҳеро бароят таъриф кунам, ки шояд ту низ намунаи онро дар сандуқи хотиротат дошта бошӣ.

Чун суҳбат аз раҳбари мардумӣ шуд ва раисҷумҳури кишвар рӯзи 21-уми декабр мисли ҳамеша паёми солона дорад, ёди ин хотираҳо уфтодам. Вақте дар мактаб мехондам, рӯзҳои бахусусе буданд, ки ҳамсинфонамон, онҳое, ки дар наздикии мактаб хона доштанд, телевизионеро меоварданд, то якҷоя паёми раисҷумҳурро бибинем.

Агар ин иттифоқ амали иҷборӣ он тавре, ки он замонҳо мегуфтем, «фармон аз боло» намебуд, ҳатман бо диққату иштиёқ ба тамошои он машғул мешудем. Аммо чун инсон аз бунёд дар муқобили ончӣ иҷборист, исён мекунад, телевизион дар рӯи мизи муаллим барои худаш садо дар меоварду ҳамсинфон гурӯҳ-гурӯҳ канори ҳам нишаста ба пич-пич машғул мешуданд.

Дар донишгоҳ низ авзоъ тақрибан ҳамин тавр буд, бо ин тафовут, ки донишкадаи рӯзноманигорӣ бо телевизон муҷаҳҳаз буду чун имкон дошт, омӯзгоре дар рафти дарс бигӯяд фалонӣ, «мавзуъҳои асосии паёми имсола чӣ буд?» иддаи муайяне ба он таваҷҷуҳ мекарданд. Гурӯҳи дигар пас аз нашри матни комили он як бор рӯи сатрҳо чашм медавониданд.

Албатта, ин назари ман аст ва имкон дорад туи азиз бо он мувофиқ набошӣ. Ба назари ту кадом роҳ бештар мардумӣ будани як роҳбарро нишон медиҳад? Вақте тамоми суҳбатҳо дар доираи як сенарияи аз қабл омодашуда сурат мегирад, хуб аст? Ё ҳангоме ки мардум метавонанд озодона аз мушкилот, пешниҳодҳо ва дағдағаҳояшон бо раисҷумҳур ҳарф бизананд, беҳтар аст?

Дар тамоми кишварҳои демократии дунё, дидорҳои махсус барои суҳбате озод байни рӯзноманигорону раисҷумҳур ё мардуми одию раисҷумҳур, донишҷӯёну раисҷумҳур баргузор мешаванд. Чун ин ҳаққи муссалами ҳар шаҳрванд аст, ки бидонад, нафаре, ки барои хидмат кардан ба ӯ ва ҳаммеҳанонаш интихоб шудааст, чӣ гуна одамест, назараш дар бораи ин ё он мавзуъ чист? Барои рушд ва пешрафти кишвар чӣ корҳоро амалӣ карда ва чӣ корҳоеро дар нақша дорад? Раисҷумҳури кишвари ҳуқуқбунёд ва демократӣ медонад, ки интихоб шуда то хидмат бикунад, пас табиист, ки муваззаф аст, ба мардум аз амалкардҳояш ҳисобот бидиҳад.

Ҳар бор, ки чизе мегӯям, як нафари беному нишон пайдо мешавад, ки бигӯяд ту фақат аз камбуд мегӯӣ, агар ягон пешниҳод дошта бошӣ бигӯ, вагарна нанавис. Ту ҳаммеҳани азизу меҳрубонам ҳам, ки ҳар дафъа ҷавобе барои додан ба он нафар дорӣ. Аз ту мамнунам! Лекин биё як бор ҳам ба гуфти он ошнои беномамон амал кунем. Пас, пешниҳод мекунам, имсол ба ҷои паёми «иҷборӣ» суҳбате озод бо мардум ва барои мардум баргузор карда шавад. Дидоре озод ва бидуни сонсур (сензура)!

Пешопеш бигӯям, чун аҷаб нест, ки дар вақти лозим «коронавирус» баҳона бишавад. Кормандони гиромии ҳукумат, оқои раисҷумҳур, дар асри 21 ҳастем дигар! Акнун ташкил кардани дидор ва суҳбате онлайнӣ коре фантастикӣ ва хориҷ аз тавони башар нест!

Назари ту дар ин бора чист, ҳаммеҳан?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи декабри соли 2021*

# АЗ ДУРӮҒҲОИ СИЁСӢ ЭҲСОСИ ҲАҚОРАТ МЕКУНЕД?

Дуруд ҳаммеҳан!

Соат чаҳори субҳ буд, аммо ҳанӯз беруни панҷара ҳавои торики шаб мекӯшид муҳлати ҳузурашро ба дарозо бикашад. Шояд зоти торикию дурӯғ ҳамин аст, ки мекӯшанд, ҳадди имкон барои мондану пирӯз шудан мубориза баранд. Ҳамонгуна, ки офтоб ҳар субҳ тулуъ мекунад, ҳақиқат низ бешак дар фурсати аввалин бар дурӯғ ғолиб мешавад.

Чаро як президент, вазир ё раиси идора дурӯғ мегӯяд?

Аслан, агар таваҷҷуҳ карда бошӣ, дар ҳама ҷойи дунё, ё дасти кам дар ҳар ҷое, ки ахлоқу дурустӣ меъёр шуморида мешавад, ба кӯдакон омӯзиш медиҳанд, ки дурӯғ маломатовар ва ростиву дурустӣ ситоишбарангез аст. Ҳарчанд ин дарс тақрибан ба ҳамаи мо дода мешавад, боз иддае «муваффақ мешаванд», ки ҳикмати онро ҷое аз роҳи зиндагии худ гум кунанд ё дар пайроҳаҳои гузашта ба фаромӯшӣ биспоранд.

Гоҳе фикр мекунанд, як дурӯғи хурд чизеро иваз намекунад. Аз ёд мебаранд, ки дурӯғ зоти занҷирай дорад. Як дурӯғи хурд кофист, то аз паси он дурӯғи дувуму севвуму садум сарозер шаванд ва ин дурӯғҳо одатан ҳар бор бузургтару бузургтар аз пеш мешаванд. Шояд аз ин ҷост, мегӯянд, дурӯғ кӯчаку бузург надорад. Чизест, ки ростӣ ва виҷдонро нобуд мекунад.

Агар кӯдаке дурӯғ мегӯяд, ба ин далел аст, ки шояд аз танбеҳ шудан метарсад. Аммо чаро як президент, сарвари давлат, вазир ё раҳбар дурӯғ мегӯяд? Шояд ба ин далел мегӯянд, сиёсат чиркин аст? Оё

зоти сиёсат воқеан ин бошад? Тасаввур кардани ин ифлосӣ дар симои сиёсатмадорҳое, ки бо либоси поку гаронарзиш, кафшҳои локзадаи барроқ ва савор бар мошину чархболу ҳавопаймо мегарданд ва аксаран қадам рӯйи қолиҳо мениҳанд, то мабодо ғуборе ба кафшҳояшон биншинад, душвор аст, не?

Ҳамин чанд рӯз пеш яке аз онҳо омад ва гуфт, агар даст ба амалназанад, Украина соҳиби силоҳи ҳастаӣ мешавад, ҳукумат дар Киев дар дасти миллатгароён ва нашъамандон аст ва дар Донбасс наслкушӣ ба роҳ монда шудааст ва ғайра. Акнун дар пайи ин суханон хуни одамони бегуноҳ ва сарбозони ҷавон мерезад.

Шеваи роиҷтарине, ки сиёсатмадорон барои фиреби мардум истифода мекунанд, мубҳамгӯӣ ё ин ки истифода аз таъбирҳои сахт аст. Ба ҳар шакле, ки дилашон хост аст, яъне дар ҳолатҳои марбуту номарбут.

Дар Бадахшон якеро ҷинояткор медонанд ва мехоҳанд ба хубию хушӣ таслим шаванд. Магар танҳо додгоҳ муайян намекунад, ки шахс воқеан ҷиноят кардааст ё на? Чаро сиёсатмадорон худро ҳам додситону ҳам қозӣ ё додрасу судя гумон мекунанд? Оё барои он не, ки ҳадафҳои худро бояд пеш ронанд? Шояд аз ин ҷост, ки садҳо нафар норозӣ шуданд ва ба ҳимоят аз Маҳмадбоқир Маҳмадбоқиров, яке аз раҳбарони ғайрирасмӣ дар Бадахшон, бархостанд? Онҳо ба ҷинояткор будани ин шахс бовар накарданд. Онҳо гумон доранд, ин як дурӯғе беш нест. Солҳои охир тундгароӣ, барангехтани нафрат ё ҳимоят аз экстремизм аз баҳонаҳои роиҷи боздошту парвандаҳои зиёд гардидааст. Барои ангехтани тарси бештар ҳатто аз вожаҳои «ифротӣ», «хоин» ва «террорист» суистифода мешавад.

Феҳристи номи онҳое, ки бо чунин ҷурм дар пайгард қарор доранд, чандин ҳазор нафар аст. Ин қадар василаҳои гуногун барои ину он пайдо кардаанд, ки одам намедонад аз тааҷҷуб ангушти ҳайрат бигазад ё ба «халлоқияти ҳунарӣ»-и ин тоифа кафкӯбӣ кунад. Барои лайк гузоштан ё шарҳе, ки писандашон нест, зиндонӣ мекунанд. Барои амалкардҳои фарзанд модарро зиндонӣ мекунанд, лобуд чун ифротиро зодааст!? Агар касе назаре ба ғайр аз назари «пайравони пешвои миллат» дорад, ногузир ба ин феҳраст меравад.

Ҳаммеҳанам, фикр мекунам, чизи бештаре барои шарҳ лозим нест, ту худат метавонӣ хулоса барорӣ. Рӯзноманигоре, ки танҳо «силоҳаш» қалам аст, куҷояш бо ташреҳи боло мутобиқат дорад? Ё муҳоҷиру ҷавоне, ки зери навиштаи касе аломати писанд (лайк) мегузорад, куҷояш бо ташреҳи боло мутобиқ аст?

Ва ҷои таассуф дорад, вақте мансабдорони мо барои пинҳон кардани як ҳақиқат мекӯшанд, роҳҳову ҳарфҳои дигареро барои фиреби мардум пайдо кунанд. Масалан, суратҳисоби чандмиллионии Қосим Раҳбар, раиси шаҳри Ҳисор ва вазири собиқи кишоварзиро бигирем. Бо вуҷуди қабули мавҷудияти ин ҳисоби бонкӣ ба номи ӯ, кӯшидааст, бо нақли ҳикояҳои мухталиф, ки зидду нақиз ба назар мерасанд, мардумро фиреб диҳад. Бехабар аз он ки шояд мардуми мо соддаву хушбовар бошанд, аммо аҳмақ нестанд!

Мардум ба афсонаи мадҳушии ҷодуӣ, ки як имзо дар он ҳисоби бонкии чандмиллионӣ меовардааст, бовар нахоҳанд карданд. Оқилона ва содиқона мебуд, агар раиси шаҳри Ҳисор ба ҷойи чунин тавҷеҳнома чӣ гуна, аз куҷо ва бо чӣ роҳ ба даст овардани ин сарвати ҳангуфтро дар замони корманди давлатӣ будан, барои мардум шарҳ медод. Ё ҳадди ақал сукут ихтиёр мекард, шояд беҳтар буд.

Дар кул, ба назар мерасад, сиёсатмадорон фикр мекунанд фиреб додани мардум корест, соддаву табиӣ. Ё ин ки онҳо метавонанд, ё ҳаққашро доранд, амалкардҳои нодуруст ё ғайриқонунии худашонро бо гузоштани муҳрҳои рангоранг ба номи ину он тавҷеҳ кунанд. Дардовараш онҷост, ки иттифоқан иддае ростӣ ба чунин ҳарфҳо бовар мекунанд. Як иддаи дигар барои тавҷеҳи он афсонаҳое мебофанду далелҳои сохтаву бофта ҳам меоранд. Ҳарчанд, мутмаинам аксарият медонанд, ки ин гуна дурӯғҳо тавҳин ба заковату дарки мардум аст.

Масалан ту, ҳаммеҳани азизе, ки ин номаро хондӣ, нисбат ба чунин навъи муомила бо мардум чӣ ҳиссе дорӣ? Оё ин як навъ таҳқир аст? Ман назару афкори худамро гуфтам, назари ту чист?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи феврали соли 2022*

# РОСТБИНӢ Ё ДУРӮЯГӢ? АКСИ САДОИ ҶАНГИ УКРАИНА ДАР ЗЕҲНИ ТОҶИКОН

Ончӣ имрӯз байни Русия ва Украина мегузарад, ҳамаро ба ду ҷабҳа бурдааст. Бархе аз амалкарди Русия ҳимоят мекунанд, бархеи дигар «шараф ба Украина» мегӯянд, қисме ҳам бетарафанд. Саввумиҳо «Ба мо дахл надорад» ва «Ин ҷанги мо нест» мегӯянд. Албатта, ин ҳаққи онҳост, ки интихоби озод дошта бошанд.

Як гуруҳи дигар насиҳат мекунанд, ки ба зидди Русия чизе нагӯед, муҳоҷирони мо онҷоянд. Ё зидди Украина чизе нагӯед, он ҷо ҳам муҳоҷирон ва донишҷӯён дорем ва украиниҳо барои мо ГЭС месозанд. Аввалиҳо, зоҳиран бештаранд. Дар байни онҳо афроде ҳастанд, ки тарафдорони сарсахти президенти Русия, Владимир Путинанд. Бархе аз онҳо ҳамчунин ҳамеша аз ҳукумати президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳимоят мекунанд.

Ба назар мерасад, барои ин гурӯҳ, фарқе надорад, қонунҳои байнулмилалӣ ва ба ғайр аз он усули инсонӣ аз тарафи кӣ ва то куҷо поймол карда мешаванд. Зеро, ҳатто агар нафаре бихоҳад ба онҳо бифаҳмонад, ки «ҳуҷум ба Украина баробар ба таҷовуз ба хоки кишваре дигар аст» ва шояд фардо ба сари Шумо низ ояд, ҳеч таъсире рӯяшон надорад.

Боз ҳам баҳона пеш меоваранд, ки «хуб, украиниҳо худашон гунаҳкоранд«; «раисҷумҳури Украина гунаҳкор аст» ва ё «Путин ҳамла кард, чунки илоҷи дигар надошт ва дар ғайри ин сурат ба кишвари ӯ ҳамла мекарданд». Албатта, ин ҳанӯз ҳамаи қазия нест.

Метавон гуфт, дар ин гурӯҳ, зергурӯҳи хосе низ ҳаст, ки на танҳо ба тарафдорӣ аз Путин ва амалкардҳои ӯ садо баланд мекунанд, балки аз дигарон низ даъват ба амал меоваранд, ки ба «сафи» онҳо бипайванданд. Мабодо, агар нафаре пайдо шуду бар хилофи ақидаи онҳо буд, онро зери бори фаҳшу носазо «нафасгир» мекунанд.

Масалан, бо ин гуфтаҳо, ки «тоҷикон аз пушти Путин — Русия нону намак мехӯранд ва ба қавле зиндагияшонро пеш мебаранд, дар натиҷа, набояд дар намакдон туф кунанд». Ё ин ки «артиши Русия аз Тоҷикистон дар муқобили Толибон дар Афғонистон ҳифозат мекунад».

Агар ба инҳо ҳам иктифо накарду далели дигаре барои гуфтан наёфт, раисҷумҳури Украинаро ба боди маломату таҳқир мегирад, ки як ҳунарпеша буд, вале намегӯянд, президенти Русия афсари КГБ ё дигарон раиси колхоз буданд.

Гурӯҳи охирин ҷонибдори мардуми Украина ҳастанд. Ба назар мерасад, ин даста аз мардум барои тамоми одамони дунё орзуи сулҳу амонӣ доранд. Ин гурӯҳ бештар аз шуҷоати мардуми Украина барои дифоъ аз марзу бумашон, радди даъвати амрикоиҳо аз тарафи Зеленский барои хуруҷаш аз кишвар; аз нороҳатию ҳамдардияшон ба вазъи фаълии кӯдакону мардуми Украина мегӯянд. Барои сулҳу оромӣ дуо мекунанд ва аз мардуми Украина даъват мекунанд, дар ин рӯзҳои сахт рӯҳафтода нашаванду сабр пеша кунанд.

#### КӢ АЗ КӢ ҚАРЗДОР АСТ?

Ҳамон тавр, ки дар боло гуфтем, гурӯҳе аз шаҳрвандони кишвар, ки намешавад камшуморашон ҳисобид, ҳисси вобастагӣ ва қарздорӣ нисбат ба Русия ё раисҷумҳури он кишвар доранд. Ин ҳисси дайн сабаб шуд, ки ба ҷустуҷӯи далоили он биравем. Албатта, эҳсоси инсонӣ на ҳамеша бо рақамҳо мувофиқ меуфтанд. Дар бисёре аз мавридҳо арқом ба куллӣ ҳарфи дигареро мезананд.

### МУҲОҶИРОНИ КОРӢ?

Тибқи омори ҳукумати Русия, дар соли 2021-ум 1,6 миллион шаҳрванди Тоҷикистон барои кор ба он кишвар рафтаанд. Бар асоси суҳбатҳое, ки бо чанде аз муҳоҷирони корӣ аз Маскав гирифта то Иркутск доштем, солона миёнгини маблағе, ки ҳар як муҳоҷири тоҷик барои патенту ҳуҷҷатҳои дигар сарф мекунад, чизе дар атрофи 1000 доллар аст. Яъне, солона пули расмие, ки аз ҳисоби муҳоҷирони Тоҷикистон ба ҳукумати Русия супорида мешавад, 1 миллиарду 600 миллион долларро ташкил медиҳад.

Ҳол он ки муҳлати кори ҳафтаии як шаҳрванди Русия тибқи маълумоти «Росстат», 38 соат мебошад, як муҳоҷири корӣ рӯзе ҳудудан аз 10 то 12 соат кор мекунад. Гузашта аз ин, муҳоҷирон ба корҳои сангину заҳматталаб машғуланд. Шаҳрвандони Русия ё ба иҷрои он розӣ намешаванд ё агар рафту розӣ шаванд, «ду баробари маблағ талаб мекунанд». Баҳси ин ки аз ноогоҳии ҳуқуқии муҳоҷирон чӣ қадр сӯиистифода мешавад ва он ки корфармоҳо то куҷо маоши муҳоҷиронро намедиҳанд ё ба қавле онҳоро фиреб медиҳанд, мавзӯи дигар аст.

### НЕРӮИ НИЗОМӢ?

Тибқи шарҳу гуфтаҳои мардум, далели дигаре, ки баъзе аз шаҳрвандони Тоҷикистон худашонро вобаста ва қарздор дар назди Русия медонанд, ин муроқибати низомии Русия аз Тоҷикистон аст. Ҳоло, биёед, бибинем ин назар то куҷо дуруст аст? Аслан манзур аз муҳофизати низомӣ чист? Оё мақсуд ҳамон пойгоҳи низомии 201-и Русия дар Тоҷикистон аст? Агар ин тавр аст, пас, бо ҳам нигоҳе ба моҳияти пойгоҳи низомии як кишвар «берун аз марзи он» биандозем.

Пойгоҳҳои низомии хориҷ аз марз, ба хотири ба намоиш гузоштани қудрати кишвари соҳиб, барои ҷангҳои равонӣ ва иктишофӣ ё таҳти таъсир қарор додани ҳодисаҳои хориҷӣ бунёд мешаванд. Имрӯз дар ҷаҳон Амрико, Фаронса, Русия ва Британиё бо бештарин

теъдоди ин навъ пойгоҳҳои низомӣ дар қатори аввал ҳастанд. Радаи дувум бо теъдоди камтаре мутааллиқ ба Чин, Олмон, Юнон, Итолиё, Ҷопон, Покистон ва Туркия мебошад.

Ҳоло баргардем ба пойгоҳи 201-и Русия. Далели вуҷуди ин пойгоҳ ҳамон тавр, ки дар санадҳои марбута зикр шуда, заминаи ҳузури геополитикии Русияро дар минтақаи Осиёи Марказӣ фароҳам меоварад, инчунин, манофеи дигар ҳукумату кишварҳои минтақаро ба инобат мегирад. Бо ин ҳисоб, ҳузури пойгоҳи низомии 201-и Русия дар кишвари мо, бештар ба нафъи ин кишвар аст. Дар беҳтарин сурат як муҳаббати «бемузду миннат» набуда, балки як тавофуқи дуҷониба аст, ки ҳар ду тараф ба чизи муайяне даст меёбанд. Зимнан, иҷорапулии Русия барои ин пойгоҳ дар як сол ҳамагӣ 1 рублро ташкил медиҳад.

**истиқлол?**

Бо пайгирии назару мулоҳизаҳои як идда аз шаҳрвандон, ки тарафдори ашаддии Русия ё дурусттар аст бигӯям сиёсати Путин ҳастанд, ҳиссе ба одам даст медиҳад, ангор Тоҷикистон дар ҳеч заминае ва ба ҳеч ваҷҳ наметавонад мустақилона аз Маскав арзи вуҷуд дошта бошад. Ногузир суоле дар зеҳни хонанда падид меояд: То куҷо чунин дидгоҳ дуруст аст? Ё ин ки мо воқеан истиқлол дорем? Агар дорем, манбаъ ва маншаи ин ҳама тарсу изтиробу воҳимаи шаҳрвандон аз ин ки бе Русия Тоҷикистон ба фано хоҳад рафт, дар чист?

Ҷанги Русияву Украина ҳамон гуна, ки рӯзе оғоз шуд, рӯзе низ поён хоҳад ёфт. Он чӣ барои мардуми он бахш аз кӯраи хокӣ боқӣ мемонад, фақат талафот аст, талафоти дутарафаи инсонӣ. Вале чизе, ки барои тоҷикистониён мемонад, ин пурсишҳоест, ки мебоист барояшон посух ёфт.

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи феврали соли 2022*

# «ФАҚРИ ҲАМАГИР». ЧАРО ТОҶИКОН АЗ МУТОЛЕА ДУР ШУДАНД?

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Мусоҳибаи нависанда Ӯрун Кӯҳзодро хондам. Дилам ба адабиёт, нависандагӣ ва соҳибқалам дар Тоҷикистон сӯхт.

Мехоҳам каме аз китоб бигӯем. Аз адабиёт ҳарф бизанем.

#### ТАФОВУТ АЗ КУҶО ТО КУҶО?

Дар яке аз китобфурӯшиҳои Фаронса сафи тӯлонӣ боис шуд, ки беш аз 35 дақиқа барои харидани китоб мунтазир бимонам.

Нохудогоҳ ёди хабарҳое уфтодам, ки аз ҳамла ба деги палаву табақи қурутоб дар Тоҷикистон тӯли солҳои охир нашр шуда буданд. Тафовути нороҳаткунанда. Он ҷо касе намехост, аз як зарф хӯроки бепул бигзарад, лек ин ҷо ангор ҳеч кас намехост, фурсатро аз даст бидиҳад.

Ҳама китобҳои интихобкардаи худро кушода, машғули мутолеа буданд. Бо ин ки мағоза дар яке аз шаҳракҳои атрофи Порис (Париж) ҷойгир аст, масоҳати калоне дорад. Китобҳои тарҷумашуда, бо забонҳои асл, китобҳои илмӣ, омӯзишӣ. Ҳар кадом бахшҳои махсусу бузурги худро доранд.

Он дам бо худ мегуфтам, ҳайф, ки чунин китобфурӯширо дар ҳеч куҷои Тоҷикистон надидаам. Дареғ, ки дар канори ҳеч китобфурӯшии

кишварам чунин таҷаммӯи зиёди муштоқони мутолеа ва китобро шоҳид набудаам.

### ЧАРО ЧУНИН АСТ?

Аз худам мепурсидам, чаро адабиёти мо бо чунин камтаваҷҷуҳӣ аз тарафи хонандагони тоҷик рӯ ба рӯ шудааст? Ба ёди ин далел уфтодам, ки шояд ту ҳам шунидаӣ. Мегӯянд: «Барои хондан асари ҷолибе, ба дардбихӯре ё, ба қавли дигар, имрӯзие пайдо накардам, барои ҳамин китоби адибони тоҷикро намехонам».

Дар чунин ҳолат дилам мехоҳад, аз он азизон пурсам, ки оё воқеан боре дунболи ягон асари нависандагони тоҷик рафтааст? Ҳеч шуда, ки ҳатто боре дар ин роҳ ҷустуҷӯи сар-сарие дошта бошад? Ҳатман посух манфист. Нарафтаанд, аммо ҳукм содир карданро дӯст дорем.

Вақте мегӯянд, асари хонданӣ нест, мехоҳам бипурсам оё ҳеч гоҳ романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзодро ба даст гирифтааст? Оё «Сакарот»-и Гулрухсори Сафиро хонда? Оё «Пойҳо ва руйҳо»-и Абдуқодири Рустамро мутолеа карда? Оё аз «Синдроми Стокҳолм»-и Шаҳзода Самарқандӣ чизе шунида? Оё боре «Дарё»-и Юнус Юсуфиро варақ гардондааст? Ҳисси итминони аҷибе дар ман мегӯяд, нахондаасту чунин мегӯянд.

### АДАБИЁТИ ҶАҲОНРО МЕХОНАНД, ТОҶИКИРО НЕ?

Иддае далел пеш меоранд, ки адабиёт муҳим несту ба мисли илмҳои дақиқ ниёзи омӯхтан надорад. Бехабар аз он ки адабиёт низ ба андозаи ҳар илми дигаре, ниёз ба омӯзиш, рушд ва таҳаввул дорад. Бояд ин воқеиятро пазируфт, ки ниёзи хонанда ва салиқаи ӯ боиси рушди адабиёт, далели илҳому ҷустуҷӯҳои эҷодии нависанда ва пайдо шудани ин ё он асари мондагор мегардад.

Масалан, агар романи яке аз адибони тоҷик мавриди истиқболи хонандагони сершумор дар кишвар қарор бигирад ва хонандагону мунаққидон онро ҳамчун шоҳкор бипазиранд, дар мавридаш зиёд бигӯянд, дигар нависандаҳо ҳатман дунболи рози муваффақияти ин ҳампешаашон мешаванд ва аз пайи офаридани осори мондагор хоҳанд шуд. Вақте камтарин таваҷҷӯҳ ба осори адабӣ намешавад, ҳеч китобе нахондаву адибони тоҷик «асари хонданӣ наменависанд» бигӯянд, табиист, нависандагон дигар аз пайи ҷустуҷӯ нахоҳанд рафт.

Албатта, дар ин мавридonҳоро намешавад муқассир донист. Онҷо, ки теъдоди нашри яке аз шоҳкорҳои насри тоҷик, «Сармаддеҳ»-и Баҳманёр, ҳеч гоҳ бештар аз 1000 нусха набуд, нависанда чӣ дилгармие метавонад ба касбаш дошта бошад?

Касе шояд бигӯяд, мардум нисбат ба адабиёт бетафовут нестанд. Магар намебинӣ, ки то рафт шумори харидорони адабиёти ҷаҳон дар бозори китоби Тоҷикистон рӯ ба афзоиш аст? Мехоҳам, пешопеш дар посух ба ин пурсиш бигӯям, мутолеаи адабиёти ҷаҳон, бешак, кори муфидест, аммо ин тавҷеҳе барои каммеҳрӣ ва бегонапарастии мо наметавонад бошад!

Адабиёти муосири мо «Камони Рустам», «Барф ҳам мегузарад», «Ардавирафнома», «Ҷӯгӣ», «Ситораи сари танӯр» ва даҳҳо достону қиссаи хонданию мондагор дорад. Бовар кунед, осори нависандагони тоҷик аз ҳеч шоҳкор ва осори мондагор дар адабиёти чаҳон ё офаридаҳои ҳамзабонону ҳамзамонони мо кам нест. Агар имрӯз мо Маҳмуди Давлатободӣ надорем, агар Содиқи Ҳидоят надорем ва агар Симини Донишвару ғайраву ғайра надорем, ба хотири набудани истеъдодҳо нест! Истеъдодҳо ҳамеша вуҷуд доштаанду умед бар он аст, ки ҳамеша арзи вуҷуд хоҳанд кард.

Мутаассифона, мо на танҳо ҳеч дастгириву алоқае нисбат ба истеъдодҳо надорем, балки ҳозирем осори хориҷиёнро дар тарҷумаи русӣ бихонему навиштаҳои беҳтарини адибони тоҷикро нодида бигирем.

Кор ба ҷое кашида, ки бархе ҳатто забон ва корбурди вожаҳои фаровонро далел оварда, аз фаҳму дарки хонанда «дур шудани» забони адабиро зери тозиёнаи танқид мегиранд. Гӯӣ забони осори ада-

бӣ муваззаф аст, дар доираи ҳамон чандсад калимаи ёд гирифтаи онҳо бошад.

#### ТАНҲО ФАҚРИ МОЛӢ НЕ

Гузашта аз ҳамаи инҳо, ба назар мерасад, фақри ҳамагир дар кишвар яке дигар аз далоили аслии дур шудани мардум аз мутолеа, ба вижа адабиёт, шудааст. Манзур танҳо фақри молие нест, ки чун офтоби рӯз ба чашми ҳар биное мехалад, балки фақри зеҳнию маънавӣ низ ҳаст. Ҳарчанд начандон роҳат, аммо мубориза бо навъи аввали фарқ басо осонтар аз решакан кардани навъи дувуми фақр аст.

Агар фақри молӣ моҳ ба моҳу сол ба сол вазъи зиндагии одамро бад мекунад, фақри зеҳнию маънавӣ, лаҳза ба лаҳза, соат ба соат, рӯз ба рӯз одамро дар мурдоби хеш фурӯ мебарад ва равони касро хароб мекунад.

Имрӯз ман ба чизҳое аз ин қабил фикр мекунам, ҳаммеҳанам. Ту ба чӣ меандешӣ?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи марти соли 2022*

# БАҲСИ НАВ.
# ФАШИЗМ ЧИСТУ ФАШИСТ КИСТ?

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Имрӯз мехоҳам перомуни мавзӯе сӯҳбат кунем, ки боис ба нигаронии натанҳо ман, балки ниме аз мардуми сайёра аст. Ба назар мерасад, ҷаҳон ба ду қисм ҷудо шудааст. Як идда дар он сӯи марз қарор доранду иддаи дигар дар самти муқобил. Шояд бипурсӣ аз кадом марз ҳарф мезанам?

Аз марзи ҷанги Русия ва Украина. Ҳарчанд ин ҷанг дар чаҳор ҳазор километрии мо мегузарад, марзҳои он мардумро то худи Тоҷикистон дунболгирӣ мекунанд. Агар яке аз Украина ҳимоят мекунад, дигаре пуштибони Русия аст. Аммо новобаста ба ин ки дар ҷанги байни Русия ва Украина кӣ тарафи киро мегирад, ин ҷанг ҳамчунон идома дорад.

Ин фоҷеаи инсонӣ боиси дубора рӯ задан, ё ба қавле дигар, роиҷ гаштани калимаҳое шуда, ки башар умеди фаромӯш кардани онҳоро дошт. Яке аз ин калимаҳо «фашизм» аст. Русия Украинаро ба фашизм муттаҳам мекунаду Украина Русияро. Ҳис мешавад, ки дар ин миён ҳаммеҳанони мо бидуни ҷустуҷӯ ва дарки далелҳое, ки ду кишвар пеш меоранд, ба шакле ғаризаӣ ва таҳти таъсири таблиғоти ин ё он тараф аз яке ё дигаре ҷонибдорӣ мекунанд.

Пас, шояд бад набошад, то бо ҳам нигоҳе бикунем ба мафҳуми фашизм, тарихи пайдоишу рушди он ва ҳамчунин дигар далелҳое, ки дар ҷанги байни ин ду кишвар садо додаанд.

Вожаи «фашизм» баргирифта аз калимаи лотинии «Fascis» ва ба маънии табарпӯш аст. Табарпӯш асбобест, ки аз чӯбҳои ба ҳам пайваста дар гирди табаре омода мешавад. Муҳофизон ва тарафдорони ҳукумат дар Рум барои нишон додани вафодории хеш ба худ бо табарпӯш ҳамл мекарданд. Худи фашизм як назарияи сиёсии ростӣ-ифротӣ ва гунае аз низоми ҳукумати худкомаи миллигарои ифротист. Чунин низоме нахустин бор дар солҳои 1922-1945 дар Итолиё аз тарафи Муссолинӣ раҳбарӣ карда шуд, ки он бар се поя, яъне ҳизби сиёсии воҳид, нажодпарастии ифротӣ ва давлати муқтадиру мутамаркиз устувор буд.

Фашизм аз дидгоҳи назарӣ, маҳсули густариши назари нажодбоварӣ ва империализми аврупоӣ ва аз назари иҷтимоӣ маҳсули буҳронҳои иқтисодию иҷтимоии пас аз ҷанги ҷаҳонии аввал аст, ки бо шикасти кулли нерӯҳои меҳвар дар ҷанги ҷаҳонии дувум аз эътибор афтод. Тибқи баъзе аз дидгоҳҳои сиёсӣ, ҳадафи фашизм, ҳифзи низоми диктатурӣ дар замонест, ки идораи кишвар ба гунаи маъмул имконпазир набошад. Ҳукумати фашистӣ кулли ҳуқуқ ва озодиҳои демократиро дар кишвар аз байн мебарад ва сиёсати худро маъмулан дар лифофае аз назарияву таблиғоти асосёфта бар таассуби миллию нажодӣ мепӯшонад.

### БАҲОНА ЧИСТ? БАНДЕРА

Ҳаммеҳани азизам, ҳоло мехоҳам ба асли суҳбати худамон баргардем. Яке аз далелҳое, ки Русия барои исботи мавҷудияти фашизм дар Украина пеш овардааст, ин тарафдорони ҳаракати миллигароии Бандера аст. Имкон дорад яке бипурсад, хуб, Бандера кист?

Агар ба таърихи ҷунбиши миллигароии Украина назар андозем, бо чеҳраи Степан Андреевич Бандера ошно мешавем. Ӯ дар замони ҷанги дувуми ҷаҳон фармондеҳии артиши шӯришиёнро ба уҳда гирифта, тамоми талошашро барои бунёди Украинаи мустақил ба харҷ додааст. Вақте ӯ 15-уми сентябри соли 1941 Украинаро як кишвари

мустақил эълон кард, ба ҳамин далел аз тарафи Олмони фашистӣ боздошту сипас ба урдугоҳи кори иҷбории Зохсенҳовзен фиристода шуд. Соли 1944 Олмон бо аз даст додани бартарии худ дар ҷанг, ва пеш аз пешравии муттафиқон, ба ин умед, ки Бандера аз пешравии нерӯҳои Шӯравӣ ҷилавгирӣ мекунад, ӯро озод кард.

Ӯ дар соли 1959 аз тарафи оҷонси амнияти миллии Шӯравӣ дар шаҳри Мюнхени Олмон террор шуд. Тақрибан панҷоҳ сол пас аз марги ӯ, 22-юми январи соли 2012, Виктор Ющенко, раисҷумҳури вақти Украина, ба Бандера унвони қаҳрамони миллӣ дод. Аммо ин унвон, як сол баъд, пас аз нишастани Виктор Янукович бар курсии раёсати ҷумҳурӣ, ки аз пуштибонии Русия баҳравар буд, расман бекор шуд. Ин воқеа бори дигар нишон медиҳад, ки нисбат ба Бандера ҳанӯз муносибати дугона вуҷуд дорад.

### БЕГОНАСИТЕЗӢ. МУҚОИСАИ УКРАИНА ВА РУСИЯ

Лек нуктаи суолбарангез ин аст: оё новобаста ба ин ки Бандера кӣ буду чӣ кард, дар Украинаи имрӯзӣ амалҳои хушунатомез ва бегонаситезона, ки сабаби кушта шудани ғайриукраиниҳо шуда бошад, мавҷуданд? Ба назар мерасад, ба ғайр аз иддаои бидуни далел, монанди қатли ом дар Донетск ва Луҳанск, ки ҳар гоҳе аз тарафи расонаҳои русӣ пахш шудаву мешавад, иттифоқи дигаре матраҳ нагаштааст.

Вақте аз тоҷикон ва намояндаҳои миллатҳои дигар, ки чанд сол миёни мардуми Украина дар шаҳрҳои гуногуни ин кишвар зиндагӣ кардаанд, дар ин бора мепурсӣ, ҳеч шикояте аз бегонабадбинӣ ё аз бедодгариҳои фашистону ҷонибдорони Бандера ҳарф намезананд. Баръакс, таъкид мекунанд, ки ҳеч гоҳ таҳқире нисбаташон набуда ва ҳеч кас эътиборашонро паст назадаву тавҳин ва дашном надода.

Ҳоло суоле пеш меояд, ки чаро ва бо кадом мақсад Русия Украинаро ба фашизму неофашизм муттаҳам мекунад? Вақте чунин иддао аз тарафи Русия матраҳ мешаванд, нохудогоҳ одам мекӯшад, решаву далели ин даъвоҳоро пайдо кунад. Нахустин чизе, ки ба зеҳн мерасад,

бешак, ин аст, ки чӣ гуна гурӯҳи «Тоссарҳо» ва миллатгароёни дигари русӣ нисбати мардуми дигар, аз ҷумла ҳамватанҳои мо — тоҷикон таҳқиру тавҳин раво дидаанд.

Даҳҳо кас кушта, даҳҳо нафар таҷовуз ба номус шудаанд, ки дар миёнашон кӯдакон низ ҳастанд. Муносибати комилан ваҳшиёнаи пулис нисбат ба муҳоҷирон, аз ҷумла корҷӯёни тоҷик, фоҷеаи дигар ва нишони равшани зуҳури фашизм ё нафрат ба дигарон бар пояи тафовути нажодию забониву қавмӣ дар Русия аст.

Боздошти 8 шаҳрванди кишвар бо шалворҳои порашуда ва гирифтани акси онҳову гузоштан дар шабакаҳои иҷтимоӣ агар фашизм нест, пас, чист?

Агар ин амал паст задани шаъну шарафи миллати дигаре нест, чист?

Оё чунин ҳолатеро нерӯҳои интизомӣ дар Украина ё ҳар кишвари дигари ҷаҳон нисбати тоҷикон раво дидаанд?

Бо вуҷуди ҳамаи ин воқеаҳои талх, ҳанӯз ҳам иддае аз ҳаммеҳанони мо мекӯшанд, аз Русия ва амалкардҳояш тарафдорӣ кунанд. Онҳо ҳуҷуми низомии Русияро алайҳи Украина, ки «амалиёти вижа» номгузорӣ кардаанд, ҳамчун дифоъ аз манфиати рустаборон дар ин кишвар мехонанд. Лек оё боре аз худ мепурсанд, вақте кишваре амалан тавассути низомиёни хеш, талоши ҷудоиталабии бахши андаке аз як минтақаи кишвари дигарро пуштибонӣ мекунад, ин дахолати ошкор дар корҳои дохилии як кишвари мустақил ва ҷиноят нест?

Чаро аз худ намепурсанд, агар минтақаҳои мухталифи Русия мисли Чеченистон, Тотористон, Бошқирдистон, Ёқутистон ва ғайра барои ҷудоихоҳӣ талош дошта бошанд, аз тарафи Русия таҳдид ба тамомияти арзии кишвар шинохта мегардад. Бешак, ин гуна талош шадидан саркӯб шудаву саркӯб низ хоҳад шуд. Вақте чунин ҳолат дар Украина сурат бигирад, чаро Маскав онро зуҳури миллатгароӣ ва куштори русҳо талаққӣ мекунад?

Ин меъёри дугона оё фақат барои пардапӯш кардани ҳадафи аслӣ, яъне мутеъ ва фармонбарори худ кардани як кишвари соҳибистиқлол нест?

Ё чаро як кишвари соҳибистиқлол «бояд» барои ворид шудан ё нашуданаш дар паймоне ризояти Русияро дошта бошад?

Воқеан, мехоҳам, бидонам имрӯз онҳое, ки ба ҳар роҳе мекӯшанд, таҷовузи Русияро ба хоки Украина «сафед» кунанд, ин воқеият ба зеҳнашон намерасад, ки осиёб ба навбат аст?

Имрӯз ба ин чизҳо фикр мекунам, ту ба чӣ меандешӣ, ҳаммеҳанам?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи марти соли 2022*

# ЧАРО ПРЕЗИДЕНТ ГУФТ, БА ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ОМОДА ШАВЕД?

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Суҳбати пешина туро он қадр ҳайяҷонзада кард, ки паёмгири ман аз номаҳои мухталиф пур шуд. Назарҳо чунон сершумор буданд, ки фурсат нашуд, ҳамаи онҳоро бихонам. Аммо ҳамон паёмҳову чанд шарҳе кофӣ буд, то дар зеҳнам суоли тозае рӯ занад. Оё мо мафҳумҳои истиқлол ва истеъморро дуруст мефаҳмем? Омодаем, ки аз истиқлоли кишвари худ бо баҳои ҷон дифоъ кунем?

Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 соҳибистиқлол шуд. Инро ба ҳамсинну солҳои ман аз ҳамон синфи аввал ёд додаанд. Бешак, имрӯз ҳам донишомӯзони синфи як аз ҳамон дарсҳои нахусти мактаб ёд мегиранд, ки ҳар сол 9 сентябр ҷашни истиқлоли кишвар аст. Биё барои чанд лаҳзае худамонро ҷои ҳамон кӯдаки 6-7 солае бигзорем, ки тоза ба мактаб рафтааст. Вақте омӯзгор калимаи «ИСТИҚЛОЛ»-ро ба замон меоварад, чӣ чизе пеши чашмамон меояд? Кадом суолҳо ба зеҳнамон ҳуҷум мекунанд? Намедонам ҳоло чӣ ба зеҳни ту хутур карда, аммо он чӣ аз зеҳни ман гузашт ин аст. Истиқлол чист? Он чӣ аҳамияте дорад? Чӣ тавр ба вуҷуд меояд? Ва ғайраву ҳоказо...

Дуруст аст, ки ману ту акнун тавони ҷустан ва ёфтани ҳар иттилоъеро дорем. Биё, ҳамчунон тасаввур кунем, ки ҳамон кӯдаки синфи як ҳастем. Дар ин сурат посухгӯи пурсишҳоямон низ лобуд омӯзгорамон хоҳад буд. Шояд устод дар ҷавоби суолҳоямон бигӯяд:

Истиқлол ин амалӣ кардани коре тибқи хостаи хеш ва бидуни мудохилаи каси дигаре мебошад. Он бисёр муҳим аст, зеро озодии фардии ҳар инсонро нишон медиҳад. Ҳисси истиқлолталабӣ ва озодиҷӯӣ аз лаҳзаи ба дунё омадани ҳар инсон дар ниҳоди ӯ мавҷуд аст. Масалан, ба навзоди парпеч таваҷҷӯҳ кунед. Кофист он матои дар гирдаш бастаро бикшоед, зуд дасту пойҳояшро боз мекунад. Гӯӣ озодияш аз банди он порчаро ҷашн мегирад. Ё ба маҳзи ин ки худашро шинохт, идора кардани дасту пойҳояшро омӯхт, иҷоза намедиҳад ба корҳои шахсияш мудохила кунед. Дилаш мехоҳад қошуқчаро дар дасти худаш бигирад ва ҳатто, агар ҳама сару либосашро чиркин кунад ҳам, бо зӯри бозӯи худаш хӯрок хӯрад. Ё новобаста ба ин ки меуфтад ё на, мехоҳад рӯи пойҳои худаш биистад ва дар ҳадди тавонаш уфтону хезон қадам бизанад. Ҳамин чанд мисол кофист то бифаҳмем, истиқлол барои инсон чӣ қадр арзишманд аст.

Шак надорам баъди ин гуфтаҳо низ ману ту суолҳои зиёде барои пурсидан хоҳем дошт, магар на? Масалан ҳамин ки чӣ тавр як кишвар, ки ҷисми зинда нест, метавонад мисли як инсон истиқлол дошта бошад? Ва ё ин ки агар кишварҳо ҳам метавонанд аз истиқлол бархурдор гарданд, тафовуташ бо истиқлоли инсонӣ дар чист?

Фикр мекунам муаллимамон пас аз чанд лаҳза диранг, барои ҷустуҷӯи калимаҳо муносибу сода ва сохтани ҷумлаҳое фаҳмо барои кӯдакони синфи як, бигӯяд:

Истиқлоли як кишвар ҷанбае сиёсӣ дорад. Лек он ҳам тақрибан ҳамон чизест, ки қаблтар бароятон тавзеҳ додам. Яъне як кишвари мустақил, метавонад бидуни дахолати кишварҳои дигар интихоб кунад, ки чӣ гуна муносибатҳои дохилию хориҷияшро ба роҳ андозад. Худаш умури иқтисодияшро идора намояд. Ҳар тавр лозим донист, бо кишварҳои бегона паймонҳои сиёсӣ, низомӣ, тиҷорӣ ё фарҳангӣ бибандад.

Ҳарчанд ин чанд ҷумла зеҳнҳои ҳамеша ташна ба иттилои моро сероб намекунад, имкон дорад он лаҳза бо шунидани ҳамин ҳарфҳо қонеъ шавем. Аҷиб нест, агар касе пайдо шаваду бипурсад, ки гапро ба куҷо мебарӣ? Мехоҳам бигӯям, назари иддае аз ҳаммеҳанон нигаро-

нам кардааст. Бовар дорам, ки ту низ ҳарфҳое аз ин қабилро шунида ва ё ҷое дар ҳошияи суҳбатҳои маҷозӣ хондаӣ:

«Мо аз пушти Русия нону намак мехӯрем, дар намакдон набояд туф кард«

Албатта, ин ҷумла, ки ҳоло бо доғ шудани баҳси ҷанги Русияву Украина бештар ба гӯш мерасад, қабл аз ин ҳам сари забонҳо буд ва дар баҳсҳои мухталифе ба шаклҳои гуногун ва бо ҳамин як мазмун баён мешуду мешавад. Ин ҳолат инсонро во медорад хоставу нохоста ба далоили ин ҳисси амиқи вобастагии иддае аз мардум бияндешад. Иттифоқан аз нафаре, ки пайрави чунин ақоидест пурсидам, чиро худаш ва дигар шаҳрвандони Тоҷикистонро низ мадюн ё ба қавле қарздор аз Русия медонад?

Гуфт, сад дар сад набошад ҳам, камаш 70-80 дар сади мардум дар онҷо муҳоҷири меҳнатиянд ё аз ин ҳисоб рӯзгорашонро мечархонанд. Худо накунад қурби рубли Русия каме пойину боло ҷунбад, рангу рӯи мардум мепарад, фикр мекунӣ барои пули миллии сомонӣ ақаллан мижа таҳ мезананд? Русия нағз ё ганда, ақаллан ҷойи кор медиҳад ба мо. Ҳамин кор набошад, на пули хӯрдан меёбем, на пӯшидан. Баъд росташа гуфтан лозим, барои Русия даркор бошад, гирифтани Тоҷикистон як карат як аст. Аслан мешавад гуфт, онро гирифтааст. Пас, барои ҳамин қадараш ҳам Худоро шукр кардан лозим!

Гарчанде суҳбати ӯ тӯлонитар аз ин инҳо буд, кӯшидам фишурдаи онро бароят бозгӯ кунам, то бифаҳмӣ чиро баъд аз шунидани ҳарфҳояш ба ёди ромони «Аму Том» аз нависандаи амрикоӣ Ҳариет Бичер Стоув уфтодам. Ин бонуи нависанда дар асри 19-и мелодӣ зиста, яке аз ҳаводорони фаъоли лағви бардагӣ дар Иёлоти Муттаҳида ба шумор меравад. Асари ӯ, пас аз китоби муқаддаси «Инҷил», пурфурӯштарин ва пурхонандатарин китоб дар ҳамон аср шинохта шудааст. Дар ин асар қиссаи зиндагии қаҳрамони аслӣ аму Том, бардаи сиёҳпӯсте таъриф мешавад. Ҳамчунин бо ҳузури қаҳрамонҳои фаръии гуногуне ҷанбаҳои мухталифи шахсияти қаҳрамони аслӣ барои хонанда рӯшан мегардад. Агар ин китобро хондаӣ, бешак, ҳоло маро хуб ме-

фаҳмӣ, дар ғайри ин сурат бад нест барои мутолеаи ин китоб каме вақт бигзорӣ.

Аз ин ки «аму Том»-ҳоро байни ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон мебинам, нигаронам. Инсонҳои хушқалбу меҳрубон, аммо содалавҳе, ки бо вуҷуди боз будани қуфлу занҷирҳои «бардагӣ» дар дасту пойҳояшон, бе ҳаракат ба даҳани «арбобе» чашм дӯхтаанд. Ангор, занҷирҳои сахту сангине дар зеҳнҳояшон насб шуда бошад, ки ҳар гуна бурузи ҳисси озодӣ ва истиқлолро дар онҳо салб мекунад. Дар ҳамин ҳол ахиран раисҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон дар як суханронӣ, бо мухотаб қарор додани ҳамагон, таъкид бар он дошт, ки «барои ҳифзи истиқлол омода бошед». Оё кадом нерӯ ё раванде ба истиқлоли Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунад? Аз дохили кишвар ё беруни он? Эҳсоси соҳибистиқлол будан то чӣ миқдор байни мардуми кишвар фарогир аст? Чанд дар сад ба он комилан бовар доранд? Оё бузургтарин хатар ва таҳдид ба истиқлол ҳамин эҳсоси истиқлоли комил надоштан нест?

Оё ин ки Тоҷикистон дар сиюанд соли истиқлолаш ҳанӯз ба маънои воқеӣ мустақил нашуда, метавонад далели ин навъ истеъмори зеҳнии гурӯҳе аз мардуми кишвар бошад? Оё ин талошҳои зоҳирӣ ва базмҳои пурсарусадо барои таҷлил аз истиқлол барои таскини хотири худ ва ҷуброни вобастагӣ аз дигарон дар умури истиқлол нест? Оё мо миллати мустақил шудаем? Сиву анд соли истиқлоли мо ростин аст? Агар ростин аст, чиро умури як кишвари дигар зеҳни моро бештар аз мушкилоти кишвари худамон банд мекунад? Ин пурсишҳо зеҳнамро сахт машғул карда. Ту чӣ назар дорӣ, ҳаммеҳан?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи апрели соли 2022*

# «САРБОЗШИКОР». ЧАРО ҶАВОНОНИ ТОҶИК АЗ АРТИШ МЕТАРСАНД?

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Бори аввал нест, ки намедонам аз куҷо шуруъ кунам. Намедонам кадом мисолҳоро бароят биорам. Ё чӣ тавр матлабро ба охир бирасонам. Пас, иҷоза деҳ, онро бо моҷарое оғоз кунам, ки боис шуд дубора бароят бинависам.

Ҳамроҳи дӯстон нишаставу гарми суҳбат будем. Садои паёмгири гӯшиям баланд шуд. Бо ин гумон ки шояд хабари муҳимест, паёмро кушодам. Яке аз ошноён навор фиристода буд. Боз намудам, садои доду фарёд дар ҳаво печид. Зуд онро хомӯш кардам. Нигоҳи ҳайратовари атрофиёнро дидам, ки ба сӯям дӯхта шуда буданд. Дӯстони фаронсавиям мепурсиданд, ки

— Ҳамлаи наве дар Украина ба амал омада?

— Чӣ қадар ваҳшатнок, ин садои фарёди кӣ буд?

— Чӣ рӯй додааст?

Дар ин фикр будам, ки ба онҳо чӣ ҷавоб бидиҳам. Хиҷолатовар буд, ки бигӯям «на, чизе нест, фақат ҷавонеро барои хидмати сарбозӣ шикор кардаанд». Худоро шукр, дӯсти эрониям аз ман пешдастӣ карду гуфт: «На, Украина нест, Афғонистон аст. Ба назарам, пас аз султаи Толибон вазъияти он ҷо ҳам ҳеч камие аз ҳолу рӯзи имрӯзи Украина надорад.»

Ман ҳам ба нишонаи тасдиқи ҳарфҳои ӯ сар меҷунбонидам. Касе чӣ медонист он лаҳза чӣ аз сару дилам мегузашт? Ҳама фикр мекарданд, кадом афғонистоние аз зулми Толибон ба фарёд омадааст, вале ин доду фарёд дар Тоҷикистон садо медод, ки ҳамеша санги оромиву суботашро ба сина мезанем.

Вақте ба хона бозгаштам, дубора он наворро тамошо кардам. Садои фарёди «Мардум! Ҳой мардум!» гуфтани ҷавон дар гӯшам мепечиду аз худам мепурсидам, чӣ тавр пеши чашми мардум одамеро ба зӯр бо худ мебаранд ва касе аксуламале нишон намедиҳад? Чӣ ба сари мардум ва ҳисси раҳму шафқат ва ҳамтаборӣ омада?

Шунидаӣ, ки мегӯянд инсон бо мурури замон ба ҳама чиз одат мекунад? Ба назар мерасад, мо ба зулм кашидан одат кардаем! Гӯӣ барои Тоҷикистону мардуми он иттифоқоте аз ин қабил одӣ шуда бошад. Як шакли одамрабоӣ дар рӯзи равшан иттифоқ меуфтад ва оё касе пайдо мешавад, ки бипурсад, охир дар кишваре демократӣ ва ҳуқуқбунёд чӣ тавр мумкин аст амале чун «сарбозшикор» вуҷуд дошта бошад? Касе мегӯяд, барои чӣ мо иҷоза медиҳем чунин рафторе нисбатамон раво бинанд?

### МУҚОИСАИ ВАЗЪ ДАР ТОҶИКИСТОН ИСРОИЛ

Ба ин чизҳо фикр мекардам, аммо ҳанӯз ба ин натиҷа нарасида будам, ки бароят чизе бинависам. То ин ки Ронӣ, духтари исроилӣ, даъватам кард, то бо ҳам каме дар шаҳр бигардем. Ӯ бо барномаи Эрасмус ба Фаронса омада ва мо тасодуфан бо ҳам ошно шудем. Ҳамин ки ба хиёбони Виктор Ҳюго расидем, аз ӯ дар бораи артиши Исроил пурсидам ва ин ки оё худи ӯ ба хидмати сарбозӣ рафтааст ё на? Ӯ ҳам бо иштиёқ то расидан ба лаби рӯдхона бароям таъриф кард, ки хидмати сарбозӣ дар Исроил чӣ гуна мегузарад.

Тамоми шаҳрвандони яҳудиасли ин кишвар, чӣ писару чӣ духтар, пас аз расидан ба синни 18 вазифадоранд, ба хидмати ҳарбӣ бираванд. Ҳамчунин, дарзиён ва черкасон, албатта, фақат мардҳо ба сарбозӣ

фарохон мешаванд. Ронӣ мегуфт, дар кишвараш арабҳо муваззаф нестанд ба хидмат раванд. Агар худашон бихоҳанду дархост диҳанд, пас аз гузаштан аз имтиҳонҳое метавонанд ба сарбозӣ раванд.

«Мардҳо 2 солу 8 моҳ ва занҳо 2 сол хидмат мекунанд. Онҳое, ки мехоҳанд рутбаи болотаре касб кунанд, аз чаҳор то ҳашт моҳи иловагӣ ба муҳлати хидматашон афзуда мешавад,» — шарҳ медод ӯ. Ҳамчунин таъкид дошт, ки аҳамияти хидмати сарбозӣ байни ҷомеаи яҳудӣ на танҳо ҷанбаи ҳифозатӣ аз кишварашон дорост, балки ҷанбаи иҷтимоӣ низ пайдо кардааст. Ба тавре ки ҳар кас хидмати сарбозиро анҷом дода бошад, ватандӯсти воқеӣ маҳсуб мешавад ва аз эҳтироми бештаре бархурдор мегардад.

Ба назари ӯ, аксар ҷавонон бо майли зиёд ба сарбозӣ мераванд, чун бо ин роҳ саломати ҷисмию равонияшонро ба ҷомеа «исбот» мекунанд. Ҳар нафаре, ки аз анҷоми ин вазифаи шаҳрвандияш сарпечӣ карда бошад, тасвири манфие аз худаш ба намоиш гузоштаву аз тарафи мардум сарзаниш карда мешавад. Ронӣ ҳам ба муҳлати ду сол пас аз хатми мактаб хидмати сарбозӣ кардааст. Сипас ба донишгоҳи Тел-Авив қабул шудаву аз онҷо низ барои идомаи таҳсил ба Фаронса омадааст.

#### АГАР ПАДАРУ МОДАРИ ТОҶИК МЕДОНИСТ, КИ...

Ҳоло шояд ту бипурсӣ, аслан моҷарои зиндагии ин духтар чӣ рабте ба мо дорад, ё ин ки чиро онро бароят таъриф кардам? Чун Рониву ҳарфҳои ӯ водорам карданд, сари суҳбатро дар бораи ин мавзуъ бо ту боз кунам. Мехостам, ту низ бо доштани ин ду мисоли фарқкунанда пеши рӯят ба хулосае бирасӣ. Ё аз худат бипурсӣ, вақте кишваре, ки тақрибан 7 баробар кӯчактар аз Тоҷикистон аст, ин тавр омодагии артишашро ба роҳ андохта, чиро мо натавонем? Дилам мехоҳад ба дарки ин воқеият бирасем, ки омодагии низомии шаҳрвандон, пайвастани ҷавонон ба сафи артиши миллӣ, бояд фарҳангсозӣ шавад.

Ҳукумат бояд қабул кунад, ки аз 23-юми феврали 1993 то ба имрӯз ҳанӯз натавониста як барномаи ҷиддӣ ва муваффақ барои омӯзиши сарбозон тарроҳӣ кунад. Дар пайи ислоҳи хатоҳояш бишавад. Охир, мушкили мо фақат сарбозшикор нест! Оё касе мепурсад, ки чаро ҷавонон намехоҳанд ба сарбозӣ бираванд ва чӣ тавр кор ба онҷое кашида шуд, ки одамонро бо зарбу зӯр ба сарбозӣ бифиристанд?!

Агар модари тоҷик медонист, ки фарзандаш пас аз хӯрдани хӯроки сарбозӣ ба дарди меъдаву рӯда ва маризиҳои дигар гирифтор намешавад, бешак, худаш аз фарзандаш мехост, қарзи шаҳрвандияшро адо кунад. Агар падари тоҷик медонист, ки фарзандашро дар сарбозӣ бо зарбу лагад таҳқиру озор намедиҳанд, бешубҳа, худаш бо фаро расидани замони хидмат фарзандашро ба сарбозӣ мефиристод. Аммо чаро ин тавр намешавад?

Вақте ҷавонон ва волидонашон мебинанд, ки хидмати ҳарбӣ ба макони шиканҷаву маргу мири ҷавонҳо табдил шуда, чӣ гуна интизор дошт, ки онҳо бо хоҳишу ихтиёри хеш ба онҷо бираванд ё фарзандонашонро бифиристанд? Ҳатман ҳоло кадом бародар ё хоҳари рутбадор менависад, хиҷолат намекашӣ, дурӯғ мегӯӣ, кадом шиканҷа, кадом маргу мир? Барои дидани ин мушкилот фақат чашми бино лозим асту зеҳне, ки фаромӯшкор набошад.

### ШАҲБОЛ МИРЗОЕВ ВА ДИГАРОН

Марги Тоҷиддин Холов, Раҷабалӣ Назаров, Миралӣ Боқиев ва дигарон аз тозатарин мисолҳое ҳастанд, ки ҳанӯз аз хотири мардум зудуда нашудааст. Моҷарои талхи Шаҳбол Мирзоев чӣ? Магар мешавад зиндагии пурмуҷодилаи ӯро аз ёд бурд?

Ман, ки ба анҷоми хидмати сарбозӣ мувazзаф нестам, ҳар сол бо дидани хабарҳои «сарбозшикор» ба ёди ӯ меуфтам. Аз эҳтимол дур медонам, ки дигар ҷавонон низ ин ҳодисаро аз ёд бибаранд. Ҷавони солиму сари ҳоле ки бо хоҳиши худаш ба хидмати ҳарбӣ рафту аз онҷо маъюб бозгашт. Ба ғайр аз худи мардум касе ба ёрии ӯ шитофт? Харҷи

табобатҳои ӯро гунаҳкорони он воқеа ба уҳда гирифтанд ё ҳукумат? Ҳеҷ кадом! Ӯ пас аз ҳафт соли ранҷу азоб аз дунё рафт ва танҳо Худо медонад кадом орзуву омолҳоро бо худаш ба гӯр бурд.

Ҳаммеҳани азиз, акнун ту бигӯ, мушкил куҷост? Айб дар кист? Чӣ тавр пеши роҳи сарбозшикорро мешавад гирифт? Оё ҳамон одамҳое, ки имрӯз фарзандони мардумро ба зӯр ба артиш мебаранд, фардо мабодо фарзандони худашон ба тақдири Шаҳболҳову Тоҷиддинҳову Миралиҳо гирифтор шаванд, боз ба чунин коре даст хоҳанд зад?

Муҳимтар аз инҳо, агар ҳама ин тавр аз артиш фирорӣ бошем, фардои амнияти меҳанамон чӣ гуна хоҳад буд? Оё тарс аз шароити бади сарбозӣ метавонад, далели собите бошад, то марзҳои кишварамонро холӣ аз муҳофизони далер бигзорем? Ба назарат мешавад, сарбозшикорро решакан карду иштиёқу алоқаи худи мардумро ба анҷоми хидмати сарбозӣ афзуд? Парешонии аҳволи имрӯзи ҷавонони кишварамро мебинаму зеҳнам парешонтар аз ҳар вақт мешавад, аммо ту низ, ҳаммеҳани азизам, оё ба ин чизҳо фикр мекунӣ?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи апрели соли 2022*

# МАГАР ТАЛАБИ АДОЛАТ ДАР ПОМИР ГУНОҲ АСТ?

Дуруд ҳаммеҳани азиз,

Шаб буд. Ба тамошои моҳгирифтагӣ, яъне ҳамон моҳи сурх, ба бом баромадам. Хостам, акси гирифтаамро дар шабакаи иҷтимоӣ бигузорам, ки чашмам ба хабари тазоҳуроти ҷавонони Бадахшон бархӯрд. Ҳамон лаҳза диққати хос надодам. Дар Фаронса тақрибан ҳар моҳ як ё ду бор ба сабабҳои гуногун гирдиҳамоию тазоҳурот баргузор мешавад.

Фикр мекунам, на танҳо дар инҷо, балки дар ҳар кишвари демократию ҳуқуқбунёд ва ҳар ҷое, ки озодии андешаву баён аз тарафи қонуни асосии он кишвар кафолат дода шудааст, баргузории тазоҳурот амре маъмулист.

Вақте ба утоқам баргаштам, ҳисси нигароние маро фаро гирифт. Ба саҳифаи расонаҳои кишвар сар задам, то иттилои бештаре дар ин бора пайдо кунам. Радиои Озодӣ хабар медод, ки ҳангоми тазоҳурот се кас захмӣ ва ба бемористон бурда шудаанд.

Наворе ҳам буд, ки дар он садои таркиши гази ашковар ба гӯш мерасиду анбуҳе аз ҷавонон дар ҳоли давидан буданд ва аз ҳар ҷо дуд ба ҳаво баланд мешуд. Дар фосилаи замонии начандон дуре, хабари шуме пахш гашт. Боз як ҷавон қурбонии бархӯрди нодурусти мақомоти дахлдор ва ҳукумати кишвар шуд.

Тамоми хушию ҳаяҷоне, ки ба хотири дидани моҳи сурх доштам, зуд аз байн рафт. Дигар танҳо чизе, ки ҳис мекардам, андӯҳи амиқ буд.

Мутаассифона, аз шарқ то ғарб, аз шимол то ҷануби кишварамон борҳову борҳо бо ноадолатию қонуншиканиҳое аз ин қабил мувоҷеҳ будаву ҳаст. Аммо ба назар мерасад вақте тарафи муқобил (чун мушкилоти марзии Ворух) бегонагон бошанд, ҳама мекӯшанд, каму беш садо баланд кунанд, аз ҳаммеҳанонашон дифоъ намоянд, ба хотири ҳимояти марзу буму якдигарашон ҷонҳои хешро сипар созанд. Лек чун мавзуъ ҳодисаи дохилист, дар симои ҳамдигар душмани хонагӣ меҷӯянд.

Ҷое дар миёни шарҳҳо хондам, ки нафаре мегуфт, «ин амалашон ғайриқонунӣ аст, охир. Митинг карда метавонем гуфта, баъд баромадан мегиред.»

Бо худам гуфтам, агар як нафар ин қадар қотеъона чунин назаре дораду онро менависад, лобуд далеле ҳам барои он дошта. Пас, кӯшидам он далелро дар зеҳнам бисозам. Ҳар чӣ кардам, афсӯс, натавонистам далеле ҷуз надоштани огоҳии кофӣ аз қонуну дарки дурусти воқеаҳо аз тарафи он шахс, пайдо кунам.

Ҳоло худамро ба гунае муваззаф медонам, то ба он нафар бигӯям оё хуни Шумо сурхтар аз хуни як ҷавони бадахшонист? Оё озодии Шумо боарзиштар аз озодии як сокини Бадахшон аст? Агар мабодо рӯзе модари Шумо доғи фарзандашро бибинад, оё ғуссаи ӯ пурсӯзтар аз ғуссаи модарони доғдидаи Бадахшон аст? Гумон намекунам!

Дархостҳое, ки мардуми Бадахшон доштанду доранд, баҷо ва қабл аз пешниҳод санҷидашуда буданд. Яъне, ҳеч кадом берун аз қонуну қоида ё берун аз адолату инсофи инсонӣ набудаву нест. Аҳолии ҳар минтақае аз Тоҷикистон дар сурати норозӣ будан аз фаъолияти ин ё он раиси шаҳру идораҳо ҳақ доранд, истеъфои ӯро талаб кунанд. Ё вақте ба ҷойи ҳалли қонунӣ ҳаммеҳанашон бо зарби тиру туфанг кушта мешавад, бозхосту муҷозоти гунаҳкоронро ҷӯё шаванд.

Он чӣ ману ту имрӯз бояд бибинему дарк кунем, ҳаммеҳанам, ин аст, ки мардуми Бадахшон аз рӯзи нахуст по ба пову шона ба шонаи ҳам саф бастанд, фақат ба хотири он ки адолат барқарор шавад. Ҳарчанд иддае кӯшиданд ва ҳанӯз ҳам мекӯшанд, ба шеваҳои гуногун

ин амали инсондӯстонаву миллатпарваронаи онҳоро «ғайриқонунӣ» ва «хато» ё ҳатто «террористӣ» ҷилва диҳанд.

Ту бигӯ, магар мешавад, дар як сарзамини нӯҳ-даҳ милионнафарӣ, ки аксар сокинонаш дар пайи бурдаи нони ҳалол дар берун аз он ба ҷустуҷӯи кор меравaнд ва қисмати аъзами дигарро кӯдакон ташкил медиҳанд, чӣ тавр мумкин аст бақия ҳама ифротию террорист бошанд? Инро кадом ақли солим метавонад қабул кунад? Оё ҳатман бояд ба пешвою вазиру кабиру раис нисбати хонаводагӣ дошт, то ҳатто агар рафту воқеан ҷинояте содир кардӣ, гунаҳкор ҳисобида нашавӣ?

Ҳаммеҳанам, бовар кун, имрӯз дар он баландиҳо порае аз ҷигари ману туст, ки зери зарбаи тиру туфанг захмӣ мешавад, ҷон медиҳад. Ва ин бори нахуст нест. Бадахшон Бадахшони зарафшонист. Бадахшон Бадахшони хатлонист. Бадахшон Бадахшони Суғдиву раштонист, Бадахшон Бадахшони ҳар яки мост.

Ҳаммеҳанам, ту медонӣ, ки ғайр аз ту ҳамсӯҳбату ҳамдарде надорам, пас, мехоҳам бидонӣ, ҳеч гоҳ барои касе бадие орзу накарда будаму гумон доштам ҳеч гоҳ нахоҳам кард. Аммо имрӯз, дилам пеши худаш мегӯяд, қалбе ки ҳоло барои Бадахшону бадахшонӣ наметапад, ҳамон беҳ, ки ҳеч гоҳ натапад!

Ҳаммеҳанам, мо ғайр аз ҳамдигар, ҳеч касро надорем, ки шона ба шонаамон биистад, по ба поямон биёяд ва садо бар садоямон зам кунад.

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи майи соли 2022*

# МИЗОНИ ТАҲҚИРПАЗИРИИ МО ЧӢ ҚАДР АСТ?

Дуруд ҳаммеҳани азиз,

Чӣ ҳол дорӣ? На, фикр накун ин суол аз ҷумлае онҳоест, ки фақат барои адои эҳтиром гуфта шудаву ниёзе ба посух надорад. Воқеан дилам мехоҳад бидонам чӣ ҳол дорӣ? Банди чӣ кору афкоре ҳастӣ? Оё ту ҳам пайгири иттифоқоте, ки дар меҳанамон рӯй медиҳанд, ҳастӣ? Ҳайф, ки наметавонам ин лаҳза зеҳнатро бихонам ва бибинам онҷо чӣ мегузарад. Аммо кош ҳамин ҳоло ту метавонистӣ ба нишемангоҳи хотири ман сар бизанӣ ва худат бибинӣ онҷо чӣ мегузарад. Вале беҳтар аз ҳамаи инҳо шояд он мебуд, ки ёд мегирифтем, ба ҳарфи дили ҳам гӯш диҳем ва ба ҳамдигар бовар кунем.

Имрӯз мехоҳам аз мавзӯе бароят бигӯям, ки чандест фикру зикрамро банди худаш кардааст. Он таҳқирпазирист. На-на иштибоҳ нахондӣ. Медонам азбас дар расонаҳо, аз радио гирифта то телевизиону матбуот, калимаи «таҳаммулпазирӣ» муд шуда, шояд пеши худат фикр карда бошӣ, ки манзури ман низ ҳамон будааст. Лек ин тавр нест. Ман дақиқан аз таҳқирпазирӣ мегӯям. Агар иҷоза диҳӣ, манзурамро бароят равшан хоҳам кард.

Равоншиносон бар ин назаранд, ки дар ҳар иҷтимое «таҳқир» дар тарзҳои гуногуне аз тарафи ашхоси «иқтидорталаб» бар сари мардуми «истибдодзада» амалӣ мешавад. Дар ин раванд аз рӯи муҳлате, ки шахси истибдодзада таҳқирҳои шахси иқтидорталабро таҳаммул

мекунад ва вокунише аз худ нишон намедиҳад, мизони таҳқирпазирии ӯро ҳисоб мекунанд.

Ҳаммеҳанам, бешак ту ҳам аз он чӣ имрӯзҳо дар кишварамон иттифоқ меуфтад, хабар дорӣ. Фоҷеаи Рӯшон, мавриди азият қарор гирифтани рӯзноманигорон, боздошт шудани гузоришгарон Далери Имомалӣ ва Абдулло Ғурбатӣ, гаронии нархҳо дар бозор, мушкилоти муҳоҷирон ва ғайраву ғайра… Ҳамаи он мушкилоте, ки ҳар як ҳаммеҳани ману ту ҳар рӯз маҷбур аст бо онҳо дасту панҷа нарм кунад, аммо иҷозаи ҳарф задан дар бораашонро надорад. Зеро, агар рафту чунин саҳлангорие аз ӯ сар зад, ангуштҳои сокит бош, хоини миллат, террорист ва амсоли инҳо ба самташ гирифта мешаванд.

Пас, биё аз ин мавзӯъҳо чизе нагӯем. На ман муҳри хиёнат бихурам ва на сари бебалои ту дар бало монад. Биё фақат аз таҳқирпазирӣ бигӯем. На ин ки бихоҳем мабодо ҳарфе хориҷ аз доираи «таъинкардаи ҳукумат» зада бошем. Ин суҳбатест бо такя бар илми равоншиносӣ ва фарзияҳое, ки мо дар бораашон бо ҳам ҳарф мезанем, ҳамин.

Фарз кун мо зиндагии як кӯдакро зери назар дорем, то мизони таҳқирпазирии ӯро ҳисоб кунем.

Ин кӯдак як рӯз имтиҳон мекунад назарашро пеши хонаводааш баён кунад. Падараш мегӯяд: -дамта бигир кӯдак! Модараш мегӯяд: — туро кӣ гап задан мондааст? Хоҳару бародаронаш масхараомез мегӯянд: — кӯдак гап зан шудааст! Кӯдак аввалин дарси зиндагияшро меомӯзад, ӯ дар хона иҷозаи «назар додан»-ро надорад, чун хурдтар аз ҳама аст.

Кӯдак ба мактаб меравад. Ӯ ҳоло вориди ҷомеае мешавад, ки атрофиёнаш ҳамсинну солонаш ҳастанд. Пас ба ӯ дубора иҷозаи ибрози назар дода мешавад. Аммо ӯ хеле вақт аст, дигар дар бораи чизе назар надодааст, ҳақи интихобе надоштааст. Ҳоло дар мактаб аз ӯ интизор доранд фикрашро баён кунад. Ӯ сокит мемонад, чун мутмаин нест, ки битавонад ду ҷумларо сари ҳам кунад ва ба суолҳои омӯзгораш посух бидиҳад. Муаллим асабонӣ мешавад ва ӯро пеши рӯи ҳамдарсонаш танбеҳ мекунад. Ба хона, ки баргашт қазияро ба хонаводааш таъриф мекунад. Падараш мегӯяд: — Айби худат аст, бояд ба дарс тайёр шуда

мерафтӣ, ноўҳдабаро! Модараш мегӯяд: — Муҳим ба муаллим гапгардонӣ накарда бошӣ, ӯ чанд соли дигар роҳбари синфат аст, барои мо проблема насоз! Бародару хоҳаронаш чизе намегӯянд, вале лабхандҳои тамасхуромезашон кофист, ки ин кӯдак дигар ҳеч гоҳ дар бораи мушкилоте, ки барояш пеш меояд, ба хонаводааш иттилоъе надиҳад.

Фарз кардем, ӯ пас аз хатми мактаб ба донишгоҳ меравад. Пас аз хатми донишгоҳ корманд мешавад. Ҳамчунон ба далоили мухталифе кам гирифта мешавад, ҳисси ҳақораташ афзоиш меёбад, ҳарчанд ҳеч аксуламале нишон намедиҳад. Ҳоло тасаввур кун, билохира ӯ раис мешавад. Ман мегӯям раис, ту худат интихоб кун, ки ӯ раиси идорае, корхонае, ноҳияе, шаҳре, устоне ва ё ҷумҳуриест. Хулоса, ӯ ки раис шуд, ба назарат чӣ иттифоқе меуфтад? Дуруст ҳадс задӣ.

Масалан ӯ метавонад танҳо онҳоеро ба кор бигирад, ки аз назари донишу идрок дар сатҳи поинтаре аз ӯ қарор доранд, то бо ин роҳ ба атрофиён бифаҳмонад, ки чӣ қадр оқилу фаҳмидатар аз онҳост.

Ё даст ба велхарҷиҳое бизанад, ки қабл аз раис шудан имконашро надошт. Лек акнун метавонад ҳатто ҳаққи мардумро аз даҳонашон бисситонад ва касе чизе нахоҳад гуфт, зеро ӯ раис аст.

Шояд ӯ ба ин хотир, ки дар гузашта танҳо суханҳои ҳақоратомез нисбати худаш шунидааст, роҳро барои рушди афроде боз кунад, ки ҳамеша дар пайи мадҳу санои ӯ ҳастанд, онҳо ки метавонанд бо чоплусияшон меголумониёи (яъне ҳазёни худбузургбинӣ) ӯро ирзо кунанд.

Чун ба ин кӯдак қаблан ҳақи интихоб дода намешуд, ӯ низ бо даст овардани қудрат мекӯшад ҳақи интихобро аз ҳама бигирад. Ҳамон гуна, ки замоне ба ҷои ӯ бузургтарҳо интихоб мекарданд, ҳоло ӯ ба ҷои ҳама интихоб ва таъину таклиф хоҳад кард. Мепурсӣ чиро? Чун акнун ӯ раис аст!

Ҳаммеҳанам он чӣ инҷо ману ту мисол задем, танҳо як ду маврид аз ҳама он корҳоест, ки як шахсияти уқдаӣ метавонад дар як ҷомеа амалӣ созад. Вақте афроде аз ин қабил ба қудрат мерасанд, ҳисси ҳамакора ва ҳаматавонӣ ба онҳо даст медиҳад ва ин раванд мунҷар ба синдроми худшефтагӣ дар онҳо мегардад. Ҳоло намехоҳам бо шарҳи

худшефтагӣ, чӣ гуна рушд ёфтани ону роҳҳои ташхисаш фурсататро беш аз ин бигирам, шояд рӯзи дигар дар ин бора бо ҳам ҳарф бизанем.

Аммо он чӣ имрӯз ҷо дорад ба он бияндешем, таҳқирпазирист. Ҳаммеҳани азизам, акнун ту худат низ қодир ба он ҳастӣ ки натоиҷи ин амалкардро тахмин бизанӣ. Фикр намекунӣ ҳар яки мо бо дарки ин нукта мувazzаф ҳастем ҷилави чунин равандеро бигирем? Оё ту ҳам ба ин фикр мекунӣ, ки инсонҳои таҳқиршуда, ба эҷоди заминаи таҳқирпазирӣ дар ҷомеа ва падид омадани дигар инсонҳои таҳқиршуда машғул мешаванд? Оё ҷомеаи таҳқирпазир ва бар арикаи қудрат такя задани уқдаиҳо фоҷеа ба бор намеорад? Ба назарат чӣ чизе ва чӣ касе боиси мутаваққиф шудани занҷираи ин иттифоқоти фоҷеъабор мешавад? Ба гумонам ғайр аз худамон ҳеҷ кас қодир ба эҷоди тағйире нест. Назари ту чист?

Магар ғайр аз ин аст, то замоне ки мо иҷоза медиҳем, касе моро таҳқир кунад, ҳаққи моро аз кафамон бистонад, бар сарамон зулм кунад, дар машаққату азоб хоҳем монд. Ба назарат мизони таҳқирпазирии мо чӣ қадр аст? То куҷову то ба кай метавонем зиллатеро, ки бар сарамон мешавад, таҳаммул кунем? Оё мо оҷизтар аз он ҳастем, ки дар муқобили афроде чун ҳамин кӯдаке, ки мисолашро бо ҳам задем, биистем ва бигӯем: НА! На, ба тамоми ҳуқуқвайронкуниҳо, таҳқирҳо, ҳаққимардумхӯриҳо, арҷ нагузоштанҳо ба каромату шарофати инсонӣ!

Оё мо воқеан ҳамон ҷомеаи «истибдодзада» ва «таҳқирпазир» ҳастем, ки тавони гуфтани як «на»-ро ба инсонҳои иқтидорталаб надорад? Ту чӣ фикр мекунӣ, ҳаммеҳанам?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи июни соли 2022*

# ИНҲО ИФРОТГАРОЯНД Ё ШУМО?

Дуруд ҳаммеҳани азиз!

Имрӯз мехоҳам, аз ту бипурсам, ки оё аз боздошти рӯзноманигорон ва иттиҳомоте, ки ба онҳо баста мешавад, хабар дорӣ?

Агар хабар дорӣ, ҳатман медонӣ, ҳоло дар бораи киҳо ҳарф мезанам. Аммо, агар бехабарӣ, кофист, дар ҷустуҷӯгари гӯшии ҳамроҳат номи Далери Имомалӣ, Абдуллоҳ Ғурбатӣ, Абдусаттор Пирмуҳаммадзода ва Завқибек Саидаминиро бинависӣ, то аз кӣ будани онҳо ва чиро дастгир шуданашон огоҳ шавӣ.

Ангор дар кишварамон рӯзноманигорӣ ба он даста аз корҳое шомил шуда, ки мақомоту ҳукумат хуш надоранд. Пештар бо вакилону ҳомиёни ҳуқуқ ҳамин муносибатро доштанд. Ё зери фишор мегирифтанд ё дастгир мекарданд. Шӯҳрат Қудратов, Бузургмеҳр Ёров, Нуриддин Маҳкамов мисолҳои рӯшани гуфтаҳои болоянд.

Ин, ба истилоҳ, бадбинӣ ё шояд беҳтар аст бигӯем бадрафторӣ, ҳоло ба самти рӯзноманигорон мутамаркиз шуда, аммо чаро? Чӣ чизе боис мешавад, ки дар асри 21, дар як кишвари демократӣ ва ҳуқуқбунёд рӯзноманигорон яке паси дигаре дастгир шаванд? Чаро рӯйи парвандаи яке муҳри сиррӣ гузошта, дигариро ба иттиҳоми ваҳшатафканӣ (террористӣ) ва севумиро чун ифротгаро (экстремист) муаррифӣ кунанд?

Дар чунин вазъе дар зеҳни инсон пурсишҳое пайдо мешаванд. Террорист кисту терроризм чист? Тундгарой чисту тундгаро кист? Чаро рӯз ба рӯз сафи ҷавонони кишвар, ки бо иттиҳомоте аз ин қа-

бил дастгир мекунанд, бештару бештар мешавад? Ба тавре ки ҳатто рӯзноманигорон низ аз чунин иттиҳомоте дар амон немемонанд.

Оё бояд бовар кард, ки сӣ соли истиқлол насле аз ҷавонони террористу ифротӣ ба бор овардаву бас? Ё решаи ин ҳама парвандаҳои террористону экстремистони ҳаммеҳанамон аз ҷойи дигаре об мехӯрад?

Агар мухолиф нестӣ, мехоҳам, ҳамроҳ ба дунболи посухи ин пурсишҳо бигардем. Терроризм яъне бо ваҳшатафканӣ, ҳаросафканӣ ё бо истифода аз хушунату таҳдид барои расидан ба аҳдофи сиёсӣ, мазҳабӣ ё идеологӣ амал кардан.

Ба иборати дигар, терроризм ба мактабе гуфта мешавад, ки дар он барои таҳмили ақидаву боварҳои хеш ба дигарон аз зӯр, террор, ҷанг, хушунат, ошӯбофаринӣ, амалиёти худкушӣ, куштори ҷамъӣ, наслкушӣ, шиканҷа ва ғайра истифода шавад. Давлат гурӯҳ ё фардеро, ки аз мактаби терроризм барои расидан ба аҳдофу ормонҳояш истифода намояд, террорист меноманд.

Экстремизм ё ҳамон ифротгароӣ, яъне дифоъ аз дидгоҳҳо бо истифода аз иқдомоти ифротист. Экстремист ё ифротӣ ҳам шахсест, ки ба хотири дастёбӣ ба аҳдофаш аз анҷоми ҳеч амале рӯй намегардонад.

Аммо бо дар назар доштани ҳамаи инҳо ва огоҳӣ аз собиқаи онҳое, ки имрӯз ба итиҳомоте аз ин қабил дастгир мешаванд, суолҳои наве ба вуҷуд меоянд, ки рӯзноманигорону ҷавонони тоҷик нисбати кӣ ё чӣ террористона ё ифротгароёна амал кардаанд?

Оё ту ҳам, ҳаммеҳани азиз, ба ин меандешӣ, ки киҳо ва чиро аз фаъолияти рӯзноманигорони мустақилу гузоришгарону блогерҳо худашонро зери таҳдиду фишор мебинанд? Ва чиро онҳо чунин ҳиссе нисбати рӯзноманигорон доранд? Оё гуноҳ дар амалкарди касбии рӯзноманигорон аст? Ё шахс, балки шахсоне ҳастанд, ки фаъолияти рӯзноманигорони мустақил ё ҳар нафаре, ки мумкин аст дар бораи камбудиҳо суҳбат кунад ва толиби ислоҳи онҳо бошад, бар зарарашон аст?

Аслан биё тасаввур кунем, иттиҳомот нисбати ин чаҳор рӯзноманигор дуруст бошанд. Пас, дар ин ҳолат мерасем ба муҳимтарин пурсиши қазия. Далери Имомалӣ, Абдуллоҳи Ғурбатӣ, Завқибек Саидаминӣ ва Абдусаттор Пирмуҳаммадзода, ки тамоми фаъолияташон

пеши чашми бинандаву пушти оинаи дурбин амалӣ мешуд, кадом ғояву боварро ба шакли экстремистӣ пеш бурдаанд?

Ту чӣ фикр мекунӣ ҳаммеҳан, онҳое ки имрӯз иттиҳоми терроpистию экстремистӣ ба ин хабарнигорон мезананд, агар пайгири наворҳои пахшкардаи ин чаҳор нафар мешуданд, инсофан оё метавонистанд чунин иттиҳомотеро бибанданд? Гумон намекунам!

Ҳар тавр фикр кунию ин масъаларо ба қавле ҷамъу тарҳ созӣ, ҳеч тавр намешавад ин чаҳор нафарро террорист ё экстремист хонд. Мепурсӣ чаро?

Завқибек Саидамнинӣ касест, ки эҳтиром ба волидон, кумак ба ниёзмандон, эҳтиром ба инсону ҳуқуқи он ва мавзуъҳое ба монанди инро дар саҳифааш тарғиб мекард. Ту бигӯ, ҳаммеҳанам, куҷои ин терроризм аст? Оё ифротгароии ӯ дар эҳтироми инсонҳову дӯст доштани ҳаммеҳанонаш будааст?

Ё куҷои кору бовари Далери Имомалӣ, ки ҳамеша «бо орзуи сулҳу суботу ободӣ дар Тоҷикистон ва тамоми ҷаҳон» мегуфт, террористона метавонад бошад? Касе, ки силсилаи барномаи «Ватан дигарай» омода мекарду меҳру муҳаббаташро нисбати ин обу хоку сарзамин ба ҳар наҳве ҷор мезад, куҷои кораш террористона аст? Оё ҳамон тавр ки худаш паёпай дар наворҳояш мегуфт «девонавор» дӯст доштани ин сарзамин ва беш аз ҳар чизе ободию пешрафташро хостан, боис шуда ба ӯ иттиҳоми ифротӣ бизананд?

Абдусаттор Пирмуҳаммадзода чӣ? Фазои фаъолияти касбиро барояш танг карданду барои касби рӯзӣ ба ронандагӣ машғул буд. Ҳар гоҳе дар бораи мушкилот, иттифоқот ва ахборе, ки дар атрофаш ба вуқуъ мепайвастанд, ибрози назар мекард. Ҳаммеҳанам, бигӯ, ман иштибоҳ мекунам? Оё дар ҳеч як аз наворҳои ӯ асаре аз таҳдид, зӯроварӣ, даҳшатафканӣ ё ҳар амали террористии дигаре дида мешавад?

Магар инсон будану инсонвор зистан ҷурм аст? Ҳамин назар доштану ба нафъи иҷтимоъ андешиданаш ифротгароёна буд?

Абдуллоҳ Ғурбатӣ, ҷавони ошиқи кору касбаш, ки чӣ таҳдидҳое шунид, ҳатто зарбу мушт хӯрд, аммо ба кораш содиқ монд. Оё садоқат доштан, касберо аз дилу ҷон дӯст доштан, гуноҳ аст? Ҷурм аст?

Хатост? Магар як кишвар барои пешрафт ба одамҳое амсоли Ғурбатӣ ниёзманд нест? Ҷавонони пурэнержӣ ва лабрези иштиёқу алоқа ба касбу коре, ки анҷом медиҳанд. Чӣ чизе ғайр аз хоҳишу талош боиси рушди фард мешавад? Рушди ҳар шаҳрванд дар ҷамъ магар боиси рушди иҷтимоъ намешавад?

Ҳаммеҳанам, пас, бо ин ҳисоб, чӣ тавр интизор доранд ба ифротию террорист будани онҳо бовар кунем? Магар террорист ҳамонҳое нестанд, ки ба зӯр дар рӯзи рӯшан дастгоҳи наворбардорию таҷҳизоти кории рӯзноманигоронро мерабоянд? Ва ҳеч пулису муфаттише дигар радди онҳоро пайдо намекунад, гӯӣ об шуда ба замин фурӯ рафта бошанд! Террорист ҳамонҳое нестанд, ки ба журналистон ҳамла мекунанду онҳоро равонаи бемористон мекунанд, аммо боз ҳам ба шакли муъҷизаосое ҳеч гоҳ пайдо карда намешаванд?

Хулоса, ҳаммеҳани азизам, мехостам бигӯям, агар дӯст доштани Тоҷикистону тоҷикистонӣ ва ободию озодию пешрафти онро хостан ба террористу ифротӣ будан баробар аст, бо ин ҳисоб, оре, «мо ифротием», аммо онҳое, ки дар радифи мо нестанд, бо кадом рӯ дигаронро «ифротӣ» мехонанд?

*Зеварбону Рауфӣ*
*Моҳи июли соли 2022*

# СУКУТ АЛОМАТИ РИЗОСТ Ё ЭЪТИРОЗИ НАГУФТА?

Дуруд, ҳаммеҳани азиз!

Имрӯз мехоҳам, ба пурсише посух ёбем, ки сабабгори пайдо шуданаш дар зеҳнам худи ту ҳастӣ.

Пас аз нашри матлаби тозаам, номаҳои зиёде аз ҳаммеҳанон ба дастам расид, ки мазмуни ҳамаашон тақрибан дар як ҷумла хатм мешуд: «ҳарфи диламро гуфтӣ!»

Дар ҳолати маъмулӣ шояд ҳар рӯзноманигоре бо дарёфти чунин пайғомҳо шод шавад. Аммо ин номаҳо маро ба шакли аҷибе дар фикр фурӯ бурд ва суолҳои гуногуну тозаеро дар зеҳнам эҷод кард:

Чаро ҷомеаи мо бо ҳарф задан мушкил дорад?

Чаро аз ибрози норизоятӣ метарсем?

Чаро бо дидану дарки зулму беадолатӣ сукут мекунем?

Дар ҷустуҷӯи посух ба самти китобхонаи шаҳрӣ ба роҳ баромадам. Фикр кардам, шояд дар китобҳои равоншиносӣ ё ҷомеашиносӣ ишорае, роҳи ҳалле ё шарҳи илмие барои чунин раванд пайдо кунам.

Дар истгоҳи трамвай мунтазир будам, ки диққатамро пиразане канори мошини билетфурӯшӣ ҷалб кард. Дар паҳлӯяш ҷомадоне буд, ки ҳадс бизанам мусофир аст.

Ӯ талош мекард, билет бихарад, аммо ангор намедонист, чӣ тавр бояд аз ин мошин истифода барад. Нав як қадам ба тарафаш гузошта будам, то ёрӣ кунам, аммо марде пешдастӣ кард.

Ман дар ҷоям мондаму нигоҳам ба далели бароям номушаххас ҳамоно ба самте, ки мошини билетфурӯшӣ ва пиразан қарор доштанд, мутамаркиз шуда буд.

Албатта, баъдан бо расидан ба китобхона ва варақгардон кардани чанд матлабу китоби равоншиносӣ фаҳмидам, ки дар марҳилаи аввал «сукут дар баробари зулм», яъне «таваҳҳуми ислоҳ» қарор дорам. Агар иҷоза бидиҳӣ, манзурамро шарҳ медиҳам:

Дар роҳ ба истгоҳ ин мардро дида будам. Бо гузаштан аз чароғи сурх ҳамчунон ба сари ронандаҳо доду фарёд мезаду носазо мегуфт; пас аз гузаштан аз роҳ қуттии холии обиҷаверо ба замин партофт, ҳарчанд сатили партов чанд қадам онсӯтар истода буд; мағзи ман ба шакле худкор симое манфӣ аз ӯ сохта буд.

Дар натиҷа, вақте ӯ барои мадад ба он пиразан аз ман сабқат гирифт, эҳсосотам дигар шуд. Пас вориди марҳилаи «таваҳҳуми ислоҳ» шуда будам, яъне ҳарчанд мағзам ҳушдор медод косае зери нимкоса аст ва таваҷҷуҳамро ба самти ӯву он пиразан ҷалб мекард, дилам мехост, бовар кунад, иштибоҳ кардаам ва ӯ воқеан ҳам одами баде нест. Ё ҳатто, агар бад ҳам бошад, дар пайи ислоҳ асту мехоҳад ба як нафари дигар кумак кунад, ки ин кораш сутуданист.

Хулоса, чун бо диққат ба онҳо нигоҳ мекардам, дидам, ки чӣ тавр он мард чолокона корти бонкии пиразанро аз дохили мошин берун оварду ба ҷайби худ гузошт. Бо дидани ин саҳна, вориди марҳилаи дувум яъне «фиқдон (аз даст додан)-и роҳбарӣ» шудам. Ин замонест, ки фард фикр мекунад, ин мушкил ё иттифоқ ба ӯ марбут нест. Пас, набояд худашро «беҳуда» ба дарди сар биандозад.

Баъд аз марҳилаи ду, марҳилаи се — «интизори мунҷӣ» (наҷотбахш) — оғоз мешавад. Яъне фард ҳарчанд аз шароити пешомада розӣ нест, умедвори тағйир аст, намехоҳад ба худаш заҳмат бидиҳад, ё шояд ҳатто, агар мехоҳад, гумон мекунад коре аз дасташ намеояд. Дар натиҷа, мунтазири нафари дигарест, то коре анҷом диҳад, ҳамон гуна ки он лаҳза ман мунтазири пулис ё бозраси роҳи трамвай будам.

Ҳамон дам дузд нигоҳашро аз он пиразан бардошт ва чашмаш ба нигоҳҳои хирашудаи ман уфтод. Бо кашидани ангушти шасташ бар

рӯи гарданаш ба ман хост бифаҳмонад, ки агар чизе бигӯям, сар ба танам нахоҳад гузошт.

Дар ин ҳолат марҳилаи чаҳорум — «тасаввури шикастнопазирӣ» — оғоз мешавад. Ин, яъне шахс гумон мекунад, нафари золим ба маротиб қудратмандтар аз ӯ ё ҳар нафари дигар аст ва аз ҳар гуна талоше барои islоҳи вазъият даст мекашад.

Инҳо чаҳор марҳилаи равоншиносие буданд, ки сукут дар баробари зулмро ташреҳ мекунанд ва ман дар бораашон пас аз расидан ба китобхона огоҳ шудам. Лек ба назарам ҳамеша марҳилаи панҷуме вуҷуд дорад. Марҳилаи комилан мутафовит, ки он ҳама сукут дар муқобили зулмро мешиканад. Фақат барои расидан ба он марҳилаи панҷум одам бояд худаш бихоҳад.

Ҳамаи ин моҷарои дузду пиразан, ки шояд камтар аз панҷ дақиқа замон бурда бошад, бо ин тамом шуд, ки новобаста ба таҳдидҳои ӯ, ёди насиҳати ҳамешагии падару модарам уфтодам: «Касоне, ки дар муқобили зулми дигарон сукут мекунанд, худ дар он зулм шарик ҳастанд.»

Пас ба самти пиразан рафтаму гуфтам: «Хонум, дунболи корти бонкиятон мегардед? Ин оқо онро бардошт!»

Он мард асабонӣ шуду хост ба самти мо ҳамла кунад, ки пиразан фарёд зад: «Дузд!» ва гурӯҳе аз одамон атрофи мо ҷамъ шуданд. Дузде, ки то чанд сония пеш худашро қудратманд медонист, бо дидани иттиҳоди ҷамъ кортро аз ҷайбаш баровconfigurations ба самти мо партофт а бо чунон суръате по ба фирор гузошт, ки ба қавле ҳозирин ангушти ҳайрат газиданд.

Ҳаммеҳани азизам, агар ту низ он лаҳза канорам мебудӣ ва нигоҳҳои он пиразанро медидӣ, шояд дигар ҳеч гоҳ дар баробари зулм сукут ихтиёр намекардӣ!

Имрӯз ман, агар ҳарф мезанам, ҳарфи диламро мезанам! Дарди диламро бо ту дар миён мегузорам! Азизи дил, ту то кай мехоҳӣ ҳарфи дилатро аз забони каси дигаре бишнавӣ?

*Зеварбону Рауфӣ*

*Моҳи июли соли 2022*



## РАҶАБИ МИРЗО

Муассис ва сардабири нашрияи мустақили «Рӯзи нав» (2003—2004). Соли 1973 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Пас аз хатми факултаи рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 1997 корро дар нашрияи «Суруш» оғоз намуд. Дар нашрияҳои «Восточний экспресс», «Ҷумҳурият», «Чархи гардун» ва ҳафтаномаи мустақили «Неруи сухан» кор кардааст. Як муддат сардабири барномаҳои Радиои «Имрӯз» ва сардабири нашрияи ҳамномаш — «Имрӯз-News» буд. Барои фаъолияти рӯзноманигорияш чанд дафъа латукӯб шудааст. Солҳои охир бештар бардошту хулосаҳояшро дар бораи ҳаводиси Тоҷикистону минтақа менависад ва бахше аз онҳо дар гӯшаи Блогистони Радиои Озодӣ нашр шудаанд.

# «ИҶОРАИ ЯКУМРА»-И СИЁСӢ. ҲАРФ ЗАДАН АЗ МАҲАЛГАРОӢ ҲАМ ИҶОЗАТ НЕСТ?

Дар миёнаҳои апрели соли 2012 Далер Шарифов ҳамроҳи як гурӯҳи чилнафарии ҷавонони тоҷик тасмим гирифтанд, ки созмони иҷтимоиеро бо номи «Қадам ба қадам» таъсис диҳанд. Сухан аз ҳамон Далере меравад, ки барои як сол ӯро зиндонӣ намуданд ва аксҳое, ки баъдан аз ҷараёни ҳукмаш нашр шуд, нишон медод, ки ҳукми судяро бо сари баланд гӯш кардааст. Ин мавзӯи дигарест...

Ҳоло аз мавзӯе гуфтан мехоҳем, ки ӯ он замон таваҷҷӯҳи ҷомеаро ба он бори дигар ҷалб карданӣ шуд. Оре, маҳалгароӣ на як бору ду бор дар матбуоту расонаҳои хабарӣ ва маҳфилҳои хос мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Аҷиб аст, ки ин гуна баҳсҳоро ҳарчанд мақомоти тоҷик бо дард қабул мекунанд, вале бархӯрди сахти сахт ба мубтакирони баҳсҳо надоштанд. Дар мисоли Далер вазъ тағйир ёфт. Ба ҳар сурат, моҳи майи ҳамон сол, ҳамагӣ баъди чанд рӯзи ин иддао, ӯ мавриди ҳамла ва латукӯби сахти афроди номаълум қарор гирифт, ки омилони он то ҳол муайян нашудаанд. Гуфтан мумкин ки дар ин иқдоми онҳо кадом як «лоиҳаи махсус»-ро диданд. Ҳарчанд Далер дар сӯҳбатҳояш гуфт, ҳадафи аслии онҳо танҳо аз миён бурдани нафрати маҳаллӣ ва ба вуҷуд овардани тафоҳуми умумӣ миёни ҷавонони Тоҷикистон буду бас.

Бешак ин гуна иқдомҳо қобили таҳсин буду ҳаст. Зеро маразе мисли маҳалгароӣ солҳои тӯлонист, ки дар баданаи миллати тоҷик пайдо

шудаву табибе барои худ пайдо намекунад. Борҳо дар бораи роҳҳои ҳалли ин мушкил тасмиму пешниҳодҳое ироа шудаанд, аммо онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Вақте апрели соли 2012, ҷавонон ба ин масъала рӯ оварданд, онро мебоист дигаргуна дарк менамудем. Ба ҳар сурат, мешавад гуфт, агар ҷавонону наврасон маҳалгароиро дар вуҷуди худу ҳамсолонашон эҳсос кардаанд, ин фоҷиаи миллист.

Чаро?

Солҳои қаблӣ мегуфтанд, ки маҳалгароӣ дар манотиқи кишвар чандон рушд наёфтаву бештар дар пойтахт зуҳур мекард ва аксари вақт аз ҷониби мансабдорону бо ном равшанфикрон. Вале ҳоло, агар ин мараз то ҷавонон расидааст, дигар ҷои гап намемонад: ин беморӣ моро афгор карданист!

Ин ҳам дар ҳоле ки яке аз сабабҳои аслии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро сиёсатшиносону ҷомеашиносон маҳз ба ривоҷ ёфтани маҳалгароӣ нисбат медоданд. Аммо пас аз ин ҷанг ва ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоият дар ҷомеа низ мавзӯи маҳалгароӣ ба поёни худ нарасид. Ҳукумат ва бахшҳои тиҷорати муваффақтари кишварро то ҳанӯз ба намояндагони маҳалли хос нисбат медиҳанд. Ҳарчанд ин манфиатҳо маҳалли бузургро ба маҳаллу маҳалчаҳои кӯчактар тақсим намуд. Набояд фаромӯш сохт, ки то замони ба қудрат расидани ҳукумати феълӣ минтақаи (он замон вилояти) Кӯлоб як минтақаи том буд. «Кӯлобӣ» дар он замон маънии ҳам сокини шаҳри Кӯлобро дошт, ҳам ноҳияи Восеъву Фархор ва ҳам Ҳамадониву Темурмалики имрӯзаву Шӯроободу Мӯъминободу ҳатто Данғараи каме дурдасттарро. Дуруст, дар он замон ҳам байни балҷувониву шӯрообидиву даштиҷумиву ховалингӣ як навъ «муборизаҳое» вуҷуд доштаанд, лекин ин раванд бештар дар байни боз ҳам мансабдорону ба ном равшанфикрон буд, ки дар пайи манфиатҳои хоси худ «маҳалгароии хурд»-ро авҷ медоданд. Аммо пас аз ҷанги шаҳрвандӣ ҳар кадоми ин навоҳӣ ба қавле «мухторият» пайдо намуд, хосса Данғара. Сабабаш маълум аст. Ҳамон унсури муҳим — манфиат!

Ба ҷониби мухолифин ҳам таъна мезаданд, ки бештари мансабҳоро дар соли 1998 Саид Абдуллоҳи Нурӣ маҳз ба хешу табор ва ҳаммаҳалҳои худ пешниҳод кардааст.

Албатта, ин ҷараён танҳо дар ҷануби Тоҷикистон ба назар намерасид. Шимоли кишвар низ истисно набуд. Хелеҳо ёд доранд, ки «хуҷандӣ» дар замони шӯравӣ аз кадом «марҳаматҳо» бархӯрдор буду ӯротеппагиву зарафшониву мастчоҳиву дигару дигарон аз кадом. Меъёри маҳал то ҷое қавӣ гардида буд, ки онро ба пойтахт — шаҳри Душанбе интиқол дода буданд. Аз ҳамин ҷост, ки дар пойтахти давлат низ маҳалҳои хос пайдо шуданд, ки дар онҳо то ҳанӯз намояндагони ин маҳалҳо зиндагӣ мекунанд. Инро баъзеҳо ба ягон масъалаи миллӣ нисбат намедиҳанду мегӯянд риоят шудани урфу одатҳои маҳаллӣ аз ҷониби намояндагонаш ягон паҳлӯи манфӣ надорад. Аммо дар асл, вақте мо танҳо дар доираи танги маҳал на танҳо зиндагӣ, балки фикру андеша мекунем, он ба махсусиятҳои миллии мо таъсири андак нахоҳад дошт.

Тавре ёд кардем баъзе аз шахсиятҳои матраҳшудаи ҷомеа барои раҳоӣ аз ин вабо пешниҳодҳое намуданд. Аз ҷумла, бархеҳо замоне пешниҳод доштанд, ки барои барҳам задани маҳалгароӣ бояд бо навбат намояндагони маҳалҳои гуногунро ба сари қудрат овард. Яъне бигзор дар курсиҳои раҳбарӣ бо тақозои қонунгузорӣ 5 сол мардуми Кӯлоб, 5 сол пас - бадахшониҳо, 5 сол - намояндагони Хуҷанд, 5 сол - Рашт бошад. Бархе ин андешаро то андозае утопиявӣ номиданду иҷрои онро номумкин.

Иддаи дигар гуфтанд, ки дар умури давлатдорӣ мебояд аз баҳри категорияи маҳаллӣ баромад. Манзур ин аст, ки набояд ҳукумат мансабҳои худро мисли гузаштаву ҳозир аз рӯи номенклатураи фаъолу хос (Сарвазир аз Суғд, Раиси Маҷлиси намояндагон аз Рашт ва ғ.) тақсимбандӣ намояд. Зеро муҳим ҳоло натиҷаи кор аст, на ин ки ин ё он кори муфидро кӣ ва намояндаи кадом маҳал иҷро мекунад? Гумон аст, ки ба ин андеша низ ҳама розӣ шаванд.

Манфиатҳои молиявӣ низ, он тавре ҳадс мезаданд, натавонист пеши раҳи маҳалгароиро бигирад. Муаллифони ин ғоя мегуфтанд

дар натиҷаи ба вуҷуд омадани муҳити созгор ва рушд ёфтани тиҷорат, маҳалгароӣ худ аз худ аз байн меравад. Албатта ин унсур то ҷое кор дод. Барои мисол, мебинем, ки ҳоло соҳибкорони кӯлобӣ дар Бадахшон фаъолият доранд, ё баръакс. На мисли пешин онҳо байни ҳам занозанӣ мекунанд. Вале, тавре аз қонунҳои тиҷорат бармеояд, манфиат тақозои манофеи бештарро дорад. Аз ин ҷост, ки феълан ҳам соҳибкороне ҳастанд, ки иддао доранд: агар ман намояндаи фалон маҳал мешудам, тиҷоратам аз ин бештар рушд мекард!

Муносиботи хешутаборӣ, келин кардан ё домод гирифтан аз ҳисоби намояндагони маҳалҳои гуногун низ дар кӯтоҳмуддат наметавонад масъалаи қавмгароиву маҳалчигиро ҳал кунад. Дуруст, то ин замон роҳҳо баста буданду ин гуна имкон камтар буд ва ҳоло шояд бештар шуда, аммо натиҷаҳои онро шояд андактар мешавад интизор шуд.

### ПАС РОҲИ ҲАЛ ЧИСТ?

Соли 2012 ҳам намояндагони созмони «Қадам ба қадам» гуфтанд, ки ниятҳои сиёсӣ надоранд. Вале, ба назари ман, маҳз бо роҳи сиёсӣ имкон дорад ин мавзӯъро ба ҳалли ниҳоияш расонд.

### ЧАРО ВА ЧӢ ГУНА?

Бубинед, маъракаҳои интихоботиамон низ маҳз дар доираи маҳал маҳдуд шудаанд. Масалан, ҳар дафъа мебинем, ки шахсиятҳои сиёсиамон маҳз аз зодгоҳашон номзад мешаванд. Солҳои пеш, ки Шокирҷон Ҳакимов муддаӣ ба вакилӣ мешуд, маҳз Конибодомро интихоб мекард. Қуввват Султони раҳматӣ низ доим аз шаҳри Кӯлоб номзад мешуд, ё барои он талош мекард. Вакилони фаъол ҳам маҳз дар доираи маҳдуди маҳал номзадиро интихоб мекунанд. Барои он ки ба маҳалгароӣ худи маро маҳкум накунанд, аз зодгоҳи худам мисол меорам, ки ду маротиба шуд Рустам Латифзода маҳз аз ҳавзаи Восеъ

номзаду вакил мешаваду солҳои пештар, ки муборизаҳои ҷиддитари сиёсӣ вуҷуд дошт, тоҷири шинохтаамон, раҳматии Самариддин Фазлиддинов ҳавзаи Восеъро «моликияти истисноии» худ меҳисобид.

Ин нуктаро барои он махсус зикр мекунам, ки боре олими хушномамон Акбари Турсон ин мавзӯъро баррасӣ намуду баъдан тавре худаш гуфт, «кор ба дараҷае расида истодааст, ки ҳатто дигарандеширо аз ҳамин мавқеи назар таъбир карда истодаанд. Чунончӣ, нафаре аз ширкаткунандагони ин гуфтугӯ шубҳайи илмиамро ба рамзи миллӣ хондани кӯҳ ...аломати маҳалгаройӣ хондааст!».

Ин ҳамту...дар омади гап.

Манзури мо чизи дигарест: пайдоиши мафҳуми «иҷораи якумраи сиёсӣ» дар маъракаҳои сиёсие чун интихобот!

Барои мисол, агар ҳоло Рустам Латифзода номзадии худро аз Конибодом гузораду Шокирҷон Ҳакимов аз Восеъ чӣ бурду бохте хоҳанд дошт? Интихоботро мебозанд? Бе ин ҳам, онҳое, ки зарур аст, бохта истодаанд! Аммо ду — се дафъае, ки дар маъракаҳо ширкат мекунанду мебозанд, ақаллан барои мардуми маҳалли дигар шинохта намешаванд?

Фикр мекунам, ба ин восита лидерҳои миллӣ ҳам пайдо хоҳад шуд. Биёед, дар бораи вуҷуди нуқсони қонуни интихобот ва фазои сиёсӣ чизе нагӯем. Онҳоро медонем. Ҳоло мавзӯъро ба шинохти фаротари шахсиятҳо бояд бурд. Воқеан, Шокирҷон Ҳакимовро дар рӯзи мурофиаи Далер Шарифов вохӯрдам. Ӯ аз маъракаи интихоботи парлумонӣ ва бардоштҳояш аз мулоқот бо интихобкунандагон дар минтақаи Кӯлоб гуфт. Иқрор шуд, ки на ҳама ӯро мешинохтанд, ҳатто дар сатҳи муаллимони донишгоҳ. Мардум дар баъзе аз вохӯриҳо ӯро хуш пазируфта, ошкор гуфтаанд, ки намедонистанд чунин номзадҳо ҳанӯз ҳам ҳастанд.

Пас, чаро сари ин фикр бештару ҷиддитар наандешем?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи апрели соли 2020*

# «АНДОЗА»-И БОВАР

Шояд дар зоҳир одамон дар Тоҷикистон ором намоянд. Дар асл ҳама ташвиш доранд. Саволи мушаххас барои изтироб як аст: агар COVID -19 ба кишвар наомадааст, пас маргумири одамон ва афзоиши якборои «пневмония» ба чӣ иртибот мегирад? Оё дуруст аст, ки теъдоди одамони бемор ҳар лаҳза меафзояд ва аз ин рӯ бар иловаи шифохонаҳои қаблан таъиншуда, бемористонҳои дигар ва ҳатто бархе толорҳои варзишӣ ва идораҳоро барои ин омода мекунанд? Худое нахоста, ин вирус ба мо ҳам расида бошад, ба чӣ ҳоле гирифтор хоҳем шуд?

Одамон ба дараҷае нобовару рӯҳафтода шудаанд, ки намедонанд аламашонро аз кӣ гиранд. Аз ин ҷост, ки гоҳ — гоҳ сӯи расонаҳои хабарӣ гила ва ҳатто эътироз пеш меоваранд, ки чаро фақат ҷониби марги одамон ва «пневмония» тамаркуз кардаанд?

Ё вақте Раҳматилло Зойиров — раиси ҳизби мухолифи ҳукумат зимни як муроҷиатнома мавқеи шаҳрвандии худро изҳор кард, зуд ба ӯ дарафтоданд, ки аз вазъият ба манфиати худ суистифода карданист.

Гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ, агар ҳастанд, мисли ҳамеша хомӯширо беҳтар медонанд. Мардум дигар одат кардаанд, ки чунин масъалаҳои муҳим дар сатҳи парлумон мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Аммо Вазорати корҳои дохилӣ мисли ҳамеша фаъол аст ва заруру нозарур ба як масъалаи сирф соҳавӣ худро ҳамроҳ мекунад: ба овозаву ҳангомаҳо дода нашавед, дар Тоҷикистон коронавирус нест!

Дар чунин шароит тахмин кардан мумкин ки одамон бо чӣ далел бисёр бечораҳол ба назар мерасанд. Онҳо маълумоти воқеиву мӯътамад надоранд!

Воқеан, гуфтан бисёр душвор аст, ки Тоҷикистон бӯҳрони коронавирусро аз ибтидо ҷиддӣ гирифтаву баррасӣ намуд. Оре, дар хабарҳои расмӣ мехонем, ки ҳанӯз аз 23 январ дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ як ситод фаъол шудаву баъдтар ситоди дигаре таҳти роҳбарии муовини сарвазир Ширин Исматуллозода ҳам амал мекардааст.

Гуфтан мумкин ки бӯҳрон ва масъаларо то ҷое андактар эҳсос карданд. Вақте 18 март амри президент Раҳмон «бо мақсади амалӣ намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» содир шуд ва ситоди ҷумҳуриявӣ барои пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ таъсис ёфту роҳбарии он ба дӯши Сарвазир Коҳир Расулзода вогузор гардид. Ба ҳайати ин ситод роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, котиби Шӯрои амният, прокурори генералӣ, роҳбарони воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони «Барқи Тоҷик», «Тоҷикматлубот» ва дигарон шомил шуданд.

Ҳамон замон хабар доданд, ки ин ситод як барномаи зиддибӯҳронӣ таҳия мекунад ва ҳадафи ин барномакам кардани хатароти эҳтимолии коронавирус ба иқтисоди кишвар буда, дар доираи он ба соҳибкорон сабукӣ медиҳанд ва таъмини бозорро ҷиддӣ назорат мекунанд.

Бахшҳои асосии барномаи зиддибӯҳрониро чунин тафсир мекарданд:

— *таъмини фаровонии бозорҳо бо маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла орду равған, гӯшт, шакар, тухм ва сабзавот;*
— *зиёд намудани истеҳсолу захираи онҳо ва пешгирии болоравии нархҳо;*
— *таъмини иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла пардохти маош ва нафақа;*
— *дастгирии қишри осебпазири ҷомеа.*

Дертар расонаҳои расмӣ хабар доданд, ки дар доираи ин ситод вазъи иқтисодии мамлакат бо назардошти таъсири эҳтимолии

омилҳои берунӣ бо сенарияҳои гуногун баҳогузорӣ шуда, ҷиҳати кам кардани таъсири омилҳои манфӣ ва таъмини рушди устувори макроиқтисодӣ тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.»Вале бо назардошти хусусияти хидматӣ доштан онҳо дар воситаҳои ахбори омма нашр намегарданд».

Мушкили аслӣ дар ана ҳамин ҷост: шаффоф набудан!

Вақте шаффофият вуҷуд надорад, мардум ё фикр мекунанд, ки ҳукумат коре намекунад, ё коре аз дасташ намеояд.

Дар кишварҳои дигар вазъ комилан фарқ мекунад. Албатта, манзури мо мамолики боз ва демократист. Ҳукуматҳо ҳар иқдоми худро бо мардум машварат менамоянд, ба онҳо ҳисобот медиҳанд. Ҳатто дар ҳамин Русияи путинӣ ҳам, ки дар ҷаҳони Ғарб ҳеч дӯсташ намедоранд. Аллакай чанд бор ӯ ба мардумаш муроҷиат намуд, тасмимҳои ҳукуматро тафсир кард ва ошкоро гуфт, ки «моро роҳи душворе дар пеш аст».

Чунин як ошкоргӯӣ мардумро эътимод мебахшад, ки ҳукумат масъаларо дуруст ҳазм кардааст ва дар фикраш ҳаст.

Ба иззати нафси ҷаноби Қоҳир Расулзода расиданӣ нестам, аммо ӯ ва бисёре аз дигарон медонанд, ки сарвазирӣ дар ҷомеаҳои мисли мо мансаби муҳиме ба ҳисоб намеравад. Вақте раисии ҳукуматро нафари дигар ба ӯҳда дорад, нақши сарвазир комилан рамзист. Барои равшантар шудани масъала як мисоли хеле содда меорам. Тақрибан ду сол пеш Қоҳир Расулзода ба Кӯлоб сафари корӣ дошт ва супориш дод, то постгоҳи БДА-ро дар сарҳади ноҳияи Восеъ, ки ронандаҳоро ба дод оварда буд, аз байн баранд. Як сол ҳам аз миён нагузашта, ин постгоҳ аз нав фаъол гардид. Фикр мекунам, манзурамро дуруст фаҳмидед...

Гуфтан мехоҳам, ки вазъияти феълӣ ба муҳокимаи ҷиддӣ ва сатҳи хеле баланд ниёз дорад. Агар ҳукумат фикр мекунад, ҳоло низ чизи муҳиме иттифоқ наафтодааст, худфиребӣ беш нест.

Инро ҳама медонанд, ки дар Тоҷикистон танҳо гапи як нафар эътибор дорад ва таъсиргузор аст: Эмомалӣ Раҳмон!

Ва агар ҳукумат андоза ё «лимит» -и боварии худро ҳоло аз даст надодааст, маҳз ба ҳамин омил вобастагӣ мегирад ва онро боз ҳам бояд истифода намояд.

Дар замина, ҳарчанд дар тамоми дунё бӯҳрони коронавирусро як масъалаи ҷиддии ниёзманд ба баррасии стратегӣ меҳисобанд, Тоҷикистон ин фурсатро аз даст дод. Ҳоло зарур аст, ки чанд иқдоми тактикӣ гирифта шавад.

Аслан ҳукумати Раҳмон дар ин кор усто аст, чун аз ибтидо дар ҳолати душвор ва фавқулодае рӯи кор омад, ки мушкилотро танҳо бо иқдомоти ба қавле тактикӣ ҳал мекард. Яъне, роҳи ҳалли мушкил замоне пайдо мешуд, ки худи мушкил пайдо мешуд. Агар аз бархӯрдҳои дурбинонаву стратегӣ чизе пайдо шуд, баъд буд, хеле баъд ва он ҳам замоне ки аз ҳамсафони қаблии Раҳмон дигар касе дар паҳлӯяш набуд. Ин як омили муҳим дар имиҷсозӣ ва барномарезиҳои замони нав аст...

Ҳоло, ба андешаи инҷониб, фурсате фаро расидааст, ки президент Раҳмон роҳбарии ситоди зидди коронавирусро худаш ба ӯҳда бигирад. Зеро ҳукумат худро сафед карда наметавонад, ки гуё бӯҳрони COVID-19 Тоҷикистонро ғофилгир кардааст. Он барои ҳамаи кишварҳо нав ва якбора омад. Аз ин ҷост, ки аз таҷрибаи ҳамдигар меомӯзанд ва истифода мекунанд. Мутаассифона, мо фурсати зиёдеро аз даст додем. Албатта, зиндагии одамон дар Тоҷикистонро то замони ин бӯҳрон ҳам хуб гуфтан мумкин набуд. Аммо ҳоло онҳо интизоранд, ки зиндагиашон кай ба маҷрои ҳадди ақал начандон хуби пешин бармегардад?

Ин гуна бархӯрд як барномаи дурнамоеро бояд фаро гирад, ки тамоми масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳаётиро дар худ ғунҷонад. Пешгӯиву фарзияҳои мухталиф баррасӣ мешаванд. Оё ҳукумати Тоҷикистон ин бӯҳронро даврабандӣ кардааст ва онҳо мӯҳлат доранд?

Хуб, дар бораи ин барномаву тахминҳо ва даврабандиашон чизе намедонем. Ба фарзи мисол давраи то 10 майро мегирем, ки шояд ситоди Расулзода ҳам намедонад чаро маҳз рӯи ин сана ист кардаанд. Масалан, оё пас аз ин рӯз, чӣ иттифоқе пеш меояд, ки барҳам задани таътили мактабхонҳо имконпазир мегардад?

Яъне барномаи роҳбурдии ҳукумат бояд давра ба давра ва бо асосҳои қавии илмиву амалӣ муҷаҳҳаз бошаду мӯҳлатҳоеро фаро гиранд.

Ҳамчунин президент бояд ҳамарӯза бо олимони эътирофшудаи бахшҳои гуногун, аз ҷумла тиб, иқтисод ва дигарон машварат доир намояд. Ҳоло вақти таъкиди ин нест, ки бо онҳо вохӯрда буду чизи муҳиме барояш нагуфтанд. Он мулоқот бештар хислати идеологиву таблиғӣ дошт ва гуфтан ҳам душвор аст, ки олимони воқеиву эътирофшуда дар он вохӯрӣ пур буданд. Ҳоло мо ба як бархӯрдҳои ҷиддиву касбӣ ниёз дорем...

Дар ин сурат, ҳам мардум бо иттилои муътамад таъмин шуда, ором мегирад, ки мушкиле агар ҳаст, ҳукумат дар фикраш аст, ҳам «лимит» ё марзу андозаи бовар, ки болотар дар борааш гуфтем, афзоиш меёбад.

Баъзан дар чунин ҳолатҳо, ҳатто баъзе изҳороти популистона низ ба мардум таъсиргузор мешаванд. Инро мо бисёр шоҳид будаем. Муҳим мардум ҳис кунад, ки дар лаҳзаи зарурӣ дар паҳлӯяш ҳастанд. Дар он сурат, ба истилоҳ, аҳзоби сиёсии мавҷуда ва ниҳодҳои дигари хомӯш ҳам шояд дар паҳлӯи ҳукумат чизе гӯянд. Хислати ҳама чизи сунъӣ ҳамин аст, аммо рукнҳои давлатдориро ба ҳар шевае бояд рушд дод.

Сари ин бояд фикр кард...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи апрели соли 2020*

# «БОЛО ВА ПОЁН»-И COVID-19

«Бӯҳрони каронавирус», ки дар Тоҷикистон то чанд рӯз пеш расман «пневмония» мегуфтанд, мисле, ки ба марҳалаи нав мерасад. Таваҷҷӯҳ намоед, ман ҳоло аз «бӯҳрони каронавирус» мегӯям, на марҳалаи бемори̣. Манзурам ё то охир ҳазм нашудани ин масъалаи муҳим аст, ё мавзӯи дигаре, ки решаашро касе намедонад...

Ҳоло маълум нест ва шояд муҳим ҳам, ки ситоди ҷилавгирӣ аз коронавирус таҳти сарварии сарвазир Расулзода, бо чӣ далел ва омил 30 апрел якбора аз вуҷуди ин вабо дар Тоҷикистон лаб кушод. Аммо замоне ки ин ситод ҷаласа мегузаронд, як манбаи муътамад ба инҷониб хабар расонд, ки дар ҳамин нишаст эълон мекунанд, ки дар Душанбе 5 ва дар Суғд 10 мавриди сирояти беморӣ сабт шудааст. Барои эҳтиёт дар гурӯҳи фейсбукии «Ахбор барои афкор» навиштам, ки «агар имрӯз аз мавҷудияти коронавирус дар кишвар эълон шавад, «патриот» -ҳо чӣ хоҳанд гуфт?»

Бархӯрдҳо ба ин навиштаи кӯтоҳ мухталиф буданд. Аслан аз ибтидои бӯҳрон дар мо фазо якхела набуд ва мутаассифона ин вaборо ҳам ба бозиҳои идеологиву иҷтимоӣ бадал карданд.

Ин ки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ танҳо шоми 1 май дар барномаи «Ахбор»-и шабакаи телевизионии «Тоҷикистон» гуфт, вуҷуди коронавирус пас аз соҳиб шуданашон бо тестҳои нав ҳосил шудааст, эътимодбахш набуд. Ба ҳар сурат, мо хабари тозае дар бораи омадани тестҳои нав нашунидаем Воқеан, дар ҳамин чанд дақиқае, ки ҷаноби вазир сӯҳбат мекард, суханрониашро боварку-

нанда гуфтан душворӣ пеш меовард. Ё аз он ки бори аввал дар чунин вазъият сӯҳбат мекард, ё воқеан ҳам чизе барои изтироб дошт.

Албатта, гуфтани ин ҳам душвор аст, ки Насим Олимзода аз даъвоҳо дар бораи истеъфоаш тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ташвиш дорад. Дар Тоҷикистон чунин даъвоҳоро ҷиддӣ намегиранд. Муҳим «боло» аз онҳо розӣ бошад.

Аммо дар «поён» ташвиш доштанду доранд. То ва баъди эълони расмии коронавирус ҳам. Дар ҳамин ҳол, вазири тандурустӣ ягона манбаи расмие гашт, ки воқеияти ҳамоно камбоварро ба мардум расонд. Мардум то ҳанӯз мепурсанд, ки ин эълонро барои чӣ сатҳи болотаре баррасӣ намекунад? Масалан сарвазир Қоҳир Расулзода, ки роҳбарии ситодро ба зиммааш гузоштаанд.

Дуруст, президент Раҳмон рӯзи 30 апрел ҷаласаи ҳукумати худро баргузор кард. Гуфтан душвор аст, ки он аз ҷаласаҳои дигари ҳукумат фарқи зиёд дошт. Ғайр аз ҷойгиршавии аъзои ҳукумат, ки аз ҳамдигар дар фосилаи дуртар нишаста буданд. Аз хабари расмии пахшшуда дар сомонаи президент бармеомад, ки дар ин маҷлис пеш аз мавзӯи барои ҳама ташвишовари коронавирус «Барномаиислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020—2022», «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021—2025», қоидаҳои қабули донишҷӯён тибқи квотаи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳатто нақшаи генералии шаҳри Гулистони вилояти Суғд муҳокима шудаст.

Танҳо дар охири хабар мехонем, ки «барои пешгирии бемориҳои сироятӣ, бахусус коронавирус, иҷрои тадбирҳои санитарию гигиенӣ, тамизкунии кӯчаю хиёбон, иншоот, манзилҳои зист, баргузор кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни мардум барои риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва иҷрои маслиҳатҳои мутахассисони соҳаи тиб, дастуру супоришҳои қатъӣ дода шуд».

2 май президент ҳисоботи раисони вилоятҳо ва чанд шаҳру навоҳиро шунида, ба онҳо дастур ва супориш додааст, ки ба корҳои

пешгирӣ ва риояи гигиенаи шахсӣ таваҷҷӯҳи бештар намоянд ва «барои фаровонии бозорҳо, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷоннок намудани кишту кори баҳорӣ ва кишти такрорӣ, сафарбар намудани мардум ба истифодаи мақсадноки замини хоҷагиҳои деҳқонӣ ва махсусан заминҳои наздиҳавлигӣ ва таъмини мардум бо маҳсулоти ниёзи аввал, тадбирҳои саривақтӣ андешанд».

Аммо боз ҳам танҳо дар ниҳояти ин сӯҳбат ба таври аҷиб таъкид мегардад, ки «мардум бояд ба зиндагии рӯзмарра ва осоишта идома дода, ба реҷаи кории ҳаррӯза ва ҳаёти осоишта дар доираи тадбирҳои пешгирикунанда аз ин бемориӣ идома диҳанд».

Гуфтан мумкин аст, ки ин ниҳояти вокуниши расмии Тоҷикистон то ҳоло ба бӯҳронест, ки тамоми дунёро фаро гирифтааст. Аз ин пеш парлумони мамлакат ба ҷои муҳокимаи коронавирус ба тағйирот дар қонунгузорӣ ва баромадан аз баҳри номгузориҳои русӣ машғул буд. Мардум инро ба дард қабул кард, аммо мегуфтанд, ки аз вакилоне бо чунин сатҳу сифат умеди бештаре надоштанд. Рустами Эмомалӣ, ки акнун дар ошхонаи сиёсии Тоҷикистон ӯро ба гунаи дигар ҷилва доданианд, низ бо пахши танҳо як муроҷиатнома ба сокинони пойтахт ва ба қавле ором кардани онҳову ташкил шудани як госпитали муваққатӣ барои 3000 нафар иктифо намуд.

Вале Саидҷаъфар Усмонзода — вакили парлумон ва раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон ки ҳоло бо бемории коронавирус дар касалхона хоб асту дар сӯҳбати телефонӣ бо инҷониб инро тасдиқ кард, эҳсос кардааст, ки мо дар кадом вазъи душворе қарор дорем. Аз ин ҷост, ки изҳор дошт, дар мамлакат «вазъияти ҷангӣ ва карантини сартосарӣ» эълон шавад.

Ӯ ба шумори воқеии гирифторони коронавирус дар мамлакат, ки 32 нафар арзёбӣ карданӣ мешаванд, низ бо шубҳа менигарад. Мегӯяд бояд роҳбарии ситоди зидди коронавирусро аз Қоҳир Расулзода гирифту ба зиммаи раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саймӯъмин Ятимов гузошт ва шояд барои эҳтиёт, то ӯро дигаргуна нафаҳманд, гуфт, муовини раиси ин ситод бояд Рустами Эмомалиро таъин кард.

Эҳтимолан дар ин иддао ӯ як қадар ба иғрок роҳ додаву эҳтиёткорӣ кардааст. Барои эҳтиёткорӣ ҳам Усмонзода ҳақ дорад. Зеро мо қаблан дар матлаби «Тезисҳои апрелӣ»-и худ дар ишора ба як матлаби расонаи амрикоии Newsweek аз феврали имсол гуфта будем, ки аз ҷумла дар Амрико нақшаҳои пинҳоние коркард мешаванд ва ниҳояти онҳо ба табадуллоти ҳарбӣ равона шудааст.

Ба эҳтимоли қавӣ раиси демократҳои Тоҷикистон аз ин матлаб огоҳӣ надорад ва ҳоло воқеиятҳоро дидаву барои ҷиддӣ нишон додани вазъ мегӯяд бояд нафари муҳимтаре дастбакор шавад.

Аз Усмонзода мепурсам, ки Шумо дар бораи ин қадар тадбирҳои шадид изҳори назар мекунед, аммо ба фикратон чаро президент имрӯз дар сӯҳбат бо раисони вилояту шаҳрҳо гуфт, ки мардум ба реҷаи кории ҳаррӯза баргарданд?

Ӯ мисли бисёриҳо посух дод, ки ба Эмомалӣ Раҳмон то ҳанӯз иттилои дақиқ расонида намешавад ва танҳо Саймӯъмин Ятимов аст, ки чунин иқтидорро дорад. Аммо шабакаи телевизиони давлатии Тоҷикистон шоми 2 май аз марги 2 ва гирифтории 76 кас ба COVID-19 хабар доду таҳлилгарон мутмаинанд, ки ин омор ҳам воқеӣ нест.

Зимнан, дар як матлаби дигари худ мо пешниҳод карда будем, ки роҳбарии ситоди зиддикоронавирусиро бояд президент ба ӯҳда гирад, агар фикр мекунем, ин маъракаро ҳам танҳо бо «дасти зӯр» паси сар кардан имкон дорад.

Вагарна ҳоло вазъияте ба назар менамояд, ки гуё дар кишвар ҳеч кас ба ҳеч кас бовар надорад, ё ҳар касу ҳар гурӯҳ ба хостаҳои иҷтимоии худ машғул шуда, моҳияти аслии масъаларо дарк кардан намехоҳанд. Ё масъулиятро ба зиммаи худ намегиранд…

Шояд бардошти дигаре ҳам бошад, ки мо аз он огоҳӣ надорем. Аммо ҳамарӯза шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарии мустақил аз марги чандин нафар аз коронавирус хабар медиҳанд.

Оё ин тарсовар нест?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи майи соли 2020*

# ЯК РӮЗИ ОЗОДӢ. ТО ҲУКУМАТ ҚАВӢ НАБОШАД, МАТБУОТ НАМЕТАВОНАД ХУДРО ОЗОД ҲИС КУНАД

Агар бӯҳрони COVID-19 пеш намеомад, интизор мерафт, ки имсол ҳам дар Тоҷикистон вобаста ба таҷлили Рӯзи ҷаҳонии матбуоти озод иқдомҳое сурат мегирифт. Тайи 17 соли ахир баргузории нишастҳо анъана шудааст. Маҳз 3 май журналистон, коршиносон ва ҳуқуқшиносон ҷамъ меомаданд, аз мушкилоти худ ҳарф мезаданд ва пароканда мешуданд… то пайдо шудани мушкилоти нав дар ин бахш.

Суоле, ки таи ин муддат посухи мушаххаси худро пайдо намекунад, як аст: чаро мушкилоте, ки ҳамасола дар бораашон бо ҳарорат сухан мегӯянд, ба поини худ намерасанд? Ба андешаи инҷониб, масъала ба чанд мазӯи калидӣ бармехӯрад, ки дар ин бора ё камтар таваҷҷӯҳ мешавад, ё онҳоро умуман нодида мегиранд.

Дуруст аст, ки баъзан воситаҳои ахбори оммаро «ҳокимияти чорум» ном мебаранд. Мутаассифона, баъзе аз ҳамкасбони мо моҳияти «ҳокимияти чорум» буданро, ки ҳукумати рамзист, дуруст дарк намекунанд. Онҳо тасаввур мекунанд, ё чунин назар доранд, ки шояд мисли ҳукуматҳои дигар барояшон утоқҳо ва биноҳои алоҳида ташкил кунанд, то онҳо нишаста ҳукумат ронанд.

Дар асл матбуот «ҳокимияти чорум» нест, балки афкори ҷамъиятӣ ин мақоми рамзист, ки тариқи Воситаҳои ахбори омма (ВАО) гуфта

мешавад. Бубинед, моддаи 6-и Қонуни асосии Тоҷикистон низ маҳз халқро манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ унвон мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар тасмими ҳукумат набояд аз зовияи хостаи мардум берун бошад. Дар кишварҳои пешрафта садҳо созмонҳое вуҷуд доранд, ки ба омӯзишу таҳлили афкори ҷамъиятӣ машғуланд ва ҳукумат миллионҳо долларро аз ҳисоби буҷаи худ барои омӯзиши афкори ҷамъиятӣ ихтисос медиҳад.

Ин тарзи муносибат хоси ҳукуматҳоест, ки ба андешаву афкори ҷамъиятӣ эҳтиром мегузоранд ва ҳар иқдоми худро бар асоси натиҷаҳои ин афкор анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, ба андешаронии мардум тариқи расонаҳои хабарӣ дар бораи ин ё он иқдоми ҳукумат эътибори хос медиҳанд.

Пас то куҷо гуфтан мумкин аст, ки имрӯз матбуоту расонаҳои мо рисолати худро дар ин замина ба анҷом мерасонанд? Яъне то куҷо тасмимгириҳои шохаҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ бар асоси хостаҳои мардум сурат мегиранд? Мутаассифона, мо ба ин суол посухи мусбат надорем. Ҳамон амри акнун бисёр машҳури 622 низ масъаларо ҳал накард, зеро худи ин амр бархе аз масъалаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дошт...

Дар натиҷа чанд соли охир дар ин бора суханҳо зиёданд, ки гӯё озодӣ нисбат ба ВАО, аз ҷумла матбуот, дар фазои берун аз он бештар аст.

Дар ин ҳолат гап сари пайдоиши интернет, шабакаҳои иҷтимоие чун Фейсбуку Твиттер ва дигару дигарон намеравад. Зеро, баъзе аз гурӯҳҳои пайдошуда дар ин шабакаҳо бештар ғайбатхонаро мемонанд, то ин ки минбари андешаву маълумоти озод бошанд. Фикр мекунам, чунин ҳолатро бояд ба он маънӣ фаҳмид, ки гуё ҷомеаи мо барои озодии матбуот худро омода накардааст ва карданӣ низ нест.

Масалан, бори охир дар Олмон вақте ҳукумат хост маҷаллаи «Шпигел»-ро бандад, мардум ба кӯчаҳо баромада, эътироз баён намуданд ва аз маҷаллаи худ дифоъ карданд. Ин маҷалла то ҳол фаъолият дорад.

Дар мо имрӯз як суол ҷавоби худро пайдо накардааст, ки озодии матбуот бештар ба кӣ лозим аст? Ба рӯзноманигорон ё мардум? Фикр мекунам ҷомеа ахиран бояд ба ин суоли стратегӣ посухи дақиқу му-

шаххас пайдо намояд. Вагарна мо боз солҳои тӯлонӣ шоҳиди бастану задану ба маҳкама кашидани рӯзномаву журналистон мегардему ҷомеаро тамошобини ин маъракаҳо.

Рисолати «ҳокимияти чорум» будани матбуот дар он сурат маълум мешавад, ки дар симои мардум ва хонандаву мухотаби худ нашрияву расонаву журналистон ҳомии худро пайдо кунанд. Дар ин гуна ҳолатҳо нотавон мондани қонунҳоро низ дар вуҷуди худ эҳсос кардем, аз ин рӯ беҳтар мебуд, ҳоло аз мавҷудияти қонунҳо ҳарфи камтар занем. Яъне, бояд мардум дарк кунанд: ин афкори ҷамъиятист, ки ҳокимияташ ном мебаранд ва расидан ба он кори дастаҷамъона аст!

Агар озодии матбуот ва мушкилоти онро танҳо ба журналистон вомегузоред, ҳеч гоҳ ба озодӣ намерасед! Ин ҳақиқатест, ки ахиран бояд дуруст ҳазм шавад. Дуруст аст, ки анқариб 30 соли охир, ки мо дар шароити истиқлолият ба сар мебарем, ВАО дар баробари дигар институтҳои ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, аммо бояд иқрор шуд, ки расонаҳои хабарӣ беш аз институтҳои дигари ҷамъиятӣ, сохторҳои давлатӣ тавони бештаре доранд. Манзурам ин аст, ки мақомоти дигар азбаски баробари «ҳокимияти чорум» тавонманд нестанд, доим дар симои матбуот заъфи худро ҳис карда, тамоми кӯшишашонро барои саркӯб кардани он равона мекунанд, ба ҷои он ки худро қавӣ созанд. Мушкили аслии ҷомеаи Тоҷикистон ва бархӯрд ба матбуотро ман дар ҳамин мебинам. Яъне институту сохторҳои дигар то замоне тавонманд нашаванд, матбуот низ наметавонад рисолати худро ба пуррагӣ анҷом диҳад.

Ба таври дигар, матбуоти қавӣ танҳо дар ҳукумати тавонманд ҳузур пайдо мекунад.

Яъне ҳукумати қавиву стратег аз чизе сари тарс надорад. Бар илова, аксарият барвақт медонанд: матбуот ва журналистон ҳеч гоҳ ба касе, хоса ба давлати худ зарар наовардаанд. Ҳамчунин, оё як бору ду бор дидаем, ки ин ё он мансабдор пас аз барканор шуданаш аз курсии мансаб ва ба ин ё он мушкилот гирифтор шуданаш умеди ягонаи худро маҳз дар матбуоту расонаҳо ва журналистон пайдо кардан мехоҳанд? Пас оинаро шикастан муҳим аст, ёислоҳи нуқси худ?

Хулоса, агар мо ин мушкилотро ҳал накунем ва ба умқи маънии озодии матбуот сарфаҳм наравем, ба ҳеч гуна озодӣ ҳам намерасему танҳо ҳар 3-юми май ба хотир меорем, ки матбуот бояд озод бошад...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи майи соли 2020*

# «ФАҚАТ САРАШБА ЗАН!»
# ТАЪРИХИ ЛАТУКӮБИ ЖУРНАЛИСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Латукӯби журналисти ҷавон, аммо хеле ҳирфаии тоҷик Абдуллоҳ Ғурбатӣ, ки ҷасорату маҳораташ барои баррасии масоили ҷиддӣ ва он ҳам дар шакли касбиву бо фарогирии майлонҳои нав басанда аст, як ҳушдори ҷиддист. Хоса дар ин шабу рӯз, ки дунёро масоили муҳим фаро гирифтааст ва дар ин давраву бо ин шева мушкил пеш овардан ба фаъолияти журналистон дар кишварҳои низомашон заиф қобили пешбинӣ буд.

Аммо, агар мо тамоми мавридҳои латукӯби журналистони тоҷикро дар 28 соли ахир баррасӣ намоем, чанд умумият ва монандиҳоеро пайдо мекунем, ки муҳим будани омили вақт ва фазоро зери суол мебаранд. Яъне, барои ҳамлаварон омилҳои ёдшуда муҳим нест, ки дар кадом шароит ба сар мебарем.

Хулоса аз ҳамаи латукӯбҳо ва сабаби онҳо чандто номбар шудаанд:

*— Доираҳои манфиатдор дар баробари фаъолмандии журналистон заъф нишон додаанд;*

*— Мехостанд ба ин васила ҷомеаро аз масъалаҳои муҳим дур баранд;*

*— Ба воситаи ин гуна ҳолатҳо дар зеҳнияти мардум тарсзоӣ мекунанд.*

Аввалин ҳодисаи латукӯби журналистон ба замони раҳбарии Раҳмон Набиев рост меояд. Баҳори соли 1992 сардабири нашрияи «Ча-

роғи рӯз» Додоҷон Атовуллоевро дар маркази пойтахт замоне заданд, ки гирдиҳамоиҳои давомдор нав шурӯъ шуданд. Дар паи ин ҳодиса журналист ба ғайр аз захмҳои зиёди бардоштааш, ҳамчунин аз чанд дандон маҳрум гардид.

Бо сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ, журналистон мисли аксарияти мардум ба қатори одамони беҳимоя дохил шуданд ва акнун латукӯб мисле ки як ҳодисаи муқаррарӣ гардид. Аз ин хотир, шояд ягон омори дақиқ дар мавриди латукӯб қарор гирифтани ҳамкасбони мо дар он давра вуҷуд надорад.

Бадбахтона дар ин моваро беш аз 70 журналист ҷони худро аз даст дод.

Пас аз имзо шудани Созишномаи сулҳ дар соли 1997 ва то андозае ба ҳаёти муқаррарӣ ворид гардидани фазои иҷтимоии Тоҷикистон, аз ҷумла ба вуҷуд омадани матбуоти мустақил низ мавридҳои латукӯби журналистон баъзан вуҷуд доштанд.

Масалан, латукӯби Хуршеди Атовулло дар назди хонааш дар тирамоҳи соли 1998 аз ҷониби зердастони қумандонҳои он замон иқтидорманд, ки дар паи як баҳси иҷтимоӣ ҳамсояи рӯ ба рӯяш ташкил намуд. Ману Рустами Ҷонӣ на танҳо шоҳид, балки нафароне гардидем, ки аз ин «марҳамати» қумандонҳо «бебаҳра» намондем. Раҳматкарими Давлат ва Адолати Мирзо низ дертар ин лаҳзаро шоҳид гаштанд.

Андактар Сайёфи Мизроб, ки он замон ҳамроҳи як корманди мақомоти амният дар «Ҷавонони Тоҷикистон» дар бораи қочоқ ва тиҷорати маводи мухаддир матлаб таҳия мекарданд, боз ҳам дар наздикии хонааш мавриди латукӯби афроди ношинос қарор гирифт. Сайёфи Мизроб ба ин бовар аст, ки ин ҳодиса ба фаъолияти журналистии ӯ дахл дорад, чун матлаби зикршуда қаблан танҳо бо имзои корманди амният ва андактар имзои мустаори «Мухбири худамон» нашр мешуду номи журналист зикр намегардид. Аммо дар шумораи охири силсиламатлаб имзои Сайёфи Мизроб гузошта шуд. Аз он давра ҳодисаи дигареро ёд надорем.

Шояд ҳолатҳои дигар ҳам ҷой доштанд, ки расман зикр нашудаанд. Бо ин вуҷуд аз ин ҳодисаҳо, фикр мекунам ҳолатҳои он замонро

ба сифати як навъи бархӯрд ва раванди муносибат бо журналистони Тоҷикистон баҳогузорӣ кардан душвор аст.

Бо ду далел.

Аввалан, вазъияти кишвар дар маҷмӯъ ҳанӯз пурра ба эътидол наомада буд ва аз ин имкон ҳар кас метавонист суистифода намояд.

Дувум, матбуоти он давра то ин ҳад таъсиргузор набуданд, ҳадди ақал матбуоти ҷиддиаш. Худи журналистони латтукӯбшуда ҳам шояд то охир бовар надоштанд, ки ҳодисаҳои рухдода маҳз ба фаъолиятҳои касбии онҳо марбут бошад.

Вале матбуоти соли 2003-2004 аз лиҳози контент ва мӯҳтаво комилан дигар гашта буд. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки матбуоти сиёсӣ муайянкунандаи хатти машйи муҳтавои нашрияҳои дигар ва ҳамин тавр фазои иҷтимоии кишвар гардид.

Дар ҳамин давра инҷониб, ки муассис ва сардабири нашрияи «Рӯзи нав» будам, зимни як сафар ҳамроҳ бо масъули техникии ҳафтанома дар шаҳри Хуҷанд, 18-уми январи соли 2004, бори аввал мавриди латукӯби ашхоси номаълум қарор гирифтем. Дар ин бора расман чизе нагуфтем. Яке аз сабабҳои ошкор накардани ҳодисаи мазкур ба он вобастагӣ дошт, ки дар натиҷа метавонист хонандаи рӯзафзуни нашрияро як қадар эҳтиёткор ва ҳатто аз хондани «Рӯзи нав» дар ҳолати тарсзоӣ қарор бидиҳад. Ҳарчанд дар ин бора ҳамкасбони мо, аз ҷумла кормандони «Вароруд», ки як шаб иҷборан аз хонаи иҷора ба он ҷо ҷон ба саломат бурдем, огоҳ буданд.

Дар фурудгоҳи Хуҷанд вақте «таваҷҷуҳи махсуси» мақомотро эҳсос намудем, маҷбур шудем ба намояндагони созмонҳои байнулмилалӣ дар Душанбе хабар бидиҳем, то дар фурудгоҳи Душанбе моро пешвоз бигиранд. Дар бораи ин ҳодиса хонандаи нашрия ва ҳамин тавр ҷомеа хабар наёфт. Мафҳуми он замон машҳури «фақат сарашба зан» маҳсули ҳамон ҳодиса аст, ки аз забони ҷинояткорон дар шаби сарди 18-уми январи соли 2004 садо медод.

Дар бораи ҳодисаи аввал мо танҳо вақте хабар додем, ки маротибаи дувум дар таърихи 29-уми июли соли 2004 инҷониб дар наздикии хонаам дар Душанбе мавриди сӯиқасд ба ҷон қарор гирифтем. Ҳо-

дисаи дувумро ман ҳамеша ҳамчун сӯиқасд ба ҷон эълом кардаам, бо ду сабаб.

Якум, аз лиҳози шакли бархӯрд, яъне истифода шудани оҳанпора ҳангоми задан ба фарқи сар, ки ба гуфтаи духтурон метавонист хеле хатарзо бошаду барои нобуд шудани инсон мусоидат намояд.

Дуюм, муносибати кормандони милиса, ки дар ибтидо дар кӯча маро бо сару рӯи хуншор медиданд, аммо эътибор намедоданд ва баъдан ба ҷои ба касалхона ба шӯъбаи корҳои дохилӣ бурдаву баёнот гирифтанд. Танҳо пас аз он ба касалхона бурданд, ки гурӯҳе аз дӯстон аз ҳодиса бохабар шуда, ба ШКД омаданд ва ба гапҳои сахт гуфтанд.

Ба гуфтаи духтурон рафтани хуни бисёр ҳам метавонист боис бамарги инҷониб гардад. Бо пайдо шудани шубҳаи зиёд дар гирду атроф маҷбур гардидам, ки забонхате дар касалхона навишта, ҳамон шаб бо гирифтани ҷарроҳии сабук ба хонаам биравам, на ин ки дар касалхона монам.

Субҳи рӯзи дигар ин ҳодиса сарусадои зиёдро ба вуҷуд овард. Аз ҷониби ҳамкасбон ва созмонҳои журналистии дохилу хориҷ ва сафорату созмонҳои байнулмилалӣ изҳороти паёпай нашр шуданд. Кормандони «Рӯзи нав» водор шуданд варақаи махсус чоп карда, ба таври ройгон дар байни мардум паҳн кунанд, чун овозаҳои гуногун пароканда гардид.

Маҳз ҳамин ҳодиса, ки баъди тақрибан як моҳаш нашри то ин замон ҳам мушкили нашрия якбора номумкин гардид, боис ба гуфтугӯҳо дар ин бора гашт, ки дар Тоҷикистон марҳалаи дувуми бархӯрд ба журналистон, яъне латукӯби онҳо фаро расидааст ва бо ҳамин роҳ мехоҳанд дар дили журналистон ва мардум тухми тарс биков ранд.

Баъд як «марҳалаи таътил» пеш омад. Ин ба замоне дуруст омад, ки пас аз мушкил пеш овардан дар нашри «Рӯзи нав», «Нерӯи сухан», «Одаму олам» ва «Адолат» мақомот тақрибан ду сол ягон нашрияи навро сабти ном накарданд. Солҳои 2005—2006 нашрияҳои нав — «Миллат», «Нигоҳ», «Фараж», «Озодагон» пайдо шуданд ва оҳистаоҳиста ҷуръат ҳам дар онҳо ҷо ёфт. Маҳз дар ин давра дар умум 6 мавриди латукӯби журналистон иттифоқ афтод:

*Маҳмадалии Мақсадулло, муҳаррири нашрияи «Тоҷикистон», 5-уми октябри соли 2007;*

*Хуршеди Атовулло, 31-уми августи соли 2011;*

*Ҳикматулло Сайфуллозода, сардабири нашрияи феълан чопаш мамнӯи «Наҷот», ки ҳоло дар маҳбас қарор дорад, 7-уми феврали соли 2011;*

*Далер Шарифов, хабарнигори шабакаи телевизионии «Сафина», 7-уми майи соли 2012;*

*Абдураҳими Умариён, сухангӯи пешин Хадамоти гумрук, 27-уми феврали соли 2013*

*Доро Суҳробӣ, 18-уми сентябри соли 2016.*

Ҳамчунин 5 майи соли 2012 сарвари ҷомеаи узбекҳои вилояти Хатлон Салим Шамсиддинов мавриди ҳамлаи одамони номаълум қарор гирифт. Баъдан ӯ изҳор намуд, ки ин ҳодисаро пайомади мусоҳибааш дар нашрияи «Миллат» медонад. Воқеан, ин нафар баъдан умуман нопадид гашту дигар зинда будан ё маргаш номаълум монд.

11-уми майи ҳамон сол нависандаи шинохта, равоншод Равшани Ёрмуҳаммад — падари вакили мудофеи пурсарусадо Бузургмеҳр Ёров низ дар наздикии хонааш латукӯб шуд. Баъдан ин гуна фарзияҳо пеш омад, ки зада шудани нависандаи пиронсол ба фаъолмандии писараш дар ВАО иртибот мегирад.

Аммо аз ин 9 ҳодисаи зикршуда ба 3 ҳолат, фикр мекунам, таваҷҷуҳи хос додан зарурат дорад.

Яъне латукӯби инҷониб дар соли 2004, Ҳикматулло Сайфуллозода дар соли 2011 ва Далер Шарифов дар соли 2012. Зеро ин се ҳолат бархе гиреҳҳои нокушода ва баъзан монандиҳо доранд.

Аз ҷумла, ҳам дар ҳолати Сайфуллозода ва ҳам Далер Шарифов аввал хабаре паҳн гашт, ки кормандони милиса гуё нафаронеро ҳамчун гумонбар дар ин ҷиноёт боздошт кардаанд, вале баъдан ин гуфтаҳо рад шуданд.

Латукӯби ману Далер, агар шабона иттифоқ афтода бошад, аз Сайфуллозода субҳи барвақт, аммо дар ҳама ҳолат дар наздикии манзили зист.

Далер Шарифов дар мусоҳибаҳои аввалинаш изҳор намуд, ки пешопеши ин ҳодиса дар телефон ва почтаи электрониаш паёмҳои таҳдидомез гирифтааст.

Ҳамчунин дар латукӯби ман ва Далер аз беэътиноии духтурон шикоятҳо ҷо дошт.

Ду ҳодиса — латукӯби ману Сайфуллозодаро Абдураҳим Қаҳҳоров шахсан зери назорат гирифт. Дар ҳолати ман ҳамчун муовини аввали вазир ва дар ҳодисаи дувум ҳамчун вазири корҳои дохилӣ. Вале то имрӯз аз омилони ҳодиса дар ҳеч куҷо хабаре нест. Вазири феълӣ Рамазон Раҳимзода баробари омаданаш дар як нишаст ваъда дод, ки парвандаҳоро аз нав ба баррасӣ мегирад, вале аз байн чанд сол гузашта бошад ҳам, танҳо як маротиба ва он ҳам чандин сол пеш маро барои суҳбат даъват карда буданду халос.

Аз байн 16 сол гузашт. Ҷиддан ба ин масъала машғул нашудани мақомот тахмину гумонҳои гуногун ва овозаҳоро ба миён меорад.

### ЖУРНАЛИСТОН БОЯД ЧӢ КОР КУНАНД?

Соли 2011 вобаста ба таҳдид, латукӯб ва куштори журналистон бо ташаббуси САҲА дар Рига як нишасти байнулмилалии баргузор шуда. Пешниҳод кардам, ки созмонҳои байнулмилалии бонуфуз рӯйхати кишварҳоеро тартиб диҳанд, ки дар онҷо журналистонро зада ё куштаанду ҷинояткорон ёфт нашудаанд. То замони пайдо нагардидани омилон номи ин кишварҳоро бо ранги сиёҳ зикр кунанд. Таваҷҷуҳ ба ин пешниҳод хеле ҷиддӣ буд, аммо баъдан ибтикоре пеш наомад.

Пас аз зада шудани Доро Сухробӣ — як коромӯзи нашрияи «Фараж» пешниҳод намудам, ки ҳамкасбони мо аз усули «шиканҷаи нарм» кор бигиранд. Яъне то замони ҳалли мунсифонаи қазия ин ҳодисаро бо зикри номи он милисаи шиканҷагар дар сархати хабарҳо бигзоранд.

Бигзор ҳам аз нигоҳи қонун посух гӯяд, ҳам зарари маънавӣ бинаду дар карйераи касбиаш асар гузорад. Ин натиҷаи беҳтари қону-

ният хоҳад буд. Вале бо пайдо гаштани сабабҳои субъективӣ дар ин ҳодиса ин пешниҳод ҳам, ҳарчанд ҷонибдорӣ ёфт, идомаи мантиқӣ пайдо накард.

Бо ин вуҷуд, дар ҷомеаи Тоҷикистон, то латукӯби Ғурбатӣ зиндонӣ кардани Далер Шарифов пеш омад. Акнун мегуфтанд, ки навҳаи бархӯрд бо журналистон, яъне латукӯби ҳамкасбонамон бо ҳамин анҷом ёфта, ба марҳалаи дигари бархӯрд, ки онро «бархӯрди маданӣ», яъне баррасии масъалаву мушкил аз тариқи роҳҳои қонунӣ дар мурофиаҳои судӣ ҳам меноманд, рӯ ба рӯ шудаем.

Пас ҳоло маълум мешавад, ки дар ин баҳо шитоб доштаем?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи майи соли 2020*

# ҲОШИМ ГАДО, ПУЛ ВА ФАЛСАФАИ ЗИНДАГИВУ КОРОНАВИРУС

Ҳар қадар мо аз ҳамдигар дур шавем, ҳамон қадар эҳсоси нобовариву душманӣ меафзояд...

Дидор бо Устод Ҳошим Гадо ҳамеша душвор ва осон аст. Душвор барои он ки Ӯро на ҳар кас фаҳмида метавонад ва Ӯ низ на ҳар касро мефаҳмад. Агар эркагӣ мекунад, онро ҳам на ба ҳар кас. Бо дигарон метавонад каме дағал намояд, гуё ба ҳеч кас бовар надорад...

Осон барои он ки ҳамагӣ бо чанд сухан, аммо самимӣ мешавад худро ба гуфте «сафед» кард. Ҳатто, агар аз шумо ранҷида бошад. Аммо барои ин бояд бовар кунад, ки шумо самимиед ва бо Ӯ бозӣ надоред...

Хеле буд аёдаташ нарафта будам. Занги дарашро бо тарс зер кардам. Кушод ва маро диду зуд гуфт, ки «бо ту гап задан намехоҳам».

Гуфтам, ки ҳақ доред.

Сӯи ҳамроҳам нигоҳе карду пурсид, ки ин кист?

Посух додам: Яке аз мухлисони Шумо.

— Бовар кунам? — нобоварона пурсид ва дари хонаашро боз намуд...

Даромадему сар кард:

— Ваъда дода будӣ, ки зуд — зуд аҳволпурсӣ мекунӣ. Ақаллан дарди диламро мешунавӣ. Дигар на занг мезанӣ, на меоӣ. Хаёл мекардам, ки ҷои раҳматии Акбари Сатторро (раиси собиқи Иттифоқи журналистон ва соҳиби ҶДММ «Чархи гардун«) хоҳӣ гирифт...

Ҳошим Гадоро манъ кардан осон нест. Ҷуръат кардаму гуфтам:

— Устод, он 100 китоберо, ки ба Хуҷанд фиристодаам, ҳанӯз пулашро нагардонидаанд. Худро нороҳат ҳис мекунам...

Мисле, ки дар ин бора фаромӯш карда буд. Якбора ба «ҳуҷум» гузашт. Ба назарам ин гуна намуд, ки ба ман ҳам бовар намекунад. Ба Саидумрон (Саидов — журналист ва устоди Донишгоҳи Хуҷанд) занг задам. Телефонаш кор накард. Рақами апаи Дилбарро (Самадова — журналист ва ҳоло китобдори Донишгоҳи Хуҷанд) чидам. Гӯширо бардошт, ҳарчанд чанд рӯзи ахир нотоб буд. Вазъиятро гуфтам. Ӯ аслан дар баҳси ин китобҳо аз ибтидо иртибот надошт. Соли гузашта китобҳоро Саидумрон дархост карда буд. Бо ин вуҷуд, худро як қадар гунаҳкор эҳсос намуд ва аз Устод маъзарат хост. Гуфт, ки бо ӯ машварат мекунаду мавзӯъро ниҳоӣ...

Ҳошим Гадо сӯи ман акнун нигоҳ кард. Фаҳмидам мавзӯи китобу пул ҳам дар миён аслӣ нест, муҳимтар эътимод аст. Ба ман бовар кардааст, ман ҳам ба дигарон. Ҳоло ҳамин ҳолатро дорем...

Танҳо пас аз ин ману меҳмони бо ман ҳамроҳро ба сӯи хонаи асосии худ — китобхона раҳнамоӣ кард.

Муаррифӣ намуд: теъдодашон ба 250 ҷилди чопшуда ва 50 ҷилди ҳанӯз нашршуда расидааст. Нашрияҳоро, ки ба ҷашни зодрӯзаш матлаб чоп кардаанд, як-як нишон дод. Хеле аз он матлабҳоро хонда будам. Бовар накард. Саволҳо дод ва мутмаин шуд, ки рост мегӯям.

Ва саволи аҷиб дод:

— Яъне онҳое, ки мегӯянд одамон беқадр шудаанд ва дигар касе ҳам нашрияҳоро намехонад, рост намегӯянд?

Иқрор шудам, ки ин матлабҳоро на дар худи нашрияҳо, балки дар сомонаҳои интернетии онҳо ё Фейсбук хондаам ва баҳсро сари мавзӯи ҷиддӣ бурдам:

— Аммо касе гуфта бошад, ки одамонро қадр намекунанд, хоса Шахсиятҳое мисли Шуморо, дурӯғи маҳз аст ва аз кисаам 100 доллар баровардаму пешаш гузоштам.

— Хаёл мекунӣ, ки қадри одам дар пул аст? Ва он сахтгӯиҳое, ки ман ба туву дигарон мекунам, ба хотири пул мебошад? Гумон доштам, ки ақаллан ту маро мефаҳмӣ — боз шӯрид Ӯ.

Нашриёҳои Душанбе бахшида ба зодрӯзаш матолиби зиёд чоп кардаанд, аммо Ҳошим Гадо мутмаин нест, ки онҳоро одамони зиёде мехонанд.

— Ман дар бораи қадри Инсон ва Шахсият мегӯям, — гуфтам бо боварии тамом. — Ҳоло медонед, ки ин пулро кӣ фиристодааст ва аз куҷо?

Бо нигоҳ посух дод, ки не...

— Аз он сӯи уқёнус, аз Амрико инро як Хоҳари мо, ки аз мухлисони ашаддии Шумост, фиристод. Чун дар мавлудатон тӯҳфае карда натавонист, аз ман хост, ки ин маблағро бароятон расонам.

— Ӯ зодрӯзи маро аз куҷо медонистааст? Гуфтам, ки 10 май Фейсбук аз зодрӯзномаи Шумо ва матолиб дар бораатон пур буд.

Ҷиддӣ гуфт:

— Медонӣ, ки ман Фейсбук надорам ва намефаҳмам онро.

— Шарт нест, ки Шумо инро донед. Муҳим ин аст, ки дар бораатон мегӯянд. Шабакаи телевизионии «Сафина» ҳам барномаи хубе он рӯз пешкаш кард, — ҷавоб додам...

Чеҳраи Ҳошим Гадо дигар гардид. Эҳсос мешуд, ки меболад, парвоз кардан мехоҳад. Зеро Ӯро фаромӯш накардаанд, хоса вақте гапу қадрдонӣ аз раҳи дури дур ва аз насли ҷавон меравад...

Ҳикмату фалсафаи Ҳошим Гадо дар ҳақиқат дигар аст. Мо ӯро фаҳмидан намехоҳем, ё наметавонем. Ӯ ҳам шояд ба мо эътимод надорад. Вагарна як сари танҳояш пулро чӣ мекунад? Нафақае, ки мегирад (пас аз вокуниши порсолаи мо Маҷлиси Миллӣ онро чанд баробар боло бурд) барои як худи ӯ бештар аст ва шояд метавонад чанд каси дигарро ҳам таъмин намояд.

Аммо ӯ ҳар дирами пайдокардаи худро сарфи нашри китобҳояш мекунад. Зеро Ӯ намехоҳад фаромӯшаш намоянд. Барои ин арзандааст. Ва ҳам мо чаро Ӯро бояд фаромӯш кунем? Оё Шахсиятҳое мисли Ӯ хидматкарда зиёд дорем? Мо пеши Ӯву онҳо қарз дорем. Вазифадорем ҳатто эркагии ин гуна Шахсиятҳоро бардорем.

Хоса дар ин шабу рӯзи бӯҳрони коронавирус, ки воқеан нишон медиҳад, зиндагии одамон метавонад даме бошад. Ману Ҳошим Гадо

дар ин бора ҳам сӯҳбат доштем. Баҳси коронавирус ва зиндагиву мантиқи ҳаёти инсонҳо. Ҳамдигарро фаҳмидем...

Шумо ҳам равед ва бо Ӯ сӯҳбат кунед, то Шумо Ӯро фаҳмеду Ӯ ҳам Шуморо...

Ин ҳам як мантиқ ва фалсафаи ҷолиб аст...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи майи соли 2020*

# «ЯК ГУЛ БАҲОР НЕСТ.» Ё ЧАРО МАНСАБДОРОНИ МО БА ЗУДӢ «ДИГАР» МЕШАВАНД?

Ҷамолиддин Абдуллозода вазири нави тандурустии Тоҷикистонро, ки бархе расонаҳо «вазири рӯзҳои сахт» ҳам унвон додаанд, ҳоло мисли як мансабдори дигаргуна муаррифӣ кардан мехоҳанд. Гоҳо хабар мехонем, ки ба беморони коронавирус шахсан тамоси телефонӣ доштааст, ё гуё ногаҳон ба касалхона рафтаву бо вазъи онҳо бевосита ошно шуда. Ба расонаҳои, бигзор ҳукуматӣ ҳам, зуд-зуд мусоҳиба медиҳад. Дар асл ин рисолати иҷтимоии ӯст.

Дар мо бошад, ӯ мақоми «мансабдори дигар»-ро мегирад, ки аз дигарон гуё фарқ дорад.

Ин гуна курсинишинонро, албатта зиёд набошад ҳам, мо баъзан вохӯрдаем, ки дар муқобили «мансабдорони бадқаҳру дастнорас» — хислатномаи аслии «хидматгорони халқ», ба вижа рӯзҳои аввали фаъолияти худ бароямон то ҷое идеалӣ намудаанд.

Ёдамон ҳаст, ки вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода низ бо чӣ часпу талошҳое даст ба кор шуд: пайвандони худро аз мақомоти зертобеи худ барканор намуд, ба шӯъбаҳои корҳои дохилӣ ва постгоҳҳои БДА ногаҳонӣ ташриф овард…

Ҳоло ҳам баъзан мебинем, ки ӯ мехоҳад аз дигарон тафовутпазир бошад. Маркази матбуотиаш ба журналистон дастрасии бештар аз дигарон дорад, нишастҳои матбуотии худро бо истифода аз фанновариҳои ҷадид ва доираи бештари сохторҳояш баргузор мекунад…

### РЕЙТИНГИ МАНСАБДОРОН

Дар Тоҷикистон аслан рейтинги мансабдорон аз рӯи меъёрҳои илми ҷомеашиносӣ баргузор намешавад. Чанд сол пеш ва шояд ҳоло ҳам, бархе нашрияҳои чопи Душанбе гӯшаҳое чун «Раиси мардумӣ», «Вазири халқӣ» ва мисли инро дар баробари овозхон, нозири андоз, мактаб, касалхонаи «беҳтарин» аз нигоҳи онҳоро роҳандозӣ карданд, аммо натиҷаи ин иқдомро бо сабабҳои айниву зеҳнӣ воқеиву мунсифона гуфтан мушкил мебуд. Ҳадди ақал, афзалият дар ин гуна озмунҳо маҳз ба онҳое дода мешуд, ки анкетаи бештари нашрияҳоро харидаанд.

Кӯшишҳоеро дар ин замина гурӯҳи расонаҳои «Азия-Плюс» ва нашрияи «Нигоҳ»-у оҷонсии хабарии «Тоҷнюс» дар гузашта анҷом медоданд, ки то ҷое аз дигарон тафовут доштанд. Ҳоло дувумиҳо дар майдони расонаҳо фаъол нестанд ва дар «Азия-Плюс», ки бо мушкилоти хос фаъол аст, ба назар мерасад, ки дигар чандон дунболи ин иқдомот нестанд ё агар мекунанд, танҳо дар охири сол ва он ҳам на ҳамеша.

Вале махсусиятҳои назарсанҷиву ҷомеашиносӣ, ки аз рӯи меъёрҳои сифатӣ ё миқдорӣ баҳогузорӣ мешаванд, комилан дигаранд ва барои бардоштҳои давлативу иҷтимоӣ хеле муҳим.

Аз ин ҷост, ки баргузории чунин иқдомот дар ҷомеаҳои демократӣ як амри маъмулист. Ҳатто дар рӯзҳои муқаррарии зиндагӣ. Дар кишварҳои ҳамсояи мо, назири Қирғизистону Қазоқистон расонаҳои хабарӣ ва низ созмонҳои вижаи омӯзиши афкор ҳар мансабдорро аз рӯзи аввали ба курсӣ нишастанаш, зери дурбини худ қарор медиҳанд, ҳар қадами ӯро пайгирӣ ва таҳлил менамоянд. «100 рӯзи фаъолияти вазир», «3 моҳу 10 рӯз бо...», «Шаш моҳи шаҳрдори нав» ва мисли ин гӯшаҳои доимии нашрия, шабакаҳои радиоиву телевизионист. Рейтинги манасабдорон аз рӯи таъиноташон ҳам доим баргузор мешаванд.

Ин гуна иқдомот, ки бар асоси далелҳои мушаххас баҳогузорӣ мешаванд, барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳрик додани мансабдорон хеле муҳиманд. Хоса дар рӯзҳои бӯҳронӣ...

Аз ин нигоҳ, ҳоло, агар шеваҳое аз назарсанҷиву таҳқиқоти сотсиологӣ боқӣ мондаанд, мешавад аз бархӯрду вокуниши мансабдорон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ё расонаҳои электронии ахбор, ки сомонаи интернетӣ доранд ва дар онҳо ҳам ҷое барои шарҳҳо ҳаст, хулоса бардошт.

Дуруст, мо намедонем, ки ба ғайр аз ниҳодҳои интизомӣ ва ҳифзи ҳуқуқи мамлакат касе ин шарҳу баррасиҳоро мониторинг мекунад, ё не, вале маълум аст, ки ин контент «қаҳрамонҳо» ва қаҳрамонҳои худро дорад. Ин ҳам як намуди таҳлил аст ва таҳқиқоти хос мехоҳад...

Дар ҳамин ҳол, шабакаҳои иҷтимоӣ қаҳрамонҳои доимӣ ва мавсимии худро доранд. Масалан Бег Сабур ва Нуриддин Саид дар ҳар мақоме набошанд, мисле, ки журналистон ва корбарони шабакаҳои иҷтимоиро «зиқшавӣ» намемонанд. Онҳо аз ҷумлаи «қаҳрамонҳои» ин доира маҳсуб мешаванд.

Роҳбари пешини Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва муовини роҳбари Хадамоти алоқа Атоев соле пеш, ки мушкили интернет ва арзиши онҳо пеш омад, ба бархӯрди ҷиддӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ гирифтор шуданд ва ҳатто боис ба барканории аввалӣ гардид. Онҳоро, бо вуҷуди ин, дар қатори «қаҳрамонҳое» мешавад ворид намуд, ки хислати мавсимӣ доранд: дар минбарҳо бо пеш омадани ин ё он мушкил пайдо ва ҳамин тавр вирди забонҳо мегарданд.

Як нуктаи ҷолиб: баъзан муовини раҳбарон ба хотири «мушкилосонкунӣ» ё «худсафедкунӣ»-и сардорони худ назди журналистон ҳозир мешаванд ва ҳамин тавр фаҳмидаву нофаҳмида худро ба одамони ангуштнамои ҷомеа табдил медиҳанд. Ин гуна ҳолатҳоро шояд бархе роҳбарон махсус ташкил мекунанд ва ҳамин тавр аз «номзадҳои эҳтимолӣ» ба курсии онҳо халос мешаванд.

Ба назар мерасад, ки дар баъзе нишастҳои матбуотӣ бархе мансабдорон ҳамтоёни амбитсиядори худро махсус дар ҳолати ногувор қарор медиҳанд. Масалан, ин ё он журналистро киро намуда, ба онҳо «саволҳои сахт» ё бо забони русӣ омода месозанд, то дар назди ҷомеа бештар шармсорашон гардонанд.

Дар ин миён мо мансабдороне ҳам дорем, ки ҷомеа, аз ҷумла тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамеша ба эшон муҳаббати махсус зоҳир мекунанд. Онҳо хоҳ дар мансаб бошанд, хоҳ не. Масалан Саидамир Зуҳуров — вазири собиқи амният ва корҳои дохилӣ маҳбубияти худро ҳеч гоҳ коҳиш надодааст. Аз ин ҷост, ки ҳар матлабе дар бораи ӯ пайдо шавад, мардум онро ҳарисона хоҳанд хонд. Вақте касал шуд, мардуми зиёд ба дидорбиниаш рафтанд, ё дар ҳаққаш дуо карданд.

Ё дар бораи Талбак Назаров, ки солиёни зиёд вазири корҳои хориҷӣ буд, «гап»-и бисёр набуд.

Ба Маҳмадсаид Убайдуллоев ва раҳматии Сӯҳроб Шарифов вокунишҳо дугуна аст. Убайдуллоевро ҳарчанд дар доираҳое сахт сиёҳ карда буданд ва ҳама «корҳои бади ҳукумат»-ро ба ӯ нисбат доданӣ мешуданд, нимаи солҳои 2000 шеваи дигари корро роҳандозӣ намуд: ҷаласаву гурӯҳҳои кории шаҳрдориро бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ҳатто аҳзоби расмии мухолиф баргузор мекард. Ягона мансабдоре дар ин сатҳ (шахси дуюми расмӣ) на танҳо дар Тоҷикистон ки ҳатто дар Осиёи Миёна гардид, ки мулоқоти махсуси худро бо фаъолони Фейсбук анҷом дод ва таи тақрибан 6 соат ба пурсишҳо росто ва бе коғаз посух дод. Дар Фейсбук, тавре ишора намуд, «дидаву дониста» сафҳаи махсуси худро кушод. Бо ҳамин, то ҷое бархӯрди ҷомеаро дигаргуна намуд.

Марҳум Сӯҳроб Шарифов ҳам бигзор на ҳамеша гапи дили худро мегуфт, вале бо ин ки ошкоро сӯҳбат мекард, мақоми махсус дошт.

Ана ҳамин таъкид, ки «на ҳамеша гапи дили худро мегуфт» дар ҷомеаҳое мисли Тоҷикистон хеле муҳим аст ва як махсусияти онро нишон медиҳад. Дар кишварҳои мутаммадин, демократӣ ва ба арзишҳо қоил ҳукуматҳо ҳамеша нишон додан мехоҳанд, ки кабинаи худро аз одамони сазовор интихоб кардаанд. Барои ин раҳбарони ҳукумат ва президентҳо кӯшиш мекунанд бо вазирону мансабдорони сатҳи баландашон машварат доир кунанд, аз онҳо чизеро пурсанд, эшонро дар сӯҳбатҳои инфиродӣ гӯш мекунанд ва ҳарфзании онҳоро тариқи

расонаҳо, махсусан шабакаҳои телевизионӣ нишон медиҳанд. Мардум на танҳо эҳсос мекунанд, ки президенти арзанда доранд, балки дар интихоби кадрҳо ба ӯ эътимод менамоянд. Ин усули раҳбарии пешвоёни қавиву воқеист...

Дар ҷомеаҳои авториториву диктатурӣ баръакс «сари хам ва забони лол» меъёри ҳимояи худу курсӣ хоҳад буд. Аз ин ҷост, ки мансабдорон кӯшиш мекунанд дар минбару расонаҳо пайдо нашаванд, «ситора» нагарданд, ё ҳарферо бигӯянд, ки кадом як ниҳоде ба онҳо қаблан гӯшакӣ кардааст. Дар ин гуна ҷомеаҳо сарварони кишвар беибо метавонанд пурсанд, ки «кадр набошад, аз кисаам ёбам?«

Бо ҳамин, худро як шахсияти муҳим нишон дода, исбот карданӣ мешаванд, ки агар онҳо набошанд, мамлакат роҳбари дигаре пайдо намекунад.

Аз ин ҷост, ки ҷомеа ба мансабдорони баландмақом ҳамеша бо шубҳа нигоҳ мекунанд. Яъне гуё:

*Онҳо саводи кофӣ надоранд;*

*Ба воситаи чизе ё касе курсиро соҳиб шудаанд;*

*Танҳо маҳал ё кадом «махсусияти дигараш» аз курсӣ ба курсии дигар мебарад;*

*Фикри мустақил надорад ва дошта ҳам наметавонад...*

Аммо, вақте дар сӯҳбатҳои хос бо ин мансабдорон мешинед, шоҳид мегардед, ки ҷаҳонбиниву бардошти онҳо аз руҳдодҳо комилан дигар аст. Бинобар ин, гуфтан мумкин нест, ки дар ҳамаи курсиҳо одамони тасодуфӣ нишастаанд.

### ДАР АСЛ Ё БА ЗОҲИР?

Зимнан, мо нафароне ҳам дорем, ки ба таври истисноӣ бисёрии вақт дар курсии худ мисли як шахси мустақил ба назар мерасанд. Ҳоло танҳо Ёдгор Файзовро дар ин қатор дохил карда метавонем, ки мавриди таваҷҷӯҳи бисёриҳост. Ӯ аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба созмонҳои байнулмилалӣ рафт ва ҳамин тавр ба мансабдори баланд-

мақоме табдил ёфт, ки як вилояти аз нигоҳи стратегӣ муҳим — ВМКБ -ро бе таҷрибаи кории фаровон дар мақоми давлатӣ сазовор роҳбарӣ намояд. Ӯ ҳам раиси «рӯзҳои сахт» буд. Ба Бадахшон замоне раҳбар рафт, ки вазъияташро амн гуфтан душвор аст. Аммо тавре аз наворҳои ҷаласаи аввали баргузорнамудааш дар вилоят маълум намуд, метавонад ҷасурона дар ҳузури раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки дар Тоҷикистон шахсияти бисёр калидист ва роҳбарони баландмақоми Вазорати корҳои дохила суханронӣ намуда, ҷиддӣ масъалагузорӣ кунад, ба пешвози гирдиҳамомадагон барояд, онҳоро ором намояд, дар ҳашарҳои мардумӣ шахсан иштирок карда, ҳамарӯза дирам ба дирам маблағу кумакҳои воридгардида ба ситоди мубориза бо COVID-19 -ро ба мардум ҳисобот диҳад, аз сӯҳбат бо намояндагони ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нагурезад...

Дар матлабе бахшида ба Сӯҳроб Шарифов инҷониб ӯро ба як навъ гиёҳ — панатсея монанд карда будам, ки духтурон метавонанд онро ба ҳама намудҳои беморӣ ҳамчун даво истифода кунанд.

Коршиносон чунин мустақилияти мудири собиқи Маркази тадқиқоти стратегии назди президентро дар кул ба 2 омил шарҳ медоданд:

1) Ӯ ба сифати «дудбаро» хидмат мекунад, яъне гоҳо бо мусоҳибаҳои Сӯҳроб Шарифов ҷомеа гуё мутмаин мешавад, ки ҳукумат аз мушкилоту масъалаҳои онҳо огоҳ асту роҳи ҳалро ҷӯёст;

2) Азбаски муттаҳамӣ аз касе надорад, бинобар ин забони дароз ва сари баланд дорад.

Интихоби Ёдгор Файзов ҳам ба раисии ВМКБ ҳатман бо ҳадафҳои мушаххаси маркази қабули қарор сурат гирифтааст.

Бо ин ҳама, фаъолияти Сӯҳроб Шарифов ва Ёдгор Файзов нишон медиҳад, ки агар ҳар вазир ва масъули ҳукумат дар мақоми худ як нафари арзанда, ҳирфаӣ ва то андозае мустақил бошанду сиёсату тиҷоратро омехта накунанд, имкон дорад, ки ба дарки умқи масъалаҳо рафта, бисёре аз мушкилоти ҷомеаро ҳал намоянд.

Мутаассифона, ин гунаҳоро зиёд надорем ва тавре як шоир дар тавсифи маъшуқаи худ мегуфт:

*Як гул баҳор нест,*
*Сад гул баҳор нест,*
*Ҳатто ҳазор боғи пур аз гул баҳор нест,*
*То Гулбаҳор нест...*

Гулбаҳор дар ҳолати мавриди назари мо ҳатман низомест, ки мехоҳад ва метавонад баҳор биёрад.

Гап сари ҳамин мушкил ва савол аст: оё мехоҳанд?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи майи соли 2020*

# «МИНТАҚАИ ПУЛИСӢ» КАРДАНИ МАКОНИ СЕЛЗАДА МУШКИЛРО ОСОН МЕГАРДОНАД?

Ҳамааш аз офати табиӣ сар шуд. Мақомот мегӯянд, рӯзи 14-уми май дар натиҷаи бориши сахти борон дар деҳаҳои ба номи Неъматулло Асадулло ва «18-ум анҷумани ҳизб»-и ноҳияи Хуросон 11 манзил пурра ва 25 хона қисман зарар дид. 16-уми май сел омад, ярч фаромад ва ба 25 хона пурра, ба 14 манзили дигар қисман зарар расонд. Мактаби рақами 12, як қисми роҳҳои маҳаллӣ низ корношоям гардиданд.

Зарари расидаро 6 миллиону 725 ҳазор сомонӣ ҳисоб кардаанд. Бадбахтона, сел ҷони ду нафарро ҳам гирифт.

Бори аввал нест, ки ба ин деҳаҳо сел меояд ва хонаи мардумро хароб мекунад. Шикояти мардум аз он аст, ки ҳар сол мақомот танҳо замоне ба кумакашон меоянд, ки сел ба онҳо зарари зиёди молӣ мерасонад. Аммо ин дафъа ҳатто барои аз макони офат берун кардани дороии бозмондаашон мушкил пеш омад. Одамони зарардида рӯзи 2-юми июн дар суҳбат ба хабарнигорон гуфтанд, ки маҷбур буданд аз зери лой ҷиҳози боқимондаашонро худ берун кунанд ва мошину экскватор киро карда, ба ҷои амн интиқол диҳанд.

Мисле, ки сабрашон поин омад, 17-уми май шоҳроҳи Душанбе — Бохтарро бастанд. Сабабашро дар суҳбат бо ҳамкасбони мо ба ин нисбат доданд, ки аз ҳодиса се рӯз гузашт, вале аз ҷониби мақомот кумаку дастгирии ҷиддие эҳсос накарданд.

«Дафъаҳои гузашта ҳам, ки сел хонаву роҳҳои моро вайрон мекард, масъулон меомаданд, ваъда медоданд ва пас аз рафтан фаромӯш мекарданд. Мо имкони ҳар сол хона сохтану таъмир карданро надорем. Барои ҳамин, мардум хост, ки мушкилашонро то охир ҳал намоянд», — гуфтаанд мардуми осебдида дар суҳбатҳои худ бо хабарнигорон, вале таъкид кардаанд, аксу номи онҳоро нашр накунанд.

Ба ҷои ҳодиса — шоҳроҳи Душанбе — Бохтар, ки мардум онро баста буданд, ба зудӣ кормандони милиса мерасанд ва роҳро мекушоянд. Аммо дертар дар гузоришҳои видеоӣ баъзе аз занҳо шикоят карданд, ки барои ин эътироз шавҳару бачаҳои ҷавонашонро боздошт кардаанд. Дар сатҳи расмӣ дар бораи ин боздоштҳо маълумоте нашр нашудааст. Мардум ҳам аз баррасии ин мавзӯъ, вақте аз онҳо пурсидем, худро канор мегиранд.

Шояд натиҷаи ин эътироз буд, ки пагоҳаш раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода ҳамроҳ бо муовини сарвазир Давлатшо Гулмаҳмадзода ба назди мардуми селзада рафтанд. Гуфта мешавад ба ҷараёни ин мулоқот журналистонро раҳ надодаанд.

Дар ҳамин ҳол, саволҳои зиёд, аммо бе посух, бидуни шак таваҷҷӯҳи ҷомеаро бештар мекард. Журналистон бояд ба онҳо посух дармеёфтанд. Хабарнигори «Азия плюс» Абдуллоҳи Ғурбатӣ 29-уми май хост, ба ҷои ҳодиса равад, аммо нарасид. Дар нимаи роҳ мавриди латукӯб қарор гирифт.

Бидуни шак ин ҳодиса макони офати табииро бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод: Оё дар ин ноҳия чӣ мегузарад, ки аз расонаӣ шуданаш ташвиш ба миён овардааст?

Ҳоло ин савол посухи худро ба вуҷуд наоварда буд, ки субҳи рӯзи дигар дар сомонаи расмии Вазорати корҳои дохилӣ таҳти унвони «Созанда мебояд, на сӯзанда» матлабе ба нашр расид. Онҳо гуфтанд, ки «баъзе хабарнигорон ба ҷойи дастгирии маънавӣ ... мехоҳанд бо ангехтани иғвою дасиса, бедор кардани ҳисси норозигӣ ва равған рехтан ба оташи қаҳру ғазаби сокинон фазои зиндагиро ноором созанд».

Баъд мисол оварданд, ки гуё Абдуллоҳ Ғурбати «бархилофи хоҳиши сокинони ноҳияи Хуросон ба дахлнопазирии хаймаҳои зисти

муваққатии онҳо эътибор надода, хост ҳамсару фарзандон, алалхусус ноболиғонро ба навор гирифта, гузориши «ҳангомаомез» таҳия кунад. Чунин рафтори хабарнигор ба сокинон хуш наомад ва онҳо Абдуллоҳи Ғурбатиро аз хаймаҳои худ дур ронда нагузоштанд шароити зисту зиндагии онҳоро халалдор ва расонаӣ намояд... Дар натиҷа миёни сокинон ва Абдуллоҳ Ғурбатӣ муноқиша ба вуҷуд омада, сабаби вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ гардид.»

Дертари ҳамон рӯз, гурӯҳи «Авангард»-и назди ин вазорат дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва чанд расонаи ба истилоҳ мустақил «Муроҷиатнома ба раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва рӯзноманигор Раҷаби Мирзо аз номи сокинони аз офати табиӣ зарардидаи ноҳияи Хуросон»-ро нашр карданд. Дар муроҷиатнома гуфтанд, «аз расонаӣ ва халалдор кардани ҳаёти осудаи мо даст бардоред ва ба ҳангомае, ки гуё ҳукумати Тоҷикистон моро дастгирӣ ва нисбат ба мо ғамхорӣ намекунад, хотима диҳед».

Баъд илова карданд, ки ҳукумат ба мардуми зарардида кумакҳои зарурирo саривақт мерасонад ва онҳо мушкиле надоранд. Даъвояшон аз ману Иттифоқи журналистон ин буд, ки чаро аз Ғурбатӣ ҳимоя мекунем?

Аҷиб буд... Оре, инҷониб матолибе дар бораи қазияи латукӯби ҳамкасби ҷавонам навишта будам, аммо аз ИЖТ, ки то имрӯз дар бораи қазияи ҳамкасби мо чизе нагуфтааст, ном бурда, мавзӯъро боз ҳам пурмуаммо карданд.

Бар илова, қисмати охири ин «нома» таҳдиди ошкор дошт: «Мо — сокинони аз офати табиӣ зарардидаи ноҳияи Хуросон бо итминони комил гуфта метавонем, ки агар як нафар аз мо бо даъвою ҳаракатҳои ғайриқонунии хабарнигори «Азия-Плюс» аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дастҷамъона рафта, дар бари ӯ меистем ва бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ ба тамоми мақомоти дахлдор муроҷиат карда, намегузорем ӯ беҷазо монад.»

Шубҳаҳо бештар шуданд. Аввалан, гумон аст, ки инро мардуми зарардида нависта бошад ва дувум, бисёрии имзоҳо якхела ба назар мерасиданд.

Ин моро водор мекард, ки ба мавзӯъ бархӯрди ҷиддӣ дошта бошем. Ҳамкасбон пешниҳод карданд, ки як гурӯҳ журналистон ба маҳалли офат равем. Ҳам бо мардум сӯҳбат кунем, ҳам то ҷои имкон мушаххас намоем, ки дар ин ноҳия чӣ мегузарад? Аз мардуми имзокарда ба «муроҷиатнома» сабаби бархӯрди онҳоро равшан намоем ва фаҳмем, ки оё воқеан ҳам Ғурбатӣ ба маҳалли ҳодиса рафта буд?

Чун дар посух ба иддаои ВКД навишт, ки латукӯби ӯ дар нимаи роҳ сурат гирифтааст, на дар хаймаҳои муваққат. Ба даъвати мо барои сафар ба ин ноҳия ҳамкасбони зиёде ҳамовозӣ карданд.

### ВАҚТЕ РАИСИ НОҲИЯ ҲАМ ИҶОЗАТ МЕПУРСАД...

Субҳи барвақти 2 июн дар наздикии бинои «Шарқи озод» ман, Нуриддин Қаршибоев, Лилия Гайсина, Иршод Сулаймонӣ, Меҳрангез Турсунзода, Сурӯш Раҳмонӣ ва Гулнора Амиршоева ҷамъ омада, роҳии Хуросон шудем. Дар рӯ ба рӯ бо ҳукумати ноҳия тасмим ин шуд, ки ба ду гурӯҳ тақсим мешавем. Як гурӯҳ ба назди раиси ноҳия медароем ва гурӯҳи дигар ба маҳалли ҳодиса. Хабарнигори минтақаии Радиои Озодӣ Орзуи Карим ҳам то ин замон аз шаҳри Бохтар ба назди мо расида буд.

Ба ҳукумати ноҳия Нуриддин Қаршибоев, Гулнора Амиршоева, Иршод Сулаймонӣ, Орзуи Карим ва ман ворид шудем. Лилия, Меҳрангез ва Суруш ба деҳаи селзада рафтанд.

Раиси ноҳия Раҳматулло Сафарзода марди дар ҳақиқат хоксор будааст. Мулоқоти мо дар толори ҷаласа сурат гирифт. Раис ба минбар набаромад, дар поин, баробари мо курсиеро гузошту нишаст. Дар бораи офати табиӣ, ки бо сабабҳои ҷуғрофӣ дар ин ноҳия зиёд пеш меоянд ва сабабҳои он гуфт. Кадоме аз масъулони ноҳия баъд ба пешаш як даста ҳуҷҷатҳоро овард ва Сафарзода, ки дар баробари хоксорӣ шахси самимӣ ҳам будааст, гуфт матни «муроҷиатномаи» дар боло зикршударо барояш овардаанд ва ӯ бо он то охир шинос нест. Ҳамин тавр, баҳс сӯи фаъолияти журналистон кашида шуд. Раис қалами

сиёҳ ва коғазҳои сафеди пешашро чандин бор боло бардошт ва гуфт, вақти навиштани матлабҳо бояд ин рангҳо ба асли худ гуфта шаванд.

Ҳамкасбони мо ҳам дар посух гуфтанд, ки барои гуфтани воқеиятҳо бояд шароит ба вуҷуд оварd, маълумот пешниҳод намуд. Сафарзода гуфт, ки телефонаш шабу рӯз фаъол аст ва ҳеч гоҳ занги касеро бе ҷавоб намемонад. Орзуи Карим инро тасдиқ кард, вале гуфт ғайр аз раис пайдо кардани масъулини дигар осон нест, онҳо ё ба саволҳо ҷавоб намедиҳанд, ё умуман ба занг.

Вобаста ба қазияи Абдуллоҳ Ғурбатӣ раиси ноҳия иқрор кард, ки аз он огоҳ аст ва дина то дери шаб ин мавзӯъро бо муовини сардори Раёсати корҳои дохилӣ, ки назорати ин қазияро ба ӯ вогузоштаанд, баррасӣ кардааст ва умед дорад гунаҳкорон пайдо ва муҷозот мешаванд.

Расидем ба масъалаи асосӣ, ки мехоҳем ба маҳалли селзада равем, вазъиятро аз наздик бинем, бо мардум сӯҳбат намоем. Сафарзода боз ҳам самимона иқрор кард, ки мавзӯъ як печидагӣ дорад: ӯ бояд ин масъаларо бо кадоме аз сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ машварат намояд. Ӯ барои посух гирифтан ба утоқаш рафт. Акнун саволе мавриди баррасии ҳамкасбони мо қарор гирифт: дар ин ноҳия масъулияти кӣ аз ҳама баланд аст? Хоса дар мавзӯе, ки ҳеч иҷозаи қонуниро ҳам тақозо намекунад.

Ин мавзӯъро муҳокима доштем, ки Сафарзода ба толор баргашт ва гуфт, ки чунин иҷозатро ба ӯ додаанд. Муовини раиси ноҳия Нуринисо Подшоҳқулзодаро вобаста кард, ки моро ҳамроҳӣ намояд...

#### «АГАР ЧИЗЕ ГӮЕМ, МОРО ХОИН МЕГӮЯНД»

Дар даромадгоҳи макони селзада ҳамкасбонамон ки пеш аз мо рафта буданд, мушкиле пеш омада буд. Мошини онҳоро кормандони БДА манъ карда, гуфтанд, ки бе иҷозати мақомдорони баландтар наметавонанд ба онҳо рухсати сафар бидиҳанд. Ба саволи хабарнигорон посух ин шуда, ки аз ин вазъият метавонад ҳар кас истифода намояд. Аз ҷумла дуздон. Аз ин дидгоҳ, албатта кори дурусте ҳаст.

Ҳарчанд қонунгузории вобаста ба журналистон дар ин гуна ҳолатҳо талаботи дигар дорад: баробари дидани ҳуҷҷат набояд ба фаъолияти онҳо монеъ шуд!

Ҳудуди 15 дақиқа зарур шуд, ки чунин иҷозатро онҳо пайдо кунанд. Ҳамкасбон ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ гуфтанд, ки агар мехоҳанд, метавонанд бо онҳо ҳамроҳ бошанд. Вале онҳо рад карданд. Якеаш ҳатто ошкоро гуфт, ки аз ночорӣ ин ҷо истодааст, вагарна сахт монда шудаву нав аз сафари хидматӣ аз Бадахшон омадааст...

Ин гурӯҳи ҳамкасбони мо аллакай аз мавзеи офат дида карда буданду ҳоло дар хаймаҳои муваққат бо мардум сӯҳбат доштанд.

Гурӯҳи мо якҷоя бо масъулони ноҳия ба макони омадем, ки мардум ҷамъ шуда буд. Ҳилоли Аҳмар барояшон кумак овардааст. Дертар аз Бадахшон ҳам бояд мошини дигари кумакҳо мерасид.

Дар ин миён аллакай ҳамкасбони мо имкон ёфтанд, ки бо чанде аз сокинони зарардида сӯҳбат кунанд. Чеҳраҳои аксар ғамгин, вале аксарият мегуфтанд аз чизе шикоят надоранд. Дар сӯҳбат бо ҳамкасбони мо, ки пештар ба маҳалли селзада омада буданд, бархе сокинон гила кардаанд, ки гапҳои мегуфтаашон зиёд аст, аммо, агар лаб во кунанд, ба онҳо тамғаи «хоинӣ» зада мешавад...

Зимни сӯҳбате, ки бо мо ҳам гурӯҳи занҳо мекарданд, танҳо як бону нав лаб ба шикоят бурд, ки барояш бархе лавозимотро додаанду аммо ӯ барои киро кардани устоҳо пул надорад, ки мавриди ҳуҷуми атрофиён қарор гирифт. Махсусан як ҷавон бо куртаи сафед фаъол ба назар мерасид. Воқеан, ҳатто навогирии моро аз ҷараёни ин сӯҳбат одамони шубҳаоваре дар атроф напазируфтанд ва ишора карданд, ки «чӣ даркор занакҳоро сабт кардан, айб аст». Ба онҳо дар ҷараёни сабт фаҳмонидем, ки ин ягон мушкили ҳуқуқиву ахлоқӣ надорад.

**«ИФТИХОРИ МИЛЛӢ»**

Дертар он ҷавони куртаи сафедпӯш, ки маълум гардид роҳбари созмони ҷавонони Донишгоҳи Бохтар Меҳроҷ Ҳалимзода будааст,

ба сӯҳбати мо ҳам ҳозир шуд. Аҷиб буд, ки нафари дигаре, ки ба син аз ӯ хурдтар ба назар мерасид, пинҳонӣ ин сӯҳбатҳоро сабт мекард. Маслиҳаташ додем, ки мо гапу кори ғайриқонуние надорем, метавонад ошкор сабт кунад. Шояд шарм кард, ё рисолаташ тамом шуд, ки аз пешамон дур рафт.

Раиси созмони ҷавонони Донишгоҳи Бохтар, ки мегуфт гӯё волидонаш сокини ин ноҳияанду барои ҳамин ба макони ҳодиса омадааст, зимни сӯҳбат бо ҳамкасбони мо боз ҳам сӯҳбатро сӯи ватандӯстиву ифтихори миллӣ бурд. Аммо вақте аз ӯ пурсиданд, ки дар бораи қазияи Абдулло Ғурбатӣ — журналисти латукӯбшуда дар як давлати ҳуқуқбунёд чӣ назар дорад, боз ҳам аз ифтихори миллӣ забон кушод ва гуфтан хост, ки бо расонаӣ кардани ин ҳодиса ва гузоштани аксҳои одами латукӯбшуда гуё ифтихори миллӣ коҳиш меёбад. Ҳарчанд мегуфт он рӯз дар маҳалли ҳодиса набудааст, бисёр бо итминон изҳор дошт, ки мақомот ба ин кор хулосаи ниҳоии худро хоҳанд дод.

Воқеан, бегоҳи ҳамон рӯзе, ки мо ба Хуросон рафта будем, Додгоҳи ноҳия дар мавриди қазияи Ғурбатӣ ҳукми худро баровард. То оғози мурофиа Абдулло онҳоеро, ки мақомот ҳамчун омилони латукӯб боздошта буданд, шиносоӣ кард. Онҳо сокинони ин ноҳия Сӯҳроб Бобоев, Абдумаҷид Давлатов ва Қурбоналӣ Ғуломов будаанд, вале ба деҳаи аз офат зарардида иртибот надоштанд.

Бо ин вуҷуд, Додгоҳ онҳоро танҳо аз рӯи моддаи 460-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 580 сомонӣ ҷарима баст, на аз рӯи талаботи Кодекси ҷиноӣ.

Муҷозоти хеле сабукро ҳам дар ВКД қабул надоштанд. Рӯзи дигар онҳо дар матлабе, ки «Ҷавоб ба хабарнигорон оид ба қазияи Ғурбатов Авазмат Умаралиевич (Абдулло Ғурбатӣ)» ном дошт, натиҷаи мурофиаро навишта, вале илова карданд, ки «хабарнигор нисбати сокинони аз офати табиӣ зарардидаи ноҳияи Хурсон ба дағалӣ роҳ додааст».

Сокиноне, ки ҳамроҳони мо бо онҳо имкони сӯҳбат доштанд, гуфтанд, ки ё дар бораи ин қазия чизе намедонанд ё аз забони касе шунидаанд, ки ҳодиса 200 метр дуртар аз хаймаҳо иттифоқ уфтодааст. Дар бораи муроҷиатнома бошад, ҳеҷ кас дарак надошт...

Бо ҳамин оё гуфтан мумкин аст, ки як қазияи пурсару садо ва саволҳои зиёди як макони селзада посухи мушаххасу қонеъкунанда пайдо карданд?

### ДУ САВОЛИ МАРДУМИ ЗАРАРДИДА

Сарвазир Қоҳир Расулзода ба макони селзада рафт. Ба ӯ ҳам маълумот доданд, ки ба 67 хонаводаи зарардида дар маҳалли бехавф, мавзеи Чорбоғи ноҳияи Хуросон ба масоҳати 8-сотихӣ қитъаҳои замин барои бунёди манзил ҷудо гардид.

Аммо мардум ду саволи ҳамоно беҷавоб доранд:

Ба онҳо қисме масолеҳи сохтмониро ҳукумат дод, қисмеро аз хонаҳои селбурдаашон ки боқӣ мондааст, ба маҳалли нав оварданд, вале барои пардохти хидматрасонии усто пул надоранду онро аз куҷо ёбанд?

Дар заминҳои пешин ки ҳарчанд ҷои хавфнок буд, аммо теъдоди замини киштбобашон зиёд буду аз ҳисоби ин заминҳо ризқи худу кӯдаконро меёфтанд (яке аз мусоҳибон дар бораи доштани 10 га замин изҳор намуд, ки дар 6 га гандум, дар 2 гектарӣ картошкаву пахта мекоридааст), акнун дар заминҳои хурд ва дар ноҳияе бо маҳдудияти ҷои кор, зиндагиро чӣ гуна пеш баранд?

### ЧАРО ВКД ЯКБОРА «ЖУРНАЛИСТБАДБИН» ШУД?

Офати табиӣ дар Хуросон, роҳбандии сокинон ва латукӯби Ғурбатӣ як мавзӯи дигарро пеш овард. Бархӯрди Вазорати корҳои дохилӣ бо журналистон. Ин ҳам дар ҳоле ки пештар ҳамкасбони мо аз ин ниҳод, хоса бахши матбуотӣ ва баъзе аз иқдомҳои роҳбари аввалаш таъриф мекарданд.

Пас чаро чунин иттифоқе пеш омад?

Мешавад ду хулосаи кӯтоҳ кард.

Якум, шояд чунин тасмим дар сатҳ, ё ниҳоди дигар гирифта шудаву ҳадафашон то ҷои имкон коҳиш додани имиҷи роҳбарияти ВКД дар назди журналистон бошад? Эҳтимол чунин тасмимро яке аз масъулини вазорат ба шахси аввали он дуруст арзёбӣ карда бошад ва он ҳам бо ҳадафи дигар: коҳиш додани ҷойгоҳи «милисаи №1» дар назди кормандони ВАО?

Дуюм, дар сатҳи таъсиррасон шояд ин тасмимро дар заминаи ҳаводиси ахири Амрико, ки аз бархӯрди ваҳшатноки як пулис оғоз ёфт, дуруст шуморида бошанд, то «чашми мардум тарсад». Вале ҳаводиси он сӯи уқёнус барои пулис ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи тамоми кишварҳо ҳикматҳои дигар ҳам дод.

Наход дар мо сари ин ҷиддитар фикр накунанд?

Вагарна маълум аст, ки «минтақаи пулисӣ» кардани мушкилот дар ягон давра ва давлат натиҷаи хуб надодааст. Хоса вақте сухан дар бораи мавзеъҳое меравад, ки офатзадаанд ва эҳсосот боло меравaнд.

Зимни сӯҳбат бо раиси ноҳияи Хуросон инҷониб аз як давлатмардамон иқтибос овардам, ки мегуфт «мардуми мо мардуми хубанд, агар тоқати шунидани онҳоро дорем».

Масали мардумӣ ҳам вобаста ба ин вуҷуд дорад: «меҳр дар чашм аст».

Пас беҳтар нест, ки ба мардум наздик бошем, мушкилоташонро бишнавем, роҳҳои ҳал ҷӯем ва онҳоро мутақоид намоем?

Ё дар мо сахт мутмаинанд, ки ҳама мушкилро бо зӯри мақомот ҳал кардан мумкин?

Ман ба ин бовар надорам…

*Раҷаби Мирзо,*

*Моҳи июни соли 2020*

# «ГАПИ КӮЧА». ОНЧӢ ДАР ҚАЗОҚИСТОНУ БЕЛАРУС МЕГУЗАРАД, САБАҚҲОЕ ДОРАД?

COVID-19 як воқеияти дигари мансабдорон, хоса онҳоеро, ки дарозмуддат дар қудрат буданд, ошкор кард. Онҳое, ки бо мардум қаробат доштанд, наздиктар шуданд. Аммо ононе, ки аз одамон дурӣ мечӯстанд, боз ҳам масофаро бештар карданд. Албатта, наздикӣ ва дурии соҳибони курсиҳои баланд бо шаҳрвандон танҳо ба маънои ҷисмонӣ нест. Ҳарчанд маълум аст, ки тасмими ҳар ҳукумати ба мардум наздик аз фосилаи доштааш бо одамон бармеояд.

«Президенти аввалин» ва пешвои Қазоқистон Назарбоев, тавре дар хабарҳо омадааст, ба бемории коронавирус гирифтор шуд. Хеле аз нақшаҳои Елбаси нимкора монд. Дар паради рӯзи 24 июн, ки дар пойтахти Русия баргузор мешавад, иштирок карда наметавонад. Номаълум то ҷашни 80-солагиаш, ки дар таърихи 6 июл дар назар аст, саломатиаш чӣ гуна хоҳад шуд ва онро таҷлил хоҳад кард, ё не.

Аммо ҳоло ҳарфи мо аз масофаи мансабдорон аст. Зимнан, бахши матбуотии Назарбоев зуд эълом кард, ки ҷои ташвиш надорад, чун пешвои қазоқҳо аз хонааш фаъолият ва мамлакатро идора мекунад.

Аслан ӯ хеле шуд Қазоқистонро аз хонааш идора дорад. Гап сари дар мансабҳои калидӣ таъин намудани фарзанд ва хешовандони наздикаш нест. Аз он гуфтанием, ки ба эҳтимоли қавӣ аз воқеиятҳои кишвари худ ва ҷаҳон дур мондааст ва онро танҳо аз даричаи хонаву хонаводааш мебинад.

Бегумон дар бораи рухдодҳои ахири кишвараш дар ду ҳафтаи пеш иттилоъ дорад. Манзур гирдиҳамоиҳоест, ки якбора дар чанд шаҳри Қазоқистон пеш омаданд ва эътирозгарон шиорҳои аҷибу фикрзо доштанд: «Нафас кашида наметавонам» — мисли шиори эътирозгарон дар Амрико, ки аз илтиҷои Ҷорҷ Флойди африқоитабор ҳангоми боздошти пулис ба забон оварда буд. Эътирозгароне ҳам буданд, ки дар даст шиори «Пирамард, бирав!»-ро доштанд.

Ин паёми ҷиддист ва на танҳо ба Назарбоев. Ҳолати феълии Лукашенко дар Беларус аз ин ҳам хубтар нест. Номзадҳо ба президентӣ маъракаи бесобиқаи ҷамъоварии имзо ба ҷонибдории худро дар кӯчаҳо роҳандозӣ карданд ва мардум қатори тӯлонӣ истода, имзо менамуданд.

Лукашенкоро, ки 26 сол аст қудрати сиёсиро дар қабзааш нигаҳ медорад ва ҳамчун «охирин диктатори Аврупо» шинохт дорад, ин сахт ба ташвиш овард: мардум аз ӯ монда шудаанд!

Бӯҳрони коронавирус, ҳарчанд онро президенти Беларус бо тамасхуру истеҳзо пушти сар карданӣ шуд, осон наафтод. Ахиран номзади, ба гуфтаи Лукашенко, русгаро Виктор Бабарико , ки аллакай ҷонибдорони зиёд пайдо кардааст,з сӯи нерӯҳои интизомиву амниятӣ боздошт гардид. Номзади дигар Павел Северинетс, ки пештар боздошт шуда буд, дасти худро дар боздоштгоҳ бурид, чун мегӯяд дар шароити баде нигаҳдорӣ мешавад. Гуфтан душвор аст, ки маърака бо ҳамин ба натиҷаи ниҳоии мехостаи Лукашенко, ки ошкоро гуфт, зимоми кишварро ба касе доданӣ нест, ба анҷом расид. Ба ҳар сурат, рақибони президенти феълӣ мегӯянд қаблан нақшаҳое кашидаанд, ки ҳатто дар вақти зиндон будани онҳо амалӣ хоҳанд шуд. Ин ки Лукашенко мегӯяд Бабарико пуштибонӣ аз Кремл мебинад, ба эҳтимоли зиёд гашти тактикии ӯст ва ба он равона шуда, ки дар ҳолати зарурӣ худаш аз Ғарб пуштибонӣ пайдо кунад. Ба ин маъно, ки гуё режими Путин ҳукумати ӯро намехоҳаду инҳо бояд аз ӯ ҷонибдорӣ намоянд.

Воқеан, аҷиб аст, ки мегӯянд Кремл ба хеле аз раҳбарони ба истилоҳ дарозумр шарт гузошта, ки бояд курсиро холӣ кунанд. Дар ҳоле ки худи Путин 20 соли охир қудратро ба даст гирифтаву мушкили

аз инҳо камтар надорад. Ҳоло маълум ҳам нест, ки раъйпурсӣ барои ислоҳи Қонуни асосӣ дар ин кишвар бо чӣ анҷом меёбад. Ба ҳар ҳол, мухолифони Кремл «армуғонҳо» ваъда доранд...

Ин ҳар дар ҳоле ки Путину Лукашенко, ба ҳар сурат, аз раҳбарони билоивази Осиёи Миёна як қадар тафовут доранд. Масалан барои худ унвонҳои болохонадор кашф накардаанду то ҳанӯз худро танҳо президент меҳисобанд. Бо мардум ҳам то ҷое иртибот доштаву масофаро аз ҳад дур нигоҳ надоштаанд.

Дар минтақаи мо вазъ фарқ мекунад. На танҳо президентҳо одамони дастнорасанд, ки ҳамчунин аъзои ҳукумат ва ҳатто аксари раисони шаҳру навоҳӣ мардумро ба қавле «писанд» намекунанд. Бигирем Тоҷикистонро. Сафарҳои Эмомалӣ Раҳмон ба навоҳии кишвар ҳарчанд дар хабарномаҳо «барои огоҳӣ аз вазъи мардум» унвон мешавад, хелеҳо медонанд, ки намоишномаҳои аз қабл таҳияшудаанд ва ҳар суханронӣ пешакӣ бо сохторҳои махсус ҳамоҳанг мегардад. Нишасти матбуотӣ ё гуфтугӯи солона бо мардум, ки Путин мекунад, дар мо умуман набуду нест. Ба вазирон ва раисони шаҳру навоҳӣ дастур дода шуд, ки ҳар рӯзи шанбе ниёзмандонро қабул кунанд. Аз баррасии ин иқдом хулоса кардан мушкил аст, ки масоили мавриди муҳокимаи одамон ҳалли худро ёфтаанд. Ҳоло ҳам нома ба президент дар нашрияҳо ва ишораҳое мисли «танҳо ба Шумо бовар дорем» кам нест.

Сабаб маълум.

Аввалан, мансабдорони тоҷик дар иқдомҳо он қадар мустақилият надоранд ва шояд бо ҳамин сабаб дар ҳалли баъзе аз мушкилот дармемонанд. Дар чанд соли охир мо танҳо аз раиси ВМКБ Ёдгор Файзов мисол оварда метавонем, ки як қадар мустақилият нишон дод. Аз ҷумла дар масъалаи теъдоди гирифторони коронавирус. Ӯ гуфт 22 фавтида доранд, ки ин тақрибан ба нисфи омори мамлакат баробар аст. Дар ҳоле ки Бадахшони Тоҷикистон чизе беш аз 200 ҳазор сокин дорад. Инро чунин маънидод карданд, ки дар минтақаҳои дигари кишвар омор эътимодбахш нест.

Дуюм, мавзӯъ бармехӯрад ба масофагирии мансабдорон. Оё чанд вазири ҳукумати Тоҷикистонро дидаед, ки пои пиёда дар кӯчаҳои

Душанбе қадам мезанад? Кай дидаед, ки як вазир ё муовинҳои аввалу дувуми вазире дар нақлиёти умумӣ, аз ҷумла автобус ё троллейбус ва ё ҳадди ақал дар «Газел»-у «Тангем» савор шуда, ба ҷои кор ва ё ба хонаи хешовандаш рафта бошад?

Солҳои пеш танҳо генерал Саидамир Зуҳуровро хеле зиёд ва раиси собиқи Бонки миллӣ Шарифзодаро гоҳо медидем, ки дар кӯчаҳо мисли тамоми шаҳрвандон қадам мезананд. Солҳои баъдтар вазири пешини фарҳанг Шамсиддин Орумбекзодаро баъзан дар мусофиркаш ва гоҳе дар кӯчаҳо вомехӯрдем.

Аммо дигарон чӣ?

Фикр мекунед иллати аз нақлиёти умумӣ истифода накардани дигар соҳибмансабҳо дар чист? Оё фақат барои он аст, ки онҳо мехоҳанд тезтар ба ҷои корашон ҳозир шаванду ба мушкилоти соҳае, ки раҳбараш ҳастанд, роҳи ҳал биҷӯянд? Агар воқеан чунин мебуд, кишвар дигар ҳеч мушкилоте намедошт.

Яъне гуфтан мушкил аст, ки ҳукумат аз воқеиятҳо огоҳии комил дорад.

Дар байни мардум будани мансабдорон барои ҳамин зарур аст. Зеро, агар дар байни мардум бошанд, ҳатман зиндагии воқеиро мебинанд ва онро бо гузоришҳои ТВ муқоиса карда метавонанд. Ҳамчунин мешунаванд, ки одамон фалон қасру кушк, ё мағозаро ба ин ё он вазиру раис нисбат медиҳанд!

Ин мавзӯи хеле ҷиддист. Вақте мардум бо мушкилоти зиёди рӯзгор даст ба гиребон аст, хоса пас аз бӯҳрони ахир, ки сахтиҳои зиёдеро ба дӯши шаҳрвандон бор кардааст, қаср доштани ҳар вазире, ки моҳонааш ҳадди ақал 2000-3000 сомонист, воқеан метавонад норизоии иҷтимоиро ба вуҷуд биёрад.

Таҷрибаи чандҳазорсолаи зиндагии башар нишон дода, ки бар зидди норизоии иҷтимоӣ намешавад бо зӯрӣ мубориза бурду пирӯз шуд. Танҳо як роҳ дорад: бояд алайҳи омилҳое, ки ин норизоиро ба вуҷуд меоваранд, ҷанг эълон кард!

Дарвоқеъ, агар мансабдорони мо, ки истифода аз нақлиёти умумиро барои худ нанг медонанд, як каме дар фикри обрӯи Тоҷикистон

бошанд, ҳадди ақал бояд эъломияи дороиҳояшонро пешниҳод намоянд. Магар президенти Қирғизистон чӣ камие аз як мансабдори Тоҷикистон дорад, ки ӯ эъломияи дороиҳояшро ҳар сол ошкор мекунаду дору надори «ҳокимчаҳо»-и мо ҳамчунон «сирри давлатӣ» бошад?

Гузашта аз ин, то кай бояд овозаи дороиҳои ину он вазир ё мансабдору фарзандон ва пайвандони онҳо дар сари забони мардум ва омили норизоии иҷтимоӣ гардад?

Ин ҳама ва дигар масоили муҳимро маҳз аз «гапи кӯча» фаҳмидан мумкин. Мисли Елбаси аз хона ё қасрҳои худ идора кардани давлат шояд душвор набошад. Аммо ба кӯча танҳо одами аз худаш дилпур ва виҷдону имонаш пок баромада метавонад.

Ингунаҳоро дорем?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июни соли 2020*

# ВАҲДАТЕ, КИ ГУНОГУН ФАҲМИДА МЕШАВАД...

*«Биё, эй ҳамватан дигар намирем,*
*Худиро бо худӣ душман нагирем...*
*Бас аст душмангароӣ, эй ватанхоҳ,*
*Барои ваҳдати миллат бимирем!»*

Ин мисраъҳоро на танҳо барои он ва дар ин рӯз менависам, ки ба сулҳу суботи Тоҷикистон кадом хавфе таҳдид мекунад. Ин баҳси дигар аст, ки оё таҳдиде ҳамчунин вуҷуд дорад, ё не. Ҳоло мехоҳам аз моҳияту арзиши воқеае бигӯям, ки 23 сол қабл иттифоқ уфтод.

Ҳамчунин мешавад, ҳаводиси пас аз он замонро баррасӣ намуда, барои худ хулоса баровард: воқеиятҳои имрӯза «ҳамту» пеш омаданд, ё чизи муҳиме дар худ доштанд?

Ин воқеият аст, ки рухдоди 27 июни соли 1997-ро ҳар чизе ном набарем, барои мардуми Тоҷикистон як ҳодисаи таърихист. Ин сана ва рухдоди онрӯза, ба ҳар сурат, таҳаввулотеро дар ҳаёти иҷтимоии одамон ба вуҷуд овард. Мардумро осудагӣ бахшид ва ба зиндагӣ дилгарм намуд. Шахсиятҳои иҷтимоиву сиёсии ҳарду ҷонибро низ ба оянда таҳрик дод. Аммо ин талош оё дурнамои амалгароёнаву санҷидашуда дар худ дошт ё не, баҳси дигар аст. Элитаи ҳукмрон низ шояд он замон барномаи мушаххаси амалро барои худ муайян накарда буд. Ҳатто вақте сентябри соли 1999 раъйпурсии аввалин барои ислоҳи Қонуни асосӣ сурат гирифт. Ин барнома эҳтимолан дертар, пас аз соли 2000-ум пайдо шуд ва соли 2003 (тағйиру иловаҳои дуюм ба Қонуни асосӣ) аз худ аломат дод...

Интихоботи парлумонии соли 2000 як санҷиш буд, ки ба истилоҳ нерӯҳои сиёсӣ аз он нагузаштанд. Қасд ба ҷони Маҳмадсаид Убайдуллоев дар авҷи интихобот ва сахт захмӣ гаштани ӯву кушта шудани муовини вазири амният Шамсулло Ҷобиров як ҳушдори дигарро дар дарси сиёсии Тоҷикистон дошт, ки аз ҷониби мардони сиёсӣ ҳамоно дуруст ҳазм нагашт.

Ташкил ёфтани Маҷлиси Миллиро нерӯҳо ва шахсиятҳои сиёсии он замон фаъол, тавре пасон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода иқрор гашт, ҳамчун гашт (ход) дар бозии сиёсӣ байни элитаи ҳукмрон ва ояндаи худ истифода кардан хостанд, на ҳамчун институти давлатӣ. Аз ҳамин ҷост, ки палатаи болоии парлумон ҳамоно гоҳ — гоҳ дар баҳсҳо боқӣ мондааст ва зарурату нодаркориаш дар кишвари ягона (унитарӣ)-е мисли Тоҷикистон пеш меояд...

Аслан имтиҳон барои нерӯҳои сиёсӣ ҳанӯз замони интихоботи президентии соли 1999 оғоз ёфт ва ҳукумат ба дурустӣ дарк намуд, ки нерӯҳои мухолиф шаклгирифта нестанд ва бо ду омил дар байнашон ихтилофи ҷиддӣ пайдо шуданаш имкон дорад: майлони сиёсӣ (дунявият ва масоили мазҳабӣ) ва курсӣ...

Интихоботи президентии соли 1999 на танҳо дар дохили ҲНИТ, ки он замон ҳизби расмӣ буд, балки шахсиятҳои дигар ҳам ихтилоф ва шикоф ба вуҷуд овард. Давлат Усмон — номзади ҲНИТ -ро аз ҳизб берун кард, Тӯраҷонзодаву Муҳаммадрузӣ Искандаров — раиси навинтихоби Ҳизби демократро ҳамчун шахсиятҳои ҷонибдори номзадии Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ намуд...

Ҳар шахсият ва нерӯи сиёсӣ мегуфт барои оянда нақшаҳое дорад, ки замони интихоботи парлумонӣ маълум мекунад.

Вале интихоботи парлумонии соли 2000 аслан шикасти оппозитсияро маънӣ медод. Ба ҳар сурат, ягон шахсияти сиёсии онҳо ба парлумон раҳ наёфт. Аҷиб буд, ки шахсиятҳои дунявиву демократе мисли Аслиддин Соҳибназаров, ки дар ҳукумат кор мекарданд, ғолиб нашуданд, аммо намояндаҳои ҲНИТ аз рӯйхати ҳизбӣ ба парлумон раҳ ёфтанд. Ин ҳам як паём буд, ё бозӣ дар қолабу фаҳмиши нав, ё чизе дигар, ҷиддан баррасӣ нагашт.

Ҳарчанд Ҳизби демократ инро бозии пасипардагӣ донист, дар эътироз сахт нагирифт, чун онҳо низ дар интихоботи президентӣ ба қавле бозӣ доштанду аз номзади ҳукумат ҷонибдорӣ намуданд. Искандаров танҳо соли 2003 дар мусоҳибае бо инҷониб, изҳороти аҷоиб намуд: агар анҷумани ҳизбаш тасмим бигирад, ӯ на танҳо курсии ҳукуматиашро тарк мекунад, балки дар мухолифати шадид бо ҳукумат қарор мегирад. Инро чанд гуна фаҳмидан мумкин буд: паём ба ҳукумат, мессиҷ ба ёрони кӯҳан...

Ҳарчӣ буд, ё не, интихоботи парлумонии соли 2005 аллакай дар замони дигар сурат гирифт. На танҳо намояндаи мухолифин — Искандаров, ки дар раъйпурсии тағйиру иловаҳо ба Қонуни асосии соли 2003 ба гунаи эҳсосӣ гуфт: «Нурӣ моро фурӯхт», ба зиндон афтода буд, ҳамчунин шахсиятҳои таъсиргузори ҷонибдори ҳукумат — Ёқуб Салимов ва Ғаффор Мирзоев ҳам барои солҳои тӯлонӣ, ё якумра ба маҳбас афтоданд.

Қувват Султон ки талошҳои сиёсии худро аз интихоботи президентии соли 1999 сар карда буд ва ҳамчун ҳарифи тавонманди ҳукумат арзёбӣ мегашт, аз бозӣ дур гардид. На танҳо ҳизбашро сабти ном накарданду худаш дар интихоботи парлумонӣ аз ҲСДТ номзад нашуд, балки яке аз шахсони вафодору калидиаш Рустам Файзиев ба зиндон афтид ва ахиран он ҷо фавтид. (Ноябри соли 2011 худаш ҳам пас аз беморӣ фавтид).

Эътилофи аҳзоби сиёсии мухолиф, ки дар интихоботи парлумонии соли 2005 ҳизби ҳокимро танҳо гузошта буданд, ноком монд ва боис ба пайдоиши «ҳизбҳои нав» — Ҳизби аграрӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ гашт...

Интихоботи президентии соли 2006 низ барои нерӯҳои сиёсӣ «пурталафот» гардид. Августи ҳамон сол Саид Абдуллоҳи Нурӣ фавтид, Ҳизби демократ ва сотсиалист ба «ихтилофот» рӯ ба рӯ шуданд, Тӯраҷонзода аз курсии муовини сарвазир, Зайд Саидов ва Мирзо Зиёев низ аз курсиҳои вазири саноат ва ҳолатҳои фавқулода дертар барканор шуданд, ҲНИТ дар интихобот бе номзад иштирок намуд

ва ба аъзояш гуфт метавонанд дар маърака иштирок кунанд, агар намехоҳанд — не.

Ҳизби демократ интихоботро таҳрим намуд ва ба «бало» гирифтор шуд, ҲСДТ пешбарии номзадии Эмомалӣ Раҳмонро «ғайриқонунӣ» номид, Убайдуллоев пешопеш ва маънидор гуфт:«мардум аллакай интихоби худро кардаанд ва маъракаи интихобот танҳо иҷрои расмиёт аст».

Натиҷа як чӣ буд: Президент Эмомалӣ Раҳмон!

ҲНИТ, ки Кабирӣ пас аз реҳлати Нурӣ роҳбариро дар он бо душворӣ ба даст оварда буд, интихоб шуданашро бо як ҷумла ифода кард: «Шумо ба ман не, ба Устод Нурӣ овоз додед!». Ин ҷумла чиро ифода мекард, на ҳама медонистанд. Дар ҳукумат низ шояд барои худ маънии хос гирифтанд.

Дертар шахсияти дигари ҳизб, ки «пешвои маънавӣ»-аш унвон доданд — Муҳаммадшариф Ҳимматзода низ бар асари бемории тӯлонӣ дунёро тарк гуфт...

Интихоботи парлумонии соли 2010-ро инҷониб муаррифии «шаҳомати ҲНИТ» унвон карда будам. Масъала аз он ҷо пайдо шуд, ки пешопеши интихобот ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятӣ сурат гирифт ва Муҳиддин Кабирӣ аз президенти Тоҷикистон танҳо як толор барои анҷумани ҳизбаш хост, дар ҳоле ки дигарон «талаботи ҷиддӣ» доштанд.

Воқеан, он замон ҲНИТ маъракаи шукӯҳманде бо истифодаи технологияҳои навин истифода кард ва «ҳизби кӯҳнапарастон»-ро ҷилваи нав дод. Дуруст аст, ки пасон роҳбарияти ин ҳизби ҳоло мамнӯъ дар Тоҷикистон иқрор гашт: ин шукӯҳмандӣ ҳукуматро тарсонд! Дигар дер шуда буд. Онҳо ҳоло ҳам мутмаинанд, ки протоколи 3220 маҳз пас аз ҳамин маърака пайдо гашту мушкилоти онҳоро ба вуҷуд овард...

Бо ҳамин мушкилот ба интихоботи президентии соли 2013 расидем. Пеш аз ин, интихоботи миёндаврии парлумонии Восеъро, ки он замон инҷониб номзад будам, бархе таҳлилгарон шитобкорона «репититсияи интихоботи президентӣ»-и нерӯҳои мухолиф ном бурданд ва баъзеи дигар ҳамчун бозии навбатии ҳукумат. Ҳол он ки, Худо шоҳид аст, ман на бо ҳукумат мавзӯъро дар миён доштам, на

мухолифин. Танҳо мехостам маълум намоям, ки нерӯи як шахси мустақил ба чӣ басандагӣ мекунад. Аммо натиҷа он интихобот мисли пешин хатм ёфт...

Интихоботи президентии соли 2013 метавонист бе «талафот» анҷом ёбад, агар Зайд Саидов миёнаҳои сол аз таъсиси ҳизбаш забон намекушод ва ба маҳбас намеафтид. Бо вуҷуд, аҳзоби дигар комилан заифгашта акнун боз ҳам хостанд нишон бидиҳанд, ки «агарчӣ шикаста бошем, аммо нарехтаем». Натиҷа баръакс шуд, ё қолаб номаълум монд: агар пурра нарехтаанд, инро исбот ҳам карда натавонистанд!

Номзадии Ойнихол Бобоназарова дар интихобот ҳарчанд «заиф» буд, вале хеле мантиқӣ. Ҳам барои дохил ва ҳам хориҷ. Вале ин мантиқро ё то охир нафаҳмиданд, ё барои фаҳмиданаш имкон наёфтанд. Ихтилофе, ки байни Раҳматилло Зойиров ва дигарон сурат гирифт, на ба кадоме обрӯ овард, на холи сиёсӣ, на чизеро дигаргун намуд ва ҳатто мисли солҳои 2000 касеро соҳиби ягон курсии муваққати ҳукуматӣ низ накард. Шояд дар ҳукумат ба ин фикр омаданд, ки ба инҳо курсиеро пешкаш кардан «шармандагист», чун дигар «касе» нестанд, шояд даъвогарони курсиҳо аз ҷумлаи «нерӯи нав» — хешу табор ин имконро надод, ё айни масоиле пеш омада буд, ки ҳукумат қаблан дар барнома дошт.

Ҳарчӣ буд, ё не, ин маърака низ як ғолиб дошт: Эмомалӣ Раҳмон!

Интихоботи парлумонии соли 2015 дигар чизе барои «армуғон» надошт, ҳатто барои «ҳизби шармандашудаи» ҲНИТ ва «ҳизби кӯҳансолон» — ҲКТ. Ё обрӯи Абдуҳалим Ғаффоров (раиси ҲСТ) ва Саидҷаъфар Исмонов (ҳоло Усмонзода — раиси ҲДТ) пеши «интихобкунандаи тоҷик» бештар шуд, ё қоидаи бозӣ тағйир ёфту зарурати намоиш додани «нерӯҳои пурвазн» дар баробари ҲХДТ барои марказҳои қабули қарори хориҷи кишвар, ки то ин замон ҲНИТ ва ҲКТ дониста мешуданд (теорема: пас аз мо имкон дорад, ё исломиҳо қудратро соҳиб шаванд, ё коммунистон) пеш омад, ё стратегияи хоси ҳукумат ба роҳандозӣ омода гашт: акнун «соли ҷавонон» аст!

Вале пеш аз эълони «соли ҷавонон» барои ҳукумат як раъйпурсии дигар (моҳи майи соли 2016) зарур омад. Унвон ё институти давлатии

«Пешвои миллат» расмӣ гашт ва мақомаш дар Қонуни асосӣ зикр ёфт, қонуни нав пайдо шуд...андактар лимити барқ — як мушкили аслии ҳукумат пеши мардум барҳам хӯрд ва як ё ду рӯз пас аз ин тасмим Маҳмадсаид Убайдуллоев аз курсии шаҳрдории Душанбе барканор ва Рустами Эмомалӣ ба ҷояш таъин гардид...

Интихоботи парлумонии соли 2020 тақрибан ҳарфи наве надошт, ҷуз ин ки барои коммунистҳо, ки бори аввал дар таърихи сиёсии кишвар як даъвати парлумон бе ҳузури онҳо анҷом ёфт (солҳои 2015-2020), аз ҳавзаи интихоботии Мӯъминобод як ҷо пайдо гардид...

Ба назари инҷониб, рухдодҳои муҳимтарини сиёсии дохилии Тоҷикистон дар 23 соли ахир ҳаминҳо буданд, ки гуфтем.

Сабаби ҳолат гуногун буда метавонад, аммо асоситаринаш дар бардошти дигар нуҳуфта буд: Ҳукумат худро бо шахсони нав «нав» мекард, вале оппозитсияву шахсиятҳои сиёсӣ на танҳо тезиси тоза пайдо накард, балки «нав» нашуду ба болои ин ваҳдат низ надошт.

Дар натиҷа, мавҷудияту заруратaшон амалан зери суол рафт. Сабабу омилҳои аслии ҳолатро, агар мусбат медонем, ё манфӣ ва ба як чиз нисбат доданӣ шавем, ба фикри ман, масъалаи калидиро ба вуҷуд меовард: надоштани дурнамои сиёсӣ, ки де — факто аз бемасъулиятӣ бармеомад, ё аз фурсатталабӣ...

Зимнан, саволи муҳим беҷавоб нест: сулҳу ваҳдат дорем? Шукри Худо, сулҳу оромӣ дорем, аммо ваҳдат?

Бешак ваҳдат тавсифи мухталиф дорад, ҳатто барои ҳар касу ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ гуногун буда метавонад. Вале маълум аст, ки ваҳдат наметавонад танҳо орзуву армон бошад, он ҳаракат низ ҳаст... Пас ваҳдат аслан бояд меъёри зиндагӣ ва фаъолият барои онҳое низ гардад, ки на танҳоояндаи худу пайвандонашон, балки Ватану миллатро фикр мекунанд!

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июни соли 2020*

# АЙБИ КИСТ, КИ МАНСАБДОРОН «СИТОРА» МЕШАВАНД?

Нишастҳои матбуотии мансабдорони тоҷик оғоз ёфт. Барои на танҳо хабарнигорон, балки мардуми одӣ ҳам шояд ин нукта ҷолиб бошад, ки дар баробари маълумоти аз онҳо ҳосилшуда, курсинишинон бо кадом «суханони таърихӣ»-и худ барои чанд муддат вирди забонҳо мегарданд.

Масъулони бахши идеологии ҳукумат ташкил шудани ин нишастҳои матбуотиро ҳамчун як иқдоми бесобиқа дар дунё арзёбӣ карданӣ мешаванд. Дуруст аст, ки маҳз бо ин шакл баргузор шудани мулоқот бо журналистон ва дастрасӣ бо манбаъҳои ахбори муҳим дар ҷаҳон то андозае нодир аст. Анҷом додани нишастҳои матбуотиву брифингҳо барои журналистон ва ҳамин тавр бо маълумоти муҳим бохабар кардани шаҳрвандон дар ҷаҳон кори бесобиқа нест. Ҳатто аз сатҳи вазирону раисон болотар. Он мӯҳлати семоҳаву шашмоҳа низ надорад. Зикри ин нуктаро барои он муҳим мешуморам, ки баъзан ҳамкасбони мо шикоят мекунанд: ин ё он вазир, ё аз сатҳи он поинтар, аз посух ба саволҳо худдорӣ мекунанд ва мегӯянд нишасти шашмоҳаро бояд интизор шуд.

Шояд ҳадафи президенти Тоҷикистон, вақте 15-уми сентябри соли 2011 ба ташкил намудани ин нишастҳо амр дод, дигар буд. Ба эҳтимоли қавӣ ин посух ба онҳое буд, ки мегуфтанд ҳукумати Тоҷикистон шаффофияти зиёд надорад. Дар ибтидо тасмим ин буд, ки мақомдорон ҳар се моҳ ба саволҳои журналистон ҷавоб бидиҳанд. Дертар ин

мӯҳлат ба шашмоҳа иваз гардид. Ин ҳам як муаммост, ки чаро чунин шуд. Маълумоти кофии ҳамоҳангшуда надоштанд? Мансабдорони зиёд «ситора» хоҳанд гашт?

Саволи дуюм дар кишварҳое мисли мо метавонад ҷиддӣ бошад. Ба ҳар сурат, даҳсолае пеш мо вазирону мансабдорони таъсиргузоре ҳам доштем, ки мардум аз онҳо шинохти бештар дошт. Ҳоло инро гуфтан имкон дорад? Фикр накунам, ки ҳатто дар доираҳои таҳлилӣ низ ҳама вазирону раисон ашхоси аз ҳад маъруф бошанд.

Ин як вижагии дигари Тоҷикистон аст, ки мансабдорони муҳим «журналистгурез» ба ҳисоб мераванд. Ҳарчи ҳаст ё не, мансабдоре дар сатҳи вазир ё раиси кумита як мақоми сиёсист. Дар дунё кам иттифоқе пеш наомадааст, ки ин ё он вазир ахиран президент ҳам интихоб шуда. Дар мо баръакс, гӯё маҳз аз рӯи мақоли «аз боло — ҳазар» рафтор мекунанд. «Боло» номаълум аст, ки чист: сӯҳбат бо журналистон ё орзуву хоҳиши аз мақоми соҳибшуда болотар рафтан?

Аз ин ҷост, ки баъзан журналистон мегӯянд, бархе мансабдорон нишастҳои матбуотиро ҳам ба ҳадафҳои гуногун истифода мекунанд. Ё ягон муовини «доно»-и худро равон мекунанд, ё аз муовини «амбитсиядор», аммо начандон босаводаш, вақте мавриди «ҳамлаи» журналистон меафтад, қасос мегиранд.

Дар ҳақиқат, чунин ҳолатҳо кам набуд, ки ин ё он мансабдор пас аз нишастҳои матбуотӣ ба ангуштнамои ҷомеа табдил ёфт. Фикр накунам, ки Бег Сабур — раиси Хадамоти алоқа ва Нуриддин Саид — вазири вақти маориф ва илм дар ин росто танҳо буданд.

Бег Сабур пас аз як ё ду нишасти «аҷиб»-и матбуотӣ (аз ҷумла вақте сабаби қатъ шудани интернетро ба «тир» нисбат дод) дар маъракаҳое ҳамчунин дигар ҳозир намешавад.

Муовинаш Илҳомҷон Атоев исбот намуд, ки аз роҳбари худ «кам» намеояд. Дар нишастҳои пешин ҳам ӯ журналистону одамони дигарро «зиқшавӣ» намонда буд, аммо дар нишасти ахири худ ба қавле «гузаронд»: вақте гуфт, ки сабаби суръати нохуби интернет дар Тоҷикистон ба мавқеи ҷуғрофии кишвар рабт дорад.

Бисёре аз корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ин посухи шахси дуюми бахши алоқаро ба танз кашиданд, аммо яке хеле сахт гуфт: шояд ин масъул намедонад, ки интернет аз спутник меояд!

Дар ин ҳолат, шояд гапро ба касбият надоштани Атоев бурдан ноҳаққӣ мебуд, чун огоҳон мегӯянд ӯ дар ин соҳа одами тасодуфӣ нест. Вале дар ҳамон замон барои «сафед» кардани иқдомоти номатлуб «гапи хуб» пайдо накард.

Зимнан, ӯ дар ин ҳолат танҳо нест. Масалан, вазири собиқи кишоварзӣ Иззатулло Шарифӣ, ки аз ӯ ба сифати академики номдор, ректори собиқи Донишгоҳи кишоварзӣ ва президенти Академияи кишоварзӣ шинохт доштем, тобистони соли гузашта баланд шудани нархи маҳсулоти кишоварзиро ба ... «хуб шудани зиндагии мардум» нисбат дод. Дар посух ба ин ҷавоби вазир корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ба шӯхӣ гуфтанд, ки шояд манзури Шарифӣ зиндагии мансабдорон аст, ки ба эҳтимоли зиёд «бисёр олиҷаноб шудааст». Аммо ӯ вақте гуфт, ки болоравии нархи тарбузу харбуза воҳимае беш несту «1 ҳандалак 50 дирам аст. Ман худам доим мехарам. Тарбуз 5 сомонӣ. Бо чӣ мехоҳед, мардум?», хулоса дигар шуд: ин вазир ҳатто маълумоти одитаринро аз соҳаи худ надорад! Вагарна он шабу рӯз нархи тарбузу харбуза дар бозор аз 20-30 сомонӣ кам набуд...

Ҳамон соли гузашта, вақте дар нишасти матбуотии «Тоҷикматлубот» аз муовини раис Хуршед Раҳмонзода сабаби боло рафтани нархи тарбузро пурсиданд, ӯ бепарвоёна инро ба гармии ҳаво нисбат дод.

Маълум аст, ки одамон ба ин гуфтори як масъул вокуниши ҷиддӣ бадар карданд: «Гармӣ зарар дорад, хунукӣ зарар дорад... Ҳаво намебуд, гуноҳро ба гардани кӣ бор мекаранд? Бечораи табиат!».

Обид Назариён, муовини аввали вазири фарҳанг ҳам «одами шӯх» будааст. Махсусан вақте дар бораи иштироки донишҷӯён дар маршировкаҳо изҳори назар кард ва гуфт: «Ҷавонон ба наздам меоянду мепурсанд кай маршировкаҳо шуруъ мешаванд, то ки иштирок намоем. Бовар мекунед, ҳатто ду ҷавон ба ман сидқан арзи сипос карданд, ки онҳо маҳз якдигарро дар ҳамин «маршировка» вохӯрда, ишқи худро пайдо карданд. Бисёр аз ман миннатдоранд!»

Ҷумъахон Давлатзода — раиси Агентии хидмати давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки журналистон ҳамчун одами ҷиддӣ мешинохтанд, танҳо бо ҷавоби худ дар бораи сабабҳои нашр нашудани дороии мансабдорон дар матбуот ба шумори «қаҳрамонҳо» шомил шуд. Ӯ дар ин ҳолат на мансабдорон, балки мардумро муҷрим донист, ки «барои ин омода нестанд».

Баррасиҳои ин посух мухталиф буданд, вале хулосаи шӯхиомези як корбари интернет, ки дар худ оҳанги ҷиддӣ ҳам дошт, мавзӯъро боз ҳам ҷиддитар кард: «Мо-ку ба донистани «асрори» онҳо омодаем, аммо шояд худи мансабдорон омода набошанд. Агар дороии онҳо ошкор шавад, шояд ҳамтоёнашон талхакаф шаванд, ки мабодо дороии яке аз дигараш бештар набошад».

Як «асрори» дигари мансабдоронро Фотеҳ Аминзода — раиси ноҳияи Темурмалик, ки пас аз пешвозгириҳояш барои кушодани як дорухона дар сармои зимистон духтаронро бо либоси тунук баровarда буданду соли гузашта хеле «машҳур» буд, ошкор намуд. Ба саволи як журналист, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дахл доштааст, ӯ мегӯяд: «Гӯш кун, дар ҳамин ноҳия суд ҳам манам, прокурор ва милиса ҳам ман ҳастам. Дар назди шумо ман ҷавоб мегӯям. Аммо агар зарур бошад, онҳоро даъват мекунам».

Дар ҳамин ҳол, роҳбарони мақомоти қудратӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ назар ба ниҳодҳои дигар ба назар мерасид, ки ба нишастҳои матбуотӣ бо омодагии ҷиддитар меоянд. Хоса, Рамазон Раҳимзода — вазири корҳои дохилӣ, ки соли гузашта рекорд нишон дод. На танҳо бо ин ки нишасташ қариб се соат идома ёфт, балки ба таври маҷозӣ бо тамоми сохтору шӯъбаву раёсатҳои корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳия ва вилоятҳо тамос барқарор намуду дар сурати пайдо шудани савол онҳо посух медоданд.

Додситони кул Юсуф Раҳмон дар нишасти соли гузашта аз журналистон даъват ба амал овард, ки дар маълум кардани ҷинояткорон ба онҳо кӯмак намоянд ва ҳатто гуфт: «Журналистонеро, ки ҳақиқат менависанд, ман эҳтиром мекунам».

Пас аз ин хабарнигорон ҷуръат пайдо карда,дар бораи дороиҳои ӯ ва фарзандону хешу табораш пурсиданд. Дуруст аст, ки ба ин саволҳо ҷаноби прокурор бо табассум посух дод. Дар замони бӯҳрони коронавирус ниҳоди зертобеи Юсуф Раҳмон вобаста ба фаъолияти ҳамкасбони мо дигаргуна мавқеъ гирифт.

Вазири нақлиёт Худоёр Худоёрзода, ки дар бораи эҳтимоли пулакӣ шудани роҳи Душанбе — Бохтар бадоҳатан сухан гуфта буд, дар нишасти матбуотиаш аз журналистон гиламанд шуд, ки «пеш аз пода чанг меандозед».

Вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин ҳам он замон норозигии худро аз ҳамкасбони мо пинҳон надошт: «Баъзе журналистон аз мушкилоти мавҷудаи Бодканду Исфара бе факту далел Интернетро пур мекунанд. Масалан, мо ҳоло ба музокирот ворид нашудаем, мебинем журналистон аллакай пеш аз мо ба минтақаи марзӣ омадаанд. Суҳбати мо анҷом нашудааст, онҳо тамоми расонаҳои хабариро пур кардаанд, ки ҷониби Қирғизистон чунин гуфту Тоҷикистон чунон. Бояд камтар тоқат кунем ва кӯшиш намоем, ки муносибатҳоро ба ҷойи гарм кардан сард нагардонем».

Нишастҳои матбуотии соли гузашта ду қаҳрамони бенохунаки нав ҳам дошт: Муҳаммадюсуф Имомзода ва Абдулло Раҳмонзода.

Вазири нави маориф ва илми Тоҷикистон Имомзода дар сӯҳбат бо журналистон пойафзолфурӯширо дар мактабҳои миёна салоҳияти аз ӯ берун донист: «Ман устод ҳастам, ман муаллимам ва ба ман суол дар бораи касбияти худам диҳед. Дар масъалаи пойафзол вазорати саноат ва дигар сохторҳо ҳастанд, ки аз онҳо пурсед. Агар масъаларо вазири пешин баррасӣ карда бошад, рафта аз ӯ пурсед, хоҳиш мекунам».

Абдулло Раҳмонзода, раиси он вақт тозатаъини Кумитаи ҷавонон ва варзиши Тоҷикистон ҳам гуфт, масъалаи бо «командаи худ» омадан ба вазифа дар фикраш нест: «Командаи худро надорам, ба маънои ин ки ба кадом идорае, ки рафтам, ҳамроҳи худам касеро набурдам ва касеро аз он идораҳо ба ин ҷой кашиданӣ нестам. Ҳама дар ҷояш. Беташвиш бошед. Акнун барои як корманди дигарро овардану дар қолаби кори кумита ворид кардан вақт даркор аст, ки ин дигар хиёнат ба кор ва

соҳа мешавад. Сеюм, барои ман ҳамчун инсоне, ки маънавиётро дар ҷойи аввал мегузорам, ҳеҷ қобили қабул нест».

Ӯ ҳамчунин ваъда дод, ки дар мубориза бо маҳалгарой раҳм нахоҳад дошт.

Барои як сиёсатмадор сухан баъзан аслиҳаи муҳим ба шумор меравад. Одамон аз суханронии як мансабдор ҳамеша маълумот ва тезиси муҳим пайдо карданӣ мешаванд, ки чӣ ояндае онҳоро интизор аст ва мушкилоти онҳо аз куҷо сарчашма мегирад?

Муҳимтарин тезисро, ки ман ёд дорам, прокурори вақти пойтахт ва ҳоло додситони вилояти Суғд Ҳабибулло Воҳидзода гуфт. Сухан аз зимистони соли 2003 меравад, ки барфи зиёде борид ва Душанбе бе барқу бе газ монд. Эмомалӣ Раҳмон дар сафари Амрико буд. Ӯ вазири энергетика Ҷӯрабек Нурмуҳаммадов, раиси «Тоҷикгаз» Маҳмадрузӣ Искандаров ва муовини сарвазир Фаррруҳ Муҳиддиновро водор кард, ки тавассути ТВ суханронӣ карда, вазъиятро шарҳ диҳанд ва аз мардум узр пурсанд. Мардум аввалин бор шоҳид буд, ки вазирон аз онҳо узрхоҳӣ мекунанд. Баъд шаҳрдори собиқ Убайдуллоев, муовини сарвазир Муҳиддинов, вазири энергетика ва раиси «Тоҷикгаз» танбеҳ ҳам гирифтанд.

Аммо «танбеҳ»-и сахттаринро прокурори Душанбе Воҳидзода тариқи ТВ «Пойтахт» ба мансабдорон дода буд, ки гуфт:

— Дар мушкилиҳои мо ҳамеша табиат, сардиву гармӣ айбдор аст, аммо гуё на соҳибвазифаҳо!

Он вақт манзури прокурор нокорагӣ ё камкорагии мансабдорон буд. Ҳоло бошад, гап дар бораи норозигии онҳо аз журналистон меравад, ки суханронии масъулинро ба мардум мерасонанд ва баъзан онҳо мавриди хандахариш қарор мегиранд.

Дар ин кӣ гунаҳкор аст?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июли соли 2020*

# БАРОИ «РӮЗИ МАБОДО». Ё АГАР МАРДУМ АЗ ҲУКУМАТ РАНҶАД...

Ҳатто диктаторҳо сахт бовар доранд, ки иқдомоти онҳо фақат барои хушҳоливу хушбахтии мардум нигаронида шудааст. Дар лаҳзаҳои барои ҳукумат душвортарин ҳам онҳо дасти ёрӣ аз мардуми худ мехоҳанд.

Ҳамин шабу рӯзҳои соли 2016 дар Анқара ҳаводисе пеш омаданд, ки гуфтан мумкин аст дар минтақа ва ҳатто сиёсатҳои ҷаҳон таъсири андак нагузошт. Ҳоло ҳам баҳогузорӣ ба ҳаводиси он замон осон нест. Ҳарчанд баъзе умумияту монандиҳо ба ҳаводисеро дошт, ки сентябри соли 2015 дар Тоҷикистон пеш омад ва онро исён ё табаддулоти Ҳоҷӣ Ҳалим меноманд.

Дар қарибӣ бо қасри президенти Душанбе ҳам он замон ҳодисаҳо чанд соат, шояд чанд дақиқа давом карда, баъдан ба Ромит интиқол ёфт. Ҳадс зада мешуд, ки силоҳбадастону фармондеҳон ё ба Афғонистон фирор кардаанд, ё яке аз кишварҳои ҳамсоя, масалан Узбекистон, ё Қирғизистон. Хабарҳое ҳам буданд, ки онҳо ба сӯи Регар ба умеди дарёфти кумак ҷо иваз кардаанд. Он замон Шоҳ Искандаров сардори милисаи ин ноҳия буд. Аз ин ҷост, ки паҳн гаштани ин овозаро чандгуна баҳогузорӣ мекарданд. Вале гурӯҳҳои исёнгари Ҳоҷӣ Ҳалим ба Регар нарафтанд.

Ин шубҳа низ ҷо дошт, ки Ромит барои табаддулотгарон, хоса Ҳоҷӣ Ҳалим минтақаи ноошно нест ва шояд ҳодисаҳо хеле доманадор шаванд. Лекин бо пайдоиши чанд тайёраи бесарнишини русӣ дар Ромит

ҷараён дигар ва ҳамин тавр ҳодисаҳо ба зудӣ тамом шуданд. Дар робита ба ин, хеле муҳокима ҳам ҷо дошт, ки дар ибтидову интиҳои ҳодисаи сентябри соли 2015 омили «дасти беруна» ҷиддӣ ҷои по ёфта буд...

Анқара низ соли 2016 чанд соат ва он ҳам шабона ноором гардид. Аҷобат дар ин ҳодиса вақте буд, ки президент Эрдуғон аз мардум даъват ба амал овард, ки ба кӯча резанд ва баъдан як шаби дигарро ҳам дар кӯчаҳо рӯз кунанд. Тасаввур намоед, ки мардум бо зӯри даст нерӯи силоҳро маҳв кард. Ин кори мешуданист?Ё то ҳанӯз нерӯи воқеии мардум сарфи назар гардидааст? Ин баҳси дигарро ба по мехезонад, ки дар умқи он ҳодисаҳо аслан чӣ нуҳуфта буд...

Дар Тоҷикистон ҳам сентябри соли 2015 мегуфтанд, ки як қисми ҷангиёни Ҳоҷӣ Ҳалимро мардуми бесилоҳ боздоштаву ба мақомот таслим кардаанд.

Бардоштҳо аз ин ду ҳодиса, ки яке дар Туркия соле пас аз ҳодисаҳои Тоҷикистон сурат мегирифт, як хулосаи умумӣ дошт: бозии дигаре минтақаро интизор аст ва шояд ин бозӣ бо иштироки низомиёни пурнуфуз сурат мегирад.

Албатта ҳолати дигаре пеш аз ин ҳодисаҳоро мо доштем. Манзур якбора ба ДОИШ рӯ овардани Гулмурод Ҳалимови замоне пурнуфуз дар Тоҷикистон аст. Ин фирори ӯ ва баъдан «вазири ҷанг» эълон шуданашро ҳар гуна, ки маънидод накунанд, ба фикрам ду ҳадаф ва паёми аслӣ дошт:

— «Дасти дароз»-и берунӣ дар умури низомии як кишвари мустақил;

— Нишон додани аз ҳад мазҳабӣ шудани кишвар.

Принсипи аслии ин қоидаи бозӣ, эҳтимолан дигар буд: «барои рӯзи мабодо»!

Яъне, мабодо дар оянда намояндагони исломи сиёсӣ, ки таъсири амиқ дар ҷомеаҳои шарқӣ пайдо кардаанд, ба ҷараёни кори қудратҳо халал нарасонанд!?

Мешавад гуфт, ки принсипи «барои рӯзи мабодо», ҳатто бо иқдомоти дар назар худҷӯш (мисле, ки дар Туркия мардум бо даст ба табаддулотгарони мусаллаҳ қиём кард ва дар Тоҷикистон одами мусал-

лаҳро шахси мулкӣ боздошт) барои қудратҳо имконоти нав ба вуҷуд меоранд. Аз лаҳзаи аввал садо додани исми Гулленро дар ҳодисаҳои Туркия бояд ҳамин гуна фаҳмид, ки аз исломи сиёсӣ (ҳатто онҳоеро, ки дар кишварҳои ғарбӣ нишаставу мақом доранд) акнун дар марказҳои қабули қарори минтақа ва ҷаҳон бо шубҳа нигоҳ мекунанду ба ҳар васила, ҳатто бо дасти элитаҳои ҳукмрон ё нерӯҳои ба истилоҳ худҷӯш маҳв карда метавонанд.

Муҳим ана ҳамин имконоти кишварҳои абарқудрат аст.

Воқеан, таҳаввулоти солҳои охир дар сиёсатҳои хориҷиву дохилии кишварҳои дуру наздик дар феҳристи мамолики дӯсташон дигаргунӣ ба миён овард.

Раҳбарони кишварҳо, албатта ба гунаи ошкор аз ин «дӯстону душманон» сӯҳбат намекунанд. Тавре дар лексикони сиёсии чанд вақти охири Тоҷикистон таъбири «кишвари барои ҳама маълум» зиёд истифода мешавад, аммо аз гуфтани номи мушаххас бо сабабҳои маълум худдорӣ мекунанд. Ин гуна ҳолатҳо дар таърихи 29-солаи мустақилияти Тоҷикистон кам набуд.

Бархӯрдҳои Узбекистони замони Каримов бо Тоҷикистонро хуб дар хотир дорем.

Бо Қирғизистон бошад, то ҳанӯз масоили зиёди марзӣ ҳалношуда аст ва тақрибан моҳе нест бархӯрд ва баъзан хунрезӣ сурат нагирад. Воқеан,маблағгузории роҳи баҳсноки байни ду кишварро ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат медиҳанд ва дар пайдо шудани ихтилофоти қирғизу тоҷик бисёрии вақт «изи русӣ» ҷӯё мешаванд.

Чин, ҳарчанд мухолифати ошкоре бо мо надорад, даъвоҳои марзӣ тақрибан бо ҳамаи кишварҳои ҳамсоя дошт ва то ҷое онҳоро соҳиб шуд. Ҳоло бошад, мисле, ки «экспансияи иқтисодӣ»-ро муҳимтар меҳисобад ва барои Тоҷикистон бинои гаронарзиши ҳукумат ва парлумон месозад.

Аз Русия ҳарчанд баъзан дар сӯҳбатҳои сатҳи баланд ба унвони «шарики стратегӣ» ёд мешавад ва баъзан не, гуфтан мумкин нест Кремл аз ҳамаи иқдомоти Ҳукумати Тоҷикистон хушаш меояд, ё тақозоҳое дорад, ки ҳоло ҳам бароварда нашудаанд.

Ба Амрикову Аврупо дар Душанбе ҳамеша бо эҳтиёт муносибат доранд. Баъзан дар сатҳи расмӣ ҳам набошад, дар доираҳои таҳлилии ҳукумат мешунавем, ки Ғарб таҳти шиорҳои рушди демократия ва озодиҳои инсон ҳадафҳои дигареро пиёда карданист. Паноҳ ёфтани мухолифини ҳукумат дар кишварҳои Аврупо намешавад гуфт Душанберо асабӣ намекунад. Чанд бор дар назди сафорати Олмон ва қароргоҳи САҲА «гирдиҳамоӣ» низ сурат гирифт.

Бо Эрон бошад, бо сабабҳои маълуму номаълум намешавад гуфт муносибати бисёр хуб дорем. Ҳарчанд Эрон дар баҳсе, ки Тоҷикистон бо Узбекистон дошт, ҳамеша аз Душанбе пуштибонӣ мекард ва як замон ба Тошканд ҳушдор дод, ки зарур шавад нерӯҳои низомии он ба мадади мамлакати ҳамзабонаш мерасад. Ё замоне Каримов интиқоли барқро ба Тоҷикистон манъ кард, Теҳрон ҳаққи нерӯи барқи худро аз Туркманистон дар ихтиёри Душанбе гузошт.

Туркия, ки дар ибтидои матлаб умумиятҳое дар ҳаводисаш бо Тоҷикистон гуфтем, дар назари аввал мушкили хосе бо ҳукумат надорад. Мухолифони ҳукумати Тоҷикистонро низ тақрибан дар хокаш роҳ надод, бархеро боздошту истирдод ҳам кард. Умаралӣ Қувватов бошад, маҳз дар ин кишвар кушта шуд. Аммо дар Душанбе шояд фаромӯш намекунанд, ки соли 2015 ду адвокати турк ва як рус барои ҳимоят аз раҳбарони боздоштшудаи ҳизби дар Тоҷикистон мамнӯи ҲНИТ вориди Душанбе шуданд. Дар Анқара бошад аз баста шудани литсейҳои туркӣ шояд начандон хурсанд бошанд, ҳарчанд фаъолияти ин мактабҳоро ба душмани идеологии худ нисбат медиҳанд.

Зоҳиран, ба миён омадани мухолифатҳо миёни кишварҳо як раванди муқаррарист. Аммо барои кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ заъифе чун Тоҷикистон ин вазъро намешавад нигаронкунанда нагуфт.

Замоне як ҳамкасби мо, вобаста ба ин вазъ навишт, ки «дар шароити кунунӣ намешавад алайҳи ҳама буд ва ҳама алайҳи ту»...

Як вақт марди сиёсие ин ҳама қазияҳоро баррасӣ намуда, гуфта буд, ки барои ҳар мамлакат муҳимтарин шарик ва дӯст танҳо мардуми сарзаминаш боқӣ мемонад!

Дӯсту шарике, ки ҳатто бо дасти холӣ ба муқобили душманони пурсилоҳ мехезад. Аммо, агар як рӯз аз ҳукумат сахт норизо бишавад, чӣ?

Ин формулаи одиро фаҳмидан душвор бошад?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июли соли 2020*

# ШӮРОИ ҶАМЪИЯТИИ ТОҶИКИСТОН. АБЗОРИ МАСРАФШУДА Ё ТАЛАБОТИ РӮЗ?

ГУФТУГӮИ МИЛЛӢ. ҲНИТ акнун нест. Баҳси диниву дунявият ҳам. Пас чаро ҳукумат бо нерӯҳои «безарар» набояд сари мизи гуфтугӯ нишинад?

Суханронии ахири Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора, ки ҳини музокироти сулҳ ҳукумат на бо ҲНИТ, балки бо Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии Тоҷикистон сари музокирот менишаст, боис ба сару садои гуногун гашт. Бархе ишора ба таъсиру ҷойгоҳи ҲНИТ, ки ҳоло дар Тоҷикистон мамнӯъ аст, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ намуданду гуфтанд, ки аслан масъала дар дигар ҷост. Яъне муҳим будани гуфтугӯ бо ҷомеа ва қишрҳои он дар шароити кишварҳое чун Тоҷикистон, то ҳанӯз дуруст ҳазм нашудааст.

Ин ҳам дар ҳоле ки ҳукумати феълии Тоҷикистон маҳз дар ҳоли парокандагии амиқ ва набудани ваҳдати миллӣ ба қудрат омад ва вазифаи аслии худро маҳз сулҳу гуфтугӯ медонист.

Вобаста ба ин, як баҳонаи хабарӣ барои ин матлаб ҳам дорем. Маҳз дар таърихи 18-уми июли соли 1997 конфронси таъсисотии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон (ҲВМЭТ) баргузор гардид. Ин замоне буд, ки музокироти сулҳи байни тоҷикон бо даъвову баҳсҳои ҷиддӣ идома дошт. Ҳукумат барои нишон додани ҳамбастагиаш бо мардум иқдомоте анҷом медод. Аз ҷумла, то баргузории конфронси таъсисотии ҲВМЭТ ҳанӯз 9 -уми марти соли 1996 Шӯрои ҷамъиятиро таъсис дод ва ҳадафи онро минбари гуфтугӯҳои ҷиддӣ унвон мекард.

Ҳамин тавр, Шӯрои ҷамъиятӣ дар таърихи сиёсии кишвар дар шароити бисёр душвор ба вуҷуд омад. Баҳо ба фаъолияташ дар муддати инак 24 сол яксон нест.

Аслан бо ташкили ин ниҳод он замон ҳукумат гуё ба мардуми дохилу хориҷ гуфтан мехост, ки бо созмону аҳзоби сиёсии дохили кишвар дар ҳоли гуфтугӯст ва байни онҳо ҳеҷ ихтилофе дар миён нест. Аммо ин дар замоне буд, ки анқариб як миллион шаҳрванди Тоҷикистон хориҷ аз кишвар ва ағлаб дар Афғонистони ҷангзада буданду ба онҳо намояндагони аҳзобу созмонҳои сиёсие чун наҳзати исломӣ, демократ, «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва дигарон роҳбарӣ мекарданд.

Он вақт, ҳатто хабарҳое ҳам паҳн гашт, ки Ҳизби демократ бо роҳбарии Аъзам Афзалӣ ном шахс дар Душанбе фаъол шудааст. Ин боис ба як баҳси гарми намояндагони ҳукумат бо мухолифони сиёсӣ — низомиаш гашт, ки акнун аз музокирот сӯҳбат мекарданд. Дар охир ҳукумат маҷбур шуд, ба сифати Ҳизби демократ маҳз нерӯеро бипазирад, ки дар сафи Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии Тоҷикистон бо роҳбарии Ҷумъабой Ниёзов қарор доштанд.

Ин замоне буд, ки дар маҷмӯъ, ҳукумат дар дохил бидуни рақобат ва рақибони сиёсӣ амал мекард. Ҳизби коммунистро, ки ягона нерӯи сиёсии кишвар дониста мешуд, мухолифи ҳукумат гуфтан имкон надошт. Ҳизби ҳокими имрӯз, яъне ҲХДТ он замон аз имконоте, ки ҳоло дорад, бархӯрдор набуд. Ин пас аз соли 2004-2005 буд, ки ин ҳизб «ҷои худро ёфт». Дар чунин шароит таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ки рукни асосии ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил менамоянд, аҳамияти муҳим дошт. Аз ин рӯ, дар радифи созмону иттиҳодияҳои гуногун ба вуҷуд омадани Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон рӯйдоди бисёр арзишманд дониста мешуд. Гуфта мешуд, ки он вазифаи ҳамоҳангсози фаъолияти тамоми нерӯҳоро ба хотири таҳкими раванди сулҳ, бунёди ҷомеаи озоду одилона рушду таҳкими истиқлолияти Тоҷикистон иҷро мекунад.

Асоси ҳуқуқиву сиёсии Шӯрои ҷамъиятиро имзои Аҳдномаи ризоияти ҷомеа гузошт. Баъдтар, ба тақозои зарурат, муттаҳид намудани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба миён омад. Зеро вазъияти

сиёсӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаби истиқрори сулҳу субот фаъолияти якҷоя ва самараноки нерӯҳои сиёсӣ ва ташкилоти ғайриҳукуматиро талаб мекард. Инчунин дар Тоҷикистон иттиҳодияҳои зиёди мухталифе пайдо шуданд, ки фаъолияти онҳо дар он марҳалаи ҳассос ба ҳамоҳангсозӣ ниёз дошт.

«Рӯзи 21 феврали соли 1996 ман дар суханрониам дар назди роҳбарону намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шудани ҳамаи қувваҳои сиёсии ҷомеаи Тоҷикистонро беҳтарин василаи ваҳдату ягонагии кишвар номида, арз намудам, ки маҳз ҳамин иттиҳод қудрати ҳалли бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварамонро дорад. Аслан, ҳадафи асосии таҳияи Аҳднома аз мақсад ва вазифаҳои давлати навтаъсиси Тоҷикистон бармеомад. Маҳз ин ҳадаф тарафҳоро водор намуд, ки 9 марти соли 1996 ин санади муҳим ба имзо расонида шавад» - зикр намуда буд дар яке аз суханрониҳояш Эмомалӣ Раҳмон.

Ӯ ҳамчунин ишора кард, ки ба ин васила мехостанд нишон бидиҳанд, ки дар дохили кишвар ҳеч гуна мухолифати ҷиддӣ мавҷуд нест. Ҳамзамон мақсади асосии Аҳдномаро ба ташаккули ҷомеаи боадолати шаҳрвандии демократиасос, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон маънидод мекарданд.

Зимнан, бо гузашти 24 сол саволе пайдо мешавад, ки оё ин аҳдоф то куҷо бароварда шуданд? Бештар аз ин, оё мо гуфта метавонем, ки ризоияти комили аҳли ҷомеаро акнун дорем? Ё агар надорем, пас чӣ бояд кард?

Пеш аз он ки ба ин суолҳо посух дарёбем, бояд гуфт, Шӯрои ҷамъиятӣ ва фаъолиятҳои он ҳамеша аз нишебу фарозҳо пур буд. Бахусус, пас аз қариб ҳар интихоботи парлумонӣ то соли 2015, мо мешунидем, ки аҳзоби сиёсие назири наҳзати исломӣ, ки фаъолияташ он замон мамнӯъ набуд ва демократу ҳатто коммунист «қаҳр» карда, узвияти худро бозмедоштанд.

Масалан, соли 2005 Ҳизби коммунист пас аз интихоботи парлумонӣ эълон намуд, ки аз ҳайати Шӯрои ҷамъиятӣ берун мешавад. Рӯзе пас барои коммунистҳо чанд курсии вакилӣ пайдо шуду ин баҳс аз байн рафт. Соли 2011 Ҳизби демократ бо пахши мурожиатномае

гуфт, ки ин ниҳод дар шакли феълиаш интизориҳоро баровarda намесозад ва аз ин рӯ зарурати табдили он аз сохтори ҷамъиятӣ ба Шӯрои машваратии назди президент пеш омадааст. Аммо масъулини Шӯрои ҷамъиятӣ бо лаҳни тунд ба ин муроҷиат посух дода, гуфтанд, ки ин «нигоҳи тангназарона аст» ва ин ниҳод бояд дар ҳамин шакл монад.

Вале ин танҳо ҲДТ набуд, ки дар бораи ислоҳи сохтории Шӯрои ҷамъиятӣ баҳсро ба вуҷуд овард. Пеш аз ин ҲНИТ ва Абдуғанӣ Мамадазимов низ ба сифати Раиси Ассотсиатсияи сиёсатшиносони Тоҷикистон бо ҳамин маъно матлаб навиштанд. Аҳзоби сиёсии дигар, аз ҷумла Ҳизби сотсиал-демократ, умуман узвияти ин Шӯроро надоштаву надоранд. Фаъолони иҷтимоӣ ва бархе аз шахсиятҳои дигари матраҳ то ҳанӯз мегӯянд бояд василаҳои мустақими гуфтугӯ бо мақомоти сатҳи олии мамлакатро пайдо намуд, чун ин корро Шӯрои ҷамъиятӣ карда натавонист.

Баррасии ин мавзӯъ аз сӯҳбатҳои зиёд бо доираҳои таҳлиливу коршиносӣ чанд мавзӯъеро ба миён овард, ки гуфтанашон, фикр мекунам, ба манфиати ҳамагон аст. Зеро вазъи имрӯзаи ҷаҳонӣ, бинобар сабаби ҳассос ва ғайриқобили пешгӯӣ будани он, тақозо дорад, ки ваҳдат ва ризоияти миллӣ дар кишвар боз ҳам тақвият дода шуда, ҳамчун абзори муттаҳидкунанда ва суботофар густариш ёбад. Дар ин самт ба назар гирифтани нуктаҳои зеринро таҳлилгарон барои татбиқи ҳадафмандонаи манфиатҳои миллӣ мусоид медонанд:

Ҳифзи субот ва таҳкими амнияти миллӣ. Нуктаи мазкур аз он ҷиҳат муҳим ба шумор меравад, ки имрӯз як қатор давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ки дар ҳоли тақвияти давлатдории миллӣ қарор доранд, бо таҳдиду хатарҳои зиёд рӯ ба рӯ шуда истодаанд. Аз ин рӯ, танҳо суботи сиёсӣ ва таъмин будани амнияти миллӣ имкон фароҳам меорад, ки раванди тақвияти ниҳодҳои давлатӣ бе мудохила идома ёбад. Ҳамчунин, хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ низ зиёд гаштаанд, ки пешгирӣ накардани он барои миллат ва давлат таҳдиди ҷиддӣ меофарад;

Консепсияи рушди давлатдории миллӣ. Феълан дар ягон санади расмии Тоҷикистон истилоҳи «давлатдории миллӣ» ё «бунёди давлатдории миллӣ» дарҷ нагардидааст. Аммо дар матбуот ҳам мақом-

дорони давлатӣ ва таҳлилгарон низ ин истилоҳро зиёд истифода мекунанд. Аз ин рӯ, бо назардошти тезиси аввал, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки ин мафҳум ба ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ (масалан ба Қонуни асосӣ) ворид карда шавад. Зеро танҳо давлатдории миллӣ имкон медиҳад, ки ормонҳои миллати тоҷик барои бунёди давлатдории некӯаҳволии умум амалӣ гарданд. Дар ин самт, махсусан муҳим аст, ки бо ҷалби доираи васеи коршиносон ҳамин консепсия таҳия гардида, барои мардуми кишвар пешниҳод шавад. Дар доираи ин консепсия муайян намудани идеяи миллӣ, яъне идеяи марказии давлатдорӣ низ имконпазир мебошад;

Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар самти ба ҳам омадани мардум, густариши ризоият ва ваҳдати сартосарии миллӣ аз рушди ғояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад. Имрӯз ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, бинобар сабабҳои хос вазифаи аслии худро амалӣ карда наметавонад. Вазифаи муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди ин ғоя дар кишвар аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дараҷаи тафаккури истеъмоливу истеъмориро ба поён бурда, рушди инфиродӣ ва консептуалии шахсро дар кишвар таъмин менамояд.

Бештар аз ин, бояд ба назар гирифт, ки феълан дар тамоми дунё, аз ҷумла Тоҷикистон насли наве ба вуҷуд омадааст, ки барояшон шояд мафҳумҳое мисли «Истиқлолият», «Ҳувияти миллӣ», «Урфу одат» ва ғайра муҳим набошад. Манофеи лаҳзаӣ барои онҳо муқаддамтар ба назар мерасад. Албатта чунин ҳолат, тавре аз таърих бармеояд, танҳо хоси Тоҷикистон ва кишварҳое мисли он нест.

Давлатҳои пешрафтаву абарқудрат низ чунин мушкилотро доштанд, аммо ҳар гоҳ бо наҳваҳои гуногун аз ин ҳолат баромаданд. Масалан, бо тақвият додани сиёсати хориҷӣ ва таҳдиди хатари берунӣ.

Ағлаби кишварҳои ғарбӣ аз рӯи ин модел кор мекунанд. Сиёсат ва интихоботҳои ИМА то замони Трамп нишон медиҳанд, ки барои интихобкунанда назар ба масоили дохилӣ бештар масъалаҳои сиёсати хориҷӣ муҳимтар аст. Зеро давлат низоми хоси давлатдории худро сохт, ки дар он масъалаи интиқоли қудрат асосӣ нест. Ин низом чунин

тартиберо муқаррар кардааст, ки як ё ду дафъа ҷумҳурихоҳони «хашин» ба қудрат меоянд ва баъди онҳо демократҳои «нарм», то ба ин васила сиёсатҳои қудратхоҳонаи кишварро дар дохил ва аслан ҷаҳон побарҷо гузоранд. Эрони исломӣ низ тақрибан ҳоло аз рӯи ин модел кор мекунад. Русия бо ҳама чолишҳое, ки дорад, ҳоло ҳам рӯҳияи эътирозии шадидро рӯ ба рӯ нашудааст. Зеро мардуми ин кишвар на танҳо мехоҳанд, ки ватанашонро абарқудрат бубинанд, балки шоҳид мешаванд. Ин воқеият аст, ки Кремл дар сиёсатҳои ҷаҳон то ҳанӯз ҳарфи устувори худро гуфта метавонад. Ин барои ризояту ваҳдати мардум бисёр корсоз аст.

Бо ин ҳама, дар ин кишварҳо тарс аз мардуми худ вуҷуд надорад ва то ҷое ин имконро фароҳам меоранд, ки ҳама баҳсҳо бидуни тарсу фишор сурат бигиранд. Ин ҳолат эҳсоси ватандӯстии одамонро бештар ва масъулиятнокии онҳоро афзоиш медиҳад...

Аммо дар кишварҳое мисли Тоҷикистон масъала дигар аст. Чӣ ҷои пинҳон кардан, дар мо нерӯи тавонмандии мубориза бо ҳама вуҷуд надоранд ва тавре дар матлаби қаблиамон зикр кардем, ҳеҷ кадоме аз кишварҳоро ҳам дӯсти дӯст ва душмани душман гуфта намешавад. Кишварҳои қавӣ танҳо як ҳампаймон ва он ҳам мардумашонро доранд. Пас, машварату гуфтугӯ бо ин ҳампаймони табиӣ шарти асосист!

Воқеан, бо канор зада шудани ҲНИТ аз саҳнаи сиёсӣ гуё баҳси диниву дунявият, ки барои ҳукумат ҳанӯз аз замони музокироти сулҳ ҷиддӣ буд, аз байн рафт. Дар дохил танҳо нерӯҳои ба истилоҳ «безарар» боқӣ мондаанд. Ҳаводиси чанд соли охир ҳам нишон дод, ки мардум ягон нерӯи фурсатталабу ҷангҷӯро қабул надорад. Пас чаро бо онҳо набояд сари миз нишаст?

Акнун, ки дар муҳити сиёсии Тоҷикистон ва берун аз он нерӯҳои нави сиёсӣ ва берун аз низом шакл мегиранд, як-як чеҳраҳои ҷавону нерӯманд ва созмонҳои гуногун рӯ мезананд, ҷалби онҳо ба қолаби қонунии фаъолият шарти ризоияти миллӣ хоҳад буд. Такя ба ассотсиатсяҳои гуногун, ақаллиятҳои миллӣ, ташкилоти нафақахӯрон ва ғайраву ҳоказо, ки аксарияти кулли Шӯрои ҷамъиятианд, албатта

хуб аст, вале нодида гирифтани нерӯву созмонҳои нави пурэнержӣ салоҳи кор нест.

Дар робита, пурсида мешавад, оё замони ислоҳоти ҷиддии Шӯрои ҷамъиятӣ пеш наомадааст?

Чаро ин дафъа низ мо пештар аз Маскаву Остонаву Киев набошем, чун таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ дар муҳити пасошӯравӣ иқдоми нахустин ба ҳисоб мерафт?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июли соли 2020*

# ЧАҲОР «АГАР» ВА ЯК ХУЛОСАИ РУЙДОДҲОИ СОЛИ 2012 ДАР ХОРУҒ

Он замон, гуфтан мумкин ки Ҳукумати Тоҷикистон имтиҳони сангинеро пушти сар намуд. Шояд вазъеро, ки ҳукумат рӯ ба рӯ буд, тӯли 20 соли сари қудрат буданаш ҳеч гоҳ надошт. На замони ҷанги шаҳрвандӣ ва на баъди он.

Овони ҷанг, ба ҳар сурат, ҳукумат то ҷое медонист, ки бо кӣ дар ҷанг аст ва кӣ аз онҳо пуштибонӣ мекунад. Ҳам дар дохил, ҳам дар хориҷ. Вале замони ҳодисаҳои соли 2012-и Бадахшон гуфтан мумкин буд, ки барои ҳукумат шинохти дӯсту душман мушкил шудааст.

Ҳодисаҳои баъдӣ нишон доданд, ки ҳукумат ҳоло ҳам на ҳама имконоти худро истифода кардаву ҳанӯз на ҳама чиз ба поёни худ расидааст. Ҳарчанд ҳамон замон низ, баъзе бо ном сиёсатмадорону коршиносон, хостаи дили худро ба ҳақиқати наздикшуда нисбат додан мехостанд: то заволи ҳукумати Раҳмон рӯзҳои башумор мондааст!

Ин даъвои нав нест. Хоса, пас аз ҳодисаҳои зимистони соли 2008. Аммо мисле, ки ҳукумат аз асли заминаҳои иҷтимоии рухдодҳо хулосаи зарурӣ набаровард.

Ҳаводиси ҳашт сол пеши Хоруғ нишон доданд, ки дар ин замина чӣ қадар фурсату имконот аз даст рафтаанд.

То ҳанӯз номаълум аст, ки ниҳодҳои масъули ҳукумат сабабҳои аслии сар задани ҳаводиси рӯзҳои 21-28 июли соли 2012 — ро хулоса кардаанд ё не, аммо таҳлилгарони дохиливу хориҷӣ дар ин замина ба як фикри том наомадаанд. Мақомот сабабгори воқеии рух додани ин ҳодисаҳоро ба бедодгариҳои 4 «авторитети ҷиноӣ» дар Хоруғ рабт доданд: Ёдгор Шомусалламов дар маҳаллаи Поршнев (даромадгоҳи Хоруғ), Имомназар Имомназаров дар маҳаллаи УПД (маркази Хоруғ), Толиб Айёмбеков дар маҳаллаи «Хлебзавод» (қисме аз марказ) ва Маҳмадбоқир Маҳмадбоқиров дар Бархоруғ (баромадгоҳи Хоруғ).

Ин гурӯҳҳо, ба нақли шоҳидон, воқеан ҳам аз солҳои пешин то он замон нақши қавитар аз сохтор ва мақомоти маҳаллии ҳукуматро доштаанд. Инро ҳама медонистааст, вале чаро муқобилашон маҳз он замон ба мубориза ошкору бидуни тараҳҳум баромаданд? Куштори генерали амният Абдулло Назаровро дар посух ба ин суол маҳаки асосӣ медонанд. Баъзе аз таҳлилгарон ба ин назаранд, ки дар ин ҳодисаҳо «из»-и хориҷӣ аз паҳлӯҳои дохилӣ бештар ба назар мерасанд ва барои ҳамин, агар генерал ҳам кушта намешуд, баҳонаи дигаре барои вуқӯи ин фоҷиа ҳатман пайдо мегардид.

Чаро маҳз Абдулло Назаров дар ин ҳодиса ба қурбонӣ бадал ёфт? Пас аз куштор буд, ки дар бораи пуштибонии ӯ аз гурӯҳҳои қочоқбар, ришвахорӣ ва ғайраву ҳоказо сӯҳбатҳо анҷом доданд. Пеш аз ин, Назаров шахсияте ҳисоб меёфт, ки «бо ҳама мушкил дошт».

— КГБ-и СССР-ро дар ҳаводиси баҳманмоҳи соли 1990-и Тоҷикистон дар мусоҳибае бо Соҷидаи Мирзо гунаҳкори асосӣ муаррифӣ намуд ва бо ҳамин ба сафи мухолифони вақт пайваст;

— Як замон аз дӯстони нерӯҳои мухолиф ба ҳисоб мерафт ва баъд ба яке аз рақибони аслиашон табдил ёфт. Хоса бо нерӯҳои исломӣ;

— Чанд сол пештар аз ҳодисаҳои Бадахшон ба русҳо ишора карду гуфт, чӣ гуна мешавад, ки террористон аз фурудгоҳҳои ин кишвар бе мушкил истифода карда, ба хоки Тоҷикистон раҳ ёбанд?

— Узбекҳоро дар панаҳ додани Маҳмуд Худойбердиев ва истифодааш ба муқобили ҳукумати Тоҷикистон, амрикоиҳоро дар «невидимка» кардани бин Лодан ва пайдо карда натавонистанашон аз Покистон гунаҳкор медонист;

— Хабарҳое пахш шуда буданд, ки як маҳбуси фирорӣ аз зиндони рақами 1-и Душанбе дар августи соли 2010 пас аз боздошташ гуё гуфта будааст, ки маҳз Назаров барои фирор ба онҳо ёрӣ намуд.

Хулоса, кушта шудани ин генерали амният гуё кори бисёриҳоро осон мекард ва дар навбати худ фарзияҳоро фаровон. Ин омил барои амалҳои ҳаммонанд хеле муҳим аст...

### АГАРИ №2: АГАР ҲАМА БАДАХШӢ МЕБУДАНД...

Шояд мақомоти ҳукумат умед доштанд, ки боздошту ба маҳкама супурдани чанд гумонбар ба ҷиноя барояшон ҳеҷ мушкил пеш намеорад. Ба ҳар сурат, тибқи даъвое, ки мақомоти ҳукумат ва бархе аз сокинон доштанд, 4 нафаре, ки номашон зикр гардид, дар ҳақиқат бедодгариҳои зиёде карда будаанду мардум низ аз онҳо безорӣ дошт. Вале ба назар мерасид, ки мақомот ҳукуматро фиреб дод, ё дар ҳақиқат маълумоти нодуруст доштаанд. Ба ҳар сурат, бархе аз манбаъҳо ҳамон вақт гуфтанд, ки мақомот дар ибтидо раҳбарияти худро мутмаин кардаанд, ки дар Хоруғ ҳамагӣ "30-40 ҷинояткор" ҳаст ва боздошту безарар гардондани онҳо мушкил надорад. Баъд аз оғози амалиёт ба миқдори зиёди ҷангиён рӯ ба рӯ мешаванд.

Ин як иштибоҳ буд, ё чизи дигар?

Агар мақомот худро бо он сафед кардани шаванд, ки Толибу Ёдгору Имомназару Маҳмадбоқир дар охир тавонистанд, ки ба раги маҳаллии мардум бирасанду онҳоро ба «дифои зодгоҳи худ» даъват карда, аз ин ҳисоб сафи ҷангиёнашон афзоянд, боз ҳам хатои онҳост. Магар техникаву нерӯҳои дар Бадахшон вуҷуддошта басанда набуд, ки боз зарурати аз марказ бурдани низомиёну техникаи ҳарбӣ пеш омад?

Ё формулаи «ҷанг бо Бадахшон» барои касе аз роҳандозони амалиёти низомӣ низ зарур буд? Воқеан, агар ҷанг набуд, бархеҳо дуруст мепурсиданд, ки пас истифодаи таъбири «оташбас» чӣ зарурат дошт? Магар ин таъбири ҷангӣ нест?

Вале танҳо ин нуктаи заъфи амалиёт дар Хоруғ набуд. Аз маъракаи хабарие, ки дар атрофи ин ҳодисаҳо сурат гирифт, бояд мақомоти ҳукумат барои худ дарси ибрат бигиранд ва донанд, ки фазо сохтан чӣ маънӣ дорад. Ташкил намудани гирдиҳамоиву пикетҳо дар назди сафоратҳои Тоҷикистон, паиҳам дар расонаҳо пахш кардани хабару наворҳо...

Ин дар ҳоле ки бахши идеологиву иттилоотии ҳукумат фазоро бо ...бехабарӣ пур кардан мехост. Дар асре, ки ягон хабар аз назарҳо пинҳон намемонад, радио, ТВ ва хабаргузориҳои давлатӣ дар бораи ҳосили картошкаи набуда ва фаровонии гумном гузориш медоданд!

Гуфтан мумкин аст, замоне ки ҳоло ҷанг дар Хоруғ шурӯъ нашуда буд, ҳукумат бо ин машинаи иттилоотиаш кайҳо ҷанги хабариро бохт!

Дуруст аст, ки мардуми Бадахшон мардуми доно ва забондон ҳастанду дар бисёрии сафоратхонаҳову созмонҳои байнулмилалӣ фаъолият доранд, аммо ба ҳукумати Тоҷикистон кӣ халал мерасонду мерасонад, ки дар атрофи худ чанд таҳлилгари воқеан огоҳро бо қолабҳои нав ҷамъ кунаду «рӯзи мабодо» (хосса дар ҷангҳои иттилоотии хориҷӣ) аз онҳо ба манфиати умумӣ истифода намояд?

Ё дар бахши идеологии ҳукумат мутмаинанд, ки бо «муборизаҳои фейкӣ», ки шабакаҳои иҷтимоиро пур кардаасту масъулияташ номаълум ба ӯҳдаи кист ва ин беному беномусҳо аз гуфтани номашон метарсанду ҳеч масъулияте ҳатто дар гуфтани дурӯғу тӯҳмат эҳсос намекунанд, чизеро тағйир додан мумкин аст?

Фаромӯш набояд кард, ки ин бемасъулиятӣ бемасъулиятӣ ба вуҷуд меораду бас! Аммо пасманзари бемасъулиятии тамом медонед, ки чист?

Як нуктаи бисёр муҳим дар он шабу рӯзҳо барои касоне, ки мавзӯъро ҷиддӣ баррасӣ ва таваҷҷӯҳ намуда буданд, ин ба ҳисоб мерафт, ки танҳо Чин ва Афғонистон мавқеи ҳукумати Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намуданд. Аз ҳамсоякишварҳои минтақа на Узбекистон, на Қирғизистон, на Қазоқистон дар ин масъала ҳарфе гуфтанро салоҳ надонистанд. На таъзия баён карданд, на изҳори нигаронӣ. Танҳо Афғонистон буд, ки ҳам президенташ ба ҳамтои тоҷики худ занг зад ва ҳам гурӯҳи вазирони низомиаш таъҷилӣ ба Душанбе омаданду ба Раҳмон ваъдаи ёрӣ карданд.

Русия танҳо бо як изҳороти вазорати корҳои хориҷааш иктифо варзид ва он изҳорот ҳам сахт фикрзо буд. Ба ҳар сурат, ишораҳое дошт, ки давомдор будани ҳодисаҳоро бозгӯӣ мекард ва аз ҳукумати Тоҷикистон дархост менамуд, ки аз шаҳрвандони Русия, агар дар мавзеи амалиёт касе ҳаст, ҳимоят намояд.

Каме баъдтар маълум шуд, ки дар пасманзари ин ишорат чӣ нуҳуфтааст. Зеро бархе аз зодагони Бадахшон ба Кремл муроҷиат карданд, ки хеле аз мардуми ин вилояти автономии Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро ҳам доранду Маскав бояд ба зудӣ ба ҳимояи онҳо бархезад!

Гумон мекунед, ин нафарон аз пеши худ чунин изҳорот доданд?

Оё ҳаводиси моҳи августи соли 2008 аз хотиратон рафтааст, ки як гурӯҳ аз мардуми Осетияи Шимолӣ ва Абхозистон гуё аз Маскав хостанд ба онҳо кумак намоянд ва бо ин баҳона аскари рус ба ин минтақа ворид шуда, инак дигар намебароянд.

Моҳи апрели соли 1992 маҷлиси вакилони халқи Бадахшон қарор дар бораи таъсиси Ҷумҳурии автономии Бадахшони Кӯҳиро қабул карда буд, аммо Шӯрои Олии Тоҷикистон онро напазируфт. Ба хотиратон моҷарои Қарабоғи Кӯҳиро, ки ин шабу рӯз аз нав доғ мешавад, меорам, ки он аз як қарори парлумони маҳаллӣ дар бораи таъсиси ҷумҳурии автономӣ ва хориҷ шудан аз ҳайати Озарбойҷон сар зад...

Чин маълум буд, ки бо чӣ далел мавқеи ҳукумати Тоҷикистонро дастгирӣ мекард. Ин кишвар ҳам мушкили ҷудоиталабӣ дар дохили худро то ҳанӯз ҳал накардааст...

#### АГАРИ №4: АГАР ИН ОХИРИ КОР НЕСТ...

Бо ин ҳама, тавре дар таърихномаҳо омадааст, набояд фаромӯш кард, ки дар Бадахшони Тоҷикистон тайи 120 соли охир, то он ҳодисаҳо, ҷанг сурат нагирифта буд. Ҳатто дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба Фронти Халқӣ иҷозат надоданд, ки ба ин минтақа ҳуҷум намояд (Гуфта мешавад Файзалӣ Саидов пофишорона мехост Помирро «чистка» кунаду Сангак Сафаров зид баромад). Зеро ин вилоят махсусиятҳое дорад, ки ягон минтақаи дигари Тоҷикистон онҳоро соҳиб нест. Аз ҳама муҳимаш, анқариб намояндаи ҳеч минтақаи дигари Тоҷикистон забони маҳаллии мардуми ин вилоятро намедонад. Ин дар гирудори ҳодисаҳо бисёр омили ҷиддист. Оё гуфтан мумкин аст, ки худи бадахшониҳо ба муқобили ҳаммаҳалони худ силоҳ ба даст мегиранд? Аз шинохте, ки аз ин мардум дорем, ин савол посухи мусбатро ҳосил намекунад.

Ҳамсарҳадии ин вилоят бо се кишвар як паҳлӯи масъала аст. Сухан дар бораи шароити ҷуғрофии ВМКБ низ меравад. Агар амалиёт ё ҷанг дар ин минтақа Худое накарда, тӯлонӣ давом меёфт, гумон буд, ки ба манфиати ҳукумат ва худи мардуми Бадахшон анҷом мешуд. Зеро ба шароити зимистони сарди Бадахшон на ҳар афсар тоқат карда метавонад.

Аз ҷониби дигар, ҳукумат низ шояд мехост қотилони генерали худро ҷазо диҳаду дар назди дигарон ба гунаи ҳукумати заиф ҷилва назанад, ки ҳатто як мақоми баландпояи худро ҳимоя карда натавонист. Хосса, дар соле, ки то интихоботи президентӣ як соли дигар монда буд, «сироят»-и ин ҳодиса ҳукуматро воқеан наметавонист берун аз изтироб гузорад. Аммо, агар амалиётро идома медод, ба фишори навбатии ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ намеомад?

Хулоса, ҳукумат ба дуроҳае афтода буд, бо якравиву мағрурӣ ҳалли он имкон надошт. Ахиран фаҳмида шуд, ки маҳз бо асабҳои ором ва иқдоми самимӣ ҳалли ҳар мушкилро бамаротиб осонтар мегардонад. Таъин намудани раҳбаре аз ҳисоби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мисоли Ёдгор Файзов, ки воқеан дар ҳама ҳолат байни мардум аст ва дар Тоҷикистон назир надорад, ташкил намудани «саёҳат» барои «авторитетҳои» бадахшонӣ ба пойтахт, ваъдаи бо ҷои кор таъмин намудани мардуми Бадахшон дар минтақаҳои дигар ва иқдомоте мисли ин манзури мост.

Яъне масъала бармехӯрад ба ҳамон тезиси «Гуфтугӯи миллӣ», ки вақтҳои ахир дар борааш зиёд мегӯем. Асли он равона шудааст ба бовар ба худ ва ба дигарон.

Пас чӣ далел дорем, ки ба ҳам бовар накунем?

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи июли соли 2020*

# ВАРТА. ЧАРО ДИКТАТУРА ҲАМ АКНУН ХАВФНОК МЕШАВАД?

Александр Лукашенко, раиси ҷумҳурии Беларус, ҳоло фақат як хоҳиши худро иҷро кард. Қотеона пеш аз интихобот гуфт, ки курсиро ба касе доданӣ нест ва феълан надодааст. Аммо дар доираҳои таҳлиливу коршиносӣ сахт бовар доранд, ки сенарияи эҳтимолии сарнагунсозии президенти аллакай шашумбораи Беларус дигар навишта шудааст ва ӯ хоҳад ё не, як рӯз ба он рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

Ҳаводиси ахири ин кишвари қораи Аврупоро мешавад ба рӯзҳои ахири суқути Шӯравӣ монанд кард, ки гардиши таърихии сиёсати ҷаҳонӣ гардида буд. Он замон низ, агар ёдатон ҳаст, раҳбароне буданд, ки аз курсӣ рафтан намехостанд. Президентшавии «котибони якум» аз ҳамон давра ба муд табдил ёфт. Ба таври дигар, раҳбарони коммунист фикр доштанд, ки танҳо бо табдили ном дар курсиҳои худ метавонанд солҳои тӯлонӣ дар мансабҳои аввали ҷумҳуриҳои тобеи СССР бимонанд. Аммо зеҳнашон ба ин намерасид, ки дунё дар рӯ ба рӯи гардишҳои нав қарор дорад ва танҳо бо «бозсозии зоҳирӣ» ба ин майлонҳо расидан имкон надорад.

«Президенти ҷавонам, кор карда метавонам», ки пас аз суханронии Қаҳҳор Маҳкамов мардум шӯхиомез байни худ мегуфтанд, воқеияти он рӯзҳо буд. Одамон шояд аслан ба умқи шӯхиҳои худ сарфаҳм намерафтанд. Ҳамчунон бархеҳо баъд бо ҳасрат «таҳдид»-и пеш аз тарки курсӣ намудани Маҳкамовро ба ёд меоварданд: «Ман меравам, аммо шумо пушаймон мешавед!»

Инро нафаре мегуфт, ки дар аҳди ӯ аввалин бор хуни тоҷик бо силоҳи низомиёни давлат рехта шуд. Бигзор артиши Лукашенко феълан мисли баҳманмоҳи соли 1990-и Душанбе ҷони 24 нафарро нагирифтааст. Дар ҳаводиси ахири Минск ҳоло танҳо аз як кушта хабар дода мешавад. Аммо бори нахуст ба муқобили режим тазоҳуроти ҷиддӣ сурат гирифт. Ин паём ва ҳушдори бисёр ҷиддист. Ин аст, ки ҳоло баъзеҳо мегӯянд, агар баҳори соли 1991 «Набиеви тарсончак» майдони Шаҳидонро аз «тӯдаи исломиҳо» холӣ мекард, аз ҷанги бародаркуш пешгирӣ мешуд. Андешаи омиёна. Баррасии фаротару ҷиддитар мехоҳад. Ҳоло баҳси аслӣ ин нест. Фосилаи ҳодисаҳои баҳманмоҳи соли 1990 ва баҳори соли 1992-ро ҳисоб намоед. Камобеш як сол аст. Як соле, ки дар ҳукумат муҳокимаи ҷиддиву бунёдӣ сурат нагирифт. Ё чунин имкон наёфт...

Аз ин пеш, тавре гуфтем, Маҳкамов низ ҳукумати худро дар зӯри силоҳ нишон доданӣ буд, ҳарчанд баъд мегуфт фармони тиркушоӣ ба ӯ мансуб нест. Дигар ин муҳим ҳисобида нашуд, чун раванди ҳодисаҳоро аз реша баррасӣ накард.

Лукашенко ҳам феълан асоси ҳукумати худро артиш ва ниҳодҳои қудратӣ ҳисобидаву дар симои онҳо ҳампаймон ёфтааст. Аз ин ҷост, ки мешавад гуфт, худро барои чанд муддат ором намуд.

Дар асл, агар ӯ сиёсатмадори қавӣ мебуд ва ба ниҳодҳои ҳукумати 26-солаи худ бовар медошт, як маъракаи воқеии интихоботӣ анҷом медод ва зарфиятҳои давлати худро месанҷид. Агар дар 26 сол низоми собити давлатдорӣ насохт, оё бовар кардан мумкин аст, ки дар панҷ соли пешорӯи бӯҳронӣ имкони таҳияи онро пайдо мекунад?

Ба ҷои маъракаи нишонгари воқеиятҳои кишвараш, Лукашенко беҳтар донист намоиши сиёсие ташкил намояд. Рақибони то ҷое тавонмандаш Бабарико ва Тихановскийро пешопеши интихобот пушти панҷара бурд. Аммо як «занаки хонашин» бо ӯву ҳукуматаш чӣ кард? Тасаввур намоед, ки дар мубориза бо ӯ, агар чанд ҳарифи ҷиддӣ қарор мегирифт, ҳоло чӣ аҳвол дошт ва дар куҷо буд?

Барои диктаторҳо ин саволи стратегист: пас аз ҳукумат ҷойи ман куҷо хоҳад буд?

Таърих нафареро аз ин қишр ёд надорад, ки осуда ва бо марги худ дунёро тарк гуфта бошад. Маҳбас, фирор аз ватан ё қатли ваҳшиёна — тақдири диктаторҳо то айни замон дар ҳаминҳо будааст.

Туркманбошӣ ҳатто имкон наёфт, дороиҳои ҷамъовардаашро ба хориҷа интиқол диҳад. Муҳофизи шахсиашро, ки ин корро бояд анҷом медод, боздоштанду ба маҳбас кашиданд. Тасаввур намоед, инро як ҳукумати мухолифон не, атрофиёни пешинаш карданд. Китобу дастурҳои ӯ ҳам акнун ба касе даркор нест. Ҳайкали тилоиаш ҳам дигар баробари гардиши офтоб чарх намезанад. Номи моҳу рӯзҳои ҳафтаро, ки ба номи пайвандонаш монда буд, ба асли худ баргардониданд...

Тақдири Ҳайдар Алиев дар Озарбойҷон ки писарашро ба курсии худ нишонд, сабабу омилҳои дигар дорад. Гуфтан мумкин нест, ки Илҳом Алиев кафолати садфоизаро соҳиб шудааст. Дунё акнун дар пешорӯи интихоби дигарест ва дар ин моваро нафт чандон муҳим ба назар намерасад.

Қаҳҳор Маҳкамов худро баъд шояд марди хушбахт меҳисобид, ки бо Волга ГАЗ-24-и худ дар кӯчаҳои Душанбе сайругашт карда метавонад. Ҳатто нафаре, ки дар феврали соли 1990 ӯро бо калуш зада буд, тавре баъдан худаш нақл кард, дар куҷое дида, узр пурсидааст. Ҷанозааш ҳам пуродам буд. Зеро ҳадафи зиндагӣ ва фаъолиятҳояшро ба ҷамъ овардани сарвату дорой қарор надод...

Вобаста ба ин, Лукашенко шояд ба ин суханони худаш бовар намекунад, вақте мегӯяд, ки «ман мисли Янукович пул ҷамъ наовардаам, ки ҳоло ба Русия бираваму зиндагии роҳат дошта бошам». Агар не, як бор аз Қурмонбек Боқиев, раисҷумҳури собиқи Қирғизистон ки ба ӯ сарпаноҳ додааст, бипурсад, ки ҳамаи дороиҳои бешумори ӯву Максими писараш, ки дар Лондон зиндагии шоҳона дорад, аз куҷост?

Қоидаи умумии диктаторҳо ҳамин аст, ки аз дурӯғгӯӣ шарм намедоранд. Ҳаводиси ахири Беларус нишон дод, ки аслан ҳадафи диктаторҳо «ҳифз кардани давлат» — он тавре гуфтанашро дӯст медоранд, нест. Қаззофӣ, агар ин қадар ватанпараст мешуд, дар рӯзҳои аввали моҷарои Либия қудратро канор мегузошту мегуфт, ки «агар мушкил дар ман аст, инак меравам, аммо ватанамро осуда гузоред!». Ба ҷои

ин, бо таппончаи тиллоӣ дар даруни кадом як қубур пинҳон шуд ва ба таври ваҳшиёна кушта гардид. На худаш зинда монд, на Либия он давлати пешин аст. Ҳам аз нигоҳи сохтори давлатӣ ва ҳам ҷуғрофӣ.

Дар Беларус фақат як «зани хонашин» исбот кард, ки пояҳои ин гуна ҳукуматҳо фалаҷшудаанд ва аз худ ҷуз силоҳ бо чизе ҳимоя карда наметавонанд. Оё як давлати шаклгирифтаву қавӣ танҳо ҳамин як усулро медонад? Бубинед, дар атроф чӣ мегузарад. Ҳатто дар кишварҳои абарқудат ба раҳбарӣ онҳое меоянд, ки якрӯза собиқаи кор дар ҳукуматҳоро надоранд. Ин аст маънои низом ва давлатсозӣ!

Бадбахтӣ дар он аст, ки акнун Лукашенко на танҳо ба худ, балки ба тамоми атрофиёни худ тамғаи «диктатор»-ро зад. Маълум аст, ки одамони оқил худро аз чунин ҳукуматҳо канор мегиранд ва дар ҳайати он будан намехоҳанд. Мушкили аслии ҳукуматҳои ивазнашаванда ҳамин аст, ки шарики доимӣ ва устувор надоранд. Онҳо бисёрии вақт мамлакатро моликияти хусусии худ мепиндоранд. Президент ҳам дар ин гуна давлатҳо барои мардум не, балки мардум барои президенту оила ва атрофиёни ӯ кор мекунанд. Маҳз барои ҳамин онҳо аз курсӣ рафтан намехоҳанд, зеро аз «роҳат» (комфорт) дур шуданӣ нестанд. Институти интихобот дар чунин ҳукуматҳо расмиёте беш нест ва танҳо ба хотири машрӯият додани ҳукумати онҳо хидмат мекунад. Фаромӯш набояд кард, ки меъёрҳои машрӯият ҳоло дигаргун шудаанд. Бардошт аз сиёсатҳои ҷаҳонӣ ҳоло ҳаминро бозгӯ мекунанд.

Ин ки мегӯянд дар ҳодисаҳои ахири Беларус ва кишварҳое мисли он дасти хориҷӣ бештар ба назар мерасад, шояд дар худ ҳақиқатҳое дорад. Вале инро бояд ба назар гирифт, ки «дасти хориҷӣ» вокунишу эътирозест ба чунин тарзи раҳбарӣ, ки ба сиёсатҳои замони нав муносиб нестанд. Ҳарчанд дар маъракаҳои интихоботии Беларус Лукашенко аз ин пеш ҳам «дасти хориҷӣ» пайдо карданӣ мешуд. Ё Украина, ё Русия, ё кишварҳои ғарбиро муттаҳам мекард, ки ба ҳукумати ӯ «чашм ало кардаанд». Ягон интихоботе надошт, ки ин ё он кишвари хориҷиро «душман»-и худ эълон накарда бошад. Аммо дар ҳамин 26 соли раҳбарии ӯ чанд номзади қавии президентӣ «гум» шуданд? Юрий Захаренко ва Виктор Гончар, ки як замон ҳамсафони ӯ будаву

баъдан даъвои президентӣ намуданд, куҷо шуданд? Аз ҳамин ҷост, ки барои хонум Тихановская роҳкушоӣ намудану пас аз «қироати мурочиатнома» якбора дар Литва пайдо шудани ӯро, барояш хушбахтӣ меҳисобанд, вагарна эҳтимол дошт, ки ӯ ҳам «гум шавад». Барои як бонуе, ки мегуфт аслан пешвои сиёсӣ нест, балки рамзи эътирози беларусиҳост. Шавҳарашро пеш аз интихобот ба зиндон андохтанд ва пас аз фирораш аз Беларус ин хонум бисёр маънидор гуфт, ки «ояндаи фарзандонро бояд фикр кард».

Аз ҳамин ҷост, ки мардуми ҷамъшуда дар кӯчаҳои Минск ва шаҳрҳои дигар ин бонуи аз сиёсат дурро сахт нагирифтанд ва ба хиёнат ҳукм накарданд. Вале Беларусиҳои ҷамъшуда дар майдонро то ҳанӯз қаҳрамон меҳисобанд. Чун онҳо медонистанд, ки ин эътирозашон бо чӣ меанҷомад ва Лукашенко омода аст ҳамон қадар хунеро бирезонад, ки барои бақои ҳукуматаш зарур аст. Дертар ошкор гашт, ки афсарони амният ӯро аз кишвар берун бурдаанд. Паёми видеоии ӯ дар коргоҳи раиси комиссияи интихоботӣ ҳатман зери фишор сабт шудааст.

Дар ҳамин ҳол, Лукашенко ба сохторҳои қудратии худ сахт такя намуда, як воқеиятро фаромӯш кардааст: ӯ акнун аз генералитети ҳукумати худ вобастагии садфоиза дорад!

Дигар хел шуданаш имкон надорад. Акнун ӯ иттифоқчиву шарики дигаре ҷуз онҳо нахоҳад дошт. Вале танҳо дар такя ба онҳо мардумро хӯронидану пӯшонидан мумкин аст? Иқтисоди кишвар, ки аксари вақт бо фурӯши маҳсулот дар Русия чарх мезад, акнун дар пояи чӣ фаъол хоҳад буд? Шоуи «зиддипутинӣ», ки дар интихоботаш истифода кард ва шояд ба ин восита мехост «муҳаббати» Ғарбро ба бор орад, натиҷа надод. Ҷиддӣ нагирифтанд ва бовар накарданд. Баръакс шиори «диктатори охирини аврупоӣ» шояд дар маҳфилҳои сиёсии Ғарб бештару ҷиддитар садо диҳад. Захираҳои Лукашенко, ки қаблан ӯро бархе як сиёсатмадори зирак медонистанд, ба назар мерасад тамом шуд. Қоида ҳамин аст, чун аз ҳад зиёд дар қудрат буд, тамоми қартаҳояшро бозигарони аслии сиёсӣ хуб шинохтанд. Беларусиҳо низ.

Ин ҳам воқеият аст: касе ба ӯ ошкор гуфта наметавонад, ки «аз ҳад гузашт, акнун бирав»! Манзур дар хориҷи кишвар аст. Мардуми дохил гапи худро аллакай гуфтанд ва ин ибтидо дониста мешавад.

Касе ҳам барояш ягон хел кафолат дода наметавонад ва шояд барои чунинҳо ин гуна кафолат дигар аслан вуҷуд надорад. Ӯ медонад, ки аз ду курсӣ бояд якеро интихоб намояд: ё ҳукумат то марг, ё ҳабси абад!

Маълум аст, ки худаш курсиро холӣ намекунад. Вале таҳлилгарон ин фарзияро аз эҳтимол дур намедонанд, ки як рӯз дар экранҳои ТВ раиси кумитаи амнияти Беларус, ё кадом генерали дигар пайдо мешаваду аз «боздошти президенти собиқ барои ҷиноятҳои вазнин» хабар хоҳад дод. Дар шакли сабуктар, ин вариант ҳам вуҷуд дорад, ки барояш билети якбора ба Чинро хоҳанд гирифт.

Президенти Беларус ин хавфро эҳсос мекунад. Соле пеш беҳуда сардори амнияти шахсиашро барои ҳамкорӣ бо Хадамоти амнияти федералии Русия ба зиндон наандохт. Аслан ҳаводиси ахир метавонад бозии генералитети амниятиву низомиаш бошад. Ба ҳар сурат, то моҳи май-июн ӯ хеле боҷуръат дар сӯҳбат бо мардум пайдо мешуд ва ҳатто мехост бӯҳрони коронавирусро ба масхара бигирад.

Вазъият якбора тағйир ёфт. Шояд генералитет барояш арқому маълумотеро махсус пешниҳод карданд, ки ӯро ба ташвиш биёранд? Паёмеро, ки пешопеши интихоботаш ба мардуму вакилони парлумон ироа намуд, дар таърихи сиёсии ин мамлакат бесобиқа буд. «Ошкоргӯиҳояш» низ. Аз ин бештар, эҳсос мешуд, ки ё сахт асабист, ё толор сахт гарм аст, ки зуд-зуд арақи сару гарданашро пок мекард. Шояд гап дар бораи толори онрӯза ҳам набуд, чун имкон надорад, ки дар чунин маъракаҳо кондитсионер набошад, хоса дар пеши президент...

Овоздиҳии пешакӣ, ки бо баҳонаҳои зиёд онро роҳандозӣ кард, шояд ба як хотир буд: ӯ чандон бовар надошт, ки мардум барояш овози заруриро хоҳанд дод. Аммо тақаллуби «овоздиҳии пешакӣ» мушкили хос надорад...

Хулоса, ҳоло мешавад гуфт, ки Лукашенко худро фақат аз як «бало», агар он тавре тасаввур мекарду воқеан вуҷуд дошт, халос кард. Дар пеш ӯро чӣ тақдире интизор дорад, гуфтан душвор аст. Аз рӯи баҳову

хулосаи таҳлилгарон як чизро мешавад тахмин зад: ӯ ҳатто имкони пас аз худ ба ворисаш вогузоштани ҳукуматро пайдо намекунад!

Ба қудрат овардани писарро ба ҷойи падар шояд дар як мамлакати ғарбӣ мардум ва атрофиён напазиранд. Аз мансабдорони феълӣ танҳо номи вазири корҳои хориҷӣ Владимир Макеяро мегиранд, ки ба таври бесобиқа барои диктаторҳо, аз аввалҳои соли 2000-ум дар тими ӯ боқӣ мондааст (ба сифати ёрдамчӣ, роҳбари дастгоҳ ва аз соли 2012 вазири корҳои хориҷӣ). Ҳамзамон собиқаи 12-солаи корӣ дар Қувваҳои мусаллаҳро дорад, ки барои як кишвари диктаторӣ ин меъёри муҳим аст. Шояд сабаби дар бораи ин ворис ошкоро сӯҳбат накардани Лукашенко тарс аз генералҳои дигараш бошад, ки метавонанд аз ин тасмимаш норозӣ бошанд ва балои дигареро ба сараш биёранд.

«Балои дигар» барои диктатура варта ном дорад, ки на мешавад ба касе бовар кард, на ҷои рафтан пайдо намуд. «Ҳифзи давлат» ва «низомсозӣ»-и онҳо то ҳамин ҷо идома меёбад.

Тамом...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи августи соли 2020*

# ЭЪЛОМИЯИ 24 АВГУСТ. ЧАРО САНАДИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОРРО ҲОЛО ҲАМ БОЯД ҶИДДӢ БИГИРАНД?

Ин як баҳси доманадор аст, ки андешаи истиқлолхоҳӣ дар Тоҷикистон кай пайдо шуд? Дар маҳфилҳои ҷиддӣ, вақте сухан дар ин бора меравад, ҳатман аз созмони мардумии «Растохез» ёд меоранд.

Гуфта мешавад, то замони таъсиси он дар охирҳои соли 1989, ягон созмон, ё ҳаракати сиёсӣ, на пинҳонкору на нимапинҳонкор вуҷуд надошт, ки барои истиқлол мубориза бурда бошад. Дар таърихномаҳо мехонем, ки моҳи сентябри ҳамон сол дар пойтахт гирдиҳамоие доир шуд, ки онро пас аз митинг барои ҷонибдорӣ аз Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар миёнаи солҳои 70-ум дар Вахш, дувумин эътироз дар таърихи Тоҷикистони Шӯравӣ меноманд.

### ВОЖАИ «ИСТИҚЛОЛ» ҲАТТО ДАР АДАБИЁТ НАБУД

Сентябри соли 1989 донишҷӯён ва зиёиёни пойтахт ҷамъ омада, талаб карданд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Тақрибан соле баъд, ки ҳаводиси февралӣ пеш омад, ба назари таҳлилгарон, роҳбарияти вақти кишвар маҷбур шуд, «то ҳаракати ҷавононро таҳти назорат гирифта, онро ба ҷониби лозим равона намояд». Ин масъулият ба зиммаи созмони комсомол афтод ва ахиран боис ба ташкили

клуби мубоҳисавии «Рӯ ба рӯ» гардид, ки ба он яке аз фаъолони комсомолӣ Зафар Саидов роҳбарӣ мекард.

Дуруст аст, ки вақте аз аввалин созмонҳои иҷтимоӣ ҳарф мезанем, ҳамчунин бояд аз «Ошкоро»-и Рустами Абдураҳим дар Кӯлоб, «Маърифат»-и Зиё Абдулло дар Душанбе, «Дирафши Ковиёнӣ» дар Норак, «Эҳёи Хуҷанд» дар вилояти Суғд ва «Ваҳдат» дар Истаравшан ёд овард.

Ҳарчанд маҳз аз «Растохез» ба сифати бузургтарин ва ҷиддитарин созмоне ном бурда мешавад, ки зеҳниятсозӣ карда тавонист. Шояд барои ҳамин буд, ки сентябри соли 1989 он расман сабти ном шуда, ба фаъолияти ҷиддӣ шуруъ намуд.

Ин маъноеро надошт, ки он замон акнун озодона дар бораи истиқлол ҳарф задан мумкин буд. Таърихнигор Нуралӣ Давлат боре навишт, ки «дар замони Шӯравӣ ҳатто адабиёт, ки роҳҳои зиёд ва жанрҳои гуногун барои пардапӯшона ифода кардани идеяҳои озодихоҳиро дошту дорад, вожаи «истиқлол» аз ҷониби шоирону нависандагони тоҷик ҳаргиз истифода нашуд, зеро аз сензура ва КГБ, ки дар хидмати imперотурии рус буданд, метарсиданд».

Ин истилоҳ дар паҳнои пасошӯравӣ нахустин бор дар ҷумҳуриҳои назди Балтик садо дод. Мардуми ин кишварҳо, ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон иҷбоpан ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ворид шуданд, барои истиқлол тайёр буданд. Онҳо ошкоро СССР-ро як кишвари таҷовузгар мегуфтанд. Ҳамчунин Иёлоти Муттаҳидаи Амрико забт шудани онҳоро аз ҷониби Кремл ба ҳеч ваҷҳ эътироф накард. Дар натиҷа моҳи марти соли 1990 онҳо аввалин санади истиқлоли худро ба тасвиб расониданд, ки мавриди вокуниши ҷиддиву низомии Кремл қарор гирифт.

Баъди онҳо, Озарбойҷон Эъломияи соҳибистиқлолии худро ба имзо расонд. Моҳи майи ҳамон сол Гурҷистон низ худро соҳибистиқлол эълон кард. Гурҷиҳо шояд аз бештари халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фаъолтар буданд. Ба ҳар сурат, ҳанӯз аз моҳи апрели соли 1989 дар Тифлис зуд-зуд гирдиҳамоиҳо бо талаби истиқлоли кишвар сурат мегирифт.

Баъд аз Гурҷистон, Русия низ моҳи июни соли 1990 Эъломияи истиқлоли худро ба имзо расонд. Бо соҳибистиқлол шудани Русия, СССР маънии худро аз даст медод ва ҷумҳуриҳои Шӯравӣ яке аз паси дигаре истиқлоли худро эълон карданд. Аз кишварҳои Осиёи Миёна аввалин шуда, Узбекистон дар таърихи 20-уми июни 1990 эъломия ба имзо расонд. Тоҷикистон танҳо 24-уми августи ҳамон сол дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии кишвар дар ин бора тасмим гирифт.

### «ИСТИҚЛОЛ БА САРИ МО МИСЛИ ТАРОША АЗ БОМ АФТИДА БУД»

Дуруст аст, ки дар Тоҷикистон он замон андешаи истиқлолхоҳӣ ҷонибдори зиёд надошт. Барои ҳамин, вақте дар мо иддаои озодиву истиқлолхоҳӣ ду-се сол пеш аз фурӯ рехтани Шӯравӣ ба миён омад, фикреро ба вуҷуд меорад, ки «мо барои истиқлол муборизаи ҷиддӣ набурдаем». Президент Раҳмон Набиев ҳам шояд дар назардошт бо ин, ё хуб надонистани забони тоҷикӣ боре гуфт: «Истиқлол ба сари мо мисли тароша аз бом афтида буд...»

Баъдан ҳам, ки моҳи сентябри соли 1991 Тоҷикистон расман истиқлол ба даст овард, гуфта мешуд, ҳатто дар доираҳои расмӣ моҳияти онро ба дурустӣ сарфаҳм намерафтанд. Равоншод Абдулло Ҳабибов, ки он замон вакили Шӯрои Олӣ буд, баъдан дар суҳбатҳояш мегуфт, вақте чанд вакили озодандеш пас аз қабул шудани Эъломия ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, табрик мекарданд, дигарон ҳайрон — ҳайрон сӯи онҳо нигоҳ менамуданд.

Новобаста аз ин, дигар маълум буд, ки ҳанӯз аз охири солҳои 80-ум дар Шӯравӣ ва аз ҷумла Тоҷикистон мухолифони низоми коммунистӣ шакл мегирифтанд. Дар арафаи қабули Эъломияи 24-уми августи соли 1990 ҳам ин зиддият ошкор мешуд. Тобистони соли 1990 нусхаи ҳукуматии Эъломия дар матбуот нашр шуд, баъди чанде нерӯҳои демократӣ гузинаи худро ба чоп расониданд.

Ниҳоят 24-уми август дар иҷлосия масъалаи Эъломия ба баррасӣ гузошта шуд. «Растохез» дар муқобили лоиҳаи ҳукуматӣ, лоиҳаи

алтернативии Эъломияи истиқлоли Тоҷикистонро пешниҳод намуд, ки дар таҳияи он ба ғайр аз Тоҳири Абдуҷаббор, ҳамчунин устоди ДМТ Абдуқодир Холиқзода ва Халифабобо Ҳомидов, муовини раиси «Растохез» саҳм доштанд. Дертар аз ин тарҳ Шодмон Юсуф, Раҳими Мусулмониён, Бозор Собир, Сафар Абдулло, Таваралӣ Зиёев ва дигарон ҳам ҷонибдорӣ карда будаанд.

### ТАФОВУТИ ДУ ЛОИҲА

Лоиҳаи ҳукуматӣ аз 19 банд иборат буд ва дар он аз ҷумла гуфта мешуд, ки:

— Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлоли сермиллат мебошад ва истиқлоли давлатии ҶШС-и Тоҷикистон дар ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди ҶШС Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ ифода меёбад;

— дар фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ ҶШС Тоҷикистон танҳо дар сурати зарурат ширкат меварзад;

— ҶШС Тоҷикистон дар ҳудуди худ ҳамаи масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро, ғайр аз масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти Иттифоқи ҶШС дода мешаванд, мустақилона ҳал мекунад;

— ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки аз ҳайати ИҶШС озодона хориҷ гардад;

— ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар айни замон шаҳрванди Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ низ мебошад;

— рӯзи 14-уми октябрро ҳамчун Рӯзи таъсиси ҶШС Тоҷикистон ҷашн гирифта, онро рӯзи истироҳат эълон мекунад;

— замин ва сарватҳои зеризаминӣ ва дигар захираҳои табиии ҷумҳурӣ моликияти ҶШС Тоҷикистон аст.

Лоиҳаи «Растохез» аз 26 банд иборат буд ва дар он аз ҷумла зикр мегардид, ки:

— ҶШС Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибихтиёр мебошад;

— ҶШС Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд буда, дар он тамоми қудрати давлатӣ ба халқ тааллуқ дорад ва халқ онро бевосита ва ҳам аз тариқи намояндагони худ амалӣ месозад;

— тамоми сарзамини Тоҷикистон, фазои ҳавоию сарватҳои он, об, ҷангалҳо, конҳо ва ғ. ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо, идораҳо, бонкҳо ва инфраструктураи иқтисодию иҷтимоии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъшуда, моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бинобар ин, истифодаи сарватҳои табиӣ ва фаъолияти корхонаҳою муассисоти ҷумҳурӣ танҳо мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;

— ҶШС Тоҷикистон Бонки миллӣ ва силсилаи бонкҳои ихтисосиро таъсис намуда, мустақилона сиёсати андоз, қарз, нарху наво ва гумрукии худро танзим ва амалӣ месозад ва ҳам лозим шавад, воҳиди пулии худро ҷорӣ менамояд;

— Тоҷикистон метавонад артиши миллии худро дошта бошад ва ҷавонони Тоҷикистон хидмати аскариро бояд асосан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон адо кунанд.

Парлумон лоиҳаи «Растохез»-ро напазируфт. Тоҳири Абдуҷаббор лоиҳаи сеюмро пешниҳод кард, ки аз як ҷумла иборат буд: «Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибихтиёр аст». Инро ҳам қабул надоштанд. Новобаста аз ин, ҳамон тавре раиси ҲСДТ Раҳматилло Зойиров навишт, маҳз санади Тоҳири Абдуҷаббор асоси истиқлоли кишвар аст...

Тавре ишора шуд, дар он замон ҷонибдорони истиқлол дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар сатҳи мансабдорон зиёд набуданд ва соле пас, ки моҳи марти соли 1991 раъйпурсӣ барои бақои Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом гирифт, аксар чеҳраҳои шинохташудаи Тоҷикистон ба ҷонибдорӣ аз он раъй доданд. Танҳо Ҳизби демократи Тоҷикистон ин маъракаро таҳрим эълон намуд.

Сентябри соли 1991, ки ниҳоят Эъломияи истиқлол қабул шуд. Вакилони Шӯрои олӣ ба матни Эъломияе, ки рӯзи 24-уми августи соли 1990 қабул карда буданд, баъзе тағйирот аз Эъломияи алтернативии «Растохез» ворид карда, Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷики-

стонро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода, аз истиқлоли кишвар хабар доданд.

**«ИСТИҚЛОЛ» БЕ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ТАЪСИР НАДОРАД**

Гуфтан мумкин аст, ки Эъломияи 24-уми август дар Тоҷикистон ҳоло ҳам бисёр муҳим аст. На танҳо барои он ки аввалин садои истиқлоли расмии мост. Ин ҳам муҳим нест, ки як замон яке аз мушовирони давлатии президент Раҳмон гуфт, ки истиқлоли аслии Тоҷикистонро бояд пас аз Созишномаи сулҳ суроғ кард. Ӯ шояд бо ҳадафҳои идеологӣ ва бузургтар нишон додани кору пайкори ҳукумати худ инро мегуфт. Масъала ҷиддитар аст: ҳоло ҳам мардуми зиёде дар интизории гирифтани шаҳрвандии Русия мебошанд ва рӯзе чандин бор мешунавем, ки «дар ин ҷо намешавад, бояд рафт!»

Дар ин моваро ба насли нав, фикр мекунам, на тавассути барномаҳои телевизионии забонзадаву гапҳои обшуста дар матбуоти ҳукуматӣ, балки маҳз бо нишон додани заҳмату талошҳои анҷомшуда барои истиқлол ва ёдоварии шахсиятҳои зеҳниятсоз имкон дорад рӯҳия сохт.

Аз ҷониби дигар, аз ёдоварӣ кардани Тоҳири Абдуҷаббор, ки ба ҳукумати Раҳмон умуман нигоҳи душманона надошт ва ҳатто мегуфт, ки ормонҳояшро то ҷое ин ҳукумат амалӣ кард, кӣ зарар ва кӣ манфиат хоҳад бурд?

Тоҳири Абдуҷабборе, ки ҳамчун тарроҳи истиқлол шинохт дорад, фақирона зиндагӣ намуд, аммо ҳукумат дар рӯзи маргаш, ҳатто як сӯгвориро зарур надонист.

Оё бо ин гуна амалкардҳо мешавад эҳсоси ватандориву истиқлолхоҳиро шавқ дод?

Бовар надорам...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи августи соли 2020*

# ҲАВОДИСИ БЕЛАРУС ВА ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИИ ТОҶИКИСТОН

Минск барои бисёре аз кишварҳо, хосса онҳое, ки дар қудрат раҳбарони дарозумр доранд ва дар пеш маъракаҳои муҳиме чун интихобот, сабақомӯз мегардад. Ҳатто имкон дорад инро давраи нави сиёсии пас аз коронавирусӣ гуфт. Дар ин моваро Беларус аз аввалин кишварҳоест, ки пас аз пандемия интихобот баргузор намуд.

Ҳукумати Лукашенко ҳарчанд бӯҳрони COVID-19-ро бо душворӣ паси сар кард, ҳоло маълум мешавад, аз он бардоштҳои лозим надоштааст. Ба гумони ғолиб интизорашон ин буд, ки мисли панҷ бори пешин бо фоизҳои дар ҷаҳони муосир тасаввурнопазир номзади худро ғолиби маърака эълон кардан имкон дорад. Аммо бархӯрдҳои аввалини мардум пас аз интихобот исбот намуд, ки ба онҳо мисли дафъаҳои гузашта бо тарсзоиву саркӯб муносибат кардан, танҳо пайомадҳои ногувор пеш меорад. Дар натиҷа ҷаҳон шоҳид гашт, ки ба таври дилхоҳи раҳбарони саркӯбгар интихобот баргузор кардан мумкин, вале бе президент мондан ҳам имкон дорад.

Ҳоло танҳо Лукашенко ва атрофиёнаш бовар доранд, ки онҳо 80 дарсади овозҳоро соҳиб шудаанд. Ҳатто 50-60 ҳазор мардуме, ки ду рӯз пеш дар Майдони Истиқлоли Минск аз шаҳрҳои мухталиф барои ҷонибдории худ гирд оварданд, маълум мешавад ба онҳо кумак карда наметавонад. Ба ҳар сурат, дар майдонҳои дигари на танҳо пойтахти Беларус, балки шаҳрҳои бузурги ин кишвар, дар чанд рӯзи

ахир гуфта мешавад ҳудуди 500 — 600 ҳазор норозӣ гирд омаданд. Онҳо акнун ба Лукашенко ҳамчун «президенти собиқ» муроҷиат мекунанд. Бар илова, корпартоии корхонаҳои азими кишвар, ки бештар давлатианд, оғоз гардид ва онҳо мегӯянд, ин корро то «ғалабаи ниҳоӣ» идома медиҳанд. Ҷиддияти ин гуна вокунишро «президенти собиқ» хуб мефаҳмад.

Як бартарии Лукашенко дар баробари «ҳамтоёни собиқадораш» ин аст, ки гоҳ-гоҳ дар сӯҳбати мардум ва расонаҳо пайдо мешавад ва ошкоргӯиҳое анҷом медиҳад. Ӯ барои суҳбат ба яке аз корхонаҳои муҳими кишвараш — заводи тракторсозӣ рафт, ки кормандонаш даст ба корпартоӣ задаанд. Вале воқеиятҳоеро дид, ки дар сӯҳбатҳои қаблии худ ба эҳтимоли зиёд ҳеч гоҳ вонахӯрда буд. Мардум дар баробараш ҳарф мезаданд, суханони ӯро мебуриданду ба дурӯғӯӣ муттаҳам мекарданд ва ошкор мегуфтанд, ки барояш овоз надодаанду «Бирав!»

Ҳарчанд ваъда дод, ки дар ҳукумати наваш барои дигарон ҷо хоҳад ёфт, ислоҳоти конститутсионӣ анҷом медиҳад ва пас аз он интихоботи дигари президентӣ, бо ҳарифонаш муколама хоҳад кард... мисле ки дер кардааст. Хеле...

Таҳлилгарон ба ин назаранд, ки Лукашенко барои сари таъзим фурӯ овардан назди мардум хеле дер кардааст.

Маълум аст, ки чунин раванди ҳодисаҳо саволеро дар кишварҳои дигар пешорӯ хоҳад гузошт: ҳодисаҳои Беларус то куҷо «сирояткунандаанд»?

Тоҷикистон ки дар ду моҳи пешорӯ интихоботи президентӣ дорад, наметавонад аз чунин саволу ҷавобҳо раҳо бошад. Ба вижа дар назардошт бо ин ки хеле умумиятҳое бо ин кишвар дорад:

Ҳарду кишвар то 29 сол қабл узви давлати воҳиди СССР буданд;

Лукашенко пеш аз он ки президент бошад, мисли Эмомалӣ Раҳмон мудири совхоз ва вакили порлумон буд;

Агар президенти Беларус 26 сол буд, ки дар сари қудрати сиёсӣ қарор дошт, ҳамтои тоҷики ӯ 28 сол аст ин масъулиятро ба зимма гирифтааст;

Александр Григоревич ҳам мегӯяд, давлат маҳз пас аз оғози раҳбарии ӯ шакл гирифт;

Дар интихоботи ахири президентии Беларус ду бону номзад буданд, ки онро гарм нигоҳ доштанд. Дар интихоботи соли 2013 дар Тоҷикистон бори аввал «овози занона» садо дод.

Аммо аз нигоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вазъияти ду кишварро муқоиса намудан имкон надорад:

Сатҳи зиндагии беларусиҳо чанд маротиба аз тоҷикистониҳо беҳтар аст;

Аксари корхонаҳои муҳим ҳоло ҳам давлатианд ва хусусиву «приватизатсия» нашудаанд;

ВА АЗ ҲАМА МУҲИМ:

Ҳатто рақибони сарсахташ Лукашенкову хонаводаи ӯро то ҳол барои ҷамъ овардани сармояи зиёди ғайриқонунӣ муттаҳам накардаанд.

Воқеан, ҳангоми мулоқоташ бо кормандони корхонаи тракторсозӣ, ки коршиканӣ доранд, бо итминон гуфт, ки ҳар моликияти ғайриқонунӣ ба дастовардаи ӯро, агар пайдо карданд, мардум метавонад соҳиб шавад...

Аммо мавзӯи таъсири рухдодҳои Беларус ба фазои сиёсии кишварҳои пасошӯравӣ дар назардошт бо умумияту фарқиятҳое, ки дорад, дар маҳфилҳои мухталиф гарм хоҳад буд.

Ҳуқуқшинос ва муовини раиси Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон Шокирҷон Ҳакимов мегӯяд, сабабу омилҳои ҷиддие вуҷуд доранд, ки аз ҷумла дар Тоҷикистон рухдодҳои Беларус на танҳо дар байни шаҳрвандони одиву ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки ниҳодҳои марбутаи давлат, аз ҷумла Дастгоҳи иҷроияи Президент, Маркази тадқиқоти стратегӣ, мақомоти амниятию корҳои дохилӣ ва дигарон мавриди баррасии ҷиддӣ қарор бигирад. Ӯ мутмаин аст, ки ҳукумат ва сохторҳои масъулаш аз ин ҳодисаҳо сабақ гирифта, барои ба саҳнаи корзор ворид гардидани номзадҳои воқеӣ ба ҷои номзадҳои худсохта талош хоҳанд кард.

«Яке аз шартҳои иштироку иҷозат дар интихоботҳои президентии Тоҷикистон, ба фикри ман, ба масъалаҳои дуюмдараҷа ҷалб намудани

интихобкунандагон аз ҷониби номзадҳо асту дар маҳдудаи танқиди раҳбарият дар сатҳи ҷамоати деҳоту мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва баррасии баъзе масъалаҳои ҷузъии хусусияти иҷтимоӣ— иқтисодӣ дошта банд кардани онҳост», — мегӯяд Шокирҷон Ҳакимов.

Чунин шеваи кор, ба гуфтаи сиёсатмадор ва ҳуқуқшиноси тоҷик, танҳо ба хотири соҳиб шудани машрӯияти ҳукуматдорон аст, на барои донистани зарфияту воқеиятҳои кишвар, ки ҳадафи аслии маъракаҳои сиёсии давлатҳо барои ҳамин бояд равона гардад.

Воқеан, яке аз сабабҳои ба бӯҳрон рӯ ба рӯ шудани ҳукумати Лукашенкоро маҳз ба ҳамин нукта нисбат медиҳанд, ки ӯ худро ба фиреби «сохтусозҳои идеологӣ ва ҳуқуқӣ» банд карда, аз воқеиятҳои кишвар дур рафт. Дар натиҷа «оппозитсияи номаълум» якбора аз худ дарак дод ва ҳукуматро ғофилгир намуд.

Шокирҷон Ҳакимов ба ин назар аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ба омору маълумоти пешниҳодкардаи масъулини худ чандон бовар надорад, вагарна барои баргузории як интихоботи воқеӣ шояд имкон медод: «Агар президент бо вуҷуди таърифу тавсифи 24-соатаи телевизион ва радиову нашрияҳои давлатӣ ва бештар аз ним миллион будани узви ҲХДТ эътимод медошт, заминаҳои ҳуқуқии интихоботро соддатару танзими онҳоро ба замону вижагиҳои муосир мутобиқ менамуд.»

Таҳлилгар Сайидмуҳиддин Дӯстмуҳаммадиён, ки феълан дар Аврупо қарор дорад, зимнан масъаларо дар ҷойи дигар мебинад. Ба назари ӯ, дар элитаи ҳукмрони Душанбе то охир ба хулосае наомада буданд, ки дар интихоботи президентӣ номзади аслиашон кӣ хоҳад буд:

«Шуруъ аз соли 2012 Эмомалӣ Раҳмон ба хонаводагӣ кардани шакли давлатдории миллии тоҷикон оғоз карду (моҳиятан аз соли 2006 боз хонаводагӣ буд) бо тағйирот ба Қонуни асосӣ дар соли 2016 номзади эҳтимолии №1-и ӯ будани писари калонияш Рустами Эмомалиро ғайримустақим фош кард. Номзади дигар — Озода Раҳмон ҳам буд. Аммо бо амалиёти таъини Рустами Эмомалӣ ба ҳайси раиси Маҷлиси Миллӣ дар авҷи ҳамагирии COVID-19 сарвари хонавода шонси духтари калонияшро барҳам зад. Ба ду-се талоши нокоми мустақиму ғайримустақим, ки якеаш ҳам тавассути Александр Лукашенко буд, нигоҳ

накарда, Эмомалӣ Раҳмон Путинро моил ва ҳатто маҷбур кардан дошт барои муаррифии номзад. Вале ҳаводиси Беларус ин омилони нақши интиқоли қудратро аз Душанбе то Маскав шокӣ кард. Ҳама ғофилгир шуданд. Акнун Эмомалӣ Раҳмон бояд қарори басо мушкилро қабул кунад: худаш барои чандум бор президент бишавад, ё писарашро ба гирдоби бозии сиёсии оқибаташ номаълум тела кунад?»

Дар ҳамин ҳол, муаррихи шинохта Нуралӣ Давлат мутмаин аст, ки воқеаҳои Беларус дар маҷмӯъ аз ҷониби Тоҷикистон нодида гирифта мешавад. «Аз ҳамин ҷост, ки он ба маъракаҳои кишвари мо на таъсири манфӣ расонда метавонад ва на мусбат, ҳарчанд миёни ҷомеаҳои ду кишвар шабоҳатҳои зиёд вуҷуд доранд», — гуфт ӯ ва афзуд: «Лукашенко ба як қатор иштибоҳҳо роҳ дод, аз ҷумла мехост писараш Коляро валиаҳд карда, дар дили Аврупо хонадони салтанатӣ таъсис диҳад. Агар бархе масоили идеологӣ вуҷуд намедошт, шояд дар Ғарб ба ин чашм мепӯшиданд. Аммо аврупоиҳо ба сарнавишти аксар ҷумҳуриҳои мусулмоннишини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ба шумули Тоҷикистон бетафовут шудаанд. Шояд ба он хотир ки ба ин боваранд: ин кишварҳо роҳ сӯи неофеодализм доранд. Ҳамчунин президенти Беларус як қатор иштибоҳҳои тактикӣ анҷом дод. Манзурам дар арафаи интихобот қарор гирифтан дар муқобили Русия, ҳабс кардани номзадҳо барои ширкат дар интихоботи президентӣ, иҷозат додани Тихановская барои ширкат дар маърака. Бо ин вуҷуд, агар Лукашенко ба худаш 55-60 фоизи овозҳоро медод, вазъ то ин ҳад муташанниҷ намешуд.»

Абдуллоҳи Раҳнамо, мушовири Маркази тадқиқоти стратегии назди президенти Тоҷикистон назари дигар дорад:

«Талоши истифодаи ҳодисаҳои Беларус барои таъсиргузорӣ ба интихоботи Тоҷикистон, албатта, сурат мегирад. Аммо ин талошҳо таъсири амалии зиёде нахоҳад дошт. Яъне, баъзе доираҳои мухолиф дар хориҷи кишвар, албатта, талош мекунанд, ки аз ҳодисаҳои Беларус истифодаи васеъ намоянд, онро ҳамчун «қиёми мардумӣ» ва «инқилоб» қаламдод карда, дар фазои иттилоотии тоҷикӣ корҳои таблиғотиро ба роҳ монанд. Илова бар ин, худи таҷрибаи мухолифи-

ни Беларус натанҳо рӯҳия, балки таҷрибаи мухолифини тоҷикро ҳам баланд мекунад. Онҳо талош мекунанд, ки баъзе равишҳои дигари таблиғотиро, ки аз он омӯхтаанд, истифода намоянд. Дар айни замон, ин ҳодисаҳо рафтору эҳтиёту ҳушёрии мақомотро ҳам дар мудирияти вазъият ва раванди интихобот бештар мекунад. Аммо аз назари амалӣ, дар Тоҷикистон ин таблиғот таъсири оммавӣ нахоҳад дошт. Аз як сӯ, номзади асосӣ дар ин интихобот аз эътибору дастгирии васеъ бархӯрдор аст, бинобар ин барои муайян шудани номзади беҳтар ва интихоби беҳтар он барои аксарияти мардум ҳоҷат ба баҳсҳою танишҳои зиёде намемонад. Ва аз ҳама муҳимтар, мардуми Тоҷикистон он ҳодисаҳоро як бор гузаштааст ва бар зидди ин ҳолат «антитела» ё муқовимати дарунӣ дорад. Бинобар ин, хусусан насли калонсол ба ҳеч унвон ба ташаннуҷ ва хусусан ноороми розӣ намешавад. Албатта, бо насли ҷавон ки фоҷеаи ноамнию ҷангро надидаанд, кори бештари маърифатӣ бояд сурат гирад. Дар масъалаи ҷавонон бетаваҷҷӯҳӣ ва худбоварӣ раво нест. Дар умум, фазои интихоботи ором ва худи интихобот осуда мегузарад.»

Хабарнигору таҳлилгари тоҷик Иршод Сулаймонӣ низ ба ин назар аст, ки пас аз ҳаводиси Беларус дар сатҳи раҳбарии сиёсии Тоҷикистон паём мегиранд ва шояд ин боис ба баъзе ислоҳот бишавад. «Ҳадди ақал ислоҳоти популистӣ. Шояд баъзе аз гузаштҳои сиёсӣ шавад, ки мо дар интихоботҳои пешин шоҳиди онҳо набудем.»

Зимнан, нуктаи калидиро дар маъракаҳои ҳамчунин, ба гуфтаи Иршод Сулаймонӣ бояд дар манофеи геополитикии қудратҳои бозигар дар Тоҷикистон, аз ҷумла Русия ва баъдан Чин ҷӯст.

Дар ҳамин ҳол, шореҳи сиёсии Русия Андрей Захватов зимни суҳбат бо инҷониб мушкили аслиро дар дигар ҷо арзёбӣ намуд ва гуфт, бовар дорад дар интихоботи Тоҷикистон барои ислоҳи он имкон ҳаст: «Коршиносони зиёд дар Русияву Беларус ва дигар кишварҳо ба ин натиҷа расиданд, ки иштибоҳи бузургтарини Лукашенко дар қонуншиканиҳои зиёду ҳамабин ва тақаллуби ошкор дар натиҷаҳои интихобот буд. Аз ин ҳолат маълум буд, ки ӯ дер ё зуд аз қудрат барканор мешавад. Ман мутмаинам, ки аз ин ҳолат ҳамаи раҳбарони кишварҳои ИДМ,

аз ҷумла Тоҷикистон барои худ сабақ мегиранд. Бовар дорам, пеш аз интихобот Маркази тадқиқоти стратегии назди президенти Тоҷикистон авзои ҷомеа, гароиши интихоботии мардумро хуб омӯхта, хулосаашонро ба роҳбарияти мамлакат пешниҳод хоҳанд кард. Таври маълум, дар интихоботҳои пешини президентӣ ба Эмомалӣ Раҳмон фоизи фавқулода баланди раъйро эълон мекунанд, ки ин шубҳаи зиёдро дар баргузории интихоботи шаффоф ба вуҷуд меорад.»

Аз ҳамин ҷост, ки пешниҳод дорад дар қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба интихобот тағйироти ҳуқуқӣ сурат гирад. Пешниҳоде, ки аллакай барои роҳандозиаш дер шуд, чун маъракаи интихобот аз оғози худ дарак дод ва аз бардоштҳои аввал мешавад гуфт, ки гумон аст аз интихоботи пешин фарқи зиёд дошта бошад.

Аммо як пешниҳоди дигари Захватов воқеан ҷои андеша дорад. Ҳадди ақал барои ислоҳоти намоишкорона, ё он тавре Иршод Сулаймонӣ мегӯяд — популистӣ. Ин коршиноси рус мегӯяд, агар аъзои комиссияҳои интихоботии ҳамаи сатҳҳо, 10 дақиқа пеш аз шурӯи интихобот дар пеши Байрақи давлатӣ дар дасташон Конститутсия истода, пешорӯи дурбини шабакаҳои телевизионӣ матни савгандро бихонанду зери он имзо гузоранд, метавонад ба ҷараёни интихобот ва бардоштҳои мардуми дохилу хориҷ таъсиргузор шавад.

Матни савгандро ҳам барои намуна дар чунин шакл пешниҳод дорад: «Ба номи Худо, Конститутсияи Тоҷикистон ва Байрақи давлатӣ қасам мехӯрам, ки овози мардумро аз рӯи виҷдон ҳисоб карда, ба раъйи мардум хиёнат намекунам!»

Чунин таҷриба дар Украина роиҷ будааст. Пас, дар зарурат чаро сари он фикр накунем?

Ё ин ҳам ба ҷараёни интихоботҳои мо асаргузор намешавад?

Албатта, то ҷое хоҳад шуд. Аммо ба шарте ки ба интихобот, ҳамон тавре Шокирҷон Ҳакимов мегӯяд, номзадҳои воқеӣ раҳ ёбанд.

Барои ин иродаи сиёсӣ лозим...

*Раҷаби Мирзо,*
*Моҳи августи соли 2020*

Радиои Озодӣ

Чорзарби «Блогистон» аз навиштаҳои чаҳор муаллиф фароҳам омадааст, ки ҳар кадом сабку нигоҳу оҳангу навои худро доранд. Аммо бо вуҷуди фарқи синнусол ва шуғлу мақом ҳамаи онҳоро дарди муштараке ба ҳам мепайвандад, ки номаш «ишқи Тоҷикистон, ишқи Ватан» аст. Онҳо намояндагони се насли андешмандон, рӯшангарон ва дарднависони Тоҷикистонанд, ки ҷудо аз ҳам ва ба тарзи худ мушкилоти ҳалталаби Тоҷикистонро дидаву санҷидаанд ва натавонистаанд, аз канори онҳо бетафовут гузаранд. Онҳо ба суоле посух меҷӯянд, ки Тоҷикистон ҳоло дар куҷои таърихи худ аст ва ба кадом самте роҳ пеш гирифтааст.

Ин китоб ҳушдор аз хатарҳоест, ки Тоҷикистон дар баробари онҳо истодааст ё ба онҳо наздик мешавад ва чӣ гуна метавонад, дар ин шароит роҳи худро идома диҳад. Як кишваре, ки бо сахтиҳои камаршикан ва дар асари набардҳои шадид ва қаҳрамонии фарзандони содиқаш дар оғози садаи 20 аз камтарин қаламравҳои миллияш сохта шуду дар нақшаи ҷаҳон пайдо гашт ва бо шарофати ин дар поёни он қарн ба озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлол расид, метавонад дастхуши раванду омилҳои хатарноки садаи 21 шавад, ё ба коми нотавониҳои сиёсӣ, худхоҳии саромадон ва каҷроҳаи таърихӣ фурӯ равад. Ин шояд муҳимтарин суолест, ки ҳамаи чаҳор муаллифи ин китобро ҳамдард, ҳамандеш ва ҳамсухан мекунад.

ozodi.org

ISBN 978-1-948784-07-8